Важной особенностью этого просто и легко реализуемого на ЭВМ алгоритма является тот факт, что направление «спуска» в них строится на основе случайного вектора-стохастического квазиградиента $\xi_j^s$, который является несмещенной оценкой обобщенного градиента $\hat{F}_x(x^s)$ целевой функции F(x). Другими словами, условное математическое ожидание:

$$M(\xi^s / \chi_s) = \hat{F}_x(x^s)\,. \qquad (12)$$

Здесь вектор $\hat{F}_x(x^s)$ удовлетворяет неравенство

$$\text{F(x)-F(}x^s) \geq (\hat{F}_x(x^s), x\text{-}x^s), \qquad (13)$$

поскольку, по определению квазиградиента

$$f(x, \theta)\text{-}f(x^s, \theta^s) \geq (\hat{f}_x(x^s, \theta^s), x\text{-}x^s), \qquad (14)$$

следовательно, взяв математическое ожидание с обеих частей этого неравенства, получаем квазиградиент функции F(x) для любых $x$.

**Теорема**. Пусть выполняются условия

$$\left\|\xi_j^s\right\| \leq d < \infty, \; \rho_s > 0, \; \gamma_s > 0, \; s = 0,1,..., \; \sum_{s=0}^{\infty} \rho_s = \infty, \; \frac{\rho_s}{\gamma_s} \xrightarrow[s\to\infty]{} 0, \; \sum_{s=0}^{\infty} \rho_s^2 < \infty, \; \sum_{s=0}^{\infty} \gamma_s^2 < \infty. \qquad (15)$$

Тогда с вероятностью 1 предельные точки последовательности $\left\{x_j^s\right\}_{s=0}^{\infty}$, определяемой (7), (8) принадлежат множеству $X^*$ решений задачи (5), (2),(3).

Доказательство теоремы и выбор параметров метода (7), (8) подробно исследован в [4].

В общем случае для вектора стохастического квазиградиента, имеется

$$M(\xi^s / \chi_s) = \hat{F}_x(x^s) + b^s, \qquad (15)$$

где $b^s$-смещение, которое для сходимости изложенных методов должно в определенном смысле стремиться к 0 при $s \to \infty$.

Таким образом, задачу нахождения оптимального уровня затрат на получение информации можно свести к стохастическому аналогу ЗЛП.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Мирзоахмедов Ф. Противоречивые модели линейного программирования в производственно-экономических системах / Ф. Мирзоахмедов. -Душанбе: ТГНУ, 2002.
2. Ермольев Ю.М. Методы стохастического программирования / Ю.М. Ермольев. –М.: Наука, 1976.
3. Мирзоахмедов Ф. Математические модели и методы управления производством с учетом случайных факторов / Ф. Мирзоахмедов. –Киев: «Наукова-думка», 1991.
4. Курбонов М.А. Экономическая эффективность информационных услуг в предпринимательстве / М.А. Курбонов, Б.М. Буриев // ВЕСТНИК ТГУ. –Душанбе, 2013. -С.89-94.
5. Курбонов М.А. Некоторые вопросы исследования развития предпринимательства в республике Таджикистан- ВЕСНИК ТГУ / М.А. Курбонов, М.Н. Гулямова. –Душанбе, 2013. -№3. -С.105-114.


## ВОПРОСЫ МОДЕЛИРОВАНИЯ ОПТИМАЛЬНОГО УРОВНЯ ЗАТРАТ НА ИНФОРМАЦИЮ В УСЛОВИЯХ АССИМЕТРИЧНОЙ ЭКОНОМИКИ


В статье рассматриваются вопросы определения оптимального уровня затрат на информационные услуги в предпринимательстве. Приводится стохастическая оптимизационная модель и алгоритм решения задачи в итерационной последовательности. Для частного случая доказана теорема существования решения.



**Ключевые слова:** оптимизация затрат, использование информации, экономические субъекты, стохастическая модель, алгоритм, теорема.


## ASPECTS OF MODELING THE OPTIMAL LEVEL OF COSTS FOR INFORMATION IN ASYMMETRIC ECONOMIC CONDITIONS


The article deal with determination of optimization matters for the level of costs concerning to the information services in business. Stochastic optimization model and problem solving algorithm are cited in

interaction consistency. The existence of problem solving theorem for particular quotient is demonstrated.
**Key words:** optimization of costs, information usage, economic subjects, stochastic model, algorithm, theorem.

**Сведения об авторах:** ***Ф. Мирзоахмедов*** – доктор технических наук, профессор Финансово-экономического института Таджикистана
***Р.С. Исаев*** – кандидат экономических наук, доцент кафедры «Информационные системы в экономике» Таджикского государственного университета коммерции. Телефон: **951-53-85-03**
***М.А. Курбонов*** - старший преподаватель кафедры «Информационные системы в экономике» Таджикского государственного университета коммерции. Телефон: **936-00-01-86**

# ХУСУСИЯТҲО ВА ПРИНСИПҲОИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

***Н.Б. Файзов, Ш.Ҳ. Маҳмудова, Б.С. Музаффаров***
**Институти иқтисодиёти кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон**

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки гузариш ба иқтисоди бозорӣ танҳо дар ҳолате муваффақиятнок мегардад ки, агар дар як вақт ислоҳоти куллии хоҷагидорӣ ва дигаргунсозиҳои сохторӣ дар сохторҳои манбавии иқтисод ба фаъолияти инноватсионӣ алоқаманд гузаронида шаванд.

Ислоҳоти иқтисодиёт бе дигаргунсозиҳои сохторӣ кишварро ба манбаи ашёии кишварҳои пешрафта табдил медиҳад. Муваффақияти намуди инноватсионии инкишоф аз он вобаста аст, ки илм дар ҷомеа кадом мавқеъро ишғол менамояд ва чӣ гуна он ба рушди иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

Пайваста бо таҳлилҳои амалӣ ва таҷрибаҳои кишварҳои хориҷӣ коркард ва пешниҳод намудани принсипҳои идоракунии равандҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои КАС аз ҷониби мо баррасӣ шуда, дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи таҷрибаи пешқадами давлатҳои мутараққии хориҷӣ ба мо муяссар гардид, ки бартарии корхонаҳои хурд бар корхонаҳои азимро дар татбиқнамоии равандҳои инноватсионӣ муайян намоем. Менеҷменти амрикоӣ ва хоҷагидорӣ дар солҳои 70-80 асри гузашта таҷрибаи бойро оид ба баррасии муаммоҳои идоракунии равандҳои инноватсионӣ гирд овард. Дар асоси тақсимоти меҳнатии ба худ хос дар иқтисодиёти ИМА як намуд ҷараёни соҳибкории хоса ба вуҷуд омада, фаъолона рушд ва тақвият мекард, ки хусусияти он ба фаъолияти инноватсионӣ равона карда шуда буд. Ҷараёни навбунёди соҳибкории инноватсионӣ ба худ номи «тиҷорати таваккалӣ»-ро гирифт. Дар доираи ширкатҳои саноатии ИМА усулҳои идоракунӣ ва шакли ташаккули равандҳои инноватсионӣ коркард шуд, ки ба таври максималӣ ба принсипҳои фаъолияти корхонаҳои азими хоҷагидор мувофиқ бошанд. Тиҷорати америкоиҳо дар ин самт хеле муваффақ гашт ва дар солҳои охир ба онҳо имконият фароҳам намуд, ки ба талаботҳои рақобати ширкатҳои хориҷӣ ҷавобгӯ бошанд.

Дар давраи муосир рушди инқилоби илмӣ-техникӣ (ИИТ) нақши тиҷорати хурдро дар раванди таҳқиқотҳои илмӣ ва коркардҳо қатъиян афзун гардонд. Чунки ИИТ ширкатҳои хурд ва миёнаро, ки ба фаъолияти тадбиқнамоии технологияҳои ҷадид машғул буданд, бо техникаю таҷҳизотҳои муосир таъмин намуданд; фаъолгардонии тиҷорати хурд дар соҳаи инноватсия ба куллӣ ба ташаккули намуди нави сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ мусоидат намуда, аҳамияти басо муҳимро бозидааст ва таъмини ин корхонаҳо бо маблағҳои таваккалӣ барои ширкатҳои татбиққунандаи инноватсия зарур аст.

Инқилоби илмию техникӣ талаби зудамалӣ, чандирӣ, зудҳаракатӣ ва дар ҳолатҳои натиҷаҳои сифрӣ ва номаълум гирифтан, омодабош буданро аз корхонаҳои тадбиққунандаи инноватсия дархост менамоянд. Иттиҳодияҳои бузургу бениҳоят калон бо сохторҳои бисёрҷабҳа, расмиятпарастии расмӣ ва маҳдудияти эҷоди ташаббускории таҳқиқотӣ, ба талабот ҷавобгӯ намебошанд. Иттиҳодияҳои бузурге, ки дар иқтидори худ таҷҳизотҳои қимат доранд, барои муҷаҳҳаз намудан бо технологияҳои ҷадид ва азнавсозии истеҳсолот, инчунин ба гузаронидани таҷрибаҳо роҳ намедиҳанд, чунки маҳсулоти истеҳсолнамудаи онҳо мавқеи устувор дар бозор доранд. Барои ин намуд иттиҳодияҳо маблағгузории корхонаҳои хурди татбиққунандаи илм дар истеҳсолот афзалтар мебошад ва дар ҳолати бомуваффақият гузаронидани таҷрибаҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои хурд ба иттиҳодияҳои бузург васл шуда, бо роҳи гузаронидани деверсификатсия навовариро ҷорӣ менамоянд.

Сатҳи маҷмӯи хароҷотҳо барои соҳаи илм дар мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон сарфшуда, ба таври куллӣ аз хароҷотҳои истеҳсолӣ пеш рафтааст. Ҳамин тариқ, ба ҳиссаи 300 ширкати бузурги америкоӣ 92% хароҷот барои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи саноат тааллуқ дорад, аз ҷумла ба 4 ширкати бузург 22% рост меояд. Тақрибан ҳамин хел вазъият дар як қатор мамлакатҳо дида мешавад: ин нишондиҳанда дар Британияи Кабир 77 ва 25,6%, Фаронса 95,6 ва 20,9% ташкил медиҳад[1]. Бо вуҷуди ин, дар адабиётҳои хориҷӣ дар масъалаи мазкур мисолҳои сершумор оварда шудаанд, ки ширкатҳои кӯчак ҳамчун пионерони ин раванд дар ташаккул ва тадбиқи аксари дастовардҳои муосири илму техника соҳиби дастовард шудаанд. Иқтисодчии англис Беннок қайд менамояд, ки аз 70 кашфиёти муҳимми асри XX қисми зиёдаш аз ҷониби ихтироъкорони мустақил ва ё ширкатҳои кӯчак кашф ва татбиқ шудаанд [2].

Самаранокии ширкатҳои кӯчак дар соҳаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ, аз ҷумла дар азхудкунии ихтирооти калон ба ҳаҷми корхона кам алоқаманд мебошанд. Дар ҳақиқат монеаи асосии дар самти навоварӣ барои сармояи хурд маҳдудияти захираҳои молиявӣ-моддӣ ва инсонӣ мебошад. Ширкатҳои бузург ихтироотро на барои он аз худ наменамоянд, ки захираҳои кофии молӣ надоранд, аз ин рӯ ба савол оид ба таъсиррасонии ҳаҷми корхона ба самаранокӣ ва қобилияти таҳқиқоти илмӣ ҷавоби якхеларо додан номумкин аст. Равшан ва возеҳ аст, ки барои ҳалли вазифаҳо ва барномаҳои бузурги илмию истеҳсолӣ захираҳои калони моддию техникӣ ва инсонӣ зарур мебошад ва сармояи хурд дар чунин барномаҳо танҳо ҳамчун шарики ширкатҳои бузурги инҳисорӣ баромад карда метавонад. Бо ин сабаб аҳамияти кӯмаки молиявии давлат ба ин барномаҳо меафзояд.

Агар соҳаҳои асосии фаъолияти сармояи ғайриинҳисориро дар бахши таҳқиқот ва коркардҳо дида бароем, онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст. Гурӯҳи якум корхонаҳои хурд ва миёна дар бозори маҳсулоти тайёри таъйиноти истеҳсолӣ ширкат варзида, дар ин ҷо бевосита ба сармояи бузург рӯ ба рӯ мегардад. Чун қоида навовариҳо дар соҳаи баланди инҳисорот аз ҷониби ширкатҳои бузург ба вуҷуд оварда шаванд ҳам, корхонаҳои хурд дар ин ҷараён нақши на он қадар муҳимро мебозанд. Дар ҳақиқат чунин далелҳо на аз қобили қобилият набудани сармояи бузург ба навоварӣ, балки аз имконияти онҳо дар эҷоди монеа дар прогресси илму техника шаҳодат медиҳад.

Аз рӯйи ақидаи иқтисодшиносони Ғарб ширкатҳои хурд ва миёнаи навовар дар он соҳаҳое самаранок мебошанд, ки дар он арзиши воридшавӣ ба бозор калон набошад. Дар ҳақиқат, агар пештар дар зери мафҳуми бозор бозорҳои соҳавӣ дар назар дошта мешуд, дар натиҷаи мураккабшавии истеҳсолот мо танҳо дар бораи бозори молҳои алоҳида ва ё қисми маҳдуди бозор сухан ронда метавонем. Ширкатҳои бузург истеҳсоли молҳои оммавии стандартиро дар худ нигоҳ медоранд ва корхонаҳои хурду миёна бошанд ҷойҳои холии бозорҳои маҳсулотҳои махсусгардонидашударо пурра менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки дар соҳаҳое, ки таҷҳизот ва асбобҳо истеҳсол карда мешаванд, доимо миқдори зиёди корхонаҳои хурд ташкил карда мешавад, ки бунёдкунандаи онҳо чун қоида муҳандисон ва кормандони техникие мебошанд, ки хоҳиши мушаххас ва инкишоф додани идеяҳои истеҳсолӣ ва техникии худро доро мебошанд. Таъсири зиёдро ба зудивазшавии намунаҳо ва мутобиқшавӣ ба талаботи ивазшаванда муносибати бевосита ба мизоҷон мерасонад.

Гурӯҳи дуюми корхонаҳои хурд ва миёна бевосита ба бозори молҳои истеъмолӣ ворид гардида, бевосита бо сармояи бузург рақобат менамояд. Азбаски қувваҳо нобаробаранд, фаъолияти корхонаҳои хурд ва миёна аз он иборат аст, ки ба ҷойи холии бозор, ки корхонаҳои бузург барои онҳо мегузоранд ворид мешаванд. Дар ин ҷо як қатор ҳолатҳо имконпазир мешавад:

-корхонаҳои хурд иловаҳои гуногун ба маҳсулотҳои оммавии ширкатҳои бузург ворид менамоянд, дар ин ҳолат онҳо ба ширкатҳои бузург рақобат накарда, баръакс онро пурра месозанд;

- корхонаҳои хурд бевосита ба корхонаҳои бузург рақобат менамоянд, лекин дар ин ҳолат маҳсулоти ширкати хурд бояд бо сифати баланд фарқ кунад, вагарна рақобатпазир шуда наметавонад;

-корхонаҳои хурд ва миёна бомуваффақият дар бозори молҳои истеъмолӣ фаъолият менамоянд, ки ба талаботҳои фардӣ ва хусусиятҳои зудвайроншавии маҳсулотҳо алоқаманданд. Дар ин ҷо мисол шуда метавонад миқдори зиёдӣ

корхонаҳои саноати озуқаворӣ, ки навоварӣ чун қоида ба намуди зоҳирӣ ва сифати молҳо алоқаманд мебошанд;

-корхонаҳои хурд барои бозорҳои ниҳоят маҳдуд, ки ба молҳои нави аслӣ, ки барои истеҳсоли онҳо на танҳо тахайюл баланд, балки таҷрибаи техникии созандагонии молҳо зарур аст, мебароранд.

Гурӯҳи сеюми корҳонаҳои хурд ва миёна шарики корхонаҳои бузург мебошанд, ки ба истеҳсоли «нимфабрикатҳо» махсус гардонида мешаванд. Чунин ширкатҳо на танҳо ба инҳисорҳои бузурги миллӣ хизмат мерасонанд, балки ба бозори хориҷӣ мебароянд. Муваффақиятҳои ширкатҳои хурдро дар соҳаи навоварӣ тавсиф намуда, аксари таҳқиқотчиён онро дар шахсияти соҳибкоре мебинанд, ки ба ихтироот ва азхудкунии он машғул мебошад. Субот, якравӣ, шахсияти фавқулода ва фикронии нодир – чунин сифатҳо бештар ба соҳибкорони мустақил хос мебошанд. Дар байни дигар афзалиятҳои корхонаҳои хурд ва миёна, ки ба муваффақияти навоварӣ мусоидат менамоянд, инҳоро қайд кардан мумкин аст:

- зудмутобиқшавӣ ба бозор тавассути муносибати доимӣ бо мизоҷон, соҳибони ширкатҳо доимо аз тағйирёбии талаботҳо огоҳ буда, қобилияти зуд ва самаранок ба онҳо эътибор намуданро доро мебошанд;

- чандирияти робитаи дохилӣ дар ширкатҳои хурд ва миёна аз ширкатҳои бузург фарқ мекунад.

Афзалияти корхонаҳои хурд ва миёна дар он мебошад, ки онҳо коркардҳоро асосан дар зинаи якуми таҳқиқот амалӣ мегардонанд, ки ҳоло зарурат ба хароҷоти зиёди моддӣ, кадрӣ ва ташкилӣ вуҷуд надорад. Хусусияти хоси инкишофи муосири иқтисодиёти кишварҳои пешрафтаи саноатӣ мубориза байни тиҷорати хурд ва бузург набуда, балки вобастагӣ ба якдигар мебошад. Моҳияти тақсимоти меҳнат дар байни онҳо дар он мебошад, ки таҳқиқотҳо ва коркардҳои махсусгардондашуда барои ширкатҳои бузург самараноктар дар ширкатҳои хурд ва миёна гузаронида мешавад. Ширкатҳои бузург таҳқиқотҳои гуногунҷабҳаро бе баинобатгирии фаъолияти асосии худ амалӣ мегардонанд. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили фаъолияти инноватсионии хориҷӣ мо ба хулосае омадем, ки моҳияти ҳамкории сармояи калон ва хурд дар бахши инноватсионӣ дар он ифода мeёбад, ки зинаи аввали таҳқиқотро дар вақте ки натиҷа номуайян аст ва баробар ба сифр аст, инчунин сатҳи таваккал зиёд аст, инҳисоротҳо бар дӯши сармояи хурд гузоштан лозим аст, ташкилоти инҳисорӣ барои навоварӣ ҳавсманд наменамояд, тиҷорати хурд бошад, метавонад дар прогресси илму техника саҳми арзанда гузорад, аз ин рӯ, ҳангоми ҳавасманднамоии навоварӣ дар соҳаҳои алоҳида ҷиддан меъёрҳои зиддиинҳисориро риоя намудан зарур аст.

## АДАБИЁТ


1. Катков Д.Н. Развитие инновационной деятельности в АПК / Д.Н. Катков // Материалы Международной научно-практической конференции. –Москва: ФГНУ «Росинформагротех», 2003. -С. 22,32,75.
2. Санду И.С. Организационно-экономические основы инновационных процессов в сельском хозяйстве / И.С. Санду. –М.: ВНИЭСХ, 1994. -С.198.
3. Ушачев И.Г. Проблемы формирования систем управления инновационной деятельностью в АПК / И.Г. Ушачев // Материалы международной научно-практической конференции «Инновационная деятельность в АПК: опыт и проблемы». –М., 2005. –С.3-8.
4. Њисоботи солонаи шуъбаи Воситањои истењсолот ва хизматрасонии Институти иќтисодиёти кишоварзии АИКТ, 2013. -С.15-21.


## ОСОБЕННОСТИ И ПРИНЦИПЫ УПРАВЛЕНИЯ ИННОВАЦИОННЫМИ ПРОЦЕССАМИ ЗА РУБЕЖОМ


В данной статье авторами рассматривается особое значение мелких внедренческих компаний передовой экономики США. На основе своеобразного функционального разделения труда в экономике США, появление особого вида предпринимательства специализирующегося на инновационной деятельности, и получила название «рисковый бизнес», которых значительно более выгодно финансировать, так как в случае успеха последних двигается по проложенному ими пути, присоединяя их к себе и диверсифицируя свое производство в серийные производство крупных компаний.



**Ключевые слова:** экономика, инновация, процессы, внедренческие компании, крупные корпорации, мелкие компании, адаптация, нововведение.


## FEATURES AND PRINCIPLES OF MANAGEMENT OF INNOVATION PROCESSES ABROAD


In this article the author examines the particular importance of small innovative companies of advanced U.S. economy. On the basis peculiar functional division of labor in the U.S. economy, appearance of a special kind of entrepreneurship specializing on innovative activity, which has received name "risky business", which considerably

more profitable to finance, since in the case of success the last moves on the laid by them the way, attaching them to himself and to diversify their production to serial production of large companies.

**Key words**: economy, innovation, processes promotional companies, large corporations, smaller companies, adaptation, innovation.

**Сведения об авторах:** ***Н.Б. Файзов*** – заведующий отделом Института экономики сельского хозяйства ТАСХН. E-mail: nig75@list.ru
***Ш.Х. Махмудова*** – кандидат экономических наук,старший научный сотрудник Института экономики сельского хозяйства ТАСХН. Телефон: **935-92-92-11**
***Б.С. Музаффаров*** - кандидат экономических наук, Институт экономики сельского хозяйства ТАСХН. E-mail: badridin77@mail.ru

# ИРОАИ МОДЕЛИ ПИЁДАСОЗИИ АСАРБАХШИ БАРНОМАҲОИ ТАҲАВВУЛГАРО ДАР СОЗМОНҲО

***Муҳаммад Маҳдӣ Ашрофиён Раҳиқӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Қарни XX ва XXI таблури зуҳур ва бурузи назариёту модулҳои илмии мутаъдиде аст, ки дар ҳавзаҳои гуногуни дониш баъд аз таҳаввулоти ренесанс ва бурузи прадайми ҳоким дар он фазо ба шакле шитобон ва бо раванде рӯ ба такомул тавсеа ёфтанд.

Модулҳо ва муътадҳо ба масобаи чароғҳои роҳнамо ва рӯшанибахш мебошанд, ки фазои мубҳам ва беитминон пеши рӯйи моро рӯшан намуда, имкони инҳироф аз масир ва адами итминон дар амалро ба ҳадди ақали мумкин тақлил медиҳанд.

Бо ин ҳама ҳамвора иҷрои модулҳои илмӣ ба унвони дағдағаи асосӣ матраҳ ва чолишангез будааст. Марҳилаи ҷорисозӣ ва амалӣ намудани як муътад ва модул нақши боистае дар муваффақияти он ифо менамояд, аз ин рӯ, ки иҷрои муваффақиятомези як модули илмии худ мусталзами баҳрамандӣ аз як модули муносиб дар марҳила иҷрои он аст.

Шояд битавон умдаи далели нокоромадии модулҳои илмӣ; муваффақ ва озмуншударо дар амал ва корбурдисозии онҳоро дар набудани як барномаи мушаххас ва мадюни номанзури амалиётӣ намудани он ҷустуҷӯ намуд.

Аз он ҷо ки модулҳо ва муътадҳои илмӣ ба унвони бахше аз барномаҳои таҳвилгароӣ, ба унвони як омили стратегӣ ва мазияти калидӣ маҳсуб мегардад, бинобар ин, ироаи як намунаи коромад, ки муҷиботи асарбахш ва коройии модулро дар марҳилаи иҷро афзоиш диҳад, метавонад ба унвони боли такмилкунандаи як модули илмӣ мадди назар қарор гирад.

**Ҷамъоварии иттилоот ва ҷомеаи оморӣ.** Иттилооти марбут ба ин мақола бар асоси баррасии кутуб ва мустанадоти илмӣ, баррасӣ ва паймоиш дар теъдоде аз ширкатҳои бузург ва мутавассити Эрон, иҷро ва амалиётӣ намудани чандин модули илмӣ тавассути мо дар ширкатҳои кӯчак, мутавассит ва бузург ва таҳлилу баррасии илали нокомӣ ва муваффақияти модулҳо дар созмонҳои гуногуни байналмилалӣ шакл гирифтааст.




Расми 1. Намои шамотики намунаи пешниҳодӣ

**Модули пиёдасозии асарбахшии барномаҳои таҳаввулгар дар созмонҳо.** Модул ё намуна, як ниҳоди интизоӣ аст, ки танҳо теъдоди андаке аз абъоди муҳимми маҷмӯаро ташреҳ мекунад. Намунаи ҳозир аз се марҳила ва ҳар марҳила аз қадамҳои ташкилшуда, ки таҳқиқ ва амалиётӣ шудани он мусталзами иқдомоте аст, иборат мебошад.

**Марҳалаи омодасозӣ.** Марҳалаи нахуст ва оғозин дар иҷрои модул дар созмон, муҳимтарин ва ҳаётитарин марҳила дар ичрои муваффақиятомези он маҳсуб мегардад. Ба ибораи дигар, мизони дастёбӣ ба натоиҷ дар ин марҳила метавонад баёнгари иҷроӣ шудан ё нишони комили намуна дар созмон бошад. Дар сурате ки марҳилаи омодасозӣ ба наҳве дуруст ва асосӣ шакл нагирад, ба ҳеҷ ваҷҳ набояд ба иҷрои намуна ва касби натоиҷи мусбат дар созмон умедвор буд. Нуктаи ҳоизи аҳамият дар марҳилаи нахуст лузуми таваҷҷуҳ ва диққати вижа дар ичрои қадамҳо ироа шудааст. Ба наҳве ки зимни бархурдорӣ аз суръати муносиб, аз диққати иҷрои болое низ бархурдор бошад. Офати бузург дар ин марҳила шитобзадагӣ ва адами барномарезии муносиб аст. Дар охири ин марҳила интизор меравад, ки созмон ба як стратегияи калон ва якпорча даст ёбад ва сохтори он ба шакле ҳадафманд ва ҳамсӯ бо стратегия ба таҳқиқи барномаҳо кӯмак намояд. Қадамҳои марҳилаи нахуст иборатанд аз:

**Касби омодагии аввалия ҷиҳати иҷрои модул (омодагии зеҳнӣ).** Иқдомоти марбут ба ин қадам иборатанд аз:

- эҷоди таҳрик ва пешоҳангӣ дар мудирияти олии созмон ҷиҳати вуруд ба мабоҳиси марбут ба модул аз тариқи ироаи омӯзишҳои навини мудириятӣ ба мудирони аршад ва ҳузури онҳо дар семинарҳо ва конфронсҳои илмӣ.

Ба ибораи дигар, қадами нахуст барои вуруд ба марҳилаи иҷро эҷоди бовар дар байни мудирони аршади созмон аст, ки таҳқиқи он дар гарави иҷрои барномаҳои омӯзиш мудавван ва коромад аст. Дар ин қадам нақши воҳидҳои омӯзишӣ, пажӯҳиш ва ҳавзаи мудирият дар созмон ҳоизи аҳамият мебошад.

**Тадвини барнома ва намунаи муносиб ҷиҳати амалиётӣ намудани модул (барномарезӣ).** Иқдомоти марбут ба ин қадам:

- баҳрамандӣ аз мушовирони тавонманд ва матлуб. Нуқтаи калидӣ дар ин қадам баҳрамандии муносиб аз мушовирон ва мутахассисони таъсиргузор аст. Мушовироне, ки илова бар дониши тахассусӣ дар хусуси модули мавриди назар ва созмони марбута, дорои бовар ба тағйир буда, зимни бархурдорӣ аз қудрати риск ва инъитофи боло, аз ҳиттаи ихтиёроти муносибе баҳраманд бошанд. Бузургтарин офат дар ин марҳила истифодаи нодурусти мушовирон аст. Пешниҳод мегардад, ки мушовирон дар сурати бархурдории созмон аз хазонаи илмӣ ва тахассусии муносиб аз байни нерӯҳои матбуи дохилӣ ва дар ғайри ин сурат, аз байни мутахассисон ва асотиди хориҷ аз созмон интихоб гарданд. Ногуфта намонад, ки роҳнамоиҳои ироашудаи мушовирон ҷиҳати ичро ва амалиётсозӣ аст, на нигаҳдорӣ дар бойгонӣ ва китобхона;

- интиҷоби намунаи мавриди назар бар асоси ниёзҳои созмон ва бо нигоҳ ба оянда;

- эҷоди тими иҷрокунандаи модул бо ҳузури мудирони иршад ва мушовирони огоҳ нисбат ба намунаи интихобӣ;

- баррасии муҳити дохилӣ ва берунии созмон ва барқарории иртибот байни созмон ва намунаи манзури ташхиси нуқоти калидӣ вабахшҳои ҳадаф. Воҳидҳои умури молӣ, риск, омор, тарҳу барнома ва пажӯҳиш дар ин қадам нақши муҳимме доранд.

**Таъсири мафоҳими мавриди тавофуқ ба кулли созмон (ҷорисозӣ).** Иқдомоти марбут ба ин қадам иборатанд аз:

-ироаи омӯзишҳои умумии муштамил бар мабоҳиси навини созмонӣ, дар сатҳи ҳайати ситодӣ ва сафи тахассусӣ;

-баҳрагирӣ аз абзорҳои иттилоърасонии дохилӣ, минҷумла брошюра, хабарнома, табрикот ва ғайра;

-касби эъломи назароти воҳидҳои мухталифи созмон.

Дар ин қадам омӯзиш нақши меҳвариро ифо менамояд. Нақши воҳидҳои омӯзиш, равобити умумӣ ва мудирият калидӣ аст.

**Тақсими мантиқии вазоиф ва коркардҳо (созмондиҳӣ).** Иқдомоти марбут ба ин қадам иборатанд аз:

- шаффофсозии вазоиф ва амалиёти созмон ва ҳиттаи ихтиёрот ба сурати расмӣ ва мактуб;

- бозтаърифи шохисҳои намуна бар асоси сохтори созмон ва барқарории иртибототи мантиқӣ байни воҳидҳои созмон ва шохисҳои намуна, ба наҳве ки воҳидҳои созмонӣ муртабити тамоми шохисҳои намунаро пӯшиш диҳанд. Тими иҷрокунанда ва воҳидҳои тарҳу барноваву таҳқиқ ва тавсеа дар ин қадам нақши муҳимме ифо менамоянд.

**Ироаи стратегӣ ва хатимашии мушаххас дар созмон (роҳбурд).** Иқдомоти марбут ба ин қадам иборатанд аз:

- дар марҳилаи омодасозӣ зарур аст созмон аз як стратегияи воҳид ва калон, ки дарбаргирандаи аҳдоф, рисолат, чашмандоз ва вазоифи созмон бошад, ба наҳви равшан ва шаффоф баҳраманд бошад. Мудирони аршади созмон нақши асосӣ дар ин қадамро ба уҳда доранд.

**Судури баёнияи вуруд ба мабоҳиси марбут ба модул дар созмон (эъломияи вуруд).** Иқдомоти марбут ба ин қадам:

- пас аз он ки омодагии лозим ҷиҳати вуруди огоҳона ва ҳушмандона ба масири мавриди назар фароҳам гашт, зарур аст, ки мудирияти аршади созмон, ки умдатан шомили аъзои ҳайати мудирият мебошанд, зимни эъломи расмӣ оғози ҳаракат дар масири иҷрои модул, азми ҷиддии худ мубтанӣ бар таҳқиқи онро ба сурати расмӣ ва шаффоф эълом намоянд. Судури баёния тавассути мудирияти созмон баёнгари дараҷаи аҳамияти болои тағйирот ва лузуми иҷрои он аст ва нақши муҳиме дар коҳиши муқовиматҳои эҳтимолӣ дар оянда дорад.

**Марҳилаи иҷросозӣ.** Пас аз он ки созмон дар сатҳи калон ва мудириятӣ нисбат ба тадоруки муносиб ҷиҳати вуруд ба мабоҳиси модули мавриди назар иқдом ва азми ҷиддӣ дар он эҷод гардид, зарур аст нисбат ба иҷрои намуна дар созмон ва таъсири он ба ҳавзаҳои амалиётии ҳимматгузор. Ин марҳила мусталзами мушорикати фаъоли тамоми воҳидҳои созмон ва бахшҳои мухталифи он аст. Ба манзури таҳқиқи коромади ин муҳим, қадамҳои зер ироа мешаванд:

**Таъйини мудири иҷрои намуна дар созмон (омодагии амалиётӣ).** Қадами нахуст дар иҷрои ин намуна дар созмон таъйини мудир барои он аст. Беҳтар аст барои иҷрои намуна дар созмони воҳиди тахассусӣ бо ихтиёроти боло ва лозими шаклгирӣ, ки зери назари ҳайати мудира идора шавад. Интихоби дурусти аъзои ин воҳид зомини иҷрои коромади барномаҳо аст.

**Ироа ва ташреҳи комили намуна дар созмон (ёдгирӣ).** Дар ин қадам судуре аст мабонии назариявӣ ва коркарди намуна ба шакли комил дар созмон ташреҳ гардид ва воҳидҳо дар ҳадди лозим ва бо фарохӯри иртибототи онҳо бо намуна, омӯзишҳои умумӣ ва ихтисоси лозимро касб намоянд. Иҷрои ин қадам комилан судуре аст ва мебоист аз бӯъди замонӣ ва муҳтавоӣ ба шакли беҳтар тарроҳӣ гардад. Омӯзишҳо дар созмон дар сутӯҳи миёнӣ ба поин мебоист тавассути афроди омӯзишдида дохили созмон гардад. Ба таври мутавасит саронаи омӯзиши ҳар як аз персоналии созмон дар ҳудуди 10 соат барои ошноии аввал бо як модул матлуб бошад. Воҳидҳои омӯзиш ва пажӯҳиш нақши асосӣ дар ин қадам бар уҳда доранд.

Бархурдорӣ аз механизми иҷроии муносиб (иҷро). Иқдомоти марбут ба ин қадам:

- бархурдорӣ аз як барнома ва нақши роҳ, ки дар он зимни таъини фаъолиятҳо ва ташреҳи онҳо замони лозим ҷиҳати пиёдасозии ҳар фаъолиятро намоён сохта, аз қобилияти бурузрасонӣ бархурдор бошанд;

- таъйини вазоифи ҳар воҳиди созмонӣ ва нақши он дар иҷрои намуна ва ҳудуди ихтиёроти онҳо;

- таъйини механизми пуштибонӣ ва эҷоди гурӯҳҳои бозрасӣ ба манзури пайгирии иҷрои беҳинаи мароҳили намуна;

- эҷоди як системаи танбеҳӣ ва боздоранда, ҷиҳати бархурдорӣ бо ҳар гуна муқовимат ва адами ҳамкории ҳайати кормандон, ки аз фаъолияти боло дар тасмимгирӣ ва иҷро бархурдор бошанд;

- эҷоди як механизми бозхӯрди фаъол, ки дар тамоми масирҳои созмон ҷорӣ буда, ҳар гуна инҳирофро ба манзури ислоҳ ба воҳиди мутавалӣ ва тасмимгиранда инъикос намояд;

- баҳрамандӣ аз мушовири берунӣ, ба наҳве ки ба унвони як нозири матлаъ, кулли фарояндҳо ва лоиҳаҳои ҷориро таҳти баррасӣ қарор дода, дар мавқеъҳои лозим тавсияҳои лозимро инъикос диҳанд;

- эҷоди каналҳои иртиботии амудӣ ва уфуқӣ ва ғайрихаттӣ дар созмон, ба наҳве ки афрод дар сурати ташхиси мавзӯи ҳоизи аҳамият, нисбат ба инъикоси сареи он иқдом намоянд;

- бархурдорӣ аз фаъолиятҳо дар иҷро ва парҳез аз вироиши куллии барномаҳо дар марҳилаи охир;

- омодагии лозим барои бархӯрдории қотеъ бо муқовиматҳои пешомада ва пардохти ҳазинаи лозим.

**Марҳилаи тасбият.** Пас аз иҷрои намуна дар созмон мебоист нисбат ба тасбияти иқдомоти суратгирифта иқдом намуд. Дар ғайри ин, сурати осори иқдомоти шаклгирифта дар тӯли замон аз байн рафта, созмон ба нуқтаи аввал баргашт менамояд. Барои ин муҳим қадамҳои зер ироа мешавад:

Эҷоди воҳиди созмонии мутавалии модул (воҳидсозӣ).

- зарур аст ба манзури тадовуми иқдомоти суратгирифта ва санҷиши натоиҷи ҳосилшуда ва ҳамчунин ба манзури пойиш, ислоҳ ва беҳбуду бознигарӣ ва бурузи иқдомоти суратгирифта ва назорат ва бар он ва бо тамаркуз ба эҷоди як заминаи фарҳангӣ дар созмон, воҳиди ҷиҳати пайгирии аҳдофи модул дар созмон ба таври доим шакл гирад. Ин умур таъсири калоне дар тасбияти иқдомоти суратгирифта дорад. Воҳиди тарҳ ва барномаи маконии муносиб барои истиқрори ин воҳид аст.

**Эҷоди механизми пуштибон (бозхӯрд).** Иқдомоти марбут ба ин қадам иборатанд аз:

- баррасии мустамари натоиҷ ва назарот бар мароҳили иҷрои кору фароянҷҳо;

- бозбинӣ ва бознигарии давраи иқдомот бар асоси натоиҷи ҳосила;

- эҷоди як механизми ташвиқӣ, ҷиҳати иқдомоти шоёни зикр ва муассир дар беҳбуди барномаҳо;

- эҳтимоми мудирон ба иҷрои комили намуна ва адами кӯтоҳӣ дар иҷрои он;

- ироаи омӯзишҳои мустамар ва фарогир, ки созмонро ба маҷмӯаи ёдгиранда ва чолок табдил намояд;

- тамаркуз бар фарҳангсозӣ ва заминасозии муносиб дар созмон.

Таваҷҷуҳ ба нақши роҳбарӣ ва мудирият дар созмон ба унвони муҳаррики аввалия дар канори унсури ёдгирӣ ба унвони замини пиёдасозии саҳеҳ ва кормади намуна замоне такмил мегардад, ки таваҷҷуҳ ва иноят ба фарҳангсозӣ ва ниҳодина намудани иқдомот, муҷиботи тасбият ва мутаолӣ шудани созмонро фароҳам намояд. Се рукни роҳбарӣ, омӯзиш ва фарҳангсозии нуктаи аслӣ ва меҳвари тамаркузи намуна буда, ки созмонҳо мебоист бар асоси вижагиҳои дарунӣ, нисбат ба коргирии беҳинаи онҳо ҳиммат гуморанд.

## АДАБИЁТ


1. Мухторӣ Баҳромхон. Мудирияти тағйир бо андешидан қабл аз анҷом додан / Мухторӣ Баҳромхон. –Теҳрон: Интишороти маркази омӯзиш ва таҳқиқоти санъатии Эрон, 1386.
2. Наҷмӣ Манучеҳр. Модули ҷоизаи таолӣ 2010 / Наҷмӣ Манучеҳр. –Теҳрон: Интишороти саромад, 1389.
3. Ҷаводин Ризо. Назарияҳои умумии созмон ва мудирият / Ҷаводин Ризо. –Теҳрон: Нигоҳи дониш, 1387.


## ОПИСАНИЕ ЭФФЕКТИВНОГО ВНЕДРЕНИЯ МОДЕЛЕЙ ЭВОЛЮЦИИ В ОРГАНИЗАЦИЯХ


Данная статья посвящена изучению важной и актуальной проблемы. В своей статье автор подвергает изучению модели эффективного внедрения моделей эволюции в организациях для осуществления организационных изменений, которая долна отвечать современным требованиям



**Ключевые слова:** развитие, организация, внедрение эволюционной модели, описание модели.


## DESCRIPTION OF EFFECTIVE IMPLEMENTATION OF MODELS OF EVOLUTION IN ORGANIZATIONS


This article is devoted to the study of important and topical problems. In his article, the author exposes the study of the model of effective implementation of models of evolution in organizations for the implementation of organizational changes, which Dolna to meet modern requirements



**Key words:** development, organization, implementation evolutionary model, the model description.



**Сведения об авторе:** ***Мухаммад Махди Ашрофиён Рахики*** – аспирант Таджикского национального университета. E-mail:**M.ashrafian61@yahoo.com**

# ВИЖАГИҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА КИШОВАРЗИИ КИШВАРҲОИ ДАР ҲОЛИ ТАВСЕА

*Алӣ Алимардонӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз вуҷуҳи тамоюзи кишварҳои дар ҳоли тавсеа бо дунёи тавсеаёфта хусусиятҳои иқтисодӣ ва кишоварзии ин кишварҳо аст. Рустонишинӣ ва иштиғоли бахши умдае аз нерӯи кор дар кишоварзӣ аз хусусиятҳои боризи кишварҳои дар ҳоли тавсеа аст. Намунаҳои фаъолият дар бахши кишоварзӣ дар ин кишварҳо бо кишварҳои тавсеаёфта комилан фарқ мекунад, ба тавре ки кишоварзӣ дар миқёси кӯчак ва мазореи хурд ва ғалабаи нерӯи кор бар технологияи кишоварзӣ аз мушаххасоти ин ҷомеаҳо маҳсуб мешавад.

**Рустонишинӣ ва иштиғол дар бахши кишоварзӣ.** Ҳанӯз аксарияти мардуми кишварҳои ҷаҳони сеюм дар минтақаҳои рустоӣ зиндагӣ мекунанд ва бештари онҳо ба кишоварзӣ машғул ҳастанд. Ин бахш аз назари иштиғол ва тавлид муҳимтарин бахши иқтисодӣ маҳсуб мешавад. Бинобар ин, бо таваҷҷуҳ ба воқеиятҳои мавҷуд, авлавият додан ба тавсеаи кишоварзӣ ниёзи чандоне ба истидлол надорад.

Ҳарчанд ки дар маҷмӯи кишварҳои ҷаҳони сеюм, қариб ба 70% ҷамъият дар минтақаҳои рустоӣ зиндагӣ мекунанд ва танҳо 30% сокини шаҳрҳо ҳастанд, аммо дар байни кишварҳои дар ҳоли тавсеа навасони зиёде аз назари сукунати ҷамъият дар минтақаҳои рустоӣ вуҷуд дорад. Ба тавре ки дар бештари кишварҳои африқоӣ ва осиёӣ минтақаҳои рустоӣ беш аз 70% аз ҷамъиятро дар худ ҷой додааст, дар ҳоле ки дар кишварҳои Амрикои Лотинӣ рушди шитобони муҳоҷиратҳои дохилӣ боис гардидааст, ки ҷамъияти рустоӣ бархе аз кишварҳои ин минтақа ба камтар аз 35% кам шавад. Ба тавре ки дар Аргентина аз ҳар 10 нафар камтар аз 2 нафар ва дар Бангладеш аз ҳар 10 нафар 9 нафар дар рустоҳо зиндагӣ мекунанд. Ин тафовутҳо танҳо дар теъдоди ҷамъияти рустоӣ хулоса намешавад, балки аз назари таркиб ва иштиғол дар минтақаҳои рустоӣ, чунин равандро ҳоким аст. Бахшҳое аз Африқо беш аз 80% ва дар бархе аз кишварҳои осиёӣ шабеҳи Чин, Ҳинд ва Бангладеш беш аз 70% сокинони русто дар бахши кишоварзӣ фаъолият доранд. Дар ҳоле ки дар кишварҳои Амрикои Лотинӣ ин мизон аз 40% бештар намешавад ва дар Аргентина ва Чили ба тартиб танҳо 13 ва 16% ҷамъият дар бахши кишоварзӣ машғули касбу кор мебошанд.

Алорағми ғалаба бофти рустоӣ аз назари сукунат ва иштиғоли нерӯи кор дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа, бахши кишоварзӣ ба сахтӣ нисфе аз тавлиди нохолиси дохилиро ба худ ихтисос медиҳад. Дар ағлаби ин кишварҳо арзиши афзуда эҷода шуда, тавассути бахши кишоварзӣ ва зербахшҳои он бисёр андак аст.

Муқоисаи таркиби нерӯи кор ва тавлиди бахши кишоварзӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа, ҳокӣ аз вуҷуди сохторе дар бахши кишоварзии ин кишварҳо аст. Муқоисаи миёнгини баҳраварии нерӯи кор дар бахши кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ ҳокӣ аз шикофи амиқе дар ин замина аст.

Даромадҳои поин нишонаи рукуди тавлид нест, зеро тавлиди кишоварзӣ аз соли 1960 то соли 1995 ҳудуди 2,8% афзоиш ёфтааст ва тавлиди саронаи кишоварзӣ эҳтимолан ҳудуди 5% дар сол афзоиш доштааст. Бо ин ҳол рушди кишоварзӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа нобаробар буда, баъзе аз кишварҳо нисбат ба кишварҳои дигар ба маротиб муваффақтар ва бархе дигар ба сурати хеле зиёд ноком мондаанд. Ба унвони мисол, Чин аз намунаҳои муваффақ дар байни кишварҳои ҷаҳони сеюм аст. Ба тавре ки ин кишвар асари бузург ва афзоянда бар миёнгини саронаи нархи рушди кишоварзӣ дар кишварҳои ҷаҳони сеюм доштааст. Муҳосибаи миёнгини солиёнаи фоизи нархи рушди тавлиди саронаи кишоварзии 19 кишвар намунаи Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ тавассути ФАО нишон медиҳад, ки тайи давраи 20-сола (1965-1984), миёнгини нархи рушди тавлиди саронаи кишоварзӣ барои 19 кишвари интихобӣ (Чин, Ҳинд, Покистон, Бангладеш, Малайзия, Филипин, Шриланка, Соҳили Оҷ, Миср, Генуя, Кения, Аргентина, Бразилия, Чили, Калумбия, Мексика ва Перу) бар ҳасби мизони ҷамъият 1,08% будааст. Миёнгини нархи рушд дар ин кишварҳо, ба ҷуз кишвари Чин, боз ҳам бар ҳасби ҷамъият ба 49% дар сол, яъне камтар аз нисф фоиз коҳиш ёфтааст. Бинобар ин, Чин ба таври ошкор асари таъйинкунанда бар вазъияти кишварҳои ҷаҳони сеюм гузоштааст. Бахше аз таҳаввулоти кишоварзӣ дар ин кишварҳо, ношӣ аз сармоягузориҳои азими давлатӣ дар заминаи обёрӣ, бакоргирии технологияи ҷадид ва корбурди густардаи анвои пурмаҳсултари гандум мебошад, ки таҳти унвони «Инқилоби сабз» дунбол шудааст.

**Вазъияти кишоварзӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа**. Аз он ҷо ки тавсеаи рустоӣ падидаи чандбӯъдӣ аст, фақат таҳлил намудани тавсеаи кишоварзӣ наметавонад тасвири комиле аз тавсеаи рустоӣ ироа диҳад. Бинобар ин, омилҳои мухталиф дар ҳар кишваре бояд ба сурати холис мавриди таҷзияву таҳлил қарор гиранд, зеро масоили мухталиф дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа ба шеваҳои мутафовите намуд меёбанд. Дар баъзе аз ин кишварҳо замин ба сурати нобаробар байни гурӯҳи кӯчаке аз заминдорони бузург, ки бахши умдаи заминро дар тамаллук доранд ва гурӯҳи бузурге аз зореони кӯчак, ки фақат бахши ночизе аз заминро дар ихтиёр доранд, тақсим шудааст. Дар даруни ҳар як аз ин ду шеваи заминдорӣ намунаҳои мухталифе аз низомҳои баҳрабардории кишоварзӣ марсум мебошад, ки ҳар як аз асароти мутафовите аз худ боқӣ гузоштаанд. Дар канори ин гуна низомҳои баҳрабардорӣ, танаввӯи иқлимӣ ва обуҳавоӣ, топографияи замин, манобеи об, кайфияти хок, намунаи кишт, дастрасӣ ба бозор ва ғайра таркиби печидаеро дар минтақаҳои рустоӣ ба вуҷуд овардааст. Ба ин сабаб фақат таҳлил намудани вазъияти кишоварзӣ бар асоси миёнгинҳои оморӣ, аз ироаи тасвири дақиқе аз бахши кишоварзӣ боз мемонад. Аз ин рӯ, барои таҳлили вазъияти кишоварзии кишварҳои ҷаҳони сеюм бархе аз хусусиятҳои умдаи онҳо дар зер мавриди баррасӣ қарор гирифтааст:

**1.** Андозаи мазраа ва баҳраварии тавлид. Шоҳидҳои фаровоне вуҷуд дорад, ки дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа баҳраварии омили тавлид ба сурати низомёфта ва мутаносиб бо андозаи мазраа тағйир мекунад. Ба назар мерасад 3 нуқта ин иртиботро ба хубӣ исбот мекунанд:

- тавлиди ҳар коргар маъмулан ҳампои андозаи мазраа афзоиш меёбад;
- тавлиди нохолис дар гектар (маҳсул) маъмулан бо афзоиши масоҳати мазраа коҳиш меёбад;
- арзиши афзуда (даромади холис) дар ҳар гектар бо афзоиши андозаи мазраа коҳиш меёбад.

Дар муқобили ин равандҳо истисноҳое вуҷуд доранд ки, албатта, маҳдуд мебошанд. Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки ин равандҳо, ҳатто, замоне ки тафовутҳои мавҷуд дар кайфияти хок монанди он чи ки байни мазореи бузург ва кӯчак вуҷуд дорад ба ҳисоб оварда шаванд, собит мемонанд. Ба таври куллӣ зореони кӯчак дар муқоиса бо зореони бузург дар воҳиди замин маҳсули бештаре тавлид мекунанд. Далелҳои илми кишоварзи барои ин амр ба хубӣ равшан аст. Аввал он ки зореони кӯчак барои кишти ҳар маҳсул равишҳоеро ба кор мегиранд, ки бештар корбар ҳастанд. Онҳо вақти бештаре сарф мекунанд ва дар омодасозии замин, чидани алафҳои бегона ва дарав кардан, диққати бештар медиҳанд. Дар муқобил зореони бузург барои кишт равишҳоеро ба кор мегиранд, ки бештар сармоябар буда, моводи химиявии кишоварзӣ ва мошинолотро ҷойгузини кор мекунанд. Дар бисёре аз кишварҳо, бахусус дар Осиё, мизони истифода аз куди химиявӣ нисбат ба андозаи замини зери кишт собит аст ва мавридҳое вуҷуд дорад, ки зореони кӯчак амалан дар ҳар гектар куди бештаре нисбат ба зореони бузург ба кор бурдаанд. Бо ин ҳол дар бахшҳое аз Африқо корбурди куди химиявӣ дар мазореи бузург бисёр бештар аст ва ин амр ба боздеҳии болотари кор ва низ ба амиқтар шудани тафовути даромадҳо меанҷомад. Дуюм он ки, намунаи кишт дар мазореи кӯчак ва бузург бо ҳамдигар тафовут дорад. Зореони кӯчак маъмулан маҳсулоте бо бакорбарии нисбатан бештар, назири сабзавотро кишт мекунанд, дар ҳоле ки зореони бузург бахши бештаре аз замини худро ба фаъолиятҳое, ки мусталзами кори нисбатан каме аст, назири кишти алафҳо дар чарогоҳҳо, ихтисос медиҳанд. Сеюм он ки, зореони кӯчак бахши бештаре аз замини худро кишт мекунанд, дар сурате ки дар мазореи бузург бахши бештаре аз замин билоистифода боқӣ мемонад ва ё ба сурати ҷангал ё чарогоҳ мавриди истифода қарор мегирад. Ниҳоятан ин ки, нисбати кишт маъмулан дар мазореи кӯчак болотар аст ва ба далели танаввӯи кишт зореони кӯчак солона бардошти бештаре нисбат ба зореони бузург доранд.

Табйини ин тафовутҳо иртиботе бо ангезаи кишоварзон надорад. Зореони бузург ва зореони кӯчак дар садади ҳадди аксар кардани суди худ ҳастанд ва дар ин роҳ ниҳоят саъй менамоянд. Ин табйин ҳамчунин иртиботи чандоне бо хатарпазирӣ надорад. Ҳарчанд ки пайомадҳои шикаст дар як маҳсул барои деҳқони кӯчак, ки дар марзи ҳадди ақали маишат қарор дорад, нисбат ба зореони бузург бисёр ҷиддитар аст. Аммо, ҳатто, деҳқонони кӯчак метавонанд аз тариқи саҳм бурдан ё қарз гирифтан аз вомдиҳандагон ва ғайра дар хатар кардан саҳим шаванд, ё пайомадҳои онро ба таъхир биандозанд. Ҷавҳари тафовут миёни зореони кӯчак ва бузург дар фурсатҳои бозор аст, ки бо он мувоҷеҳ ҳастанд. Зореони кӯчак бештар бозор барои

фурӯши тавлидоташонро душвортар меёбанд. Аз он ҷо ки мозоди бозорпазирии онҳо камтар аст, онҳо бештар аз воситаҳо ва далолҳо барои ҳамл, фароварӣ ва фурӯши маҳсулоти худ истифода мекунанд. бинобар ин, ҳазинаҳои бозорёбии онҳо маъмулан бештар ва қиматҳои дарёфтии онҳо дар сари мазраа камтар аст. Албатта, дар мавридҳое, ки онҳо қодир бошанд маҳсули худро мустақиман ба масрафкунандаи ниҳоӣ бифурӯшанд, зореони кӯчак мумкин аст нисбат ба зореони бузург қимати бештаре дарёфт кунанд. Аз тарафи дигар, зореони кӯчак умуман дастрасии маҳдудтаре ба хадамоти ироашуда аз тарафи давлат (назири хадамоти мушовиравӣ) ё ба ниҳодҳои тавлиди ёронаӣ (назири куди химиявӣ ё заҳр) ва ба низоми эътибории расмӣ доранд. Муҳимтар ин ки зореони кӯчак ва бузург бо маҷмӯи бисёр мутафовите аз қиматҳои нисбии омилҳои тавлид мувоҷеҳа ҳастанд. Ба таври куллӣ, қимати муассири нисбӣ марбут ба замин ва сармояи молӣ барои зореони кӯчак болост, дар ҳоле ки қимати кор барои онҳо нисбатан поин аст, бахусус ҳангоме ки кор бо ҳазинаи фурсати кам дар дохили хонаводаи деҳқонӣ таъмин шавад.

Бинобар ин, зореони кӯчак ангезаи сарфаҷӯии дар замин ва сармояро доранд, дар ҳоле ки ангезаи сарфаҷӯии дар кор дар зореони бузург болост. Деҳқонони кӯчак дар вокуниш ба ин ангезаҳо замини худро бо истифода фишурда аз равишҳои корбар кишт мекунанд. Аз ин рӯ, нисбати сармоя ба кор маъмулан поин аст, лекин нисбати сармоя бар воҳиди замин гоҳе дар мазореи кӯчак беш аз мазореи бузург аст. Баръакс, дар мазореи бузург нисбати сармоя ба кор нисбатан боло ва нисбати кор ба замин поин аст. Бинобар ин, дар ин фароянд тавлиди ҳар нафар бо андозаи мазраа афзоиш, вале дар ҳар гектар коҳиш мебёбад. Ҳамчунин, манобеъ ба сурати номутаносиб тахсис ёфта, тавлиди кул коҳиш ва тавзеҳи даромад нобаробар мешавад.

Барои рафъи ин мушкилот дар кишварҳои ҷаҳони сеюм бояд сиёсатгузориҳои мантиқӣ эъмол гардад. Дар ин росто бояд кӯшид, то тасҳилоти ҳамлу нақл ва бозорёбӣ беҳбуд ёбад. Дастрасӣ ба хадамот ва ниҳодҳои давлатӣ мунсифона гардад ва нуқсонҳои мавҷуд дар бозор ва омилҳои тавлид аз миён бардошта шаванд. Дар канори ин сиёсатҳо бояд тавзеҳи мантиқӣ ва муносиби замин муҷаддадан мавриди бозбинӣ қарор гирад. Анҷоми ин гуна ислоҳот ба тавзеҳи одилонаи манобеъ ва сарват дар минтақаҳои рустоӣ мунҷар шуда, шароитро ба шевае тағйир медиҳад, ки манфиатҳои ношӣ аз он ба сурати одилона тавзеҳ мегарданд.

**2. Инқилоби сабз дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа.** Ислоҳоти арзӣ, ки дар теъдоди қобили таваҷҷуҳе аз кишварҳои дар ҳоли тавсеа ба иҷро гузошта шуд, дар канори дастовардҳое, ки заминаи тавзеҳи аррозӣ ва дастёбӣ ба адолати иҷтимоиро дар пай дошт бо мушкилот ва норасоиҳое мувоҷеҳ буд, ки дар бисёре аз мавқеъҳо имкони иҷрои комили ин барномаро бо монеаҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ кард. Тасаввур бар ин буд, ки ислоҳоти аррозӣ ба унвони руйкарде ҷиҳати тавсеаи рустоӣ ва кишоварзӣ қодир хоҳад буд аз тариқи афзоиши сатҳи тавсеа ба рафъи фақр ва маҳрумияти минтақаҳои рустоӣ поён диҳад. Аммо иҷрои комили он мутазамини тағйирот ва дигаргуниҳои фаннӣ, ниҳодӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии амиқе буд. Анҷоми ин дигаргуниҳо барои ҳокимони давлатӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа хушоянд набуд. Дар пайи ин монеаҳо талош гардид, то стратегияҳои ҷойгузини дигаре тадвин шаванд, ки ниёз ба ин гуна ислоҳоти сохторӣ надошта бошанд. Ин стратегия дар даҳаи 1960 «Инқилоби сабз» ном гирифт ва аз кишварҳои тавсеаёфта оғоз ва дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа ба иҷро гузошта шуд. Дар қолаби чунин стратегия саъй гардид, ки ба ҷойи тағйироти сохторӣ ва ниҳодӣ дар тавсеаи рустоӣ ва кишоварзӣ, аз дигаргуниҳои фаннӣ ва пешрафти илмӣ дар соҳаи кишоварзӣ баҳра гирифта шавад. Ба ҳамин далел дар кишварҳои ҷаҳони сеюм ба ҷойи дунбол кардани барномаи ислоҳоти арзӣ, саъй гардид, то ин ҷомеаҳо ба истифода ва густариши сареи анвои пурҳосили ғаллаҳои ғизоӣ, хусусан гандуму биринҷ, ташвиқ шаванд. Ин стратегия дар ибтидои роҳ ҷозибаи зиёде барои андешамандони тавсеаи кишоварзӣ ва ҳамчунин мудирони иҷроӣ дошт, зеро тасаввур бар ин буд, ки инқилоби сабз қодир хоҳад буд гуруснагӣ ва фақрро дар минтақаҳои рустоии кишварҳои дар ҳоли тавсеа муртафаъ кунад. Омили тағйир дар инқилоби сабз вуҷуди шумораи маҳдуде аз марказҳои таҳқиқоти кишоварзии байналмилалӣ буд.

Баъзе аз ин марказҳо тайи ду даҳа 1940 ва 1950 дар Амрикои Лотинӣ бо ҳимояти бунёдҳои Рок Фелер ва Форд таъсис шуда буд. Аммо нахустин маркази байналмилалии расмӣ таъсис шуда, муассисаи таҳқиқотии биринҷ буд, ки дар соли 1960 дар Филиппин ташкил шуд ва дорои як дастуруламали ҷаҳонӣ барои пажӯҳиш дар мавриди биринҷ буд. Ба зудӣ ин марказ анвое аз арқоми биринҷи кӯтоҳ, захим,

бо боздеҳи боло ва дорои вокуниш дар муқобили куди химявиро тавсеа дод. Маркази байналмилалии зуррат (ҷуворимакка) дар соли 1966 дар Мексика таъсис шуд ва дар муваффақияти мушобеҳ тавсеаи гандуми захим ва бо боздеҳи боло ба даст овард. Марказҳои таҳқиқоти дигаре дар охирҳои даҳаи 1960 эҷод шуданд ва таҳқиқоте дар заминаи картошка, донагӣ ва соири маҳсулоти гармселӣ анҷом доданд. Ин марказҳои таҳқиқотӣ нақши умдае дар муаррифии базри ҷадид доштанд. Илова бар ин марказҳо дар соли 1971 гурӯҳи мушовир дар таҳқиқоти кишоварзии байналмилалӣ вобаста ба Бонки ҷаҳонӣ ва барномаи тавсеаи Созмони Милал ва Созмони Хорбори Ҷаҳонӣ таъсис шуд. То даҳаи 1980 ин гурӯҳ мушовири 13 маркази таҳқиқотиро бо 750 коршиноси аршад ва беш аз 6000 корманд пуштибонӣ бо буҷаи солонаи болиғ бар 200 миллион доллар пуштибонӣ мекард. Ин гуна марказҳои таҳқиқоти байналмилалӣ мукаммили муассисоти таҳқиқоти миллӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа буданд. Ин амр озмоишҳои маҳаллиро барои интихоб ва тарвиҷи базр бо боздеҳи боло мутаносиб бо шароити маҳаллӣ анҷом медоданд.

Натиҷаҳои ҳосил аз пажӯҳишҳои ин марказҳо дар даҳаҳои 1960 ва 1970 тавони бештаре ба инқилоби сабз дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа дод ва тавсеаи кишоварзӣ дар ин гуна кишварҳо шитоби бештаре гирифт, ба тавре ки тавлиди гандум дар байни солҳои 1967-1979 дар Ҳиндустон се баробар шуд ва дар ин кишвар, ки дар соли 1966 барои пешгирӣ аз қаҳтӣ маҷбур ба ворид кардани 10 миллион тон гандум шуда буд, дар соли 1980 ба худкифоии гандум расид. Дар ҳамин даҳаҳо Индонезия ва Чин ба мозоди тавлид дар заминаи ғалладонагӣ даст ёфтанд.

**3. Мозоди нерӯи кор дар бахши кишоварзӣ.** Мозоди нерӯи кори кишоварзӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа, таваҷҷуҳи бисёре аз иқтисоддононро ба худ ҷалб кардааст. Ин мавзӯъ баёнгари он аст, ки метавон бахше аз нерӯи кори шоғил дар бахши зироатро бидуни ин ки мизони тавлиди маҳсулоти зироӣ коҳиш ёбад, хориҷ кунад. Ин мавзӯъ баёнгари ин аст, ки дар ин кишварҳо баҳравории ниҳоии нерӯи кор дар бахши зиорат 0 ва ё наздик ба 0 аст ва ин амр ношӣ аз афзоиши сареи ҷамъият дар ин ҷомеаҳо ва иштиғоли онҳо дар бахши кишоварзӣ аст. Оморҳои мавҷуд нишон медиҳанд, ки ҷамъияти ҷаҳон дар қарни XX ду баробар шуда, ҳудуди 2,3 ин афзоиши ҷамъият дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа ва бахусус Осиё, ки умдатан ношӣ аз коҳиши маргу миранд, сурат гирифтааст. Акнун дар кишварҳои фақир аксарияти ҷамъият бино ба далелҳои ошкор дар бахши кишоварзӣ иштиғол доранд. Ҳамчунон ки ғизо ҷузъи ақломи аслии масрафӣ дар кишварҳои камдаромад ҳаст, талош барои пайдо кардани ғизои муносиб бахши бузурги замон ва манобеи онҳоро ба худ ихтисос медиҳад. Дар чунин кишварҳо рушди сареи ҷамъият табиатан ба афзоиши ҷамъияти зироӣ анҷомидааст, дар ҳоле ки замин, сармоя ва фунуни тавлид, ё ҳамчунон собит боқӣ монда, ё ин ки аз афзоиши кофӣ бархурдор набудааст. Бинобар ин, бо афзоиши фишори ҷамъияти зироӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа, мазореъ кӯчак ва кӯчактар мешаванд ва амалан камкорӣ ва бекории пинҳон дар ин ҷомеаҳо ба вуҷуд меоянд ва баҳравории ниҳоии нерӯи корро коҳиш медиҳанд. Дар ин фароянд вуҷуди ҷамъияти изофӣ, илзоман маҳсули ниҳоиро ба камтар аз маҳсули мутавассит коҳиш дода, рушди бештари ҷамъият сатҳи мутавассити масрафро поин меоварад, зеро нерӯи кори мозод саҳми камтаре дар тавлид нисбат ба мутавассити кори як коргар дорад. Бинобар ин, маҳсули мутавассити сарона коҳиш меёбад. Ин фароянд ношӣ аз ин воқеият аст, ки фурсатҳои ошкори иштиғол ба далели вуҷуди сохторҳои инъитофнопазири иҷтимоӣ, бесаводии нерӯи кор ва фиқдони тахассуси лозим, ба иштиғоли онҳо дар соири бахшҳо маҳдуд буда, иҷборан мозоди нерӯи кор ба бахши кишоварзӣ таҳмил мегардад.

**4. Кишоварзии нокоромад.** Кишоварзии нокоромад яке дигар аз хусусиятҳои бахши кишоварзӣ дар ҷомеаҳои дар ҳоли тавсеа аст. Ин бахш аз иқтисод ба иллати қудрати тавлидии поин ба сахтӣ метавонад ҷамъияти рустоӣ ва ҷамъият дар ҳоли рушди ҷомеаи шаҳриро тақзия кунад. Аз ин назар шикофи фазояндае байни бахши кишоварзӣ дар кишварҳои тавсеаёфта ва кишварҳои дар ҳоли тавсеа вуҷуд дорад. Бар асоси додаҳои мавҷуд, ин шикоф дар оғози қарни XXI ба 40 баробар расидааст. Дар кишварҳои тавсеаёфта, тавлиди кишоварзӣ аз миёнаҳои қарни XVIII пайваста дар ҳоли рушд будааст. Сатҳи болои баҳравории нерӯи кор ва замин умдатан дар натиҷаи пешрафтҳои технологӣ ва биологӣ будааст. Ин нархи рушд пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ суръати бештаре ба худ гирифт. Дар натиҷа бахши кишоварзӣ тавонист бо теъдоди каме аз нерӯи кори мозод тавлиди бештаре ба даст оварад. Ба тавре ки ҳамакнун дар бисёре аз ин кишварҳо камтар аз 5% нерӯи кор дар бахши кишоварзӣ иштиғол доранд, ва бахши умдае аз ниёзи хӯрокаи ҷаҳонро тавлид

мекунанд. Кишварҳои дар ҳоли тавсеа тасвири комилан мутафовитеро таҷриба мекунанд. Дар қолаби ин кишварҳо, равишҳои тавлиди кишоварзӣ, равишҳои тавлиди кишоварзӣ дар тӯли замон ба кундӣ тағйир ёфтааст ва ҳамин амр бахши кишоварзиро дар ин кишварҳо бо нокоромадӣ мувоҷеҳ кардааст. Бештари ин рекорди технологӣ, ки дар натиҷаи шароити хоси кишоварзӣ ва маишатӣ ба вуҷуд омадааст, зеро ба қавли Вайтс (1971) дар назди теъдоди касире аз хонаводаҳои кишоварз, ки аъзояшон нерӯи кори аслии кишоварзиро ташкил медиҳанд. Кишоварзӣ сирфан як ҳирфа ва ё манбаи даромад нест, балки як шеваи зиндагӣ аст. Ин амр бахусус дар ҷомеаҳои суннатӣ ошкор аст.

**5. Талош барои интиқол аз кишоварзии маишатӣ ба кишоварзии тахассусӣ.** Дар фароянди такомули тавлиди кишоварзӣ, интиқол аз кишоварзии маишатӣ ба кишоварзии мухталит ва сипас ба кишоварзии тахассусӣ масире аст, ки барои тавсеаи бахши кишоварзӣ қобили тасаввур аст. Ин масир тавассути кишварҳои тавсеаёфта тай шуда, ба натиҷаҳои муваффақе даст ёфтааст. Агарчи ин фароянди интиқол, ҳанӯз ба унвони хусусияти ғолиби иқтисоди кишоварзии кишварҳои дар ҳоли тавсеа матраҳ намешавад, аммо бархе аз ин кишварҳо ба унвони ҷомеаҳои пешрав қадамҳоеро дар ин масир бардоштаанд ва бархе дигар ба дунболи таҷриба кардани масири тавсеа дар бахши кишоварзии худ ҳастанд. Аз ин манзар интизор меравад, ки дар қарни XXI ин мавзӯъ аз хусусиятҳои умумии кишоварзии кишварҳои дар ҳоли тавсеа бошад. Дар фароянди интиқол аз кишоварзии маишатӣ ба кишоварзии тахассусӣ се марҳилаи асосӣ вуҷуд дорад. Нахустин марҳила кишти маишатӣ аст, ки аз баҳраварии поине бархурдор аст. Дуюмин марҳиларо метавон кишоварзии мухталит номид, ки дар он қисмате аз маҳсул барои масрафи шахсӣ ва қисмати дигар барои фурӯш ба бахши тиҷорӣ кишт мегардад. Ин ду марҳила тавассути кишварҳои тавсеанаёфта дар ҳоли таҷриба шудан мебошад. Билохира марҳилаи сеюм кишти тахассусӣ бо баҳраварии болост, ки мутаносиб бо салиқаи бозор тавлид мегардад. Аммо чунин интиқоле танҳо мусталзами таҷдиди сохти созмони иқтисоди кишоварзӣ ё корбурди технологияҳои ҷадиди кишоварзӣ нест, зеро ҳамон тавре ки қаблан баён гардид, дар аксари ҷомеаҳои дар ҳоли тавсеа кишоварзӣ сирфан фаъолияти иқтисодӣ намебошад, балки як шеваи зиндагӣ аст.

Таҳлили амиқтари шароити кишоварзӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа баёнгари ин воқеият аст ки, агар ба табдили як низоми кишоварзии суннатӣ, ки тайи наслҳои мутадовил будааст, ба як низоми кишоварзии тиҷорӣ бисёр тахассусӣ биандешем, чандон воқеъбинона нахоҳад буд. Кӯшиш барои маъмул сохтани маҳсулоти қобили мубодила бо пул дар мазореи маишатӣ, ағлаби натиҷа ҷуз аз даст рафтани замини рустоӣ ба нафъи вомдиҳандагони пул ва ё моликини замин нахоҳад дошт. Дар назди зореони кӯчак, иттикои сирф ба маҳсулоти қобили мубодила бо пул дар муқоиса бо анҷоми кишоварзии маишатӣ мухотираомезтар аст, зеро хатароти навасони қиматҳо бар ноамнии табиат изофа мекунад. Ба ҳамин далел, кишти мухталит намоёнгари аввалин қадами мантиқӣ дар гузор аз тавлиди маишатӣ ба тахассусӣ аст. Дар ин марҳила, маҳсулоти зарурӣ бар тавлиди мазраа ғолиб аст. Ин амр бахусус дар аксари кишварҳои дар ҳоли тавсеа, ки нерӯи кори рустоӣ барои баҳрабардории беҳтар ва коротар хеле зиёд вуҷуд дорад, матлуб аст. Муваффақият ё шикасти чунин кӯшишҳое барои таҳаввули кишоварзии суннатӣ на танҳо ба тавон ва маҳорати зореъ дар афзоиши баҳравариаш вобастагӣ дорад, балки бештар аз он ба шароити иҷтимоӣ тиҷорӣ ва ниҳодӣ, ки зореъ бояд таҳти он амал кунад, маҳдуд аст. Агар зореъ ба эътибори иттилоот, эътиборот, тасҳилоти бозорёбӣ, куд, об ва ғайра дастрасии қобили қабул ва қобили эътимоде дошта бошад ва эҳсоси итминон кунад, ки худ ва хонаводааш мунтафишавандаи аслии ҳар гуна беҳбудӣ ҳастанд, бешак зореини суннатӣ нисбати ба ангезаҳои иқтисодӣ ва мавқеиятҳои ҷадид барои беҳбуди сатҳи зиндагиашон вокуниш нишон медиҳад. Бо дастёбӣ ба булуғи лозим дар ин марҳила, ки теъдоди қобили таваҷҷуҳе аз кишварҳои дар ҳоли тавсеа ба он даст ёфтаанд, бархе аз кишоварзони пешрав ба эҷоди мазореи тахассусӣ рағбат пайдо мекунанд. Дастёбӣ ба ҳадди аксари суду боздеҳи боло дар ҳар гектар аз ҳадафҳои ин марҳила аз тавсеаи кишоварзӣ аст.

### АДАБИЁТ


1. Грифин Гит. Роҳбурдҳои тавсеаи иқтисодӣ / Грифин Гит. Тарҷумаи Ҳусейни Роғфар ва Муҳаммадҳусейни Ҳошимии Нашранӣ. -1382.
2. Ричард П.М. Роҳҳои гуногуни тавсеаи иқтисодӣ / П.М. Ричард. Тарҷумаи Аҳмади Муҷтаҳид. Интишороти Алома Таботабоӣ, 1376.

3. Ҷералд М. Мабҳасҳои асосии иқтисоди тавсеаи / М. Ҷералд. Тарҷумаи Ғуломризо Озод. Нашри Най, 1378. - Ҷ.1.
4. Griffin Keith. The political economy of ayrarion chanye / Griffin Keith. –London: Nacmillan, 1975.

## ОСОБЕННОСТИ ЭКОНОМИКИ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА РАЗВИВАЮЩИХСЯ СТРАН

Развивающиеся страны характеризуются и рассматриваются как более или менее единая группа с определенными интересами. Разные условия, в которых находятся эти страны, отражаются на темпах их экономического развития. Рост сельского хозяйства имеет очень важное значение для сокращения бедности в этих странах. В данной статье автор рассматривает особенности экономики сельского хозяйства в развивающихся странах.

**Ключевые слова:** развивающиеся страны, рост сельского хозяйства, сокращение бедности, экономика сельского хозяйства развивающихся стран.

## FEATURES OF THE RURAL ECONOMY IN DEVELOPING COUNTRIES

Developing countries are defined and treated as more or less a group with certain interests. Different conditions that these countries affect the pace of their economic development. Agricultural growth is important for poverty reduction in these stranah this article the author considers the peculiarities of the rural economy in developing countries.

**Key words:** developing countries, agricultural growth, poverty reduction, rural Economics of developing countries.

**Сведения об авторе:** ***Али Алимардони*** – соискатель Таджикского национального университета.
Телефон: **9121819323.** E-mail: **Alialimardani@yahoo.com**

# САРМОЯИ ХОРИҶӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Т.Т. Холов***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сармояи хориҷӣ бо мақсади амалигардонии бозсозии сохторӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ҷалб карда мешавад. Дар ин маврид дар баробари захираҳои иловагии моддию молиявӣ инчунин техникаю технологияҳои пешқадами хориҷӣ, таҷҳизот, таҷрибаи роҳбарӣ ва ғайра ҷалб гардида, ҷойҳои нави корӣ ташкил карда мешаванд.

Коршиносон сармояи хориҷиро ҳамчун маблағгузориҳои дарозмӯҳлат ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, инфрасохтор, бахши аграрӣ барномаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи табиат ва ғайра, ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам берун аз он бо мақсади рушди истеҳсолот, соҳаҳои иҷтимоӣ, соҳибкорӣ ва афзун намудани даромаднокӣ баррасӣ, менамоянд. Дар сатҳи макроиқтисод сармояи хориҷӣ барои тадбиқи сиёсати такрористеҳсолӣ васеъ, суръатбахшии прогресси илмӣ - техникӣ беҳтар намудани сифат ва таъмини рақобатпазирии маҳсулотҳои ватанӣ, бозсозии сохтории иқтисодиёт ва рушди мутавозуни ҳамаи соҳаҳои он, ташкили заминаи ашёи саноатӣ, рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, мушкилоти бекорӣ ва ғайра ҳамчун асос баромад карда метавонад

Метавон қайд кард, ки сармояи хориҷӣ дар сатҳи микроиқтисод низ мавқеи назаррас доранд. Он барои таъмини фаъолияти муътадили корхона, ҳолати устувории молиявӣ ва ҳадди имкон зиёд намудани фоидаи субъектҳои хоҷагидор зарур аст. Бе сармоягузорӣ таъмини рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, хариди коғазҳои қиматнок ва ҷалби воситаҳо ба активҳои корхонаҳои дигар ва ғайраҳо имконнопазир аст.

Барои тадбиқи фаъолияти сармоягузорӣ, ҳам дар сатҳи макро ва ҳам дар сатҳи микро, моро зарур аст, ки навъу намудҳои сармояро бо тамоми ҷузъиёташ нишон диҳем. Рушди саноатии бештари кишварҳо ва ҳамгироии онҳо ба иқтисодиёти ҷаҳон, то андозае ба туфайли сармояи хориҷӣ метавонанд ба кишвари қабулкунанда барои ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳон мусоидат намояд Дар шароити муосир ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти дилхоҳ мамлакат имкониятҳои зеринро фароҳам меоварад:

- **Воридшавии технологияҳои нав**. Сармоягузорони калонтарини хориҷӣ ба қатори ширкатҳои нисбатан рақобатнок дохил шуда, дастовардҳои фаоълияти худро дар ҳама марҳилаҳои истеҳсолот то ташкилнамоии бозорҳои фурӯш ва ҷойгиркунии воситаҳои истеҳсолии худ дар кишварҳои гуногун истифода мебаранд. Кишварҳое,

ки сармояи хориҷиро фаъолона ҷалб карда тавонистанд, таъсири бебаҳои онро ба рушди базаи индустриалии худ ҳис мекунанд.

- **ташкили ҷойҳои нави корӣ**. Дар кишварҳое, ки иқтисодӣ миллии онҳо дар ҳолати гузариш қарор дорад, масъалаи асосии шуғли нопурра ё худ бекорӣ доимо афзоишёбанда мебошад. Кӯшишҳои коҳиш додани бекорӣ бо истифодаи чораҳои ташкили ҷойҳои корӣ дар сектори давлатӣ на ҳама вақт ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда мерасонад. Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бошанд, ҷойҳои нави кориро бо хароҷотҳои камтарин ва бо истифодаи технологияҳои ҳозиразамон ташкил карда метавонанд
- **Рушди содирот**. Сармоягузориҳои фаъоли хориҷӣ боиси афзоиши содирот аз кишварҳои қабулкунанда ба кишварҳои ҳамсоя ва воридоти асъори озод мубодилашавандаро таъмин мекунад, ки барои рушди устувори иқтисодиёт ҳаётан муҳим аст. Асъори озод мубодилашаванда барои пардохти қарзи беруна, хариди молҳои хориҷӣ, инчунин барои сармоягузориҳои дохилӣ бениҳоят зарур аст.

Таҳлили равандҳои глобалии инвеститсионӣ дар ҷаҳон нишон медиҳад, ки ҷалби сармояи хориҷӣ барои кишварҳои қабулкунанда ҳам оқибатҳои мусбӣ ва ҳам оқибатҳои манфии худро доро мебошад.

Ба назари мо нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон бартариятҳои ҷалби сармояи хориҷӣ инҳо буда метавонад:

- ✓ заминагузорӣ намудан барои ҳамгироии иқтисоди миллии Тоҷикистон ба низоми ҳамгироии ҷаҳонӣ, ки барои рушди содирот тавассути баровардани маҳсулоти ватанӣ ва муштарак ба бозорҳои ҷаҳонӣ шароит фароҳам меоварад;
- ✓ фаъол гардонидани рақобат байни корхонаҳои ватанию хориҷӣ;
- ✓ тезонидани суръати барқароркунии иқтидори соҳаҳои асосӣ, аз қабили гидроэнергетика, нақлиёт, алоқа ва ғайра, ки рушди иқтисодиёти ҷумҳуриро дарояндаи наздик муайян месозад;
- ✓ васеъ кардани базаи андозбанди эҳтимол воридоти маблағҳои иловагиро ба қисми даромади чи буҷети ҷумҳурӣ ва чи маҳаллӣ таъмин месозад, ки барои устувории иҷтимоии ҷомеа заминагузорӣ менамояд;
- ✓ баланд бардоштани дараҷаи бо кор таъминкунӣ ва даромади аҳолӣ ва бо ҳамин васила беҳдошти некӯаҳволии халқ;

Оқибатҳои манфии баланд бардоштани фаъолнокии сармоя дар асоси сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

- вобастагии номатлуби иқтисодӣ ва сиёсӣ аз сармоягузорон;
- одатан сармоягузорони хориҷӣ истеҳсолот, тиҷорат ва бахши хизматрасониро меписанданд;
- сармоягузориҳо бештар диққати худро ба лоиҳаҳои кӯтоҳмуддат ва сердаромад равона менамоянд;
- воридшавии воситаҳои меҳнат ва технологияҳои кӯҳна;
- сармоягузорони хориҷӣ метавонанд дар асоси принсипи 50 ба 50 ба моликияти саҳомӣ дохил шаванд ва баъдан соҳиби бастаи назоратии саҳмияҳо гашта, талаботҳои ғайриқонунии худро ба ҷониби Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Ногуфта намонад, ки яке аз омилҳои асосӣ барои ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ин фазои сармоягузории мусносиб мебошад.

Дар бобати фазои сармоягузорӣ ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки фазои сармоягузорӣ омилҳои хусусияти ҳуқуқӣ, сиёсӣ, рӯҳӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, фискалӣ, табиӣ, ҷуғрофию сохторӣ ва ташкилидошта, ки ба ҷалби сармоя мусоидат ва ё дар ин роҳ монеа эҷод менамоянд [1 ].

Пурсиши коршиносон муқаррар намудааст, ки фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои қиматҳои зерин мебошад:

- ➢ қонунгузории мамлакат ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллали ва ҳамкорӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ пурра мутобиқат намекунад;
- ➢ фишангҳои ҳуқуқии суғуртакунӣ ва ҳимояи ҳаёту саломатии сармоягузорон, моликияти онҳо, инчунин тақсими хавфҳо ҳангоми соҳибкории муштарак вуҷуд надорад;
- ➢ дарҷаи самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи миёна аст;
- ➢ сатҳи муътадили сиёсати фискалӣ миёна аст;
- ➢ имконияти пешниҳоди имтиёзҳои андозиву гумрукӣ;

- мавҷуд будани ҳуқуқу имкониятҳои баробар барои иштироки сармоягузорони ватанию хориҷӣ дар масъалаи хусусигардонии амволи давлатӣ мавҷуд аст;
- имконияти ташкили корхона пурра бо сармояи хориҷӣ мавҷуд аст;
- дараҷаи озод будани савдои хориҷӣ ва танзими нархҳо миёна аст;
- ҳолати инфросохтори истеҳсолӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ (таъмини қувваи барқ, роҳҳо, алоқа, нақлиёт ва ғайраҳо) дар сатҳи зарурӣ нест.

Тибқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар нуҳ моҳи соли 2013, 486,8 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 207,2 млн. доллари ИМА қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида, 209 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақим ва 0,6 млн. доллари ИМА сармоягузории портфелӣ мебошанд.

Зимнан бояд қайд намуд, ки воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар нуҳ моҳи соли 2013 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 59,7 млн. доллари ИМА ва воридоти дигар намуди сармоягузориҳо бошад, 21,3 млн. доллари ИМА зиёд шудааст.

Қарзҳои мазкур асосан ба соҳаҳои хизматрасонии молиявӣ- 83,55 млн. доллари ИМА (30,14%), сохтмони роҳҳои автомобилгард - 58,14 млн. доллари ИМА (20,97%), нақлиёти ҳавоӣ - 46,0 млн. доллари ИМА (16,59), омӯзиши геологӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок - 41,27 млн. доллари ИМА (14,89%), алоқа- 13,79 млн. доллари ИМА (4,97%), обтаъминкунӣ ва соҳилмустаҳкамкунӣ- 10,24 млн. доллари ИМА (3,69%), сохтмон- 1,32 млн. доллари ИМА (0,48%), кишоварзӣ- 1,94 млн. доллари ИМА (0,70%), сохтмони мактабҳои миёна -0,03 млн. доллари ИМА (0,01%) ва ба дигар соҳаҳо (таҷҳизоти технологӣ) -20,93 млн. доллари ИМА(7,55%) равона гаштаанд.

**Воридоти сармояи хориҷӣ аз рӯйи дигар намуди сармоягузориҳо:**

***Диаграмма №1***




Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ асосан ба соҳаҳои саноат - 92,28 млн. доллари ИМА (44,16%), алоқа- 40,33 млн. доллари ИМА (19,30%), хизматрасонии молиявӣ- 27,82 млн. доллари ИМА (13,31%), сохтмон- 23,99 млн. доллари ИМА (11,48%), омӯзиши геологӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок -10,54 млн. доллари ИМА (5,05%), савдо - 6,06 млн. доллари ИМА (2,90%), нақлиёти ҳавоӣ - 2,35 млн. доллари ИМА (1,12%), нақлиёт- 2,50 млн. доллари ИМА (1,20%), кишоварзӣ- 1,15 млн. доллари ИМА (0,55%), саноати хӯрока-0,96 млн. доллари ИМА (0,46%),

тандурустӣ-0,04 млн. доллари ИМА (0,02%) ва ба дигар соҳаҳо(таҷҳизоти технологӣ) бошад, 0,92 млн. доллари ИМА (0,44%) равона шудааст.

**Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳо:**

***Диаграмма №2***




Дар нуҳ моҳи соли 2013 сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз ҷониби Ҷумҳурии Халқии Хитой - 177,38 млн. доллари ИМА-36,49% (хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ, монтажи таҷҳизоти технологӣ, саноат, сохтмон), Федератсияи Россия - 69,71 млн. доллари ИМА - 14,34% (сохтмон, алоқа, омӯзиши геологӣ, хизматрасонии молиявӣ, тандурустӣ, саноат ва дигар намуди хизматрасонӣ), Ҷумҳурии Туркиё - 53,13 млн. доллари ИМА - 10,93% (нақлиёти ҳавоӣ), Британияи Кабир - 22,19 млн. доллари ИМА-4,57% (омӯзиши геологӣ- истихроҷ, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, истихроҷи ангишт, саноат), Филиппин - 20,65 млн. доллари ИМА-4,25% (сохтмони роҳ, хизматрасонии молиявӣ), Ҷумҳурии Исломии Эрон- 18,0 млн. доллари ИМА-3,70% (хизматрасонии молиявӣ, сохтмон, энергетика, саноати хӯрока, савдо), давлати Қатар- 17,94 млн. доллари ИМА - 3,69% (сохтмон), Шветсария - 16,85 млн. доллари ИМА - 3,47% (омӯзиши геологӣ, маориф), Аморати Муттаҳидаи Араб - 16,74 млн. доллари ИМА- 3,45% (хизматрасонии молиявӣ, сохтмони роҳ, дигар намуди хизматрасониҳо), Нидерланд-15,60 млн. доллари ИМА- 3,21% (хизматрасонии молиявӣ, алоқа), Люксембург - 12,53 млн. доллари ИМА - 2,58%(хизматрасонии молиявӣ) ворид гардидаанд.

Дар нуҳ моҳи соли 2013 воридоти сармояи хориҷӣ бештар ба шаҳри Душанбе – 61,55% (299,2 млн. долл. ИМА), Вилояти Суғд – 18,87% (91,74 млн. долл. ИМА), Вилояти Хатлон – 18,07% (87,9 млн. долл. ИМА), Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 0% (0,0 млн. долл. ИМА) ва ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад – 1,51% (7,3 млн. долл. ИМА) равона гардидааст.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар нуҳ моҳи соли 2013 аз ҷониби 77 ширкатҳо ва 27 давлати ҷаҳон ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 31 ширкат ва 2 давлат зиёд мебошад.

Дар охир ҳаминро бояд қайд намоем, ки ҷалб ва истифодаи оқилонаи сармояи хориҷӣ яке аз самтҳои ҳамкориҳои мутақобилаи судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ мебошад. Сармояи хориҷӣ ба рафти дигаргунсозиҳои иқтисодии ҷумҳурӣ таъсири назаррас мерасонад. Бинобар ин, муҳим аст, ки оқибатҳои имконпазири мусбату манфии ҷалби сармоягузориҳо воқеъбинона баҳогузорӣ шуда, сиёсати сармоягузорӣ ба манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми он ҷавобгӯй бошанд.

**АДАБИЁТ**

1. Зоиров Р.Х. Иностранные инвестиции: проблемы привлечения в Таджикистан и международные стандарты защиты / Р.Х. Зоиров. -Душанбе: Дониш, 1996.

2. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. АОНПҶТ. -Душанбе, 2013.
3. Ҳисоботи нуҳмоҳаи соли 2013-уми Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатии ҶТ.
4. Вазъи иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2008-2012. Маълумотҳои Агентии омори назди Президенти ҶТ.
5 Сузуки М. Макроиқтисоди кушод ва инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ / М.Сузуки, А.А. Солиев. - Душанбе, 2007.

**ИНОСТРАННАЯ ИНВЕСТИЦИЯ И ЕГО РОЛЬ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

В статье исследованы некоторые аспекты привлечения иностранных инвестиций в условиях Республики Таджикистан. Также представлеы перспективные направления привлечения иностранных инвестиций в развитие национальной экономики Таджикистана.

**Ключивые слова:** инвестиция, иностранные инвестиции, инвестиционный климат, инвестиционная деятельность, прямые инвестиции, инвестиционный риск.

**FOREIGN INVESTMENT AND ITS ROLE IN THE ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article examines some aspects of attracting foreign investment in the Republic of Tajikistan. Also presented promising direction attraction of foreign investment in the development of national economy of Tajikistan.

**Key words:** investment, foreign investment, investment climate, investment, direct investment, investment risk.

**Сведения об авторе:** ***Т.Т. Холов*** – аспирант кафедры международных экономических отношений ТНУ. Телефон: **935-28-07-00**. E-mail: **tohir.1988kh @mail.ru**

# ТАҲЛИЛИ ЗАРУРАТИ ОМӮЗИШИ МАНОБЕИ ИНСОНИИ ГАРДИШГАРӢ ВА ҲОТЕЛДОРӢ

***Аббос Шириён***

**Муассисаи омӯзиш, мутолиот ва мушовараи саёҳатии гардишгарони бунёдии Эрон**

Гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ ба унвони фаъолиятҳои чандгона, доманаи густардае аз машғили мутанаввеъ бо шароити хосе, сармояи инсониро арза мекунанд. Дарвоқеъ нерӯи инсонӣ барои ироаи хадамоти гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ, як омили ҳаётӣ аст ва инсонҳо ба унвони як буъди ҳассос ва муҳим дар роҳандозӣ ва идораи касбу кор дар гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ матраҳ мебошанд. Дар гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ кайфияти хизматрасонӣ вобаста ба шоистагӣ ва ангезиши коркунон аст. Шоистагии манобеи инсонӣ низ ба омили ёдгирии онҳо вобаста аст. Аз он ҷо ки гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ ҷузъи риштаҳое ҳастанд, ки шуғлҳои марбут ба онҳо ба таври мустақим бо омӯзиши маҳоратҳои хоси онҳо эҷод мешаванд, нақше, ки омӯзиш дар тавсеаи манобеи инсонии ин фаъолиятҳо дорад, бисёр қобили аҳамият аст. Чароки манобеи инсонии коромад дар гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ, ки ҷузъи фаъолиятҳои инсонмеҳвар ҳастанд ва бештарин иртиботро бо инсонҳо барқарор мекунанд, метавонанд муҷиби ироаи хадамоти бокайфият ва баровардани ризоияти муштариён гарданд, ки ин худ, заминаҳои тавсеаи гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ дар ҳар кишвареро фароҳам менамояд. Дар ин мақола аз равиши таҳқиқи тавсифӣ – таҳлилӣ истифода шудааст. Ба ин манзур бо истифода аз равиши аснодӣ ва мутолиоти китобхонаӣ таҳқиқоти байналмилалӣ дар бораи мавзӯи мавриди баррасиро мурур намуда, дар таҳлили ниҳоӣ зарурати омӯзиши манобеи инсонии гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ ва нақши он дар афзоиши зарфиятҳои шуғлии нерӯи инсонии муртабит бо ин риштаи фаъолиятҳо, мавриди таъкид қарор гирифтааст. Ҳадаф аз нигориши ин мақола, баррасӣ ва таҳлили аҳамияти омӯзиш дар тавсеа ва тарбияти манобеи инсонии гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ аз тариқи афзоиши қобилиятҳои шуғлии онон мебошад. Бар асоси натиҷаҳои таҳқиқ, гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ бахшҳое ҳастанд, ки ба далели хусусиятҳои сохтории муҳим дар байни фаъолиятҳои иқтисодӣ, мутамоиз аз фаъолиятҳои дигар мебошанд. Ин хусусиятҳо тавсеаи манобеи инсонии бокайфият ва арзишмандро иҷтинобнопазир месозад. Бинобар ин, ҷиҳати тарбияти манобеи инсонӣ мутаносиб бо фаъолиятҳои гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ, тақвияти бунёдҳои маҳоратии фикрӣ ва амалӣ аз тариқи омӯзишҳои илмӣ ва корбурдии нерӯи инсонӣ зарурат меёбад. Дар ин байн, донишгоҳҳо ва муассисаҳои омӯзиши илмӣ-корбурдии гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ, нақши муҳимеро бозӣ мекунанд.

Дар байни фаъолиятҳои иқтисодӣ, гардишгарӣ фаъолияти мутанаввеъ ва чандгона аст. Мушаххасаҳои гардишгарӣ нишон медиҳад, ки ин бахш, хусусиятҳои

муҳиме дорад, ки муртабит бо инсонҳо мебошад. Нақше, ки тавсеа ва тарбияти манобеи инсонӣ дар афзоиши баҳравари ва кайфият дар тамоми сатҳҳо дар байни созмонҳо, мақсадҳо ва кишварҳо бозӣ мекунад, бисёр қобили аҳамият аст.

Омӯзиш навъи сармоягузории муфид як омили калидӣ дар тавсеа маҳсуб мешавад, чунончи ба дурустӣ ва шоистагӣ барномарезӣ ва иҷро шавад, метавонад боздеҳи иқтисодии қобили мулоҳизае дошта бошад. Ироаи омӯзиши асарбахш дар як созмони пешрафта мусталзами тафаккури ҷадид, моделҳои ҷадид, рӯйкарди ҷадид, абзорҳо ва механизмҳои ҷадид аст. Дар ин мақола саъй бар он будааст, то бо мурури адабиёти байналмилалии масъала, моҳияти риштаи фаъолияти гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ ва манобеи инсонии муртабит бо он мавриди баррасӣ қарор гирад ва бар аҳамият ва нақши омӯзиши илмӣ – донишгоҳӣ ва корбурдӣ – ҳирфаии нерӯи инсонии ҳотелдорӣ ва гардишгарӣ таъкид гардад ва абъоди мухталифи он мавриди баррасӣ қарор гирад.

**Моҳияти гардишгарӣ ба унвони як бахши иқтисодӣ ва таъсири он бар тавсеаи манобеи инсонӣ**. Дар байни фаъолиятҳои иқтисодӣ, гардишгарӣ бештар ба василаи танаввӯъ дар шароит ва завобити созмонӣ, моликиятӣ ва амалиётӣ мушаххас мешавад. Дарвоқеъ бисёре аз тафсиркунандаҳо, эътибор ва дурустии истифода аз як вожаи фарогир ба номи «санъатро» мавриди суол қарор медиҳанд, зеро гардишгарӣ хусусиятҳои як бахш, ки шомили доманаи густардае аз амалиётро дар ҳавзаҳои умумӣ, хусусӣ ва довталабона дар бар мегирад. Ин ноҳамоҳангӣ яке аз хусусиятҳои мушаххаси ин бахш аст ва бар рӯйи тамоми ҷанбаҳои амалиёт, бозорёбӣ, таъмини молӣ ва дарвоқеъ тавсеаи манобеи инсонӣ таъсир мегузорад. Фарҳанги гардишгарӣ, иштирокӣ нест ва ҳар зербахше тамоюл дорад, ки ба равиши мустақил ва ба сурати худмухторона фикр ва амал кунад.

Борҳо гуфта шудааст, ки инсонҳо барои ироаи хадамоти гардишгарӣ, як омили ҳаётӣ ҳастанд. Манзур касоне ҳастанд, ки ба густардагӣ дар гардишгарӣ кор мекунанд. Дарвоқеъ инсонҳо ба унвони як буъди ҳассос ва муҳим дар роҳандозӣ ва идораи касбу кор ва тиҷорат дар ин бахш матраҳ мебошанд.

Бинобар он чи зикр гардид, гардишгарӣ хусусиятҳои муҳиме дорад, ки марбут ба инсонҳо мебошад ва нақше, ки тавсеа ва тарбияти манобеи инсонӣ дар афзоиши баҳраварӣ ва кайфият дар тамоми сатҳҳо дар байни созмонҳо, мақсадҳо ва кишварҳо бозӣ мекунад, бисёр қобили аҳамият аст. Дар ин ҷо ба бархе аз ин мушаххасот ишора мешавад:

- Гардишгарӣ фаъолияти чандгона аст ва бахшҳои мухталифи гардишгарӣ доманаи густардае аз машоғил бо танаввӯе аз шароити хоси сармояи инсониро арза мекунад.
- Гардишгарӣ дорои дугонагӣ аст, ба ин маъно ки дар он ширкатҳои чандмиллиятии бузург бо касбу корҳои кӯчаки миқёс (SMEs) ва муассисаҳои бозоргонии кӯчак ҳамзистӣ мекунанд.
- Нақши фасл дар сохторёбии ин ки чӣ гуна амалиёти гардишгарӣ созмон дода мешавад ва афрод идора мешаванд, қобили аҳамият аст, улгуҳои тақозо дар амалиёт, бозорбӣ, таъмини буҷа ва муҳимтар аз ҳама мудирияти манобеи инсонӣ дар касбу корҳои гардишгарӣ чолиш эҷод мекунад.

Ба таври хулоса метавон гуфт, ки машоғили гардишгарӣ дар ҳоле ки тавассути бештари давлатҳо зиёд мавриди истиқбол қарор мегирад, дар натиҷаи омилҳои сохтории мазкур бидуни мушкилот нест ва дар воқеъ гардишгарӣ ба думболи шароити бозори нерӯи инсонии заиф ва маҷмӯаи маҳоратҳои дарёфтшудаи поин, заиф амал мекунад.

Бинобар ин, гардишгарӣ бахшест, ки ба далели хусусиятҳои сохтории муҳим, дар байни фаъолиятҳои иқтисодӣ, мутамоиз аз саноатҳои дигар мебошад. Ин хусусиятҳо, барои корбурд ва пиёдасозии ҳазина ва тавсеаи манобеи инсонӣ ва кайфияти асарбахш ва арзишманд дар бахши хусусӣ монеаҳо эҷод мекунад.

**Як бахши ҷаҳонӣ, як нерӯи кори ҷаҳонӣ.** Бахши гардишгарӣ, фурсатҳои мутанаввеъ ва бешуморе барои зиндагии корӣ дар зербахшҳои мутанаввеъ ва сатҳҳои мутафовит дар саросари ҷаҳон ироа мекунад. Ноҳамгунии ин воқеият, вусъати ҷуғрофиёӣ ва чархаи тақозои иттифоқӣ, ҳам фурсатҳо ва ҳам чолишҳоеро бар хилофи орузуҳо ва интизороти онҳое, ки ба саноати гардишгарӣ ҷазб шудаанд ва низ довталабони ҷадиди нерӯи кор, фароҳам мекунад. Сохтори гардишгарӣ, махсусан муҷиби таҳарруки шуғлӣ, бахусус ба далели тақозои иттифоқӣ дар ин бахш

мешавад. Ба ҳар ҳол, муҳити корӣ дар бисёре аз бахшҳои гардишгарӣ таврест, ки дар он ҷобаҷоӣ ва тағйири нерӯи кор бештар аз бахшҳои дигари иқтисод ҳаст.

**Ёдгирӣ барои шоистагӣ.** Шоистагиҳо ҳамоҳанг бо назарияи касбу кор, ба унвони як созмони ёдгирӣ барои беҳбуди персонал аз назари зарфияти стратегӣ ва ҳалкунандаи мушкилот дар тамоми сатҳҳо матраҳ ҳастанд. Шоистагиҳо аз ин назар ки муҷиби дастёбӣ ба натиҷаҳо мешавад, матлубанд. Барои тавсеаи мафҳуми ҷадид, гурӯҳи кори Аврупо дар бораи беҳбуди омӯзиши ҳирфаӣ дар саноати гардишгарӣ тавассути комиссияи Аврупо ташкили ҷаласа дод ва пешниҳод кард, ки таҳқиқот бояд бар рӯйи равишҳои иртиқо ва боландагии зарфияти афрод мутамарказ шаванд, то афрод аз маҳоратҳои умумӣ, фаннӣ ва фардияшон ва ҳамчунин маҳоратҳои мавриди ниёз барои корбурди маҳоратҳои дигарашон, истифодаи комил намоянд ва бар ин ки чӣ гуна касбу кор метавонад шоистагиҳои афродро дар як вазъияти созмонӣ даргир ва таркиб намояд, таъкид намуд.

**Зарурати омӯзиши илмӣ ва корбурдии манобеи инсонӣ, гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ.** Масъулияти пешрафти манобеи инсонӣ танҳо ба ухдаи созмонҳои ҳотелдорӣ (гардишгарӣ) нест. Ба манзури баррасии моҳияти омӯзиши мудирияти ҳотелдорӣ ва гардишгарӣ, бояд байни омӯзиши илмӣ-донишгоҳӣ ва омӯзиши корбурдӣ – ҳирфаӣ тафовут қоил гардад. Як тафовути куллӣ байни омӯзиши илмӣ ва омӯзиши ҳирфаӣ ин аст, ки омӯзиши илмӣ, асосан тавассути ниҳодҳое мисли донишгоҳҳо сурат мегирад, дар ҳоле ки омӯзиши корбурдӣ маъмулан ба василаи корфармоён (созмонҳо) фароҳам мегардад. Ин тафовут, ки асоси дидгоҳи суннатӣ нисбат ба омӯзиши донишгоҳӣ ва омӯзиши ҳирфаӣ аст, изъон мекунад, ки омӯзиши илмӣ мухтаси мутахассисин ва омӯзиши корбурдӣ мухтаси кормандони фаннӣ ва каммаҳорат аст. Ба ҳар ҳол, имрӯз комилан равшан аст, ки омӯзиши илмӣ-донишгоҳӣ halnametavonad ба унвони як фаъолияти маҳдуд ва муайян дар назар гирифта шавад, ҳамон тавр ки омӯзиши корбурдӣ – ҳирфаӣ наметавонад ба унвони як фароянд мутлақан пайрави шуғл ва асоси пешрафт дар назар гирифта шавад.

Бархе аз натиҷаҳои муҳиме, ки аз тариқи омӯзиши ҳотелдорӣ ва гардишгарӣ қобили дастёбӣ аст, ба ин шарт мебошанд:

- Пешрафти кайфияти хадамотдиҳӣ.
- Тавонмандсозии коркунон аз тариқи муҷаҳҳаз шудан ба персонали комилан омӯзишдида дар тамоми сатҳҳо.
- Нисбати муассири бозорёбӣ, ки ба тавонмандсозӣ вобаста аст.
- Ҳамоҳангӣ, ҳамкории муассир ва рӯҳияи кори гурӯҳӣ дар байни созмонҳои ҳотелдорӣ ва гардишгарӣ.
- Омодагӣ барои таҳарруки пӯёии шуғлӣ, умдатан аз тариқи пешрафти маҳоратҳои забони хориҷӣ.
- Беҳбуди стандартҳои амалиёти ҳотелдорӣ ва гардишгарӣ.
- Шинохти аҳамияти пойдории сиёсатҳои манобеи инсонӣ барои ҳотелдорӣ ва гардишгарӣ.

Мутолиаҳои охир нишон медиҳанд, ки омӯзиши ҳирфаӣ, амалӣ ва таҷрибӣ дар сатҳи олӣ дар кишварҳое, ки шароити лозими омӯзиши ҳирфаии муътабар ва расмӣ комилан муҳайё аст, арзишманд мешавад. Илова бар ин, бозгашти персонали олирутба дар риштаи фаъолияти гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ боиси бозгашти сармоягузории омӯзиши ҳирфаӣ душвор барои арзёбӣ мешавад.

**Зарурати омӯзиш бо ҳадафҳои маҳоратҳои шуғлӣ.** Яке аз ошкортарин асароти тағйир дар сохтори омӯзиши умумӣ ва олии кишвари Эрон, корбурдӣ шудани улуми инсонӣ аз тариқи тафкики он ба риштаҳои мухталиф буд. Тафкики улуми инсонӣ ба риштаҳои мухталифи илмӣ, умдатан бар асоси ҳамон шева ва мантиқе анҷом гирифт, ки дар Мағрибзамин таҷриба шуда буд. Ба ин маъно, ки улуми иқтисодӣ, иҷтимоӣ, адабӣ, ҳунарӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ, ҷуғрофиёӣ, идорӣ, сиёсӣ, тарбиятӣ, парваришӣ, равоншиносӣ ва фалсафӣ, ҳар як бар зершохаҳои тахассуситаре тақсим шудаанд, то битавон бар асоси маҳоратҳои ҳосили он нерӯҳои инсонии моҳиреро дар масъулиятҳои калидӣ ва муртабит бо худ қарор дод.

Ҳадафи аслӣ аз ин тадбир маҳоратҳои шуғлӣ, расидан ба ҳамон мақсаде аст, ки имрӯз бо мафҳуми шоистасолорӣ баён мешавад. Мурод аз шоистасолорӣ вогузории масъулиятҳои тасмимсозӣ ва тасмимгирӣ ба афроди омӯзишдида ва моҳире аст, ки дидгоҳи ҷамъӣ ва манфиатҳои умумиро дар дидгоҳ ва манофеи фардӣ ё синфии худ тарҷеҳ дода, дар ҷиҳати масоилҳои умумии мардум ва кишвар ҳаракат менамоянд. Доктринаи тақсими иҷтимоии кор, ки дар усули мудирият ба кор гирифта мешавад,

доштани маҳорати шуғлиро барои вогузории масъулиятҳо ба далелҳои зер лозим медонад:

- Суръат бахшидан ба тасмимгириҳо.
- Диққат дар иҷрои умур.
- Сарфаҷӯйӣ дар ҳазинаҳо.
- Эҷоди ангеза дар анҷоми кор.
- Ҷалби ризоияти умумӣ ва дастёбӣ ба суботи иҷтимоӣ.
- Пешгирӣ аз танишҳо ва низомманд кардани фаъолиятҳо дар низоми иҷроӣ ва мудириятӣ.

**Аҳамияти омӯзиши ҳирфаии мустамар.** Ба назар мерасад, ки системаҳои омӯзиши ҳирфаии муқаддимоти суннатӣ, афродро барои теъдоди маҳдуде аз машоғили ҳотелдорӣ омода мекунад. Ин шуғлҳо дар ҷадвалҳои шумораи 1 феҳрестбандӣ шудааст. Нақши дақиқи онҳо мумкин аст аз системае ба системаи дигар мутафовит бошад ва дар баъзе системаҳо шуғли мутахҳасиси қазоӣ омода ва сареъ низ ба ин варақа изофа мегардад, дар ҳоле ки шуғлҳо дар заиндагии воқеӣ, ки дар як назми силсиламаротибӣ тақсимбандӣ шудаанд, метавонанд ҷадвале аз сад вазъияти шуғлии мутафовитро ташкил диҳанд.

**Ҷадвали 1. Машоғили аслӣ дар ҳотелҳо ва ресторанҳо**

| Мудиромил | |
|---|---|
| Ресторан | Ҳотел |
| Ошпазӣ | Франт офис (пазиришкунанда) |
| Мизбон | Хонадорӣ |
| Нӯшиданиҳо (мудирияти ғизо ва нӯшоба) | |

Омӯзиши ҳирфаии музтамар дар ин ҳирфа кам аст ва давраҳои коромӯзӣ аз назари теъдод ва кайфият нокофӣ аст. Испания яке аз бахшандатарин тарҳҳои омӯзиши ҳирфаии мустамарро таъмини ҳазина кардааст.

**Нақши муассисаҳои омӯзишӣ.** Ин ки муассисаҳои омӯзишии олӣ нақши муҳиме дар шаклгирӣ ва эҷоди интизороти шуғлӣ доранд, ба сурати як дидгоҳи куллӣ пазируфта шудааст.

Донишгоҳҳо нақши муҳиме дар сохторёбӣ, таҷрибаи фориғут таҳсилот аз назари навъи корӣ, ки онҳо метавонанд дар оянда анҷом диҳанд, ҳуқуқашон, чашмандози ояндаашон, дараҷаи озодӣ ва қудрати тасмимгирие, ки он дар як созмон метавонанд дошта бошанд, доранд.

Дар хусуси ин ки мутолиаи гардишгарӣ воқеан ба куҷо (донишгоҳ ё дабиристонҳо) тааллуқ дорад, ҳеҷ тавофуқи куллӣ вуҷуд надорад. Бинобар ин, рақобати қобили таваҷҷуҳе байни мутасаддиёни давраҳои омӯзишӣ, мушоҳида мешавад. Дар ниҳоят, ҳамаи инҳо боис мешавад, ки дар бисёре аз кишварҳо камбуди тарҳҳои стратегӣ ва роҳбурдҳои хатимаш барои тавсеаи омӯзиши ҳирфаии гардишгарӣ ва омӯзиши илмӣ – академӣ ба вуҷуд ояд.

**Омӯзишкадаҳои фаннӣ ва ҳирфаӣ.** Ин омӯзишкадаҳоро метавон муодили мадориси олии ҳирфаӣ ё мадориси олии фаннӣ ва ҳирфаӣ дар Олмон ва Австрия ва ҳамтоёни онҳо дар соири кишварҳои аврупоӣ ва амрикоӣ донист. Рисолат ва фаъолияти омӯзишкадаҳои фаннӣ ва ҳирфаиро бояд дар уфуқи тӯлонӣ мадди назар қарор дод. Ба ин маънӣ ки фориғут таҳсилони ин омӯзишкадаҳо бояд батадриҷ ҷойгузини нерӯҳои кори камсавод ва таҷрибӣ гарданд, ки бахши васее аз бозори корро ишғол карда, фоқиди корои лозим барои ироаи хадамот ҳастанд.

Ба назар мерасад, ки дар Эрон гурӯҳҳои гардишгарӣ ва ҳотелдории Донишгоҳи ҷомеи имлӣ-корбурдӣ дар ростои афзоиши маҳоратҳои фаннӣ ва корбурдии донишҷӯён ба шеваи илмӣ амал намудааст ва батадриҷ бо пешрафти ин донишкадаҳо ва иртиботи донишгоҳҳои ҷомеи илмӣ-корбурдӣ бо муассисаҳо ва ширкатҳои омӯзиши ҳотелдорӣ ва гардишгарӣ, баданаи манобеи инсонии бахши гардишгарӣ ва ҳотелдории кишвар рӯ ба сӯйи пешрафт гузорад.

**Донишҷӯён.** Афроде, ки моил ба кор кардан бо афроди дигар ҳастанд, ба эҳтимоли зиёд хусусиятҳои шахсиятии бурунгарое ироа мекунанд ва «самти рости мағз»-ро тарҷеҳ медиҳанд. Бинобар ин, донишҷӯёни гардишгарӣ, маъмулан шеваҳои ёдгирии малмус ва ёдигириро ба шеваҳои интизоӣ ва ғайриқобили ламс тарҷеҳ медиҳанд ва ба сурати кунишгар ва фаъол амал мекунанд, то фикрӣ ва вобаста ба

тарзи тафаккур. Ба ибораи дигар, онҳо аз фаъолияти илмӣ лаззат мебаранд, аммо камтар бо назарияпардозӣ ва тафаккуру тааммул роҳат ҳастанд.

Ин хасисаҳо боис мешаванд, ки донишҷӯён зотан мутамоил ба интихоби давраҳои омӯзишии ғайриакадемикӣ бошанд. Инҳо фурсатҳои шуғлии пешрафтаи бисёр каме барои афроде бо маҳоратҳои муносиби гардишгарӣ ва ё шоистагиҳои тахассусӣ ва ҳирфаӣ, бахусус дар сатҳи мудириятӣ ироа мекунад. Дарвоқеъ ҳеҷ нардбони тараққии шуғлӣ вуҷуд надорад, ки ба манзури дастёбӣ ба мавқеиятҳои шуғлии комилан ҳадафманд ва дорои ҳуқуқи кофӣ битавон аз он боло рафт, бахусус ки вуҷуди як шеваи мудириятии падарсолорона имкони муваффақиятҳои шуғлиро ба таъхир меандозад.

Бо вуҷуди ин, донишҷӯён бояд огоҳ бошанд, ки як барномаи шуғлии сирфан мубтанӣ бар маҳорат, заруратан фурсатҳои шуғлии ояндаро маҳор мекунад. Баръакс барномаҳои мафҳумӣ (идрокӣ, фикрӣ), ки дониши музтамарро ба онҳо эъто мекунад, фурсатҳои шуғлии онҳоро афзоиш хоҳад дод.

**Вазъияти шуғлии занон дар ҳотелдорӣ ва гардишгарӣ.** Ба таври суннатӣ занон нақши муҳиме дар бахши ҳотелдорӣ, ресторан ва гардишгарӣ бозӣ мекунанд. Илова бар ин, занон танҳо 4% болотарин машғили олирутбаи ин ҳирфаро ташкил доданд. Бо таваҷҷуҳ ба соатҳои кори маъмул дар касбу кор ва сервиси ғизо, ин вазъият то андозае натиҷаи истеҳкок байни хонавода ва масъулиятҳои шуғлӣ аст. Дастмузди поинтаре, ки ба занон пардохт мешавад, боис мешавад онҳо замони хориҷ аз корро ба баровардани ниёзҳои хонавода ихтисос диҳанд. Барои кӯмак ба ҳалли ин мушкилот бунгоҳҳои иқтисодӣ шурӯъ ба муаррифии барномаҳои хонаводамеҳвар шомили саотҳои кории инъитофпазир, иртиботи телефонӣ ва тарҳҳои муроқибат аз кӯдак намудаанд.

**Шинохти чолиши омӯзиши мудирияти ҳотелдорӣ ва гардишгарӣ.** Дар ростои моҳияти ҳунари мудириятӣ Лоиск изъон мекунад, ки нақши муассисаҳои омӯзиши ҳотелдорӣ бояд тарбияти фориғут таҳсилоне бошад, ки битавонанд фикр кунанд, ки роҳбарӣ кунанд ва мушкилотро ҳал намоянд. Стотез изъон медорад, ки масъулияти омӯзишдиҳандагони ҳотелдорӣ, таркиби авлавиятҳои ин бахш бо ниёзҳои донишҷӯён ва ширкати фаъол барои таҳқиқ ва ҷустуҷӯ дар барномаҳои масъулонаи иҷтимоии ин риштаи таҳсилӣ аст.

Омӯзиши мудирияти ҳотелдорӣ як поя ва асос аст: Фарогирии донишу маҳоратҳо дар бораи мудирият дар равише мушобеҳ бо дигар риштаҳои мудирият ва фарогирии дониш ва маҳоратҳое дар бораи ҳотел ва амалиёти Китринг дар равише мушобеҳ бо давраҳои санъатгарӣ ва синфӣ. Ин ба ин маъно аст, ки омӯзиши мудирияти ҳотелдорӣ метавонад ба унвони таркибе аз дониш ва маҳоратҳои академикӣ-донишгоҳӣ, тахассусӣ-ҳирфаӣ ва санъатӣ дар ҷиҳати ҳадафи баровардани ниёзҳои риштаи фаъолияти ҳотелдорӣ дар назар гирифта шавад.

**Натиҷагирӣ.** Дар ин мақола бар зарурати омӯзиш дар тарбият ва тавсеаи манобеи инсонии гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ таъкид гардид. Гуфта шуд, ки мушаххасаҳои гардишгарӣ нишон медиҳанд, ки ин бахш хусусиятҳои муҳиме дорад, ки марбут ба инсонҳо мебошад ва нақше, ки тавсеа ва тарбияти манобеи инсонӣ дар таъйиди афзоиши баҳраварӣ ва кайфият дар тамоми сатҳҳо дар байни созмонҳо, мақсадҳо ва кишварҳо бозӣ мекунад, бисёр қобили аҳамият аст. Дарвоқеъ, гадишгарӣ ба унвони як санъати ҷаҳонӣ, ки имрӯз аз он ба унвони бузургтарин таҳарруки ҷуғрофиёии башарият ёд мешавад, барои бозорёбӣ ва тавсеа, чи дар мақсад ва чи дар мабдаъ, ниёзи васее ба нерӯи инсонии коромад ва дарвоқеъ як нерӯи кори ҷаҳонӣ дорад.

Дар поён метавон гуфт, ки бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти рӯ ба инкишофи гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа, аз ҷумла Эрон, зарурати тавсеаи манобеи инсонии ин хадамот аз тариқи омӯзиши илмӣ ва корбурдӣ ва лузуми таваҷҷуҳ ба ин амр, аз авлавияти зиёде бархурдор аст. Бахусус душворӣ дар ҷазби муҷаддади персоналии муносиб ва аз даст додани коркунони коромад, ҳама барои ин ришта фаъолияти пурҳазина аст. Бинобар ин, як зарурати қобили дарк барои тарбият ва тавсеаи манобеи инсонӣ, ҷиҳати пешрафт ва тараққии гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ, омӯзиши маноеби инсонӣ, таваҷҷуҳ ба мавқеиятҳои шуғлии ин ришта барои занон ва афзоиши боздеҳӣ ва таъмини машғили пойдор ва мутаносиб дар ин бахш мебошад.

**АДАБИЁТ**

1. Роҳнамоӣ Муҳаммадтақӣ. Тарҳи пажӯҳиши зарфиятҳо ва ниёзҳои тавсеаи улуми инсонӣ дар микёсҳои миллӣ ва минтақавии кишвар / Роҳнамоӣ Муҳаммадтақӣ. Вазорати улуми таҳқиқот ва фановарӣ, 1387.
2. Аббосзодагон Муҳаммад. Ниёзсанҷии омӯзишӣ дар созмонҳо / Аббосзодагон Муҳаммад Ҷаъфари Туркзода. –Теҳрон: Ширкати саҳомии «Интишор», 1383.
3. Amoah V.A. Tourism education: policy versus practice / V.A. Amoah, T. Baum // International Journal of Contemporary Hospitality Management, -7.
4. Anastassova Lina. Human resource management in the Bulgarian hotel industry / Anastassova Lina and Purcell Kate // from command to empowerment, Hospitality Management. -Vol. 7. -P. 77.
5. Andrew R. The lifestyle economics of small tourism businesses / R. Andrew, T. Baum, A. Morrison // Journal of Travel and Tourism Research. –VOL.7. –P. 7.
6. Knutson B.J. Dimensions of the glass ceiling in the hospitality industry / B.J. Knutson, R.S. Schmidgall // In The Cornell Hotel and Restaurant Administration Quarterly, Cornell University, 7.
7. Barron P. Stormy outlook? Domestic students' impressions of international students at an Australian University / P. Barron // Journal of Teaching in Travel & Tourism, 7.
8. Barron P. Linking learning style preferences and ethnicity: international students studying hospitality and tourism management in Australia / P. Barron, C. Accordia // Journal of Hospitality, Leisure, Sport and Tourism Education 7, 7-7.
9. Baum T. Human resources in tourism: Still waiting for change / T. Baum // Tourism Management, 7-7.
10. Baum T. Competencies for hotel management: Industry expectations of education. International Journal of Contemporary Hospitality Management, 7-7.
11. Baum T. Managing human resources in the European hospitality industry / T. Baum // A strategic approach. -London: Chapman & Hall.
12. Baum T. Making or breaking the tourist experience: The role of human resource management / T. Baum // In C. Ryan (Ed.), the tourist experience. -London: International Thomson. –P.777.
13. Cai L. Meeting the demand for tourism development: higher occupation and technical education in China / L. Cai, L. Zhang // Journal of Human Resources in Hospitality & Tourism,7-77.
14. Casado M.A. Higher education hospitality schools: Meeting the needs of the industry / M.A. Casado // Hospitality and ourism Educator, 7.
15. Christou Evangelos. Hospitality management education in Greece; an exploratory study / Christou Evangelos // Tourism Management, 7- 7.
16. Cole J.S. Students' motivation to learn: a comparison between undergraduate students majoring in parks, recreation, and tourism and those in other majors / J.S. Cole, S.T. Cole, A.T. Ferguson // Journal of Teaching in Travel & Tourism, 7.
17. Collins A.B. Are we teaching what we should? / A.B. Collins // Dilemmas and problems in tourism and hotel management education. Tourism Analysis,77-7.
18. Guerra D. Occupations in the tourist sector - A comparative analysis in nine Community States, European Centre for the Development of Vocational Training / D. Guerra, G. Peroni. –Berlin. -7p.
19. Defranco A.L. Back to the basics: Humanism in education / A.L. Defranco // Hospitality and Tourism Educator, 7.
20. Guggenheim E.F. The low-skilled on the European labour market: Prospects and policy options, Report on the meeting Agora-IV, published by the European Centre for the Development of Vocational Training / E.F. Guggenheim. -Thessaloniki, 7.
21. Employment development in tourism hospitality, a comparative study of hotel employment and employee development in Finland, Spain, United Kingdom and Bulgaria, funded by the European Commission under the Leonardo da Vinci Programme.


## ВАЖНОСТЬ ИЗУЧЕНИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКИХ РЕСУРСОВ В СФЕРЕ ТУРИЗМА И ГОСТИНИЧНОГО БИЗНЕСА


Туризм, как массовое явление и феномен 20 века, несет на себе гуманитарную миссию, способствует отдыху, физическому и духовному оздоровления и является средством коммуникаций, открытого доступа к культурным и духовным человеческим ценностям, культурному наследию. Туризм способствует взаимопониманию между людьми и развитию интеллекта. Возросшие сегодня требования к управлению обусловлены увеличением и выходом предприятий гостиничного бизнеса на мировой рынок, сложностью технологий обслуживания клиентов, необходимостью овладения самыми современными управленческими навыками. Рациональное использование материальных и трудовых ресурсов предполагает достижение целей при минимуме затрат и максимуме эффективности, что и осуществляется в процессе управления, когда работники сферы туризма и гостиничного предприятия направляют свои действия на достижение главных целей на основе соответствующей мотивации их труда.



**Ключевые слова:**туризм, туристская индустрия, человеческие ресурсы, работники сферы туризма и гостиничного бизнеса.


## THE IMPORTANCE OF TRAINING OF HUMAN RESOURCES IN TOURISM AND HOTEL BUSINESS


Tourism, as a mass phenomenon and the phenomenon of 20 century, bears a humanitarian mission, promotes relaxation, physical and spiritual healing and is a means of communication, open access to cultural and spiritual values, cultural heritage. Tourism contributes to mutual understanding between the people and the development of intelligence. Increasing today due to the increased management requirements and access hotel business enterprises on the world market, the complexity of the technologies, the need to master the most advanced management skills. Management of material and labor resources would achieve with minimum cost and maximum efficiency, which is

in the process of management and workers in tourism and hotel businesses direct their actions in achieving the main goals of motivations.

**Key words:** tourism, the tourist industry, the human resources professionals of tourism and hotel business.

**Сведения об авторе:** ***Аббос Шириён*** – заведующий отделом Центра обучения туризма, Иран

## РОЛЬ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИЧЕСКИХ СЕКТОРОВ ИРАНА

***Хуррами Ахмадреза Сидреза***
**Институт экономики и демографии АН РТ**

Учитывая фундаментальную роль сельского хозяйства в развитии экономики Ирана, рассмотрение факторов, влияющих на развитие этого сектора, и рассмотрение влияния общего экономического развития имеет важное значение.

В структуре иранской экономики, сельское хозяйство всегда занимает особое место в процессе экономического, социального и политического развития. Потенциальные возможности, широта, пахотные земли, разнообразие климата, вклад населения и занятости в сельской местности, критерии экономического превосходства, стоимость капитала и производственная экономическая структура, отношения, обеспечивающие социальную справедливость и искоренение нищеты доказывают, что эта территория склонна к сельскохозяйственному росту и развитию. Если сельское хозяйство может обеспечивать необходимое и достаточное количество продукции с растущей скоростью, то можно направлять дефицитные ресурсы производства, в том числе валюту, на привлечение науки и технологии и ускорять прогресс сельскохозяйственного развития. В противном случае, если сельское хозяйство не выполняет эту важную задачу, то ресурсы страны, в частности валюту надо тратить для неизбежного импорта основных продуктов питания, тогда процесс развития идет медленно.

Экономическое развитие стран всегда было связано с переходной экономикой от доминирующей доли сельского хозяйства к доминирующей доли промышленности и сфере услуг. Относительная доля сельского хозяйства должна быстро снижаться. Этот переход зависит от сельскохозяйственного роста, насколько быстрее развивается сельское хозяйство, настолько быстрее снижается его относительная доля в экономике. Потому что, дополнительный доход сельского хозяйства в основном тратится в несельскохозяйственном секторе, таким образом, увеличивается скорость развития несельскохозяйственного сектора. Уменьшение относительной доли сельского хозяйства часто наводит на неправильную мысль, что можно игнорировать сельское хозяйство в пользу секторов, имеющих более быстрое развитие, наоборот, для ускорения желаемого экономического перехода надо поощрять сельское хозяйство.

Кроме того, если в процессе экономического перехода главная роль отведена сельскому хозяйству, то развитие урбанизации сопровождает правильную модель, потому что, когда сельское хозяйство является стимулированием экономики, тогда маленькие города, которые служат как рынки сельскохозяйственных местностей, начинают процветать быстро и расширяются. Однако, вскоре после этого снижается зависимость этих городов от сельского хозяйства и создаются другие фонды для поддержки экономики города. Половину сельского населения Ирана составляют фермеры, которые получают более половины своих доходов от сельского хозяйства. Скорость развития сельского хозяйства требует план, в котором должны быть определены стратегии и, прежде всего, некоторые достижимые приоритеты от правительства. Существование этих приоритетов вызывает определение пути роста, реформу процесса деятельности, упрощение процесса коммерциализации сельского хозяйства и принятие внешней ориентации в сельском несельскохозяйственном секторе в долгосрочной перспективе. В такой стране, как Иран, имеющей тенденцию к производству садовых продуктов и кормов для животных высокого качества, улучшение эффективности мониторинга и управления водными ресурсами имеет наиболее важное значение. Изучая количество внимания любого правительства к этим двум отраслям (инфраструктурам и научным исследованиям), можно понять степень его серьёзности в росте сельскохозяйственного производства, росте занятости и искоренения нищеты. В процессе развития, хотя характер основных функциональных причин сельскохозяйственного роста остается постоянным,

перераспределение претерпевает фундаментальные изменения. С повышением доходов быстро увеличивается спрос на садовые продукты и корма для животных. Если в этих условиях, сельскохозяйственный сектор справляется с обеспечением спроса, то благодаря быстрому росту этих подразделений, увеличивается темп роста общего объема сельского хозяйства от 4 до 6 процентов. Если сельское хозяйство не может быть согласовано с ростом спроса, то цены будут расти и потребительский рынок направляется на импорт этих товаров или замену их на другие товары. С сокращением транспортных расходов и увеличением возможности хранения сельскохозяйственной продукции, которые зависят от технологических разработок, мир быстро движется к росту торговли и глобализации. Наиболее важными последствиями вышеуказанного процесса в сельскохозяйственном секторе является быстрое распространение технологических разработок. Из стран, которые сокращают издержки производства при помощи технологических разработок, постепенно сельскохозяйственный сектор будет заброшен в странах, которые не вложили капитал и будет приходить в упадок.

Это исследование состоит из четырех глав. В первой главе отображён план темы, вопросы и гипотезы исследования. Вторая глава состоит из трех частей, в первой части коротко обсуждена история сельского хозяйства от начала до настоящего времени, во второй части обсуждаются материалы по развитию с 1950 до настоящего времени, в третьей части выражается краткое описание в показателях ВНП, производство пищевых продуктов, занятости, промышленности, сферы услуг, экспорта. В третьей главе рассмотрены в шести отдельных разделах вышеперечисленные пункты. В четвёртой главе ответы на вопросы исследования на основе выходных данных таблиц.

В последние десятилетия разворачивается много дискуссий на тему места сельского хозяйства в области экономики, развития, планирования, микро и макро-экономических вопросов, международной торговли, планирования политики. По времени методы промышленного производства были изобретены и внедрены после сельскохозяйственного производства, сельскохозяйственные общества на протяжении веков производили сельскохозяйственные продукты без промышленности. После средневековья и появления эпохи интеллектуального возрождения в Западной Европе, технический и промышленный прогресс был направлен в сельскохозяйственную производственную систему, с целью увеличения производительности труда. Тогда промышленность достигла совершенства в качестве логического и динамического взаимодействия с сельским хозяйством, они дополняли и развивали друг друга. Рикардо, известный экономист классической школы утверждает, что развитие сельского хозяйства помогает повышению производительности всей экономики, ограничение на сельскохозяйственный сектор определяет границу роста этого сектора и необходимость создания капитала для экономического развития. Сельскохозяйственный сектор обеспечивает такие пункты, как поставки продовольствия, поставки сырья в другие отрасли, создания излишков продукции, создание спроса на промышленные артефакты в сельских секторах за счет продажи сельскохозяйственной продукции наличными деньгами в городах, обеспечение валютой, необходимой для молодых отраслей промышленности страны, посредством экспорта сельскохозяйственной продукции. Следовательно, учитывая такую потенциальную роль сельского хозяйства в прогрессе развития промышленных отраслей, экономисты развития подчеркивают, что с целью создания структурных возрождений увеличения выпуска продукции и трудовой силы, должны быть приняты успешные, политические решения для сельскохозяйственного развития. Но принятие этих успешных политических решений и развитие сельского хозяйства не означает расширения несельскохозяйственного сектора в тандеме с сельским хозяйством. Исторические учения прошлого показывают, что однонаправленные ориентации, сосредоточенные на город подрывают сельскохозяйственный сектор. Это не так, что сельское хозяйство является только инструментом для промышленного развития, но его положение и характер выше, чем его инструментальный аспект. Во многих странах наиболее благоприятной отраслью для быстрого экономического развития является развитие сельского хозяйства. Решения и его основные потребности включают в себя обеспечение и безопасность продовольствия, укрепление здоровья, профессиональную подготовку, услуги транспорта и достаточные кредиты для производственных целей. Таким образом, в определении положения сельского хозяйства в процессе развития стран можно сделать такие выводы, что сельскохозяйственное развитие является удобным источником для промышленного

развития, а отражение промышленного развития в сельских местностях может создать активный поток взаимодействий между сельским хозяйством и промышленностью.

Рассмотрение прогресса экономического преобразования стран мира показывает роль и значение сельского хозяйства в экономическом развитии этих стран, а также различие в экономическом развитии в зависимости от путей развития, роль сельского хозяйства в экономическом развитии в общем и расширенном формате в большинстве стран мира. Конечно, при рассмотрении важности сельского хозяйства в экономическом развитии и его роль в любом экономическом секторе, следует иметь в виду региональные и географические особенности.

В сельскохозяйственном секторе и возможностях, стоящих перед экономикой Ирана, сельское хозяйство является предпосылкой для экономического развития, так и самым большим и самым надежным инструментом управления социальной структуры страны. К сожалению, по некоторым причинам, потенциал этого раздела не использован еще полностью. Сельское хозяйство является инфраструктурой нашей экономики и в случае активизирования может происходить огромное преобразование в социальной системе страны и социально-экономических отношениях.

В основном сельское хозяйство в Иране является самым крупным экономическим сектором, которому посвящено торговля ВНП и значительная доля его экспорта. Кроме того, это является занятием значительной части населения страны. Таким образом, рост этого сектора в значительной степени определяет экономический рост. В основном в слаборазвитых странах темп роста сельского хозяйства по сравнению с темпом роста несельскохозяйственного сектора, включая промышленность и услуги, меньше. В развитых странах, наряду с ростом и развитием, доля сельского хозяйства в ВВП и занятость сократилась, промышленность играет ведущую роль и в связи с этим, роль сельского хозяйства снизилась. Это явление направило многие развивающиеся страны мира, в том числе нашу страну при проведении политики против сельского хозяйства на уменьшение занятости населения, хотя имеется инвестиционная возможность в промышленности и государственном секторе. Учитывая доминирование сельскохозяйственного сектора в развивающихся и бедных странах, по крайней мере на ранних стадиях роста и развития, капитал, необходимый для промышленности в развитых странах мира, должен финансироваться сельским хозяйством. После исламской революции, пассивная роль сельскохозяйственного сектора Ирана в 1940-50 годах преобразилась в активную и динамичную роль в последние десятилетия, так как сегодня возобладало мнение о том, что, несмотря на снижение доли сельского хозяйства в области занятости и производства ВНП и учитывая его ключевую важность в процессе экономического развития страны, особенно по поставке продовольствия и промышленного сырья, сельское хозяйство требует больше внимания. Наряду с развитием урбанизации увеличивается важность сельскохозяйственного сектора, потому что с экономическим развитием и повышением доходов повышается и спрос на белок. Если общество не в состоянии ответить на этот спрос, то будет вынуждено импортировать сельскохозяйственную продукцию.

В дополнение к поставке продовольствия, увеличивается поставка промышленного сырья сельскохозяйственного сектора для развития легкой промышленности (таких, как промышленность ткачества, шерсти, ковров, производство сахара). Увеличение производства и посадки этих материалов снижает себестоимость в этих промышленностях и предотвращает импорт сырья для таких отраслей промышленности и, конечно, если производятся массовые производства, то его излишки могут быть проданы за границу.

Сельское хозяйство по сравнению с другими секторами экономики с точки зрения занятости, производства культур и продукции животноводства, менее зависит от иностранной валюты и имеет особую важность. Несмотря на все усилия, принятые правительством для защиты и управления сельским хозяйством, по-прежнему этот сектор сталкивается со многими проблемами. И это показывает, что поддержка правительства не смогла сыграть свою эффективную роль, какой достоин этот сектор. Поскольку сельскохозяйственный сектор нуждается в сильной информационной поддержке о состоянии развития сельского хозяйства во всех пунктах, в том числе питания, промышленности, сферы услуг, занятости, ВНП, животных продуктов и культур, исследование роли развития каждого упомянутого пункта в прошлом и настоящем сделать будет необходимо. Основной целью этого исследования является создание этой информационной базы. Имея эту основную информацию, политики сельскохозяйствен-

ного сектора получают сведения о прогрессе роста и развития сельского хозяйства в последние годы по всем направлениям. Созданные источники информации также способны помогать исследователям и лицам, принимающим решения по вопросам сельского хозяйства в качестве вспомогательного инструмента.

1.Рассмотрение отношений и взаимодействий сельскохозяйственных и несельскохозяйственных секторов

2.Определение доли различных секторов в росте ВВП

3.Рассмотрение воздействия роста сельского хозяйства на ВВП промышленных отраслей и сферы услуг

4.Рассмотрение воздействия роста сельского хозяйства на валовые инвестиции в несельскохозяйственном секторе

***Роль сельского хозяйства***: В большинстве развивающихся стран, сельское хозяйство является основным экономическим сектором, обеспечивающим занятость и валютные пополнения. Изменение стоимости денег и ее отклонение от равновесного процесса в долгосрочной перспективе может вызвать нарушения в относительных ценах, увеличение себестоимости взаимозаменяемой продукции. Таким образом, снижается уровень международной конкуренции и остановка роста экспорта.

***Сельское хозяйство*** является крупнейшим сектором в экономике развивающихся стран, который может помогать экономическому развитию по-разному, такие как предложение рабочей силы и капитал обеспечения сырья и дешевой пищи, рынок производительных товаров в промышленном секторе.

***Развитие*** – это всеобъемлющий процесс, создающийся из пропорционального и согласованного скопления с основными экономическими отраслями, включая промышленность, сельское хозяйство и услуги.

***Экономическим развитием*** является многосторонний и сложный научный процесс, целью которого является развитие неиспользованных ресурсов страны. Рост зависит от способа производства и его организации, а административные изменения должны способствовать творческому и новаторскому процессу.

Другими словами можно считать, что экономическое развитие тесно связано с социальной и технической сферой общества, рассматривающей уровень бедности, распределения доходов, образования, здравоохранения и общественных организаций.

Ферритин, ведущий экономист настоящего времени считает, что развитие является проблемой, достойной внимания и очень важной. Также он отмечает, что развитие – это процесс творчества и новаторства инноваций с целью создания базовых изменений в социальной системе.

Рассмотрев мнения ученых экономических наук, Ѓäрэбāѓиан считает, что экономическое развитие, включает в себя качественные изменения в экономическом потреблении, стимулировании и организации производства.

1.Влияет ли на сектора экономики (ВВП, занятость, промышленность, услуги, экспорт, пищевую промышленность) изменения в секторе сельскохозяйственной продукции?

2.Имеет ли положительный эффект в других секторах экономики, таких как сфера услуг, промышленность, экспорте и т.д. сельское хозяйство?

Развитие сельского хозяйства имеет положительный эффект в различных секторах экономики и этим достигается прогресс. Сельское хозяйство как один из важных секторов в развитии всегда занимал особое место в мировой экономике. Особенно после нефтяных кризисов 1970-х годов, который привёл к экономической рецессии на Западе. Сельскохозяйственный сектор и его продукция оказались в центре внимания как один из важных факторов экономического развития, в 1980-х годах многие экономические аналитики обратили внимание на связь между ролью сельскохозяйственного развития и экономическим ростом. Учитывая существование многих потенциалов в Иране, в том числе: природных ресурсов и разнообразие климата, сельскохозяйственный сектор может играть важную роль в экономическом развитии.

Сегодня влияние и значение сельского хозяйства и роли этого сектора в экономике очевидно и потребность различных секторов экономики в сельском хозяйстве является реальностью, которой не следует пренебрегать, в противном случае повредит процессу роста и развития страны. Также принятие значения этого сектора в текущей и будущей экономике страны, необходимое требование к валютным доходам, полученным от этого

сектора, и использование его продукции для внутреннего потребления порождают необходимость усиления внимания к сельскому хозяйству.

По мнению Льюиса (Lewis, 1954) в одной традиционной двусторонней модели, сельскохозяйственный сектор считается фундаментальным сектором с низким уровнем техники. Сельское хозяйство является сектором, который должны быть использованы как отличный источник для строительства промышленности в процессе развития. По словам Кузнеца (Kuznets, 1964), сближение сельского хозяйства с промышленностью может привести к постоянному развитию. Вообще, экономические исследования на мировом уровне показывают, что существуют взаимоотношения между сельскохозяйственным и промышленным секторами, не только не существует конфликт между этими двумя секторами по причине скоординированного и одновременного роста, но и поддерживают друг друга в ходе экономического развития. Потому что с одной стороны сельское хозяйство обеспечивает сырьём промышленность, особенно перерабатывающую, а с другой стороны развитие промышленности влияет на рост сельского хозяйства в различных формах. Расширение промышленности и повышение уровня дохода увеличивает спрос на сельскохозяйственную продукцию, так что промышленное развитие приводит к инвестиции в сельскохозяйственный сектор, модернизации и росту новых и стабильных рабочих мест в сельских районах.

Также существует взаимоотношение между сектором услуг и экономическим развитием. Сектор услуг обеспечивает необходимые факторы для различных секторов экономики, в том числе для сельского хозяйства. В сельском хозяйстве сочетаются деятельности с различными рисками, поэтому путём принятия таких решений, как экономия денег для появления чрезвычайных ситуаций, заключения договора страхования, уменьшается риск фермеров. Эти решения могут несколько уменьшить колебания в их доходах.

Рассмотрение ситуаций стран, которые имели значительные успехи в области внутреннего производства и экспорта, показывает, что достижение этих успехов было в результате усиления внутренних структур и обеспечения предпосылок. Тоже такие услуги как: услуги, связанные с таможенным законодательством об экспорте и импорте, банковые услуги, страхование, реклама, маркетинг, транспорт, хранение продукции и т.д. играли важную роль в развитии сельскохозяйственного сектора. Инфраструктурные услуги обеспечивают условия для расширения рынков и эксплуатации ресурсов. Ресурсы оснащены финансовыми и технологическими услугами.

В странах как Иран со средним уровнем дохода, относительная доля сельского хозяйства быстро снижается. Но значение сельского хозяйства сохраняется в темпе и модели экономического роста. Имея долю с 10 до 20 процентов от общей экономики, сельское хозяйство как большой сектор экономики играет важную роль в темпе общего роста экономики. Наряду с ускорением экономического перехода, сельское хозяйство обеспечивает здоровье и распределения модели урбанизации. Это процесс произошел тоже в странах Тайваня, Японии и Европа с переходной экономикой. С сокращением относительной важности сельскохозяйственного сектора в ВВП, увеличится темп потенциального роста этого сектора, потому что растущее население большую долю своих доходов тратит на покупку сельскохозяйственной продукции с высокой ценой. Таким образом, ставка внутреннего спроса на покупку продукции животноводства и садовых продуктов растет с 6 до 7 процентов. С быстрым ростом сектора садоводства, этот сектор получает экономический потенциал, необходимый для конкуренции на международных рынках и в результате расширения экспорта, ускоряет рост сельского хозяйства. Таким образом, секторы, производящие сельскохозяйственную продукцию с высокой стоимостью, растут от 7 до 8 процентов в год и эта цифра равна темпу роста в подразделении промышленности. Насколько сельское хозяйство играет определенную роль в росте ВВП и реформ модели урбанизации, настолько является также эффективным для роста занятости и сокращения нищеты. Рост доходов фермеров приводит к росту спроса и растущему влиянию. Рассмотрение практических и теоретических аспектов положения сельского хозяйства в различных этапах развития экономики страны показывает, что по причине значения сельского хозяйства в ВНП, занятости, продовольственной безопасности и политической независимости, никоим образом не следует пренебрегать этим сектором. На самом деле, для достижения целей экономических развития и расширения необходимо создать сферу национального развития. Вообще, инвестиции в сельском хозяйстве являются недостаточными. С одной

стороны, поддержка этого сектора по сравнению с развитыми странами и некоторыми развивающимися странами является нежелательной. Рост численности населения, потребность в экономических различных частях на выпуск сельского хозяйства, создание занятости и получения дохода в иностранной валюте и с другой стороны, значительный потенциал для увеличения сельскохозяйственного производства с точки зрения разнообразного климата, обеспечения доступа к морю, плодородных земель, пастбищ и лесов и рабочей силы потребуют больше обращать внимание на сельскохозяйственный сектор в Иране. В общем, в данном исследовании было показано, что низкая доля сельского хозяйства в ВВП и занятости, в низком коэффициенте эластичности ВВП по сравнению с инвестицией в этом секторе происходила в результате различных причин, одна из которых является низкой долей инвестиций в сельское хозяйство по сравнению с другими секторами.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Азадэ Ферейдун. Сельскохозяйственная история / Азадэ Ферейдун, Ахмадиан Садег. Институт Чэшмэ, 1993.
2. Азкия Мустафа. Социология развития и отсталость в сельских районах Ирана / Азкия Мустафа. – Тегеран: Институт Эттела′ т, 1995.
3. Али-заде М. Проблемы занятости и рынка труда страны / М. Али-заде. –Тегеран: Ежеквартальник социологическая ассоциация. -№ 5.
4. Амини А.Р. Оценка данных повременных рядов занятости в экономике Ирана на протяжении 1966-1996 / А.Р. Амини // Барнамэризи ва буджэ. -Тегеран. -№ 3.
5. Амини А. Население и сельское хозяйство / А. Амини, Н. Гличи. –Тегеран: Орган Барнамэ ва Буджэ, 1998.
6. Багери Ибрагим. История о возрождении сельскохозяйственных наук Ирана / Багери Ибрагим. –Тегеран: Пресс Тегеранского университета, 2003.
7. Бануий Али-асгар. Роль сельского хозяйства в национальной экономике, основанной на анализ матрицы социального учета / Бануий Али-асгар. Министерство сельскохозяйственного джихада ИРИ, 2005.
8. Экономические и социальные анализы матрицы коэффициентов, имеющих влияние на повышение уровня сельского хозяйства, промышленности и услуг в социальной матричной модели, ежеквартальник / А. Бануий, М.Мохэммэдпур [и др.] // Эктесадэ кешавӓрзи и тосеэ, 2003. -№ 41 и 42.
9. Басери Б. Обзоры и анализ потенциала рабочих мест сельскохозяйственного сектора Ирана / Б. Басери, Э. Джӓзангӓрд // Ежеквартальник "Сельское хозяйство". –Тегеран: Министерство "Джихад-э кешавӓрзи, 2007. -№59.
10. Гасеми Хоссейн. Продовольственная безопасность и питание / Гасеми Хоссейн. –Тегеран: Институт Моталэат вӓ пӓжухуши Базӓргани, 2003.


## РОЛЬ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИЧЕСКИХ СЕКТОРОВ ИРАНА


В странах как Иран со средним уровнем дохода, относительная доля сельского хозяйства быстро снижается. Но значение сельского хозяйства сохраняется в темпе и модели экономического роста. Имея долю с 10 до 20 процентов от общей экономики, сельское хозяйство как большой сектор экономики играет важную роль в темпе общего роста экономики. В данной работе было показано, что низкая доля сельского хозяйства в ВВП и занятости, в низком коэффициенте эластичности ВВП по сравнению с инвестицией в этом секторе происходила в результате различных причин, одной из которых является низкая доля инвестиций в сельское хозяйство по сравнению с другими секторами.



**Ключевые слова:** роль сельского хозяйства, развитие, экономическое развитие, темпы и модели экономического роста, инвестиции в сельское хозяйство.


## THE ROLE OF AGRICULTURE IN DEVELOPMENT OF ECONOMIC SECTORS IRAN


In countries like Iran, with average level of income, the relative share of agriculture is declining rapidly. But the importance of agriculture is stored in the pace and pattern of economic growth. With a share of 10 to 20 percent of the total economy, agriculture as a major sector of economy plays an important role in the pace of overall economic growth. In this work it was shown that the low share of agriculture in GDP and employment in the low coefficient of elasticity of GDP, compared with investment in this sector occurred as a result of various reasons, one of which is the low share of investments in agriculture compared to other sectors.



**Key words:** the role of agriculture, development, economic development, the rate and pattern of economic growth, investment in agriculture.



**Сведение об авторе**: ***Хуррами Ахмадреза Сидреза*** - соискатель Института экономики и демографии АН РТ. Телефон: **936-00-24-42.** E-mail: **khurami 55 @yahoo.com**

# МУДИРИЯТИ МАНОБЕИ ИНСОНӢ ВА ФАНОВАРИИ ИТТИЛООТ

*Ҳусайн Тало*
**Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ**

Интернет наҳваи зиндагӣ, ёд гирифтан, кор кардан ва гузарондани авқоти фароғатро дигаргун кардааст. Ба таври асосӣ, Интернет ҳама ҷанбаҳои ҷомеашиносиро каму беш тағйир додаст. Ин муқаддима дар робита бо таъсири Интернет ва фановарии иттилоот бар кору мудирияти манобеи инсонӣ аст ва саъй мекунад навовариҳои муҳим ва (ҳатталимкон) тағйирот дар сутӯҳи коркунон ангезиш ва раҳбариро баррасӣ карда ва дар бораи шеваҳои мумкини созгорӣ миёни созмон ва шуғл баҳс кунад. Барои пай бурдан ба ин тағйирот ибтидо ба баёни вазъияти мавҷуд (коркунон, ангезиш ва раҳбарӣ) пардохта ва сипас ба таври мухтасар ба баррасии ҷиҳатгириҳои эҳтимолии оянда мепардозем. Дар поён низ аз тариқи таркиби аносири ташкилдиҳандаи мудирияти манобеи инсонӣ саъй мекунем дастовардҳои асосиро, ки фановарии иттилоот бар шеваҳои дарёфти подош тавассути коркунон дорад ва шеваҳоеро, ки барои коркунони ҷадид ба кор меравад, пешбинӣ кунем.

Интернет зиндагии мо ва шеваҳои барқарории иртибот бо дигаронро дигаргун кардааст. Ба таври асосӣ, Интернет ҳама ҷанбаҳои ҷомеашиносиро каму беш тағйир додаст. Дар солҳои охир аҳаммияти Интернет ва фановарии иттилоот ҳам дар фазои тиҷорӣ ва ҳам дар фазои хусусӣ ба таври қобили мулоҳизае афзоиш ёфтааст (бахусус, бо афзоиши корбарони интернетӣ ва афзоиши хадамоти Интернет). Бидуни шак, коркунони созмон ва муҳити кори эшон аз назари тарроҳии шуғл, шароити кор ва бисёре чизҳои дигар таҳти таъсири интернет ва фановарии иттилоот қарор гирифтааст.

Ба гуфтаи Борли, «Мавқеият дар оянда, ба эҳтимоли зиёд, вобаста ба истифода аз дониши фаннӣ ва илмӣ, мудирияти иттилоот ва фароҳам кардани хадамот беҳтар аст. Оянда бештар вомгири мағз аст, то моҳича (нирӯи узлонӣ)».

Аз он ҷо ки дар муҳити тиҷорати имрӯзӣ афрод ва дониши онҳо ба унвони ҳаётитарин дороии созмон маҳсуб мешавад, бадеҳӣ аст, ки ҳар ширкате бояд нисбат ба он иттилоот ва омодаи пазириши тағйироти ҷадид бошад. Огоҳӣ ва дарки ҷиҳатгириҳои ҷадид на фақат барои мутахассисони фановарии иттилоот лозим аст, балки мудирон низ мебоист аз онҳо бохабар бошанд.

Қасди ин мақола баррасии асароти мусбату манфии Интернет ва фановарии иттилоот дар робита бо мудирияти манобеи инсонӣ, бахусус ёфтани коркунони ҷадид, барангехтан ва раҳбарии онҳост. Ҳамчунин, натоиҷе, ки аз бакоргирии Интернет ва фановарии иттилоот дар оянда мавриди интизор аст ва он чиро, ки бо мудирият ва баҳрабардорӣ аз тағйирот дар ҳоли вуқӯъ эҳтимоли дастёбӣ ба онҳо вуҷуд дорад, мавриди баҳс қарор мегирад.

Барои баррасии тағйироти мазкур ва асароти онҳо ибтидо ба баёни вазъияти мавҷуд пардохта ва сипас ба таври мухтасар ба баррасии ҷиҳатгириҳои эҳтимолии оянда мепардозем. Дувум он ки бо таркиби аносири мудирияти манобеи инсонӣ талош мекунем, натоиҷи асосиро, ки фановарии иттилоот бар шеваҳои дарёфти подош тавассути коркунон дорад ва шеваҳоро, ки барои коркунони ҷадид ба кор меравад, пешбинӣ кунем.

Ин мақола тибқи равиши муайяне танзим шудааст. Дар бахши дуюм мавзӯъ, чигунагии таъсири фановарии иттилоот ва Интернет бар баъзе сутӯҳи вазифаҳои коркунони созмон матраҳ шуда ва бархе натоиҷи онро дарбар мегирад. Дар бахши савум фурсатҳои умда ва асосӣ, ки созмон метавонад ба кӯмаки онҳо худро бо мавқеияти ҷадид ҳам дар муҳит ва ҳам дар даруни созмон созгор кунад, мавриди баррасӣ қарор мегирад.

**Асароти мутадовили Интернет ва фановарии Интернет.** Шумори коркунони Интернет дар соли 2000 милодӣ беш аз 30 миллион нафар будааст (пешбинӣ мешавад, ки ин теъдод барои соли 2005 ҳудуди як миллиард нафар бирасад). Як савум аз рушди иқтисоди Амрико дар маҳдудаи солҳои 1996 то 1999 ба таври мустақим ба густариши Интернет марбут мешавад. Дар ҳоли ҳозир беш аз 2 миллиард сафҳаи WEB ва беш аз 17 миллион домин (DAMAN)-и сабтшуда вуҷуд дорад. Ин ҳақоиқ беш аз ҳар чиз нишон медиҳад, ки Интернет асари муҳимме бар рӯйи чигунагӣ, чарои ва замону макони кори мардум доштааст.

Бештарин таъсири Интернет ва фановарии иттилоот бар қишри таҳсилкарда, моҳир ва алоқаманд будааст. Ба вижа афроде аз ин маҷмӯа, ки ба таври муназзам бо фановарии иттилоот ва иртиботот сару кор доранд. Аз он ҷое ки афроди таҳсилкарда моҳир ва алоқаманд ба муваффақиятҳои муҳимми силсилаи маротиби созмонӣ машғул ба коранд ва бинобар ин асари бештареро бар муваффақияти ҳамаҷонибаи созмон доранд, мо низ мебояд таваҷҷӯҳи худро бар асари Интернет рӯйи ин гурӯҳи коркунон мутамарказ кунем.

Ҳар фоидаи ниҳоӣ ношӣ аз бакоргирии Интернет барои ёфтани коркунони ҷадид, ёфтан ва нигоҳдории онҳо, вақте ки бидонем камбуди асосии бозори кор марбут ба афроди бисёр моҳир аст, аҳаммияти бештаре пайдо мекунад.

**Истифода аз Интернет барои кормандёбӣ.** Таҳқиқоте, ки дар Омрико (бар рӯйи 500 WEB сайти марбут ба ширкатҳои байналмилалӣ, ки дар соли 2000 ҷузъи судовартарин ширкатҳо будаанд) сурат гирифта, нишон медиҳад, ки 79% ин ширкатҳо ба таври густардае аз Интернет барои ҷустуҷуйи коркунони ҷадид истифода мекунанд. Ҳамчунин, муқоисаи додаҳои омории мавҷуд барои солҳои 1998 то 2000 нишон медиҳад, ки дар соли 1998 29% ширкатҳои мазкур аз Интернет ба манзури кормандёбӣ истифода мекардаанд. Мазоёи аслии истифода аз Интернет дар истихдоми коркунони ҷадид иборатанд аз:

- сарфи ҳазинаи камтар барои истихдоми коркунони ҷадид (дар мавориде чун: захира кардани дархостномаҳо, ҳазинаёбии пустӣ, ҳазинаҳои марбут ба пардозиши додаҳо ва …);
- тадвини фароянди сареътар барои истихдом: тибқи таҳқиқот, ин давра аз замоне ки ниёз ба корманди ҷадид ҳис мешавад, то замоне ки корманди ҷадид корашро дар созмон шурӯъ мекунад, ба камтар аз 12 рӯз тақлил меёбад;
- имкони ҷазби беҳтар ва бештари довталабон: ибтикори интишори дархостнома рӯйи вебсайт метавонад, ҳатто, касонеро, ки ба таври фаъол дар ҷустуҷӯйи як истихдоми ҷадид нестанд, ба сӯйи шуғл ҷазб кунад.

Дар канори WEB сайт солис ширкате, ки дар ҷустуҷӯйи корманди ҷадид аст, сайтҳои солис низ муҳим ҳастанд. Ин WEB сайтҳои солис на фақат ба унвони «маконе барои табдили нирӯи кор» ва маконе барои тартиби мулоқотҳои мураттибон ба он амал мекунанд, балки ағлаби онҳо ахбор, шароити ҷустуҷӯйи кор, иттилооти шахсии ҷустуҷӯгарони кор ва ғайраро мунташир мекунанд, ки ба унвони як миконизм ҷазби амал карда ва ширкатҳоро мутмаин месозад, ки фарохони онҳо барои ёфтани нирӯи кори ҷадид мавриди мушоҳида қарор гирифтааст.

**Истифода аз Интернет дар шеваҳои ҷадиди кор.** Аз тариқи тавсеаи Интернет ва (ба таври густариштар) тавсиаи фановарии иттилоот ва иртиботот (ICT) бо навасони комиле, ки дар ду даҳаи гузашта ба ҳамроҳ доштаанд, имконоти ҷадидтар ва мутафовиттаре барои анҷоми кор ва сохторбандии созмонҳо фароҳам шудааст.

Бидуни шак, ин тавсиа дар оянда низ идома меёбад ва ба иловаи густариши таъсири он ҳама коркунонро шомил мешавад. Дар идома шеваи ҷадиди кор мавриди баҳс қарор мегирад:

**Кори маҷозӣ**. Таорифи зиёде аз кори маҷозӣ вуҷуд дорад. Ин истилоҳ мутародиф бо истилоҳоти гуногуне ба кор рафтааст. Барои мисол, «анҷоми кор аз роҳи дур» иртиботи маҷозии инъитофи маконӣ;

**Кулбаҳои электроникӣ**. Аз он ҷое ки ҳадафи ин мақола баррасии кори маҷозӣ ба танҳоӣ нест, бинобар ин, ба назар мерасад, ки ироаи чанд таърифи мухтасар барои он кофӣ шуд. Он гунна ки дар гузориши солиёнаи комисиюни Урупо дар соли 2000 матраҳ шуда, кори маҷозӣ дорои мафҳуми васеъе аст, ки унсури муштараки ҳама таорифи он истифода аз роёна ва иртибототи маҷозӣ барои эҷоди тағйири ҷуғрофиёӣ дар анҷоми коре аст, ки пазируфта шудааст. Кори маҷозӣ ба ин маънӣ аст, ки бо кӯмаки фановариҳои иттилоот саъй мекунем корро ба сӯйи коркунон ҳидоят кунем, ба ҷойи ин ки коркунонро ба сӯйи кор ҳаракат диҳем.

Кори маҷозӣ мазоёи зиёде ба ҳамроҳ дорад, ки метавон онҳоро аз се манзар хулоса ва табақабандӣ кард: фардӣ, созмонӣ ва калон-иҷтимоӣ.

Аз назари созмонӣ, иртиботи маҷозӣ фавоиде ҳамчун баҳраварии боло (анҷоми кори бештар нисбат ба он чӣ қаблан сурат мегирифта) ва коҳиши ғайбатро ба ҳамроҳ дорад. Аз он ҷо ки коркунон ризоияти бештаре доранд ва рӯҳияи кори онҳо афзоиш ёфтааст, эҳтимоли камтаре вуҷуд дорад, ки онҳо дар ҷустуҷӯйи шуғли дигар бошанд ва созмонҳо нархи пойинтаре аз баргаштро таҷриба мекунанд. Тибқи назари Даш, кори маҷозӣ метавонад навасони кори корманд (тараққӣ ва таназзул)-ро наздик ба 50 то 80% коҳиш диҳад.

Истифода аз кори маҷозӣ созмонҳоро қодир ба эҷоди шабакаи иртиботии густардае миёни коркунон мекунад, ҳарчанд ки маҳдудияти ҷуғрофиёӣ барои созмон кам шуда бошад.

Ба илова, ҳазинаҳои марбут ба дороиҳои ғайриманқул (монанди амлок) кам мешавад, зеро ниёзҳои марбут ба ҷо ва макон барои созмон коҳиш меёбад.

Ҳамчунин, ироаи хадамот ба муштарӣ ба далели соати корӣ қобили инъитоф беҳтар мешавад (ба маънии бисту чаҳорсоата дар ҳафт рӯзи ҳафта).

Тибқи натоиҷи як пажӯҳиш, 18% коркунони ҳуландӣ, 12% коркунони омрикоӣ ва панҷ дарсади коркунони англисӣ ва олмонӣ ба таври муназзам аз кори маҷозӣ истифода мекунанд.

Гузашта аз ин, мизони дарсади марбут ба баҳрагирон аз шеваи кори маҷозӣ бо як нархи 10 то 15% дар ҳама кишварҳои тавсеаёфта аз назари фановарии иттилоот ва иртиботот дар ҳоли афзоиш аст.

Тибқи гузориши дигар, аз 5% ширкатҳое, ки дорои имконот ва фурсатҳои фаннӣ барои кори маҷозӣ ҳастанд, ҳанӯз фақат 29% онҳо ин равишро ба кор гирифтаанд. Ақида бар ин аст, ки аз тамоми ҷамъияти нирӯи кор, ки дар ин ширкатҳо мавриди муҳосиба қарор гирифтаанд, фақат 2% аз коркунон тамоми вақт метавонанд кори маҷозиро ба таври саҳеҳ ва дар равиши муносиб, онгуна ки ҳамкороншон дар Ҳуланд ва Амрико ба кор мегиранд, мавриди истифода қарор диҳанд.

**Кори пружаӣ бо қарордоди ҷузъӣ** (резқарордод). Тибқи назарияҳои иқтисодӣ, ду далели аслӣ барои сармоягузорӣ рӯйи манобеи инсонӣ дар созмонҳо иборатанд аз:

-коҳиши ҳазина, ки аз тариқи тақсими кор ҳосил мешавад;

-ниёз ба мудирияти корӣ, ки байни теъдоди зиёде аз коркунон тақсим шудааст.

Имрӯза фановариҳои иттилоот ва иртиботот мӯҷиби шаклгирии иҷтимоии коромади афрод бо дилбастагиҳои мушобеҳ ва маҳоратҳое мукаммалшуда ва ҳамкории онҳо дар пружаҳое кӯтоҳ ё тӯлонимуддатро боис шудааст, бидуни ин ки ниёзе ба бахши расмии ширкат бошад.

Ба таври куллӣ, истифода аз фановариии иттилооти пешрафта боис мешавад, ки маҳдудиятҳои ширкат мубҳам шавад, то ҳадде ки метавон тасаввур кард, ки ҳеҷ марзе барои ширкат вуҷуд надорад (созмонҳои маҷозӣ). Ин дар ҳоле аст, ки коркардҳои ширкат ба таври рӯзафзуне ба шакли марокизи инқитоии печида, марокизи касби даромад, ширкатҳои кӯчак бо ақди қарордодҳои ҷузъӣ табдил мешавад. Ҳамон тавр ки ин табдил анҷом мешавад, талфиқи фаъолиятҳои кӯчаксозӣ ва мусаттаҳсозии созмон тибқи назари Чорлз Ҳанди моро ба сӯйи ҷомеаи бист то ҳаштоднафарӣ аз коркунон, ки теъдоди андаке аз онон тавассути созмон истихдом шудаанд, ҳидоят мекунад.

Метавон пешбинӣ кард, ки дар оянда шумори зиёде аз афроди барҷаста вуҷуд доранд, ки намехоҳанд маҳдуд ба як ширкати хос бошанд, балки мехоҳанд маҳоратҳояшонро дар ихтиёри бозоре бо беҳтарин муроҷиакунандагон ва муштариҳо (на лузуман беҳтарин пардохткунандагон) қарор диҳанд: «Аксари афроде, ки барои як созмон кор мекунанд, мумкин аст ҳанӯз кормандони истихдомӣ (расмӣ)- и он созмон бошанд, аммо, бар хилофи ин, теъдоди зиёд қобилияти рушдёфтае низ вуҷуд доранд, ки агар дар ҳоли кор бо созмон ҳастанд, вале кормандони расмӣ ва тамоми вақт маҳсуб намешаванд. Онҳо коркунони муваққатӣ ё пораи вақт ҳастанд. Аксарияти онҳо паймонкорони хусусӣ ҳастанд, ки ба унвони як мустахдим (ба кор гирифташуда) ё барои давраи хосе ба сурати қарордодӣ ва шахсӣ кор мекунанд. Ин мавзӯъ, ба вижа барои мутахассисон ва дар натиҷа, дар бораи боарзиштарин қарордоде, ки дар созмон кор мекунанд, ҳақиқат дорад».

Аз он ҷо ки дониши коркунони ширкат омили маҳдудкунандае нест, доманаи пружаҳои баиҷрогузошта тавассути ширкат метавонад ба вузӯҳ тавсеа ёбад. Рич ба ин матлаб ишора мекунад, вақте тавзеҳ медиҳад, ки «… афроди каме дар ширкатҳои бисёр арзишманд вуҷуд доранд, ки дорои шуғлҳои бидуни тағйир бо ҳуқуқҳои собит бошанд».

Фоидаи аслии ин равиши кор дар ширкат ҷараён ёфтани ақоиди тоза ва нав, ҳамчунин, коройии болотар барои нирӯи кор аст. Он чӣ муҳимтар аст, ин ки: «коркунони барҷаста ба воситаи кор бо дигар ширкатҳо доманаи таҷрибаи васее ба даст меоваранд ва ба воситаи равобити пораи вақташон бо дигар ширкатҳо, метавонанд суди бештареро ба воситаи дониши ҷадид касб кунанд. Аз сӯйи дигар, зиёнҳои ин равиши кор метавонад шомили тағйирпазири (назорат ва тараққӣ)- и

боло, тааҳҳуди пойинтар нисбат ба ширкат ва амнияти шикананда, ба воситаи иттилооти маҳрамонаи ширкат бошад.»

**Истифода аз Интернет барои тавсиаи қобилиятҳои коркунон.** Такмили дониши мавҷуд ва касби дониши ҷадид яке аз авомили ангезишии қавӣ барои фарде аст, ки ниёзҳои поя ва аввалиашро пӯшиш додаст. Бинобар ин, ҳамон гунна ки касби дониши ҷадид як омили калидӣ барои муваффақияти фард ба шумор меравад, барои муваффақияти созмон низ муҳим аст. Фановарии мубтанӣ бар Интернет фурсатҳои зиёдеро барои ёфтани дониш ва маҳоратҳои ҷадид пешниҳод мекунад. Дар ибтидо дар сатҳи ширкат Интернет заминаи дастрасии сареътар ба навовариҳои технологи ва илмии ояндаро нисбат ба дигар ширкатҳо ва муассисоти пажӯҳишӣ фароҳам мекунад.

Дар сатҳи фардӣ низ Интернет худро ба унвони як пойгоҳи иттилоотии густарда ва қобили ҷустуҷӯ, шомили маҷмӯае аз сафаҳоти таҳти веб, гурӯҳҳои хабарӣ, фиҳристҳои пусти интернетӣ, ҷараёнҳои иттилоотии шабакаӣ ва … муаррифӣ мекунад.

**Асари фановарии иттилоот ва иртиботот бар созмон.** Фановарии иттилоот ва иртиботот ва Интернет на фақат мутахассисони фановарии иттилоот ва коркуноне, ки фановарии иттилоотро дар муҳити коршон ба таври муназзам истифода мекунанд, таҳти таъсир қарор дода, балки муҳити созмон, худи созмон ва, ба таври куллӣ, дунёи иҷтимоиро таҳти таъсир қарор додаст.

Мудирон мебоист аз ин тағйирот огоҳӣ ёфта ва барои дарку созгории муносиб бо онҳо талош кунанд. Бахусус, дар сатҳиангезиши коркунон метавон интизори вуқӯи тағйироти асосиро дошт. Дар канори ин ки арзёбони иҷтимоӣ тағйироти бунёдӣ ва амиқеро дар сатҳи ҷомеъ пешбинӣ мекунанд, нависандагони ин мақола мӯътақиданд, ки аввалин ва муҳимтарин вазифаи мудирон дар чунин шароите ҳифзи ангезиши коркунон аст.

Тибқи натоиҷи пажӯҳиши мутахассисони фановарии иттилоот мушаххас шуд, ки ағлаби мутахассисони фановари иттилоот муҳимтарин манфиатшонро, ки аз як ширкат интизор доранд, имкони кор дар хона медонанд, ба ҳадде ки барои ҳуқуқ ва шонси пешрафт аҳаммияти камтаре қоил мешаванд. Ёфтаҳои ин пажӯҳишро метавон бо пажӯҳише, ки дар бораи коркунони ислувониёӣ сурат гирифт, муқоиса кард. 51 ширкати мухталиф ва беш аз 51 000 корманд, ки ағлаб дар мавқеияти мудири миёнӣ буданд, дар ин мутолиа ширкат дода шуданд. Ҷолибтарин ёфтаи пажӯҳиш ин буд, ки коркунон дар тақсимбандии 13-гона таваққуоташон аз ширкат мизони ҳуқуқ ва фурсати пешрафтро ба унвони камбаҳотарин таваққӯъшон дараҷабандӣ карданд.

Метавон интизор дошт, ки дар оянда фардгароии бештаре зоҳир шавад, бад- ин маънӣ, ки ниёзҳои вижае барои ҳар як аз коркунон матраҳ шавад ва ин ниёзҳо барои коркунони дигар мутафовит бошад.

Оё ҳамон чизҳое, ки коркунони ҳушмандро бармеангезад, довталабонро ба кор низ таҳрик мекунад. Медонем, ки довталабони шурӯи кор дар ширкат нисбат ба коркуноне, ки муддате ҳуқуқи дарёфт мекардаанд, ризоятмандии бештаре аз коршон доранд. Онҳо беш аз ҳама ниёз доранд, ки худро ба обу оташ бизананд, то рисолати созмонро бифаҳманд ва онро бовар ва барои мушоҳидаи натоиҷ омӯзиши мустамар дарёфт кунанд. Дар ин робита ин нукта низ нуҳуфта аст, ки гурӯҳҳои мухталифи мавҷуд дар ҷамъияти корӣ бояд ба гунаҳои мухталифе мудирият шаванд ва ҳамин гурӯҳҳо низ дар замонҳое мухталиф ба таври мутафовите мудирият гарданд.

Ҳама он чӣ гуфта шуд, нишон медиҳад, ки дар ҳоли ҳозир чолиши сахти ширкатҳо итминони ёфтан аз ин аст, ки оё вазоиф метавонанд дар ҳар замон ба василаи беҳтарин корманд (ё ҳадди ақал корманди хуб) ё паймонкори ҷузъ анҷом шавад. Аз он ҷо ки афрод дар ҷомеа иттилооти бисёр ҳаётӣ ҳастанд, равшан аст, ки ширкатҳое ба ин чолиш посухи муносиб медиҳанд, ки на фақат дар фикри бақо бошанд, балки ба хубӣ пешрафт кунанд. Ҳамон тавр ки Дрокр баён мекунад, ки: «Мо ба навъе назарияи иқтисодӣ ниёз дорем, ки дониши афродро дар маркази фароянди тавлиддоротӣ қарор диҳад».

**Чӣ гуна аз уҳда бароем?** Ин бадеҳӣ аст, ки рафтори мавриди подоши афрод ба таври яксон бо пул, мавқеият ё дигар қавоиди маҳсус қобили посухгӯйӣ нест. Гузашта аз ин, сабки роҳбарии омирона ба сабаби ин воқеият коркуноне, ки ҳар рӯз дониши бештар ва бештар касб мекунанд, намехоҳанд таҳти фармонравоии як диктотур бошанд. Номуносиб аст, бахусус агар ин гунна коркунон битавонанд ба осонӣ шуғлшонро тағйир диҳанд. Тибқи натоиҷи як пажӯҳиш, норизоиятӣ нисбат ба мудир далели аслӣ барои тағйири шуғл шинохта шудааст.

Созмонҳо дар сатҳи мухталифе худро бо тағйироти пешрӯ созгор мекунанд. Шурӯъкунандагони тағйирот дар созмонҳо, эҳтимолан, худи коркунон ҳастанд. Бо ин ҳол, мавқеияти созгоре бо тағйирот дар дастони мудирон аст. Аз тағйироти мумкин дар ҳавзаҳои хос ба ҳамроҳи роҳҳалҳои эҳтимолӣ барои идораи он тағйирот дар зер мавриди баҳс қарор гирифтааст.

**Тағйирот дар сабки раҳбарӣ**. Истифода аз ҳар сабки раҳбарии дигаре ғайр аз сабки омирона, метавонад як чолиши бузург барои тамоми мудирон бошад, ба ин далел ки мудир бояд бар раҳбарӣ бар пояи маҳорат ва вижагиҳои шахсиятии афрод такя кунад (ва ин сахт аст). Аз як сӯ, таноқиз байни ин ҳақиқат, ки кори як мудир ва натоиҷи ҳосила ба таври рӯзафзун ба зердастонаш бастагӣ дорад ва аз сӯйи дигар, мизони бисёр зиёди таомули дарунии кор (мудирияти пружа бо тиме, ки мутахассисони мухталиф ва моҳир ташкил шудаанд) ва ҳамчунин, қудрати амр ва наҳй ва нуфузи камтар бар зердастон ба ҳамроҳи қудрати бархоста аз мавқеият, метавонад дилсардкунанда бошад. Бинобар ин, шахсияти мудир баргои барангехтани коркунон, барои дастёбӣ ба аҳдофи муштараки созмонӣ табдил хоҳад шуд. Дар ибтидо мудир маҷбур аст ба наҳви шоистае коркунонро барангезад, ба тавре ки онҳо бениёз аз назорат корашонро анҷом диҳанд. Дуюм ин ки ӯ бояд шароити кори муносиберо фароҳам оварад ва ҳомии мутахассисони ҳар ҳавза бошад, чаро ки онҳо ҳанӯз шоистагии лозимро касб накардаанд (барои мисол: маҳоратҳои мудириятӣ ҳамчун барномарезӣ ва созмондиҳӣ). Бинобар ин, метавон интизори силсилаи маротиб аз пойин ба болоро дар созмон дошт, ба ин маънӣ, ки коркунон бо ҳама тахассус ва дониш, ки доранд, ба унвони як омили асосии мавқеият ва мудирон ба унвони ҳомиёни онҳо дар назар гирифта мешаванд.

Ҳимояти муносиби мудир яке дигар аз авомили калидӣ барои анҷоми кор аз сӯйи мутахассисон маҳсуб мешавад. Ин ҳимоят на танҳо бояд шахсият, мавқеият ва коромадии коркунонро дарбар гирад, балки ба таври ҳамзамон бояд мӯҷиби мавқеияти куллии созмон низ бишавад.

**Тағйири нақши коркунон.** Он гурӯҳ аз коркунон барои муваффақияти ширкат ҳаётӣ ҳастанд, ки аз дониши кофӣ бархурдор бошанд. Ҳатто, агар дар назар бигирем, ки тасмимгириҳои вогузоршуда ба коркунон ба андозаи кофӣ бодавом нестанд, ки натоиҷи хосеро дошта бошанд, ё тасмимгирӣ тавассути онҳо он қадр мушкил аст, ки аз он мунсариф мешаванд (бо ин ҳол) дар беш аз як сеюми чунин тасмимгириҳое натоиҷи матлуб ҳосил мешавад.

Ҳамон тавр, ки афрод зарфияти созмони мавриди алоқаашонро месанҷанд, ба ҳамон нисбати тасмимгирӣ дар бораи кормандёбӣ ва иртиқои масири шуғлӣ мебоист бе айб бошад (ё ҳадди ақал саъй кунем, ки инчунин бошад).

Нақши коркарди коркунон дар ағлаби созмонҳо метавонад аз аҳаммияти бештаре бархӯрдор шавад ва ҳатто, мумкин аст ба коркарди аслӣ дар созмон табдил шавад. Аз ҳамин мавзӯъ метавон барои таъйини чигунагии бакоргирии коркунон (дар созмон) истифода кард. Имрӯза аз Интернет истифодаҳои бешуморе мешавад. Созмон бояд ба таври мудовим ба пойиши чигунагии ҳимоят аз кор дар бозор ва, ҳамчунин, муқоисаи он бо фосилаи кунунӣ нисбат ба ниёзҳои ширкат ва манобеи инсонӣ ҷойгузин бипардозад.

Ҳамчунин, достони дигаре низ мумкин аст: ба далели муҳимтар шудани тасмимоти коркунон, нақши онҳо, онгуна ки имрӯз онро мешиносем, мумкин аст, ки миёни сохторҳои созмонӣ ҳазф шавад. Чунин вазоифе (нақшҳое) дар ҳамкорӣ бо паймонкорони хориҷ аз созмон шаклҳои дигаре ба худ мегиранд:

-аз дониш ва иттилооти коркунон ба манзури тасҳил дар баҳрагирӣ аз фановарии иртиботот ва анҷоми амалиёти рӯзмарраи созмон истифода мешавад;

-аз қобилиятҳои коркунон барои дар ихтиёр доштани пойгоҳи иттилооти мунсаҷим дар бораи афроди ҷӯёи кор истифода мешавад (ин пойгоҳ чунон васила аст, ки ширкат ба танҳоӣ қодир ба таъсиси он нест);

-коркунони огоҳ метавонанд ба унвони мушовирони мудир дар тасмимгириҳои муҳим матраҳ шаванд.

**Тағйири шеваи кунтрули коркунон.** Имрӯза назорат аз тариқи мушоҳидаи мудовими наҳваи анҷоми кори коркунон аҳаммияти камтаре дорад. Назорати доимӣ коҳиши ангезаи коркунонро ба ҳамроҳ хоҳад дошт, зеро: 1) ба далели ин ҳақиқат, ки назорат ба шеваи суннатии ғайримумкин ё, ҳадди ақал, хеле мушкил аст (чӣ тавр метавон бар кори маҷозӣ назорати мустақим дошт?), 2) ба хотири коркуноне, ки тақозои болоӣ барои худгардонии вазоифшон доранд.

Тибқи назари Дрокр, роҳи ҳалли ин мушкил мудирияти мубтанӣ бар ҳадаф ва худкунтрулӣ аст. Амалкарди хуби коркунон вобаста ба чигунагии анҷоми ҳар вазифа дар ҷиҳати таҳаққуқи аҳдофи куллии созмон аст. Теъдоди мутахассисони бо таҳсилоти олӣ ба таври қобили мулоҳизае дар ҳоли афзоиш аст ва дар айни ҳол, фановариҳои ҷадид ҳамкории наздиктаре миёни мутахассисонро мутолиба мекунад. Ба илова, амалкарди мудир аз тариқи мизони мушорикатӣ, ки ӯ барои муваффақияти ташкилоташ фароҳам мекунад, андозагирӣ мешавад. Шояд фоидаи аслии мудирият бар мабнои ҳадаф ин аст, ки барои мудир имкони кунтрули амалкардашро бо кӯмаки фановарии сахтафзорӣ ва нармафзорӣ, ки мудирро қодир ба гирдоварии сареъ, таҷзия ва таҳлил, таркиби додаҳо ва бозёбии иттилоот муносиб мекунад, мумкин месозад. Ба илова, мудирияти мубтанӣ бар ҳадаф таҳаммули мудиронро дар баробари коркуноне, ки баъзе мавоқеъи замонро ба иҷрои фаъолиятҳои ғайримуртабит бо аҳдофи созмон мегузаронанд ва ба иборате, итлофи вақт мекунанд, боло барад (барои мисол, бозии шатранҷ аз тариқи Интернет). Албатта, лозим ба таваҷҷуҳ аст, ки агар чунин фаъолиятҳое шоеъ шавад, агарчӣ ризоияти коркунон дар болотарин сатҳ ҷавоб хоҳад шуд, вале аҳдофи ширкат дигар қобили дастёбӣ нахоҳад буд. Бинобар ин, равише, ки барои назорати коркунон пешниҳод шуда, тибқи расидагӣ ба натоиҷи поёнии ҳар тарҳ ва тааюни мизони дастёбӣ ба аҳдоф мунтабиқ бо натоиҷи тарҳҳост. Бавижа, муҳим аст, ки ин аҳдоф ба таври айнӣ танзим шуда бошанд. Бинобар ин, метавон гуфт, ин ки коркунон ба андозаи кофӣ ангезаи лозим барои иҷрои аҳдофи тоқатфарсоро доранд, ғайри қобили инкор аст.

**Тағйири ангезиши коркунон.** Тафовутҳои миёни коркунон ва ниёзҳои мухталифи онҳо, эҳтимолан, дар оянда афзоиш хоҳад ёфт. Агар ширкат мехоҳад ин ниёзҳоро бо як тарҳангезише якпорча бипӯшонад, ин тарҳ мебоист хеле васеъ (пурдомана) бошад. Ироаи чунин тарҳе хеле гарон ва ғайримуассир хоҳад буд, лизо ширкат тейфи мутанаввее аз мазоёро барои ҳар фард пешниҳод мекунад, ки фарди мавриди назар баъзе аз ин мазоёро камаҳаммияттар ва баъзеро муҳимтар ташхис хоҳад дод.

Роҳи ҳали мумкин тавофуқи систими ангезишии ҳар корманд ва пешниҳоди мазоёи мухтасси ӯст, ба тавре ки ӯро барои анҷоми беҳтар ва муассиртари кор таҳрик кунад. Ёфтани беҳтарин шеваи ангезишӣ бидуни мушорикати худи корманд сахт аст. Коркунон нақши фаъолтареро дар фароянди эҷоди ангезиш бозӣ хоҳанд кард ва бинобар ин, тасвири возеҳе дар бораи аҳдофшон ва ба вижа дар бораи он чи ки мавриди интизори онҳо аз ширкат аст, яъне ҷое ки дар он ба сурати пораи вақт ё тамоми вақт ба кор гирифта шудаанд, барҷой мегузорад. Дар беҳтарин ширкатҳо тавсиаи ин тасвири возеҳ дар бораи аҳдофи фардӣ аз тариқи эҷоди иртибототи ислоҳӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад (барои мисол, барои симинорҳо ё коргоҳҳои мухталиф).

Ҳадафи аслии ин навъи систимангезишӣ ин аст, ки ҳар корманд ҳадафи шахсии худро, ки ба андозаи кофӣ хоҳони он аст (мисронаи онро металабад), таъйин кунад. Корманд бояд аз ангезаи болоӣ барои баровардани ин ҳадаф (мушаххас) бархурдор бошад, на ба хотири аҳдофи ширкат ё назоратҳои нозирон, балки ба хотири алоқаи худаш. Вазифаи мудирон аст, ки аз ҳамхонии аҳдофи фардӣ бо аҳдофи дигари коркунони бахш, ё коркунони бахшҳои дигар ва ҳамчунин, бо аҳдофи ширкат итминон ёбад.

**Тағйир дар мудирияти иттилоот ва баҳрабардорӣ аз дониш.** Мудирияти асарбахштари дониши созмонӣ ва бакоргирии он дар бозори кор ҳадафи ниҳоии касоне аст, ки ба дунболи мазияти рақобатӣ дар бозор ҳастанд. Истифода аз дониши фардии коркунон бисёр осонтан аз баҳрабардорӣ аз тамомии донише аст, ки дар афкори ҳама коркунони созмон ҷой гирифтааст. Тибқи натоиҷи пажӯҳишӣ, ки дар Амрико анҷом шуд, ширкатҳо фақат аз 20% донише, ки дар коркуноншон вуҷуд дорад, истифода мекунанд.

Фановарии иттилоот ва иртиботот фурсатҳои бешумореро барои ислоҳи мудирияти иттилоот дар созмонҳо пешниҳод мекунад. Бо баҳрагирӣ аз ин фурсатҳо имкони истифодаи беҳтар аз дониши коркунон фароҳам мешавад. Яке аз ин мавориди (фурсатҳо) истифода аз систими иртиботи шабакаи дарунисозмонӣ барои ширкат аст, ки мубтанӣ бар хадамот ва мувофиқатҳои мунтабиқ бо Интернет аст. Ин шабакаи дарунсозмонӣ имкони захирасозии сода ва нисбатан басарфа, созмондиҳӣ, пардозиш, нигаҳдорӣ ва иштироки иттилооти байни аъзои созмонро фароҳам мекунад. Тибқи назари Марчанд ва дигарон, ҳама ин вазоиф барои мудирияти дурусти иттилоот лозим ва асосӣ ҳастанд. Дар айни ҳол, аз интишори чунин

иттилооте (иттилооти мавҷуд дар шабакаи Интернет) ба беруни созмон метавон ҷилавгирӣ кард.

Дар канори Интернет равишҳои биёр зиёди дигаре барои истифода аз дониш захира шуда, даруни созмон ва пардозиши иттилоот аз анбӯҳи додаҳо вуҷуд дорад. Аз ҷумлаи онҳо метавон ба анборҳои захирадода, системаҳои истихроҷ, системаҳои ҳушманд ва … ишора кард.

Роҳи ҳалҳои сахтафзорӣ ва нурмафзории вазъияти мавҷуд истифода аз дониш аст. Мавонеи аслӣ дар ин масир яке марбут ба мафҳуми дониш ва дигаре марбут ба афрод дар чигунагии дастёбӣ ба дониши мавҷудӣ аст, ки ба кӯмаки фановарии иттилоот ва ба беҳтарин шева барои ба иштирок гузоштан ва захира ва интиқоли дониш дар тамоми созмон анҷом гирифтааст. Тибқи пажӯҳиши 28- моҳае, ки беш аз 1000 мудири аршади ширкатҳои байналмилалиро шомил мешавад, амалкарди тиҷории беҳтар на фақат аз фановарии иттилоот, балки аз мудирияти дурусти иттилоот ва мудирияти афроди созмон ҳосил мешавад.

Ҳадафи аслии ин мақола муаррифии бархе тағйирот аст, ки ба василаи иттилоот ва иртиботот ва Интернет дар тавсиаи коркунон ба вуҷуд меояд ва шеваҳои ҷадиди кор ҳамчун кори пружаӣ бо паймонкорон ҷузви корманди маҷозӣ буданро мумкин месозад. Агарчӣ густардаи мавзӯи ин мақола бисёр васеъ ва аҳаммияти мавзӯъ бисёр зиёд аст, аммо Интернет ва фановарии иттилоот ва иртиботот танҳо авомили таъсиргузор барои бозори кор ва мудирияти коркунон нестанд, ки дар ин ҷо мавриди баҳс қарор гирифтаанд. Бо ин ҳол, баъзе аз муҳимтарин навовариҳо дар ин ришта ва шеваҳои мумкин созгори (ҳамоҳангсозӣ)-и ин тағйирот бо сохтори созмонӣ, сабки раҳбарӣ ва сабки ангезиши коркунон ва мудирияти пешрафтаи иттилоот ва баҳрабардорӣ аз дониш мавриди баҳс ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳар як аз маворид мутаносиб бо созмони хосе (ва бар асоси мушаххасоти он созмон) аст. Ба ҳар ҳол, ин масъала равшан аст, ки ҳеч ширкате қодир ба дурӣ аз ин тағйирот нест ва заруратан, маҷбур ба интибоқ бо он хоҳад буд. Он гунна додаҳои омории даруни мақола дар бораи истифода аз Интернет ва кори маҷозӣ нишон медиҳад, тағйироти мазкур беш аз ин муҳим ҳастанд, ба тавре ки мудирони аршади ҳеҷ ширкате наметавонад ва набояд онҳоро ба фаромушӣ биспоранд.


**АДАБИЁТ**

1. Barley. The new world of work. Pamphlet, British- North American. Committee, -London, 1996.
2. Battey. Retaining your most valuable assets // Infoworld, 2000, july 21
3. Dash J. Telecommuting continues to rise / J. Dash. –Marion: Computerworlk, 2001.
4. Drucker P. The essential Drucker / P. Drucker // Oxford, UK: Butterworh- Heinemann, 2001


## УПРАВЛЕНИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКИМИ РЕСУРСАМИ НА ОСНОВЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ


Данная статья посвящена изучению совершенствования различных методов управления человеческими ресурсами при помощи новейших компьютерных технологий. Использование информационных технологий и современного программного обеспечения в работе с человеческими ресурсами повышает эффективность трудовой деятельности персонала на всех уровнях управления и оказывает существенное влияние на принятие обоснованных решений в области управления человеческими ресурсами.



**Ключевые слова:** человеческие ресурсы, управление человеческими ресурсами, информационные технологии, новейшие компьютерные технологий.


## HUMAN RESOURCES MANAGEMENT ON THE BASIS OF INFORMATION TECHNOLOGIES


This article is devoted to the study of improvement of different methods of human resources management using the latest computer technology. The use of information technologies and modern software in the work with human resources increases the efficiency of labour activity of the personnel at all levels of management and has a significant impact on informed decision-making in the field of human resources management.



**Key words:** human resources, human resources management, information technology, the latest computer technology.



**Сведения об авторе:** ***Хусайн Тало*** – соискатель Института гуманитарных наук АН РТ

# АҲАМИЯТИ ПЕШБИНИИ ФУРӮШ ДАР МУДИРИЯТИ ТАВЛИД

*Ҳасан Султонӣ, М. Собиров*
**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**

**Оянданигарӣ.** Пажӯҳишҳои илмӣ ва фаннӣ, ки дар гузашта теъдоди каме аз афродро ба худ ҷазб мекард, имрӯз густариш ёфта ва аз ҳар 1000 нафар 30 нафар ба он машғуланд, дар асри мо боарзиштарин иктишофоти илмӣ, ки дар мавридашон пажӯҳишҳои муназзам анҷом мешавад нест, балки шомили онҳое аст, ки тозагӣ дошта, ба сурати тасодуфӣ вориди зиндагии инсонҳо шуда ва онро дигаргун карда, осор ва паёмадҳояш низ пешбининопазир аст ва дар айни ҳол шинохти моро аз инсон ба мизони зиёде густариш медиҳад.

Саноеи иртиботӣ рӯз ба рӯз тавсиаи бештаре пайдо мекунад ва технологияи моҳвораӣ ба мо имкон медиҳад, то дар они воҳид дар ҳама ҷо ҳузур дошта бошем. Таҷассуми фаровардҳои саноеи иттилоотӣ ва иртиботии абзорҳои кӯчак ва бузурге дар ихтиёри мо мегузорад, то дар ин шабакаи иттилоотӣ ва иртиботӣ мушорикат пайдо кунем.

Маҷмӯаи таҳаввулоти дар ҳоли анҷом, таъсири худро бар дидгоҳҳои башари даврони ҷадид гузоштааст. «Ҳоиз Набарг» мегӯяд:

Дар илм, гушудани сарзаминҳои ҷадид номумкин аст, магар он ки инсон омода бошад, ки лангаргоҳи назарияҳои мақбулро тарк карда ва хати ҷаҳише ба ҷилуро, ки ояндааш номаълум аст пазиро бошад. Вақте навбат ба погузоштан ба қаламравҳои ҷадид мерасад, лозим аст, ки сохти фикри илмӣ аз бун дигаргун шавад, ки тағйир дар усули поя, аз ҳамин ниёз сарчашма мегирад.

Роҳе, ки башар ба сӯи оянда дар пеш дорад, роҳест пурпечу хам ва душвору пурхатар. Наметавон китмон кард, ки инсон беш аз гузашта ба оянда фикр мекунад ва тарзи фикри ӯ ба тарзи бесобиқае ба тарзи фикри пешгӯён ваояндабинон табдил шудааст. Мафҳуми барномарезӣ бо ормонҳо ва идеалҳои инсони нав, дарҳам омехта ва башар инак барои арзёбии падидаҳо ба вазъи мавҷуд иктифо накарда ва дар паи кашфи арсаҳои тоза аст. Ин дидгоҳ, таҳаввул дар нигариш ва шеваи бархурди башар бо худ ва ҷаҳони атрофро ба дунбол дорад. Табдили оянда ба сарчашмае умедбахш ва на омили тарсу нигаронӣ, таваҷҷуҳи ҳамаи муҳаққиқин ва донишмандонро ба худ маътуф сохтааст.

**Технологияи инқилоби санъатӣ.** Ҳамзамон бо вуқӯи инқилоби санъатӣ, дар замоне камтар аз ним қарн, зиндагии ҷавомеи мухталифи башарӣ дастхуши дигаргунӣ ва тағйироти азиме гардид. Низоми санъатии ҷадид бо худ тамаддун ва шеваи зиндагии навинеро ба ҳамроҳ овард. Бар пояи ин низоми ҷадид технологияи нав шакл гирифт ва мошинҳои барқӣ ва механикии азим, қитъаоти мутаҳаррик, печ ва муҳра ҳама ва ҳамаи муҳити зиндагии башарро дарбар гирифтаанд. Бар пояи ин бунёди фаннӣ саноеи мухталиф шакл гирифтанд. Дар оғоз, зуғолсанг, насоҷӣ ва роҳи оҳан ва ба дунболи он фулод, саноеи автомобилсозӣ, алюминим, дорусозӣ ва лавозими хонагӣ яке пас аз дигаре по ба арсаи вуҷуд гузоштанд.

Тамаддуни ҷадид, дастгоҳҳо ва мошинҳоро таҳти як низоми ба ҳам пайваста ва дар зери як сақф гирд овард, то корхонаҳо ва хатҳои тавлиди мухталиф эҷод гардад. Тавлиди анбӯҳи иттилоот дар канори анвои тавлидоти дигар арзаи ҷаҳонии худро оғоз кард. Дар тамаддуни ҷадид башар қодир ба эҷоди иртиботи ҷаҳонӣ ва интиқоли як паём аз як сӯи кураи замин ба сӯи дигар гардид.

Маҷмӯаи ин таҳаввулот сохтори иҷтимоии ҷавомеи башариро дучори тағйироти асосӣ намуд. Алорағми тафовутҳое назири забон ва фарҳанг, ҳамаи ҷавомеи санъатӣ аз вижагиҳои муштараке бархурдор гардиданд. Решаи ин иштирокро бояд дар батни низоми санъатии ҷадид ва шохисҳояш ҷустуҷӯ кард. Тамаддуни ҷадид аз маҷмӯаи тамаддунҳои вобаста ба якдигар ташкил ёфта буд, ки бар рафтори маҷмӯаи ҷавомеи санъатӣ таъсире ягона дошт.

Дар низоми санъатии ҷадид таориф ва истилоҳоти хосе вуҷуд дорад, монанди:

**Стандарт кардан.** Дар ҷавомеи санъатӣ ҳам равишҳои анҷоми кор ва ҳам муҳтавои кор стандарт гардиданд. Тейлар муътақид буд, ки аз миёни роҳҳои гуногун фақат як роҳи беҳтар (стандарт) барои анҷоми кор, як замони беҳтар (стандарт) барои иҷрои он ва як замони таъйиншуда (стандарт) барои ба итмом расондани он вуҷуд дорад.

Тавлиди анбӯҳи стандарти анвои колоҳо оғоз гардид. Доманаи стандарт кардан аз корхонаҷот хориҷ шуд ва ба кӯчактарин завоёи зиндагии башар нуфуз кард.

Стандарт кардани масирҳои ҳаракат, омӯзиш, замон, иттилоот, миқёсоти тақвимии истифода аз авқоти фароғат, масраф, қиматҳо, рафтор ва одоти рӯзмарра дар сатҳӣ ба вусъати кулли ҷавомеъ ба вуқӯъ пайваст.

**Тахассусӣ кардан.** Мавҷи ҷадиди санъатӣ нисбат ба гузашта ниёзманди танавуи васеътаре, дар ҳавзаи кор буд. Назарияпардозони бузурге чун Адам Смит бо таҳқиқоти пурдоманаи худ, бар тахассус ба унвони ҷузъи лоянфаки тавлиди санъатӣ такя карданд. Беш аз пеш тахассусӣ шудани кор, таъсири худро бар сохтори иҷтимоии ҷавомеи санъатӣ ва кулли ҷаҳон гузошт.

Нерӯи тахассус, марзбандии кишварҳои соҳиби тахассус ва фоқиди онро эҷод кард ва ин амр мудиронро водор намуд, ки барои ҳидояти нерӯи мутахассис, маҳоратҳои лозимро ба даст оваранд.

**Ҳамзамонсозӣ.** Тавлиди занҷирай ва кори ба ҳам пайваста, мунҷар ба ҳамгом шудани замон бо ҳаракоти мошин гардид ва оғоз ва итмоми кор дар сооти муайян, аз муҳитҳои омӯзишӣ гирифта то корхонаҷот, рӯз ба рӯз густариш ёфт. Ҳамзамонсозии санъатии зиндагии инсонҳо мунҷар ба эҷоди одоти муштарак дар зиндагии инсонҳо гардид, ки ин амр таваҷҷуҳи ҷадид ба замони анҷоми кор ва тавлидро дар пай дошт.

**Тарокум.** Ташкили шаҳрҳои бузург дар канори ҷавомеи санъатӣ мунҷар ба эҷоди тарокум дар нерӯи кор ва энержӣ гардид. Афзоиши тавлид ниёзманди тарокуми нерӯи кор ва сармоя буд. Доманаи мутароким кардани нерӯҳои асосии тавлид, рӯз ба рӯз вусъат ёфта ва мунҷар ба эҷоди ширкатҳои санъатии ғулпайкар ва тростҳо гардид. Тавлиди колоҳои масрафӣ ва сармояӣ ҳарчи бештар дар инҳисори ин корхонаҷот қарор гирифт ва табиатан истифода аз техникҳои ҷадиди тавлид иҷтинобнопазир гардид.

**Пешинасозӣ (Анбошт).** Сарфаи иқтисодии тавлид ва касби судоварии ҳарчи бештар мунҷар ба бузург кардани миқёсҳо дар ҳамаи фаъолиятҳо гардид. Вожаи бузург бо вожаи кор мутародиф гардид. Шаҳрҳо, осмонхарошҳо, садҳо, заминҳои бузурги варзиш, ҳутелҳо ва ҳазорон падидаи бузурги дигар аз гӯша ва канор рӯиданд. Ва дар натиҷа мудирон бо камийятҳои бузург дар бахши тавлид рӯбарӯ гаштанд. Ин амр боиси афзоиши тавоноиҳои созмонҳо дар ба кор бурдани техникҳои печидатари тавлид шуд.

**Тамаркуз.** Тамаркуз асли мусаллами дигаре аз усули тамаддуни ҷавомеи санъатӣ аст. Ин асл, ки ба манзури ҳидояти ҷавомеъ эҷод гардид, бо худ тамаркузи сиёсӣ ва иқтисодиро ба ҳамроҳ овард. Доманаи асли тамаркуз низ монанди дигар усули тамаддуни нав аз ҳитаи кишварҳо хориҷ шуда ва кулли ҷаҳонро дар бар гирифт.

Эҷоди созмонҳо, ниҳодҳо ва маҷомеи мухталифи байналмилалӣ дар куллияи заминаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ бозтоби яке дигар аз усули тамаддуни санъатӣ аст. Мудирон дар як шабакаи ба ҳам пайвастаи санъатӣ қарор гирифтанд ва интиқоли таҷоруби печида бахше аз фароянди интиқоли технологӣ маҳсуб гардид.

**Мубоҳиси мудерн дар мудирият.** Барномарезӣ ва контроли фаъолиятҳо, талфиқи дақиқ ва огоҳонае аз вуқӯи тақозои воқеӣ ва интизорот аст. Пешбинии мо ниёзманди эҷоди тарҳҳои рӯзона ва солонаи мустақим бар асоси дидгоҳи барномарезӣ бо корбурде хос аст, ки мутаносиб бо ниёз буда ва нисбатан кӯтоҳ бошад ва ниёзманди он навъ аз равишҳои пешбинӣ ҳастем, ки ҳазинаи иҷро ва нигаҳдории онҳо нисбатан арзон бошад, ба наҳве, ки ин равишҳо битавонанд худро бо анвои масоили даргир ва бо мавқеиятҳои гуногун вафқ диҳанд ва ба ин тартиб лузуми ҷамъоварии иттилооти мавриди ниёз ҷиҳати пешбинӣ ва ё истифода аз равишҳои мудерн (компютерӣ) эҳсос мешавад.

Пешбинӣ, яке аз муҳимтарин абзори иттилоотӣ ҷиҳати тасмимгириҳои мудирияти тавлид мебошад. Шояд баёни ин матлаб иғроқ набошад, ки барномарезӣ дар мавриди тавлидоти оянда, зарфияти макони корхона, системҳои тавзеъ ва фароиндҳои амалиёт, бидуни пешбинӣ имконпазир намебошад.

**Пешгӯии бозор барои тавлидот ва хадамот.** Тарроҳии мантиқӣ барои тавлидот ва хадамот, ки шомили системҳои тавлидии онҳо низ бошанд, бидуни тахмини зарфияти бозор муясар нест ва ин воқеияте аст, ки куллияи ширкатҳои пурсуд ва бесуд, бо он мувоҷеҳанд ва тасмимгирӣ дар мавриди тавлиди коло ва анҷоми хадамоти ҷадид мутакӣ ба шинохти андозаҳои билқувваи бозор мебошад ва низ тасмимгирии асосӣ дар мавриди тавлиди маҳсул ва хадамот, замоне анҷом мегирад, ки аз пеш иттилооти марбут ба тарҳҳои коло ва хадамот ва системҳои тавлидӣ дар дастрас бошанд.

Замоне, ки бозори колой, дар марҳалаи рушд ва ё ҳатто ашбои давраи умри худ қарор дорад, маъмулан ислоҳоте дар тарроҳии маҳсул ва афзоиши зарфияти физикӣ дода мешавад. Тамомии анвои ин гуна барномаҳо табиате баландмуддат дошта ва ниёз ба сармоягузории васеъ дорад. Бинобар ин бояд оянданигар буд.

**Пешгӯӣ ва пешбинӣ.** Аз ду истилоҳи мутафовити «пешгӯӣ» ва «пешбинӣ» ҷиҳати тавзеҳи равишшиносиҳои тахминии тақозо дар оянда истифода мекунем. Истифода аз калимаи пешгӯӣ дар истилоҳ, бештар ёдоваригӯйи шишаӣ аст, ки бо нигоҳ кардан ба даруни он, ояндаро бозгӯ мекунанд. Дар пешгӯӣ ба талфиқи мақодири зиёде аз иттилооти айнӣ ва зеҳнӣ пардохта мешавад то беҳтарин тахмин барои оянда зада шавад. Равишҳои пешгӯӣ, замоне ба кор гирифта мешаванд, ки таҷоруби андаке дар мавриди бароварди тақозои отӣ мавҷуд бошад.

Вале баръакс, пешбинӣ бо такя бар техникҳои оморӣ ва савобиқ ва иттилооти гузашта ва ба василаи иттилооти кофӣ, ки битавонад ба сурати истилоҳоти оморӣ қобили табйин буда ва мутакӣ бар шохисҳои мутадовили бозор бошад, сурат мепазирад. Муҳимтарин ва коротарин равишҳои пешбиниро маъмулан таҳти се унвони муҳим хулоса мекунанд:

- модели сериҳои замонӣ барои пешбиниҳои кӯтоҳмуддати амалиёт. Ин мудел бахусус барои контроли сатҳи тавлид ва мавҷудиҳои коло муносиб мебошад;

- равишҳои сабабӣ муносибтарин равиши пешбинӣ ҷиҳати давраҳои кӯтоҳмуддат ва миёнмуддат аст ва ин равиш хусусан дар заминаи равишҳои барномарезии куллӣ (мутароким) лозим аст;

- равишҳои пешгӯӣ барои пешбиниҳои баландмуддат дар иртибот бо тасмимоти стратегӣ дар заминаи барномарезии мошинолот, маконёбӣ (корхонаҳо) ва тавсиаи маҳсул, муносиб аст. Бо вуҷуде, ки моделҳои пешбинӣ, ки хуб тарроҳӣ шудаанд, арзиши худро дар заминаҳои бозаргонӣ, санъат ва дастгоҳи давлатӣ нишон додаанд, ба ҳар ҳол метавон хотирнишон кард, ки пешбинӣ, як навъ ҳунар ва завқ аст. Бакоргирии механикии модел ҳамеша беҳтарин натоиҷро оид намекунад, балки огоҳиҳои фикрӣ ва дониши афроди муталеъ, дар афзоиши сиҳат ва диққати пешбинӣ муассир аст.

**Ниёзҳои пешбинӣ барои амалиёт.** Амалиёти пешбинии тақозо дар созмонҳои муваффақ ё номуваффақ (судовар ё зиёновар) кӯмаки зиёде ба мақосиди мудирият дар заминаи барномарезӣ ва контрол мекунад ва аҳамияти ин масъала аз он ҷост, ки иттилооти марбут ба пешбинии тақозо ба шакле дар дастрас бошад, ки битавон маҷмӯаи тақозоҳои мавод, замони лозим ҷиҳати табақабандии таҷҳизоти хос ва маҳоратҳои вижаи корро мунъакис кунад. Бинобар ин ниёз ба пешбинӣ, сармояи холис ва дастабандии тақозои муштарӣ ва фурӯшанда, табақабандии тақозои маҳсул ва хадамот, ба таври васеъ ношӣ аз арзиши маҳдудаи амалиётӣ мебошад.

Барномарезӣ ва назорати амалиёт илзоман дар сутӯҳи мухталиф рух медиҳад ва баъид аст, ки танҳо як пешбинӣ битавонад тамоми сутӯҳро таҳти пӯшиш қарор диҳад. Мо ниёзманди бакоргирии пешбиниҳое дар андозаҳои замонии мухталиф, ба унвони асоси тарҳҳои амалиётии тавсиаёфта ва ҷиҳати барномарезиҳои мутафовит дар тамоми сутӯҳ, мебошем. Ин барномарезиҳо иборатанд аз:

1.Барномаҳое, ки мутакӣ бар фаъолиятҳои ҷорӣ ва ояндаи наздик бошад.

2.Барномаҳои миёнмуддат ҷиҳати таъйини зарфияти мавриди ниёз, персонал, мавод ва васоил ва таҷҳизоти лозим ҷиҳати як давра аз як моҳ то дувоздаҳ моҳи баъд.

3.Барномаҳои баландмуддат барои зарфияти маконёбӣ (корхона), тағйири тавлидоти коло ва хадамот тавъам бо тавсиа ва эҷоди колоҳо ва хадамоти ҷадид.

Ҷиҳат ва диде, ки лозимаи пешбинӣ аст боистӣ бо тасмиме, ки дар оянда иттихоз мешавад созгорӣ дошта бошад. Агар тасмими иттихозшуда дар фаъолиятҳои се моҳи оянда таъсир дошта бошад, дар ин сурат пешбинӣ барои як моҳ бефоида хоҳад буд. Аз тарафи дигар интихоби мудели пешбинӣ, ки хатои як моҳи он қобили қабул аст дар муддати се моҳ норасой, вазъияти номуносибе хоҳад дошт, ки коре ғайриоқилона аст. Бинобар ин яке аз меъёрҳои муҳим дар интихоби мудел, созгорӣ байни се омили зер аст:

1.Замони тасмим.

2.Ҷиҳат ё уфуқи диди пешбинӣ.

3.Сиҳати пешбинӣ.

**Равишҳои пешбинии сериҳои замонӣ.** Хусусиёте мисли суръат, босарфа будан ва зарфияти ҳофизаи компютерҳои имрӯзӣ, корбурди методҳои риёзии пешбиниро матлуб сохтааст. Яке аз ин муделҳои пешбинӣ, сериҳои замонӣ равиши камтарин

маҷзурот аст. Заминаи риёзии ин равиш тавассути Жузеф Фурия, физикдон ва риёзидони фаронсавӣ эҷод шудааст. «Фурия» нишон дод, ки ҳар тобеи давраӣ (фаслӣ), ки маҳдуд, такарзиш ва пайваста дар замон буда метавон ба василаи сериҳои риёзӣ, ки аз як ҷумлаи собит, ба изофаи маҷмӯи чандин ҷумлаи синусӣ ва косинусӣ ташкил шуда, намоиш дод. Ин сериҳо ба унвони як серии номаҳдуд унвон шудаанд. Зеро дар теория ба теъдоди номаҳдуде аз ҷумалот ниёз дорем то тобеи мавриди назар бо диққати комил ба такрори амалиёти мушобеҳ бипардозад. Аз нуқтаи назари амалӣ ба назар мерасад, ки теъдоди маҳдуде аз ҷумалот (байни 4 то 14) дар ҳолатҳои пешбинии фаслӣ, натоиҷи дурахшонеро аз худ нишон диҳад. Барои мисол, вақте мудели сериҳои замонӣ, ки бо шаш ҷумла ба кор бурда шуда, барои иттилооти компютерӣ истифода шуд, натиҷае муодили MAD = 1/86-ро ба ҳамроҳ дошт.

Афзоиши теъдоди ҷумалот дар мудел маъмулан иттилооти марбут ба гузаштаро ҷиҳати истифода, муносибтар менамояд, бо вуҷуде ки ҳазинаи истифода аз компютер афзоиш меёбад, ба унвони як қонун метавон гуфт, ки ҳадди ақалли теъдоди ҷумалот дар мудел, баробар хоҳад буд бо ду баробари теъдоди ҳадди аксарҳо дар як давраи муайян ба иловаи ду.

**Равишҳои пешбинии сабабӣ.** Чун мо ба қадри кофӣ собиқа ва таҷрибаи муфид дорем, метавонем пешбиниҳоро ба авомили иқтисодии муассир ва ба рӯз, тағйироти фаслӣ ва навасонот иртибот диҳем. Бинобар ин агар мо битавонем авомили сабабиро арзёбӣ карда ва иртиботи онҳоро бо нафъи тавлидот ё хадамот тазмин намоем, метавонем пешбинии саҳеҳе анҷом диҳем.

Авомили мавҷуд дар муделҳои сабабӣ иборатанд аз:

- шохисҳои даромади қобили тасарруф, издивоҷҳои ҷадид, оғози хонасозӣ, мавҷудии коло;
- шохисҳои ҳазинаи зиндагӣ ва низ пешбинии авомили пӯё ва ё иғтишошот монанди: эътисобот, аъмоли руқабо ва муборизоти таблиғотӣ ҷиҳати афзоиши фурӯш;

Мудели пешбинии сабабӣ равобити риёзӣ байни авомили сабабӣ ва тақозои колои мавриди пешбиниро нишон медиҳад.

**Равишҳои пешбинӣ «пешгӯӣ».** Дар асри улуми мудирият ва компютер, чаро бояд баъзе мавоқеъ ҷиҳати пешбинии ниҳоии тақозои ояндаи маҳсулот ва хадамот, ба равишҳои кайфӣ мутавасил шуд? Дар ҷавоб бояд гуфт: ҳангоме, ки ҳеҷ гуна иттилооте марбут ба собиқаи қаблӣ мавҷуд набошад, равиши оморӣ фоқиди арзиш аст. Дар мавриди наҳваи тафаккури афрод, намунагирӣ аз вокуниши онон нисбат ба тағйироти бозор, шинохти рафтори масрафкунанда ва муқоисаи ин мавқеиятҳо иттилои мушобеҳ надорем, истифода аз равишҳои оморӣ мӯътабар набуда ва беҳтарин ва илмитарин қазовати мумкина дар мавориди боло, истифода аз равиши кайфӣ аст.

Мо наметавонем ба халқи иттилооти хушки оморӣ марбут ба тақозои ҷинсе, ки вуҷуд надорад бипардозем ва ба ҳамин далел аст, ки истифода аз равишҳои кайфӣ метавонад аз аҳамияти фавқулоддае дар бархе аз тасмимгириҳои муҳим бархурдор бошад.

**Натиҷагирӣ.** Шояд танҳо ва муҳимтарин маҷмӯаи иттилоот барои мудирон, иттилооти марбут ба пешбиниҳо бошад. Дарвоқеъ ҳар тасмими муҳиме дар амалиёт бо таваҷҷуҳ ба дараҷаи аҳамияти он ба пешбинии тақозо бастагӣ дорад.

Барои мисол, тасмимоти куллӣ ва дар ҳадди васеъ дар иртибот бо истихдоми тарҳи бакоргирии коркунон ва таъмини нерӯи инсонӣ, наҳваи бакоргирии имконот, изофакорӣ ва таҷамуи мавҷудиҳои фаслӣ, бо таваҷҷуҳ ба пешбинии тақозои мавриди интизор сурат мегирад. Дар саноеи хадамотӣ монанди бемористонҳо ё мухобирот, тадоруки як сервиси 24 соата рӯзона барои тамоми тӯли ҳафта илзомӣ аст. (Тадоруки персоналӣ барои анҷоми чунин хадамоте бо таваҷҷуҳ ба ин ки ҳар фард ба таври қонунӣ муваззаф ба 40 соат кор дар ҳафта аст).

Бинобар ин чунин хадамоте бастагӣ ба тақозо дорад. Мавҷудии маводи хом ва кори дар ҷараён ва колои сохташуда, аз ҷумлаи масоили муҳиме ҳастанд, ки дар системҳои тавлидӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегиранд.

Мавҷудии коло барои муназзам кор кардани бисёре аз корҳои хадамотӣ бисёр муҳим аст. Ақломе, ки дар мавҷудиҳои коло арза мешаванд, ба далели ҳамонандсозӣ ва ҳамоҳангӣ, ки бояд бо системҳои хадамотӣ эҷод шавад аз аҳамият бархурдоранд. Эҷоди хатти маши оқилона марбут ба мавҷудиҳо ба пешбинии масраф бастагӣ дорад. Мудирон дақиқан аз вобастагии худ ба пешбиниҳо муталеанд ва қисмати аъзами вақти онҳо дар масири умуроти сиёсӣ, иқтисодӣ ва ин ки чӣ гуна вақоеи

иқтисодӣ ба тақозои колоҳо ва хадамоташон асар мегузорад, сарф мешавад. Як масъалаи мавриди баҳс, арзиши нисбии ақидаи мудир дар муқобили равиши пешбинии миқдорӣ аст. Мудирон шояд дар баробари ҳаводисе, ки бар тақозо асар мегузоранд бисёр ҳассос бошанд. Эҳтимолан равишҳои каммӣ дар тағйироти мақтаӣ пеш аз мавъид, тақозои камтарин таъсирро хоҳанд дошт ва ба ин тартиб ба суръат бо тақозоҳои дар сатҳи боло ва ё поинӣ рӯбарӯ хоҳем шуд, чаро ки равишҳои каммӣ мубтанӣ бар савобиқ ва иттилооти қаблӣ аст ва кӯшиши илми мудирият бар ин будааст, ки ҳассосият ва вокуниши хешро нисбат ба тағйироти сареъ ва ҳассоси тақозо ба сурати автоматӣ ва худкор даровард ва ин кор ба василаи системҳои татбиқӣ ва моделҳои суннатӣ анҷом мегирад.

Муваффақияти иҷрои ин систем муваффақияти иғфолкунанда аст ва ба вузӯҳ равшан нест, ки иҷрои системи татбиқӣ, бартарӣ дошта бошад. Ҳадсҳои сабабӣ ба ҳангоми касодӣ, камтарин латмаи мумкинаро дар шохисҳои мавҷуди як санъат ё иқтисод ворид меоваранд. Зеро онҳо барои мунъакис кардани тақозо, ки бар асари шохисҳои иқтисодӣ дар санъат ва иқтисод ба вуҷуд омадааст, мебошад. Барои интихоби моделҳои пешбинӣ бояд доманае аз пешбиниҳои лозим, ниёзҳои воқеӣ ва ҳазинаҳоро мавриди таваҷҷуҳ қарор дод. Равишҳои якнавохти сохти коло ба вижа бо пешбиниҳои кӯтоҳмуддат қобили татбиқ буда ва бо ҳазинаи каме қобили пиёда ва иҷро шудан мебошанд. Ҳарчи доманаи пешбиниҳо кӯтоҳмуддаттар шаванд, ҳазинаи солиёнаи ҳифзи чунин системаҳо афзоиш меёбанд, чаро ки бояд мураттаб, тасҳеҳ ва мутобиқи рӯз гарданд. Якнавохт кардани сохти маҳсулот бо системаҳои компютерӣ қобили татбиқ мебошад, зеро барои ҳар мавриди пешбинӣ камтарин мизони иттилооти лозим захира мешавад. Иттилооти лозим барои ҳофиза ба нисбате, ки модел аз шакли сода ба печида тағйир мекунад, афзоиш меёбад. Дар ин сурат раванд ва тағйироти фаслиро ҳам ба ҳисоб меоваранд, хоҳ он ки печидагиҳои изофӣ қобили қабул бошад ва ё на, ки вобаста ба сиҳати тавозун байни пешбиниҳои лозим ва ҳазинаи он аст, ки барои барқарории тавозун пешбинии саҳеҳ эҷод мешавад. Замоне, ки уфуқи ниёз ба пешбинӣ қадре васеътар ва ниёз ба диққат ва сиҳати он бештар эҳсос шавад, равишҳои сабабӣ барои мудирон бояд ҷаззобияти бештаре дошта бошад. Чунин ҳолат вақте маъмул мешавад, ки мудирон барномаи худро дар сатҳи васеътаре дар заминаи ихтисоси зарфияти манобеъи бештар, ки мутазамини тавсиа ё таҷдиди давраи кӯтоҳмуддат мешавад, пиёда намоянд.

Сипас, модели мафруз бо иттилоот ва савобиқи таърихии мавҷуд баррасӣ ва контрол мешавад, ки оё модели мафруз ба танҳоӣ кофӣ аст ё хайр?

Ин фароянд то дастёбӣ ба як модели ризоятбахш такрор мегардад. Бо ин ки системҳои пешбинии пешрафта пурҳазина буда, аммо метавонанд ба унвони омиле дар коҳиши хатари тасмимоти муҳими мудириятӣ ба кор гирифта шаванд.


### АДАБИЁТ

1. Довудпур Ҳамид. Мудирияти тавлид / Довудпур Ҳамид. –Теҳрон: ширкати Насри вайс, 1365.
2. Кистос. Н. Мудирияти амалиёт / Н. Кистос, Дарвид Сётис; тарҷумаи Аҳмади Ҷаъфарнажод. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1370.
3. Betrkowitz Eric N. Marketing, Homewood / N. Betrkowitz Eric; i llinois: Richard D. Irwin, 1989.
4. Mc Carthy Jerome. Perreault, Basic marketing / Mc Carthy Jerome, D. William, 1990.
5. Buffa E.S. Operations management: Problems and models / E.S. Buffa. -New York, 1972.


### ЗНАЧЕНИЕ ПРОГНОЗИРОВАНИЯ ПРОДАЖ В ПРОИЗВОДСТВЕ


В данной статье авторами подвергнуты рассмотрению и изучению основные методы прогнозирования продаж на производстве. Результаты прогнозирования могут быть использованы для улучшения качества планирования объема выпуска товаров в производстве и их дальнейшей реализации.



**Ключевые слова:** прогнозирование, прогноз продаж, объем продаж, отчетный период, производство и реализация, планирование объема выпуска товаров.


### PREDICTIVE VALUE OF SALES IN PRODUCTION


In this article the authors reviewed and study the main methods of forecasting of sales in production. Results of forecasting can be used to improve the quality of planning of consumer goods production in the production and their further implementation.



**Key words:** forecasting, forecast sales, sales, reporting period, production and sales, planning consumer goods production.



**Сведения об авторах:** ***Хасан Султони*** – соискатель Института экономики и демографии АН РТ

***М. Собиров*** – кандидат физико-математического наук, Институт экономики и демографии АН РТ

# АСАРОТИ БАРРАСИИ САЛОҲИЯТ ВА ТАВОНСАНҶИИ МУШТАРИЁНИ МУТАҚОЗИИ ВОМ БАРОИ ПОЙДОРИИ САРМОЯГУЗОРИИ СОҲИБКОРИИ ХУРД

***Саидмуҳаммад Каримӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз масоили муҳими кишварҳо дар дунёи имрӯз, бахусус кишварҳои дар ҳоли тавсеа бо ҷамъияти нисбатан ҷавон, аз ҷумла Эрон дар масоили остони Мозандарон, ки ин ҷавомеъро бо чолиши ҷиддӣ рӯбарӯ кардааст, масъалаи афзоиши нархи бекорӣ аст ва бо итминони зиёд метавон гуфт, ки яке аз муҳимтарин ва асоситарин улувиятҳое, ки дар сиёсатгузориҳо ва барномарезиҳои иқтисодӣ ба он аҳамият дода мешавад, эҷоди иштиғоли пойдор ва коҳиши нархи бекорӣ мебошад.

Дар Эрон низ рушди пуршитоби ҷамъияти даҳаи аввали интиқол мӯҷиби арзаи фазояндаи нерӯи кори ҷадид дар солҳои ахир шудааст. Сохтори ҷамъиятии нерӯи бекори кишвар нишон медиҳад, ки бекорони кишвар умдатан ба чаҳор гурӯҳ: 1. Фориғуттаҳсилони фаннии донишгоҳӣ. 2. Фориғуттаҳсилони ғайрифаннии донишгоҳӣ. 3. Бекорони ғайридонишгоҳии дорои маҳорат. 4. Бекорони ғайридонишгоҳии фоқиди маҳорати тақсимшуда ва саҳми фориғуттаҳсилони донишгоҳӣ дар ин миён рӯ ба афзоиш мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба зарфияти маҳдуди дастгоҳҳои давлатӣ ҷиҳати ҷазби нерӯи инсонӣ, давлатҳоро дар солҳои мухталиф сиёсатҳои мухталиферо барои коҳиши нархи бекорӣ, аз ҷумла, моддаи 56–и Қонуни барномаи сеюми тавсеаи касбу корҳои кӯчак ва мутавассит ва рӯзбоздеҳ ва ҳамчунин тарҳҳои хонагиву худишғолӣ иттихоз намудааст.

Бо баррасӣ ва таҳлили тарҳҳои фавқ мушаххас мегардад, ки бархе аз тарҳҳо ва пружаҳои мавриди машоғили хурд ва худиштиғолӣ ба самар нарасида ва ё мӯҷиби шикасти тарҳҳо гардидааст.

Он чӣ мусаллам аст, авомили гуногуне, аз ҷумлаи адами назорати кофӣ, ҳамҷониба набудани тарҳҳои иҷрошуда, номусоид будани шароити тарҳҳои сармоягузорӣ дар санҷиши тавоноии мутақозиён сабаби адами муваффақияти онон будааст.

Дар ин мақола саъй мегардад, то авомили муассир дар санҷиши тавоноии мучриёни тарҳҳои хурд ва худиштиғолӣ ва заъфҳои сармоягузории хурд мавриди баҳс қарор гирад.

**Машоғили хурд ва худиштиғолӣ чист?** Худиштиғолӣ (машоғили хурд) навъи иштиғол дар бахши ғайримуздбигирӣ аст, ки фарди шоғил бо иттико ба тавони шахсӣ, ибтикор ва халлоқияти худ ба корҳои тавлидӣ ва хадамоти фаннӣ ва дар натиҷа ба касби даромад бипардозад.

Аз вижагиҳо ва имтиёзоти ин бахш аз иштиғол он аст, ки фардро батадриҷ омодаи касби тавоноии лозим барои вуруд ба бозори бузургтар густурдатар мекунад.

Худиштиғол ҳар навъ фаъолияти тавлидӣ, хадамоти иқтисодӣ дар бахши ғайримуздбигириро иштиғол ва ҳамаи афроде, ки дар заминаҳои тавлидӣ, санъатӣ, кишоварзӣ, ки барои худ кор мекунанд, дар маҳдудаи фаъолиятҳои худиштиғолӣ қарор доранд.

**Ҷадвали 1.Теъдоди шоғилин бар ҳасби се бахши умдаи фаъолиятҳои иқтисодӣ дар Эрон тайи давраи даҳсола**

| Сол бахши умдаи фаъолияти иқтисодӣ | 1996 | 2006 | Теъдоди фурсатҳои шуғлии эҷодшуда тайи даҳ. сол |
|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 3357 | 4560 | 1203 |
| Санъат | 4473 | 5428 | 955 |
| Хадамот | 6484 | 9977 | 3494 |

Намудори шоғилин дар бахшҳои иқтисодӣ

| | |
|---|---|
| 4000 | |
| 3500 3000 | |
| 2500 | |
| 2000 | |
| 1500 | |
| 1000 | |
| 500 | |
| 0 | Кишоварзӣ санъат Ҳадамот. |

Ҳамон тавре, ки ҷадвали шудмораи 1 нишон медиҳад тайи даҳ сол барои теъдоди 5904000 нафар дар Эрон фурсатҳои ҷадиди шуғлӣ эҷод шуд, ки 21% дар бахши кишоварзӣ 17% он дар бахши санъат ва 62% дар бахши хадамот будааст.

Ҳамчунин бар асоси саршумории умумӣ соли 2006 ҷамъияти остони Мозандарон ба 2922432 нафар расид, ки аз ин ҷамъият 1466870 нафар хурд ва 1455562 нафар зан ва теъдоди хонаводаҳои остон 783734 хонавода аст. Аз кули ҷамъияти остон 1554143 нафар дар нуқоти шаҳрӣ ва 1367233 нафар дар нуқоти рустоӣ сокин будаанд.

Бо нигоҳе ба омори фавқ метавон истинбот намуд, ки қариб ба 83% машоғили эҷодшуда дар кулли кишвар ва қариб 72% вилояти Мозандорон моҳияти худиштиғолӣ ва соҳибкории хурд дошта ва ин масъала зарфияти иқтисоди Эронро барои худиштиғолӣ ва соҳибкории хурд нишон медиҳад.

Дар Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Эрон кор барои ҳама ва эҷоди иштиғоли комилро аз вазоифи давлат медонад: Дар фасли 43 банди 2 омодааст: «Таъмини шароит ва имконоти кор барои ҳама ва ба манзури расидан ба иштиғоли комил ва қарор додани васоили кор дар ихтиёри ҳама касоне, ки қодир ба коранд ва васоили кор надоранд.Лизо нақши давлат дар эҷоди шуғл барои куллияи афроди ҷӯёи кор комилан муассир ва барҷаста дида шуда, бо таваҷҷуҳ ба он чӣ гуфта шуд, нақши машоғили хурд аз аҳамияти хосе бархӯрдор мебошад. Бинобар ин, дар матолиби анҷомшуда ду навъ ангеза барои шурӯи худиштиғолӣ қобили зикр мебошад.

1. Адами вуҷуди фурсатҳои муносиб дар соири бахшҳои иштиғол (истихдоми давлатӣ ва муздбигирӣ) мӯҷиби ҳидояди фард ба самти худиштиғолӣ мегардад.

2. Ҷаззоб будани иттихози тасмим барои идораи бунгоҳи худ ва ҳидояти теъдоде аз афроди мӯҷиби ангеза барои худиштиғолӣ мешавад.

Ангезаи худиштиғолӣ дорои чаҳор омил ба шарҳи зайл мебошад:

-тамоили зотӣ ба корофаринӣ (аз ҷумла рискпазирӣ, майл ба худфардмоӣ ва гурез аз ноумедӣ);

-дастрасӣ ба сармояи инсонӣ;

-дастрасӣ ба сармояи миллӣ;

-даромади ҳосил аз худиштиғолӣ ва мавқеияти иҷтимоии он нисбат ба соири машоғил.

**Хадамоти молӣ ҷиҳати иртиқои сармоягузорӣ.** Худиштиғолӣ аҳамияти бузурге барои рушду тавсеа ва басиҷи манобеъ ва иштиғол дар кишварҳои имрӯз дорад ва дар садаҳои охир диди мусбате нисбат ба он ва табақае аз ҷомеае, ки худиштиғол буданд, бивижа дар ғарб тағйири бисёре кардааст. Диди суннатӣ дар ғарб нисбат ба худиштиғолон ва корофаринон ин буд, ки маъмулан «афроде ба он рӯй меоваранд, ки аз ҳушу истеъдоди кофӣ барои истиҳдом дар созмонҳои бузурги давлатӣ ва ширкатҳои санъатӣ бархӯрдор набуда ва ё ба тартибе ҷузъи шаҳрвандони табақаи дуввум аз ҷумлаи ақалиятҳои мазҳабӣ, қавмӣ ва муҳоҷирин маҳсуб мешаванд. Дар ҳоле ки имрӯз ин дидгоҳ то ҳудуди зиёде маъкус шудааст, корофаринонро дар ғарб умуман» фориғуттаҳсилони донишгоҳҳо, ки аз тавонмандии шахсӣ, тахассусӣ ва фаннӣ бархӯрдор мебошанд, ташкил медиҳанд.

Дар Эрон худиштиғолӣ ба далели навъи омӯзиши мадорис, донишгоҳҳо ва соири муассисоти омӯзишии умуми фориғуттаҳсилон ва бекорон, гироиш ба ҷазб дар дастгоҳҳои давлатӣ ширкатҳои хусусидошта ва дар сурати бекор мондан ба худиштиғолӣ гироиш пайдо мекунанд. Бар ин асос вижагиҳо ва хусусиёти аксари бекорони мутақозии шурӯи фаъолиятҳои хурду кӯчак (худиштиғолӣ) ба шарҳи зер мебошад:

1.Надоштани як ё якчанд идеяи муносиб бо таваҷҷуҳи иқтисодии боло барои шурӯи фаъолият.

2.Надоштани эътимод ба нафси кофӣ ба далели тӯлонӣ шудани муддати замони бекорӣ.

3.Надоштани сармоя барои шурӯъ ба кор.

4.Адами эътимоди кофӣ барои шурӯи фаъолият дар байни атрофиён, наздикону дӯстон ба далели бекорӣ.

5.Надоштани таҷрибаи кофӣ.

Албатта, мумкин аст, ки теъдоди каме аз бекорони ҷомеа дорои шароити фавқ бошанд, ки албатта ҳосили низоми омӯзишӣ набуда, балки ба шароити шахсии фард вобастагӣ дорад.

Санҷиши тавоноии муштариён ё баррасии тарҳҳои машоғили хурд ва кӯчак.

Ҳамон тавре, ки дар бахшҳои қаблӣ матраҳ гардид, бисёре аз ҷамъияти бекори ҷомеа ба далели пайдо накардани шуғли муносиб дар бахши муздбигирӣ ва бо таваҷҷуҳ ба фурсатҳое, ки сиёсатҳои давлат эҷод менамояд, бидуни баррасии дақиқ ва коршиносии довталаб вуруд ба бахши ғайримуздбигирӣ, яъне фаъолиятҳои хурд ё худиштиғолӣ шуда, мумкин аст ба далели надоштани маҳоратҳои лозим танҳо мушкили бекории он ҳал нашуда, балки боиси варшикастагии онон шудаву мақодири бисёр зиёде аз манобеи миллӣ ба ҳадар рафта, афроди бекор табдил ба бекори бадаҳкор шаванд.

Лизо манзур аз ин тавоноии муҷриён тарҳҳои худиштиғолӣ ва машоғили хурд, таносуби тавоноии онон дар заминаи фаннӣ ва мудириятӣ бо шароити шуғл ва фаъолияти иқтисодӣ мавриди назар мебошад. Ба тавре ки як мутақозӣ битавонад як касбу кори дорои таваҷҷуҳи фанниро роҳандозӣ намуда, дар ниҳояти кор ба марҳилаи пойдорӣ бирасад.

Он чӣ мусаллам аст, муҷриёни тарҳҳои хурд ва худиштиғолӣ боисти дорои шароит ва хусусияте бошанд, ки шуғли мавриди назарро ба наҳви аҳсан иҷро ва идора намоянд, то бархе аз шароити онон иборатанд аз:

1.Доштани таҳсилоти марбут

2.Доштани маҳорати лозим

3.Доштани таҷрибаи лозим (бахусус, устодшогирдӣ).

4.Алоқаманд будан ба иҷрои тарҳи мавриди назар.

5.Интихоби тарҳҳои дорои таваҷҷуҳи фаннӣ, иқтисодӣ, молӣ ва мутаносиб бо истеъдодҳои минтақа.

5.Доштани дастаи корӣ.

Лизо муассисоти пулию молӣ ва ё дастгоҳҳои марбут боистӣ қабл аз пардохти вом ё тасҳилот дақиқан аҳлияти марбут ба муштарӣ бо шахсҳои фавқ мавриди баррасӣ қарор дода, дар сурати ниёзи фаннии беҳсозӣ ва анҷоми мушовира ва омӯзишҳои лозим ва итминон аз тавоноии фаннӣ ва мудирияти муштарӣ иқдом намояд.

Барои андозагирии дақиқи тавоноии иҷроии муштарӣ иқдом намояд. Барои андозагирии дақиқи тавоноии иҷрои муштарӣ авомили муассире дар шиносоии муштариёни иштиғоли хурд ба шарҳи зер нақши асосӣ доранд:

-собиқаи корӣ дар ҳирфаи мавриди назар;

-аҳдофи муштарӣ (кӯтоҳмуддат, миёнмуддат ва баландмуддат);

-ангезаҳои шахсии фард дар эҷоди иштиғоли хурд;

-мавқеияти хонаводагӣ ва собиқаи ҳарфайӣ дар интихоби шуғл;

-ахлоқи тиҷорӣ ва бархӯрди муносиб бо муштарӣ;

-мавқеияти иҷтимоӣ ва хушбин будани мардум нисбат ба сармоягузории хурд;

-наҳваи тасмимгирӣ ва фароҳам намудани заминаи фурӯши маҳсули худ;

-мизони дороиҳои озоди қобили васиқа дар қиболи вомдарёфтӣ.

Бо таваҷҷуҳ ба нархи рушди ҷамъият дар даҳаи аввали инқилоби исломии Эрон ва афзудани нерӯи кор дар солҳои охир давлат ногузир ба иттихози тасмимоти ҳимоятӣ ҷиҳати шаклгирии сармоягузории хурд барои иштиғоли нерӯҳои бекори ҷомеа мебошад, ки яке аз ин роҳ ҳимояти молӣ аз тарҳҳои кӯчак, хурд ва худиштиғолӣ мебошад. (пардохти вом бидуни баҳра ва бо арзиши қимат).

Бо таваҷҷуҳ ба осебпазир будани машоғили хурду худиштиғолӣ муассисоти муҷрӣ (дастгоҳҳои иҷроӣ ва муассисоти пулӣ ва молӣ) боистӣ ба диққати тавоноӣ ва салоҳияти муштариён ва мутақозиён бархӯрдорӣ аз ҷамъиятҳои молӣ давлатро мутобиқи авомили зикршуда мавриди санҷиш қарор дода, ки имконоти тодорукдидашуда ба дасти зинфъони зисилоҳ расида ба ин тартиб зимни эҷоди иштиғол дар ҷомеа, давлат низ ба аҳдофи худ дар фароҳам овардани шароити иштиғол ва ниҳоятан коҳиши зариби бекорӣ даст ёбад.

**АДАБИЁТ**


1. Мусаллаҳи Шерозӣ. Корофаринӣ ва имкони санҷишии тарҳҳои санъатӣ / Мусаллаҳи Шерозӣ, Алии Нақӣ. –Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, чопи аввал, 1385.
2. Ҳимматӣ Муҳаммад. Баррасии мавонеъ ва мушкилоти сармоягузории санъатӣ: поённомаи коршиносии аршад / Ҳимматӣ Муҳаммад. –Шероз: Донишгоҳи Шероз, 1376.
3. Ризоӣ Маҳдӣ. Тарроҳии абзорҳои молӣ дар низоми молӣ бидуни рибо: поённомаи коршиносии аршад / Ризоӣ Маҳдӣ. Муассисаи омӯзиш ва парвариши Имом Хумайнӣ, 1379.
4. Созмони иқтисоди исломӣ. Сандуқҳои қарз дар Эрон. -Теҳрон, 1364.

**ИЗУЧЕНИЕ ФИНАНСОВОЙ УСТОЙЧИВОСТИ И ПЛАТЕЖОСПОСОБНОСТИ КРЕДИТОРОВ ДЛЯ УКРЕПЛЕНИЯ ИНВЕСТИРОВАНИЯ СФЕРЫ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА**

В данной статье автором подвергнуты изучению и рассмотрению финансовая устойчивость и платежоспособность кредиторов для укрепления инвестирования сферы малого предпринимательства. Финансовая устойчивость и платёжеспособность предприятий является критерием надёжности предприятия. Оценка финансового состояния предприятий приобретает все большее значение с развитием рыночных отношений в экономике. Финансы являются индикатором конкурентоспособности предприятия на рынке. Поэтому устойчивое финансовое состояние предприятия является залогом его успешного функционирования в условиях рыночной экономики.

**Ключевые слова:** финансовая деятельность, финансовая устойчивость, поддерживание финансовой устойчивости, платежеспособность, рентабельность, кредитоспособность.

**STUDY OF FINANCIAL STABILITY AND PAYING CAPACITY OF LENDERS TO STRENGTHEN THE INVESTMENT SPHERE OF SMALL BUSINESS**

In this article the author subjected to examination and review of financial stability and платежоспособность creditors to strengthen the investment sphere of small entrepreneurship. Financial stability and financial solvency of enterprises is the criterion of reliability of the company. Assessment of financial condition of enterprises becomes increasingly important with the development of market relations in the economy. Finances are an indicator of competitiveness of the enterprise at the market. Therefore, the stable financial condition of the enterprise is the key to its successful functioning in conditions of market economy.

**Key words:** finance, financial stability, maintaining financial stability, solvency, profitability and creditworthiness.

**Сведения об авторе:** ***Саидмухаммад Карими*** – соискатель Таджикского национального университета

## НАҚШИ ҲИСОБРАСИИ ДОХИЛӢ БАР БАРНОМАИ ҲИСОБРАСӢ

***Сайид Муҷтабоҳ Каримӣ***
**Донишгоҳи Паёми нури Эрон**

Ҳисобрасии дохилӣ намоди мустақил барои арзёбии созмонҳо ва баррасии фаъолиятҳо ва иқдомоти онҳост, ки дар ин росто ҳисобрасии дохилӣ, таҷзия ва таҳлилҳо, арзёбиҳо ва тавсияҳои худро дар мавриди ин фаъолиятҳо ва иқдомотро дар ихтиёри мудири созмон қарор медиҳад ва умдатан тавассути афроди даруни созмон анҷом мешавад.

Ҳисобрасии дохилӣ кифояти системаи назорати дохилиро аз лиҳози дурусту муносиб будан, иқтисодӣ будан, асарбахшиву коромад будан ва истифода аз манеобеъро арзёбӣ менамояд ва аз ин тариқ мизони муассир будани дастуруламалҳо, короии равишҳо, назорат ва инъикоси натоиҷро дар қолаби гузоришҳои мудавван эълон менамояд.

Омили аслӣ ҷиҳати тавонманд будани ҳисобрасии дохилӣ истиқлоли он аст, ки мусталзам ба расмият шинохтани он аз сӯйи мудирият мебошад ва бо таъмини ҷойгоҳи муносиби ҳисобрасии дохилӣ дар сохтори созмоне нисбат ба истиқлоли ин воҳид итминон эҷод менамояд.

Ҳисобрасии дохилӣ дар тӯли даврони дастхӯш тағйироти шигирфе шудааст, ки метавон онро бар ҳасби коркардҳо ва вазоиф ба се гурӯҳи ҳисобрасии дохилӣ: суннатӣ, модерн ва нюмодерн тақсим кард. Ҳисобрасии дохилӣ дар шакли аввалияи худ чизе бештар аз доштани вазифаи назорати кайфият, дар хидмати мудири молӣ набуда, ба сурате ки танҳо вазифаи он ин будааст, ки назорат намояд, оё амалиёти ҳисобдории даруни воҳиди умури молӣ ба наҳви саҳеҳ анҷом мешавад, ё хайр.

Ҳангоме ки дар соли 1977 қонуни ширкатҳои фосид ба тасвиб расид, аввалин бор бисёре аз ҳисобрасони дохилӣ мутаваҷҷеҳ шуданд, ки мумкин аст интихобҳои қобили дастраси дигаре нисбат ба навъи ироаи хадамот ва интихоби бозори кор дошта бошанд ва пас аз ин огоҳӣ онҳо ба суръат даст ба кор шуданд ва танҳо дар тайи чанд сол, садҳо воҳиди ҳисобрасии дохилӣ ироаи навъи хадамоти худро аз назорати кайфияти ҳисобрасӣ ба назорати дохилӣ ва ҳамчунин муштарии худро аз мудири молӣ ба кумитаи ҳисобрасии ҳайати мудира тағйир доданд.

Нуктаи куллии ҳисобрасии дохилии модерн тавсеа додани хадамоти ҳирфаӣ ва густариши бозор аст. Дар муқобили ҳисобрасии суннатӣ, ки хадамоти ҳисобрасии молӣ ироа медод ва кашфи сӯиистифода ва тақаллубро ба мудири молӣ, ҳисобрасии дохилии модерн, назорати тамоми амалиёти дохилӣ ва хадамоти мушовиравии дохилиро ба мудирият ироа медиҳад, шиори ҳисобрасии дохилии модерн хидмат ба мудирият буд.

Тақозои хадамоти ҳисобрасӣ аз тарафи мудирияти аршад бо иштиёқ посух дода мешуд, вале дар ҳамон ҳол дархостҳои мудирияти сутӯҳи поин ба ин далел, ки бо бетарафии ҳисобрасии дохилӣ мунофот дошт, нодида гирифта мешавад, ки ин амр худ мунҷар ба такомулу эҷоди ҳисобрасии дохилии нюмодерн аст.

Он чи ки зарурӣ ба назар мерасид, ҳимояти мустақими мудирияти амалиётӣ аз ҳисобрасии дохилӣ буд, зеро аксари тақозоҳои вижа аз он сатҳи мудирият дарёфт мешуд.

Симое, ки тавассути ҳисобрасии дохилии нюмодерн тасвир шуда буд, симои як фаъолияти зарифу печида дар байни чор гурӯҳи умда аз мутақозиёни ин хидмат аст, ки иборатанд аз 1) ҳайати мудира; 2) ҳисобрасони мустақил; 3) мудирияти аршад; 4) мудирияти амалиётии тамоми ин гурӯҳҳо дорои интизороти муътабар аз амалкарди ҳисобрасӣ будаву ё бар он муддаӣ ҳастанд, ки ҳисобрасон наметавонанд ҳеҷ як аз чор мавриди мазкурро нодида нагиранд.

Бидуни он ки хадшае ба худ ё созмони онҳо ворид шавад ва ё муассир будани кори тахассусии онҳо коста шавад.

Бо таваҷҷуҳ ба таърифи ҳисобрасии дохилии нюмодерн ин гуна ба назар мерасад, ки ҳисобрасони дохилии нюмодерн хадамоти худро дар сатҳи мутақозоёни мутааддиде ироа медиҳанд ва ин гуна истинбот мешавад, ки онҳо силсиламаротиби созмонеро нақз мекунанд, аммо бо баррасии иҷмолии ширкатҳо ва гурӯҳҳои бузург мутаваҷҷеҳ мешавем, ки онҳо дигар ба ташрифоти созмон вобаста нестанд ва батадриҷ аз онҳо дур шудаанд.

Усули силсиламаротиби созмон камранг шуда, ҷойи худро ба шабакаи қобили инъитофе додааст. Дар ин тағйири мудирият ҳисобрасии дохилӣ ба унвони як ҳадафи пешрав хадамотеро ироа медиҳад, ки иборатанд аз: 1) рафъи ниёзҳои ҳайати мудира; 2) рафъи ниёзҳои ҳайати мудирияти аршад; 3) рафъи ниёзҳои ҳисобрасон; 4) рафъи ниёзҳои мудирони амалиётӣ, ироаи хадамот ба гунае аст, ки мутобиқ бо ниёзҳо ва ҳассосиятҳои онҳо бошад. Дар чунин шароит асли роҳнамоӣ ва иртибот дар ҳисобрасии дохилӣ ба истифодакунандагон аз хадамоти ҳисобрасӣ ёд мешавад, ки барои тасмимгирӣ ба чи чизе ниёз доранд.

Аз тарафи дигар, ҳисобрасони дохилӣ ҳатто метавонанд, аз мудирияти сутӯҳи поинтар тақозоеро барои баррасии як мавзӯи хос бипазиранд ва натиҷаро гузориш намоянд. Ба ин далел, ки вокунишҳои манфӣ на танҳо кӯмаке намекунад, балки созмонро аз хадамоти ҳисобрасии дохилӣ дар оянда маҳрум ва ноумед мекунад.

Дарвоқеъ ин дидгоҳи куллие ба созмон доштаву аз ин дидгоҳ ба созмон нигариста ва бо он шурӯъ ба табодили назар ва иртибот мекунад ва мумкин аст дар ин росто бо ҳар як аз маҷмӯаҳои мудирият сару кор дошта бошад. Аммо дар ниҳоят ҳадафи куллии созмонро дар назар мегиранд ва он ба кулли созмон робита дорад.

Ҳамчунин ҳисобрасон дар қиболи арзёбии назоратҳои дохилӣ орӣ будани суратҳои молӣ аз ҳар гуна иштибоҳ, аъмоли ғайриқонунӣ, арзёбии баровардаҳои ҳисобдорӣ ва тадовуми фаъолияти бунгоҳи иқтисодӣ мавриди расидагӣ масъулият доранд ва куллияи мавориди мазбур ба мизони қобилияти иттикои суратҳои молӣ таъсири босазое дорад.

Аз замони тасвиб ва интишори баёнияи шумораи 65 стандартҳои ҳисобрасӣ, ки пас аз баёнияи шумораи 9 стандартҳои ҳисобдорӣ дар ҷиҳати маҳдуд кардани равобит миёни ҳисобрасони мустақил ва ҳисобрасони дохилӣ интишор ёфт.

Таҳқиқоти бисёре дар ҷиҳати таъйини навъи равобити миёни ҳисобрасони мустақил ва ҳисобрасони дохилӣ ва таассуроти ин равобит бар анҷоми ҳисобрасони мустақил сурат пазируфтааст.

Клай ва Ҳосгин (198) ин суолро матраҳ сохтанд: Оё ҳисобрасони дохилӣ метавонанд ҳазинаи анҷоми ҳисобрасии мустақилро коҳиш диҳанд? Натоиҷи баррасиҳои эшон баёнгари он аст, ки ағлаби ширкатҳо хоҳони кайфияти болои кори ҳисобрасии дохилӣ мебошанд ва барои дастёбӣ ба ин ҳадаф ҳазинаи болоиро таҳаммул мекунанд.

Ҳамчунин ағлаби мудирони моли ширкатҳои мавриди баррасӣ эҳсос мекарданд, ки воҳиди ҳисобрасии дохилӣ тавассути ҳисобрасони мустақил тавсеа ёбад, то битавон ҳазинаҳои ҳисобрасии мустақилро коҳиш дод (13), ёфтаҳои Гиббинс В. (1982) нишон дод, ки воҳиди ҳисобрасии дохилӣ яке аз авомили билқувва таъсиргузор бар қазоватҳои ҳирфаии ҳисобрасӣ мебошад.

Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ дар таҳқиқоти эшон ин буд, ки агарчи аҳамияти ҳисобрасии дохилӣ бо пешрафти ҳисобрасӣ рӯ ба завол гузоштааст, аммо дар вазъи кунунӣ ағлаби ҳисобрасони мустақил ба эшон иттико мекунанд ва мизони иттико ба

ҳисобрасони дохилӣ ба арзёбии ҳисобрасони мустақил аз кори эшон вобастагӣ дорад.

Абдулхалил (1983) дар мақолае таҳти унвони таъсири тағйиротҳои ҳисобрасии дохилӣ бар барномарезии ҳисобрасии мустақил, равиши пардозиши электроникии додаҳо ва ҳамчунин ду мутағайири созмониро бар барномарезии кори ҳисобрасӣ мавриди баррасӣ қарор дод.

Тавре натоиҷи баррасиҳои эшон нишон медиҳад, сатҳи созмоне, ки ҳисобрасони дохилӣ нисбат ба он гузориш медиҳанд, муҳимтарин омили таъсиргузор бар барномаи ҳисобрасӣ мебошад. Ба ибораи дигар бо афзоиши бетарафии ҳисобрасони дохилӣ метавон мизони иттико ба эшонро афзоиш дод.

Браун дар мақолаи худ бо номи «Қазовати ҳисобрасони мустақил дар арзёбии амалкарди ҳисобрасони дохилӣ» баён медорад, ки ду омили бештарин таъсирро бар қазовати ҳисобрасон дар кори ҳисобрасӣ доранд, ки ба тартиби авлавият иборатанд аз: бетарафии ҳисобрасони дохилӣ ва гузоришоти онҳо ва амалкарди ҳисобрасони пешин дар натиҷагириҳои худ баён медорад, ки дар сурати бетарафона амал кардани ҳисобрасони дохилӣ ва бархурдорӣ аз маҳорати шуғлии ҳазинаи ҳисобрасии соҳибкор коҳиш меёбад ва бо ин ки метавон тайфи густурдае аз хадамотро бо ҳамон ҳазина ба вай ироа намуд ва савумин омили таъсиргузор аз назари вай бар қазовати ҳисобрасони мустақил, мизони таҷрибаи ҳисобрасони дохилӣ мебошад.

Маргем (1984) таъсири иттикои ҳисобрасони мустақил ба ҳисобрасони дохилиро баррасӣ кард ва чунин натиҷа гирифт, ки афзоиши сатҳи маҳорати ҳисобрасони дохилӣ ва беҳбуди амалкарди эшон сабаб хоҳад шуд, ки ҳисобрасони мустақил соати кори барномарезишударо коҳиш диҳад.

Аммо бетарафии ҳисобрасони дохилӣ бар барномаи замонбандии ҳисобрасони мустақил бетаъсир аст, чароки онҳо дар истихдоми соҳибкоранд, ҳамчунин мутолиот нишон додааст, ки ҳисобрасони дохилӣ бархе аз аъмоли хосро беш аз он ки ҳисобрасони мустақил кори барномарезиро анҷом диҳанд, ба анҷом расонидаанд, ки мумкин аст дар сурати адами анҷоми ин умур тавассути ҳисобрасони дохилӣ мизони соати кории барномарезишуда бо мизони буҷаи замони феълӣ мутафовут гардад.

Шнайдер (1985) пас аз баррасии вижагиҳои матраҳшуда дар баёнияи шумораи 9 стандартҳои ҳисобрасӣ, дар мақолае таҳти унвони «Тасмимгирӣ барои иттико ба кори ҳисобрасони дохилӣ бояд пас аз арзёбии кори ҳисобрасони дохилӣ анҷом пазирад», баён медорад: «Ҳисобрасони мустақил бояд то он ҷо аз ҳисобрасии дохилӣ шинохти касб кунанд, ки марбут ба назоратҳои ҳисобдорӣ мебошад, агарчи баёнияи шумораи 9 раҳнамудҳоеро барои иттико ба ҳисобрасони дохилӣ ироа мекунад, аммо авлавияте низ барои вижагиҳои ҳисобрасони дохилӣ ироа намекунад».

Вай авомили таъсиргузорро ба маҳорат, бетарафӣ ва амалкард тақсимбандӣ мекунад, ҳамчунин нишон медиҳад, ки аввалин марҷаи қобили иттико барои ҳисобрасони мустақил кумитаи ҳисобрасӣ аст ва дар ҳазинаи баъдии ҳисобрасони дохилӣ ҷой доранд, назоратчӣ ва кӯмаки ӯ низ ба тартиб дар мароҳили баъдӣ қарор мегиранд.

Маргем (1986) дар мақолае таҳти унвони «Шавоҳиди бештар бар иттакои ҳисобрасони мустақил ба ҳисобрасони дохилӣ» ба баррасии ин нукта мепардозад, ки оё ҳисобрасони мустақил бо таваҷҷуҳ ба сатҳи иттикое, ки метавон ба ҳисобрасони дохилӣ намуд, барномаи ҳисобрасии худро таъдил мекунанд, ё хайр? Ҳамчунин авомили таъсиргузор бар иттакои ҳисобрасони мустақил ба ҳисобрасони дохилиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Натоиҷи ҳосил аз баррасиҳои вай ҳикоят аз он мекунад, ки маҳорати шуғлии ҳисобрасони дохилӣ бештарин таъсирро бар қазовати ҳисобрасони мустақил дорад ва бетарафии ҳисобрасони дохилӣ таъсири қобили таваҷҷуҳе бар қазовати эшон надорад.

Натоиҷи ёфтаҳои Ҳунг ва Ҳон (1995) нишон медиҳад, ки бо афзоиши маҳорати ҳисобрасони дохилӣ, ҳисобрасони мустақил метавонанд иттикои бештаре ба эшон дошта бошанд, дарвоқеъ ба воситаи вуҷуди ин вижагиҳо ҳаҷму замони анҷоми ҳисобрасии мустақил коҳиш ёфта, дар натиҷа ҳазинаи ҳисобрасӣ низ барои соҳибкор коҳиш меёбад.

Тавоҷири Вилём (2004) ба баррасии равобит миёни ҳисобрасони дохилӣ ва мустақили ширкатҳои саҳҳомии Арабистони Саудӣ пардохта ва баён мекунанд, ки вуҷуди салоҳияти ҳирфаӣ, таҷриба ва ғайра бар мизони иртиботи ҳисобрасони мустақил ба ҳисобрасони дохилӣ таъсиргузор аст, аммо ҳисобрасони дохилии

ширкатҳои саҳҳомии Арабистони Саудӣ аз маҳорату истиқлоли ҳирфаӣ бархурдор нестанд.

Фодзил Ҳорун ва Ҷонатон (2005) ба баррасии таъсири ҳисобрасии дохилӣ бар тақвияти назоратҳои дохилӣ мепардозанд, эшон баён медоранд, ки мудирияти воҳиди ҳисобрасии дохилӣ, тавоноиҳои ҳирфаӣ ва бетарафии ҳисобрасони дохилӣ бар тавоноии системаи назорати дохилӣ дар амри пойишгарии ширкат таъсири қобили мулоҳизае дорад ва мароҳиле аз ҳисобрасӣ, ки бар арзёбии системаи назорати дохилӣ анҷом мешавад таҳти таъсир қарор медиҳад.

Ин мавзӯъ худ сабаби тағйири мухотирот ношӣ аз кори ҳисобрасии мустақил ба шиддати мутаассир аз аъмоли мухталифи системаи назорати дохилӣ ва аз ҳама муҳимтар воҳиди ҳисобрасии дохилӣ мебошад, ҳамчунин аз назари эшон агарчи такомули ҳирфаии ҳисобрасии дохилӣ ва тағйироти эҷодшуда, дар он дар сад соли гузашта ба кундӣ рӯй додааст, аммо тавсеа ва ба коргирии воҳиди ҳисобрасии дохилӣ ба сурати шитобомезе ривоҷ ёфтааст ва мизони таъсири воҳиди ҳисобрасии дохилӣ бар беҳбуди назоратҳои дохилӣ рӯ ба фузунӣ гузоштааст.

Ҳасан Мосирӣ (2008) беш аз ҳафтод омили таъсиргузор бар кайфияти аснод ва мадорики мавриди баррасӣ тавассути ҳисобрасро бармешумурд ва баён медорад, ки ҳисобрасии дохилӣ бар чандин омили кайфиятбахш ба аснод ва мадраки таҳияшуда тавассути соҳибкор таъсиргузор аст.

**Фарзияҳои таҳқиқ.** Пас аз баррасии адабиёт ва мабонии назарии мавзӯи таҳқиқ, фарзияҳои зер тадвин шуд:

**Фарзияи аввал.** Истифодаи ҳисобрасони мустақил аз кори анҷомшуда, тавассути ҳисобрасони дохилии барномаи ҳисобрасии мустақилро таҳти таъсир қарор медиҳад.

**Фарзияи дуюм.** Ҳисобрасони мустақил бар кори ҳисобрасони дохилӣ иттико мекунад.

**Фарзияи сеюм.** Иттикои ҳисобрасони мустақил бар кори анҷомшуда тавассути ҳисобрасони дохилӣ мунҷар ба коҳиши буҷаи замони ҳисобрасии дохилӣ мегардад.

**Фарзияи чаҳорум.** Истифода аз кори ҳисобрасони дохилӣ тавассути ҳисобрасони мустақил мунҷар ба коҳиши буҷаи ҳисобрасии дохилӣ мегардад.

**Равиши таҳқиқ.** Дар ин таҳқиқ низ робитае вуҷуд дорад, ки дар он пешбинӣ мешавад, мутағайирҳои мустақили амалкарди ҳисобрасони дохилӣ, салоҳият ва ҳамчунин бетараққии ҳисобрасони дохилӣ мунҷар ба эҷоди тағйироте дар мутағайирҳои вобастаи барномаи ҳисобрасӣ, буҷаи замонӣ ва мизони иттикои ҳисобрасони мустақил ба ҳисобрасони дохилӣ мешавад, албатта, бояд ба ин нукта низ таваҷҷуҳ дошт, ки талаққии як робитаи мутлақ барои арзёбии натоиҷи таҳқиқ бисёр зеҳнӣ аст, ба таъбири дигар, ҳадси вуҷуди чунин робитае барои таҳқиқҳои таҷрибавӣ имконпазир нест, ки ҳамин далел дар таҳқиқи ҳозир аз равиши тавсифӣ барои ҷамъоварии додаҳо, арзёбиву озмуни фарзияҳо истифода шудааст.

**Ҷомеа ва намунаи оморӣ.** Ҷомеаи омории мавриди озмун дар ин таҳқиқ аъзои ҷомеаи ҳисобдорони расмии Эрон мебошад. Ба манзури бароварди ҳаҷми намуна дар ин таҳқиқ аз формулаи Какарон истифода шуда, ҳаҷми намунаи марбута аз ин тариқ 306 нафар ба даст омад ва бо истифода аз ҷадвали аъдоди тасодуфӣ намунаи мавриди озмун интихоб гардид.

**Равиши ҷамъоварии иттилоот.** Додаҳои сонавия дар ин таҳқиқ бо истифода аз равиши китобхонае ҷамъоварӣ шудаанд ва барои ҷамъоварии додаҳои аввалия бар мабнои фарзияҳои таҳқиқ ва мутолиаи мабонии назарӣ дар робита бо мавзӯи таҳқиқ пурсишномае тартибу таҳия шуд.

**Озмуни фарзияҳои таҳқиқ.** Барои озмуни фарзияҳои таҳқиқ аз шохисҳои омори тавсифӣ ҳамчун миёнгин, миёна, намо, инҳирофи стандарт ва озмуни оморӣ истифода шудааст.

Озмун барои ин манзуре анҷом мешавад, ки оё миёнгини як мутағайири тафовути маънидоре бо як миқдор, ки ба василаи миқдори озмун номида мешавад, дорад ё хайр.

Вуҷуди як воҳиди ҳисобрасии асарбахше метавонад мунҷар ба коҳиши замон, ҳаҷм ва дар пайи он ҳазинаи ҳисобрасии мустақил шавад, аммо адами ошноии мудирони ширкатҳо бо ин муҳим сабаби нодида ангоштани он шудааст.

Бинобар ин, бояд дар ҷиҳати истифода аз хадамоти ҳисобрасии дохилӣ дар ҷиҳати коҳиши ҳазинаҳо ва истифода аз соири хадамоти ҳисобрасони дохилии омӯзишҳои лозим ба мудирон дода шавад.

Бо ба арсаи амал расидани андешаи ҷудоии моликият аз мудирият дар ширкатҳо ва густариши рӯзафзуни бозорҳо ва печидагии онҳо, ақшори густурдае аз афроди дар касратҳои гуногун вориди арса гаштаанд, ки дар ин байн ҷойгоҳи ҳисобрасӣ аз аҳамияти қобили таваҷҷуҳ бархурдор гашт.

Яке аз ҷанбаҳои амалиёти ҳисобрасӣ барномаи ҳисобрасие аст, ки худ шомили қисматҳои мухталифе мегардад. Дар ин пажӯҳиш саъй шудааст, ки бо истифода аз равиши тавсифӣ-таҳлилӣ навъи тағйирот эҷод шудаву ҷиҳати ин тағйирот таъйин гардад.

Натоиҷи ин таҳқиқ нишон медиҳад, ки ҳисобрасони мустақил бар натоиҷи кори ҳисобрасони дохилӣ иттико мекунанд ва ин иттико мунҷар ба коҳиши буҷаҳои замонӣ дар барномаи ҳисобрасӣ мегардад.

### АДАБИЁТ


1. Раҷабӣ Руҳулло. Ҳазинаҳои намояндагӣ ва қиматгузории хадамоти ҳисобрасии мустақил, баррасиҳои ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ / Раҷабӣ Руҳулло. Теҳрон: Амир Кабир, 1387. -№ 53. -С. 35-52.
2. Саҷҷодӣ Саидҳусейн. Судмандии ҳисобрасии девони муҳосиботи кишвари Эрон аз дидгоҳи мудирони молия / Саҷҷодӣ Саидҳусейн. –Теҳрон: Баррасиҳои ҳисобрасӣ, 1367. -№34. -С. 129-149.
3. Муҳаммад Алӣ Оқоӣ. Китоби ҳисобрасӣ / Муҳаммад Алӣ Оқоӣ. –Теҳрон: Интишороти Санҷиш, 1387. –С.10-18.
4. Абдулҳад Ансорӣ. Баррасии таъсири мутағайирҳои ҳисобрасии дохилии барномаҳои ҳисобрасӣ / Абдулҳад Ансорӣ, Ҳусайн Шафеӣ. –Теҳрон: Самт, 1382.


### РОЛЬ ВНУТРЕННЕГО АУДИТА В АУДИРОВАНИИ


В последнее время уделяется особое внимание повышению эффективности системы управления предприятием и всей системы внутреннего контроля. Аудит помогает решать существующие управленческие, социальные проблемы и является универсальным методом. Потребность во внутреннем аудите чаще возникает в средних и больших субъектах предпринимательства Внутренний аудит – это постоянный контроль за эффективностью деятельности организации и ее структурных подразделений.



**Ключевые слова:** аудиторские услуги, аудиторские структуры, аудит, аудиторская деятельность, аудиторская проверка, внутренний аудит, ведение бухгалтерского учета разработка рекомендаций.


### THE ROLE OF INTERNAL AUDIT IN LISTENING


Recently, special attention is paid to increasing the efficiency of enterprise management system and the entire system of internal control. The audit helps to solve the existing managerial, social problems and this is a generic method. The need for internal audit occurs more often in medium to large businesses Internal auditing is constant control over the effectiveness of the organization and its structural subdivisions.



**Key words:** audit services, audit structure, audit, audit activities audit, internal audit, accounting recommendations.



**Сведения об авторе:** ***Сайид Мучтабох Карими*** – соискатель Таджикского национального университета


## ҲУШИ ҲАЯҶОНӢ ВА АСАРБАХШИИ БОЗОРЁБИИ КОРКУНОН


***Муҳаммади Рахшонфар***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Яке аз манобеи муҳим дар ҳар ширкате ҳамоно нерӯи инсонии он, ки маҷмӯае аз афрод бо ниёзҳои бешумореро дар бар мегирад мебошад. Ин афрод дар сурати рафъи ниёзҳояшон ва доштани ангезаи кофӣ, истеъдод, тавон ва маҳорати худро дар ҷиҳати хидмат ба созмони марбуте ба кор хоҳанд гирифт. Агар афрод дар ширкатҳо ба хубӣ амал накунанд, он гоҳ он ширкат дар расидан ба аҳдоф ва анҷому вазифаҳо ва масъулиятҳои хатири худ бо мушкилоти адидае мувоҷеҳ хоҳад шуд. Аз он ҷойе ки коркунони воҳиди бозорёбӣ ва фурӯш, нақши асосӣ ва бунёдӣ дар як кори асарбахш дар воҳиди созмониро бар уҳда доранд аз ин рӯ, таъмини ниёзҳои моддӣ ва маънавии онон низ эҷоди як фазои муносиби ҳаяҷонӣ дар маҳалли кор, ки эҳтимолан заминасози тавсеаи асарбахшӣ будан пеши онҳост, аз аҳамияти вижае бархурдор аст.

Бар хилофи рафтор ё ҳушшинохтӣ, ҳуши ҳаяҷонӣ, бар дарки авотифи эҳсосоти мо ва дигарон тамаркуз дорад. Девид Големан иброз доштааст, ки дар китоби худ таҳти унвони «Ҳуши ҳаяҷонӣ» ҳуши ҳаяҷонӣ метавонад аҳамияти бештарин аз зариби ҳушӣ дошта бошад. Ин китоб аввалин бор соли 1995 интишор шуд. Ба гуфтаи Големан, ҳуши ҳаяҷонӣ зарфияте барои ба расмият шинохтани моликияти эҳсосоти худамон ва дигарон, эҷоди ангеза барои мудирияти авотифи худ дар худ ва дар равобитамон аст. Имрӯз нақши ҳуши ҳаяҷонӣ дар асарбахшии бозорёбии ширкатҳо ва саноат барҷастатар шудааст. Мафҳуми асарбахшии бозорёбӣ вобаста ё дар

иртиботи қавӣ, ҷиҳати дастёбии ширкат ба натоиҷи арзишманде монанди рушди дарозмуддат, афзоиши ризоияти муштарӣ, имтиёзи рақобатӣ ва ҷиҳатгирии стратегии ширкат, саҳми бозори бештар аз рақобо, таблиғот ва саҳми таблиғотӣ аз бозорро эҷод мекунад. 4 бахши Големан аз ҳуши ҳаяҷонӣ ба унвони мутағйирҳои пешбиникунанда ва 5 миқёси дараҷавии асарбахшии бозорёбии Котлер ба унвони мутағйирҳои меъёр тасвиб шудааст [1].

Пас метавон гуфт, ки манобеи инсонӣ муҳимтарин сармояҳои касбу кор ҳастанд ва иқдомот ва сиёсатҳои персоналии хуб ва дуруст ба иловаи тавоноии мудир дар истифода аз тавоноиҳо ва энергияҳои физикӣ ва зеҳнии афрод муҳимтарин авомили муваффақияти созмонҳо ҳастанд. Нерӯи инсонӣ яке аз авомили калидӣ дар беҳбуди асарбахшии ширкатҳои мухталиф мебошад. Ин нерӯи инсонист, ки тасмим мегирад чӣ гуна аз замон, таҷҳизот ва маводи мавҷуд дар ширкат истифода кунад ва чигуна ниёзҳои муштариро муртафеъ кунад. Аз он ҷойе ки истифода аз кори тимӣ ва гурӯҳӣ дар созмонҳо дар ҳоли афзоиш аст, коркунон дарёфтанд, ки барои ин ки битавонанд, дар канори дигар аъзои гурӯҳ машғул ба кор шаванд, бояд худро бо муҳити кори нав ҳамоҳанг кунанд. Аз ин рӯ, мудирон ҷиҳати бештар ва маҳоратҳои боло дар барқарории иртибототи инсонӣ мебошанд.

**Таърифи ҳуши ҳаяҷонӣ.** Ҳуши ҳаяҷонӣ як истилоҳи фарогир аст, ки маҷмӯаи густурдае аз маҳоратҳо ва хусусиятҳои фардиро дар бар мегирад ва маъмулан ба маҳоратҳои байнифардӣ ва дарунифардӣ итлоқ мегардад, ки фаротар аз ҳавзаҳои мушаххасе аз донишҳои пешин, баҳраи ҳушӣ ва маҳоратҳои фаннӣ ё ҳирфаӣ мебошад. Ҳаммонанди таърифи ҳуш, дар таърифи ҳуши ҳаяҷонӣ иттифоқи назар миёни равоншиносон вуҷуд надорад ва барои таърифи он аз вижагиҳояш истифода мешавад [2].

Големан дар таърифи ҳуши ҳаяҷонӣ мегӯяд: «Маҳорате аст, ки дорандаи он метавонад, аз тариқи худогоҳӣ, рӯҳиёти худро назорат кунад, аз тариқи худмудириятӣ онро беҳбуд бахшад, аз тариқи ҳамдилӣ таъсири онҳоро дарк кунад ва аз тариқи мудирияти равобит ба шевае рафтор кунад, ки рӯҳияи худ ва дигаронро боло бибарад» [3].

Бинобар ин, ҳуши ҳаяҷониро тавоноии истифода аз эҳсос ва авотифи худ ва дигарон дар рафторҳои фардӣ ва гурӯҳӣ ҷиҳати касби аҳдоф метавон таъриф кард. Бо ин ҳама ҳуши ҳаяҷонӣ бисёр бештар аз баҳраи ҳушӣ хусусиятро дар ихтиёри мо қарор медиҳад, ки ба кӯмаки онҳо метавонем, чеҳраи инсониамонро комилтар кунем.

Ба ҳамин ҷиҳат, дар ин мақола ба баррасии панҷ навъ аз бахшҳои ҳуши ҳаяҷонии Големан (худогоҳӣ, худангезишӣ, худмудириятӣ, огоҳии иҷтимоӣ, мудирияти равобит) ва таъсири он ба рӯйи асарбахшии бозорёбии Котлер бар коркунон пардохта шудааст.

**Бахшҳои панҷгонаи модели ҳуши ҳаяҷонии Големан.** Модели Големан ба ҷойи таъкид бар саломати равонии фард, бар мавқеиятҳои шуғлӣ ва амалкардҳои созмонӣ таъкид дорад. Големан соли 1995, корбурдҳои таърифи аввалини Солови ва Майерро чоп кард. Ӯ ба зудӣ тавонист панҷ қаламрави умдаро дар ҳавзаи ҳуши ҳаяҷонӣ шиносоӣ кунад. Ин қаламравҳо иборат буданд аз:

1) худогоҳии ҳаяҷонӣ;
2) худангезишӣ;
3) худмудириятӣ;
4) огоҳии иҷтимоӣ;
5) мудирияти равобит.

Ҳамон тавр ки дар тақсимбандии боло дида мешавад, аввалин муаллифа дар таърифи Големан ба шарҳи зайл аст: [5]

**Худогоҳӣ.** Аввалин бахш ё муаллифаи ҳуши ҳаяҷонӣ, худогоҳӣ ё шинохти ҳаяҷон ва эҳсосоти худ аст. Ин ҳаяҷон чигунагии таъсири онҳо бар амалкард, дарки нуқоти заъф ва ҳаяҷони худ, бахши муҳимми аз ин муаллифаро ташкил медиҳад. Ба ибораи дигар, худогоҳӣ, калиди шинохти нуқоти қувват ва заъф аст. Кулияи воҳидҳо умуман аз мудирон, роҳбарон, коршиносон ва ғайраҳо, ки дорои ин қобилият ҳастанд, ҳамвора ба дунболи бозхӯрди амалкарди худ буда, аз хатоҳояшон дарс мегиранд. Афроди дорои амалкарди олӣ ва ҳуши ҳаяҷонии боло, камтар дар мавриди нуқоти қуввати худ ҳарф мезананд. Онҳо аз стандартҳои дарунии болое бархурдоранд ва афроди худогоҳ, арзишҳо, аҳдоф ва рӯёҳои худро мешиносанд. Онон медонанд, ки ба чӣ масире мераванд ва чаро. Онон бо он чӣ ки эҳсос мекунанд бар эшон «дуруст» аст, ҳамоҳанг ҳастанд. Масалан, онон дар ради як пешниҳоди корӣ ва васвасаангез аз лиҳози молӣ тавонманд ҳастанд, аммо огоҳанд, ки қатъият

нишон додан аз худ, бо усул ё аҳдофи дарозмуддаташон ҳамсӯйӣ надорад. Билакс, шахсе, ки фоқиди худогоҳӣ бошад, мумкин аст дар тасмимҳое, ки иттихоз мекунад, бо зери пой ниҳодани арзишҳои пинҳон ҷанҷол ба роҳ биандозад.

**Худангезишӣ.** Дуюмин бахши ҳуши ҳаяҷонӣ, худангезишӣ аст, ки ин муаллифа ҳидояти эҳсосот дар ҷиҳати ҳадафи хос барои тамаркузи таваҷҷуҳ, эҷоди ангеза дар худ барои тасаллут бар хештар ва халлоқият бисёр муҳим аст. Назорати эҳсосоти заминасозӣ ҳар навъ маҳорат ва муваффақият аст ва касоне, ки қодиранд эҳсосоти худро ба мавқеъ барангезонанд, дар ҳар коре ки ба онҳо вогузор шавад, саъй мекунанд муваллад ва муассир бошанд. Аҳамият надорад, ки чӣ чиз ангезаи иштиёқи мо барои анҷоми кор ба беҳтарин наҳв бошад, мумкин аст ин ангеза дар ҳаяҷоне, ки бо худ ҳамроҳ дорад, ризоият аз ёдгирии анҷоми беҳтари корӣ, лаззати ҳамёрӣ бо ҳамкорони бисёр боистеъдод ва ё сирфан пуле, ки оидамон мешавад, нуҳуфта бошад. Эҳсоси худангезишии нокомиҳо ва ё нигарониҳоеро, ки мумкин аст, моро аз идомаи кор маъюс созад, хомуш кунад. Ин бад-он маъност, ки мо метавонем аз ақибнишиниҳо, дармондагиҳо ва шикастҳои иҷтинобнопазир, ки ҳар ҳадаф ба ҳамроҳ дорад, барои пешрафт истифода намоем.

**Худмудириятӣ.** Сеюмин бахши ҳуши ҳаяҷонӣ, худмудириятии ҳаяҷонӣ аст. Ин муаллифа тавоноии шахсро дар танзими ҳаяҷоноти изтиробоваре чун дилҳура ё асабоният ва чигунагии мудирият кардани ин мавқеиятҳоро нишон медиҳад. Ин бахши дарунифардӣ дар рӯ ба рӯйи фард бо мавқеяитҳои душвори рӯҳӣ, ки мусталзами оромиши равонӣ аст, аҳамият меёбад. Худмудириятӣ ҳамчунин, нишонгари тавонмандии худ дар созгорӣ, ибтикори амал, майл ба муваффақият, виҷдони корӣ, сози дарунӣ, инъитофпазирӣ ва нигариши ҷомеъ ба ҳама аст. Дарвоқеъ, мудирият бар худ, ки шабеҳи як муколамаи давомдори дарунӣ аст, бахше аз ҳуши ҳаяҷонӣ аст, ки моро аз зиндони эҳсосот раҳо мекунад. ҳамон чизе, ки ба вузӯҳ ба зеҳне энергияи мутамарказе, ки афрод ба он ниёз дорад, иҷозаи ҳузур медиҳад ва ҳаяҷони мухарраб иҷоза намедиҳад, то моро аз масири худ берун ронад.

**Огоҳиҳои иҷтимоӣ.** Ба унвони чаҳорумин бахши назариявии ҳуши ҳаяҷонии Големан, умдатан бар қобилияти ҳамдилӣ мутамарказ мегардад. Ба ин маъно, ки бо огоҳии фард аз эҳсосот, алоиқ ва ниёзҳои дигарон аст, ки мавқеиятҳои мухталифро шинохта, аз ин манбаъ иттилоот барои барқарории иртиботи дуруст бо онҳо истифода мекунад. Големан (1995) аҳамияти ҳамдилӣ дар рӯзгори муосирро ношӣ аз се ниёзи аслӣ медонад:

1.Ниёзи рӯзафзун ба тимҳои корӣ.

2.Раванди сареҳи ҷаҳонишудан (ва лузуми ҳамдилӣ бо афроде аз фарҳангҳои дигар).

3.Ниёзи рӯ ба тазоид ва ҳифзи истеъдодҳо.

Ҳамдилӣ ба он маъност, ки коркунони калидӣ дар ширкат бояд, ҳаяҷоноти худро ба худ бигиранд ва саъй кунанд, ҳамкоронро хушнуд созанд, чунин тафаккур комилан хато аст ва монеи анҷоми кор мешавад. Ҳамдилӣ, яъне ворид кардани эҳсосоти дигари коркунон дар мулоҳизоти андешамандона ва сипас, иттихози тасмимоти ҳушмандонае, ки он эҳсосотро дар назар бигирад. Нуктаи муҳим он аст, ки ҳамдилӣ таниши афкореро мумкин месозад. Коркунон, ки фоқиди ҳамдилӣ бошанд, тавре амал мекунанд, ки эҷоди носозгорӣ мекунад. Ҳамдилӣ бар пояи мудирияти хештан шакл мегирад. Албатта, ин ба маънои баёни ҳаяҷонот ба сурати муносиб аст, на хафа кардани онҳо. Вақте афрод қодиранд эҳсосот ва нигаришҳои дигаронро дарк кунанд, ба системаи раҳнамуди ҳаяҷонии нерӯманд дастёфта мебошад. Афроди ҳамдил дар шинохт ва расидагӣ ба ниёзҳои арбоби руҷӯъ, муштариён ва ё зердастон, фавқулода амал мекунанд. Онон дар дастрас ба назар меоянд, ба наҳве ки моиланд ҳарфҳоеро, ки дигарон мезананд, бишнаванд. Онон бодиққат гӯш медиҳанд ва он чиро ки афрод воқеан аз он нигаронанд, дармеёбанд ва бо таваҷҷуҳ ба ҳамаи ин посух медиҳанд. Ба илова, ҳамдилӣ калиди ҷазби истеъдодҳост. Билохира, дар иқтисоди дар ҳоли рушд, ҳамдилӣ ё огоҳиҳои иҷтимоӣ маҳорати зарурӣ аст, ҳам барои кормандон бо ҳамкорони мутааддид ва ҳам барои тиҷорат бо афроде аз фарҳангҳои мухталиф. Големан бар ин ақида будааст, ки ҳамоҳанг будан бо эҳсосоти дигарон дар тасмимгирӣ ва қазоватҳои ахлоқӣ боаҳамият хоҳад буд ва набудани ҳамдилӣ як камбуди бунёдӣ дар ҳуши ҳаяҷонӣ аст [6].

**Мудирияти равобит (маҳоратҳои иҷтимоӣ).** Ва охирин бахши ҳуши ҳаяҷонии Големан, бахши мудирияти равобит аст, чигунагии таомул бо афродро дар мавқеиятҳои ҳаяҷонӣ нишон медиҳад, ки ба он маҳорати иҷтимоӣ ҳам гуфта

мешавад. Назорати дақиқи эҳсосоти худ, вокуниши мунъ аст, ки афроде мехоҳанд дар эҷоди робита бо дигарон муассир воқеъ шаванд ва бояд тавоноии ташхис, тафкик ва назорати эҳсосоти худро дошта бошанд ва сипас аз тариқи ҳамдилӣ як робитаи муносиб барқарор кунанд. Афрод фақат аз тариқи маҳоратҳои иҷтимоии боло медонанд, дар куҷо ва чӣ мавқеъ аз худ ҳолати ҳаяҷонӣ нишон диҳанд [7].

Гулман бар ин бовар аст ки, агар мо қодир ба назорати ҳолати рӯҳӣ ва хулқу хӯйи ҳаяҷонии худ ва маҳоратҳои зурурии ҳамдилиро дар худ эҷод накунем, дар мудирияти асарбахши ҳаяҷонӣ, мавқеиятҳои чандоне нахоҳем дошт, баръакс афроди дорои ҳуши ҳаяҷонӣ аз ин маҳорат дар ҷиҳати расидан ба рисолатҳои созмон бахра мебаранд. Муаллифаи мудирияти равобит, аз нигоҳи Големан, бисёре аз маҳоратҳои зарурӣ барои муваффақият дар мавқеиятҳои иҷтимоиро дар худ дорад. Иртиботот низ унсури асосӣ дар мудиряти равобит аст [8].

Тавоноӣ бар самимият ва муҳаббат ба дигаронро иртибот ё тақвияти муносиб мегӯянд. Ин кор бо бурузи рафторҳои каломӣ ва ғайрикаломӣ барои нишондиҳандаҳои қадрдонӣ ва ташаккур аз дигарон сурат мегирад [9]. Билохира, вазоифи афрод печидатар мешавад ва ниёз ба ҳамёрии бештаре эҳсос мешавад. Маҳоратҳои иртиботӣ аз аҳамияти меҳварӣ бархурдор мешаванд. Барои намуна, ҳар ширкати бузурге бояд афроди калидиро дар миёни воҳидҳои худ тавзеҳ кунад, чароки ин кор як гурӯҳи билфеъл эҷод мекунад.

Ба эътиқоди Гулман ҳуши ҳаяҷонӣ маҷмӯае аз тавонмандиҳоест, ки боиси ташхис, инъикос ва созгории ҳаяҷонӣ дар худ ва огоҳӣ аз авотифи дигарон мегардад. Ӯ охиран барои ҳар қаламрав вижагиҳоеро қоил мешавад, ки иборат аст аз:

- ♦ Ҳар як аз муаллифаҳои ҳуши ҳаяҷонӣ ба танҳоӣ таъсири мунҳасир бар амалкарди шуғлии фард дорад.
- ♦ Ҳар як аз онҳо то ҳадде бо дигар муаллифаҳо таомули маҳкаме дорад. Ба ибораи дигар, муаллифаҳои ҳуши ҳаяҷонӣ дорои вобастагии мутақобил ҳастанд.

Зарфиятҳои ҳуши ҳаяҷонӣ нисбат ба якдигар ҷойгоҳи силсиламаротибе доранд. Масалан, худогоҳӣ барои худтатбиқӣ ва ҳамдилӣ зурур аст. Худтатбиқӣ ва худогоҳӣ ҳам, мабное барои ангезиш мешавад.

**Ҷадвали 1. Муаллифаҳои ҳуши ҳаяҷонӣ (иқтибос аз Барон ва Паркер 2000 ва Кант 2004)**

| Хӯшаи шоистагиҳои ҳуши ҳаяҷонӣ | Салоҳияти ҳуши ҳаяҷонӣ | Тавсиф | Қобилиятҳои алоқаманд |
|---|---|---|---|
| **Шоистагиҳои фардӣ** | **Худогоҳӣ** | Қобилияти кашфи пайгирӣ ва бар ҷасбзании як эҳсос дар ҳангоми рӯй додан | Сароҳат нисбат ба бозхӯрдани афрод, хударзёбии дақиқ |
| | **Худтанзимӣ** | Қобилияти бар -расии ҳаяҷонот ва мудирияти тавзеҳи эҳсосот ба таври муассир | Худназоратӣ; фавқпазирӣ; ибтикор. |
| | **Худангезишӣ** | Қобилияти умедвор мондан ва беҳина будан бар хилофи мавонеъ ва нақоис | Муваффақият; тааҳҳуд; иштиёқ. |
| **Шоистагиҳои иҷтимоӣ** | **Огоҳиҳои иҷтимоӣ** | Қобилияти фаҳму дарки ҳаяҷони дигар афрод ва касби эҳсоси саҳеҳи фарояндҳои тафак- кур | Таъсир; мутақоидсозӣ; ангезиши дигарон ҳушёрии сиёсӣ. |
| | **Маҳоратҳои иҷтимоӣ** | Маҳорат дар мудирияти равобит ва эҷоди шабакаҳо ва иртибототт | Роҳбарӣ; иртибототт; ҳамкорӣ; кори тимӣ; мудирияти таоруз. |

**Ҳуши ҳаяҷонӣ дар муҳити кор**. Сохтори ҳуши ҳяҷонӣ пас аз падид омадан дар аввалҳои даҳаи 1990, таваҷҷуҳи бисёреро дар матнҳои тадқиқотӣ ва корбурдӣ ба худ маътуф карда, ба унвони бахши муҳиме аз тавоноиҳои фардӣ барои кӯмак ба муваффақияти созмон баршумурда шудааст. Аз тариқи зариби ҳушӣ равоншиносон ҷанбаҳои ҳуши ҳаяҷониро дар созмонҳо дар тайи солҳои мухталиф мутолиа кардаанд, аммо ин мафҳум ҳамчунон нисбатан нав буда, корҳои зиёде бояд барои дастёбӣ ба шаффофоият дар мавриди таъсире, ки ҳуши ҳаяҷонӣ бар амалкарди фардӣ ва созмон дорад, сурат мегирад. Дар ҳоле ки чанд таърифи мафҳуми ҳуши ҳаяҷонӣ вуҷуд дорад, онҳо ҳамагӣ дорои мабонии назарии бисёре мебошанд, ки шомили

огоҳӣ аз эҳсосоти як фард, огоҳи аз эҳсосоти дигарон ва мафҳуми эҳсосот ва тавоноии мудирияти ҳаяҷоноти фард ва эҳсосоти дигарон мешавад. Ҳуши ҳаяҷонӣ ба унвони омиле, воситае ва созмондиҳандае метавонад, боиси беҳбуди амалкарди гурӯҳӣ шавад. Зеро барои гурӯҳ ин имконро фароҳам меоварад, ки ба таври сареҳ ба шакли ҳамоҳанг ва муассир дармеояд. Ба назар мерасад, гурӯҳҳое, ки аз назари ҳуши ҳаяҷонӣ дар ҳадди поён қарор доранд, ҷиҳати кори муассир дар ҳолати гурӯҳи ҳамоҳанг ба вақти бештаре ниёз дошта бошанд.

**Талошҳои бозорёбии якпорча.** Сохтори созмонии ширкат ё бахшҳое аз он бояд як фалсафаи бозорёбиро инъикос кунанд. Вазифаҳои аслии бозорёбӣ бояд тавассути сатҳҳои болоии бозорёбӣ, якпорча ва назоратшуда бошанд. Мавқеиятҳои гуногуни бозорёбӣ бояд барои хидмат ба ниёзҳои бахшҳои муҳимми бозорёбӣ, қаламравҳо ва хатҳои тавлид тарроҳӣ шуда бошанд. Воҳидҳои бозорёбӣ бояд ба таври муассире дар кор бо бахшҳои дигар дар ширкат ҳамкориҳоро эҷод кунад. Дар ниҳоят, ширкат бояд ба хубӣ системаҳои таърифшудаеро барои тавсеа, арзёбӣ,озмоиш ва роҳандозии маҳсулоти ҷадид инъикос кунад, зеро онҳо қалби касбу кори ояндаро ташкил медиҳанд.

**Системаҳои иттилооти бозорёбӣ.** Як системаи иттилоотии муташаккил аз афрод, таҷҳизот ва равишҳои ҷамъоварӣ, дастабандӣ, таҳлил ва таҷзия, арзёбӣ ва тавзеҳи иттилооти зарурӣ, бамавқеъ ва дуруст ба касоне аст, ки дар ҳитаи бозорёбӣ тасмимгирандаанд. Коркунон дар ширкатҳо барои барномарезӣ ва тахсиси манобеъ ба дастрасӣ ба бозорҳои мухталиф, қаламравҳо ва нишондиҳандаҳои бозорёбӣ ниёз дорад. Вижагии як системаи иттилооти худ ва мавриди потенсиали фурӯш ва суддиҳӣ аз қисматҳои мухталифи бозор, муштариён, қаламравҳо, маҳсулот ва каналҳо аст. Бозорёбони мухарраб ниёз ба иттилоот барои арзёбии натиҷаҳои ҳосил аз маблағҳои бозорёбии худ доранд.

**Ҷиҳатгирии стратегӣ.** Асарбахшии бозорёбӣ вобастагӣ ба ин дорад, ки оё мудирият метавонад, як стратегияи судоварӣ хориҷ аз фалсафа, созмон ва манобеи иттилоотии он тарроҳӣ кунад. Ин амр ниёз ба як системаи расмӣ барои барномарезии бозорёбии дарозмуддат ва солона дорад. Дуюм, система як стратегияи аслӣ, ки мумкин аст тавассути таҳаввулоти ҷадид дар бозор, ки мавриди ниёз аст, дошта бошад.

**Короии амалиётӣ.** Барномаҳои бозорёбии судиро эҷод намекунад, магар ин ки онҳо ба таври коромадӣ дар сатҳҳои мухталифи ширкат иҷро шавад. Дар ин ҷо манфиати муштариён дар дараҷаи аввал бояд мавриди таваҷҷуҳи коркунон дар саросари ширкат бошад. Мудирияти бозорёбӣ бояд миқдори дастрас аз манобеъ барои анҷоми кори мавриди назарро дошта бошад. Дар чунин шароит, ки короии амалиётӣ дар байни воҳидҳои ширкат эҷод мешавад мафҳуми асарбахшии бозорёбӣ ба таври густурда мавриди баҳс қарор мегирад, зеро он иртиботи қавӣ дар ҷиҳати натиҷаҳои ширкатҳо бо арзишҳое аз қабили рушди дарозмуддат, афзоиши ризоияти муштарӣ, имтиёзи (мазияти) рақобатӣ ва ҷиҳатгириҳои нерӯмандӣ дорад [10].

**Натиҷагирӣ.** Ҳуши ҳаяҷонӣ, калиде дар масири амалкарди муассир ва пешрафти ҳамгом бо тағйири созмонӣ мебошад. Дар созмонҳо лиҳоз кардани ҳуши ҳаяҷонӣ дар барномаҳои омӯзишӣ ба коркунон кӯмак кардааст, то беҳтар амал карда, ангезаи бештаре дошта бошанд, ки ба сабаби он баҳраварӣ ва суд афзоиш меёбад. Дарки ҳаяҷон чи худ ва чи дигарон нақши муҳимеро дар зиндагии созмонӣ ифо мекунад. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки тавонмандиҳои ҳуши ҳаяҷонӣ бар хилофи баҳраи ҳуш қобили омӯзиш додан аст ва рафтору маниши коркунон аз ҳуши ҳаяҷонии афрод низ маншаъ мегирад, метавон ин иддао кард, ки ҳуши ҳаяҷонӣ ба унвони муҳимтарин омил дар расидани ширкатҳо ба рушду судоварии бештар аз тариқи эҷод ва пиёдасозии стратегияҳои шаффоф ва навоварӣ ва ҳамчунин сохти дурусти ниёзҳо ва хостаҳои бозор ва расидан ба як мавқеияти мумтози рақобатӣ дар бозор ва ҳамчунин, расидан ба як короии амалиётӣ метавонад, асарбахшии бозорёбиро дар ширкат эҷод кунад.

## АДАБИЁТ


1. Оқоёр Сирус. Ҳуши ҳаяҷонии созмонӣ / Оқоёр Сирус, Шарифӣ Даромади Парвиз. -Исфаҳон: Сипоҳиён, 1386. –ч.2.
2. Додхоҳ Муҳаммадризо. Муштаримадорӣ (илмӣ-корбурдӣ) / Додхоҳ Муҳаммадризо. –Теҳрон: Шаҳрошӯб,1387. –ч.1.
3. Субҳонӣ Нажод. Ҳуши ҳаяҷони ва мудирият дар созмон / Субҳонӣ Нажод, Маҳди Юзбошӣ Алиризо. –Теҳрон: Ситрун, 1387.
4. Котлер Филип. Мудирияти бозорёбӣ / Котлер Филип; тарҷумаи Баҳман Фурӯзанда. –Теҳрон: Омӯхта, 1385.

5. Големан Даниел. Ҳуши ҳаяҷонӣ / Големан Даниел; тарҷумаи Насрин Порсо. –Теҳрон: Рушд, 1380.
6. Baron R. The handbook of Emotional Intelligence. Jossey-bass / R. Baron, J.D.A. Parker. -San-Francisco: CA 2000.
7. Goleman D. Emotional Intelligence: Issues in paradigm building, in cherniss, c. The Emotional Intelleginсe and Management development Implications / D. Goleman // Journal of Management Development, 2001. -Vol.28. -P.348-360.
8. Kotler P. From Sales Obessesion to Marketing effectiveness / P. Kotler. -Harvard Business Review, 1988. -1_9.
9. Kunnanatt J.T. Emotional Intelleginсe: The new science of interpersonal effectiveness / J.T. Kunnanatt. Human Resource Development Quarterly, 2004. -Vol.15. -№4. -P.489-490.
10. Jamili D. Emotional Intelligence and Management development Implications / D. Jamili, Y. Sidani // Journal of Management, 2008. –Vol.16. -P.193-212.

**ЭМОЦИОНАЛЬНЫЙ ИНТЕЛЛЕКТ И ЭФФЕКТИВНОСТЬ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ**

В данной статье автором рассматривается взаимосвязь эмоционального интеллекта и эффективной деятельности персонала. Рассматриваются основные подходы к определению понятия эмоционального интеллекта. Эффективность деятельности персонала нужно рассматривать через ощущение эффективности деятельности и удовлетворенности своей работой. Также рассматриваются способности руководящего состава в понимании и управлении своими эмоциями во взаимосвязи с эффективностью деятельности.

**Ключевые слова:** эмоциональный интеллект, повышение продуктивности и качества работы, эмоциональная компетентность, социальные и эмоциональные аспекты трудовой деятельности, удовлетворенность трудом.

**EMOTIONAL INTELLIGENCE AND PERFORMANCE**

In this article the author discusses the relationship between emotional intelligence and effective activity of the personnel. Main approaches to the definition of the concept of emotional intelligence. Efficiency of staff should be considered through a sense of efficiency and job satisfaction. Also considers the ability of the management team to understand and control his emotions in connection with the performance.

**Key words:** emotional intelligence, improving the productivity and quality of work, emotional competence, social and emotional aspects of their work and job satisfaction.

**Сведения об авторе:** ***Мухаммади Рахшонфар*** – соискатель Таджикского национального университета

# ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОЛИТИКА В ГОСУДАРСТВЕННОЙ СИСТЕМЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ ИРАНА

***Расули Машаллах***
**Институт экономики и демографии АН РТ**

Влияние государства на состояние системы высшего образования, научно-техническое обеспечение и финансирование университетов и высших учебных заведений страны, в общем, определяется бюджетом страны, что также определяет качественный и количественный уровень образования и может ускорить научно-технические разработки. В современном мире политика государства в сфере высшего образования является более важной, чем определение бюджета в этом направлении. Государственное финансирование этого важного направления должно поощрять высшее образование в стране и создать необходимую инфраструктуру для преодоления экономического и социального отставания общества. Ниже кратко приведены некоторые результаты политики иранского правительства в сфере высшего образования:

1. ***Причины движения к глобализации университетов*** могут быть представлены в четырех областях: политические, экономические, научные, культурные. С политической точки зрения можно сказать, что в сегодняшнем мире образование является четвертым измерением внешней политики. Сотрудничество в области образования как одной из форм инвестирования станет формой установления дипломатических отношений между странами в будущем. Большая часть политической элиты выбирается из числа ученых, и поэтому международные стипендии и прием иностранных студентов является способом привлечения в собственную культуру политических лидеров этих обществ и будущих руководителей.

Экономически обосновывается, что интернационализация высшего образования может спасти национальную экономику, потому что, во-первых, станет условием научного развития страны, а во-вторых, создает условия для развития опыта и экономических отношений. В-третьих, торговли и промышленности как важного экономического ресурса для расширения. Культурно наиболее важной функцией глобализации высшего образования является развитие международных культурных

ценностей и презентация национальной культуры на международной арене[1]. Государственная политика в глобализации университетов через университетские обмены, такие как обмен студентов, развитие рынков академических и интеллектуальных товаров, повышение роста международных академических соглашений о сотрудничестве на основе краткосрочной и долгосрочной перспективы образования, учебных курсов и проведение совместных международных исследований и создание студенческих команд для участия в международных олимпиадах.

2. Изменение учебной структуры университетов от опытного преподавателя до дипломированного студента. Программа «Бернан» в одном обширном обзоре показывает, что небольшое количество студентов и количественное развитие высшего образования, разнообразие содержания курсов и методов оценки студента, механизмы адаптации к альтернативным методам и принципам обучения студентов с различным жизненным опытом и потребностями и желаниями являются традицией европейских и американских университетов. Таким образом, несмотря на высокую плату за обучение для европейских студентов, рассматривается готовность и достаточное желание поступать в университеты, и университеты также расширяются с каждым днем.

Политика правительства Ирана относительно расходов на получение высшего образования предоставляет решать самим студентам. В связи с этим неизбежно следует необходимость создать курсы и учебные программы в соответствии с потребностями и желаниями студентов, и университет должен нести ответственность перед студентом, который желает оплатить за учебу, и чтобы студент имел стремление к образованию, самоотверженность и самопожертвование ради науки.

3. Создание технопарков в непосредственной близости от университетов[2], так как сегодня технопарки признаны как надлежащая основа развития трехстороннего сотрудничества между правительством и промышленностью и университетом. Впервые технопарки были созданы в американских университетах. В последнее время при посредстве энтузиазма чиновников в Иране запуск научно-технических парков растет, и университеты в разных городах страны намерены создать технопарки рядом с университетом. Эта структура позволит правительству в рамках своей политики поддерживать инновации, научные исследования и разработки от стадии их изобретения до реализации. Университеты, создавая научные и технологические парки в своих окрестностях, станут узлом соединения исследования с промышленностью, увеличением финансирования научных исследований в промышленность и создания рабочих мест для своих выпускников. Технопарки станут условиями преодоления технической отсталости промышленности. Научный городок Технологического университета Исфахана на 520 гектаров прилегает к университету и является примером государственной политики в сфере создания технопарков в непосредственной близости от иранских университетов. Этот городок в настоящий момент имеет 67 частных предприятий, научные и консультативные структуры, исследовательские реакторы университетов и многое другое принадлежит этому городку, где занимаются научными исследованиями.

4. Исполнительный устав проекта занятости молодых выпускников высших учебных заведений[3]. Рынок труда в качестве одного из четырех крупнейших рынков в Иране с широкими связями развивается на основе человеческого фактора с развитием чувствительных и важных процессов планирования. Проблемы и задачи, стоящие перед обществом в обеспечении занятости и сокращении безработицы, должна стать ближайшей целью для управления экономическим планированием страны. Итоговый баланс спроса и предложения рабочей силы станет основанием, чтобы молодые выпускники не попали в ряды безработных и огромные капитальные затраты на осуществление их академической подготовки не были напрасными. Возможность нахождения работы, подходящей их образованию и состоянию, будет основанием необходимого потенциала для развития занятости на уровне национальной экономики и далее станет желанием работодателей привлекать новую рабочую силу. С другой стороны, традиционные связи с трудовыми структурами страны привели к тенденции привлечения образованных трудовых ресурсов, что вообще изменило отношение к инновациям и использованию современных и эффективных технологий, что не соответствуют друг другу. Поэтому вхождение в трудовую жизнь новых выпускников колледжа сталкивается с трудностями. Трудности трудоустройства дополняются долгосрочными потерями общества в связи с отсутствием применения национальных источников и инвестиций, чтобы снизить потенциальные потери и научные мощности выпускников в различных формах, таких как привлечение на

рабочие места не по специальности, что будет стимулировать миграцию и утечки мозгов из страны. Если основная масса выпускников не привлекутся к работе по специальности, то это приведет к снижению процессов инноваций и предпринимательства и стагнации в создании новых рабочих мест, что создаст разрыв между спросом и предложением рабочей силы. Приведенные выше наблюдения наряду с факторами и последствиями культурных, социальных и экономических связей, а также проблемы, связанные с рабочими местами для новых выпускников, требуют необходимости серьезного планирования политики на высоком уровне. Министерство промышленности и шахт приняло рабочий план и на этой основе промышленные и горнодобывающие предприятия могут привлечь новых выпускников университетов, которые могут обеспечить их 50 процентной заработной платой до определенного периода. Ожидается, что до завершения этого периода, молодые выпускники будут обеспечены возможностью активизировать самостоятельное участие в трудовой деятельности для достижения устойчивой занятости.

5. Частная форма высшего образования, одно из новых явлений [4], особенно в странах третьего мира, является общей характеристикой последнего десятилетия из-за повышенного спроса на высшее образование. Дебаты вокруг частной формы высшего образования были подняты впервые в Иране в 1994 году. Важно отметить, что проблемы финансирования негосударственных высших учебных заведения хорошо заметны рядом с проблемами государственных университетов в отношении ограничений на государственное финансирование. В связи с этим, около 82 процентов университетов являются частыми, оставшиеся 18% от общей массы являются государственными, и финансовое положение частных вузов несравнимо с государственными. Поэтому многие университеты стали частными, что доля Свободного университета составляет 40 процентов, а около миллиона студентов учатся в университете Пайёми Нур и 250 тысяч учатся в некоммерческих университетах, где бюджет государства покрывает их расходы.

6. Превентивные меры государства для предотвращения утечки мозгов из Ирана. По поводу утечки мозгов и научной элиты из Ирана можно утверждать, что она является одной из сложных социально-экономических и образовательных проблем страны. По данным статистики в 2010 году, 60 тысяч иранцев, покинувшие страну, считаются элитой мигрантов, и эти люди часто занимали места в научных олимпиадах, всяких конкурсах на уровне университетов. МВФ заявил в своем докладе за 2009 год, что элита Ирана с точки зрения миграции среди 91 стран развивающихся или слаборазвитых занимает первое место[5] и около $ 50 млрд. в год из Ирана утекает капитал. По данным МВФ, в настоящее время более 250 тысяч иранских врачей и инженеров и более 170 тысяч иранцев с высшим образованием живут в Америке. Согласно официальной статистики таможенной службы США, в 2008 году ежедневно 15 магистров, 2-3 докторов въезжают из Ирана, и общая сумма за год составила 52475 человек с высшим образованием. МВФ сообщает, что 15 процентов человеческого капитала Ирана мигрируют в Америку и 25 процентов в ЕС.

Таким образом, согласно сообщению иранского правительства о предотвращении утечки мозгов и человеческого капитала из страны, приняты действенные меры. Так, в 2009 году в университете Сунъии Шарифа предложили всем выпускникам 20 ведущих университетов мира получить государственные стипендии для обучения на бакалавра и магистра. Председатель комитета миграции относительно утечки мозгов сказал, что следует принимать государственную программу, согласно которой можно создать условия, чтобы остановить утечку элиты.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Проблемы развития науки и системы высшего образования в Иране // «Высшее образование». -Тегеран, 2004. (Презентация беседы)
2. Мухаммад Икбал Каримиен. Создание технопарков рядом с университетами: Возможности и проблемы / М. Икбал Каримиен. –Исфахан: Научно-исследовательские городки Исфахана, 2009. -С.1-9.
3. Саодат Али Т. Системное отношение образования в Иране / Т.Саодат Али. –Тегеран, 2006. -С.143-152.
4. Сайдулло Насири. Частное образование не является бесплатным / Сайдулло Насири // Газета «Восток»,15 марта 2012г.
5. Интернет-сайт: Wikipedia, свободная энциклопедия.


**ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОЛИТИКА В ГОСУДАРСТВЕННОЙ СИСТЕМЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ ИРАНА**

Система высшего образования в Иране служит для молодых людей для получения высшего образования. В то же время существуют и частные университеты, которые предлагают альтернативные пути

для получения высшего образования. С другой стороны, очень важно предотвратить "утечку мозгов " из Ирана, который является большой проблемой в современном Иране.

**Ключевые слова:** система высшего образования, выпускники, молодежь, "утечка мозгов", технопарки, рынок труда, высококвалифицированные специалисты, частные университеты.

**STATE POLICY IN STATE HIGH EDUCATIONAL SYSTEM OF IRAN**

The high education system in Iran serves for young people to get education and the same time there are private universities which offer alternative way to get high degree of education. In other hand it is important to prevent the brain drain from Iran which is a big problem today in Iran.

**Key words:** high education system, graduate youth, brain drain, techno parks, labor market of the high quality specialists, private universities.

**Сведения об авторе:** ***Расули Машаллах*** - аспирант Института экономики и демографии АН РТ

# ПИЁДАСОЗИИ МОДЕЛИ EFQM ВА ТАЪСИРИ ОН ДАР АМАЛКАРДИ СОЗМОНӢ

***Лайло Нахайӣ***
**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**

Дунёи имрӯз ончунон инқилобӣ аст, ки пешфарзҳои кӯҳнаи моро ботил мекунад. Ҷаҳоне, ки бosуръат аз бархӯрди арзишҳо ва фоновариҳои чадид, равобит ва шеваҳои зиндагӣ иртиботот ва таквин меёбад, ба андешаҳо, қиёсҳо, табақабандиҳо ва мафоҳими комилан навин ниёзманд аст. Наметавон ҷаҳони ҷадиди фардоро дар ошёнаҳои фикри марсуми дирӯз парвариш дод.

Бо вуҷуди ширкатҳои мавқуф ва назариёти донишмандон, моделҳои мухталифе барои арзёбӣ ироа шудааст ва истифода аз ин моделҳо на танҳо ба унвони модели саромадӣ ва ё таолии созмон шинохта мешавад, балки ба унвони чорчӯбае барои таҳияи тасвири мавриди назар барои афроди даруни созмон низ нақше бо ҷузъиёти комил фароҳам мекунад, то онҳо низ дар масири таолӣ нақши худро бамавқеъ ва ба наҳви дуруст ифо кунанд.

Ба манзури беҳбуди кайфияти фаъолияти як созмон дар қадами аввал бояд вазъияти мавҷуд бар асоси як модели аз қабл тарроҳишуда, мавриди баррасӣ ва таҷзияву таҳлил қарор гирад, ки дар ҳоло ҳозир модели EFQM комилтарин моделҳоест, ки метавонад маҳосини зиёде ба ҳамроҳ дошта бошад.

EFQM чорчӯбаи арзёбӣ аст, ки барои таҳлили созмонҳо бо таваҷҷуҳ бо меъёрҳои таолӣ тарроҳӣ шудааст.

Бар ин асос, бунёди кайфияти Аврупо муташаккил аз 16 кишвари санъатии Аврупо модели таолии EFQM-ро пешниҳод дод. Ширкатҳое, ки дар арсаи рақобат аз мавқеияти муносибе бархурдор хоҳанд буд, бо истифодаи беҳина аз имконоти мавҷуд ва баҳрабардории муносиб аз манобеи ҷадид ҷиҳати тавлиди маҳсулот ва ироаи хадамоти матлуб ва бокайфияти муносиб, як ширкати муштаримеҳвари ноб ва инъитофпазир бошанд. Ширкатҳо бо истифода аз модели стандарти арзёбии амалкард як низоми коромад ва босуботро эҷод мекунанд, то бо санҷиши муназзами амалкарди хеш ва муқоиса бо рақибон ба нуқоти қувват ва заъфи худ воқиф шуда, авлавиятҳои барномарезиро шиносоӣ кунанд. Бо бакоргирии иқдомоти ислоҳӣ нукоти қувват ва заъфи навоҳии қобили беҳбудро ба таври мустамар беҳбуд диҳанд ва батадриҷ бо таолии амалкарди хеш сатҳи таолӣ ва саромади созмонро тай кунанд.

Модели таолии созмонии EFQM ба унвони чорчӯбае барои хударзёбии созмонӣ густариш ёфта, созмонҳое, ки рӯ ба беҳбуди мустамари тамаркуз кардаанд, аз фароянди хударзёбӣ ба унвони абзори тавонманде барои расидан ба мақсуди баҳра ҳастанд. Ҳадафи куллӣ хударзёбӣ ба даст овардани таҷзия ва таҳлили нукоти қобили беҳбудӣ мебошад. Бинобар ин, барои расидан ба ин ҳадаф модели EFQM бо иртибот байни тавонмандсозӣ ва меъёр на танҳо дар фароянди хударзёбӣ ба кор рафтааст.

Модели EFQM дорои нуҳ меъёр аст. Панҷ меъёри он иттилоот дар мавриди тавонмандсозиҳо ва чаҳор меъёри дигар иттилоот дар мавриди натоиҷ мебошад. Тавонмандсозиҳо шомили маҷмӯаи иттилоотӣ аз қабили роҳбарӣ, стратегия, коркунон, мушорикатҳо, манобеъ ва фарояндҳост. Натоиҷи шомили маҷмӯаи иттилоотӣ дар хусуси меъёри иттилоотӣ аз қабили натоиҷи муштариён, натоиҷи коркунон, натоиҷи ҷомеъ ва калидии амалкард аст.

Бинобар ин, баррасии натоиҷи амалкард як фароянди муҳими роҳбарӣ талаққӣ мешавад. Кайфият ва асарбахшии мудирияти амалкард омили таъйинкунанда ва ҳаётии барномаҳо ва тавсеаи созмонӣ аст.

**Ошноӣ бо модели таолии амалкарди EFQM.** Дар байни моделҳои саромадии касб ва кор модели «Бунёди арзёбии мудирияти кайфият» ё EFQM (European foundation for quality management excellence) маъруфтарин модел мебошад ва беш аз 20000 созмон дар Аврупо аз он истифода кардаанд. Кори тарроҳии ҷиддии ин модел аз 1989 оғоз ва дар соли 1991 муаррифӣ гардид. То кунун таҳрирҳои мутааддиде бар ин модел сурат гирифтааст, ки муҳимтарини онҳо таҳрири соли 2003 мебошад, ки ҷиҳати ошноии иҷмолии хонандагон бо ин модел ироа гардид. Дар як нигоҳи куллӣ модели EFQM шомили 5 ҷузъи аслӣ аст, ки дар расми зер ин 5 ҷузъ ва иртиботҳои онҳо бо якдигар мушаххас шудааст:




**Баррасии мафоҳими саромадии модели EFQM.** Мафоҳими бунёдин мафоҳиме ҳастанд, ки ин модел бар онҳо бино шудааст ва дарвоқеъ поя ва асоси ин модел ҳастанд. Ин мафоҳим иборатанд аз:

1.Натиҷагирӣ. Созмоне, ки мехоҳад саромад бошад, бояд тавре кор кунад, ки ба натиҷаи матлуб даст пайдо кунад ва ин натиҷа бояд назари тамоми манфиатдорони созмонро ба таври мутаваззин ҷалб намояд.

2.Муштаримадорӣ**.** Аз он ҷойе ки довари ниҳоӣ дар мавриди кайфияти маҳсулот ва хадамот муштарӣ аст, ҷалби назари муштарӣ аҳамияти зиёде дорад. Эҷоди вафодорӣ дар муштарӣ ва ба даст овардани саҳми бозор танҳо аз тариқи таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба ниёзҳои муштариёни феълӣ ва билоқувва имконпазир аст.

3.Роҳбарӣ ва субот дар мақосид**.** Роҳбарӣ, яъне таъйини аҳдоф ва эҷоди ангеза дар афрод барои талош дар ҷиҳати дастёбӣ ба аҳдофи созмон. Дар созмони саромад мудирон дар ҳарф ва амали худ илҳомбахши коркунон барои талош дар ҷиҳати саромади созмон ҳастанд.

4.Мудирияти мубтанӣ бар фароядҳо ва воқеиятҳо. Созмоне, ки мехоҳад саромад бошад, бояд ба кӯмаки маҷмӯае аз системаҳои фароянд ва воқеиятҳои муртабит ва ба ҳам пайваста мудирият шавад.

5.Тавсеа ва мушорикати кокунон**.** Созмоне, ки мехоҳанд саромад бошад, бояд мушорикати коркунонро дар умур ба ҳадди аксар бирасонад. Барои истифода аз тамоми тавони билоқувваи коркунони созмон беҳтарин кор тавонманд кардани коркунон дар анҷоми корҳояшон ва эҷоди арзишҳои муштарак ва фарҳанги эътимод дар созмон аст.

6.Ёдгирӣ, навоварӣ ва беҳбуди мустамар. Созмоне, ки мехоҳад саромад бошад, бояд вазъи мавҷудро ба чолиш биталабад ва ба ёдгирӣ ва навоварӣ дар созмон аҳамияти зиёде бидиҳад. Дар ин созмон афрод бояд дониши худро ба дигарон мунтақил кунанд ва фарҳанги ёдгирӣ (ёд гирифтан ва ёд додан), навоварӣ ва беҳбуди мудаввом, пояи ҳама корҳо бошад.

7.Тавсеаи ширкатҳо. Ширкат як робитаи тиҷорӣи дарозмуддат аст. Созмоне, ки мехоҳад саромад бошад, бояд ба наҳвае бо созмонҳои дигар шарик шавад, ки барои созмон арзиши афзуда эҷод кунад. Барои ин ки байни ширкатҳо робитаи судманд ва дарозмуддат эҷод шавад, бояд эътимод ва интиқоли дониш ва таҷрибиёт ба якдигар пояи равобити дуҷониба бошад.

8.Масъулияти иҷтимоии ширкат. Созмоне, ки мехоҳад саромад бошад, бояд ба ҷомеа таваҷҷуҳи зиёде дошта бошад ва фаротар аз интизорот ва муқарраротӣ ҷомеа амал кунад. Таваҷҷуҳ ба ахлоқиёт дар кор, яке аз мушаххасҳои як созмони саромад аст.

**Баррасии меъёрҳо дар модели EFQM ва наҳваи имтиёзҳо ба онҳо.** Модели EFQM як модели ғайритаҷвизӣ аст, ки аз 9 меъёр ташкил шудааст. Ин меъёрҳо асосӣ ҳастанд ва дар мабнои арзёбии як созмон қарор мегиранд. Аҳдоф ва ормонҳо маъмулан баландпарвозона ва дурдаст ҳастанд. Бинобар ин, барои ин ки созмонҳо

бидонанд, ки барои расидан ба ин аҳдоф бояд чӣ гуна дар амал кор ва фаъолият кунанд, ниёз ба меъёрҳо доранд, ки иҷрои он дар созмон муҷиби расидан ба аҳдоф мешавад. Моделҳои ин модел ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1.Тавонмандсозиҳо. Панҷ меъёри аввали ин модел авомиле ҳастанд, ки созмонро барои расидан ба натоиҷи олӣ тавонманд месозанд.

2.Натоиҷ. Натоиҷе ҳастанд, ки созмони саромад дар ҳавзаҳои мухталиф ба он даст пайдо мекунад ва баёнкунандаи дастовардҳои ҳосил аз иҷрои муносиби тавонмандиҳо ҳастанд.

Дар ин модел меъёрҳо рӯйи ҳам 1000 имтиёз дорад (500 имтиёз барои тавонмандсозиҳо ва 500 имтиёз барои натоиҷ) ин меъёрҳо ба шарҳи зайл мебошанд:

1. Роҳбарӣ дар эҷоде мушаххас мегардад, ки роҳбарони созмон чӣ гуна имкони тавсеа ва дастёбӣ ба маъмурият ва чашмандозро фароҳам месозад ва чӣ гуна арзишҳо тадвин ва таҳқиқ мегарданд ва роҳбарон дар тавсеа ва иҷрои системаи мудирияти созмон мушорикат менамоянд.

2. Хати маш ва стратегия дар эҷоде мушаххас мегардад, ки чӣ гуна созмон маъмурият ва чашмандози худро аз тариқи як стратегияи шаффоф бо дар назар гирифтани манофеи зинафъони созмон таҳқиқ месозад ва чӣ гуна ин стратегия аз тариқи хати машҳо, барномаҳо, аҳдоф, мақсадҳо ва фароярдҳо мавриди пуштибонӣ қарор мегиранд.

3. Манобеи инсонӣ дар эҷоди роҳкориҳое мушаххас мешавад, ки чӣ гуна созмон дониш ва тавонмандиҳои инсонии худро ба таври инфиродӣ, гурӯҳӣ ва дар сатҳи созмон, мудирият карда, тавсеа дода, мавриди баҳрабардорӣ қарор медиҳанд ва онҳоро ба тавре барномарезӣ мекунанд, ки хати маш ва стратегияи созмон ва иҷрои муассири фароярдҳо мавриди пуштибонӣ қарор мегиранд.

4. Ширкатҳо ва манобеъ дар эҷоде мушаххас мегарданд, ки чӣ гуна созмон шарикони хориҷӣ ва манобеи дохилии худро мудирият менамоянд, то аз хати маш ва стратегияи созмон ва иҷрои муассири созмон ҳимоят гардад.

5. Фароярдҳо дар эҷоде мушаххас мегардад, ки чӣ гуна созмон фароярдҳоро тарроҳӣ ва мудирият намуда, беҳбуд мебахшад, то аз хати маш ва стратегияи созмон ҳимоят гардад ва ҳатто ҷалби ризояти комил барои муштариён ва дигар манфиатдорон ба таври рӯзафзун барои онҳо эҷоди арзиш намояд.

6. Натоиҷи муштариён дар эҷоде мушаххас мегардад, ки созмон дар иртибот бо муштариёни берунии худ чӣ натоиҷ ба даст меоварад.

7. Натоиҷи манобеи инсонӣ дар эҷоде мушаххас мегардад, ки созмон дар иртибот бо манобеи инсонии худ чӣ натоиҷ ба даст меоварад.

8. Натоиҷи ҷомеа дар эҷоде мушаххас мегардад, ки созмон дар иртибот бо ҷомеаи маҳаллӣ ва байналмилалӣ чӣ натоиҷ ба даст меоварад.

9. Натоиҷи калидии амалкард дар эҷоде мушаххас мегардад, ки созмон дар иртибот бо амалкарди барномарезшудаи худ чӣ натоиҷе мегирад.

Дар расми зер ин меъёрҳо ва наҳви таомул ва иртиботи онҳо бо якдигар ва имтиёзи ҳар кадомро мулоҳиза мекунед:




**Амалкарди созмонӣ.** Мавзӯи арзёбии амалкард яке аз мубоҳисаҳои густурдаеаст, ки доманаи васее аз риштаҳо ва соҳибназарон бар он асаргузор будаанд ва гузоришҳо ва мақолоти ҷадиде дар бораи он навишта шудааст. Илова бар ин, бозори нармафзорҳои корбурдӣ дар ин замина низ рушди бисёре кардаанд. Аммо бо вуҷуди моделҳо ва чаҳорчӯбаҳои фаровон дар ин замина бархе моделҳои муҳаққиқон бештарин асарро бар рӯйи шаклдиҳии ин заминаи хос доштаанд, ки дар ин замина ба муаррифии бархе аз ин чаҳорчӯбаҳо ва нукоти қувват ва заъфи ҳар як хоҳем пардохт. Ба манзури баррасии моделҳои арзёбии амалкард ироаи таърифе аз он зарур аст.

Арзёбии амалкард иборат аст аз фароянди камӣ кардани корой ва асарбахшии амалиёт. Бо такя бар адабиёти мавзӯъ метавон далели онро ба се гурӯҳи аслӣ тақсим кард:

1. Аҳдофи стратегӣ, ки шомили мудирияти стратегия ва таҷдиди назар дар стратегияҳост.

2. Аҳдофи иртиботӣ, ки шомили назорати мавқеияти феълӣ, нишон додани масири оянда, ироаи бозхӯрд ва улгубардорӣ аз созмонҳои дигар аст.

3. Аҳдофи ангезишӣ, ки шомили системаи подош ва ҳамчунин ташвиқи беҳбуд ва ёдгирӣ аст.

Масъалаи арзёбии амалкард солиёни зиёде аст, ки муҳаққиқон ва корбаронро ба чолиш водоштааст. Созмонҳои туҷҷорӣ дар гузашта аз шохисҳои молӣ ба унвони танҳо абзори арзёбии амалкард истифода мекарданд, то он вақте ки Ҷонсон ва Койлан дар аввали даҳаи 1980 пас аз баррасӣ ва арзёбии системаҳои ҳисобдории мудирият бисёре аз нокороиҳои ин иттилоотро барои арзёбии амалкарди созмонҳо намоён сохтанд, ки ин нокороиҳо ношӣ аз афзоиши печидагии созмонҳо ва рақобати бозор буд. Бинобар ин, истифода аз системаҳои арзёбии амалкард PMS (Performance measurement system), ки танҳо ба шохисҳои молӣ мутаккӣ ҳастанд, метавонанд муҷиби бурузи мушкилоте барои созмон шавад, ки бархе аз ин мушкилот ба шарҳи зер аст:

- Шоҳисҳои молӣ гузориши дақиқе дар бораи ҳазинаи фароиндҳо, маҳсулот ва муштариён намедиҳанд ва танҳо барои фароянди назорати бахше ба ҷойи кулли системаҳо таъкид дорад.
- Шохисҳои молӣ қодир ба ташхиси ҳазинаҳои кайфӣ ва шакли дақиқ ва муносиб нестанд ва танҳо тавлиди бештарро ташвиқ мекунанд.

Нуқсонҳо ва камбудиҳои системаҳои суннатии арзёбии амалкард ба инқилобе дар мудирияти амалкард мунҷар шуда, ки муҳаққиқон ва корбарон ба самти системаҳо ҳаракат карда, аҳдоф ва муҳити фаъолро мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳанд ва ба ин тартиб, фароиндҳои мутааддиде барои истифодаи созмонҳои мухталиф эҷод кунанд. Ҳамчунин чорчӯбаҳои бисёре барои пуштибонии ин фароиндҳо пешниҳод мешавад, ки ҳадафи ин гуна чорчӯбаҳо кӯмак ба созмонҳо барои арзёбии дуруст ва шоистаи амалкардашон аст, ки идомаи бархе аз моделҳои шинохташуда, дар заминаи арзёбии амалкард (фароиндҳо ва чаҳорчӯбаҳо) муаррифӣ карда, маҳдудиятҳо ва мазиятҳои ҳар якеро бармешуморем.

Дар ин мақола ба дунболи баррасии таъсири истифода аз EFQM ва таъсири он бар амалкарди созмонӣ будем, ба ин манзур, ки пас аз тайи масири ҳадафманд ва сохторёфта, модели дорои барозандагии маънодор ироа шавад. Ин натоиҷ муҳим мебошад, ки созмонҳои пешрав дар дунёи имрӯз бо дарки таамулоти мутақобили созмон, кайфият, манобеи инсонӣ, мудирият, иттилоот ва рамзи муваффақияти худро дар бакоргирии шеваҳои навини мудирият бо баҳрамандӣ аз мутағайирҳо ва авомиле, ки сабаби беҳбуди амалкарди созмон мешавад, саъй дар амали роҳбарии асарбахш намудаанд. Бар ин асос, роҳбарони созмонӣ бояд ба иттихози як стратегияи рӯшан ва шаффофи нақшҳо ва масъулиятҳои мушаххас рӯ оваранд ва арзишу аҳдофи кофӣ барои муштариёни созмон қоил шавад, то гурӯҳи муҷаҳҳаз, омода ва тавонмандро барои иҷрои тасмимоти иттихозшуда баргузинанд. Барои ин бояд ба дониш ва шоистагии коркунон таваҷҷуҳ намуда, онҳоро мавриди қудратмандӣ қарор диҳанд ва дар масоили муртабит бо худашон мушорикат дода, дар ҳамхонии назароти онҳо бо худ талош намоянд. Онҳо бояд ба назарот бар мудирони аршад, манобеи молӣ, сохтмон ва таҷҳизот, технология, иттилоот ва дониш, феҳрасти дақиқе аз дороиҳо ва равобитро дар дастрасӣ дошта бошанд ва аз роҳи омӯзиш ва тавонмандсозӣ ба иртиқои коркунон бипардозанд.


**АДАБИЁТ**

1.Тофлер Олвин. Мавҷи савум / Тофлер Олвин. Мутарҷим Шаҳидхат Хоразмӣ. –Теҳрон: Фохта, 1384.

2.Наҷмӣ Манучеҳр. Модели саромадии EFQM:аз идея то амал / Наҷмӣ Манучеҳр. Ҳусейни Сирус // Паёми мудирияти ошноӣ бо модели таолии амалкарди EFQM. Муассисаи мутолеоти баҳраварӣ ва манобеи инсонӣ. -№78.


## ПРИМЕНЕНИЕ МОДЕЛИ СОВЕРШЕНСТВА EFQM И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА ОРГАНИЗАЦИОННУЮ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ


В данной статье автор рассматривает применение модели совершенства EFQM в организационной деятельности, а также ее влияние на улучшение деятельности организации. Модель Совершенства EFQM

может применяться как крупными, так и малыми организациями и предлагает множество подходов к достижению устойчивого совершенства во всех аспектах деятельности.

**Ключевые слова:** модель совершенства EFQM, организационная деятельность, совершенствование деятельности, концепции совершенства, содействие совершенствованию, достижение выдающихся результатов улучшение экономических условий.

**THE USE OF THE EFQM EXCELLENCE MODEL AND ITS IMPACT ON ORGANIZATIONAL ACTIVITY**

In this article the author examines the use of the EFQM excellence model into the organisation, as well as its impact on the improvement of the organization's activities. The EFQM Excellence model can be used both large and small organizations, and offers many approaches to achieving sustainable excellence in all aspects of activity.

**Key words:** the EFQM excellence model, organizational activity, improvement of activity of the concept of perfection, facilitating improved, achieving outstanding results improved economic conditions.

**Сведения об авторе:** ***Лайло Нахай*** – соискатель Института экономики и демографии АН РТ

# ИСТОЧНИКИ ФИНАНСОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ СФЕРЫ ОБРАЗОВАНИЯ

***Ахмад Кубоди Алвор***
**Таджикский национальный университет**

Социально-экономический уровень жизни населения и эффективность экономики во многом зависят от активного использования интеллектуального потенциала общества, значительная часть которого сосредоточена в системе высшего учебного образования. Развитие ВУЗа тесно связано с совершенствованием профессиональных качеств обучающихся и преподавателей, для чего необходима соответствующая система стимулирования роста квалификации персонала и продуктивности работы.

В условиях модернизации экономики республики, важнейшей задачей ВУЗов является повышение качества подготовки специалистов и кадров высшей квалификации. С целью придания нового импульса развитию образования, пропаганде точных наук и расширения технических знаний и грамотности уважаемый Эмомали Рахмон предложил объявить 2010 год Годом образования и технических знаний.

В итоге Указом Президента Республики Таджикистан №707 от 15 сентября 2009 года, 2010 год был объявлен Годом образования и технических знаний.

Во исполнение вышеназванного Указа был составлен План мероприятий Года образования и технических знаний и утвержден Постановлением Правительства Республики Таджикистан №667 от 2 декабря 2009 года «О мерах по реализации Указа Президента Республики Таджикистан от 15 сентября 2009 года №707»[1].

Все это требует значительных инвестиций. Изменение системы бюджетной поддержки вузов нашей страны и наделение их существенной самостоятельностью поставило руководство вузов перед необходимостью выработки и построения нового механизма управления финансовыми ресурсами в системе образования.

В условиях рыночной экономики необходима такая система финансовой деятельности вуза, которая была бы практически реализуема, четко поддерживала миссию университета, эффективно использовала ресурсы, достаточно гибко реагировала на изменения внешней и внутренней среды и обеспечивала продуктивный баланс бюджетной и коммерческой деятельности.

Министерству образования Республики Таджикистан, Министерству финансов Республики Таджикистан, Министерству экономического развития и торговли Республики Таджикистан, Государственному комитету по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, местным исполнительным органам государственной власти Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе, городов и районов республиканского подчинения, соответствующим министерствам и ведомствам было поручено в пределах средств утвержденных Государственным бюджетом Республики Таджикистана на 2010 год, принять необходимые меры по своевременному выполнению Плана мероприятий Года образования и технических знаний и обеспечить его проведение на высоком политическом и организационном уровне [2].

Утвержденный вышеуказанный План мероприятий включал в себя 26 мероприятий, посвященных Году образования и технических знаний для реализации которых были

предусмотрены финансовые средства в общей сумме 136 272 тысячи сомони, из них: 76 750 тысяч сомони из государственного бюджета (вместе республиканский, местный бюджет и иностранные инвестиции), 558 тыс. сомони из республиканского бюджета, 3220 тыс. из местного бюджета, 7065 тыс. сомони из специальных средств образовательных учреждений, 8760 тыс. сомони иностранные инвестиции и 39 919 тыс. сомони государственная программа строительства, ремонта и строительства школ на 2008-2015 г.г., которые находятся в частных домах, вагонах и социальных местах.

В соответствии с 12-ым пунктом Плана мероприятий в 2010 году Министерством финансов и Министерством образования республики Таджикистан было выделено из государственного бюджета 1 500 тыс. сомони для предоставления льготных кредитов молодым учителям (в год для 200 молодых педагогов) и совершенствования порядка его выдачи.

Надо отметить, что в 2010-2011 году было выделено 60 000 тыс. сомони из государственного бюджета для повышения заработной платы работников сферы образования до уровня средней заработной платы в республике.

Существуют следующие источники финансового обеспечения сферы образования: финансирование за счет государственного бюджета; вложение финансовых организаций и зарубежных фондов; пожертвования граждан Республики Таджикистан и иностранцев; инвестиции; финансирование за счет платных услуг; финансирование за счет коммерческой – производственной деятельности. В Республике Таджикистан основная часть образовательных учреждений являются государственными и финансируются из Государственного бюджета, финансирование осуществляется также за счет Программы государственных инвестиций, внебюджетных средств, а также за счет платных услуг по договору. Из бюджета осуществляется прямое финансирование ВУЗов.

Прямое финансирование производителя включает такие формы, как:

- сметное финансирование;
- государственный социальный заказ;
- нормативное финансирование;
- субсидии, субвенции, целевые трансферты, бюджетные ссуды;
- гранты.

Прямая финансовая поддержка потребителя образовательной услуги может осуществляться через: гранты, субсидии, кредиты, стипендии и социальные пособия. Косвенная финансовая поддержка через налоговые льготы, льготные кредиты, гарантии кредитов.

Расходы на дошкольное и общее среднее образование финансируются из местных бюджетов, а также расходы на часть среднего профессионального образования, которая финансируется из региональных бюджетов. Остальные ступени образования – высшее и большая часть начального и среднего профессионального образования финансируется из республиканского бюджета. Большинство ВУЗов республики являются коммерческими, осуществляют свою деятельность за счет средств обучающихся на договорной основе.

Увеличение финансирования сферы высшего профессионального образования в среднем составляет 45 процентов в год.

**Таблица 1. Финансирование сферы высшего образования**

| | 2000 | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Расходы, тысячи сомони | 2422 | 2945 | 4471 | 5789 | 9149 | 13732 | 20746 | 62200 | 98820 | 162742,0 |
| Увеличение по сравнению с предыдущим годом, % | 17,4 | 21,6 | 51,8 | 29,4 | 58,0 | 50,1 | 51,1 | 47,4 | 58,8 | 64,6 |
| Общее количество студентов, тысячи | 79,2 | 77,7 | 84,3 | 96,6 | 107,6 | 118,4 | 132,4 | 14238 | 156291 | 157897 |
| Расходы на одного студента, сомони | 30,5 | 37,9 | 53,0 | 59,9 | 85,0 | 115,9 | 156,7 | 401,0 | 456,19 | 583,3 |

Источник: Министерство финансов Республики Таджикистан

Вуҷуди мушкилоти шаҳрӣ имрӯз эҳсоси ниёз ба барномарезиро бештар мекунад ва дар чаҳорчӯби ин тафаккур, эҷоди таодул, таносуб ва ҳамоҳангӣ дар бахшҳои мухталифи шаҳр имконпазир мебошад. Бинобар ин, барномарезии шаҳрӣ, шаҳр ва ҳаёти шаҳрро ба унвони як созукори пӯё, ҳадафдор ва зинда ёрӣ мерасонад. Дар ин шароит мудирияти шаҳрӣ бо вуҷуди барномаи оянданикгаронии шаҳрӣ дар масири муносиб ҳаракат мекунад ва метавонад посухгӯйи дигаргуниҳоиояндаи шаҳр ва хостаҳову ниёзҳои шаҳрвандон бошад. Дар сурате ки чунин эътиқод ба сурати устувор вуҷуд дошта бошад, метавон вазъи мавҷудро шинохт, ниёзҳоро дар назар гирифт, авлавиятҳо ва чашмандозҳоро низ тарсим кард. Бо иноят ба ин нукта бояд бидонем, ки барномарезӣ ҳунари дуруст фикр кардан дар бораи худи шаҳр аст.

Бо афзоиши печидагии масоили имрӯзаи шаҳрҳо ва ин ки барномарезӣ дар ҷиҳати рушд ва тавсеаи матлуби шаҳр зарурат меёбад, дар барномарезии шаҳрӣ ду навъ ҳадаф мушаххас меашавад:

1. **Ҳадафҳои камӣ** бар асоси шохисҳои ададӣ таъриф мешавад ва умуман барои таҳаққуқи ҳадафҳои кайфӣ ба кор меравад. Таъйини ҳадафҳои камӣ бар асоси имконот ва маҳдудиятҳо анҷом мегирад. Ҳадафҳои камӣ шомили: муҳосибаи

саронаи фазои сабз, фазои маскунӣ, шабакаи гузаргоҳӣ, сохту созҳои фаннӣ аз назари иманӣ, масрафи сӯзишворӣ ва энергия ва ғайра мебошад.

**2. Ҳадафҳои тейфӣ (теъдодӣ).** Мумкин аст шомили теъдоди зиёде аз ҳадафҳо бошад. Гурӯҳе аз ин ҳадафҳо куллӣ ё умумӣ ва гурӯҳе ихтисосӣ ё хос ҳастанд.

- ***ҳадафҳои кайфӣ ва умумӣ:*** иртиқои кайфияти зист ва маишати шаҳрӣ, ҷалби мушорикати мардум барои манфиатҳои ҷамъӣ, беҳбуди вазъияти иманӣ ва амнияти шаҳрвандон, фароҳам овардани шароити боландагии афрод дар ҷомеаи шаҳрӣ, иртиқои фарҳанги шаҳрнишинӣ ва ғайра;

- ***ҳадафи кайфии хос:*** ин гуна ҳадафҳо мутаносиб бо муқтазиёти хоси ҳар шаҳр таъриф мешавад. Бахше аз ин ҳадафҳо аз амалкардҳои қолаби шаҳрҳо ношӣ мешавад. Барои мисол дар шаҳрҳои гардишгарӣ барои ҷалби ризоияти гардишгарон иқдомҳо ва омӯзишҳое дар ҷиҳати иртиқои маҳорати ҳирфаии шоғилон дар ин бахш анҷом мегирад, ки ин масъала ба истиқболи бештари мусофирон ва дар натиҷа шукуфотар шудани бахши гардишгарӣ мунҷар мешавад.

**Сатҳҳои барномарезӣ.** Барномарезӣ аз назари сатҳҳо ба чаҳор дастаи аслӣ тақсим мешавад, ки иборатанд аз:

1. Сатҳи миллӣ ё кишварӣ.
2. Сатҳи калони минтақаҳои мураккаб аз як ё чанд вилоят.
3. Сатҳи хурди як минтақа, ё чанд шаҳристон.
4. Сатҳи маҳаллӣ ё шаҳр.

**Анвои барномарезӣ.** Барномарезиро аз дидгоҳи масоили иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба манзури иртиқои сатҳҳои мухталифи зиндагии ҷомеа, метавон ба чанд нав тақсим намуд:

1. Барномарезии куллӣ ё калон.
2. Барномарезии бахшӣ.
3. Барномарезӣ дар сатҳи тарҳ ё хурд.

**Барномарезии миллӣ**. Дар барномарезии миллӣ барномаҳо ва сиёсатҳои тавсеаи иқтисодӣ ва иҷтимоии як кишвар ва наҳваи иҷрои он мушаххас мегардад. Барномарезии миллӣ ё кишварӣ, ҳар чанд сол як бор маъмулан ҳар 5 сол барои кулли кишвар анҷом гирифта, шомили сатҳҳои барномарезии куллӣ, барномарезии бахшӣ ва барномарезии тарҳҳо мегардад.

**Барномарезии минтақавӣ.** Дар барномарезии минтақавӣ сиёсатҳои тавсеаи иқтисодӣ ва иҷтимоии як минтақа (ҷузъе аз кишвар), ё чанд минтақа ва ё кулли кишвар дар қолаби чанд минтақа анҷом мегирад.

**Барномарезии шаҳрӣ.** Дар ин навъ барномарезӣ бо таваҷҷуҳ ба иқтисод ва амалкард омилҳои шаҳр, наҳваи истифода аз аррозии шаҳр, маҳаллабандии маскан, роҳҳо, фазои сабз ва ғайра дар робита бо ҷамъияти шаҳр мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ин навъ барномарезӣ аз шароити иқтисодии лозим ҷиҳати тавсеаи шаҳр таъсири фаровоне мепазирад.

**Барномарезии рустоӣ.** Ноҳияҳои рустоӣ бояд бар асоси равиши муназзам ва мутобиқи хатҳои аз пештаъйиншуда, тавсеа ёбад. Аз ин рӯ, дар ноҳияҳои рустоӣ низ бояд равишҳои ҳисобшудаи илмии барномарезӣ ба кор гирифта шаванд. Дар ин барномарезӣ ба масоил ва мушкилоти рустоҳо пардохта шуда, масоиле аз қабили тавлид ва арзаи маҳсулоти кишоварзӣ ва дастрасии рустоҳо ба сервисҳои иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Илова бар анвои барномаҳои боло барномарезон мавридҳои зерро ба он афзудаанд:

1. **Барномарезии ноҳиявӣ.** Барномарезии ноҳиявӣ ба маънои барномарезӣ барои воҳидҳои ҷуғрофиёии бузургтар аз як шаҳр аст, ки истилоҳан ба он ноҳия мегӯянд.

2. **Барномарезхии миллӣ.** Барномарезӣ дар сатҳи миллӣ низ анҷом мешавад. Ин навъ барномарезӣ ба манобеъ ва тавоноиҳо дар заминаҳои мухталифи миллӣ дар кулли кишвар таваҷҷуҳ дорад.

3. **Барномарезии байналмилалӣ.** Барномарезии байналмилалӣ бо таъсиси Созмони Милали Муттаҳид ба вуҷуд омад. Ин навъ барномарезӣ дар пайи эҷоди ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии беҳтар байни миллатҳои мухталифи ҷаҳон аст. (СММ) оҷонсоҳои мутафовитеро ба манзури роҳбарии мутолиот дар заминаҳои гуногуни ҳаёти башарӣ, монанди беҳдошт, маскан, қазо, омӯзиш ва ғайра ба кор гирифта ва роҳи ҳалҳои муносиберо ба манзури ҳалли мушкилоти мавҷуд дар сатҳи байналмилалӣ ироа додааст.

**Анвои барномарезӣ аз назари муддати иҷро**

**1. Барномарезии баландмуддат,** ки давраи иҷрои он байни 10-20 сол аст ва гоҳе ба 25 сол низ мерасад. Иллати ниёз ба он, маъмулан эҷоди як чаҳорчӯби куллӣ ва оянданигарона дар заминаи мавриди таваҷҷуҳи барнома аст, ки бар асоси ин чаҳорчӯб метавон ниёзҳо ва имконоти ояндаро мушоҳида кард, тақсимоти ҳамоҳанг ва тавозуни онҳоро дар поя гузошт, ки ҳадафҳои баландмуддат эҷод мекунад.

**2. Барномарезии миёнамуддат,** ки маъмулан муддати иҷрои барномаи он байни 3-7 сол мебошад ва гоҳе метавонад ба 10 сол низ бирасад. Он иҷрои барномаҳое аст, ки дар қолаби ҳамон барномарезии баландмуддат ва бо ҳадафҳои куллии он, ба марҳилаи иҷро дармеояд. Дар барномаи миёнамуддат, асоси барнома машрӯъутар аз барномаҳои баландмуддат аст ва агар дар барномаҳои баландмуддат, ҳадафҳои куллӣ мавриди баҳс қарор мегирад, дар барномаҳои миёнамуддат ба тартибе аст, ки бубинем роҳҳои расидан ба ин ҳадафҳо кадом аст.

**3. Барномарезии кӯтоҳмуддат** ки маъмулан муддати иҷрои онҳо байни 1-2 суол аст. Маъмулан ҳар андоза муддати иҷрои барнома кӯтоҳтар бошад, иҷрои он барномаҳо дар робита бо воқеият, қобилияти иҷроии бештар ва беҳтаре доранд. Аз дигар ҷиҳат, ҳар яке аз ин барномаҳо дар қолаби якдигар анҷом мегиранд.

**Натиҷагирӣ.** Дар таърифе аз барномарезӣ метавон онро кӯшише ҷиҳати интихоби беҳтарин барномаҳо, ки барои расидан ба ҳадафҳои мушаххас сурат мегирад, донист. Хусусияти фазоии барномарезӣ ба он бори ҷуғрофиёӣ медиҳад.

Барномарезии шаҳриро, ки хизмати он ба давраҳои бисёр дур боз- мегардад, метавон эҷоди муҳити роҳаттар, осонтар ва муассиртар барои шаҳрнишинон таъриф кард.


## АДАБИЁТ

1. Парҳезгор Акбар. Бумшаҳр ва осори он дар тавсеаи пойдори шаҳрҳои соҳилӣ / Парҳезгор Акбар. Девсолор Асадуллоҳ // Мутолиаи мавриди шаҳри соҳилии Бобулсар. Ҷуғрофиё ва тавсеаи ноҳиявӣ. Маҷаллаи Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, 1384. -№4.
2. Ҳабибӣ Саидмуҳсин. Аз шор то шаҳр / Ҳабибӣ Саидмуҳсин. –Теҳрон, 1383.
3. Ҳирскор Ҷ.К. Даромаде бар мабнои барномарезии шаҳрӣ / Ҷ.К. Ҳирскор. –Теҳрон: Маркази асноди инқилоби исломӣ, 1376.
4. Роҳнамои Муҳаммадтақӣ. Фароянди барномарезии шаҳрии Эрон / Роҳнамои Муҳаммадтақӣ. Шоҳҳусайни Парвона. –Теҳрон: Сам, 1382.
5. Зиёри Кароматуллоҳ. Усул ва равишҳои барномарезии минтақавӣ / Зиёри Кароматуллоҳ. –Язд, 1384.
6. Ли Куин. Моделҳо дар барномарезии шаҳрӣ / Ли Куин. Ҷиҳоди Донишгоҳии Донишгоҳи Теҳрон, 1366.
7. Нюман Майкл. Оё барномарезӣ ниёзе ба тарҳ дорад? фаслномаи мудирияти шаҳрӣ / Нюман Майкл; тарҷумаи Шаҳрзоди Фарзинпок ва Ороиши Саройӣ. -Теҳрон, 1384. -№17.
8. Ғафорӣ Ғуломризо. Кайфияти зиндагӣ – шохиси тавсеаи иҷтимоӣ / Ғафорӣ Ғуломризо, Ризо Умедӣ. Интишороти Шероза, 1384.


## ПРЕОБРАЗОВАНИЯ В ГОРОДСКОМ ПЛАНИРОВАНИИ


В данной статье автор рассматривает проблемы и перспективы городского планирования на примере изучения опыта градостроительства в европейских странах. Городское планирование осуществляется с целью наилучшего управления социальным, экономическим, экологическим и пространственным развитием городов в интересах населения. Под городским планированием понимается система подготовки, разработки и принятия решений, обеспечивающих целенаправленное, планомерное и регулируемое социально-экономическое развитие городов и осуществление в нем градостроительной деятельности.



**Ключевые слова:**городское планирование, жилое пространство городов, рекреационная и индустриальная зона городов,сообщества городов.


## CONVERSION IN URBAN PLANNING


In this article the author considers the problems and perspectives of urban planning at the example of studying the experience of urban development in the European countries. GORODSKOE planning is carried out with the aim of better management of the social, economic, environmental and spatial development of cities in the interests of the population. Under urban planning is a system of training, development and decision making, providing targeted, planned and regulated socio-economic development of cities and the implementation within it of urban development.



**Key words:**urban planning, urban living space, recreational and industrial zone of cities,communities, cities.



**Сведения об авторе:** ***Фарзона Фаёз* -** гражданка Исламской Республики Иран

# МУДИРИЯТИ ТЕХНОЛОГӢ

*Абдулвоҳиди Фаёзӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Коркарди сиёсати иқтисодии корхона (ташкилот) муайян кардани мақсад ва стратегияи инкишоф дарояндаи наздик ва дур вобаста аз имконоти корхона ва захираҳо мебошад.

**Дурнамои корхона.** Назарияи инкишоф ва равияҳои асосии фаъолияти кории корхонаро мақсади корхона меноманд.

**Стратегия** кор карда баромадани чорабиниҳои асоснок ва нақшаи ба мақсад расидан, ки дар он иқтидори илмӣ, техникӣ, истеҳсолӣ ва маишии корхона ба ҳисоб гирифта шудааст, мебошад.

**Мақсад - о**яндаи аниқи корхонаи алоҳидаро меноманд, ки корхона барои ноил гаштан ба он хоҳиш дорад ва аз тарафи дигар, ин ҷараён идоракунӣ мебошад.

Дар низоми идоракунии корхонаҳо мақсад як қатор вазифаҳои зеринро фаро мегирад:

- Коркарди фалсафаи фаъолияти корхона, назария, хислат ва хусусиятҳои хоси фаъолияти он.
- Номаълумиро дар фаъолияти корхона ва ҳар як коргар аз байн мебарад ва барои корхона ҳамчун роҳнамо хизмат карда, ҷамъият барои расидан ба мақсад ҳаракат мекунад.
- Унсури асосии муайян кардани нишондодҳои инкишофи корхона, қабули қарори идоракунӣ, назорати идоравӣ ва ҳавасмандӣ.
- Новобаста ба он ки он воқеӣ мебошад ё не, дар атрофи худ ихтироъкоронро ҷамъо варда, барои иҷрои вазифа ҳаракат менамояд.
- Ҳисоб аз иҷрои вазифа боис ба боварии ҷамъият ва мардум даромадани корхона мегардад.
- Самаранокии вазифаҳои мақсади корхона ҳамон вақт таъмин мегардад, ки ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

- мақсадҳо бояд аниқ бошанд, яъне чи бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва чи бо нишондиҳандаҳои сифатӣ. Дар чунин ҳолат мақсад аз тарафи ҷамъият хуб қабул мешавад ва агар камбудиҳо бошад, ислоҳ карда шуда, ба иҷрои он амал мекунанд;
- мақсадҳо бояд ки воқеӣ бошанд, вагарна шахсоне, ки мефаҳманд, иҷрои мақсад ғайриимкон мебошад, барои иҷрои он ҳаракат намекунанд. Дар ҳақиқат ҳам ҳолатҳое мешавад, ки мудир мақсадҳои иҷрошаванда мегузоранд. Албатта, ин вобаста аз дараҷаи дониши тахассусӣ ва кордонии мудирони корхона зарур аст, ки натиҷагирии афзуншавандаро мақсади худ гузорем;
- мақсадҳо бояд чандирӣ дошта ва вобаста ба ҳолат ва вазъияти бaамаломада мувофиқ гардонида шаванд. Дар ҳолати дигар, агар мо надониста ба пеш ҳаракат кунем, он гоҳ ба фалокате афтидан мумкин аст, ки баромадан аз он амри маҳол аст;
- мақсадҳо асосан дар натиҷаи фаъолияти якҷояи одамон иҷро мегарданд ва дар вақти масъалагузорӣ мо бояд қоидаи демократии мақсадро дошта бошем;
- мақсадҳо бояд тафтишшаванда ва таҳлилшаванда бошанд, ки баҳо додани иҷрои он коргаронро ҳавасманд гардонад;
- мақсадҳо бояд, бо якдигар алоқаманд буда, якдигарро пурра кунанд, ҳам дар муҳити вақт ва ҳам дар доираи фаъолият;

Риояи талаботи дар боло номдурдашуда мақсади корхонаро низом дода, гурӯҳбандӣ ва иҷроиши онро осон мегардонад.

Вобаста аз моҳияташон мақсадҳо ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: стратегӣ ва услубӣ.

Мақсадҳои стратегӣ барои иҷрои вазифаҳои дурнамоӣ ва калонҳаҷм гузошта мешаванд, ки сифати кори корхонаро дигар карда, дараҷаи нав ва обрӯи корхонаро таъмин мекунад. Мақсадҳои стратегӣ асосан барои баромадан ба бозори ҷаҳонӣ, пурра нав кардани истеҳсолот ва пояи истеҳсолии корхона ё дигар кардани равияи он мебошад.

Мақсади услубӣ гуфта, мақсади ҷориро меноманд, ки давраҳои муайян ё худ зинаҳои алоҳидаи мақсадҳои стратегиро дар бар мегирад. Масалан, гузаронидани таъмири мукаммал ё худ иваз кардани таҷҳизот мақсади услубӣ аст.

Вобаста аз муҳлати иҷроиш, мақсадҳо ба гурӯҳҳои зер ҷудо карда мешаванд: ба муддати дароз – зиёда аз 5 сол, миёнамуҳлат – аз 1-5 сол ва кӯтоҳмуддат то 1 сол. Маълум аст, ки барои мақсадҳои 1-сола нишондиҳандаҳо бисёр буда, аниқ мебошанд, чунки аз рӯйи мазмун низ онҳо алакӣ қисматҳои алоҳидаи мақсадҳои стратегиро иҷро мекунанд.

Вобаста аз мазмунашон мақсадҳо мешаванд: технологӣ, иқтисодӣ, истеҳсолӣ, маъмурӣ, бозорӣ, илмию техникӣ ва иҷтимоӣ.

1. Мақсади технологӣ – беҳтар кардани технологияи истеҳсоли маҳсулот, кор ва хизматҳо, ҷорӣ намудани компютери канонии истеҳсолӣ, аз байн бурдани фаъолиятҳои зиёдатӣ, сохтани биноҳои истеҳсолии нав барои пурра кардани ҷараёни истеҳсолӣ.

2. Мақсади иқтисодӣ – мустаҳкам кардани вазъи молиявии корхона, баланд бардоштани фоиданокии фаъолияти корхона, гирифтани фоидаи устувор, баланд шудани қимати саҳмияҳои корхона.

3. Мақсади истеҳсолӣ – зиёд кардани истеҳсоли намунаи алоҳидаи маҳсулот ва хизматҳо, баланд бардоштани сифати он, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, паст кардани арзиши аслии маҳсулот.

4. Мақсади маъмурӣ – мустаҳкам кардани дараҷаи идорашавандагии корхона, ташкили муҳити хуби идоравӣ, сари вақт иҷро шудани супоришҳо, аз байн бурдани қисматҳои халалрасони идоравӣ, беҳтар кардани тартиб ва интизом дар корхона.

5. Мақсади бозорӣ – ба даст овардани ин ё он бозори фурӯши моли корхона, пайдо кардани харидорони нав, мизоҷони нав, зиёд кардани доираи гардиши моли корхона.

6. Мақсади илмӣ ва техникӣ – ихтироъ кардан ва ҷорӣ кардани моли нав ва шакли нави хизматҳо, инчунин беҳтар кардани сифатҳои хоси молҳои мавҷуда бо мақсади таъмин намудани дараҷаи стандарти байналхалқии истеҳсоли молҳо.

7. Мақсади иҷтимоӣ – чорабиниҳое, ки бо мақсади беҳтар намудани шароити меҳнат ва истироҳати коргарон, баланд бардоштани музди меҳнати коргарон, шароити манзилии онон, баланд бардоштани дараҷаи тахассус ва маълумотнокии коргарон мебошад.

Вобаста аз шакли пешниҳод шуданашон мақсадҳо ба нишондиҳандаҳои миқдории сифатӣ ҷудо карда мешаванд:

Нишондиҳандаҳои миқдорӣ – равандҳои инкишофи корхона, истеҳсоли маҳсулот ва хизматҳоро бо нишондиҳандаҳои ченакӣ меноманд, ки бо сомонӣ, тонна, рӯз, соат ва ғайра ҳисоб карда мешавад.

Нишондиҳанадҳои сифатӣ – хуб шудани тартиб ва интизоми омма, беҳтар шудани сифати мол, самаранок истифодабарии захира, хуб шудани шароити кори коргарон.

Аксар мавридҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои миқдорӣ, нишондиҳандаҳои сифатиро низ баҳо медиҳанд.

Мақсадҳо вобаста аз зинаи моҳияташон мешаванд умумӣ ва махсус.

Мақсадҳои умумӣ гуфта, умуман назарияи корхонаро меноманд, ки равандҳои муҳимми инкишофи фаъолияти корхонаро дар бар мегирад. Ба ҳайати мақсади умумӣ, дар навбати аввал мақсади асосии (general) корхона дохил мешавад, ки онро супориши махсуси корхона низ меноманд. Солҳои охир супориши махсуси корхона асосан таъмин намудани ягон талаботи ҷамъиятиро меноманд.

Супориши махсусуси корхона – асосан фалсафаи пешравии корхона, эътибор ва обурӯ, мавқеи он дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ инчунин шароити муҳити дохила ва берунаи он мебошад. Супориши махсуси корхона имкон медиҳад, ки мақсади аниқи корхона муайян карда шавад.

Мақсади махсус – ин мақсади аниқеро меноманд, ки барои расидан ба мақсади алоҳидаи умумӣ кӯмак мерасонад. Мақсадҳои махсус ҳатман кӯтоҳмуддат буда, ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ баҳо дода мешаванд. Мақсадҳои махсус мешаванд оҷилона ва ҷорӣ.

Ҷараёни муайян кардани мақсадҳо вобаста аз шаклу намуди корхона, хусусиятҳои истеҳсолӣ ва моликиятдории он ду хел қабул карда мешавад:

1. Марказонидашуда.
2. Ғайримарказонидашуда.

Ҳазорсолаи сеюм, ки давраи инқилоби техникӣ ва компютеркунонӣ аст, ба суръати тағйирёбии муҳити дохила ва берунаи корхона хеле ҳам баланд мебошад.

Бинобар ин, мақсади стратегии корхонаҳо дар давраи муайян тағйир ёфта, мувофиқ гардонида мешавад. Дар ин ҳолатҳо тактикаи истифодаи як мақсад барои пурра кардани мақсади дигар истифода мешавад. Бинобар ин, дар корхона ба ташкилоти гурӯҳе, мақсадҳо пайдо мешаванд. Инчунин системаи доиман нав кардан ва ё тағйир додани баъзе қисматҳои он амал мекунад.

Мақсадҳо вобаста ба зинаи дарбаргирии масъалаҳо нисбати якдигар низ дар дараҷаҳои итоаткунанда ҷойгир мебошанд. Яъне мақсадҳои дараҷаи боло дар навбати аввал иҷро шуда, мақсадҳои дуюмдараҷа ва дараҷаи паст баъд аз он бояд иҷро шаванд. Пайдоиши иҷрои мақсадҳо бояд, ки самаранокии корхонаро таъмин карда тавонанд. Мақсадҳоро мумкин аст, ки вобаста аз моҳияташон ба супориши махсуси корхона ба мақсади хеле ҳам зарурӣ ва муқаррарӣ ҷудо кардан мумкин аст. Мақсадҳое ҳастанд, ки вобаста аз вақти муҳимияташон барои мақсади стратегияи корхона ва ё ташкилот кӯмаки калон расонида, дар навбати худ асоси он мебошанд. Мақсадҳое ҳастанд, ки барои раванди истеҳсолиро таъмин намудан зарур мебошанд. Дар охир мақсадҳое ҳастанд, ки иҷрои онҳо муқаррарӣ мебошанд. Тағйирёбии вақт ё пурра иҷро намудани онҳо он қадар ба фаъолияти корхона таъсири манфӣ расонида наметавонанд.

Ҳамин тариқ, интихоби мақсад ва стратегияи корхона 3 давраро дар бар мегирад:

1. Муайян кардани фалсафаи соҳибкории корхона.
2. Муайян кардани мақсадҳои дарозмуддат дар давраи нақшавӣ.
3. Муайян кардани мақсадҳои (вазифаҳои) ҷории корхона.

Дар вақти масъалагузории иҷроиши мақсадҳои корхона бояд чаҳор қоидаи асосӣ риоя карда шавад:

**1. Муҳокимаи мақсадҳо.** Мақсадҳо ҳамон вақт иҷрошаванда ва самаранок мебошанд, ки агар дар вақти масъалагузорӣ иҷрокунандагони онҳо иштирок дошта бошанд ва муҳокимаронӣ намоянд. Мақсадҳо асосан дар асоси таҳлили натиҷаи фаъолиятҳо, бурду бохт ва захираҳои корхона сурат мегиранд. Муҳокимаи он дар байни иҷрокунандагон имкон медиҳад, ки боз захираҳо ва имкониятҳои нав, фикр ва ақидаи касбие пайдо шаванд, ки барои иҷрои мақсад кӯмак расонанд. Аз тарафи дигар, иштироки онҳо дар муҳокимаронӣ, маъсулиятнокии кори иҷрокунандагонро баланд мебардорад.

**Муҳокимаи усул ва роҳҳои иҷроиши мақсад.** Инчунин муҳлати иҷроиши онҳо дар гурӯҳҳои муносиб сохторҳои таркибии истеҳсолиро осон менамояд. Аз тарафи дигар, муҳокимаи масъалагузорӣ аз боло ба поин тартиботи иҷрои мақсадҳоро таъмин менамояд. Моҳияти муҳокимарониро ва умуман ҷараёни онро дар ҳуҷҷатҳои пайнависӣ ва ҳисоботҳо бояд сабт намоем.

2. **Муайян кардани равандҳои асосӣ.** Дар назди корхонаҳо ва мудирони онҳо як қатор мақсадҳо гузошта мешаванд. Бинобар ин, мудирони таҷрибадори касбӣ, зирак ва донишманд аз байни онҳо мақсадҳои аввалиндараҷаашро ҷудо карда, онҳоро гурӯҳбандӣ менамоянд.

3. **Таъмин намудани алоқаи ҳисоботӣ.** Тадқиқот нишон медиҳад, ки корхона ба нишондиҳандаҳои калон ҳамон вақт ноил мегардад ки, агар дар ҳар як зинаи муайян аз иҷрои мақсад натиҷагирӣ намояд. Рӯҳияи коргарӣ чунин одат кардааст, ки ӯ ҳавасманд мебошад, ки дар як давраи муайян кори ӯ таҳлил карда, баҳо дода шавад. Баъди ин хулосабарорӣ ӯ ҳаракат мекунад, ки барои ба мақсад расидан кӯшиши зиёд намуда, камбудиҳоро ислоҳ намояд.

4. **Алоқамандии мақсадгузорӣ ба низоми ҳавасмандкунӣ.** Самаранокии мақсадгузорӣ ҳамон вақт меафзояд ки, агар вай ба низоми ҳавасмандкунӣ ва баҳодиҳӣ пайваста бошад. Яъне коргар ё роҳбар, ҳаракат мекунад, ки мукофот гирад ё ба вазифаи боло равад ва якбора мақсади корхона ва вазифаҳои дар пеши ӯ гузоштаи корхонаро иҷро мекунад.

Барои ба мақсад расидан ва иҷрои вазифаҳо дар назди мудири корхона интихоби стратегия ва услуби идоракунӣ пайдо мешавад, ки кори хеле мураккаб буда, аз интихоби роҳи дурусти он тақдири фаъолияти корхона дар оянда вобаста мебошад.

**Стратегияи идоракунӣ-** назарияи қабулшудаи фаъолияти корхона мебошад, ки дар он барномаи умумии фаъолият, тақсимоти дуруст ва захираҳо барои ба мақсад расидан нишон дода шудааст. Стратегия – ин интихоби мақсадҳои асосӣ ва чорабиниҳои ҳаматарафае мебошад, ки дар он мақсади имрӯза ва фардои корхона нишон дода шудааст.

Устоди донишгоҳи Гарвард Мишел Портер се равияи умумии стратегии корхонаро ҷудо мекунад:

1. Истеҳсоли маҳсулот бо хароҷоти камтарин.
2. Рушди мукаммали равияҳои гуногун.
3. Нишонгирӣ барои мавқеи худро дар бозор ёфтан.

Мудире, ки роҳҳои ба мақсад расиданро интихоб менамояд, вай набояд фақат стратегияро пешниҳод намояд, балки вай бояд таҳлили ҳаматарафаи стратегияро дода тавонад. Яъне вобаста аз хусусиётҳои хоси бозор имрӯз услуби вазъӣ бояд мақоми аввал дошта бошад. Барои ин мудир чунин услуби кориро истифода менамояд:

- Таҳлили амиқи нигоҳи рақибон.
- Таҳлили дараҷаи таваккули корӣ.
- Мувофиқ гардонии стратегияи нави корхона ба суннати пешинаи он.
- Мувофиқатгардонӣ бо муҳити берунаи корхона.
- Баҳодиҳии иҷрошавандагии мақсади корхона.

Мудири стратегӣ ин услубҳоро на дар вақти лоиҳасозии стратегӣ, балки дар ҷараёни иҷрои вай бояд истифода намояд. Дар шароити имрӯзаи иқтисоди бозоргонӣ ташкилот бояд якчанд нақшаи стратегӣ дошта бошад, ки онҳо тавонанд мушкилиҳои пешомадаро сари вақт ислоҳ намуда, худро ба ҳолати пайдошуда мутобиқ гардонанд. Тамоми нақшаи стратегии корхона бояд бо дар назардошти фаъолияти корхонаҳои рақобаткунандаи шумо кор карда баромада шаванд. Чунки аз рафтори рақиб дараҷаи таваккали корхонаи шумо вобастагии калон дорад.

Омилҳои зерин таваккули стратегияи корхона ҷудо карда мешаванд:

- Маҳсулоти бозорӣ – махсусгардонии хурд, нишонагирии корхона ба миқдори ками бозорҳо.
- Молияи вай – яъне мавҷуд набудани фоидаи захираи молияи корхона, нокифоятии низоми молиявии корхона, номаълум гирифтани даромадҳо дарояндаи наздик ва дур.
- Идораи вай – яъне мавҷуд набудани таъмини кафолати дастгирӣ аз тарафи роҳбарони болоӣ ва худи корхона.
- Истеҳсолӣ – норасоии қобилияти истеҳсолии корхона барои амалӣ гардидани стратегия.

Амалигардонидани стратегияро фақат ҳамон вақт сар кардан зарур аст ки, агар даромадҳои оянда имконоти таваккулро пӯшонанд. Дар ҳолати модели корхона қарордоди стратегиро қабул мекунад.

Як қатор хусусиятҳои қарори стратегия ҷудо карда мешавад:

- Қарори стратегия худ як шакли навоварӣ мебошад. Одамон ва корхона ҳадафи амалӣ гаштани қарори стратегӣ мебошанд. Бинобар ин, чорабиниҳои махсус зарур мебошад, ки одамонро барои навоварӣ маҷбур созанд. Яъне боваркунонии одамон, омӯзонидани онҳо, ба иҷрои мақсад ҷалб кардани онҳо раванди хеле мушкил мебошад.
- Қарори стратегии идоракунӣ барои ба даст овардани мақсадҳоиояндаи корхона равона шудааст. Бинобар ин, на барои ҳамагон маълум ва равшан мебошад ва на ҳама ба он бовар мекунанд.
- Иҷрои қарори стратегӣ як қатор талабот дорад. Яъне дониши мукаммали касбӣ доштан, тайёр будан ва таваккал кардан.
- Қарори стратегияи идоракунӣ асосан табиати зотӣ дошта, ба он як ва якбора баҳои воқеӣ дода намешавад. Гузашти вақт баҳои воқеии худро ба қарори стратегии идоракунӣ медиҳад. Давраи дигари стратегияи иҷрои мақсадҳои идорӣ, ин кор карда баромадани стратегияи корхона, ки бевосита бояд ба мақсад ва рисолати корхона мувофиқат кунад.

Стратегияи корхона гуфта асосан нақшаи амалиётҳоеро меноманд, ки барои ба мақсд расидан кӯмак мерасонанд. Дар вақти кор карда баромадани нақшаи стратегии корхона пеш аз ҳама молҳои муҳити беруна, вазъияти сиёсӣ ва иқтисодӣ, инчунин захираҳои дохилии корхона низ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ҳамин тариқ ташкилёбии стратегияи инкишофи корхонаро ба чаҳор давра ҷудо кардан мумкин аст:

Давраи 1. Муайян кардани мақсад:

- Аниқ кардан ва ба соҳаҳо ҷудо кардани он.

• Пешгӯйии фаъолияти оянда вобаста аз ҳолати имрӯза ва мақсади оянда.

Давраи 2. Таҳлили масоил:

• Масоили муҳити беруна.
• Масоили муҳити дохила.
• Баҳои бартарии рақибон.

Давраи 3. Муайян намудани ташаккули стратегӣ:

• Кор карда баромадани намунаҳои инкишоф.
• Баҳо додани намунаҳо.
• Эҳтимолияти натиҷагирӣ.
• Қабули қарори стратегӣ.

Давраи 4. Амалӣ гардонидани стратегия:

• Тартиб додани нақша ва буҷаи корхона.
• Мушоҳида ва нигоҳ.

Ҳамин тариқ яке аз давраи муҳимми равандҳои стратегияи идорӣ (идоракунӣ) барои ба мақсад расидани ин интихоби мақсадҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддати корхона мебошад. Барои муайян кардани мақсади худи корхона бояд 8 бахши зеринро ба инобат гирад:

1. Вазъият дар бозори корхона – мақсади талаботи бозор мумкин аст пешвоеро аз рӯйи як ё ду намуди мол зиёд кунад, то андозае имконот фароҳам оварда шавад.

2. Навоварӣ – вазифаҳои мақсаднок дар ин бахш пеш аз ҳама муайян кардани усулҳои нави соҳибкорӣ, ташаккули истеҳсол намудани навъи мол, истифодаи технологияи нав ва тарзи ташаккули истеҳсолот мебошад.

3. Ҳосилнокӣ – ҳамон корхона самаранок ҳисоб карда мешавад, ки агар барои як воҳид маҳсулот хароҷоти ками захираҳои иқтисодиро истифода барад. Бинобар ин, нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнат ва сарфа кардани захираҳо нишондиҳандаи сифати корхонаҳо ба ҳисоб меравад.

4. Захираҳо – талабот ба ҳама гуна захира муайян карда мешавад. Захираҳои мавҷудбуда ва зарурии муқоисакардашуда, муайян карда мешавад. Зарурати захираҳои иловагӣ, тарзи пайдоиши онҳо, таъминот ва истифодаи онҳоро муайян мекунад.

5. Фоиданокӣ – бо нишондиҳандаҳои миқдори ҳаҷми фоида ва дараҷаи даромаднокӣ муайян карда мешавад.

6. Равандҳои идоравӣ – гирифтани фоидаи калон, пеш аз ҳама вобаста мебошад ба қобилият ва кордонӣ, тарз ва усули ташкилоти кори корхона. Маҳз бо ташаккули модели стратегӣ ба мақсад ноил шудан мумкин мебошад.

7. Ҳайати корхона – дар ин бахш мақсади корхона пеш аз ҳама дар нигоҳ доштани ҳайати доимии коргарон, таъмин намудани музди меҳнати мувофиқ, беҳтар кардани шароит ва ҳавасмандкунӣ ба меҳнат равона шудааст.

8. Ҷавобгарии иҷтимоӣ – дар шароити имрӯза, аксари иқтисодчиёни ғарбӣ дар чунин ақида мебошанд, ки корхонаҳо бояд на фақат барои гирифтани фоидаи зиёд, балки барои пайдо кардани эътибори худ дар байни халқ кӯшиш кунанд. Ҳавасмандии коргарон, фароҳам овардани шароити хуби муҳити зист барои ҷамъият ва фароғати одамон, дастгирии мардуми камбизоат ва ғайраро ташкил намоянд.

## ТЕХНОЛОГИЧЕСКОЕ УПРАВЛЕНИЕ ПРОИЗВОДСТВОМ

Технологию управления производством определяют как систему операций и процедур, выполняемых руководителями, специалистами и техническими исполнителями с использованием необходимых для этого методов и технических средств. Данное управление производится с целью оптимизации управленческого процесса и обеспечения научной и функциональной взаимосвязи процессов управления с конкретными управленческими технологиями, которые способствуют реализации функций управления.

**Ключевые слова:**разработка технологии управления, процесс управления, функции управления производством, технологическое управление производством.

## TECHNOLOGICAL PRODUCTION MANAGEMENT

Technology of production management is defined as a system of operations and procedures, executed by the managers, professional and technical performers using the necessary methods and technical means. This management is to optimize the management process and ensure the scientific and functional relationships of management processes with specific managerial technologies that contribute to the implementation of control functions.

**Key words:**development of control technology, process management, the functions of production management, technology, production management.

**Сведения об авторе:** ***Абдулвохид Фаёзи*** **–** соискатель Таджикского национального университета

# НАҚШИ МУДИРИЯТИ МОЛӢ ДАР РУШДУ ТАВСЕАИ ИҚТИСОДӢ

***Аҳмади Сардорзода, Маҷиди Исфандиёр***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бозорҳои молӣ дорои нақши калидӣ дар таҷҳизу ҳидояти ваҷҳи мавҷуд дар иқтисод ба самти бахшҳои тавлидӣ ва саноатӣ ва беҳбудии рушди иқтисодӣ ҳастанд.

Тавсеаи иқтисодӣ мусталзами сармоя аст. Бозори сармоя ба унвони яке аз рукнҳои бозори молӣ нақши босазое дар басиҷи имконоти молӣ ва сармоявӣ ба манзури рушду тавсеаи иқтисодии кишварҳо дорад. Ҳамакнун дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон нақши таъмини молӣ иборати мавриди ниёзи бунгоҳҳои иқтисодиро бар уҳда доранд.

**Таърифи бозори молӣ**. Бозорҳои молӣ маконест, ки дар он дороиҳои молӣ, мавриди мубодила қарор мегиранд. Албатта, бо печида шудани равишҳо ва абзорҳои мубодила дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ дар бисёре аз мавриди вожаи макон, маънои маҳсулӣ намеёбад. Бар ин асос метавон гуфт, ки бозор ниҳодест, ки дар чорчӯбаи он, анвои мубодилоти умум аз мубодилоти колоҳо, хадамот ва дороиҳои молӣ, байни арзакунандагон ва тақозокунандагон таҳқиқ пайдо мекунад.

Нақш ва аҳамияти низоми молӣ дар фароянди рушду тавсеаи иқтисодии кишварҳо ба суратест, ки метавон тафовути иқтисодии тавсеаёфта ва тавсеанаёфтаро дар дараҷаи коромади ва короии низоми молии онҳо ҷустуҷӯ кард.

**Роҳи шинохти бозори молӣ**:

1. Сохтори бозори молӣ.
2. Сиёсати калони иттилоърасонӣ.
3. Вазъияти умумии иқтисод.
4. Улгуи масрафу пасандоз дар ҷомеа.
5. Зерсохтҳои иқтисодии ҷомеа.
6. Робитаи нархи боздеҳ бо сармоягузорӣ.
7. Вазъияти Gnp.
8. Қонунҳо ва муқаррароти ҳоким бар бозори молӣ.
9. Арзакунандагон ва тақозокунандагони манобеи молӣ.

**Рискҳои бозори молӣ**:

1. Риски нархи баҳра.
2. Риски бозор.
3. Риски эътиборӣ.
4. Риски амалиётӣ ва технологӣ.
5. Риски нархи арзи хориҷӣ.
6. Риски кишвар.
7. Риски нақдшавандагӣ.

**Табақабандии бозорҳои молӣ**

**Табақабандӣ бар асоси моҳияти ҳаққи молӣ**.

1. Бозори бадеҳӣ; 2. Бозори сармоя;

Табақабандӣ бар асоси саррасиди ҳаққи молӣ

1. Бозори пул; 2. Бозори сармоя;

Табақабандӣ бар асоси марҳилаи интишор.

1. Бозори аввалия; 2. Бозори сония;

Табақабандӣ бар асоси вогузории фардӣ.

1. Бозори нақдӣ; 2. Бозори муштақа;

Табақабандӣ бар асоси сохтори сармоя.

1. Бозори ҳироҷ; 2. Хориҷ аз буруз; 3. Воситаҳо ;

Табақабандӣ бар асоси пайвастагӣ ва нопайвастагӣ.

1. Бозори пайваста; 2. Нопайваста;

Табақабандӣ бар асоси бозори молии ҷаҳонӣ.

1. Дарунӣ; 2. Берунӣ (байналмилал).

1. Бозори пул бозорест, ки дар он истиқрози пул сурат мегирад, мисли бозори кӯтоҳмуддат ва баландмуддат.

2. Бозори сармоя бозорест, ки дар он дороии молӣ бо саррасиди беш аз як сол харид ва фурӯш мешавад. Коркардҳои муҳимми ин бозор иборатанд:

а) корой, сармоягузорӣ ва рушдро афзоиш диҳад.

б) метавонад аз тариқи коҳиш нигаҳдориҳои нақд ва афзоиши нарх, рушди сармояҳои физикӣ ҳадди ақал дар баландмуддат рушди иқтисодиро афзоиш диҳад.

в) таъйини қимати вачҳ ва сармоя, таҳлили иттилоот ва тавзеи риски иқтисодӣ, тачҳизи манобеи пасандоз ва ҳидояти онҳо ба сӯйи фаъолиятҳои иқтисодӣ.

1. Бозори пул бозорест, ки дар он дороии молӣ бо саррасиди камтар аз як сол хариду фурӯш мешавад.

2. Бозори аввалия бозорест, ки дар он авроқи баҳодоре ки тоза мунташир шудааст, хариду фурӯш мешавад.

3. Бозори сония бозорест, ки дар он авроқе ки дар бозори аввалия ба фурӯш рафтааст, дар ин чо ба фурӯши мучаддад мерасад.

4. Бозори нақдӣ бозорест, ки дар он авроқи баҳодор ба таври нақдӣ хариду фурӯш мешавад.

5. Бозори муштақа бозорест, ки дар он як навъ қарордод байни тарафайни муомила баста мешавад ва шахсе, ки дорои чунин қарордодест, бояд дар оянда авроқеро бихарад, ё бифрӯшад. Мазоёи ин бозор бо бозори аввалия дар ин аст ки: а) ҳазинаи муомилот поён аст; б) нақдинагӣ боло аст.

6. Бозори ҳироч навъи бозори мутамарказ аст, ки дар он коргузорон ва муомилагузорон  ба хариду фурӯши авроқи баҳодор мепардозанд, мисли бозори бурс.

7. Бозори хорич аз бурс бозорест, ки дар он муомилагарон ба хариду фурӯши авроқи баҳодор мепардозанд. Ин бозор ба се қисм чудо мешавад:

а) бозори салф;

б) бозори боргаҳи ихтиёри муомила;

в) бозори оттӣ.

8. Бозори воситавӣ бозорест, ки дар он воситаҳо мисли бозорсозҳо ба хариду фурӯши авроқи баҳодор (қоғазҳои қиматнок) мепардозанд.

9. Бозори пайваста бозорест, ки дар он муомилоти бозор дар тӯли соати корӣ анчом мешавад.

10 Бозори нопайваста бозорест, ки дар он муомилот дар як замони мушаххас сурат мегирад.

11.Бозори дохилӣ ба ду даста тақсим мешавад:

а) бозори дарунӣ бозорест, ки ношироне ки авроқи баҳодорро интишор медиҳанд, сокини он кишвар ҳастанд;

б) бозори хоричӣ бозорест, ки ношироне ки авроқи баҳодорро интишор медиҳанд, сокини он кишвар нестанд.

12. Бозори хоричӣ бозорест, ки авроқе ки арза мешавад, ҳамзамон дар чанд кишвар арза мешавад.

**Вижагиҳои асосии бозори молии коромад**:

1. Ҳамоҳангӣ бо фарҳанги роичи чомеа. Низоми молӣ, ниҳодҳо ва абзорҳои мавриди истифода дар ҳар чомеае, дар дарачаи аввал бояд бо фарҳанги умумии чомеа, бавижа бо эътиқодоти динӣ ва мазҳабии он созгор бошад, зеро дар ғайри ин сурат, истимрор ва пойдории лозимро нахоҳад дошт ва батадрич аз арсаи мубодилот хорич хоҳад шуд.

2. Ҳамсӯйӣ бо аҳдоф ва ангезаҳои ширкаткунандагон. Низоми молии муваффақ бояд ба аҳдоф ва ангезаҳои ширкаткунандагон (арзакунандагон ва муқтазоиёни вачҳ) таваччуҳи кофӣ дошта бошад, то битавонад ба сурати зоянда таваччуҳи ононро ба мушорикат дар низом чалб кунад ва равшан аст, ки ин аҳдоф ва ангезаҳо дар афроди гуногун ва ҳатто дар як фард мутафовит аст.

3. Таносуб бо рӯҳиёти ширкаткунандагон дар бозори молӣ аз чиҳати рӯҳия ба се гурӯҳ: рискгурез, рискпазир ва мутаориф тақсим мешаванд. Соҳибони гурӯҳи рискгурез мекӯшанд бо ниҳодҳо ва муассисаҳое кор кунанд, ки дар замони мушаххас судбахш ва аз қабл таъйиншудае бипардозанд, ҳарчанд нархи он суд дар муқоиса бо суди интизории муассисаҳои дигар камтар бошад. Дар муқобил соҳибони гурӯҳи рискпазир ба дунболи муассисаҳое ҳастанд, ки дар қиболи таҳаммули риск ва мухотира, суди интизори болоиро ироа мекунанд ва афроди гурӯҳи мутаориф бештар аз мавчуди бозор мутаассир ҳастанд ва чиҳатгирии хосе надоранд. Мутақозиёни гурӯҳ низ, агар рискгурез бошанд, дӯст доранд, ки суроғи воситаҳои молӣ бираванд, ва ҳозиранд дар таҳаммули мухотираҳо бунгоҳи иқтисодиро ёрӣ кунанд ва агар рискпазир бошанд, ба муомилаҳои қатъӣ алоқа доранд ва тарчеъ медиҳанд. Бо

пазириши тамоми мухотираҳо куллӣ судро худашон бипардозанд ва мутақозиёни мутаориф ба таври маъмул таркибе аз анвои абзорҳои таъмини молӣ (монанди фурӯши саҳмия ва истикроз)-ро бармегузинанд. Низоми молии комил бояд, бо тарроҳии муассисаҳо ва абзорҳои мутанаввеъ посухгӯйи тамоми рӯҳиёт ва ниёзҳои муштариён бошад.

4. Қобилияти интибоқ бо бозорҳои молии байналмилалӣ. Гарчи дағдағаи аслии бозори молӣ тадобуқ бо фарҳанг, аҳдоф, ангезаҳо ва рӯҳиёти ширкаткунандагони дохилӣ аст, бо пешрафти бозорҳои молии байналмилалӣ ва густариши иртиботҳо ва ҳамкориҳои фаромиллӣ наметавон ба бозори молӣ басанда кард. Бояд дар тарроҳии ниҳодҳо ва абзорҳо ҳаддалаксар, диққатҳо ва зарфиятҳоро ба кор бурд, то ҳангоми лузум, чи дар тарафи арзаи сармояи нақдӣ ва чи дар тарафи тақозо битавон бо бозорҳои молии байналмилалӣ бавижа кишварҳои исломӣ таҳаммул кард.

**Мазоёи бозорҳои молӣ**

1. Дар шароити равнақи бозорҳои молӣ ҷараёне аз бозори пул ба тарафи бозори сармоя ба вуҷуд меояд.

2. Бозорҳои молӣ дар сурати амалкарди дуруст метавонанд асари мусбату қобили мулоҳизае ба рӯйи мутағайирҳои калони иқтисодӣ дошта бошанд.

3. Бозори молӣ сармояҳоро барои сармоягузорӣ дар фановарӣ басиҷ мекунад. Бозорҳои молӣ аз як тараф бо таъмини пули мавриди ниёзи корофарин ба рушди фановарӣ ва туҷҷорӣ шудани иддаи ӯ кӯмак карда, аз тарафи дигар, ташвиқкунандае барои сармоягузорони кӯчак барои сармоягузорӣ дар ин фурсатҳо ҳастанд.

4. Бозорҳои молӣ дар заминаи фурсатҳои сармоягузорӣ иттилоот эҷод мекунанд.

5. Бозорҳои молӣ нақши назоратии қавие барои ширкатҳои бузург фароҳам месозанд. Бозорҳои молӣ бо умумӣ кардани иттилоот, ташвиқи ширкатҳои муваффақ ва танбеҳи ширкатҳои зиёндеҳ, нақши назоратии қавиеро ифо мекунанд, ки аз бисёр системаҳои назоратии бюрократӣ муассиртар амал мекунанд. Бо таваҷҷуҳ ба адами тақорунҳои иттилооте, ки дар бозорҳои молӣ вуҷуд доранд ва боис мешавад, то муассисоти вомдиҳанда иттилооти кофӣ аз кайфияти ширкати вомгиранда надошта бошанд, ин нақши бозорҳои молӣ таъсири муҳиме дар коҳиши шикастҳои бозор дар бахши вому эътиборот ифо мекунад.

6. Бозорҳои молӣ риски сармоягузориро тақсим мекунанд, агар сармоягузорон маҷбур бошанд, ки худашон дар пуружаҳо сармоягузорӣ кунанд, қудрати тунӯъсозии онҳо ба шиддат коҳиш меёбад.

**Вазоифи бозори молӣ**. Бозори молӣ вазоиферо бар уҳда дорад, ки иҷрои дурусти он тахссиси короии манобеъро ба дунбол меоварад. Ин вазоиф нақши таъйинкунандае дар рушди тавсеаи иқтисодӣ дорад. Ин вазоиф иборат аст аз:

1. Воситаи молӣ, вазифаи хатиру пурҳазина ва замон бар арзёбии мудирони бунгоҳҳо ва тарҳҳоро анҷом медиҳанд.

2. Низоми молӣ иқдом ба таҷҳизи манобеъ аз паси андозҳои кӯчак ва пароканда барои ҳидоят ва самти бунгоҳҳо ва тарҳҳое, ки номи иқтисодӣ ба рӯйи онҳо гузошта шудааст, менамояд.

3. Воситаҳои молӣ ва мушорикаткунандагон дар бозор заминаи идора ва назорати ширкатҳо, бунгоҳҳо ва мудиронро фароҳам мекунад.

4. Низоми молӣ тиҷорат ва мубодиларо осон мекунад.

5. Низоми молӣ рискро қиматгузорӣ карда, механизми идғом ва назоратро фароҳам мекунад.

**Ангезаҳои нававарии молӣ**. Нававарӣ дар бозорҳои молӣ таъсири мусбате бар короии бозорҳои молӣ дорад. Ду ақидаи ифротӣ дар бораи нававарии молӣ вуҷуд дорад:

а) гурӯҳе муътақиданд, ки муҳимтарин ангезаи нававарӣ, талош барои гурез аз муқаррарот (орбитраж) ва ёфтани рахна дар қонунҳои молиётӣ аст.

б) дар қиболи ин ақида гурӯҳи дигар эътиқод доранд, ки ҷавҳари нававарӣ муаррифии абзорӣ аст, ки барои тавзеи муҷаддад, хатар дар миёни мушорикаткунандагон дар бозори коройӣ бештар дорад. Дастаи дигари ангезаҳо иборатанд аз ақоиди мазҳаб ва рақобат. Дарвоқеъ, агар амали ғояи нававарии молиро дар назар бигирем, мавриди зер бештар аҳамият доранд.

1. Афзоиши тағйирпазири нархи баҳра, қимати авроқи баҳодор ва нархи мубодила ва дар натиҷа муаррифии абзорҳо ва стратегияҳо барои тавзеи муассири хатар.

2. Пешрафт дар иртиботи технологияи компютерӣ.

3. Печидагии бештари корҳо ва омӯзиши илмии мушорикат-кунандагони бозор.

4. Рақобат миёни воситаҳои молӣ.

5. Вуҷуди ангеза барои гурез аз муқаррарот ва қонунҳои молиётӣ.

6. Тағйири улгуҳои ҷаҳони сарват.

**Табақабандии навовариҳои молӣ.** Дар даҳаи 1960, мавҷе аз навовариҳои молӣ ба вуҷуд омад. Соҳибназарони бозори молӣ ин навовариҳоро ба шеваҳои гуногун табақабандӣ кардаанд, ки ба шарҳи зер аст:

1. Абзори бозоркушои нақдинагӣ, бозор ва дастрасии сармоягузорони ҷадид ва ироаи фурсати ҷадид ба вомгирандагонро афзоиш медиҳад.

2. Абзорҳои мудирият хатари тавзеи муҷаддади хатари молӣ ба сӯйи касоне, ки омодагии хатари бештаре доранд, ё метавонанд, хатарро хунсо кунанд ва бинобар ин, беҳтар метавонанд онро таҳаммул кунанд.

3. Навоварии интиқоли хатар қимати навовариҳое ҳастанд, ки васоили муассире барои муқобила бо хатари қимат ё нархи мубодила дар миёни мушорикаткунандагон дар бозор қарор дорад.

4. Абзорҳои интиқоли хатар, эътибори тавзеи муҷаддади хатар ё адами пардохт аст.

5. Навовариҳои нақдинасоз ду корро анҷом медиҳанд:

а) нақдинагии бозорро афзоиш медиҳанд;

б) ба вомгирандагон имкон медиҳанд, ки аз манобеи пул истифода кунанд.

6. Абзорҳо ва фароядҳои хариду фурӯш ҳамзамон, ба сармоягузорон ва вомгирандагон имкон медиҳанд, ки аз тафовути ҳазина ва боздеҳ миёни бозорҳо истифода кунанд ва дар айни ҳол тафовут дар бардошти мардум аз хатар ва низ тавофути дидгоҳи онҳо дар бораи иттилооти молиёт муқарраротро нишон медиҳад.

**Воситаҳои молӣ.** Афроде ҳастанд, ки авроқи баҳодори мавҷуд дар бозорро гирдоварӣ ва ба анвои мутавофит табдил мекунанд.

Воситаҳои молӣ бунгоҳҳое ҳастанд, ки ба унвони далолони низоми молӣ дар қиболи супурдаҳои мардум иқдом ба эҷод, пасандозу вом мекунанд, вомҳои баландмуддатро таҷҳиз мекунанд ва аз ин тариқ нақдинагиро афзоиш медиҳанд ва аз тариқи идғом теъдоди зиёди вом, риски вомдиҳандагон, супурдагузоронро коҳиш медиҳанд.

**Мушаххасот ва моҳияти воситаҳои молӣ**. Воситаҳои молӣ ваҷҳеро аз як гурӯҳ (пасандозкунандагон) мегиранд ва дар ихтиёри гурӯҳи дигар (бунгоҳҳо) қарор медиҳанд.

**Муҳимтарин воситаҳои молӣ**. Дар кишварҳои пешрафта муассисоти молии мухталифе вуҷуд доранд, вале дар Эрон муҳимтарини онҳо иборатанд аз:

а) ниҳодҳои супурдапазир (бонкҳои тиҷҷорӣ, муассисоти пасандоз, бонкҳои пасандоз, иттиҳодияҳои эътиборӣ);

б) муассисоти таъмини молӣ;

в) сандуқҳои бознишастагӣ;

г) ширкатҳои бима (бимаи савонеъ, бимаи амр, бимаи амвол) (Табрезӣ, 1376).

**Нақш ва коркарди воситаҳои молӣ**:

а) васотат дар интибоқи саррасидҳо;

б) коҳиши хатар бо эҷоди танаввӯъ;

в) коҳиши ҳазинаҳои ақди қарордод ва пардозиши иттилоот;

г) эҷоди механизми назоратӣ.

**Бозорҳои молӣ ва таъсири он ба рушди тавсеаи иқтисодӣ**. Дар солҳои охир мутолиаи муҷаддаде дар мавриди робитаи байни тавсеаи бозори молӣ ва рушди иқтисодӣ анҷом шудааст, ки ин мутолиот бештар мутаваҷҷеҳи назарияи рушди дарунзо будааст. Адабиёти мавҷуд дар ин мавзӯъ тавассути иқтисоддононе, ки рӯйи тавсеа кор мекунанд, ба кор гирифта шудааст, то нишон дода шавад, ки тавсеаи бахши молӣ осори мусбат рӯйи нархи рушди мудавом дорад.

Смит (Smith 1969) ва Макинун (Mckinnon,1973) ва Шов (*Shaw*1973) робитаи наздик байни густариши бозори молӣ ва рушди иқтисодиро дар теъдоди кишварҳо мушоҳида кардаанд.

Левин (Lewine, 2000) бартарии назарӣ ва шавоҳиди таҷрибии як робитаи мусбатро байни густариши бозори молӣ ва рушди иқтисодӣ, нишон медиҳад.

**Робита байни системаҳои ҳуқуқии як кишвар ва рушди иқтисодии он**. Мутолиоти байникишварӣ нишон медиҳад, ки короии як системаи ҳуқуқӣ нақши калидӣ дар тавсеаи бозорҳои молӣ дорад. Кишварҳое, ки қонунҳои беҳтаре дар ҳимоят аз ҳуқуқи вомдиҳандагон доранд ва системаи фазоии коромадтаре доранд, сатҳи тавсеаёфтагии молӣ дар онҳо бештар аст.

**Робитаи байни бахши хусусӣ ва рушди иқтисодии он**. Яке аз шохисҳои тавсеаёфтаи бозорҳои молӣ нисбат ба эътибори бахши хусусӣ ба тавлиди нохолиси дохилӣ аст, ки дар миқёси байникишварӣ истифода мешавад. Агарчи ироаи тасҳилот ба бахши хусусӣ барои рушди иқтисодӣ ва коҳиши факр аз аҳамияти хосе бархурдор аст, аммо ин шохис худ ба танҳоӣ як мутағайири сиёсатгузорӣ нест ва бузург будани ин нисбат асло ба маънои беҳтар будани он нест, зеро рушди сареъ дар пардохти тасҳилот ба бахши хусусӣ, агар бо зерсохтҳои калони иқтисод, чорчӯбаи ҳуқуқӣ қарордодҳо ва мабнои дастёбӣ ба иттилоот ҳамоҳангӣ надошта бошанд, имкони вуқӯи буҳронҳои молӣ ва бурузи ихтилолот дар низоми бонкӣ дур аз интизор наҳоҳад буд. Таҷрибаҳои зиёде аз кишварҳо дар 30 соли гузашта ин иддаоро таъкид мекунад.

**Робита байни сиёсати як кишвар ва рушди иқтисодии он**. Мутолиоти Дин (2005) дар байни 21 кишвари дар ҳоли тавсеа нишон медиҳад, ки сиёсатмадорон аз нуфузи сиёсии худ дар бонкҳои давлатӣ ҷиҳати истифода аз манобеи бонкҳои давлатӣ, барои аҳдофи муборизоти интихоботии худ истифода мекунанд. Ӯ дар мақолоти худ нишон медиҳад, ки мизони вомҳо дар замони интихобот, бахусус дар манотиқу шаҳрҳои сарнавиштсоз ва муосир дар тағйири натоиҷи интихобот афзоиш пайдо мекунад. Ин шароит метавонанд, ҳазинаҳои молии зиёд ба давлат таҳмил кунад ва буҳронҳои бонкиро дар давраҳои баъд ба ҳамроҳ дошта бошад A. Demirguc-Kunt and V. MaKsimovic (2005).

**Нақши тавсеаи молӣ дар бахши воқеии иқтисод**. Бар асоси мутолиоти афроде чун Шум Питер мушаххас шуд, ки тавсеаи молӣ, боиси рушди иқтисодӣ мешавад. Шум Питер тавзеҳ дод, ки навовариҳои технологӣ низ, нерӯи муҳаррики рушди иқтисодии баландмуддат ва далели аслии навоварӣ, товонбахши молиест, ки битавонад манобеи молии лозимро дар ихтиёри корофарин қарор диҳад. Афроде чун Робинсун дар тарафи муқобил қарор мегирифтанд. Онҳо муътақид буданд, ки рушди иқтисодӣ барои анвои мухталифи хадамоти молӣ тақозо эҷод мекунад ва дарвоқеъ, рушди тақозои молӣ посухест, ки системаи молӣ ба ин тақозо медиҳад. Бо баёни дигар, ҳар ҷо ки бунгоҳи иқтисодӣ биравад, молӣ онро дунбол мекунад. Акнун ҳама мепазиранд, ки бозорҳои молӣ (маҷмӯи бозорҳои пул ва сармоя) устувор ва босубот, нақши дараҷаи аввалӣ дар тавсеаи иқтисодӣ дорад.

**Таъсири буҳрони молии ҷаҳонӣ ба иқтисоди Эрон**. Иқтисоди Эрон ҳамчун роёнаест, ки ба шабакаи ҷаҳонии интернет васл нест, ҳам аз манофеи густурда ва азими иртиботи интернетӣ бебаҳра аст, ҳам аз вирусҳо ва бадомӯзҳои он дар амон мебошад, зеро дар ҳоли ҳозир камтарин таомил ва иртибот бо ҷаҳон ба сар мебарад. Бо ин ҳама буҳрони молии густурдае, ки аз августи 2007 бозорҳои молии ҷаҳон ва иқтисоди бесёре аз кишварҳоро дар маърази хатари ҷиддӣ қарор дода, дар сентябри 2008 тасвири комили он чеҳра намудааст ва бо рӯшикастагии таҷрибии бонкҳо ва бунгоҳҳои молии худро намоён сохтааст.

Се асари бузурги ғайримустақим ба иқтисоди ҶИЭ таъсир хоҳад гузошт:

1. Буҳрони молӣ ва бавижа буҳрони камбуди нақдинагӣ ба камарзиш шудани сандуқҳое, ки дар молҳои асосӣ ва аз ҷумла нафт сармоягузорӣ мекарданд оварда мерасонад. Коҳиши рушди иқтисодӣ дар умдаи кишварҳои пешрафта ва мутаоқиби он коҳиши масраф қимати молҳои асосӣ ва бухусус нефтро башиддат коҳиш додааст.

2. Давлате, ки қадри неъмати нефт болои 100 долларро надонист ва умдаи даромади арзии худро ба ҷойи он ки ба тавлиди маҳсулоту хадамоти гумрукӣ диҳад, ба таворум табдил кард, акнун бояд нигарони коҳиши қимати нафт бошад. Албатта, коҳиши қимати нафт ва колоҳои асосӣ, ба ин маъно ҳам ҳаст, ки қимати воридотии кишвар метавонад, коҳиш ёбад ва ҶИЭ дар қиболи аз даст додани даромади нефти худро, агар ба дурустӣ тадбир кунад, метавонад аз коҳиши қимати мошинолот ба молҳои воридотӣ бархурдор шавад.

3. Аммо дуюмин таъсири буҳрони молӣ бар иқтисоди Эрон метавонад мусбат талаққӣ шавад, чунончи давлат тадбир кунад ё ҳадди ақал бад амал накунад. Ин

имкон вуҷуд дорад, ки равобити касбу кори эрониҳо бо дунё андаке тасҳил ва таҳримҳои Амрико алайҳи иқтисоди Эрон тавассути соири кишварҳо дар амал камрангтар дунбол шавад ва башиддат гузашта эъмол нашавад. Дар шароити кунунӣ ба лиҳози камбуди нақдинагӣ дар бонкҳо ва ниҳодҳои молӣ ин эҳтимол вуҷуд дорад, ки бо раводорӣ ва осонгирӣ бо эрониҳо бархурдор шавад. Ҳаҷми супурдаҳои арзи Эрон ва бонки марказӣ он қадар аст, ки дар ин шароити душвор бонкҳои бузурги дунё ҳам ба дунболи он бошанд. Хазинадории Амрико низ дар ин шароит он қадар имкон нахоҳад ёфт, ки ба ин ё он бонкдор тавсия кунад, ки супурдаҳои эрониро напазиранд барои эрониҳо ҳисоб боз накунанд ва эътибороти аснодии (LG) ва замонатномаҳои (LG) онҳоро бипазиранд. Дар ин шароити душвори байналмилалӣ давлат агар ботадбир амал кунад, дигар ночор нахоҳад буд, ки манобеи арзии худро ба бонкҳо интиқол диҳад.

**Ҷамъбандӣ ва натиҷагирӣ**. Ба таври куллӣ метавон изҳор дошт, ки тавсеаи бозори молӣ, яке аз калидҳои дастёбӣ ба рушди баландмуддати иқтисод аст. Бозори молӣ дар сурате метавонад, мунҷар ба рушди иқтисодӣ шавад, ки битавонад, заминаи муносиб ҷиҳати тахсиси беҳинаи манобеъро фароҳам сохта, сабаби афзоиши короии сармоя шавад. Рушди ғайритаворумии баландмуддати интиқодӣ, афзоиши тавлид ба иштиғол, ниёзманди таҷҳизи манобеи молӣ ва тахсиси беҳинаи онҳо дар иқтисоди молӣ аст ва ин муҳим бо кӯмаки бозорҳои молии созмонёфта, муташаккил ва коромад, ки дар он тунӯи абзорҳои молӣ, эҷоди фазои рақобатӣ ва шаффофияти иттиллот вуҷуд дорад, муяссар хоҳад буд.

Эҷоди як бахши бонки дохилии мутамарказ ва асосӣ як авлавият барои бозорҳои навзуҳур ва дар ҳоли тавсеа ба ҳисоб меояд, зеро як бахши бонки мутамарказ на танҳо пешгирӣ аз коҳишҳои ногаҳонӣ тавлидӣ кӯмак мекунад, балки аз коҳиши нархҳои баландмуддати нархҳои рушд, ки ба воситаи ҳамин коҳиши тавлидӣ эҷод мешаванд, низ мамониат хоҳад намуд.

## АДАБИЁТ


1. Эҳсонӣ Муҳаммадалӣ. Воситаҳои молӣ ва рушди иқтисодӣ дар Эрон / Эҳсонӣ Муҳаммадалӣ. -Теҳрон, 1383.
2. Беҳкеш Маҳдӣ. Эрон ва шароити ҷадиди ҷаҳонишудан. Моҳномаи пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ / Беҳкеш Маҳдӣ. -Теҳрон, 1387. -№4.
3. Табрезӣ Ҳусайн. Бозор сармояи нерӯи муҳаррикаи тавсеаи иқтисодӣ / Табрезӣ Ҳусайн. -Теҳрон, 1383.
4. Ҳамидизода Муҳаммади Маҳдӣ. Аъзоҳои молии маштақа дар бозори сармоя / Ҳамидизода Муҳамади Маҳдӣ. -Теҳрон, 1382.
5. Хатоӣ Маҳмуд. Густариши бозорҳои молӣ ва рушди иқтисодӣ / Хатои Маҳмуд. -Теҳрон, 1387.
6. Ҳайбатӣ Фарзод. Бозорҳо ва ниҳодҳои молӣ / Ҳайбатӣ Фарзод. -Теҳрон, 1377.
7. Bencvenga Valerie. Finance. Intermediation and Ecdogenous Growth REVIEW of Economic Studies / Bencvenga Valerie, D. Bruce Smith, 1991.
8. Robinson Joan. The Rate of Interest, and Other Essays / Robinson Joan. –London: Macmillan. 1952.


## РОЛЬ ФИНАНСОВОГО УПРАВЛЕНИЯ В ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ


В данной статье автор рассматривает роль финансового управления в экономическом развитии Экономическое развитие включает развитие общественных отношений и его основными показателями являются качество жизни и конкурентоспособность экономики государства. Процессы глобализации мировой экономики обуславливают открытие национальных финансовых рынков для зарубежного капитала, объемы поступления которого в значительной степени зависят от процентных ставок, устойчивости курса национальной валюты, различного рода рисков, а также макроэкономических параметров развития конкретной страны.



**Ключевые слова:** экономические показатели, национальные финансовые рынки показатели развития экономики, финансовый рынок, состояние финансовых рынков нашей страны.


## THE ROLE OF FINANCIAL MANAGEMENT IN ECONOMIC DEVELOPMENT


In this article the author examines the role of financial management in economic development Economic development includes the development of social relations and its basic criteria are the quality of life and economic competitiveness of the state. The processes of globalization of the world economy necessitate the opening of national financial markets to foreign capital inflows which largely depend on interest rates, stability of the national currency exchange rate risks, and macroeconomic parameters of development of a particular country.



**Key words:** economic indicators, national financial markets indicators of economic development, financial market, the financial markets of our country.



**Сведения об авторах:** ***Ахмад Сардорзода*** – соискатель Таджикского национального университета
Бархе баррасиҳои равоншиносӣ нишон доданд, ки ангезаҳои ғайримоддӣ низ дар ризоияти коркунон асар доранд. Аммо ба далели мубҳам будани онҳо мудирон ағлаб ба ангезаҳои моддӣ, ки қобилияти ламси бештаре доранд, монанди ҳуқуқ ва дастмузд таваҷҷуҳи бештаре менамоянд. Дар ҳамин росто Сатторӣ муътақид аст, бояд ангезаҳои ғайримоддиро ҷузъи омилҳои мукаммали ташвиқкунандаҳои моддӣ ба шумор овард. Ликерд муътақид аст, бетаваҷҷуҳӣ ба усули робитаҳои инсонӣ дар муддати баланд, системаи иҷтимоии созмонро мухтал карда ва муҷиби бурузи исён, адами эътимод, коҳиши ҳисси масъулият, салби алоқа ва тарки хидмати коркунон мегардад. Орҷриз низ муътақид аст, ки таркиби созмонҳои имрӯза ба сурате аст, ки монеи рушди шахсияти афроди созмон мешавад ва коркунон ба ҳуқуқ ва мазоёи моддӣ бештар мутаваҷҷеҳ шудаанд. Борнорд менависад, аз ҷумла ангезаҳои

мустақиман дар барангехтани афрод ба кори муассир аҳамияти зиёде дорад, вуҷуди фурсат ва мавқеият барои мушорикат ва дахолат дар ҷараёни умур ва иттифоқоти созмон аст. Ба назари Борнорд агар ҳифзи рӯҳия, низоми ташвиқ, танбеҳ, назорат ва омӯзиш дар созмон барқарор нашавад, ин назар бароварда нахоҳад шуд. Ҳурвидз ва дигарон дар таҳқиқе ба ин нукта пай бурданд, ки фароҳам кардани лоиҳаҳо ва ё вазифаҳои кори чолишӣ нақши муассире дар ҳифз ва нигаҳдории коркунон дорад. Вилфел Броун мегӯяд, нақши комили мудирият огоҳӣ аз вазъи кормандон, арзёбии натиҷаи кори онҳо, эҳсоси масъулият ва таъйини таносуби кори анҷомшуда бо вазифаҳои мавриди назар мебошад. Дар ин сурат аст, ки байни мудир ва корманд робитаи комил ба вуҷуд меояд. Фоюл ки бархе ӯро падари теорияҳои навини мудирият муаррифӣ менамоянд, ҳуқуқ ва подошро ҷузъи усули чордаҳгонаи мудирияти хеш муаррифӣ мекунад ва бар ин ақида аст, ки бояд тарҳи ҳуқуқ ва подоши одилона дар созмон вуҷуд дошта бошад ва тартиби пардохти он ҳам бояд мантиқӣ бошад. Алют Ҷак изҳор медорад, дар афроде, ки корашон мутаносиб бо зарфияташон аст ва барои кори худ намуди одилонае дарёфт мекунанд, таодули равонӣ, иқтисодӣ ба беҳтарин ваҷҳ намоён аст.

Робитаҳои инсонӣ дар муҳити кор яке аз муассиртарин омилҳои ҷазб ва ҳифзи нерӯи инсонӣ аст. Нависандагоне чун Липит ва Волт сарсахтона изҳори ақида мекунанд, ки ҳар гоҳ равиши раҳбарии демократӣ, тасмимгирии гурӯҳӣ ва мушорикати коркунон дар идораи умур ва дар натиҷа, адами тамаркузи қудрат ва ҳокимият дар мудирияти як созмон ошкор бошад, робитаҳои коркунон матлубтар, рӯҳияи онҳо беҳтар, талош барои тавлид ва кор бештар хоҳад буд. Ликерд ба ин натиҷа расидааст, ки агарчи раҳбарии худмухторӣ дар муддати кӯтоҳ муҷиби афзоиши кор мешавад, аммо ба тадриҷ тарки кори коркунонро афзоиш дода, муҷиби бурузи хушунат, душманӣ, камкорӣ ва ҳаммонанди он хоҳад шуд. Маршал иқтисоддони машҳур дар ин маврид менависад, агар тамоми сармояҳо ва абзори техникӣ ва васоили мавҷуди фаннӣ дар ҷаҳон ба якбора дастхуши табоҳӣ шаванду доноии мудирон ва сиёсатгузорон дар радаи стратегӣ вуҷуд дошта бошад, дар муддати кӯтоҳе низоми ҷомеа пӯё ва шукуфо мегардад. Ба ибораи дигар, зимни таваҷҷуҳ ба созмон ва анҷоми ҳадафҳои он бояд ба эҳтиёҷоти рӯҳӣ, равонӣ ва ҷисмонии коркунон низ таваҷҷуҳ шавад. Билист дар қарордоди иҷтимоии худ унвон медорад, фард модоме дар созмон боқӣ мемонад, ки битавонад ёд бигирад ва рушд кунад, ки ин фарҳанг на танҳо дар нигаҳдорӣ, балки дар ҷазби нухбагон низ ба созмонҳо кӯмак мекунад.

Лозим ба тавзеҳ аст, ки байни бахши давлатӣ ва хусусӣ дар заминаи ҷазби нерӯи инсонии мутахассис рақобат вуҷуд дорад. Дар ин миён бахши хусусӣ ба далели надоштани муқаррароти дасту погир ва ба далели озодии амал тавонистааст худро бо мавқеияти замонӣ вафқ дода ва бо додани дастмуздҳои калон ва ташвиқи коркунон заминаи мондагории бештареро фароҳам оварад.

Бахши умумӣ бо муқаррароти дасту погир ва ғайриқобили инъитоф ва гоҳе низ адами истифода аз шеваҳои муносиби мудирияти манобеи инсонӣ дар рақобат бо бозори кор ақиб афтода ва мутахассисҳои худро аз даст дод. Ба назар мерасад, битавон бо баҳрагирӣ аз шеваҳои муносиби мудирияти манобеи инсонӣ дар танзими ойинномаҳо ва муқаррароти истиқдоми муносиб бо ниёзҳои коркунон ва бозори кор ва ҳамчунин, дар ҷазб ва ҳифзи персонали мутахассис ва коромад иқдомоти муфиде сурат дод.

Мудирияти манобеи инсонӣ ҳам ба омили инсонӣ ва ҳам ба кори ӯ таваҷҷуҳи хосе дорад ва таваҷҷуҳ ба бархе аз омилҳо метавонад дар ҷазб ва нигаҳдории коркунон дар созмон муассир бошад. Дар табақабандии машоғил коркунон ба шуғли матлуб даст ёфта ва бо мазоёи моддӣ ва маънавии он ошно мешаванд ва дар натиҷа бо ризоияти бештаре ба кор идома хоҳанд дод.

Дар кормандёбӣ низ бояд, ба мизони ниёз ба ҳар табақаи нерӯи инсонӣ бо равишҳои илмӣ ва дақиқ баррасии лозим сурат гирад, то беҳтарин манобеъ ва истеъдодҳо ҷазб шаванд. Дар интихоб ва интисоб хусусиёти шуғлро бо шарҳ ва мушаххасоти машоғил татбиқ дода ва бо таъйини дараҷаи шоистагии довталабон шоистатарини онҳоро интихоб мекунанд.

Ҳуқуқ ва дастмузд аз ҷумлаи омилҳои муҳим мебошад, чаро ки таъйини ҳади ақал ва ҳади аксари он масъалаи печидае аст ва тобеи масоили иқтисодӣ ва омилҳои гуногуни сиёсӣ ва иҷтимоӣ, одоб ва русум, суннат, одатҳо, қудрати нерӯи кор ва арзаи он мебошад. Мизони ҳуқуқ ва дастмузд бояд ба андозае бошад, ки ҳадди ақали

эҳтиёҷоти зарурии зиндагии коркунонро ва он шакле, ки шоистаи зиндагии инсон мебошад, таъмин кунад.

Барои таъйини ҳуқук ва дастмузд назарияҳое вуҷуд дорад, ки муҳимтарини онҳо иборат аст аз назарияи арза ва тақозо, назари қудрати пардохт, назарияи корой ва ҳазинаи зиндагӣ, ки ҳар кадом мукаммалкунандаи дигаре аст. Бархе донишмандони улуми рафторӣ бар ин бováранд, ки инсон мавҷуди иқтисодӣ (назарияи инсони такангезаӣ) аст. Бар асоси ин назария мақомоти созмон дар муқобили подоши моддӣ хадамоти коркунонро мехаранд.

Созмонҳое, ки дорои ҳади аксари рондмон ва короии зиёд мебошанд, ба гунае амал мекунанд, ки коркунон саҳми бештаре доранд. Дар натиҷа, аз ин роҳ ризоияти хотири тарафайн ҳосил мешавад.

Тарҳи ҷуброни хадамот низ аз вазифаҳои муҳимми мудирони манобеи инсонӣ ҷиҳати идории коркунон аст. Ин амр нақши аслӣ ва муҳимеро дар аҳамияти коркунон ва нигаҳдории онон бар даруни созмон ва ангезиши онҳо ҷиҳати анҷоми вазифаҳо дорад. Бинобар ин, нақш ва аҳамияти ҷуброни хадамот дар низоми нигаҳдории манобеи инсонӣ набояд нодида гирифта шавад. Ҳадафи аслӣ аз ҷуброни хадамотро метавон дар ҳифзи кайфияти коркунон ва нигаҳ доштани онон дар даруни созмон ва ангезиши онҳо ҷиҳати анҷоми вазифаҳо донист, ки иборат аст аз подошҳои дарунӣ ва берунӣ, ки дар муқобили хидмати коркунон дар созмон ба таври мунсифона ва одилона ба онҳо пардохт мешавад.

Ҷуброни хадамоти коркунон шомили се ҷузъи пардохти ҳуқуқ ва дастмузд, мушавиқҳо ва мазоё аст. Тавонмандии низоми пардохт дар ҷазб, нигаҳдорӣ ва барангехтани афрод бастагӣ ва аҳамияте дорад, ки мардум барои пул қоил ҳастанд.



Расми 1. Аҷзои кулли барномаи ҷуброни хадамоти коркунон

Ҳерзберг аз уламои мудирият аст. Агар назарияи вайро аз дидгоҳи ҳифз ва нигаҳдории нерӯи инсонӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳем, ду дастаи ёфтаро, ки яке ниёз ба дурӣ аз дард ва ранҷ, маҳрумияти ҷисмонӣ ва умури нохушоянд ва дигар ниёз ба гироиши рушди равонӣ, халлоқ будан ва ноилшуда ба умури хушояндро натиҷа мегирем. Тибқи ин назария панҷ омили муҳим барои ризоият ва боқӣ мондани фард дар як шуғл зарурӣ аст. Он иборат аст, аз муваффақияти корӣ, шинохт, озодии амал, доштани масъулият ва ихтиёр ва пешрафт дар муқобили омилҳое, ки муҷиби адами ризоияти шуғлӣ ва дар натиҷа, тағйири шуғл мешавад.

Мазлу аз равоншиносони амрикоӣ ниёзҳои башарро ба панҷ даста тақсим мекунад ва мегӯяд, бо бартараф шудани як ниёз ниёзи болотар худнамоӣ мекунад. Ҳар гоҳ корманд эҳсос кунад, ки яке аз ниёзҳои ӯ дар маърази хатар қарор гирифтааст, бо таваҷҷуҳ ба шиддати он адами ризоияти шуғлӣ ва эҳтимолан тарки кори коркунонро

дар пай хоҳад дошт. Назарияи мубодила мегӯяд: аксари вақтҳо байни, он чи ки инсон интизори ба даст овардани онро дорад ва он чи ки ба даст меоварад, фосилае вуҷуд дорад. Барои рафъ ва ё коҳиши ин фосила инсон талошҳои хосе анҷом медиҳад. Агар байни он чи фард анҷом медиҳад ва интизороти ӯ эътидоли нисбӣ бархӯрдор бошад, фард дар созмон мондагор хоҳад буд.

Дар назарияи баробарӣ низ инсон ҳамеша дар пайи он аст, ки бо ӯ ба таври мунсифона бархӯрд шавад. Аммо ин ки чӣ мавқеиятеро мунсифона ва ҳамроҳ бо баробарӣ медонем, то ҳадди бисёре ба бардошт ва идроки мо ва ҳамчунин, ба омилҳо ва арзишҳои муҳит бастагӣ дорад. Назарияи супер изҳор медорад, фард шуғлеро интихоб мекунад, ки бозгӯкунандаи тасаввур ва пиндори фард аз худ бошад. Назарияи беҳдошти созмонӣ, иқдомоти мудирият ҷиҳати нигаҳдории коркунонро ба ду даста тақсим мекунад: аввал иқдомоте, ки боиси коҳиши адами ризоияти коркунон мешавад, мисли ҳуқуқ ва дастмузд, дуюм, иқдомоте, ки боиси ризоияти коркунон мешавад, монанди ҳисси масъулият. Назарияи Олделфер ба номи ниёзҳои таъдилшуда ё назарияи вуҷуд иртибот ва рушд маъруф аст. Се сатҳи ниёзро пешниҳод мекунад, ки иборатанд аз ниёзи мавҷудият, ниёзи вобастагӣ ва иртибот ва ниёзи рушд ва изҳор мекунад, ки мумкин аст дар як лаҳза беш аз як ниёз фаъол бошад. Ин назария як намунаи ангезиш бо нармиши бештарро пешниҳод мекунад, ки метавонад дар ҷиҳати ҷазб ва нигаҳдории нерӯи инсонӣ дар созмон муассир воқеъ шавад. Назарияи Ҳопок изҳор медорад, ризоияти шуғлӣ мафҳуми печида ва чандбуъдӣ аст ва ба омилҳои равонӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ иртибот дорад. Маҷмӯаи омилҳои гуногун сабаб мешавад, ки фарди шоғил аз шуғлаш эҳсоси ризоият намояд ва боиси мондани ӯ дар созмон шавад.

Назарияи имтизоҷ ба манзури шиносоии ҳадафҳо ва ниёзҳои коркунон бо ҳадафҳои созмон таваҷҷуҳ дорад, то аз тариқи таъдил ва татбиқи ниёзҳои фард ва созмон ризоияти шуғлӣ афзоиш ёбад. Дар назари қарордоди равонӣ, илова бар робитаи истиқдомӣ ва мувофиқатҳои раду бадалшудаи катбии байни фард ва созмон навъи қарордоди нонавишта байни фард ва созмон вуҷуд дорад, ки қарордоди равонӣ ном дорад. Қарордоди равонӣ шабеҳе бо назари пешниҳодии Бекӣ дорад, ки ба номи фароянди таркиб хонда мешавад. Вай мегӯяд: созмон саъй мекунад, бо пазируфтани фард, ӯро ба ҳусули ҳадафҳои созмон рақиб созад. Ин марҳиларо фароянди иҷтимоӣ кардан меноманд. Фард низ саъй дорад, созмонро василаи ҷиҳати найл ва ҳадафҳои худ табдил кунад. Ин марҳиларо фароянди шахсӣ кардан меноманд.

Ин ду фароянд дар нуқтае бо ҳам таркиб мешаванд, ки дар ин нуқта ҳар кадом аз дигаре барои расидан ба ҳадафҳои худ суд меҷӯянд. Агар ҳадафҳои он ду бо ҳам мутобиқат ва созгорӣ надошта бошад, аз тариқи ихроҷ ва истеъфо ҳар кадом барои худ меравад ва дар муқобили созгории онҳо муҷиби афзоиши рӯҳия ва баҳраварӣ мегардад.

Дар пажӯҳише, ки тавассути Оғои Албонӣ аз 5500 корманди давлатӣ анҷом шуда буд, натиҷаи ниҳоӣ аз ин қарор буд, мушкилоти тарки хидмати коркунон, адами ирои пешниҳод, ибтикор, беалоқагӣ ба кор ва адами ирзои ниёзҳои коркунон будааст. Ҳамчунин аз рисолаи дигаре натиҷаҳои бадастомада ҳокӣ аз доштани масъулият ва ихтиёр, таваҷҷуҳ ба барномаи ҷойгузинии коркунон, ҷазби нерӯи коромад бидуни дар назар гирифтани имтиёзоти ҳуқуқ ва дастмузд, умури рифоҳӣ ва иҷтимоӣ мақдур нест.

Муҳаққиқи дигаре, дар мавриди тарки хидмат дар созмон унвон медорад, ки ин мавзӯъ бисёр муҳим ва мавриди таваҷҷуҳи мудирон ва пажӯҳишгарон аст ва натиҷаи ба даст омада он, ки адами ризоият нишондиҳандаи арзёбии ғайриматлуб аз шуғл аст ва на заруратан аз кулли созмон, ки муҷиби канорагирии афрод аз созмон мегардад. Натиҷаи дигаре, ки аз ин таҳқиқи бадастомада баёнкунандаи аҳамият ва нақши муҳимми эҳсоси фишори равонӣ дар эҷоди тарки хидмат аст ва ин ки фишори рӯҳи бонуфузтар аз асари манфии адами ризоияти шуғлӣ аст. Ҳамчунин, муҳаққиқ пешниҳод мекунад, барои мудирон лозим аст, иттилоъ аз вазъияти иқтисодӣ, бозори кор, иштиғоли машоғили марбута ва короии касоне, ки созмонро тарҳ гуфтаанд ва афроде, ки мондаанд, дошта бошад.

Дар таҳқиқи дигаре пешниҳодоти муҳаққиқ ба ин сурат буд, постҳои калидӣ ва ситодӣ ба афроде вогузор шавад, ки дорои вижагиҳои мавриди назар бошад. Ҳадалимкон саъй шавад, мушкилоти ҷонибии коркунон ҳамчун идомаи таҳсил ва подоши ҳусни анҷоми кор тавассути масъулин ҳал шавад. Наҳваи бархӯрди масъулин дар ризоияти шуғлии коркунон таъсири мустақим ва мусбат дорад ва бо эҷод ва

тавсеаи имконоти моддӣ ва мазоёи ғайримустақими дигар метавон таҳдиди фирори нерӯҳо аз омӯзиш ва парваришро ба соири созмонҳо хунсо намуд.

Дар ин таҳқиқ саъй шудааст, аз равиши мантиқӣ ва саҳеҳе, ки ағлаби муҳаққиқон ва соҳибназарон дар пажӯҳишҳо ба кор мебаранд, истифода шавад, то вижагиҳои як таҳқиқи илмиро доро бошад. Бинобар ин, саъй шуд, аз равиши таҳқиқи тавсифи таҳлилӣ истифода шавад. Таҳқиқӣ таҷрибӣ нестанд, аз равишҳои илмӣ ва мантиқӣ барои расидан ба қонунҳои куллӣ истифода мешавад. Мутағайирҳои мавҷуд то ҳадди мумкин дақиқ ва комил таъриф ва тавсиф мешаванд ва дар онҳо фарзия вуҷуд дорад. Ҷомеаи омории ин таҳқиқ нерӯҳои идории яке аз вилоятҳои Эрон интихоб шуда ва бар асоси оромгирии суратгирифта ба шарҳи ҷадвали зер мебошад.

**Ҷадвали 1 Ҷомеа ва намунаи омории мавриди таҳқиқ**

| р/т | Шаҳристон | Фаровонӣ | Дар % | Намуна |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Идораи кул | 190 | 29/6 | 63 |
| 2 | Ноҳияи 1 | 53 | 8/3 | 18 |
| 3 | Ноҳияи 2 | 49 | 7/6 | 16 |
| 4 | Эроншаҳр | 62 | 9/6 | 21 |
| 5 | Зобул | 62 | 9/6 | 21 |
| 6 | Чобаҳор | 52 | 8/1 | 17 |
| 7 | Саровон | 55 | 8/6 | 18 |
| 8 | Хош | 66 | 10/3 | 22 |
| 9 | Некшаҳр | 53 | 8/3 | 18 |
| | Ҷамъи кул | 642 | 100% | 214 |

Мутағайирҳои таҳқиқ шомили мутағайири вобаста, ҷаззоб, нигаҳдорӣ ва мутағайири мустақил, ки дар фарзиёт, таҳқиқ матраҳ шуда ва шомили пешрафти шуғлӣ, касби даромади бештар, ҷозибаҳои шуғлӣ, омилҳои маънавӣ ва омилҳои моддӣ аст. Равиши намунагирӣ, тасодуфӣ, табақабандӣ аст. Бинобар ин, як $\frac{1}{3}$ ҷомеаи оморӣ ба унвони намуна интихобшуда, тасодуфӣ аст. Зеро аз ҷомеаи оморӣ афрод бар ҳасби тасодуф интихоб мешаванд ва аз пурсишнома ҷиҳати ҷамъоварии иттилоот истифода шуд. Эътибор ва равоии пурсишнома ҷиҳати муассир будани равишҳои ҷамъоварии додаҳо баррасӣ гардид.

Дар тадқиқоти улуми инсонӣ ба таърифи намуна мубодират мешавад. Он гоҳ дар тавзеҳи чигунагии гузиниши намуна шарҳи нукоте, ки риояти онҳо намунаи муносибро барои анҷоми таҳқиқ фароҳам меоварад, омадааст. Пас аз зикри матолибе дар заминаи равишҳои ҷамъоварии иттилоот тавзеҳи мухтасаре роҷеъ ба намуна ва тасодуфи табақаӣ будани он дар таҳқиқ омадааст.




Расми 2. Тавзеи фаровонии ҷомеа ва намунаи омории кадри идории омӯзиш ва парвариши вилоят

Дар заминаи эътибор ва равоии абзори санҷиш бо таваҷҷуҳ ба муҳтаво, суолот ва касрати онҳо матолибе ироа гардидааст ва дар поёни равишҳои таҷзия ва таҳлили

омории иттилоот аз анвои шохисҳои омории тавсифӣ истифода гардид ва чун додаҳо ба сурати мунфасил ва нопайваста буданд, аз озмуни маҷзури $x^2$ ҷиҳати баррасӣ ва иртиботи байни мутағайирҳо истифода шуд. Ҷиҳати муҳосиботи оморӣ аз нармафзори SPSS истифода гардид.

Бинобар натиҷаҳои бадастомада дар фарзияи аввал, ки пешрафти шуғлии созмон дар нигаҳдории коркунон муассир аст, дар сатҳи эҳтимоли 95% байни пешрафти шуғлӣ ва нигаҳдории коркунон робитаи маънидоре вуҷуд дорад. Фарзияи дуюм, робитаи миёни таваҷҷуҳ ба хостаҳои коркунон ва нигаҳдории онон ба асоси натиҷаҳои бадастомада дар сатҳи эҳтимоли 95% робитаи маънодоре вуҷуд дорад. Фарзияи сеюм, таҳти унвони касби даромади бештар, омили ҷиҳати дархости интиқоли коркунон ба соири идорот чун $x^2$ муҳосибашуда 26/32 аз $x^2$ ҷадвал бо эҳтимоли 97% бузургтар аст.

Натиҷа мегирем, ки байни касби даромади бештар ва дархости интиқоли коркунон робитаи маънидоре вуҷуд дорад, лизо, фарзияи фавқ собит мешавад. Фарзияи чаҳорум, ки ҷозибаҳои шуғлӣ дар ҷиҳати ҷазби нерӯи инсонӣ омили муассир аст, баррасиҳои баамаломада ва натиҷаҳои гирифташуда нишон медиҳад, робитаи маънодоре байни ҷазби нерӯи инсонӣ ва ҷозибаҳои он мисли ҳаққи маъмурият вуҷуд дорад. Лизо, фарзияи фавқ таъйид мешавад. Фарзияи панҷум, унвон мекунад, вуҷуди омилҳои маънавӣ ба нигаҳдории коркунон метавонад муассир бошад. Чун $x^2$ муҳосибашуда дар сатҳи эҳтимоли 95% бузургтар аст, лизо, натиҷа мешавад, ки робитаи маънидоре байни нигаҳдории коркунон ва манзалати иҷтимоии онон вуҷуд дорад, лизо, фарзияи фавқ таъйид мешавад.

Ҳамон тавре ки мулоҳиза шуд, намудории фаровонии ҷомеа ва намунаи оморӣ ва хусусиёти фардии посухдиҳандагон ҳосил аз баррасиҳои компютерӣ дар марҳилаи аввал навъ ва низоми афроди посухдиҳандаро шомил гардид. Дар марҳилаи баъд посухҳои додашуда бо формулаҳои хоси оморӣ Кай Сквер муҳосиба ва мавриди бараси, таҷзия ва таҳлил қарор гирад ва посухҳои мантиқӣ дар заминаи вуҷуди робита байни ду мутағайир ё адами вуҷуди робита байни ду мутағайир ироа шуд.

Бар асоси натиҷаҳои бадастомада дар таҳқиқӣ кунунӣ, ки дар қолаби панҷ фарзия ва се суоли бастаи панҷгузинаӣ, ки бо истифода аз равишҳои оморӣ сурат гирифт, ба манзури кӯмак ба низоми нигаҳдории манобеи инсонии матлуб дар созмон ва пешгирӣ аз ба вуҷуд омадани норизоиятии шуғлӣ дар созмон, муҳаққиқ пешниҳодоти зерро тавсия менамояд. Аввал, ин ки чун вилоят аз назари бархӯрдорӣ, аз имконоти рифоҳии иқтисодӣ камбудиҳо дорад, бояд имтиёзот ва тасҳилоти ҷудогона ва ё ҳамсони соири идорот, аз қабили афзоиш дар нархи изофакор дар назар гирифта шавад. Дуюм, коркунон постҳое тарҷеҳ медиҳанд, ки битавонанд дар корашон тавсеа диҳанд. Бинобар ин, масъулин дар ҳангоми тарроҳии машоғил бояд ба он таваҷҷуҳ кунанд. Сеюм, таҳқиқот нишон дод, дар сурате ки масъулин ба хостаҳои коркунон таваҷҷуҳ кунанд, мизони алоқамандии афзоиш ва тарки хидмат коҳиш меёбад. Чаҳорум, мушорикати коркунон дар тасмимгирӣ таваҷҷуҳ ба омилҳое бояд дошт, ки таваҷҷуҳ ба омилҳои маънавӣ, таваҷҷуҳ ба камии ҳуқуқ дар муқобили гаронӣ ва таваррум ва шароити иқтисодӣ, ки дар шаъни як фарҳангии ҷомеа бошад, метавон асароти ризоияти шуғлиро афзоиш ва ба нигаҳдории коркунон дар созмон кӯмак намуд.

Дигар таваҷҷуҳ ба муҳити кор ва қонунҳо, муқаррароти истиқдоме аз омилҳои муассир дар ҷазб ва нигаҳдории коркунон мебошад. Лизо, созмонҳое, ки битавонанд далелҳо ва омилҳои муассири коҳиши ризоияти шуғлиро шинохта ва дарк кунанд, метавонанд бо бакоргирии иттилооти саҳеҳ ва бо пешбиниҳои лозим ва бемавқеъ қабл аз мунзави шудани коркунон ва беҳуд будани онон дар даруни созмон бо огоҳӣ аз мизони тамоюлот ва бо истифода аз системаҳо ва равишҳои мутмаини мудирияти муассиреро дар фароянди ҳифз ва нигаҳдории нерӯи инсонии коромад ба кор гиранд.

## АДАБИЁТ


1. Скот Ричард. Созмонҳо, системаҳои ақлонии табиӣ ва боз / Скот Ричард; тарҷумаи Аҳар Наҷонӣ Ҳасан. –Теҳрон: Самт, 2009. -С.80-85.
2. Алвонӣ Сайидмаҳдӣ. Тарҷумаи мақолаи таҳти унвони уфул, эҳсоси вафодорӣ ва таалluқи созмонӣ / Алвонӣ Сайидмаҳдӣ // Маҷаллаи мудирияти имрӯз, 1981. -№20. -С.48.
3. Абтаҳӣ Сайидҳусайн. Мудирияти манобеи инсонӣ / Абтаҳӣ Сайидҳусайн. Интишороти муассисаи таҳқиқот ва омӯзиши мудирият, 2010. -С.74.
4. Бест Ҷон. Равишҳои таҳқиқ дар улуми тарбиятӣ / Бест Ҷон; тарҷумаи Шарифӣ Толиқонӣ. –Теҳрон: Рушд, 2005. -С.42.

5. Беҳпажӯ Аҳмад. Чи касе бо чи навъ таҳсиле кадом шуғлро интихоб кунад / Беҳпажӯ Аҳмад. –Теҳрон: Интишороти Анҷумани авлиё ва мураббиён, 1994. -С.45.
6. Парҳезгор Камол. Теорияҳои мудирият / Парҳезгор Камол. –Теҳрон: Огоҳ, 1986. -С.79.
7. Ҷазанӣ Насрин. Мудирияти манобеи инсонӣ / Ҷазанӣ Насрин. –Теҳрон: Най, 2009. -С.5.
8. Ҷуҳиҷ. Теорияи созмон / Ҷуҳиҷ; тарҷумаи Доноифар. –Теҳрон: Интишороти Афкор, 2008. -С.55.
9. Хоки Ғуломризо. Равиши таҳқиқ дар мудирият / Хоки Ғуломризо. -Теҳрон: Интишороти бозтоб, 2010. -С.244.
10. Мирсипоси Носир. Мудирияти манобеи инсонӣ / Мирсипоси Носир. –Теҳрон: Нақш, 2002. -С.382.
11. Benest frank. Retaining and growing talent: strategies to create organizational, stickiness / Benest frank // Public management, 2008. -P.20-24.
12. Dolan S.E. Human resource and personnel management / S.E. Dolan, R.S. Schuler. (Ctranslator mohamad saebiand mohamad ali tosi) edition.tehran: education center of centennial management2005. -P.94.
13. Human resource strategies for managing knowledge workers: an afor asian comparative analysis / [M. Horwitz Frank et al.] // International journal of human resource management, 2006. -vol.17. -№5. -P. 774-812.
14. Hugh J. Feldman organizational behavior mc graw-will second printing / J. Hugh Arnold, C. Dantel, 1988. -P94.
15. Saks A.M. Socialization tactics and newcomer adjustment: a meta-analytic review and test of a model / A.M. Saks, K.L. Uggerslev, N.E. Fassina // Journal of vocational behavior, 2007. -vol.70. -P. 413-446.
16. Yang J. Effect of newcomer socialization on organizational commitment, job satisfaction and turnover intention in the hotel in dustry / J. Yang // Service industries journal, 2008. -vol.28. -№4. -P.431-440.
17. Hugh J. Arnold. Organizational Behavior Me Graw-Will Second Printing / J. Hugh Arnold, Dantelc Feldman, 1988. –P.94.

**ИССЛЕДОВАНИЕ ФАКТОРОВ ПРИВЛЕЧЕНИЯ И СОХРАНЕНИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКИХ РЕСУРСОВ В СИСТЕМЕ ОБРАЗОВАНИЯ И ВОСПИТАНИЯ**

В статье рассматриваются факторы привлечения и сохранения человеческих ресурсов в системе образования и воспитания. Управление человеческими ресурсами в образовательной сфере в современный период должно представлять собой систему, которая позволяет активно создавать, результативно применять и распространять знания на основе развития ключевых компетенций сотрудников, повышения их производительности труда, рационального распределения их усилий между различными направлениями деятельности и формирования эффективной системы управления человеческими ресурсами

**Ключевые слова:** система формирования и развития человеческих ресурсов, сфера образования и воспитания, развитие ключевых компетенций, эффективное управление человеческими ресурсами.

**THE STUDY OF THE FACTORS ATTRACTING AND RETAINING HUMAN RESOURCES IN THE SYSTEM OF EDUCATION AND UPBRINGING**

The article considers the factors attracting and retaining human resources in the system of education and upbringing. Human resource management in the educational sphere in the modern period should be a system that allows you to actively create, effective use and promote knowledge-based development of key competences of employees, increase their productivity, rational distribution of effort between the various activities and formation of an effective system of human resources management

**Key words:** system of formation and development of human resources, education and training, development of key competencies, effective management of human resources.

**Сведения об авторе:** ***Алиризо Наджафи*** – соискатель Таджикского национального университетат

# МУҚОИСАИ РАВИШИ ҚИМАТГУЗОРИИ САҲМИЯ ДАР ШИРКАТҲОИ ПАЗИРУФТАШУДАИ БУРСИ АВРОҚИ ЭРОН

***Комбиз Аҳмади Анголӣ, Исмоили Оқоҷорӣ, Ҳабибуллоҳ Расулӣ***
**Донишгоҳи озоди исломии Маркази омӯзишҳои байналмилалии Халиҷи Форс**

Қиматгузории саҳҳом яке аз муҳимтарин ва дар айни ҳол печидатарин мароҳили амалиётии муомилоти бурсҳо мебошад. Дар кишварҳои пазируфта, ки дорои бозори сармояи мутараққӣ ва низомёфта ҳастанд, таъйини қимати саҳҳом тавассути бурси авроқи баҳодор анҷом намегирад, балки бонкҳои сармоягузорӣ ширкатҳои пазиранависӣ ва ширкатҳои коргузорӣ қимати пояи саҳҳомро таъйин ва ҳатто, нисбат ба қиматҳои баъдии саҳҳом ва тағйироти қиматҳои ҳосила эҳсоси масъулият намуда ва аксуламал нишон медиҳанд.

Дар Эрон ба далели короии поёни низоми бозори сармоя ва фуқдони бонкҳои сармоягузорӣ ва ширкатҳои пазиранависӣ анҷоми ин амри муҳим ба уҳдаи Созмони бурси авроқи баҳодор гузошта шудааст. Идораи арзёбии саҳҳоми бурси авроқи баҳодори Эрон масъулияти таъйини қимати пояи саҳҳом ва қимати саҳҳоми пас аз баргузории маҷмаи умумиро тақрибан аз шурӯи фаъолияти муҷаддади Созмони бурс дар соли 1368 то мақтаи мунтаҳӣ ба хурдоди соли 1374 ба уҳда доштааст.

Яке аз вижагиҳои таъйини қимат дар бурси Эрон мустамар будани фароянди он аст. Дар кишварҳои дигар қимати аввалияи саҳҳом танҳо ба унвони нуқтае барои

шурӯи мубодилаи саҳҳом ба кор меравад ва баъд аз он танҳо арза ва тақозост, ки бар таъйини қиматҳо ҳукмронӣ мекунад.

Дар сурате ки бозори бурси авроқи баҳодор битавонад вазифаи худ, ки ҷараёни сармоя ва тахсиси он ба сурати беҳина аст, ба хубӣ амал кунад, метавонад бо ҷазби сармояҳои хориҷӣ низ ба пешрафти иқтисодӣ кӯмаки бузурге намояд. Бинобар ин, лозим аст таҳқиқҳое монанди таҳқиқи ҳозир, ки ба баррасии корoии бурси авроқи баҳодор мепардозад, анҷом гиранд ва бо гузориши натоиҷ ба тасмимоти кор кӯмак карда, ҳамчунин пешниҳодҳое дар ҷиҳати корoии ҳар чи бештари ин бозор ироа кард.

Пешинаи таҳқиқ. Бутман ва Майкл Ҷей Боскин дар таҳқиқи худ зариби P | E- ро мавриди таваҷҷуҳ қарор доданд. Ин ду як ҷомеаи оморӣи шомили 80 ширкат аз ширкатҳои узви Бурси Ню-Йорк интихоб карданд ва ширкатҳои интихобиро ба ду гурӯҳ тақсим карданд. Дастаи аввал шомили ширкатҳои рақиби мавҷуд дар як санъати хос ва дастаи дуюм ширкатҳои як санъати хос, ки дорои бештарин шабоҳат аз ҳайси нархи рушди суди соли гузашта ҳастанд. Натиҷаи кор нишон дод, ки зариби P | E дар шароите, ки ширкатҳои рақиб бар асоси бештарин шабоҳат аз ҳайси рушди суди даҳ соли гузаштаи худ дар як санъат интихоб шуданд, дақиқтар хоҳад буд.

Олфорд ва ҳамкоронаш низ таҳқиқе дар заминаи равиши арзишёбии P | E додаанд. Онҳо намунаҳои мутааддиде аз ширкатҳои бурсро бар асоси меъёрҳои мухталифе ҳамчун узвият дар санъат, маҷмӯи дороиҳо, боздеҳи ҳуқуқи соҳибони саҳҳом интихоб карданд ва зариби P | E-ро барои ҳар кадом аз онҳо муҳосиба намуданд. Дар поён онҳо ба ин натиҷа расиданд: равиши арзишёбии P | E, ҳангоме ки интихоби ширкатҳои рақиб бар асоси як санъати хос ё қисмате аз як санъати хос, ки бар мабнои маҳо ва боздеҳи дафтарии ҳуқуқи соҳибони саҳҳом анҷом мешавад, аз бештарин диққат бархурдор аст.

Опун таҳқиқоти қимати даромадро дар бозорҳои марсум ба бозорҳои навзуҳур анҷом дод. Навзуҳур бозорҳои сармояи нисбатан кӯчак дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа мебошад. Опун ҳамбастагӣ миёни қиматҳои бозор ва мутағайирҳои ҳисобдорӣ аз судоварии ширкатро мавриди баррасӣ қарор дод. Ҷомеаи оморӣи ӯ, Зимбова ва намунаи ӯ шомили 47 ширкати узви бурси мазбур буд. Вай чаҳор мутағайирро мавриди арзёбӣ қарор дод:

- суди ҳар саҳм;
- суди нақдии ҳар саҳм;
- нисбати суди холис баъд аз молиёт ба фурӯш;
- боздеҳи холиси дороиҳо.

Натоиҷи таҳқиқи Опун иртиботи мусбате байни ин мутағайирҳои ҳисобдорӣ ва мутағайири қимати саҳҳоми ширкатҳо нишон медиҳад, бештарин иртибот дар ин замина иртибот байни қимат ва суди ҳар саҳм мебошад.

Ди-Анҷело низ назарияе дар робита бо равишҳои арзёбии саҳҳоми ширкатҳои саҳҳомии ом ироа дорад. Тибқи назарияи ӯ саҳҳоми ширкатҳо ба чаҳор равиши нисбати қимат бар даромади ширкатҳои қобили муқоиса нисбати қимати хариди феълӣ ба қиматҳои гузаштаи ширкатҳои қобили муқоиса, равиши ҷараёни нақдии танзилшуда ва равиши арзиши дороӣ метавонанд мавриди арзёбӣ қарор гиранд.

Абдуллоҳзода таҳқиқе тахти унвони «Баррасии равишҳои қиматгузорӣ» анҷом дод. Дар ин таҳқиқ чигунагии арзиши саҳҳоме, ки барои аввалин бор ба умум арза мегардад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Натоиҷи таҳқиқ нишон медиҳад, ки равиши мавриди истифодаи бурси авроқи баҳодори Эрон дар таъйини қимати пояи саҳҳом, мунтабиқ бо қавоид ва усули сармоягузорӣ ва ҳамчунин, вижагиҳои иқтисодӣ ва муҳитии ширкат намебошад.

Ашраф Ризоӣ ва Наҷотӣ дар таҳқиқи худ натиҷа гирифтанд, ки қимати саҳҳоми ширкатҳои мавриди баррасии пазируфташуда дар бурс пас аз маҷмаъ бо қиматҳои муҳосиботӣ аз равишҳои назариявӣ мутобиқат надорад.

Мутағайирҳои таҳқиқ. Дар ин пажӯҳиш ду мутағайири мустақил ва як мутағайири вобаста мавриди истифода қарор гирифтааст. Мутағайирҳои мустақили таҳқиқи саҳҳоми ширкатҳои намуна ба кӯмаки нархи танзил 17 ва 26% ва мутағайири вобаста низ қимати рӯзи саҳҳоми ширкатҳои мазбур мебошад. Наҳваи муҳосиба ва андозагирии ҳар як аз мутағайирҳои мазбур ба шарҳи зер аст:

- мутағайири вобастаи таҳқиқ. Мутағайири вобастаи таҳқиқ қимати рӯзи саҳҳоми ширкатҳои мавриди баррасӣ тибқи қиматҳои эъломшуда дар бурси авроқи баҳодори Теҳрон пас аз маҷмаи умумии одии солона аст;

- мутағайирҳои мустақил. Моделҳои зиёде дар сатҳи назарӣ барои арзёбии қимати саҳҳом дар бурс вуҷуд дорад, ки бо таваҷҷуҳ ба шароити мухталиф ва додаҳои дар дастрас мавриди истифода қарор мегирад. Аз ҷумлаи ин моделҳо модели зарибии қимат ба суди ҳар саҳм, боздеҳи мутавассити таҳқиқёфта, модели қиматгузории дороиҳои сармоявӣ, модели суди тақсимӣ (Гвардан) ва ғайра мебошад, ки ҳар як аз ин равишҳо ба таври куллӣ дорои маоиб ва маҳосин низ ҳастанд.

Аз он ҷо ки харидорони саҳҳом ҳангоми хариди саҳҳом ба мизони суд ва афзоиши қимати саҳҳом дар оянда таваҷҷуҳ доранд, формулаи куллии арзиши ҳар саҳм ба шарҳи зер мебошад:

V0= арзиши саҳм дар ибтидои соли аввал;

D1= суди пардохтии мавриди интизори ҳар саҳм дар поёни соли аввал;

V1= қимати мавриди интизори ҳар саҳм дар поёни соли аввал;

K= нархи боздеҳи мавриди интизори сармоягузорӣ.

Ин нархи боздеҳ бо таваҷҷуҳ ба нархи боздеҳи бидуни риск ва низ ҳадду ҳудуди рискнависии арзиши саҳҳом таъйин мешавад. Ҳадду ҳудуди ин рискро сарфи риск меноманд. Сарфи риск он миқдор боздеҳи изофӣ аст, ки сармоягузор барои ҷуброни зиёнҳои эҳтимолӣ интизор дорад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки анҷоми таҳқиқ дар давраи n солона имконпазир нест, бинобар ин давраи таҳқиқи 3-сола дар назар гирифта шуда ва модели таҳқиқ ба шакли зер таъдил мешавад, ки дар ин модел P қимати саҳм дар интиҳои давраи сесола аст.

Фарзияҳои таҳқиқ: Фарзияи аввал. Байни қимати саҳҳом пас аз маҷмаи умумии одӣ ва қимати саҳҳом ба равиши назариявӣ бо нархи 17% мутобиқат вуҷуд дорад.

Фарзияи дуюм. Байни қимати саҳҳом пас аз маҷмаи умумии одӣ ва қимати саҳҳом ба равиши назариявӣ бо нархи 26% мутобиқат вуҷуд дорад.

Ҷомеа ва намунаи оморӣ. Ҷомеаи омории таҳқиқ, ширкатҳои пазируфташуда дар бурси авроқи баҳодори Теҳрон аз ибтидои соли 1384 то поёни соли 1387 ба муддати 4 сол будааст, ки дар тайи ин давра узвияти худро дар бурси авроқи баҳодор ҳифз кардаанд. Барои дастёбӣ ба натоиҷи қобили иттико ширкатҳое, ки пас аз соли 1384 вориди бурс шуда, ё дар тайи давраи таҳқиқ аз бурс хориҷ шудаанд, дар ҷомеаи оморӣ қарор нагирифтанд. Афзун бар ин, ҷомеаи оморӣ бо истифода аз шароити зер таъдил шудааст:

1) намуна шомили ширкатҳои аз навъи таъминкунандаи молӣ, сармоягузорӣ ва бимаӣ набошад;

2) ширкатҳои намуна дорои соли молии мунтаҳӣ ба поёни соли тақвимӣ бошанд;

3) додаҳои мутағайирҳои таҳқиқ барои ширкатҳои мавриди назар қобили дастрас бошанд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин маҳдудиятҳо 162 ширкат шароити ҳузур дар ҷомеаи омориро доштаанд. Барои бароварди ҳаҷми намуна, бо таваҷҷуҳ ба ин ки куллияи мутағайирҳои мавриди истифода дар пажӯҳиши каммӣ будаанд, аз формулаи Кукрон истифода шудааст, ки теъдоди намуна низ баробари 63 ширкат хоҳад буд.

Бароварди модел ва озмуни фарзияҳо. Дар ин таҳқиқ бо таваҷҷуҳ ба навъи додаҳо ва равишҳои таҷзия ва таҳлили омории мавҷуд аз равиши иқтисодсанҷии додаҳои бурриши мақтаии солона барои баррасии озмуни фарзияҳо истифода шудааст. Дар равиши баррасии мақтаӣ мутағайирҳо ва иртиботи онҳо дар миёни мақотеъ (кишвар, ширкат ё афрод) ва дар ҳар як аз солҳо баррасӣ мешавад. Барои баррасии фарзияҳои пажӯҳиш аз ин озмун истифода кардаем:

x- миёнгини бадастомада аз додаҳо;

S- инҳирофи меъёри стандартии бадастомада аз додаҳо;

n- теъдоди намуна

Тибқи ин озмун агар миқдори t мушоҳидашуда аз tn-1, а бештар бошад, фарзи 0 рад хоҳад шуд. Лизо, натиҷа мешавад, ки қиматҳои бурси авроқи баҳодори Теҳрон бо қиматҳои саҳҳоми муҳосибашуда ба равиши Гвардан мутобиқат надоранд

Натиҷаи озмуни фарзияҳои таҳқиқ. Натиҷаи озмуни фарзияи аввал ҳосил аз модели t- test барои ҳар як аз солҳои 1384 то 1387 (равиши солона) дар ҷадвали 1 ироа шудааст.

**Ҷадвали 1. Натоиҷи озмуни фарзияи аввал ба равиши солона (мақтаӣ) бо нархи боздеҳи 17%**

| шарҳ | 1384 | 1385 | 1386 | 1387 |
|---|---|---|---|---|
| Омораи t | 11 / 31 | 14 / 04 | 12 / 38 | 10 / 92 |
| m | 7214 | 6641 | 8202 | 8723 |
| mG | 9846 | 7928 | 10387 | 8829 |
| натиҷаи озмун | радди фарзия | радди фарзия | радди фарзия | радди фарзия |

Натоиҷи озмуни фарзияи аввали таҳқиқ дар солҳои мухталиф аз соли 1384 то 1387 яксон мебошад. Бар асоси иттилооти мундариҷ дар ҷадвали 1 фарзияи аввали таҳқиқ рад мешавад. Ин натоиҷ ба ин маъност, ки қиматҳои саҳҳоми эъломшудаи ширкатҳои мавриди баррасӣ дар бурси авроқи баҳодори Теҳрон пас аз ташкили маҷомеи умумӣ бо қиматҳои саҳҳоми муҳосибашуда ба равиши арзиши феълии оидоти отии Гвардан бо нархи боздеҳи мавриди интизор 26% мутобиқат надорад. Яъне, қиматҳои воқеии саҳҳоми ширкатҳои мазбур бо қиматҳои зотӣ ва муҳосибашуда ба равиши назариявӣ яксон нест.

Натоиҷи озмуни фарзияи дуюм ҳосил аз озмуни модели t- test барои ҳар як аз солҳои 1384 то 1387 (равиши солона) дар ҷадвали 2 ироа шудааст. Натоиҷи озмуни фарзияи дуюми таҳқиқ дар солҳои мухталиф аз соли 1384 то 1387 низ яксон аст. Бар асоси иттилооти мундариҷ дар ҷадвали 2, фарзияи дуюми таҳқиқ рад мешавад. Ин натоиҷ ба ин маъност, ки қиматҳои саҳҳоми эъломшудаи ширкатҳои мавриди баррасӣ дар бурси авроқи баҳодори Теҳрон пас аз ташкили маҷомеи умумӣ бо қиматҳои саҳҳоми муҳосибашуда ба равиши арзиши феълии оидоти отии Гвардан бо нархи боздеҳи мавриди интизор 26% мутобиқат надорад. Яъне, қиматҳои воқеии саҳҳоми ширкатҳои мазбур бо қиматҳои зотӣ ва муҳосибашуда ба равиши назариявӣ яксон нест.

Натоиҷи озмуни фарзияи дуюм ҳосил аз озмуни модели t- test барои ҳар як аз солҳои 1384 то 1387 (равиши солона) дар ҷадвали шумораи 2 ироа шудааст. Натоиҷи озмуни фарзияи дувуми таҳқиқ дар солҳои мухталиф аз соли 1384 то 1387 низ яксон аст. Бар асоси иттилооти мундариҷ дар ҷадвали 2, фарзияи дуюми таҳқиқ рад мешавад. Ин натоиҷ ба ин маъност, ки қиматҳои саҳҳоми эъломшудаи ширкатҳои мавриди баррасӣ дар бурси авроқи баҳодори Теҳрон пас аз ташкили маҷомеи умумӣ бо қиматҳои саҳҳоми муҳосибашуда ба равиши арзиши феълии оидоти отии Гвардан бо нархи боздеҳи мавриди интизор 26% мутобиқат надорад. Яъне, қиматҳои воқеии саҳҳоми ширкатҳои мазбур бо қиматҳои зотӣ ва муҳосибашуда ба равиши назарӣ яксон нест.

**Ҷадвали 2. Натоиҷи озмуни фарзияи дувум ба равиши солона (мақтаӣ) бо нархи боздеҳи 26%**

| шарҳ | 1384 | 1385 | 1386 | 1387 |
|---|---|---|---|---|
| Омораи t | 10 / 66 | 12 / 26 | 12 / 49 | 9 / 86 |
| m | 11092 | 8247 | 6981 | 6620 |
| mG | 9882 | 7873 | 7004 | 5890 |
| Натиҷаи озмун | радди фарзия | радди фарзия | радди фарзия | радди фарзия |

Далоили адами мутобиқати қиматҳои воқеии саҳҳом бо қиматҳои муҳосибашуда ба равиши назарии Гвардан мумкин аст мутааддид бошад, ки дар фасли панҷум то ҳудуде ба ин далоили эҳтимолӣ ишора шудааст.

Натиҷагирӣ ва пешниҳодҳо. Натоиҷи бадастомада аз фарзияҳои аввал ва дувуми таҳқиқ ҳокӣ аз он будаанд, ки қимати саҳҳоми эъломшудаи ширкатҳои пазируфташуда дар бурси авроқи баҳодор пас аз маҷомеи умумии онҳо бо қиматҳои бадастомада аз модели назарӣ (модели Гвардан) бо нархҳои 17 26% баробар намебошанд. Пас, бо таваҷҷуҳ ба ин натоиҷ метавон баён кард, ки қимати саҳҳоми ширкатҳои мавҷуд дар бурс бар арзиши зотии онҳо мунтабиқ нест.

Далоили адами интибоқи қиматҳои воқеии саҳҳоми ширкатҳои мавриди озмун бо қиматҳои зотӣ ва назариявии онҳо мумкин аст мутафовит бошад. Аз абъоди мухталифе метавон ин мавзӯъро баррасӣ кард. Яке аз далоили ин ихтилоф мумкин аст адами пешбинии саҳеҳи нархи боздеҳи мавриди интизор дар бозори сармоя бошад. Дар ин замина метавон гуфт, дар бурси авроқи баҳодори Теҳрон ин мутағайир ва соири мутағайирҳои мушобеҳ, ки метавонанд дар модел таъсире дошта

бошанд, монанди нархи рушд тобеи шароити иқтисодӣ нестанд ва арзаву тақозо нақши кӯчаке дар таъйини онҳо ифо менамоянд ва ин адами короии бозору дар натиҷа, адами эҷоди заминаи лозим ва бистари муносиб барои истифода аз модели назариро рақам мезанад.

Дар анҷом таҳқиқҳо ба шарҳи зер пешниҳод мешавад:

а) дар ин таҳқиқ бо таваҷҷуҳ ба далоили мавҷуд аз модели Гвардан барои пешбинии арзиши зотӣ истифода шуд, ки метавон бидуни дар назар гирифтани ин далоил моделҳои дигареро, ки дар мудирияти молӣ вуҷуд доранд, мавриди озмоиш қарор дод. Ҳамчунин, метавон барои таъйини барозандагии моделҳои мавҷуд нисбат ба иттилооти ҳозир дар бозори бурси авроқи баҳодори Теҳрон дар як боздеҳи замонии муайян ва бо яксарии иттилооти яксон ин моделҳоро мавриди баррасӣ қарор дода ва бо якдигар муқоиса кард;

б) дар ин таҳқиқ аз ду нархи боздеҳ барои тамоми ширкатҳо истифода шуда буд, ки метавон ин нархҳои боздеҳи мавриди интизорро барои ширкатҳои мавҷуд дар ҳар санъат ба сурати ҷудогона пешбинӣ намуда ва бо таваҷҷуҳ ба ин нархҳо қиматҳо таъйин ва бо қиматҳои мубодилоти мавҷуд муқоиса шавад.

## АДАБИЁТ


1. Ашрафзода Меҳргон. Иқтисодсанҷии Понл Дито / Ашрафзода Меҳргон // Муассисаи таҳқиқоти таовун. -Теҳрон: Донишгоҳ, 1387.
2. Ашрафӣ, Ғуломризо. Маҷмӯаи қавонини бозаргонӣ / Ашрафӣ, Ғуломризо. -Теҳрон: Ҷовидон, 1377.
3. Зарроънажод. Корбурди додаҳои таркибӣ дар иқтисодсанҷӣ / Зарроънажод ва Анворӣ // Баррасии иқтисодӣ.- Теҳрон, 1384.- №2.
4. Озар Одил. Омор ва корбурди он дар мудирият (таҳлили оморӣ) / Озар Одил, Муъминӣ Мансур. - Теҳрон: Самт, 1381.- Ҷ. 2.
5. Ҳофизниё Ризо. Омор ва эҳтимолот / Ҳофизниё Ризо. -Теҳрон: Навин, 1383.
6. Ҷаҳонхонӣ Алӣ. Бурси авроқи баҳодор / Ҷаҳонхонӣ Алӣ, Порсоиён Алӣ. -Теҳрон, 1385. -Ч.1.
7. Ҷаҳонхонӣ Алӣ. Мудирияти сармоягузорӣ ва арзёбии авроқи баҳодор / Ҷаҳонхонӣ Алӣ, Порсоиён, Алӣ. -Теҳрон: Донишкадаи мудирият, 1376.- Ч. 1.
8. Ҷаҳонхонӣ Алӣ. Шеваҳои таъмини молии ширкатҳо дар шароити кунунии бозори сармоя / Ҷаҳонхонӣ Алӣ. -Теҳрон: Ҳисобдор, 1374. -№112.


## СРАВНЕНИЕ МЕТОДОВ ОЦЕНКИ АКЦИЙ В ТЕГЕРАНСКОЙ ФОНДОВОЙ БИРЖЕ


Фондовая биржа - это биржа, где совершаются сделки по ценным бумагам. Через фондовую биржу мобилизуются средства для долгосрочных инвестиций в экономику и для инвестиций государственных программ. Фондовые биржи благодаря торговле ценными бумагами, могут сосредотачивать в своих руках большие капиталы, которые в дальнейшем привлекаются для развития производства. Здесь осуществляется купля - продажа акций и облигаций акционерных обществ, а также облигаций государственных займов.

Тегеранская фондовая биржа основана в 1968 году в Тегеране для осуществления торговли ценными бумагами. С 1990 года начал использоваться индекс цен акций в качестве основного показателя движения цен. Индекс является взвешенной рыночной стоимостью всех курсов акций, которые появляются в котировках Тегеранской фондовой биржы.



**Ключевые слова:** фондовая биржа, сделки по ценным бумагам, долгосрочные инвестиции в экономику, осуществление торговли ценными бумагами, Тегеранская фондовая биржа.


## COMPARISON OF METHODS OF VALUATION OF SHARES IN THE TEHRAN STOCK EXCHANGE


The stock exchange is a market where transactions are made on securities. Through the stock exchange mobilise funds for long-term investment in the economy and investments of the state programs. Stock exchange due to trading in securities can concentrate in their hands the big capitals, which are involved in production development. Here is the purchase and sale of shares and bonds of joint stock companies and bonds of the state loan.

The Tehran stock exchange founded in 1968 in Tehran for trading in securities. From 1990 he used an index of the prices of shares in the leading indicator of price movements. The index is weighted by the market value of all stock prices that appear in the quotations of the Tehran stock exchange.



**Key words:** stock exchange transactions on securities, long-term investment in the economy, trade securities, the Tehran stock exchange.



**Сведения об авторах:** ***Комбиз Ахмади Анголи*** **–** Свободный исламский университет, Центр международного обучения, Персидский Залив, Иран

***Исмоил Огоджори*** - Свободный исламский университет, Центр международного обучения, Персидский Залив, Иран

***Хабибуллох Расули*** - Свободный исламский университет, Центр международного обучения, Персидский Залив, Иран

# БАРРАСИИ ТАЪСИРИ ФАКТОРҲОИ ИҚТИСОДӢ БАР ДАРАҶАИ МУҲОФИЗАКОРӢ ДАР ШИРКАТҲОИ ПАЗИРУФТАШУДА ДАР БИРЖАИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ТЕҲРОН

*Муҳаммад Рамазони Аҳмадӣ*
**Ҷумҳурии Исломии Эрон**

Ҳендриксон муътақид аст, ки бакоргирии мафҳуми муҳофизакорӣ дар шароити адами итминон тавассути ҳисобдорон боиси як нав гумроҳӣ ва инҳироф дар иттилооти пешниҳодшуда дар суратҳои молӣ мегардад. Ҳадафи суртаҳои молӣ кӯмак ба истифодакунандагон дар фароянди тасмимгирӣ аст. Ҳамчунин Бол бар ин боварaст, ки корбурди мафҳуми муҳофизакорӣ ба маънои муқобилаи даромадҳои давраи ҷорӣ бо бархе аз ҳазинаҳои марбут ба адвори отӣ аст. Натиҷаи ин амр коҳиши суди давраи ҷорӣ ва эҷоди навъи захираҳои пинҳон хоҳад буд. Ин гуна захираҳои пинҳон дар давраҳои оянда абзоре дар ихтиёри мудирияти ширкат қарор хоҳанд дод, то ба кӯмаки онҳо судҳои давраҳои отиро афзоиш диҳанд. Ба таври табиӣ дар натиҷаи ин гуна асарот кайфияти суди гузоришшуда коҳиш хоҳад ёфт. Бар асоси далели пешгуфта, ҳайати стандартҳои ҳисобдории молӣ ва ҳайати стандартҳои байналмилалии ҳисобдорӣ дар пружаи муштарак тадвини чаҳорчӯби мафҳумҳои назарии гузоришгарии молӣ мухолифати худро бо мафҳуми муҳофизакорӣ иброз доштаанд. Аз ҷумлаи ин қарордодҳо метавон ба қарордодҳои дарёфти эътибор аз бонкҳо ва муассисоти эътиборӣ ва пардохти подош ва ташвиқ ба мудирон ишора кард. Дар натиҷа асли муҳофизакорӣ метавонад асароти манфии ношӣ аз қарордодҳои пешгуфтаро коҳиш диҳад.

**Мабонии назарӣ ва пешинаи таҳқиқ.** Ҳайати усули ҳисобдорӣ дар баёнияи №4 баён медорад, ки муҳофизакорӣ ба унвони як мафҳум дар ҳисобдорӣ дар натиҷаи боварҳои мудирон, сармоягузорон ва ҳисобдорон эҷод шудааст. Зеро тамоми гурӯҳҳои мазкур ба вуҷуди хатоҳо дар фароянди андозагирии дороиҳо, бадеҳиҳо, даромадҳо ва ҳазинаҳо эътиқод доранд.

**Анвои муҳофизакорӣ.** Бол баён медорад, ки муҳофизакорӣ дар ҳисобдорӣ ба сурати ошкоре қобили тақсим буд. Ӯ муътақид аст, ки муҳофизакории ғайримашрут ва муҳофизакории машрут аз ҷанбаи иқтисодӣ дорои ду мафҳуми комилан мутафовит мебошанд, ба гунае ки аз ҳар кадом аз онҳо миқёсҳои мутафовите ҳосил хоҳад шуд. Зеро ҳар кадом аз онҳо дар натиҷаи шароити комилан мутафовите эҷод шудаанд. Бинобар ин, осори итисодии онҳо ба шакли қобили таваҷҷуҳе мутафовит хоҳад шуд.

**Асароти муҳофизакорӣ бар арзишёбии ширкат.** Зиҳонг иқдом ба мутолиаи таъсири муҳофизакорӣ бар арзиши ширкат аз тариқи баррасии робита байни иттилооти ҳисобдории гузоришшуда ва арзиши бозори ширкат пардохт. Ин мутолиа нишон дод, ки муҳофизакорӣ таъсироти мустақиме бар нисбати арзиши дафтарӣ ба арзиши бозори ширкат дорад ва ба ибораи дигар, ҳарчи нисбати арзиши дафтарӣ ба арзиши бозори ширкат кӯчактар бошад, дараҷаи муҳофизакорӣ дар он ширкат бештар аст:

**1. Андозаи ширкат.** Усулан ширкатҳои бузург беш аз ширкатҳои кӯчак тахти таъсири фишорҳои сиёсӣ қарор мегиранд. Аз ин рӯ, эҳтимолан ширкатҳои бузург дар муқоиса бо ширкатҳои кӯчак аз равишҳои муҳофизакоронатаре истифода мекунанд. Аз сӯйи дигар, Босу муътақид аст, ки ширкати кӯчак дар муқоиса бо ширкатҳои бузург хатароти бештареро муҳаммил мешаванд. Ин хатарот боис мегардад, ки ширкатҳои кӯчак бештар аз ширкати бузург бо даъвоҳои ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ хоҳанд буд. Бинобар ин, ба эътиқоди ӯ ширкатҳои кӯчак равишҳои муҳофизакоронатаре дар муқоиса бо ширкатҳои бузург ба кор хоҳанд гирифт. Ширкатҳои кӯчак дар муқоиса бо ширкатҳои бузург бо хатароти молӣ ва варшикастагии бештаре мувоҷеҳ хоҳанд шуд. Аз ин рӯ, лозим аст дараҷаи муҳофизакорӣ бар асоси андозаи ширкат мавриди озмун қарор гирад.

**2. Фишурдагии сармоя.** Ҳарчи ҳаҷми дороиҳои собиқи ширкат бештар бошад, дар натиҷа дараҷаи ҳассосияти сиёсии он низ афзоиш хоҳад ёфт. Зеро ҳарчи дороиҳои собит бештар бошад, таъсири ин гуна ширкатҳо бар сохтори иқтисодӣ ва барномаҳои тавсеаи ҷомеа бештар аст. Бинобар ин, ин гуна ширкатҳо, эҳтимолан хатимашҳои муҳофизакоронаеро дар муқоиса бо соири ширкатҳо тарҷеҳ медиҳанд.

**в) Мизони инҳисор.** Ҳарчи мизони инҳисори ширкат бештар бошад, дар натиҷа дараҷаи ҳассосияти сиёсии он низ афзоиш меёбад. Дар натиҷа эҳтимоли интихоби хатимашҳои муҳофизакорона дар ин гуна ширкатҳо афзоиш меёбад.

**г) Нисбати бадеҳӣ.** Ҳарчи нисбати бадеҳии ширкат бузургтар бошад, ширкатҳо хатимашҳоеро ба кор мегиранд, ки судро афзоиш диҳанд, то аз ин тариқ нисбати бадеҳии худро таъдил кунанд. Ҳадаф аз ин коҳиш фароҳам намудани шароит ҷиҳати дарёфти эътибор ба тасҳилот мебошад. Ба ибораи дигар, ҳарчи нисбати бадеҳӣ болотар бошад, ширкат аз равишҳои ғайримуҳофизакорона истифода хоҳад кард.

**Равиши таҳқиқ.** Таҳқиқи ҳозир ба ин иллат, ки робитаи муҳофизакорӣ бо андозаи ширкат, фишурдагии сармоя, вазъияти инҳисор ва нисбати бадеҳиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад аз манзари ҳадаф корбурдӣ ва аз назари навъ тавсифӣ мебошад. Дар ин таҳқиқ барои зариби регрессия аз озмуни t –истюдант ва барои маънодорӣ модели регрессия аз омори фишор дар сатҳи 95% истифода шудааст.

**Фарзияи аслӣ.** Байни омилҳои иқтисодӣ ва дараҷаи муҳофизакории ғайримашрут дар ширкатҳои пазируфташудаи биржаи қоғазҳои қиматноки Теҳрон робитаи маънодоре вуҷуд дорад.

**Фарзияи фаръии аввал.** Байни андозаи ширкат ва дараҷаи муҳофизакории ғайримашрут дар ширкатҳои пазируфташудаи биржаи қоғазҳои қиматноки Теҳрон робитаи маънодоре вуҷуд дорад.

**Фарзияи фаръии дуюм.** Байни вазъияти инҳисор ва дараҷаи муҳофизакории ғайримашрут дар ширкатҳои пазируфташудаи биржаи қоғазҳои қиматноки Теҳрон робитаи маънодоре вуҷуд дорад.

**Фарзияи фаръии сеюм.** Байни фишурдагии сармоя ва дараҷаи муҳофизакории ғайримашрут дар ширкатҳои пазируфташудаи биржаи қоғазҳои қиматноки Теҳрон робитаи маънодоре вуҷуд дорад.

**Фарзияи фаръии чорум.** Байни нисбати бадеҳӣ ва дараҷаи муҳофизакории ғайримашрут дар ширкатҳои пазируфташудаи биржаи қоғазҳои қиматноки Теҳрон робитаи маънодоре вуҷуд дорад.

**1. Фарзияи фаръии аввал барои ширкатҳои кӯчак.** Ба манзури баррасии хаттӣ ва ғайрихаттӣ будани робитаи байни андозаи ширкат ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои кӯчак фарзияҳои зер матраҳ гардид. Бо таваҷҷуҳ ба сатҳи маънодор, ки баробари 0,017 баровард гардид, мушаххас шуда, ки sig<0,05 аст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки дар сатҳи итминони 95% робитаи хатти байни андозаи ширкат ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои кӯчак вуҷуд дорад. Бинобар ин, фарзи иддаои $H_1$ пазируфта мешавад.

Зариби ҳамбастагӣ байни андозаи ширкат ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои кӯчак 0,177 мебошад, ки нишондиҳандаи як робитаи маънодор ва мустақим байни ин ду мутағайир аст. Миқдори зариби таъйин баробар бо 0,31% аст, ки танҳо баёнгари ин мафҳум аст, ки тағйир дар мизони дараҷаи муҳофизакорӣ метавонад 3,1% аз тағйири андозаи ширкат дар ширкатҳои кӯчакро тавзеҳ диҳад.

**1.2. Фарзияи фаръии аввал барои ширкатҳои бузург.** Ба манзури баррасии хаттӣ ва ғайрихаттӣ будани робитаи байни андозаи ширкат ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои бузург фарзияҳои зер матраҳ гардид. Бо таваҷҷуҳ ба сатҳи маънодорӣ, ки баробари 0,494 баровард гардид, мушаххас шуд, ки sig>0,05 аст. Метавон гуфт, ки дар сатҳи итминони 95% робитаи хаттӣ байни андозаи ширкат ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои бузург вуҷуд надорад.

**2. Фарзияи фаръии дуюм барои ширкатҳои кӯчак.** Ба манзури баррасии хаттӣ ва ғайрихаттӣ будани робитаи байни вазъияти инҳисор ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои кӯчак фарзияҳои зер матраҳ гардид. Бо таваҷҷуҳ ба сатҳи маънодор, ки баробари 0,038 баровард гардид, мушаххас шуда, ки sig<0,05 аст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки дар сатҳи итминони 95% робитаи хаттӣ байни вазъияти инҳисор ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои кӯчак вуҷуд дорад. Бинобар ин, фарзи иддаои $H_1$ пазируфта мешавад.

Зариби ҳамбастагӣ байни вазъияти инҳисор ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои кӯчак -0,154 мебошад, ки нишондиҳандаи як робитаи маънодор ва манфӣ байни ин ду мутағайир аст. Ба ин маъни ки бо афзоиш ё коҳиши вазъияти инҳисор дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои кӯчак коҳиш ё афзоиш меёбад. Миқдори зариби таъйин баробар бо 0,24% аст, ки танҳо баёнгари ин мафҳум аст, ки тағйир дар мизони дараҷаи муҳофизакорӣ метавонад 2,4% аз тағйир дар вазъияти инҳисори ширкатҳои кӯчакро тавзеҳ диҳад.

**2.1. Фарзияи фаръии дуюм барои ширкатҳои бузург.** Ба манзури баррасии хаттӣ ва ғайрихаттӣ будани робитаи вазъияти инҳисор ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои бузург фарзияҳои зер матраҳ гардид. Бо таваҷҷуҳ ба сатҳи маънодорӣ, ки баробари 0,046 баровард гардид, мушаххас шуд, ки sig>0,05 аст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки дар сатҳи итминони 95% робитаи хаттӣ байни вазъияти инҳисор ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои бузург вуҷуд дорад.

Зариби ҳамбастагии байни вазъияти инҳисор ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои бузург -0,326 мебошад, ки нишондиҳандаи як робитаи маънодор ва манфӣ байни ин ду мутағайир аст. Миқдори зариби таъйин баробар бо 1,06% аст, ки танҳо баёнгари ин мафҳум аст, ки тағйир дар мизони дараҷаи муҳофизакорӣ метавонад 10,6% аз тағйир дар вазъияти инҳисори ширкатҳои бузургро тавзеҳ диҳад.

**3. Фарзияи фаръии сеюм барои ширкатҳои кӯчак.** Ба манзури баррасии хаттӣ ва ғайрихаттӣ будани робитаи байни фишурдагии сармоя ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои кӯчак фарзияҳои зер матраҳ гардид. Бо таваҷҷуҳ ба сатҳи маънодор, ки баробари 0,036 баровард гардид, мушаххас шуда, ки sig<0,05 аст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки дар сатҳи итминони 95% робитаи хаттӣ байни фишурдагии сармоя ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои кӯчак вуҷуд дорад.

Зариби ҳамбастагӣ байни фишурдагии сармоя ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои кӯчак 0,156 мебошад, ки нишондиҳандаи як робитаи маънодори мусбат байни ин ду мутағайир аст. Миқдори зариби таъйин баробар бо 0,24% аст, ки танҳо баёнгари ин мафҳум аст, ки тағйир дар мизони дараҷаи муҳофизакорӣ метавонад 2,4% аз тағйир дар фишурдагии сармоя ширкатҳои кӯчакро тавзеҳ диҳад.

**3.1. Фарзияи фаръии сеюм барои ширкатҳои бузург.** Ба манзури баррасии хаттӣ ва ғайрихаттӣ будани робитаи фишурдагии сармоя ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои бузург фарзияҳои зер матраҳ гардид. Бо таваҷҷуҳ ба сатҳи маънодорӣ, ки баробари 0,740 баровард гардид, мушаххас шуд, ки sig>0,05 аст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки дар сатҳи итминони 95% робитаи хаттӣ байни фишурдагии сармоя ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои бузург вуҷуд надорад.

**4. Фарзияи фаръии чорум барои ширкатҳои кӯчак.** Ба манзури баррасии хаттӣ ва ғайрихаттӣ будани робитаи байни нисбати бадеҳӣ ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои кӯчак фарзияҳои зер матраҳ гардид. Бо таваҷҷуҳ ба сатҳи маънодор, ки баробари 0,045 баровард гардид, мушаххас шуда, ки sig<0,05 аст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки дар сатҳи итминони 95% робитаи хаттӣ байни нисбати бадеҳӣ ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои кӯчак вуҷуд дорад.

Зариби ҳамбастагӣ байни нисбати бадеҳӣ ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои кӯчак -0,150 мебошад, ки нишондиҳандаи як робитаи маънодори манфӣ байни ин ду мутағайир аст. Миқдори зариби таъйин баробар бо 0,22% аст, ки танҳо баёнгари ин мафҳум аст, ки тағйир дар мизони дараҷаи муҳофизакорӣ метавонад 2,2% аз тағйир дар нисбати бадеҳии ширкатҳои кӯчакро тавзеҳ диҳад.

**4.1. Фарзияи фаръии чорум барои ширкатҳои бузург.** Ба манзури баррасии хаттӣ ва ғайрихаттӣ будани робитаи нисбати бадеҳӣ ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои бузург фарзияҳои зер матраҳ гардид. Бо таваҷҷуҳ ба сатҳи маънодорӣ, ки баробари 0,026 баровард гардид, мушаххас шуд, ки sig>0,05 аст. Бинобар ин, метавон гуфт, ки дар сатҳи итминони 95% робитаи хаттӣ байни нисбати бадеҳӣ ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои бузург вуҷуд дорад.

Зариби ҳамбастагӣ байни нисбати бадеҳӣ ва дараҷаи муҳофизакорӣ дар ширкатҳои бузург -0,360 мебошад, ки нишондиҳандаи як робитаи маънодори манфӣ байни ин ду мутағайир аст. Миқдори зариби таъйин баробар бо 0,130% аст, ки танҳо баёнгари ин мафҳум аст, ки тағйир дар мизони дараҷаи муҳофизакорӣ метавонад 13% аз тағйир дар нисбати бадеҳии ширкатҳои бузургро тавзеҳ диҳад.

Хулоса, ин пажӯҳиш ба баррасии таъсири факторҳои иқтисодӣ бар дараҷаи муҳофизакории номашрут дар ширкатҳои пазируфташудаи биржаи қоғазҳои қиматноки Теҳрон мепардозад. Дар пажӯҳиши ҳозир иттилооти мавриди ниёзи омилҳои иқтисодӣ ҳамчун андозаи ширкат, вазъияти инҳисор, фишурдагии сармоя нисбати бадеҳӣ ва мутағайири дараҷаи муҳофизакорӣ аз бонки иттилоотии нармафзори тадбирпардоз, сайти биржаи қоғазҳои қиматноки Теҳерон ва низ сайти интернетии (rdis.ir) истихроҷ шудаанд.

**АДАБИЁТ**

1. Accounting principles board-APB. The basic concepts of accounting principles understanding – statements of business enterprises accounting principles. -New York, 1970. -№4.

2. Ahmed A.S., Billings B. K., Morton R. M. And Stanford-Harris, M. The role of accounting conservatism in mitigating bondholder-shareholder conflicts over dividend policy and in reducing debt costs / A.S. Ahmed [et al] // The Accounting Review, 2002. -№77(4). -P.867-890.
3. 7%tf Role of Accounting Conservatism in Mitigating Bondholder Shareholder Conflicts Over Dividend Policy and in Reducing Debt Cost / S. Anwer Ahmed [et al] // The Accounting Review, 2002. –Vol.77.
4. Ball R. Earnings Quality in UK Private Firms: Comparative loss Recognition Timeliness / R. Ball & L. Shivakumar // Journal of Accounting & Economics, 2005. -Vol. 39. -P.83-128.
5. Ball Robin and Sadaka. Is Accounting Conservatism Due to, 2005.

**ИССЛЕДОВАНИЕ ВОЗДЕЙСТВИЯ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ФАКТОРОВ НА СТЕПЕНЬ БЕЗОПАСНОСТИ КОМПАНИЙ ТЕГЕРАНСКОЙ ФОНДОВОЙ БИРЖЕ**

Современная рыночная экономика не может существовать без ценных бумаг и фондовых бирж.Данное исследование рассматривает деятельность и влияние экономических факторов на степень безопасности компаний Тегеранской фондовой биржи.

**Ключевые слова:** биржа, ценные бумаги, безопасность, защита интересов, монопольное положение компании, капиталоемкость, коэффициент задолженности.

**RESEARCH OF INFLUENCE OF ECONOMIC FACTORS ON THE DEGREE OF SECURITY COMPANIES TEHRAN STOCK EXCHANGE**

Modern market economy cannot exist without the securities and stock Bergen study examines the activity and influence of economic factors on the degree of security companies the Tehran stock exchange.

**Key words:** exchange, securities, security, protection of interests, the monopoly position of the company, capital intensity, the debt ratio.

**Сведения об авторе:** ***Мухаммад Рамазони Ахмади*** – исламская Республика Иран

## БУХГАЛТЕРСКИЙ УЧЕТ ЧЕЛОВЕЧЕСКИХ РЕСУРСОВ В XXI ВЕКЕ

***Ягмои Рахмон Али***
**Институт экономики и демографии АН РТ**

Двадцать первый век ознаменовался ценностью человеческих ресурсов организации больше, чем другие капиталы. Именно люди теперь определяют ценность любой организации и приносят прибыль владельцам ее акций (1).

Бухгалтерский учет человеческих ресурсов может быть выражением ценности человека в организации. Это означает, что он выражает человеческие ресурсы в виде потенциальной ценности текущих услуг, при которой человек может предоставить свою услугу, ожидаемую организацией на протяжении своей жизни (2).

Так, если менеджеры будут знать и информированы об истинной ценности человеческого капитала, они могут использовать их эффективным и надлежащим образом. Путем применения системы бухгалтерского учета человеческих ресурсов, можно собрать всеобъемлющую и полную информацию, связанную с человеческими ресурсами организации и предоставить ее в распоряжение менеджеров в качестве инструмента по принятию решений, показать менеджменту произошедшие изменения в человеческих ресурсах за весь период времени (3).

Опытные и профессиональные человеческие ресурсы организации как активы и инвестиции имеют важное значение. Для повышения эффективности своих организаций, руководители предприятий всегда тратят крупные суммы для обучения и подготовки своих сотрудников и персонала. Но, как правило, менеджеры не располагают исчерпывающей информацией об экономической ценности человеческих ресурсов, их профессиональной подготовке и опыте. Менеджеры и инвесторы с целью планирования, управления человеческими ресурсами, повышения эффективности и действенности принимаемых ими решений, нуждаются в информации, показывающей ценность человеческих ресурсов организации.

В настоящее время, отсутствие проверки, оценки и отчетности ценности человеческих ресурсов приводит к принятию неоптимальных решений руководителями организаций, и по причине отсутствия измерения экономической ценности человеческих ресурсов, не рассматриваются влияние управленческих решений на ценность человеческих ресурсов. Таким образом, существует возможность того, что решения менеджеров внешне могут казаться полезными и выгодными, но на практике они оказываются вредоносными для организации, и непреднамеренно, могут привести к разрушению и ослабеванию человеческих ресурсов той организации.

Например, последствия решений, принимаемых менеджерами с целью сокращения расходов, в связи с тем, что они акцентируют исключительно на сокращение затрат, могут повлиять на отношения работников, их мотивацию и удовлетворенность, а также на ослабление человеческих ресурсов той организации.

С другой стороны, измерение ценности человеческих ресурсов способствует повышению эффективности менеджеров и более точному планированию, оптимальному использованию человеческих ресурсов организаций, в результате чего будут приниматься решения, связанные с привлечением, улучшением, восстановлением и заменой сотрудников, надлежащим образом (3).

*Определение бухгалтерского учета.* Бухгалтерский учет представляет собой систему сбора, классификации, переработки, подготовки и представления финансовой информации экономической единицы в форме бухгалтерских счетов и отчетности. Бухгалтерская ассоциация Америки в своем опубликованном заявлении в 1966 году, определяет «Бухгалтерский учет» следующим образом:

«Бухгалтерский учет представляет собой процесс выявления, измерения, подготовки и представления экономической информации с целью обеспечения сознательного суждения и принятия решений по использованию сотрудниками финансовой информации (4).

В бухгалтерском учете измеряется ценность, которую можно соотнести в денежном выражении определенных атрибутов товаров. Предположим, что какое-либо ведомство имеет в качестве актива автомобиль и этот автомобиль имеет такие характеристики, как длина, ширина, высота и вес, но с точки зрения бухгалтерского учета они не имеют значения.

*Бухгалтерский учет человеческих ресурсов.* В 1980 году, в области человеческих ресурсов в науке менеджмента возникло новое мышление и вслед за плавностью обменного курса и исчезновения традиционных отношений золота и доллара, тема человеческих ресурсов как основа производства и валюты стран была выдвинута в качестве само собой разумеющегося принципа. Недавние управленческие дискуссии на тему человеческих ресурсов и стратегий оценки, эти ресурсы в последнее десятилетие заняли особенно важное место, в котором этот элемент ресурсов рассматривается как вечный. С другой стороны, отсутствие должного внимания к нему может подвергнуть своему влиянию все другие ресурсы, выдвигая тем самым, специальные темы в новом бухгалтерском учете. Действительно, мало кто сомневается, что человеческие ресурсы также должны быть оценены, как часть активов предприятий отражены в балансе, а истощение этих ресурсов также должно быть рассчитано и рассматрено соответствующим образом.

Следует заметить, что оценка эффективности человеческих ресурсов не ограничивается только цифрами прибыли. Во многих странах, истощение человеческих ресурсов рассматривается в комплексе приемлемых финансовых расходов, такая постановка вопроса, в свою очередь, увеличивает прибыль (6).

Сегодня, человеческие ресурсы считаются наиболее ценным капиталом организаций. Для оптимального управления этими ценными активами, используются различные инструменты. Путем применения бухгалтерского учета человеческих ресурсов, организации стремятся повысить производительность использования человеческих ресурсов и эффективность управления человеческими ресурсами (2)

В связи с тем, что в бухгалтерском учете человеческих ресурсов люди и человеческие ресурсы признаются в качестве важного актива людей, и такой актив регистрируется в финансовых счетах, то такое обстоятельство побуждает менеджеров организаций признавать стратегию и стратегическое планирование будущего этого актива (7).

Бухгалтерский учет человеческих ресурсов представляет собой искусство оценки, представления оценки человеческих ресурсов в бухгалтерских офисах организации регулярным образом. Такое определение выражает важные особенности бухгалтерского учета человеческих ресурсов следующим образом:

- оценка людских ресурсов;
- регистрация оценки в бухгалтерии;
- раскрытие информации в финансовой отчетности бизнеса.

Сдвиг направления экономики на глобальном уровне с производственного сектора на сектор услуг и экономики, основанной на нематериальных ресурсах, привел к резкому

повышению внимания к человеческим знаниям и капиталу, и его способности в результатах деятельности компаний в новых и развивающихся экономиках. Стюарт отмечает, что в информационный и экономический век знания привели к основной революции, в том смысле, что информация стала альтернативой оборотного капитала, а человеческий капитал заменил физические активы (10)

*Значение бухгалтерского учета в современной экономике.* Милтон Фридман, экономист считает, что общее богатство включает виды источников доходов и услуг. Одним из таких источников дохода считается мощность выработки человеческой силы. Таким образом, большинство экономистов рассматривают человеческие ресурсы в качестве национального богатства. С другой стороны, задача бухгалтеров заключается в сохранении счета такого актива в различных формах. Для сохранения счета капитала, бухгалтеры занимаются оценкой капитала на определенный момент времени (для подготовки баланса) и определением изменений капитала с течением времени (счетов прибылей и убытков). (9)

В экономике любой страны источник дохода рассматривается в качестве актива, в бухгалтерском учете же капитал делится на две категории: человеческий и нечеловеческий. Нечеловеческий капитал в качестве признанного актива учитывается в бухгалтериях и финансовых счетах, в то время как, человеческий капитал общим образом не признан бухгалтерским учетом, и не пользуется значением и вниманием в бухгалтериях и ее отчетах (11).

Лу считает, что бухгалтерский учет в таком виде, в каком он уже используется на практике, потерял многие свои возможности по информированию, поскольку современный бизнес теперь ориентирован на знаниях. Нематериальные активы, в среднем от 60 до 70 процентов, составляют стоимость компании (12).

*Проблемы бухгалтерского учета человеческих ресурсов.* К сожалению, сегодня системы бухгалтерского учета в подготовке финансовой отчетности на представляют никакой информации о человеческих ресурсах, считающихся ценным активом любой организации. Поэтому одним из наиболее распространенных возражений против систем бухгалтерского учета является отсутствие отчетности о стоимости человеческих ресурсов организации в финансовых отчетах. В связи с этим, значительное число бухгалтеров и менеджеров стремились к отчетности ценностей человеческих ресурсов в финансовых счетах, выдвигая тем самым бухгалтерский учет человеческих ресурсов (3).

Отсутствие информации о критической стоимости таких редких активов или объеме реализованных расходов для обучения и подготовки специализированных и необходимых сотрудников в счете текущих активов, объеме утерянных расходов считаются из числа слабых сторон существующей системы бухгалтерского учета (2).

Следует отметить, что система текущего бухгалтерского учета была рассмотрена в начале XX века. Естественно, бухгалтерский учет используется в области коммерческой деятельности, т.е. производственной отрасли, применяющей значительный объем имущества, оборудования и рабочей силы. В конце XX века крупнейшие экономические системы от производственных отраслей превратились в обслуживающие.

В новом веке, разрыв между рыночной стоимостью и чистой стоимостью активов увеличился. Разница между рыночной и балансовой стоимостью показывает некоторые аспекты результатов деятельности компании, которые находятся за пределами областей и границ методов бухгалтерского учета.

Рыночные стоимости для компаний выходят далеко за пределы чистой стоимости активов компании с учетом их балансовой стоимости, так как финансовая отчетность не отражает стоимости всех нематериальных активов (10)

*Значение и необходимость бухгалтерского учета человеческих ресурсов для менеджеров.* Сегодня менеджеры обладают широкой информацией о своих материальных и физических ресурсах, оборудовании, но в отношении оценки человеческих ресурсов их информация ограничена.

К сожалению, традиционный бухгалтерский учет не может рассматривать новые ценности и представлять отчетность менеджменту, с другой стороны, - то, что невозможно оценить, не может управляться.

В отличие от прошлого века, когда наиболее ценным активом организации считалось производство, теперь, в качестве организационного капитала рассматриваются эффективные и обученные сотрудники.

Одной из основных целей системы бухгалтерского учета человеческими ресурсами является содействие управлению эффективным планированием и контролю людских ресурсов. Бухгалтерский учет человеческих ресурсов рассматривается в качестве рамок и инструмента для специалистов человеческих ресурсов и топ-менеджеров организации (2).

*Значение бухгалтерского учета человеческих ресурсов в принятии решений менеджерами организации.* Управление организационными делами эффективным способом, особенно в современном мире, требует сбора и обработки различной информации в разных аспектах. Кроме того, новая эра обещает новый мир с новыми методами применения информации, что, разумеется, улучшается быстрыми темпами.

С учетом повседневно растущего значения человеческого фактора в организациях, в процессе бизнеса, и особенно в области предоставления различных специализированных услуг, ощущается необходимость существования системы и инструмента, которые обеспечивали бы соответствующие условия для определения реальной стоимости предоставленных услуг посредством фактора рабочей силы. Важнейшим инструментом организации по пути достижения этой цели, а также для точного определения стоимости предоставленных услуг в организации посредством людских ресурсов, считается система бухгалтерского учета человеческих ресурсов.

Использование этих двух новых теорий бухгалтерского учета для обеих групп – принимающей решения и вкладывающей инвестиции - оказывает эффективную помощь, в тоже время путем правильной оценки стоимости компании, отдачи инвестиций в ней, одновременно содействует более эффективному распределению капитала внутри компании.

С помощью системы бухгалтерского учета человеческих ресурсов, можно подвергнуть оценке принятие управленческих решений, связанных с человеческими ресурсами как с количественной, так и с качественной точек зрения, конкретизировать эффективность или неэффективность последующих принимаемых решений. Человеческие ресурсы могут показывать стоимость ресурсов в организации, то есть представить ценность человеческих ресурсов в качестве стоимости текущих потенциальных услуг, которые человек может предоставлять в течение своей жизни (2).

*Цели бухгалтерского учета человеческих ресурсов.* Бухгалтерский учет человеческих ресурсов имеет две цели:

1.Демонстрация правильного пути мышления менеджменту организации с тем, чтобы он осознал, что люди являются ценными ресурсами организации и принятие решений по персоналу должно осуществляться с учетом выполненной оценки и измерением человеческих ресурсов.

2.Предоставление информации, необходимой для эффективного и действенного управления человеческими ресурсами менеджерами. Эта система предоставляет информацию, необходимую по выполненной стоимости и ценности людей и отвечает конкретным особенностям организации.

Представляется, что для достижения нижеследующих целей, необходимо, чтобы компонент бухгалтерского учета человеческих ресурсов в организации, приобрел количественные и качественные аспекты, а именно:

1. Регистрация экономической ценности человека в финансовой отчетности.

2. Учет экономической ценности человека в финансовых отчетах.

3. Повышение эффективности человеческих ресурсов, создание возможностей для оценки политики человеческих ресурсов, таких как образовательные и брифинговые программирования.

4. Оценка человеческих ресурсов организации с точки зрения обучения, развития, сохранения, оставления службы и отсутствия.

5. Выявление неоперативной прибыли и производительности, вытекающих в результате инвестиций в человеческие ресурсы.

6. Расчет стоимости, которую создают человеческие ресурсы, в других финансовых и физических источниках организации (1).

Итак, на основе вышеприведенного можно сказать, что стандарты бухгалтерского учета в настоящее время не могут удовлетворить потребности пользователей в финансовой отчетности, так как по мнению пользователей финансовыми отчетностями, капитал в современный период изменился. Если в прошлом капиталом рассматривались земля, имущество, оснащения, здания и т.д., что способствовало прибыли учреждений, в новом столетии же в качестве капитала признаются человеческие ресурсы. В финансовых

отчетностях, подготавливаемых в настоящее время, экономическая стоимость этого актива не представляется, и как результат, пользователи таких финансовых отчетностей не могут быть осведомленными о капитале учреждений.

Таким образом, человеческие ресурсы являются одним из наиболее ценных активов организации. Для оптимального управления этим капиталом используются различные инструменты, одним из которых является бухгалтерский учет человеческих ресурсов. Путем применения бухгалтерского учета человеческих ресурсов организации стремятся повысить производительность человеческих ресурсов и действенность управления человеческими ресурсами. В связи с вышесказанным, необходимо отражать необходимость предоставления экономической ценности этого важного капитала учреждений посредством разработки стандартов бухгалтерского учета в финансовых отчетностях.

**ЛИТРЕАТУРА**

1. Азарган Хамидреза. Значение бухгалтерского учета человеческих ресурсов в принятии решений менеджерами / Азарган Хамидреза. – Тегеран: Тадбир, 2010.
2. Аббаси Фард. Влияние реализации системы бухгалтерского учета человеческих ресурсов на принятие решений менеджерами и поведение работников: казуальное исследование нефтяной промышленности Ирана / Аббаси Фард, Мухаммад Карими Авжан // Научно-исследовательский журнал менеджмента «Менеджмент и человеческие ресурсы в нефтяной промышленности. Весна, 2011. -№ 14. -С.117-144.
3. Пажохеши Мухаммадреза. Знакомство с отраслевыми терминами в бухгалтерском учете / Пажохеши Мухаммадреза // Научно-исследовательский журнал менеджмента «Исследования по менеджменту». Зима, 1994. -№16.
4. Реза Шабаханг. Теория бухгалтерского учета / Реза Шабаханг; 2-ое изд. – Тегеран: Аудиторская организация, 2011.
5. Раиси Ибрахим. Бухгалтерский учет человеческих ресурсов / Раиси Ибрахим // Научно-исследовательский журнал менеджмента «Тадбир», 2001. -115. -С.52-58.
6. Менеджмент и человеческие ресурсы в нефтяной промышленности. Весна, 2011. -№14. -С.117-144.
7. Солтани Эрадж. Предпосылки стратегических планирований человеческих ресурсов / Солтани Эрадж // Научно-исследовательский журнал менеджмента «Исследование менеджмента». Осень и зима, 2000. -№27, 28. –С.167-184.
8. Менеджмент и человеческие ресурсы в нефтяной промышленности. Весна, 2011. -№ 14. -С.117-144.
9. Единая организация по аудиту и финансовым услугам // «Тадбир» Бухгалтерский учет человеческих ресурсов. –Тегеран: Санавбар-миллат, 2009.
10. Бозорг Кодратолла. Бухгалтерский учет и интеллектуальный капитал: проблемы оценки в новом тысячелетии / Бозорг Кодратолла. – Тегеран: Изд-во «Экономика и биржа», 2009. -№84. –С.54-61.
11. Хассан Корбан Захро. Логическая основа бухгалтерского учета человеческих ресурсов / Хассан Корбан Захро. –Тегеран: Экономика «Бухгалтер», 1996. -№113. –С.50-57.
12. Латифи Фиреба. Взгляд на бухгалтерский учет человеческих ресурсов/ Латифи Фиреба. –Тегеран: Экономика «Бухгалтер», 1987. -№30. –С.3-11.
13. Финансовые школы и теории, бухгалтерский учет/ Фаридун Рахнамаи [и др.] –Тегеран: Исламский университет Азад, Центральный филиал в Тегеране, 2011.
14. Пажохеши Мухаммадреза. Бухгалтерский учет человеческих ресурсов как модель оценки человеческих ресурсов организаций / Пажохеши Мухаммадреза // Научно-исследовательский журнал менеджмента «Исследования по менеджменту». Зима, 1992. -№8. –С. 83-94.

**ЗНАЧЕНИЕ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА ЧЕЛОВЕЧЕСКИХ РЕСУРСОВ В XXI ВЕКЕ**

В статье рассматривается бухгалтерский учет человеческих ресурсов в организации, который выражает стоимость и ценность человека. Автор утверждает, что опытные и профессиональные человеческие ресурсы организации считаются активом и инвестицией той организации и имеют особое значение. Подчеркивается, что для надлежащего менеджмента человеческими ресурсами используются различные инструменты, одним из которых является бухгалтерский учет человеческих ресурсов.

**Ключевые слова:** бухгалтерский учет, человеческие ресурсы, ценность, организация, эффективность.

**SIGNIFICANCE OF ACCOUNTING OF HUMAN RESOURCES IN 21ST CENTURY**

The article deals with accounting of human resources in the organization, which expresses the value and worth of the person. The author argues that experienced and professional human resources of organization are considered as assets and investments of the organization and are of particular importance. It is emphasized that the proper management of human resources uses different instruments, one of which is the accounting of human resources.

**Key words:** accounting, human resources, value, organization, efficiency.

**Сведения об авторе:** ***Ягмои Рахмон Али*** **–** соискатель Института экономики и демографии АН РТ.
E-mail: **Rahman_yaghmaee@yahoo.com.** Телефон: **917-17-11-33**

# ИРТИБОТИ КОРОФАРИНӢ, ОЯНДАПАЖӮҲИШӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ДОНИШГОҲИ КОРОФАРИНӢ

*Нодири Аҳмадӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Имрӯз тағйирот бо нархи сареътаре ба вуқӯъ мепайвандад. Суръати тағйироти он чунон саросемавор аст, ки дигар наметавон бо равишҳои суннатӣ бо онҳо канор омад. Агар бо тағйирот ҳамқадам нашавед, зери чархи азими тағйирот хурд хоҳед шуд. Ояндапажӯҳӣ муодили луғати лотинии «Futures study» аст. Калимаи ҷамъи Futures ба ин далел истифода шудааст, ки бо баҳрагирӣ аз тайфи васее аз методологияҳо ва ба ҷойи тасвири «фақат як оянда» ба гумонсозиҳои системанок ва хурдварзона дар мавриди на фақат «як оянда», балки «чандин ояндаи мунтазир» мубодират мешавад. Дар ҳамин ҳол дар як таърифи сода ва дар айни ҳол бисёр жарф ояндапажӯҳӣ «улум ва ҳунари кашфи оянда ва шакл бахшидан ба дунёи матлуби фардо» унвон шудааст (Маликифар ва ҳамкорон, 1385). Дар ин таъриф расо се муаллифаи калидӣ вуҷуд дорад. Аввал ин ки ояндапажӯҳишӣ танҳо як илми сирф нест, балки талфияте аз илм ва ҳунар аст. Муаллифаи муҳимми дигар ишора ба «кашфи оянда» аст. Дарвоқеъ дар ин ҷо таъкид бар шиносоӣ ва кашфи оянда бар мабнои равобити илалу маълул маънӣ мебошад. Муаллифаи сеюм ва бисёр ҳоизи аҳамият дар ин таъриф «шакл бахшидан ба дунёи матлуби фардо» аст. Яъне ояндапажӯҳӣ дар садади сохтани оянда ба гунаи матлуб ва дилхоҳ аст.

Ояндапажӯҳӣ гунае аз улуми меъёр аст. Ин ҳавза аз дониши на танҳо илмӣ сирф, балки ба дониши фаннӣ низ ноил омадааст ва аз он ба унвони илм-фановарӣ ёд мешавад. Имрӯз аз ояндапажӯҳӣ интизор меравад, ки аз кашфи оянда фаротар гузарад ва ба «муҳандиси хушманди оянда» бипардозад. Мутмаинан миллате, ки ба марзҳои ҷаҳонии ин дониш бирасад, метавонад умедвор ва мутмаин ба тавсеаи соири фановариҳои норм бошад.

Мавзӯоти ояндапажӯҳӣ дарбаргирандаи гунаҳои «мумкин», «муҳтамил» ва «матлуб» барои дигаргунӣ аз ҳол ба оянда мебошанд. Агар коркарди матлуби ояндапажӯҳӣ дар ҳавзаи корофаринӣ дунбол гирад, қисман мунҷар ба таоли фароянди корофаринӣ дар тамоми ҷанбаҳои он хоҳад шуд. Барои ояндanигарӣ наметавон таърихча таъйин кард, зеро ки инсонро бояд мавҷуди ояндаҷӯ донист. Ҳар рафтори ҳадафманди мо бар асоси тасаввуротамон аз оянда ва ба қасди сохтани фардои беҳтар сурат мегирад. Мо доиман ояндаи дур ва наздики худро пешбинӣ мекунем ва барои он нақша мекашем. Зоҳиран ҳамин тамоили зотии одамиён ба кашфи фардои номаълуми худ сабаб шудааст, ки бозори пешгӯйӣ аз ҳазорон сол пеш то кунун инчунин доғ бошад. Ояндanигарӣ дар тайи ҳазорон соли тамаддуни башарӣ ишколи мухталифе ба худ дидааст.

Ояндапажӯҳӣ ба маънои дақиқи худ амалан аз миёнаи қарни бистум зуҳур намуда, мутолиаи қоидаманд,таҳлилӣ ва равшанманди оянда пеш аз ҷанги дуюми ҷаҳон по ба арса ниҳод. Сурат ва печидагии таҳаввулоти иҷтимоӣ ва фановарӣ, ангезаи аслии таъсиси ин риштаи ҷадидро ташкил медод. Бисёре аз фунуни пешбинӣ ва равишҳои ояндапажӯҳиро андешамандон ин марказ ба дунё арза намуданд. Дар даҳаҳои 70 ва 80 мелодӣ ояндапажӯҳони бузурге ҳамчун Элвин Тофлер бо китоби «Шоки оянда» ва «Мавҷи савум» ва Бил Кинди бо китоби «Ҷаҳон дар соли 2020» бо иқболи ҷаҳоне мувоҷеҳ шудаанд.

Вандал Бедл ояндапажӯҳиро ба ин шакл таъриф мекунад: «Риштаи мустақиле ба шумор меравад, ки ҳадафаш мутолиоти муназзами оянда аст. Ояндапажӯҳон ба дунболи кашф, ибдоъ, ироа, озмун ва арзёбии ояндаҳои мумкин, муҳтамил ва беҳтаранд. Онон интихобҳои мухталифе роҷеъ ба оянда фарорӯйи инсонҳо қарор медиҳанд ва дар интихоб ва пайрезии матлубтарин оянда ба онон кӯмак мекунад».

Ҳерман Кан мегӯяд: «Шигифтангезтарин оянда, ояндае аст, ки ҳеҷ шигифтӣ ба ҳамроҳ надошта бошад».

Аскот, ки худ аз соҳибназарони масоили омӯзиши олӣ аст, чаҳор сенарийро барои ояндаи донишгоҳ пешбинӣ мекунад:

**Сенарияи аввал.** Дар ин сенарий гарчи донишгоҳ аз назари исмӣ вуҷуд дорад, аммо аз назари коркардӣ донишгоҳ вуҷуди илмӣ нахоҳад дошт ва муассисоту ширкатҳои мутааддид арсаи фановарии иттилоот ҷойгузини донишгоҳ хоҳад шуд. Ин сенарий бадбинонатарин ҳолатро ташкил медиҳад.

**Сенарияи дуюм.** Зуҳур ва рушди донишгоҳҳои ширкатӣ аст. Дар ин шароит ҳарчанд колбади донишгоҳ вуҷуд дорад, аммо устодон аз тариқи ақди қарордод бо ширкатҳои муътабари тавлидӣ, санъатӣ, хадамотӣ ва кишоварзӣ ва мушорикат дар парвонаҳо аз колбади донишгоҳ танҳо ба унвони восита ва қолаб баҳра меҷӯянд.

**Сенарияи сеюм:** Ин сенария иборат аст аз тақвияти раванди тафкики ҷомеаи донишгоҳӣ ва ҳуввияти ҳирфаӣ ва дар нақшҳои илмӣ ва иҷтимоии донишгоҳ комилан аз якдигар мутамоиз мешаванд.

**Сенарияи чаҳорум:** Инъитофпазирии донишгоҳ ва табдили он ба ниҳоди куллигаро, муттаҳид ба боз будан ва ҷомеият. Ин эҳтимол хушбинонатарин ҳолатро ташкил медиҳад. Агар донишгоҳ уҳдадории анвои таҳқиқот ва омӯзишҳо ва посухгӯйи ниёзҳо мутанаввеъ шавад. Дар донишгоҳ бар асоси шабакаҳои донишмандон ва устодону мударрисон баҳрагирӣ аз дониши мавҷуд барои мусоидати фановариҳои ҷадид, иртибот ва иттилоот бино мешавад. Донишгоҳ бо инъитофпазирии боло метавонанд дар баробари фишорҳои перомуни худ муқовимат кунад ва танаввӯъ дар маҳсулоти худ, анвои дастрасӣ ба омӯзиши олиро имконпазир месозад.

Баҳрамандӣ аз мазоё ва абзорҳои илмӣ мунҷар ба зиёд шудани адабиёти илмии корофаринӣ ва рушди он дар ҳиттаҳои академикӣ гардидааст. Ояндапажӯҳӣ ва бакоргирии он дар ҷиҳати тавсеаи корофаринӣ амрест, ки то кунун камтар ба он пардохта шудааст.

Мутаассифона, алорағми қобилияти билоқувва ва билофаъоли ояндапажӯҳӣ дар ҷиҳати нақшофаринӣ дар кӯмак ба тавсеаи илми корофаринӣ ва таълили корофаринӣ, андешамандон ва соҳибназарони ин ҳавза камтар ба он таваҷҷуҳ намуданд ва ҷуз мавориди маҳдуде, ки бештар перомуни мубоҳиса муртабит бо фурсат ва корофаринӣ технологимеҳвар аст, аз ин мақулаи муҳим ғафлат гардидааст. Бо баррасӣ ва таҳлили корофаринӣ ва ояндапажӯҳӣ ва табйину ташреҳи ваҷҳи иштироки мубтанӣ бар ҷойгоҳи фурсат ва навоварӣ дар сатҳи иштирок, метавон баён дошт, ки ояндапажӯҳӣ қодир ба ташреҳ ва тавзеҳи фурсатҳои мубтанӣ бар навоварӣ аз дили тағйирот аст ва ҳамин асоси бакоргирии корбурди ояндапажӯҳӣ дар фароянди корофаринӣ мебошад.

Фароянди корофаринӣ шомили тамоми рафторҳо, фаъолиятҳо ва иқдомоти муртабит бо ташхиси фурсат ва эҷоди созмон ҷиҳати пайгирии он аст. Лизо мақулаи шиносоии фурсат, ки қадами нахустин дар фароянди корофаринӣ аст, бояд ба дурустӣ шиносоӣ ва таъйин гардад. Истифода аз фунун ва равишҳои ояндапажӯҳӣ метавонад беҳтарини ин масодиқ бошад, то бо тавоноии болотар ва абзорҳои муҷаҳҳазтар ба шиносоии фурсати корофаринона пардохт карда шавад.

Ба далели ношинохта будани оянда тахминҳои корофаринон илзоман бо адами итминон ҳамроҳ аст. Дурустии тахмини корофаринон дар ибтидои амали ӯ мушаххас нест, зеро сиҳатии тахмин вобастагӣ ба ҳаводиси оянда, монанди тақозои муштариён ё тавоноӣ барои дастёбӣ ба манобеъ дорад. Аз он ҷое ки корофаринон тасмимоти замони воқеиро таҳти шароити адами итминон иттихоз мекунанд, қазоват ва тахминҳои онҳо мумкин аст нодуруст шавад. Бинобар ин, огоҳӣ доштан нисбат ба оянда тавоноии тасмимгирии беҳтар ва дар таҷриба кайфияти фароянди корофариниро иртиқоъ хоҳад дод. Таҳаммули адами итминони як шароит лозим барои касби суди корофарин аст. Корофаринон замоне суд хоҳанд бурд, ки нисбат ба дигарон дар робита бо мавриде чун тавлид, ёфтани фурсатҳои ҷадиди бозороҳои тавлиди маҳсулоти ҷадид ё маҳсулоти ҷадиде, ки хостаҳо ва ниёзҳои муштариёнро бароварда мекунад, қазовати беҳтаре дошта бошад. Суди корофаринона подоше аст, ки корофарин ба хотири амалӣ кардани қазовати мубтанӣ бар тасмимгирӣ дар шароити тавъам бо адами итминони худ ба даст меоварад.

Баҳрагирӣ аз ҳавзаҳои мухталифи ояндапажӯҳӣ, метавонад мунҷар ба таоли фароянди корофаринӣ гардад. Бинобар ин, заминаи муносибе ҷиҳати таомили ду илм - ояндапажӯҳӣ ва корофаринӣ вуҷуд дорад, ки боясти ҳарчи бештар ба он таваҷҷуҳ гардад. Ояндапажӯҳӣ абзори илмии қудратмандеро ба корофаринӣ арза медорад, то бо тавони болотаре ба шиносоии фурсати корофаринона бипардозад. Баҳрагирӣ аз ҳавзаҳои мухталифи илми ояндапажӯҳӣ, аам аз ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, дидгоҳҳои фалсафӣ, усули мавзӯӣ, рӯйкардҳо, мафоҳим, равишҳо, фунун ва ғайра метавонанд мунҷар ба таолии фароянди корофаринӣ гардад. Лизо ба таври қатъӣ заминаи муносибе ҷиҳати таомули ду илм – ояндапажӯҳӣ ва корофаринӣ вуҷуд дорад, ки бояд ҳарчи бештар ба он таваҷҷуҳ гардад. Ба ин сурат ояндапажӯҳӣ

абзори илмии қудратмандеро ба корофаринӣ арза мегардонад, то бо тавони болотаре ба масири рушди худ идома диҳад.


**АДАБИЁТ**

1. Аҳмадпур Дорёни Маҳмуд. Оё корофаринӣ стратегияи донишгоҳро тағйир медиҳад: фаслномаи сиёсати илмӣ ва пажӯҳишии раҳёфт / Аҳмадпур Дорёни Маҳмуд, 1382. -№29.
2. Худодод Ҳасанӣ. Низоми омӯзиши олӣ ва иштиғол- рӯйкардҳо ва дидгоҳҳо / Худодод Ҳасанӣ. Саидаҳмад Баҳодурифар Алӣ. –Теҳрон: Созмони интишороти ҷиҳоди донишгоҳи тарбияти мадорис, 1385.
3. Додишпур Фаррухзод. Донишгоҳ дар бухрон / Додишпур Фаррухзод. –Теҳрон: Интишороти пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ, 1377.
4. Рауфӣ Муҳаммад. Донишгоҳ ва тавсеаи фарҳангӣ: фаслномаи пажӯҳиш ва барномарезӣ дар омӯзиши олӣ / Рауфӣ Муҳаммад, 1374. - №2.
5. Шафеӣ Масъуд. Иртиботи саъат ва донишгоҳ, ояндаҳои тобнок ва пешбиниҳои торик / Шафеӣ Масъуд. –Теҳрон: Маркази нашри Донишгоҳи санъати Амир Кабир, 1382.
6. Улавӣ Саидабдулфазл. Корофаринӣ ва рисолати донишгоҳ: фаслномаи сиёсати илмӣ ва пажӯҳишии раҳёфт / Улавӣ Саидабдулфазл, 1382. -№29.
7. Фаршод Маҳмудбокир. Донишгоҳи тамаддунсоз, ниёзи имрӯзи ҷомеаи эронӣ / Фаршод Маҳмудбокир. –Теҳрон: Донишгоҳи тамаддунзо, 1383.
8. Bell Wandell. Foundation of futures studies: History, purposes, and knowledge, transaction publishers / Bell Wandell, 2003.
9. [Электронный ресурс] http://www.rand.org.
10. Slaughter Richard. Prpfessional standard in futures work, futures / Slaughter Richard, 1999. –vol.31. -835.
11. Shane S. Guest editors introduction it the special issue on technology entrepreneurship / S. Shane, S. Venkataraman // Research policy, 2003.
12. Cornish Edward. Futuring: The Exploration of the future, the futurist magazine / Cornish Edward, 2004.



**СВЯЗЬ ПЛАНИРОВАНИЯ И ПРОГНОЗИРОВАНИЯ В ДЕЛОПРОИЗВОДСТВЕ**

Планирование и прогнозирование присуще всем предприятиям независимо от их форм собственности. Процесс планирования и прогнозирования Прогнозирование является одним из решающих научных факторов формирования стратегии и тактики развития. Уровень прогнозирования деятельности предприятия обуславливает эффективность планирования и управления экономикой и другими сферами.
Целью данной статьи является рассмотрение сущности процесса прогнозирования и планирования и методик разработки прогнозов для определения сущности, областей применения и наиболее эффективных методов прогнозирования и планирования.

**Ключевые слова:** сущность прогнозирования и планирования, методы прогнозирования и планирования, сущность процесса прогнозирования и планирования.

**COMMUNICATION PLANNING AND FORECASTING IN THE ADMINISTRATION**

Planning and forecasting inherent to all enterprises regardless of their form of ownership. The process of planning and forecasting Forecasting is one of the key scientific factors of forming of strategy and tactics of development. The level of forecasting the activity of the enterprise determine the effectiveness of the planning and management of the economy and other spheres.

The aim of this article is the essence of the process of forecasting and planning and methodologies for the development of forecasts to determine the nature, scope, and the most effective methods of forecasting and planning.

**Key words:** the nature of forecasting and planning, methods of forecasting and planning, the essence of the process of forecasting and planning.



**Сведения об авторе:** ***Нодири Ахмади*** – соискатель Таджикского национального университета


# АМНИЯТИ ШУҒЛӢ БО РӮЙКАРДИ БЕХАТАРИВУ САЛОМАТ ВА НАҚШИ ОН ДАР НИГОҲДОРИИ КОРКУНОНИ САНОЕЪ


***Ҳабибулло Норӯи Навваб***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Яке аз рисолатҳои асосии мудирияти манобеи инсонӣ нигоҳдории коркунони тавонманд мебошад. Аз он ҷо ки иқдомоти нигоҳдорӣ, мукаммалӣ бар дигар иқдомот ва фарояндҳои мудирияти манобеи инсонӣ аст, ҳатто, агар амалиёти кормандёбӣ, интихоб, интисоб ва дигар икдомоти персоналӣ ба наҳви бояд анҷом шавад, бидуни таваҷҷуҳи кофӣ ба амри нигоҳдории натиҷаҳои ҳосил амалҳои мудирият чандон чашмгир нахоҳад буд. Низоми нигоҳдории манобеи инсонӣ зермаҷмӯаҳои гуногунеро шомил мешавад, ки метавон онҳоро ба ду даста тақсим намуд: дастаи аввал дар робита бо ҳифз ва тақвияти ҷисми коркунон аст, монанди барқарории беҳдошт ва бехатарӣ дар муҳити кор, иҷрои барномаҳои варзиш ва тандурустӣ ва баъзе хадамоти монанд. Дастаи дуюм шомили мавридҳое аст, ки

тақвияткунандаи рӯҳияи алоқамандии коркунон ба кор ва муҳити кор мебошад, монанди хадамоти бима (суғурта) ва бознишастагӣ ва хадамоти персоналӣ. Дар сурати доштани таваҷҷуҳ ва бакоргирии ин маводи амнияти шуғлӣ дар коркунон эҷод шуда ва ба ризояти шуғлии онҳо мунтаҳӣ мешавад, ки ин амр худ аз аҳамияти босазое бархурдор аст.

Дар оянда дар тиҷорат тағйироти босуръат боиси хурдтар шудани созмонҳо мешавад ва созмонҳо ба самти маҷозӣ шудан пеш мераванд. Созмонҳо ба сурати як ҳастаи марказӣ дармеоянд ва дигар қисматҳо ва коркунон ба сурати муваққат дар атрофи онҳо қарор мегиранд ва аксари мардум барои худ кор хоҳанд кард. Пардохтҳо ба сурати қисмате аз фоида хоҳанд шуд ва ҷойи дастмуздҳои собитро мегиранд. Коркунон худро бояд бо қарордодҳои номуайян ва мустақил вақф диҳанд.

Дар ин шароит коркунон маҷбуранд ҳамвора дар ҳоли ёдгирӣ бошанд, ки далели ин вазъият афзоиши рӯзафзуни рақобат аст. Дар оянда амнияти истихдом бар мабнои тавоноии коркунон дар эҷоди арзиши афзуда мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба ин омилҳо метавон натиҷа гирифт, ки дар оянда умдаи масъулияти бехатарӣ ва саломат ба уҳдаи коркунон аст.

Дар мақолаи ҳозир таъкиди аслӣ бар рӯйи мавридҳои дастаи аввал аст, ба ин сурат ки дар ибтидо дар мавриди истилоҳоти бехатарӣ ва саломат ва ҷанбаҳои қонунии он баҳс мешавад ва дар идома ба барномаҳо ва роҳкорҳои мудирияти бехатарӣ ва саломати шуғлӣ пардохта мешавад. Дар қисмати дувуми мақола баҳси саломати коркунон бо таваҷҷуҳ ба омили асосии стресс дар муҳити кор бо тамаркуз бар рӯйи шинохт ва бартарафсозии дараҷаи стресс баррасӣ мешавад. Дар поён умед аст, ки таваҷҷуҳ ва бакоргирии матолиб ва роҳкорҳои ин мақола дар афзоиши бехатарӣ ва саломатии муҳити кор, бартарафсозии сатҳи стресс ва эҷоди амнияти шуғлии муносиб ва дар ниҳоят эҷоди ризояти шуғлӣ муассир бошад, ки ин низ яке аз омилҳое аст, ки дар беҳбуди мустамар ва таолии созмонҳо бояд дар назар гирифта шавад.

**Таърифҳо ва мафҳумҳои бехатарӣ ва беҳдошти кор.** Бехатарӣ сатҳи дурӣ аз хатар таъриф шудааст. Бехатарӣ як мавзӯи ҳифозати нисбӣ аз бархӯрд бо хатарот аст ва каммияти нисбӣ мебошад.

Ҳодисаи бавуҷудомада аз ҳодисаи як рӯйдод ё воқеаи барномарезинашуда ва баъзан осебрасон ва хисоратовар аст, ки анҷоми пешрафт ё идомаи корро ба сурати табиӣ махтал сохта, ҳамвора дар асари як амал ё анҷоми як кори ғайрибехатарӣ ё дар асари шароити ғайрибехатарӣ ё дар асари таркибӣ аз ин ду ба вуқӯъ мепайванданд.

Риск иборат аст аз имкони ворид омадани осеб ба инсон ё дороии ӯ [1].

**Равишҳои мутадовили баррасӣ ва иқдом дар заминаи беҳдошт ва бехатарии муҳити кор.** Равишҳои таъмини саломатии коркунон дар маҳалли кор, шомили равишҳои идораи муҳит ва равишҳои равоншиносӣ аст. Дар ин мақола бар рӯйи ин равишҳо суҳбат мешавад.

Органикӣ, ба мутолиоте тааллуқ мешавад, ки дар он сохти таркиб ва созмони кор, тарроҳии таҷҳизоти шуғл ва маҳалли кор дар робита бо омили инсонӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад ва дар ин равишҳо ба масоили физиологӣ, идрокӣ ва то ҳадде рафтории инсон таваҷҷуҳ мегардад.

Равишҳои биомеханикӣ. Ин равишҳо таомули физикӣ байни инсон ва системаи механикии атрофи ӯро мавриди назар дошта, абзор, таҷҳизоти маҳалли коро дар ин робита мавриди мутолиа қарор медиҳад.

Муҳандисии системаҳо Дар ин равиш бо таваҷҷуҳ ба усули системаҳо тамоми ҷузъҳои мавҷудӣ шиносоӣ шуда, бо истифода аз равишҳои таҷзия ва таҳлили камӣ масоили бехатариро мавриди мутолиа қарор медиҳад.

Равишҳои иктишофӣ. Дар ин равишҳо бо мутолиа дар наҳваи тавзеъ ва ташхиси бемориҳо ва равишҳои оморӣ муқоисаи дараҷаи саломатӣ ва бехатарӣ мавриди таҳлил қарор мегирад.

Равишҳои рафторӣ. Дар ин равишҳо барои баррасии бехатарӣ ва саломат аз мутағайирҳое монанди ризоят аз кор, ангезиш, мушорикат ва омилҳое аз ин даст пардохта мешавад, ки дар ин мақола аз ин равишҳо низ истифода мешавад [2].

**Қонунҳои давлатӣ ва бехатариву саломатии ҳирфаӣ.** Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти бехатарӣ ва саломатӣ корфармоён ҳамвора аз тарафи афроди ҷомеа, коргарон ва кормандон ва гурӯҳҳову иттиҳодияҳои коргарӣ ба манзури пазируфтани масъулияти бештар дар мавриди бехатарӣ ва саломатии коркунон таҳти фишор будаанд. Ин фишорҳо боис шуда, то давлатҳо ба эҷоди қонунҳои пӯшишдиҳандаи бехатарӣ ва

саломатӣ иқдом кунанд, ки ба далели адами таваҷҷуҳи кофӣ ва вуҷуди мушкилоти бунёдӣ дар бештари мавридҳо мунҷар ба печидагии фароянди тавлид ва адами шумули бархе афрод дар баъзе заминаҳо мешаванд[3]. Бинобар ин, дар ҳар як аз кишварҳо барои бехатарӣ ва саломатии муҳити кор қонунҳое вуҷуд дорад, ки албатта, шиддат ва заъфи он бо таваҷҷуҳ ба сатҳи тавсеаёфтагии кишварҳо фарқкунанда аст.

Дар мавриди коркунон низ корфармоён барои ҳифозат аз бехатарӣ ва саломатии коркунон дар муҳити кор мукаллаф ба таҳияи тамоми васоили бехатарӣ ва ироаи омӯзишҳои лозим мебошанд. Ҳамчунин коркуноне, ки дар маъразӣ бемориҳои бавуҷудомада аз кор ҳастанд, бояд парвандаи пизишкӣ дошта бошанд ва ҳар сол як бор тавассути марказҳои дармонии мавриди таъйид муоина шуда, натиҷааш дар парвандаи онҳо сабт шавад. Чунончи бемории бавуҷудомада аз кор дар фард ташхис дода шавад, корфармо мукаллаф аст ин фардро бидуни коҳиши ҳаққи музд дар қисмати муносиби дигаре ба кор гуморад.

**Омилҳои калидии беҳбуди бехатарӣ ва саломатии шуғлии муҳити кор**

**1.Фарҳанг.** Бидуни як фарҳанги муносиб бо ин эътиқод, ки ҷароҳатҳо ва бемориҳо метавонанд қобили иҷтиноб бошанд, афрод шурӯъ ба бемор шудан, захмӣ шудан ва мурдан хоҳад кард. Афрод шурӯи хубе дар муҳити кор нахоҳанд дошт ва имкони тарки хидмати афроди шоиста вуҷуд дорад. Пайравӣ аз рӯяҳои тавсеа, иртибототи дурусти омӯзишӣ, таваҷҷуҳ ба ҷузъиёт, ҳамоҳангӣ, масъулияти фардӣ, омӯзиши куллӣ ва ҷузъии коркунон ва афзоиши диққати афрод, арзишҳои асосии як фарҳанги муносиб мебошад ва тааҳҳуд ба онҳо бояд аз мудирияти олӣ оғоз шавад ва ба самтии мушорикати ҳамаи коркунон дар бехатарӣ ва саломатии шуғлӣ биравад.

**2.Системаҳо.** Дар созмонҳо системаҳои муртабит бо бехатарӣ ва саломатии шуғлӣ бояд ҳозир ва фаъол бошанд. Ин системаҳо шомили илқои омӯзиш, сиёсатҳо, стандартҳо, фаъолиятҳои бехатарӣ, арзёбии амалкард ва тарҳҳои беҳбуд мебошанд. Ин системаҳо бояд шомил механизмҳои расмӣ ва бодавом барои шомили шудани ҳамаи коркунон дар барномаҳои бехатарӣ ва саломатии шуғлӣ бошанд.

**3.Сахтафзор.** Шомили тарҳ, васила ва мавод аст. Нуктаи муҳим дар ин ҷо тарроҳии харид, насбу амалиёт бар асоси ниёзҳои бехатарӣ аст. Дар таҳияи сахтафзор бояд масъалаи бехатарӣ ва саломатӣ дар назар гирифта шавад ва аз муносиб будан ва бехатарии он боварӣ ҳосил шавад [3].

**Назароти ҷорӣ дар бехатарӣ ва саломатӣ.** Эҷоди як муҳити кори бехатар ва солим боиси коҳиши бештари теъдоди ҳаводис ва ҷароҳатҳои вобаста бо кор мешавад. Мудирон ҳамвора бо назароти гуногуни илмӣ, қонунӣ ва ихтилофӣ рӯ ба рӯ ҳастанд, ки бисёре аз онҳо дар иртибот бо эҷоди таодул миёни ҳарими шахсӣ (бахусус ҳарими маҳрамона) бо ниёзҳои созмон мебошад.

Бархе назароти аслӣ, ки мудирони манобеи инсонӣ бояд системаҳои худро бар мабнои онҳо танзим кунанд иборатанд аз ВИЧ, озорҳои ҷинсӣ, сигор кашидан, маводи мухаддир, беҳурматӣ дар муҳити кор ва таорузоти кори хонаводагӣ[3].

**Стресс.** Стресс вожае аст дар асл ба маънии фишор ва нерӯ. Дар ҷаҳони физикӣ ҳар гоҳ фишоре бар чизе ворид шавад, кунише бар он ворид мекунад, суботи ҷузъҳои дарунии онро барҳам мезанад ва танише дар он падид меоварад ва бармеошӯбад ва саранҷом он шиддатро ба вокуниш меандозад. Дар муҳандисӣ гуфта мешавад, ки ҳар гоҳ фишори ворида аз муқовимати шадид даргузарад он шайъ муталошӣ мешавад ва аз вазъияти мавҷудаш дармеояд. Равоншиносон ва дигар соҳибназарони стресс низ мегӯянд, ки рӯйи ҳам ҷамъ шудани рӯйдодҳои зиндагӣ, ки созгории фардоро бо вазъи мавҷудаш барҳам мезанад, сабаби стресс мешавад[4].

Ҳамчунин стресс нархи тарс ва фишор дар бадан, ки дар тӯли зиндагӣ эҷод мешавад, тавсиф шудааст. Тавассути як давраи куллӣ аз фишор, мушкилот ва таҷрибаҳои афрод аст, ки дар тӯли зиндагӣ ба вуҷуд меояд. Худи стресс на хуб аст ва на бад. Дар ҳақиқат баъзе дараҷаҳои стресс одӣ аст ва барои идомаи ҳаёти рӯзмарра лозим аст. Ҳатто ҳангоме ки афрод истироҳат мекунанд, дараҷаҳои каме аз стресс вуҷуд дорад. Бидуни стресс ангеза ва энергия вуҷуд нахоҳад дошт. Стресс барои ҳар фард иҷтинобнопазир аст. Стресс як вазъияти фишор аст, ки рӯйи эҳсосоти як нафар ба василаи фарояндҳо ва шароити физикӣ асар мегузорад ва имрӯз яке аз масоили муҳим ва мавриди таваҷҷуҳ дар ҳавзаи саломатии фардӣ, созмонӣ ва иҷтимоӣ аст[3].

**Стресси шуғлӣ.** Стресси шуғлиро метавон ҷамъ шудани омилҳои стресссзо дар вазъиятҳои муртабит бо шуғл донист, ки бештари афрод нисбат ба стресссзо будани он иттифоқи назар доранд. Ҳамчунин стресси шуғлӣ ба унвони куниши мутақобил

байни шароити кор ва хусусиятҳои фардии шоғил, сатҳи беш аз ҳадди хостаҳои муҳити кор ва дар натиҷаи фишорҳои муртабит бо он аст, ки фард битавонад аз уҳдаи онҳо барояд[4].

2. **Эҷодкунандаи стресс**. Омилҳои стресззо, омилҳое ҳастанд, ки боиси стресс мешаванд. Онҳо монанди шароите ҳастанд, ки оғозкунанади як тағйир дар шароити физикӣ ё равонӣ мебошанд. Ба ибораи дигар, барҳамзанандаи таодули физикӣ ва равонӣ ҳастанд. Омилҳои трессзо мусбат ё манфӣ мебошанд ва аксуламалҳои физиологӣ дар фард эҷод мекунанд. Тапиши қалб, афзоиши фишори хун, хушкии даҳон, нафаскашии тез, бештари аксуламалҳо мешаванд ва сатҳҳои стресс ба василаи воқеаҳои ғайриматлуб ё номатлуби афзоиш пайдо мекунад, аммо фақат дар сурате ки аз ҳадди муайяне фаротар равад боиси эҷоди дард ва бемори дар афрод мешавад[3].

Ҳамаи коркунон бо стресс рӯ ба рӯ ҳастанд ва ин як қисмат аз вуҷуди ҳар фард аст. Чигунагии ҳидояти стресс тавассути ҳар фард мумкин аст ба зиндагии шодтар ва ё тахриби зиндагии корӣ ва саломатӣ сабаб шавад.

Манобеи воқеии стресс беинтиҳо ҳастанд. То кунун се гурӯҳи куллӣ аз манобеи стресс шиносоӣ шудаанд, ки гурӯҳе марбут ба омилҳои шароити корӣ, гурӯҳе марбут ба хусусияти шахсиятии фард ва гурӯҳе низ марбут ба омилҳои муҳити хориҷӣ мебошанд[3].

Ба таври куллӣ таркиби ин манобеъ боиси эҷоди стресс дар афрод мешаванд. Ҳамчунин бо таваҷҷуҳ ба мутолиоти анҷомшуда омилҳои хориҷӣ, монанди зиндагии хонаводагӣ асари бештаре дар эҷоди стресси коркунон доранд [3].

Стрессҳои муҳити кор ба василаи ғайбатҳо, таъхирҳо ва нотавониҳои муртабит бо стресси коркунон як бори сангин бар рӯйи созмон таҳмил мекунад. Таҳқиқот нишон додааст, ки бештар аз як рӯз дар моҳ коркунон ба далели афсурдагӣ, маводи мухаддир, ё изтироб аз кор бозмемонад. Таҳқиқоти дигаре нишон додааст, ки афроди муҷаррад, бахусус занон бештар дар маърази хатароти стресс мебошанд. Дар як таҳқиқи дигар низ ин натиҷа ҳосил шудааст, ки бекории зиёд, адами амнияти шуғлӣ, қарордодҳои кӯтоҳмуддат ва фишори замонӣ рӯйи коркунон, бо стресс муртабит ҳастанд. Ҳамчунин нигаронӣ аз ояндаи ширкат, адами татобиқи ниёзҳо ва эҳсосот ва адами моликият метавонад эҷоди стресс кунад.

Ҳар як аз ҷанбаҳои кор метавонанд боиси стресс шаванд. Дар баъзе шуғлҳо (барои мисол қонун, пизишкӣ, молӣ, мушовара ва технология) кори зиёде анҷом мешавад ва нигаронии зиёде барои иртиқо вуҷуд дорад.

Баъзе омилҳои аслии стресс дар муҳити кор дар зер омадааст:[5]

1) бори зиёди корӣ; 2) фишори кори кам; 3) навбати корӣ; 4) равобити байнишахсӣ; 5) тағйир; 6) ҷалби созмонӣ; 7) муҳити физикӣ; 8) ибҳоми нақш; 9) омилҳои шахсӣ.

**Омилҳои хориҷӣ иборат аз:** шароити иқтисодӣ, қавонин ва муқаррароти давлатӣ, мусофират, арзишҳои ҷомеа, ҷурму ҷиноят, мавзӯоти хонаводагӣ ва шахсӣ.

3.**Стресс ва амалкарди корӣ.** Сатҳҳое аз стресс мумкин аст ба беҳтар шудани амалкарди корӣ кӯмак кунанд. Вақте стресс вуҷуд надорад, чолишҳои корӣ вуҷуд нахоҳанд дошт, касолату нотавонӣ афзоиш ёфта, бар рӯйи амалкард асари манфӣ мегузорад. Чунончи стресс афзоиш пайдо кунад, амалкард ба самти беҳбуд меравад ва коркунон омодагии зеҳнӣ ва равонии болое барои рӯёрӯйӣ бо чолишҳо пайдо мекунанд. Баъзеи таҳрикҳо муфид ҳастанд ва коркунонро барои расидан ба эҳсоси муваффақият ва ризояти шуғлӣ фаъол мекунанд. Агар ин миқдор стресс аз сатҳи беҳина фаротар равад, тақозоҳои коркунон аз ҳад зиёд афзоиш меёбад ва сатҳи фаъолият паст мегардад. Дар ин нуқта, тавони ҳамоҳангии коркунон аз байн рафта, тасмимгирӣ барои онҳо мушкил шуда, рафторҳои номутаодил буруз медиҳанд. Ҳамчунин, агар стресс аз ҳадди муайяне бештар шавад, фаъолият бадтар шуда, коркунон бо дарҳамшикастагии зеҳнӣ ва физикӣ рӯ ба рӯ мешаванд[3].

4.**Робитаи стресс ва тарки хидмат ва сабки роҳбарӣ.** Бо таваҷҷуҳ ба таҳқиқоти анҷомшуда сабки роҳбарӣ ва омодагии коркунон бо ризоят, фаъолияти шуғлӣ, тарки хидмат ва стресс иртиботи қавӣ надорад. Коркунон бо майл ва ангезиши болотар ва бо тавоноии бештари фаъолият ва ризояти шуғлии болотаре доранд. Аз тарафи дигар, стресси шуғлии коркунон ба таври мусбат бо тарки хидмати коркунон дар иртибот аст. Ҳамчунин то кунун иртибот равише миёни фаъолият, ризояти шуғлӣ ва стресс ба сурати якпорча бо сабки роҳбарӣ ва тарки хидмат ва омодагии коркунон пайдо нашудааст. Аз тарафе дониш, таҷриба ва тавоноии коркунон дар робита бо як вазифаи хоси бештар бар рӯйи эътимод, тааҳҳуд ва ангезиш ва дар натиҷа стресс ва саломатӣ асар мегузорад. Дар натиҷа созмонҳо бояд афроди дурустро барои анҷоми

кори дуруст баргузинанд ва ҳангоми омӯзиши муносибе барои афзоиши тавоноии онҳо дар назар бигиранд, ки ин амр боиси мутаносиб шудани тавоноии коркунон ва афзоиши бехатарӣ ва саломат мешавад[6].

5.**Тасмимгирӣ ва стресс.** Шояд яке аз шоеътарин илали стресс дар мудирон адами тавони тасмимгирӣ ва иҷро бошад. Адами тасмимгирӣ боиси эҷоди стресс мешавад ва стресс низ боиси шадидияти нотавонӣ дар тасмимгирӣ мешавад, ки ин амр ба сурати як даври ботил амал мекунад ва сабаби иттихози тасмимоти нодуруст мешавад. Мудироне, ки тасмимотро ба таъвиқ меандозанд ва ба шарҳи мушкилоти гузашта таваҷҷуҳи беш аз андоза мекунанд, низ амал доранд. Чунончи мудирон аз ибтидо нигарони ҳамаи тасмимоте бошанд, ки то кунун гирифта, ё хоҳанд гирифт, дучори стресси беш аз андоза хоҳанд шуд ва пайомади он коҳиши тавоноии онҳо дар рӯбарӯйи бо вазъиятҳои нав аст. Ин амр ба нигаронии бештар, фишори бештар ва мушкилоти бештар сабаб мешавад. Дар тасмимгирӣ бояд мизони масъулият ва фаврияти тасмим лиҳоз шавад ва набояд тааммули аз ҳад зиёд рӯйи тасмимот сурат гирад. Як тасмим беҳтар аз тасмим нагирифтан аст ва тасмими дурусте, ки дер иттихоз шавад, ғайри қобили истифода аст. Ин як афсона аст, ки таъхир, кайфияти як тасмимро беҳбуд мебахшад, аммо воқеият ин аст, ки таъхир дар тасмимот стрессро афзоиш медиҳад[3].

6.**Аломатҳои стресс.** Аломатҳои стресс ба роҳатӣ метавонанд шиносоӣ шаванд ва ба мудирон дар мавриди коркуноне, ки бо стресс кор мекунанд, ҳушдор диҳанд. Аломатҳое, ки метавон мушоҳида кард иборатанд аз:

| | |
|---|---|
| Шикаст дар эҳсосот | - афзоиши истифода аз машрубот ва маводи мухаддир |
| Эҳсоси асабоният, ҳаяҷон, хуфтагӣ | - афзоиши масрафи дахониёт |
| Су ҳозима | - тағйир дар рафтори ғизоӣ |
| Фишори хуни боло | -нотавонӣ аз стресс |
| Бехобӣ | - дард ва нороҳатиҳои музаммин |
| Беқарорӣ ва нотавонӣ дар тамаркуз | - мушкилоти ҷинсӣ |

Бештари коркунон баъзе аз ин нишонаҳоро доранд, ки эҳтимолан натиҷаи стресси зиёд мебошад ва агар ба ин мушкилот таваҷҷуҳ нашавад, мумкин аст боиси бурузи анвои беморихо шавад[3].

7.**Мудирияти стресс.** Чолиши асосӣ барои ҳар корманд ёфтани он сатҳ аз стресс аст, ки баҳравариро бидуни осеб задан ба саломат афзоиш диҳад. Ин амр бо мудирияти муассири стресс имконпазир мешавад. Баъзе маҳоратҳои мудирияти стресс, ки барои идора лозим аст, дар зер оварда шудааст:

1) истироҳат; 2) варзиш; 3) режими ғизоӣ; 4) суҳбат кардан; 5) барномарезӣ ва мудирият; 6) тафвиз.

Даҳ роҳ, ки мудирият метавонад ба василаи онҳо стресси коркунонро ҳангоми кор коҳиш диҳад:

1. Суҳбати озоди коркунон бо якдигар.
2. Коҳиши таорузоти шахсӣ дар кор.
3. Додани қудрати идораи кофӣ ба коркунон дар мавриди чигунагии анҷоми кор
4. Итминон додан ба коркунон барои гирифтани ҳуқуқҳояшон дар мавқеи лозим.
5. Суҳбат кардан дар бораи коркунон ба вузӯҳ ва равшанӣ.
6. Ҳимоят аз талошҳои коркунон.
7. Таъмини мураххасиҳои шахсӣ ва мазоёи коркунон.
8. Таъмини сатҳҳои ҷории мазоёи коркунон.
9. Коҳиши миқдори хатҳои сурх барои коркунон.
10. Ташвиқ ва подош барои дастовардҳо ва ҳамкории коркунон[3].

Ҳамон тавр ки гуфта шуд, яке аз муҳимтарин масъулиятҳои мудирияти манобеи инсонӣ ҳифзи коркунони тавонманд ба манзури эҷод ва ҳифзи мазияти рақобатӣ дар созмон мебошад, зеро имрӯз яке аз омилҳои асосии муваффақияти созмонҳо манобеи инсонии тавонманд ва истифодаи беҳина ва донишмеҳвар аз онҳо мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф лозим аст, ки коркунон аз сатҳи ризоятмандии болое бархурдор бошанд, то барои созмон эҷоди арзиш намоянд. Яке аз омилҳои аслии эҷоди ризоятмандӣ ва яке рукнҳои ба вуҷудоварандаи бехатарӣ дар муҳити кор амнияти шуғлӣ мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба матолибе, ки дар ин мақола баён шуд, бехатарӣ дар муҳити кор бояд аз ду ҷанбаъ мавриди баррасӣ қарор гирад:

- аз ҷанбаи физикӣ: дар ин манзар муҳити кор бояд аз назари физикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо таваҷҷуҳ ба навъи кор, навъи коркунон, ҳадафҳо ва маҳдудиятҳои созмон бо истифода аз техникаҳои гуфташуда бехатартарин муҳитро барои коркунон ба вуҷуд оварад.

- аз ҷанбаи равонӣ: дар ин манзар худи коркунон мавриди таваҷҷуҳ қарор мегиранд ва умдатан тамаркуз дар ин мақола бар чигунагии бардоштани фишори равонӣ ва стресси номатлуб дар коркунон аст ва дар ин замина дастурамалҳо ва рӯяҳое ироа шуд, то ба василаи онҳо битавон коркунонро аз назари рӯҳӣ ва равонӣ барои кор омода кард ва заминаи ризояти шуғлии онҳоро фароҳам кард.

Дар поён лозим ба зикр аст, ки аксари матлабҳо ва дастуруламалҳои ироашуда дар ин мақола бар асоси таҳқиқоти анҷомшуда дар кишварҳои тавсеаёфта ба даст омада, барои бакоргирии он дар кишварҳои дигар бояд бар мабнои омилҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, корӣ ва ғайра мутолиаҳои зарурӣ сурат гирад.

Ин мақола ба баррасии яке аз омилҳои муҳими нигоҳдории коркунон, яъне бехатарӣ ва саломатии ҳирфаӣ мепардозад. Дар ибтидо таъриф ва мафҳумҳои марбут ироа мешавад ва сипас равишҳои мутадовили баррасӣ ва пешниҳод дар заминаи беҳдошт ва бехатарии муҳити кор ном бурда шуда, ба қонунҳои бехатарӣ ва саломати шуғлӣ ишора мегардад. Ҳамчунин фарҳанг, сахтафзор ва системҳо, ки омилҳои аслӣ дар бехатарӣ ва саломати шуғлӣ ҳастанд, мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Мавридҳое роҳнамо ба манзури арзёбии фаъолияти бехатарӣ ва саломат ироа мешавад. Анвоъи барномаҳои бехатарӣ ва мабнои мушаввиқ ва бар мабнои рафтор таҳлил мешаванд. Баъд аз ин матолиб стресс мавриди баррасӣ қарор мегирад. Пас аз таърифи стресс ва омилҳои ба вуҷуд оварандаи он, омилҳое, ки бар он асар гузошта ва аз он асар мепазиранд баррасӣ шуда ва сипас роҳкорҳое дар чорчӯби мудирияти стресс барои бартараф кардани он ироа мешавад.

### АДАБИЁТ


1. Ҳақиқӣ Муҳаммад Алӣ. Низоми равобити кор дар созмон / Ҳақиқӣ Муҳаммад Алӣ. -Теҳрон: Тарма, 1379/2001. -С.110.
2. Мирсипосӣ Носир. Мудирияти манобеи инсонӣ ва равобити кори нигариши роҳбурдӣ / Мирсипосӣ Носир. -Теҳрон: Шарвин, 1375/1997. -С. 239-240.
3. Stone. Human Resource Management, 2004. -P.646-647, 653, 655-662, 662, 663, 668-669.
4. Риндол Рос Р. Стресси шуғлӣ. Тарҷумаи Ғуломризо Хоҷа Пур / Р. Рос Риндол, М. Элизабет Алтмейр. -Теҳрон: Созмони мудирияти санъатӣ, 1377/1999. –С.10, 36-38.
5. Stone. Human Resource Management / Stone. Human, 2004. -P.663; Workplace dimensions, stress and job satisfaction / [Fairboro ther Kerry and et al.] // Journal of Managerial Psychology, 2003. -18(1); Larson Linda L. Internal auditors and job stress / L. Larson Linda // Journal Managerial Auditing, 2004. -19(9). –P.1119-1130.
6. Leadership effetiveness, Leadership style and employee readiness /[Chen Chen Jui et al.] // Leadership &organization Development Journal. 26 (4).


### ОХРАНА ТРУДА И ЗДОРОВЬЯ. БЕЗОПАСНОСТЬ ПРОИЗВОДСТВА В ПРОМЫШЛЕННОСТИ


Охрана труда – это управление производственной деятельностью, направленный на предотвращение травм и заболеваний, связанных с производством. Уровень безопасности считается приемлемым, если обеспечено соблюдение требований нормативных актов по охране труда. В данной статье автор рассматривает данную проблему на примере промышленных предприятий.



**Ключевые слова:** труд, охрана труда, улучшение условий работы, снижение производственного травматизма, профессиональная заболеваемость, профессиональная активность трудящихся, рост производительности труда соблюдение требований техника безопасности.


### OCCUPATIONAL SAFETY AND HEALTH. INDUSTRIAL SAFETY IN INDUSTRY


Health is the control of production activities, aimed at preventing injuries and illnesses connected with production. The security level is acceptable, if it is provided with observance of requirements of normative acts on labor protection. In this article the author considers the problem on the example of the industrial enterprises.



Keywords: labor, occupational safety, improvement of working conditions, reduction of industrial injuries, occupational morbidity, professional activity of workers, the labour productivity growth compliance with safety.



**Сведения об авторе:** ***ХабибуллохНоруи Навваб*** – соискатель Таджикского национального университета

# ТАШКИЛ ВА ТАВСЕАИ РАҚОБАТПАЗИРИИ НИЗОМИ ИДОРАКУНАНДАИ СОХТОРҲОИ КОРОФАРИН ДАР САНОАТИ ХУРДИ ЭРОН


*Масъуди Ҳусейнпур*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Дар кишварҳои тавсеаёфтаи саноатӣ беш аз 90% тавлидот ва содироти маҳсулоти саноатиро тавлидот ва воҳидҳои хурд ташкил медиҳад. Ҳамчунин бар асоси омори кишвари Эрон аз назари теъдод ҳудуди 98% воҳидҳои саноатиро саноати хурд ба худ ихтисос додааст. Бинобар ин, баррасии шароити ҳоким бар низоми идоракунандаи саноати хурд метавонад заминаи рақобатпазирии афзоиши тавлидот, афзоиши содирот ва ҳамчунин афзоиши шуғлиро ба ҳамроҳ дошта бошад.

Таърифи саноати хурд ва миёна дар миёни кишварҳо ва манотиқи мухталифи ҷаҳон бисёр мутафовит аст.

Дар ҳақиқат шароити иқтисодӣ ва саноатӣ ҳоким бар ҳар кишвар, дарри саноати хурд ва миёна дар он аст, бархе аз меъёрҳое, ки маъмулан дар таърифи саноати хурд ва миёна ба кор мераванд, иборатанд аз теъдоди коркунон, мизони сармоя, ҳуҷуми дороии кулли ҳуҷуми фурӯш ва зарфияти тавлид, аммо роиҷтарин меъёр барои таърифи саноати хурд ва миёна, меъёри теъдоди коркунон аст. Дар баррасии осор ва навиштаҳои мавҷуд дар робита бо ин саноат мушоҳида мешавад, миқёсҳои бакоррафта барои таърифи саноати хурд ва миёна низ дар кишварҳои мухталиф мутафовуит аст. Нуктаи таваҷҷуҳ барангез ин аст, ки дар бархе аз иқтисодҳо барои таърифи саноати хурд ва миёна аз миқёсҳое истифода мешавад, ки дар иқтисодҳои дигар кишварҳо маъруфи саноати бузург мебошад.

Дар кишвари Эрон шохиси таъйин ва воҳидҳои хурд, миёна ва бузург бар асоси нерӯи инсонӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат ба чаҳор табақаи 10-49 нафар 50-99 нафар, 100-149 нафар нерӯи кор ва 150 нафар нерӯи кор ва бештар тақсим мешаванд, ки маҷмӯаи коргоҳҳои саноатӣ, то 149 нафар нерӯи кор дар зумраи бунгоҳҳои хурд ва миёна дар назар гирифта шудааст.

Дар солҳои охир, аҳамият ва нақши саноати хурд ва миёна ҳам, дар кишварҳои саноатӣ ва ҳам дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа рӯ ба афзоиш будааст. Дар ду даҳаи гузашта бо зуҳури фановариҳои нав дар тавлид ва иртиботи таҳаввулоте дар равишҳои тавлид ва тавзеҳу сохтори ташкилотии бунгоҳҳо падид омадааст, ки дар аҳамияти воҳидҳои хурд ва миёна афзудааст. Афзоиши рақобат ва марказонидани ширкатҳо бар фаъолиятҳои меҳварӣ, боиси тафкики амудии ширкатҳо, густариши робитаҳои паймонкорӣ ё таъминкунандагони қитъаот ва маводи аввалияву тақвияти равобит дар занҷира арза шудааст. Ҳамаи ин таҳаввулот лузуми таваҷҷуҳ ба воҳидҳои хурдро дучандон кардааст. Албатта, на воҳидҳои хурд мунфак ва маҷзо, куллияи воҳидҳои хурде, ки ҷузъе аз шабакаи занҷираҳои тавлид будаанд ва фановарӣ, нерӯи кори мутахассису мудирияти пешрафатаро дар худ фароҳам кардаанд.

Илова бар ин, чун фароянди ёдгирӣ дар саноати хурд ва миёна боиси тарбияти мудирони тавонманд мешавад ва хориҷ шудани ин саноат аз саҳфаи рақобат (дар сурати варшикастагӣ) зиёни камтареро ба ҷомеа таҳмил мекунад. Аз ин рӯ, саноати хурд ва миёна заминаи муносибе барои эҷоди саноати рақобатпазир маҳсуб мешаванд.

Сарфи назар аз мазиятҳои фавқ, давлатҳо ба манзури тазмини рақобат дар бозори озод ва пешгирӣ аз инҳисори ширкатҳои бузург, ҳамеша стратегия ва сиёсатҳои хосеро барои иртиқои саноати хурд ва миёна ва ҳамчунин вуруди осони ширкатҳои корофарин ба арсаи иқтисод иттихоз намудаанд. Зеро ба таҷриба собит шудааст, ки рақобатпазирии саноати бузург ба таомули муносиб бо саноати хурд ва миёнаи пӯё ва навовар вобаста аст ва афзун бар он, саноати хурд ва миёна метавонанд, заминаи муносибе барои эҷоди рақобатпазирии саноати бузург бошад.

Дар аксар кишварҳои ҷаҳон тавсеаи саноати хурд ва миёна ҷузви сиёсатҳои аслӣ ва ба ртаридори давлатҳо ба шумор меравад ва рӯйкарди хосе ба манзури ҳимоят аз эҷод, рушд ва бақои ин гуна воҳидҳо иттихоз мешавад, зеро барномарезӣ барои тавсеаи саноатӣ ва иқтисодӣ, шуғлиятнокӣ, тавсеаи содирот ва навоварӣ бе ҳисоят ва пӯштибонӣ аз саноати хурд ва миёна муассир нахоҳад шуд.

Аз тарафи дигар, дар ҳоле ки дар кишвари мо қариб ба 98% теъдоди бунгоҳҳои иқтисодии кишвар (бар асоси маркази омори Эрон)-ро воҳидҳои хурд ва миёна ташкил медиҳанд, иқдомоти давлат барои эҷод ва тавсеаи фазои касбу кори муносиб

барои саноати хурд, як гоми асосӣ барои тавсеаи муҳити тавонманд ба манзури иртиқоъ ва рақобатпазирӣ аст, ки пешшарти машғулиятзоӣ ва тавсеаи содироти ғайринефтӣ аст.

Ин иқдомот ва сиёсатгузориҳо метавонанд сиёсатҳои молӣ ва молиётӣ, қонуни кор, қонунҳои зистмуҳитӣ ва маҷмӯае аз масоили ҳуқуқиро шомил шавад, ки бар эҷоди бунгоҳҳои иқтисодии нав ва беҳбуди фаъолиятҳои иқтисодии мавҷуд таъсири мустақим мегузорад.

Таҷрибаи бисёре аз кишварҳои дар ҳоли тавсеа ва тавсеаёфта нишон медиҳад, ки бахши саноати хурд ва миёна дар сурати иҷрои дурусту мудаббирона ба далоили мухталиф метавонад нақши меҳварӣ дар тавсеаи иқтисодӣ ва саноатӣ дошта бошад.

Саноати хурд ва миёна, мушорикати ҳоизи аҳамияте дар тавсеаи иқтисодӣ ва саноатӣ низомҳои иқтисодии тавсеаёфта ва дар ҳоли тавсеа дорад. Беш аз 90% бунгоҳҳои ҷаҳон ва 50 то 60% шуғлнокӣ дар ин бахш муҳаққақ мешавад. Мизони мушорикати бунгоҳҳои хурд ва миёна дар бахшҳои саноатӣ ва дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа бештар аст ва дар ин кишварҳо саноати хурд ва миёна ағлаб танҳо ҷашмандози воқеӣ барои машғулиятҳо ва рушди арзиши афзуда ҳастанд. Ин мавзӯъ ҳамчунин дар мавриди кишварҳои бо иқтисоди дар ҳоли гузар сидқ мекунад. Ширкатҳои бузурги давлатӣ нокоромад, ҷойи худро ба воҳидҳои хурд ва коромадтари бахши хусусӣ медиҳанд. Ба ҳамин манзур ба далели аҳамияти фаровони саноати хурд ва миёна ва дар ҷиҳати баррасии нуқоти заъф ва мушкилоти мавҷуд дар ҷиҳати шукуфоии онҳо баррасии мавориди зер ҷиҳати расидан ба аҳдофи мавриди назар дар тавсеаи саноатӣ мепардозем:

* Баррасӣ ва таҷзияву таҳлили фановарӣ, технологӣ ва сохтори корофарини саноати хурди Эрон бо таваҷҷуҳ ба аҳдофи барномарезишуда ва ҳамчунин дигар кишварҳои дар ҳоли тавсеа дар Аврупову Осиёи Ҷанубу Шарқӣ.

* Баррасӣ ва таҷзияву таҳлили мушкилот ва шароити адами рақобатпазирии фазои касбу кори сохтори корофарини саноати хурди Эрон дар заминаҳои қонунҳои гумрукӣ, содиротӣ, бонкӣ, қонунҳои кор, молиёт ва соири омилҳои муассир ва муқоисаи он бо барномаҳои пешбинишуда ва шароити мушобеҳ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа.

* Пешниҳоди роҳкориҳои муносиб ҷиҳати афзоиши рақобатпазирӣ дар истеҳсол ва содироти маҳсулоти саноати хурди Эрон, ки дар ниҳоят боиси рушди иқтисодӣ ва ҳамчунин рушду густариши машғулият, бахусус дар байни ҷавонон ва занон хоҳад гардид ва муқоисаи он бо кишварҳои мушобеҳ.

*Баррасии роҳкориҳои муносиб ҷиҳати ҷамъоварӣ ва савқ додани манобеи молӣ ба саноати хурд ва миёна, ки дар натиҷа боиси эҷоди фурсатҳои шуғлӣ, эҷоди рифоҳ ва билохира фақрзудоӣ мешавад. Заминаи ҳузур ва мушорикатиақшори фақир ва осебпазири ҷомеа аз қабили ҷавонон ва занони корофарин, ки зарфияти маҳдуде барои мушорикат дар тавсеаи иқтисодии кишварашон доранд, ба вуҷуд меоварад.

Яке аз аҳдофи ин баррасӣ, нақши муҳимми саноати хурд ва миёна дар таҳқиқи раванди хусусисозӣ дар кишвар мебошад. Зеро қобилияти ҷазби нерӯи кори моҳир ва нимамоҳир дар ин гуна саноат бештар вуҷуд дорад.

Таҷриба ва баррасӣ дар кишварҳое, ки саноати хурд ва миёна дар он, рушди қобили таваҷҷуҳе доштааст, нишон медиҳад, ки ин гуна саноат боиси иртиқои мардумсолорӣ дар ҷомеа мешавад ва ҷомеаи маданӣ боиси мушорикати корофаринон дар низоми иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар мегардад.

Баррасӣ ва мутолиа дар соири кишвар мушаххас гардида, ки ин гуна саноат мутанаъф ва нававар ҳастанд ва дар бисёре аз бахшҳои саноати хурд ва миёна имтиёзи рақобатӣ ба саноати бузург доранд ва ин амр онҳоро қодир месозад,ки сареътар ва муассиртар ба таҳаввулоти фароянди ҷаҳонӣ посух диҳанд.

Бо таваҷҷуҳ ба ҳадафҳое, ки барои саноати хурд ва миёнаи Эрон тарсим шуда ва ҳамчунин нуқоти қувват ва заъфи ин саноат, роҳбурдҳои муносиб барои дастёбӣ ба ин аҳдоф таъйин шудааст, ин роҳбурдҳо бо таваҷҷуҳ ба вазъияти Эрон ва баҳрагирӣ аз стратегияи кишварҳои дигар метавонад дар сурати баррасӣ ва мутолиаи дақиқи мавридҳои зер заминаи тавсеаи саноати хурд ва миёнаро дар кишвари Эрон бо таваҷҷуҳ ба зарфиятҳои муносиб эҷод намояд.

Баррасии мизони интибоқи равишҳои анҷоми кор ва технологияи низоми идоракунандаи сохторҳои корофарини саноати хурди Эрон баррасӣ ва мутолиаи фазои касбу кор ва баррасии далоили адами рақобатпазирии саноати хурди Эрон баррасии заминаи иштиғол дар саноати хурд ва ҳамчунин имкони тавсеаи ин соҳибкориҳо дар саросари кишвар чигунагии муқаррароти осон дар содироти гумрук,

ҳамлу нақли саноати хурди Эрон таҳлили масоил ва назарияҳои мавҷуд дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа.


**АДАБИЁТ**

1. Маҷаллаи тадбир, 2012. -№125.
2. Масъуди Нилӣ. Мутолиоти стратегии густариши санъатӣ / Масъуди Нилӣ. –Теҳрон, 2004.
3. Маводи оморӣ. Иттилооти сиёсӣ, иқтисодии соли чаҳорум. –Теҳрон, 2006. -№32. –С.33, 34.


**ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В ПРОМЫШЛЕННОСТИ ИРИ**


В статье рассмотрены вопросы роли и значения малого и среднего бизнеса в промышленности ИРИ, анализированы технологии и нанотехнологии в малой промышленности, исследовано состояние малого бизнеса в неконкурентных условиях, а также предложены рекомендации по увеличению мощности производства и экспорта продукции малых предприятий.



**Ключевые слова:** предпринимательство, конкуренция, малые и средние промышленные предприятия, занятость, технология, нанотехнология, экспорт, производство, финансовые средства.


**IRANS SYSTEM OF ENTREPRENEURSHIP AND INDUSTRY MANAGEMENT: FORMATION AND DEVELOPMENT ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN**


***Masoud Hossein Pour***



Article considers role and meaning of small and medium enterprises in the industry of Islamic Republic of Iran. Technologies and nanotechnologies in the small industry analyzed in the article, state of small enterprises in uncompetitive conditions also under research. The article proposes recommendations for increasing volume of production and exporting small enterprises products.



**Key words:** entrepreneurship, competition**,** small and medium enterprises, employment, technology, nontechnology, export, production, finance source**.**



**Сведения об авторе:** ***Масъуди Хусейнпур*** – соискатель Таджикского национального университета


# ТАЪСИРИ КОРОФАРИНӢ БА РУШДИ ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ КИШВАР


***Амирмуҳсини Растегор***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Фароянди тағйир ва таҳаввули мустамар ва пуршитоб дар оғози асри XXI мелодӣ аз умдатарин ҷараёнҳои ҳоким бар ҳаёти башарӣ ва аз муҳимтарин мушаххасоти боризи он ба шумор меравад ва фароянди корофаринӣ ва халлоқият, ки асос ва замина тағйиру таҳаввул ва дигаргунист, дар ин хусус нақши бисёр бунёдин ва таъйинкунандае ифо мекунад. Таъсири иқтисодӣ ва иҷтимоии фаъолиятҳои корофаринон низ ба хубӣ машҳуд мебошад ва бисёр аз фаъолиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар дунёи имрӯз ба василаи онҳо сурат мегирад.

Имрӯз бештари машғулиятҳои навинро ширкатҳои корофаринӣ халқ мекунанд. Маҳсулот ва хадамоти бартар, фановарии навин ва пешрафта ҳамагӣ аз марказҳои корофаринӣ нашъат мегиранд. Решаи рушд ва шукуфоии мо дар ширкатҳои кӯчак ва корофаринон кушоест, ки муштоқона назарияҳои навини худро амалӣ мекунанд. Эдвин Ланд вақте донишҷӯ буд, ширкати «Плоройд»-ро дар анборе роҳ андохт. Ду даҳаи баъд ӯ нахустин дурбини аккосии фаврии худро равонаи бозор кард. Ӯ аз ҳеҷ ширкате сохт, ки натанҳо боиси ҳазорон фурсати шуғлии ҷадид ва шукуфоии ногуфтае шуд, балки дурбине ба дунё арза кард, ки фишори як тугмаи он масрафкунандагонро дар дуртарин нуқтаҳои дунё завқзада мекард.

Дар соли 1971 ширкати корофаринии кӯчаки «ИНТЕЛ» инқилоби муҳиме дар санъати резпардозандаҳои микропротсессорҳо эҷод кард. Тайи 5 сол ин ширкат 8000 шуғли ҷадид ва ҳазорон фурсати шуғлии хориҷ аз ҳиттаи мустақими худ эҷод кард.

Рӯзе дар ҷое ҳама чиз бо як корофарини танҳо оғоз шуд. Тайи даҳаҳои охир, корофаринон ҷараёни муқоисанопазирӣ аз молу хадамот эҷод карданд, ки фақри имрӯзро шабеҳи сарвати қарнҳои гузашта кардааст. Даҳҳо ширкат аз сад ширкати бартар дар поёни Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ имрӯза бар асари набудани маҳоратҳои корофаринӣ ё ҳамлаи як тозавориди пурэнергӣ таҳлил рафта, ё нобуд шуданд.

Дар аввалҳои даҳаи 1960 як галадори аҳли Оюво ба номи Ҳолман бидуни хуш ё фановарии хосе ба санъати бастабандии гӯшт ҳамла кард. Ӯ рақибони худро бо тафаккур ва мубориза аз сари роҳ бардошт, то он ки ҳамаи бузургони ин саноат шикаст хӯрданд ва мағлуби ин тозаворид шуданд.

Иродаи қавии Ҳолман бо пофишорӣ ва халлоқияти ӯ ҳамроҳ шуд, то аз ҳеҷ ширкате «Оюво Бифт»-ро ба касбу кори чандин миллион долларӣ табдил кунад. Ӯ ин натиҷаҳои фавқулодаро бо короиҳои сода ва беҳбуди маҳсулот ироа кард. Ӯ ҳеҷ ибдоъ, фановарӣ ё таҳаввули ҷадиде ба ҷузъ иддаои маҳкам ва равишҳои беҳтар надошт.

Нишони корофариниро метавон дар бурҷҳои дурахшони Гонконг ва шукуфоии иқтисодии Ховари Дур мушоҳида кард, ки дар замоне дар ҳоли инқироз буданд. Дар ҳар ҷо пешрафт, беҳбуди сатҳи зиндагӣ ва иқтисоди борвар вуҷуд дошта бошад, корофаринон метавонанд озодона ба кор бипардозанд.

Агар кишваре дар ҳар даҳа чанд Ҳенри Форд дошта бошад, шукуфоии иқтисодиаш тазмин шудааст. Аз назари ҷамъи касире аз иқтисоддонон, соҳибназарон ва донишмандон, корофаринон муҳаррики ҳаракат ва рушди иқтисодии як ҷомеа ҳастанд, ки дар як муҳити рақобатӣ ва шароити адами таодул ҷомеаро ба ҳаракат дармеоваранд ва тавсеа мебахшанд.

Теодор Шултс муътақид буд, ки адами таодул дар як иқтисоди пӯё амри иҷтинобнопазир аст. Ин адами таодулро halметавон ба муҷиби қонун ё сиёсати умумӣ бартараф кард ва ба таври яқин илми маонӣ ва баён ҳам наметавонад онро бартараф кунад. Танҳо фаъолиятҳои корофаринон аст, ки бо тахсиси муҷаддади манобеъ метавонад иқтисодро ба ҳолати таодул бозгардонад ва муҷиби таодул дар арза ва тақозо шавад [1]. Зеро корофаринон вақте тақозо барои маҳсулот ва ё хидмате вуҷуд дорад, вале арза вуҷуд надорад ва ё арза кам аст, бо ироаи маҳсулот ва ё хидмати ҷадиди худ ба бозор арзаро зиёд мекунанд ва вақте ки он маҳсулот зиёд шуд ва ширкатҳои бисёре барои арзаи маҳсулот ба бозор ворид шуданд, бо ироаи маҳсулот ва ё хадамоти дигаре бозори он маҳсулотро тарк мекунанд.

Аз он ҷое ки калиди муваффақияти корофаринӣ ёфтани равишҳои халлоқона аст, корофарин бо бакоргирии технологияҳои навин ва шеваҳои навин сареътар ва камҳазинатар ниёзҳои ҷомеаро ба наҳви аҳсан бароварда месозад. Ин ба маънои тавлиди молу маҳсулоти бо ҳазинаҳои камтар ё иртиқои кайфияти онҳо ва ё ба маънои эҷоди бозорҳое барои молҳои комилан ҷадид аст. Ин ҳама ҳокӣ аз он аст, ки корофаринон нақши бисёр муассире дар тавсеаи иқтисодӣ доранд.

Аз он ҷо ки бештари корофаринон барои рафъи ниёзҳои молӣ ва шуғлӣ оғоз ба кор мекунанд, метавонем натиҷа бигирем, ки унсури аслии ангезиши як корофарин манфиатҳои шахсӣ аст. Аммо интиқодкунандагон ин мулоҳизоти шахсиро тамаъ меноманд ва онҳоро афроди судҷӯ ва фурсатталаб менигоранд, ки фақат ба фикри манфиатҳои худашон ҳастанд. Ин интиқодкунандагон сахт дар иштибоҳ ҳастанд, чаро ки танҳо дар посухгӯйӣ ба манфиятҳои шахсии дигарон корофаринон муваффақ мешаванд. Харидорон ҳаққи интихоби молҳои мавриди назари худро доранд. Вақте ду тараф ба тавофуқ мерасанд, ҳарду манфиатҳои шахсии якдигарро бароварда мекунанд. Танҳо бо хидмат ба муштарӣ як корофарин ба муваффақият даст меёбад. Ин системаест, ки созукори шикастнопазири он бар ин асл устувор аст, ки як тарафи муомила бояд розӣ бошад, то тарафи дигар суди худро бибарад.

Ҷорҷ Гилдер дар китоби худ дар даҳаи 1980 ба номи «Сарват бо фақр» имон ва эътиқодро муҳимтарин асли пешрафт медонад. Имон ба инсон, имон ба оянда, имон ба бозгашт дар қиболи бахшиш, ҳамаи инҳо лозимаи ҳифзи рӯҳияи касбу коранд.

Корофаринон дар иҷтимоъ таъсироти бузурге бар ҷой мегузоранд. Аз ин рӯ, мавзӯи корофаринӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷомеашиносон низ қарор гирифтааст. Макс Вебер ҷомеашиноси олмонӣ аввалин фарде будааст, ки дар ин ҳавзаи илмӣ ба корофаринӣ таваҷҷуҳ кардааст. Дар таърифи Вебер корофаринӣ як фароянди иҷтимоист, ки дар он корофарин бо иштиёқ ва пушткор дар кор хештани хешро пайдо мекунад ва аз банди одот ва суннатҳо раҳо мешавад.

Ӯ муътақид аст, ки фарҳанги корофаринӣ дар сатҳи таомулии инсонҳо бо якдигар шакл мегиранд ва шахсият, арзишҳо, нигаришҳо ва боварҳои фард нисбат ба корофаринӣ таҳти таъсири таомули вай бо соири афроди ҷомеа шакл гирифта ва такомул пайдо мекунад [2].

Бинобар ин, бар асоси назари Вебер ҷомеа, боварҳо ва арзишҳои он нақши муҳиме дар эҷоди корофаринӣ дорад ва ҳамчунин корофаринон низ нақши бисёр муассире дар эҷоди таҳаввулоти арзишманд ва наҷоти ҷомеа аз банди одот ва суннатҳои беасос ва бефоида, аммо марсум ифо менамояд [3].

Корофаринон дар иҷтимоъ сабаби пӯёӣ ва афзоиши баҳраварӣ шуда, дар сатҳи иҷтимоъ арзиши корро афзоиш медиҳанд ва рӯҳияи талош ва кӯшишро дар баданаи ҷомеа боло мебаранд. Корофаринон сабаби ташвиқи ҷомеа ба корҳои халлоқ ва

корофаринона мешаванд. Ба ҳамин амр сабаби рушд ва боландагӣ дар иҷтимоъ мешаванд [4].

Замоне ки корофаринӣ ба унвони як шеваи зиндагӣ тавассути аксарияти афроди як ҷомеа пазируфта шавад, он ҷомеа бисёр сареъ тавсеа меёбад. Зеро корофаринӣ мавридҳои зерро эҷод мекунад:

- Иштиғол
- Интиқоли технологӣ
- Беҳбуди кайфияти зиндагӣ
- Навоварӣ ва инъитофи муҳит
- Тавлиди рифоҳ, сарват ва сармоя
- Таҳрик ва ташвиқи ҳисси рақобат
- Тарғиб ва ташвиқи сармоягузорӣ дар тавлид
- Шинохт, эҷод ва густариши бозорҳои ҷадид
- Кашфи манобеи ҷадид, сомондиҳӣ ва истифодаи асарбахш аз онҳо
- Рафъи халал, шикофҳо ва тангноҳои бозор ва иҷтимоъ, тавзеҳи мутаносиби даромад ва коҳиши изтиробҳои иҷтимоӣ [5].

Иқтисоддонон ва соҳибназарон ва андешамандон эътиқод доранд, ки дар дунёи имрӯз корофаринон боиси шукуфоии иқтисод ва суръати бештари муҳаррики иҷтимоӣ ҳастанд. Ба далели он ки корофаринон бо ибтикор ва фаъолияти худ дар як муҳити рақобатӣ боиси таодул дар бозори иқтисод ва коҳиши қиматҳои молҳо ва хадамот ва дар ниҳоят ризоияти бештари масрафкунандагон мешаванд.

Корофаринон бо фаъолияти бештар боиси халқи машғулиятҳои навин, молҳо ва хадамоти бартар ва пешрафти фаъолиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мешаванд. Ҳарчанд ки бисёре аз онҳо ширкатҳои кӯчак ҳастанд, аммо бо навовариҳои худ ҷаҳони имрӯзаро таҳти таъсир қарор додаанд ва муҷиби эҷоди манфиатҳо аз як тараф барои худ ва аз тарафи дигар, барои ҷомеа мешаванд.

## АДАБИЁТ


1. Аҳмадпури Дорёнӣ Маҳмуд. Корофаринӣ, таърифҳо, улгуҳо ва назарияҳо / Аҳмадпури Дорёнӣ Маҳмуд.–Теҳрон: Ширкати Пардис, 1378. -С.210.
2. Аҳмадпури Дорёнӣ Маҳмуд. Корофаринӣ ва нақши он дар иқтисоди миллӣ тарҳи тавсеаи корофаринӣ дар донишгоҳҳо / Аҳмадпури Дорёнӣ Маҳмуд. –Теҳрон: Созмони санҷишу омӯзиши кишвар, 1380. -С.150.
3. Аҳмадпури Дорёнӣ Маҳмуд. Муқаддимае бар корофаринӣ, тарҳи тавсеаи корофаринӣ дар донишгоҳ / Аҳмадпури Дорёнӣ Маҳмуд. Сайидҷалоли Мусавии Бозаргон. –Теҳрон, 1382. -С.180.
4. Буҳм Девид. Халлоқият, ёдгирӣ ва тавсеа / Буҳм Девид, Мутарҷим Марзияи Кайқубодӣ ва Ақили Маликифар // Раҳёфт. –Теҳрон, 1385. -№26. -С.90.
5. Буҳм Девид. Дар бораи халлоқият / Буҳм Девид. Мутарҷим Муҳаммадалии Ҳусейннажод.–Теҳрон: Соқӣ, 1381. -С.250.


## ВЛИЯНИЕ ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА НА СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ СТРАНЫ


В статье рассматривается роль влияние делопроизводства на социально-экономическое развитие страны. Приводятся различные точки зрения ученых-экономистов по рассматриваемой теме. Отмечается, что предпринимательство влияет на такие показатели, как занятость, внедрение новой техники и технологии, повышение уровня жизни, производственная деятельность, развитие конкуренции, создание новых рынков, повышение эффективности производства и др.



**Ключевые слова:** предпринимательство, экономический рост, занятость, социальный уровень, конкуренция, нововведения, капитал, рынок.


## THE IMPACT OF DOCUMENTATION ON THE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE COUNTRY


The article discusses the role of the influence of documentation on the socio-economic development of the country. The various points of view of scientists on the topic. It is noted that entrepreneurship affects indicators such as employment, introduction of new techniques and technologies, improve living standards, industrial activity and development of competition, creation of new markets, improving production efficiency and othe



**Key words:** entrepreneurship, economic growth, employment, social level, competition, innovation, capital, market.



**Сведения об авторе:** ***Амримухсин Растегор*** – аспирант Таджикского национального университета

# ХАДАМОТИ ШАҲРӢ ВА ТАВСЕАИ ШАБАКАИ ҲАМЛУ НАҚЛИ ШАҲРӢ

*Муҳаммад Меҳрафзун*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Яке аз зермаҷмӯаҳои ҳавзаи хадамоти шаҳрӣ густариши шабакаи ҳамлу нақли шаҳрӣ аст ва имрӯзҳо аз ҷумлаи шохисҳо ва авомили муҳим ва муассир дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрҳо маҳсуб мешавад. Дар асри кунунӣ нақши хадамоти ҳамлу нақли умумӣ ва трафикии шаҳрӣ яке аз аҷзои муҳимми тавсеаи иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрӣ ба ҳисоб меояд ва ба сабаби доштани нақши асосӣ ва зербиноӣ таъсири муҳиме бар фароянди тавсеаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар шаҳрҳои кишвар дорад. Ҳамлу нақли шаҳрӣ дарбардорандаи бисёре аз фаъолиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аст, ки ба таври бисёр густурда дар тамоми заминаҳои хадамотӣ, тавлидӣ, тавзеӣ ва масрафӣ нақши созанда ва таъйинкунанда дорад. Нақши калидии ҳамлу нақли шаҳрӣ бо рӯйкарди тавсеа ва рушди пойдори иқтисодӣ ва иҷтимоии хадамоти шаҳрӣ ба ҳамроҳи хадамоти рифоҳӣ ва таъмини маишати зиндагии шаҳрвандон дар кишвар дар ҳақиқат як амре мусаллам ва зарурӣ ба ҳисоб меояд ва тавсеаи саноати ҳамлу нақли шаҳрӣ дар пешрафт ва тақвияти бунёдҳои тавсеаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, тиҷоратӣ ва туристӣ ва рафъи маҳрумиятизудоии шаҳрҳо аз манзалат ва ҷойгоҳи болое бархурдор аст.

**Хадамоти шаҳрӣ ва тавсеаи шабакаи ҳамлу нақли шаҳрӣ.** Аз замоне ки сукунатгоҳҳои аввалияи башарӣ шакл гирифт, ниёз ба ҳамлу нақли мардум ва ҷобаҷоӣ, ҳаракат ва расидан ба маконҳои мухталиф ҳам матраҳ шуд ва бад-ин тартиб, шабакаҳои дастрасии аввалия барои убури инсон ва чаҳорпоён падид омадва пайванддиҳандаи макони сукунат, корва соири фаъолиятҳои зиндагӣ шуд. То ин ки аз авоили қарни XX мелодӣ бо рушди сареъи ҷамъият ва тамаркузи он дар нуқоти шаҳрӣ аз як сӯ ва шурӯи наҳзати фурдизм ва тавлиди анбӯҳи автомобил аз сӯйи дигар шаҳрҳо низ дигаргун шуд ва ба якбора масоҳати онҳо ба чанд баробар сатҳи қаблӣ афзоиш пайдо кард. Дар ин даврон дигар фосилаи маҳалли кор то маҳалли сукунат навъе маҳдудият ба шумор намерафт, зеро бо истифода аз васоили нақлияи автомобил ва шабакаи ҳамлу нақл ва баҳрагирӣ аз шабакаи бузурги роҳҳо ва хиёбонҳо имкони дастрасӣ ба ҳар навъ корбарӣ ва хидматӣ дар шаҳр муяссар шуда буд.

Имрӯз беш аз 85% ҷамъияти шаҳрҳо, ки болотар аз синни шашсолагӣ қарор доранд, ба таври мустақим ва тамоми сокинони шаҳрҳо ба таври ғайримустақим ҳамарӯза бо шабакаҳои пиёда ва савора ва системаҳои ҳамлу нақли шахсӣ ва ҳамагонӣ тамос доранд ва барои посухгӯйӣ ба тайфе аз ниёзҳои шуғлӣ, таҳсилӣ, харид, дарёфти хадамот, тафреҳ, диду боздид ва монанди инҳо аз шабакаи ҳамлу нақли шаҳрӣ истифода мекунанд ва ба ҳамин далел густариш ва тавсеа ин падидаи муҳимми хадамоти шаҳрӣ аз умдатарин вазоифи мудирияти хадамоти шаҳрӣ мебошад. Ба ин тартиб, мулоҳиза мешавад, ки имрӯз шабакаи ҳамлу нақли шаҳрӣ ва берунишаҳрӣ ба яке аз ниёзҳои аслии шаҳрнишинон табдил шуда, бидуни ин амр бисёре аз умури шаҳрӣ муҳтал мешавад ва ин мавзӯъ бо печидатар шудани равобити иҷтимоӣ ва афзуда шудани ниёзҳои инсони имрӯзӣ ба лиҳози тавсеаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ташдид шуда, таваҷҷуҳ ба ҷобаҷоӣ ва тавсеаи ҳамлу нақлро ба зарурате инкорнопазир дар барномарезии мудирияти хадамоти шаҳрӣ бо рӯйкарди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мубаддал сохтааст ва дар ин миён ғафлати мудирияти хадамоти шаҳрӣ аз барномарезии илмӣ ва афзоиш тақозо барои шабакаи ҳамлу нақл дар шаҳрҳо, бавижа дар шаҳрҳои бузург мушкилотеро барои шаҳрвандон ба вуҷуд хоҳад овард.

Дар чанд даҳаи охир роҳи ҳалҳо ва роҳбурдҳои гуногуне дар сатҳи ҷаҳон барои беҳбуди вазъи шабакаи ҳамлу нақл ва трафик ва сомондиҳии дастрасӣ дар шаҳрҳо ироа шудааст. То даҳаи 60 мелодӣ, умдатан, тавсеаи шабакаи бузурги роҳӣ ва афзоиши сатҳи хиёбонҳо ба унвони яке аз роҳбурдҳои аслӣ дар баҳси ҳамлу нақли шаҳрӣ дар ҷаҳон матраҳ буд, вале баъдҳо, бавижа дар даҳаҳои охир аз нақш ва аҳамияти ин роҳбурд коста шуд. Минбаъд роҳбурдҳои ҷадидтаре ҳамчун тавсеаи ҳамлу нақли умумӣ, мудирияти тақозо, мудирияти система ва мудирияти трафик матраҳ гашт ва аз системаи ҳамлу нақли умумӣ ва ҳамагонӣ ба унвони яке аз авомили муассир ва роҳи ҳалҳои матлуб барои беҳбуди вазъияти низоми ҳамлу нақли шаҳрӣ барои рушд ва тавсеаи иқтисодӣ ва иҷтимоии хадамоти шаҳрӣ мадди назар қарор гирифт.

Бо таваҷҷуҳ ба маводи мазкур барои интихоби системаи шабакаи ҳамлу нақл бояд як баррасии ҷомеаи ҳамлу нақли шаҳрӣ барои ҷобаҷойии мусофирон бо дар назар гирифтани авомили иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фаннӣ ва зистмуҳитӣ дар назар гирифта шавад. Бо таваҷҷуҳ ба шароити мухталифи зербиноӣ, имконоти иқтисодӣ ва дигар авомили иҷтимоӣ ва муҳитӣ шаҳрҳои ҷаҳон наметавон ба як намуна ё роҳи ҳалли ҷомеъ ва комил, ки дар ҳар мавриде корбурд дошта бошад, расид. Интихоби як система ба вазъияти трафикӣ, техникӣ, наҳваи идора, иқтисодӣ будани система ва тарҳи колбади шаҳрӣ вобастагӣ дорад ва меъёри мушаххасе барои интихоб наметавонад вуҷуд дошта бошад. Ба ҳар ҳол ҳазинаи идора як хатти автобусронӣ ва ё як хатти аз шабакаи релсиро дақиқан муҳосиба ва бо ҳам муқоиса кард ва интихоби системаи ҳамлу нақли умумӣ, ки аз ҷумлаи вазоифи ҳавзаи мудирияти хадамоти шаҳрӣ аст, бо мутолиоти иқтисодии матлуб на танҳо боиси рифоҳи ҳоли шаҳрвандон мешавад, балки муҷиби рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар шаҳрҳо низ мегардад.

Имрӯзҳо дар шаҳрҳо ба таври куллӣ аз ду навъи системаи ҳамлу нақли шаҳрӣ истифода мешавад, ки иборатанд аз: васоили нақлияи хусусӣ ва василаи нақлияи умумӣ. Аммо муҳимтарин системаи ҳамлу нақли шаҳрӣ, ки афзоиши саҳми он дар ҷобаҷойиҳои шаҳрӣ боиси ҳалли бисёре аз мушкилот ва ҳамчунин пешрафту тавсеаи иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрҳо мешавад, ҳамин системаи ҳамлу нақли умумӣ ё ҳамагонӣ дар ҳавзаи мудирияти хадамоти шаҳрӣ аст, ки ба системаи ҳамлу нақли умумӣ табақабандӣ мешавад:

1. Шабакаи релсӣ, ки шомили қатори сареъулсайри шаҳрӣ, метро, трамвай шабакаи рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ мебошад ва имрӯз бештарин таваҷҷуҳ ба тавсеаи ду системаи шабакаи релсӣ, яке қатори сареъулсайри шаҳрӣ ва дигаре метро мутамарказ аст.
2. Шабакаи автобусронӣ, минибусронӣ ва таксиронӣ мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба матолиби матраҳшуда перомуни шабакаи ҳамлу нақли шаҳрӣ дар мавриди кишвари Эрон бояд гуфт, аз авоили қарни кунунӣ бо вуруди автомобил ба шаҳрҳо даврони ҷадиде аз шаҳрнишинӣ оғоз гардид. Дар асри кунунӣ дар кишвари Эрон ба иллати густариши шаҳрнишинӣ ва афзоиши ҷамъияти шаҳрӣ ва ниёзи ҳамаҷонибаи шаҳрвандон ба васоит ва васоили шабакаи ҳамлу нақли шаҳрӣ мавзӯи мудирияти ҳамлу нақл дар ҳавзаи мудирияти хадамоти шаҳрӣ, аз ҷумлаи мавзӯоти муҳим ва асосӣ дар шаҳрҳои кишвар маҳсуб мешавад. Ин бо зиндагии рӯзмараи аксари шаҳрвандон дар Эрон, бавижа эҷод ва эҳдоси шаҳракҳои маскунии ҷадид, муҳоҷирати рустоиён ба шаҳрҳо ва ҳошиянишинии мудирияти ҳамлу нақли хадамоти шаҳрии Эронро бо мушкилоте рӯ ба рӯ кардааст.

Аммо бо таваҷҷуҳ ба матолиби мазкур дар хусуси шабакаи ҳамлу нақли минтақаи мавриди мутолиаи остони Луристон низ бояд гуфт, ки агарчи дар чанд соли охир аз сӯйи мудирияти ҳамлу нақли хадамоти шаҳрӣ дар ҷиҳати густариши шабакаи ҳамлу нақли остони Луристон, ба вижа дар шаҳрҳои бо ҷамъияти боло талошва иқдомоте сурат гирифтааст, вале ҳанӯз ин остон ба иллати тавсеаи шаҳрнишинӣ ва афзоиши берӯяи ҷамъияти шаҳрӣ, бавижа аҳдоси шаҳракҳои ҷадид ва ҷамъияти ҳошиянишини шаҳрӣ, ба иллати бӯъди масофат ва зарибӣ истифодаи умумии болоии шаҳрвандони луристонӣ, бавижа манотиқи маҳрум аз васоили ҳамлу нақли умумӣ, лозим ва зарурӣ ба назар мерасад. Мудирони хадамоти шаҳрӣ дар шаҳрҳои остони Луристон ҷиҳати рафъи камбудии системаҳои васоили ҳамлу нақли шаҳрӣ, афзоиши сервисҳои ҳамлу нақли умумӣ ва сомондиҳии системаҳои шабакаи ҳамлу нақл дар манотиқи остон ҷиҳати рифоҳи ҳоли шаҳрвандон ва ҷалби ризоияти онон бо барномарезиҳои мадюн ва ҷомеъ иқдомоти муассире дошта бошанд. Ин амр на танҳо муҷиби тавсеа ва беҳбудии шабакаи ҳамлу нақл ва ҷалби шаҳрвандони Луристон ва дигар гардишгарони шаҳрӣ мешавад, балки сабаби рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии хадамоти шаҳрӣ дар шаҳрҳои остон низ мегардад.

Дар дунёи кунунӣ яке аз авомили муҳимми тавсиаёфтагӣ дар шаҳрҳо тавсеаи хадамоти шаҳрӣ ҷиҳати рифоҳи ҳоли шаҳрвандон бо нигариш ва рӯйкарди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар миёни шаҳрҳо аст, ки яке аз ин авомили муҳим ва муассир дар тавсеаи шаҳр густариши шабакаи ҳамлу нақли шаҳрӣ мебошад ва имрӯз ҳамлу нақли шаҳрӣ яке аз падидаҳои муҳим ва зарурии зиндагии шаҳрнишинӣ аст, ки нақши умдаеро дар таҳаввул ва беҳбуди кайфияти шаҳрӣ бар уҳда дорад. Ин нақши зербиноии шабакаи ҳамлу нақли шаҳрӣ дар таҳқиқи тавсеаи иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрӣ ва хадамотрасонӣ ба шаҳрвандон ва ҳамчунин лузуми бархурдорӣ аз системаҳо ва шабакаҳои ҳамлу нақли корову тавоно ва модерну пешрафта дар ҷаҳони имрӯз бар ҳеҷ кас пӯшида нест ва тавсеаи ин хадамоти шаҳрӣ на танҳо

муҷиби ҷалби ризоияти шаҳрвандон, балки боиси боздеҳии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар шаҳрҳо низ мешавад. Пас мудирияти хадамоти шаҳрӣ бо сармоягузорӣ ва тақвияти шабакаи хадамоти ҳамлу нақли шаҳрӣ метавонад, гомҳои баланд ва устуворе дар ҷиҳати тавсеаи иқтисоди шаҳрӣ бардорад ва бо он низ заминаҳои беҳтарро барои рифоҳи хадамоти иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвандон фароҳам кунад.

### АДАБИЁТ


1. Аҳмад Саидниё. Ҳамлу нақли шаҳрӣ / Аҳмад Саидниё. -Теҳрон: Созмони шаҳрдориҳои кишвар, 1381. –Ҷ.3.
2. Асос Бос. Пешрафт дар ҳамлу нақли шаҳрӣ: баррасиҳои мавридӣ / Асос Бос; тарҷумаи Рамазонипури Аминиён ва Озодмеҳр, 1386.
3. Шоҳӣ Ҷалил. Муҳандисии трафик / Шоҳӣ Ҷалил. -Теҳрон: Маркази интишороти донишгоҳӣ, 1375.
4. Покдил. Таърихча ва сайри таҳаввулоти ҳамлу нақл дар Эрон ва ҷаҳон / Покдил. Интишороти Аҳрор, 1386.
5. Шаҳном Тоҳирӣ. Тавсеаи иқтисодӣ ва барномарезӣ / Шаҳном Тоҳирӣ. -Теҳрон: Орвин, 1376.
6. Алӣ Султонӣ. Мабоҳисе дар ҳамлу нақли шаҳрӣ / Алӣ Султонӣ. -Шероз: Донишгоҳи Шероз, 1390.
7. Фаридуни Бегӣ. Мудирияти шаҳрӣ, ниёзи имрӯз зарурати фардо / Фаридуни Бегӣ // Маҷаллаи «Тадбир», 1373. -№5. -С. 24.
8. Идораи кулли хадамоти шаҳрӣ. – Теҳрон: Гузориши дохилӣ, 1383. -№133.
9. Шафеӣ. Мудирияти барномарезӣ ва нақши он дар ҳамлу нақл/ Шафеӣ. –Теҳрон: Симои дониш, 1386.


### ГОРОДСКАЯ СЕРВИСНАЯ СЛУЖБА И РАЗВИТИЕ СЛУЖБЫ ПАССАЖИРО-ПЕРЕВОЗОК


Одним из комплексных подразделений сервисной службы города сегодня является сектор городской службы пассажирских перевозок. Городские трафики считаются важнейшим аспектом экономического роста и по причине важности её ключевой роли и фундаментальности имеет важное влияние в расширении экономического и социально прогресса в стране. Городская служба пассажирских перевозок включает множество социальных и экономических функций. Ключевая роль пассажирских перевозок в городе с расширением и устойчивым экономическим и социальным прогрессом в городском управлении вместе с обеспечением бытового комфорта граждан в стране действительно считается необходимым фактором развития и процветания культуры городской службы пассажирских перевозок и устойчивости экономического развития социальных, торговых и туристических сфер.



**Ключевые слова**: город, перевозки, развитие городского управления, городское проживание, городские туристы, экономический и социальный прогресс, управление городским обслуживанием, городской трафик, развитие городского сектора пассажирских перевозок.


### CITY SERVICE AND THE DEVELOPMENT OF PASSENGER TRANSPORTATION


One subset area of urban services is expansion of the urban transportation network. Today, it is one of the most important and effective factors in the economic and social growth of cities and in the current era, the role of the public transport services and the urban traffic are one of the important components of urban economic development and it has a significant impact on the process of basic economic and social development in the cities. Urban transport involves many economic and social activities which has a determining role in all areas of services, production, distribution and consumption. The key role of urban transport with the aim of sustainable economic and social development of urban services is an essential subject and development of urban transport industry has a prestige and high status in developing and strengthening the foundations of economic development, social, trade, tourism and poverty elimination.



**Key words:** city, transport, development, urban services, urbanization, citizens, tourists, urban, economic and social development, management of urban services, traffic, urban transport network development.



**Сведения об авторе:** ***Мухаммад Мехрафзун*** – соискатель Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни


## ИНТИХОБИ МУҲАРРИКИ ТАҚСИМКУНИИ ХАРОҶОТ ДАР СИСТЕМАИ ABC


***Ҳоҷиқосимӣ Муҳаммадризо Ҳасан, С.Ф. Низомов***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон**


Кокакулаҳ Дейкман (Kocakulah Diekmann) (2001) дар донишгоҳи Индианаи Амрикои Ҷанубӣ судоварии вомҳои тиҷории як бонкро бо истифода аз равиши ABC нисбат ба шеваи харҷёбӣ муқоиса кард. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ дар ин мақола шакли интихоби муҳаррики харҷ аст. Яке аз муҳимтарин марҳилаҳои ABC интихоби муҳаррики харҷ аст, ки дар ин мақола бо истифода аз озмуни t-и зариби ҳамбастагии регрессия мавриди озмун қарор гирифт.

Назари таҳқиқкунанда яке аз роиҷтарин равишиҳои мавриди истифода ҷиҳати муайянсозии муҳаррики харҷ равиши омори зариби ҳамбастагии регрессия аст, ки дар ин таҳқиқ мавриди истифода қарор гирифтааст, то хатои инсониро коҳиш диҳад.

Счнидерҷанс ва Гарвин (1997) дар таҳқиқи чигунагии интихоби муҳаррикҳои харҷ бо истифода аз равишҳои таҷзия ва таҳлили силсиламаротиб ва барномарезии ҳадафи чандгона пардохтаанд. Ҳамчунин онҳо таркибе аз ду равиши мазкурро дар мақолаи худ мавриди баҳс қарор додаанд.

Бо гузашти замон ҳар рӯз гароиш ба самти равишҳои илмӣ ҷиҳати интихоби муҳаррики харҷ афзоиш дошта, ба ҳамин манзур илова бар истифода аз ду равиши илми риёзӣ аз таркиби онҳо низ истифода шудааст.

Алиасғари Анвории Рустамӣ ва ҳамкорон (1390 ш.) дар мақолае ба муаррифии равишиҳои додаковӣ ва таҳлили омилӣ, ҷиҳати беҳбуд ва тайини корoии муҳаррики харҷ дар системаи харҷёбии ABC пардохтанд. Равишҳои пешниҳодшуда ба тасмимгирандагон иҷозат медиҳад, то чандин муҳаррики харҷ ва асари онҳо бар харҷро ба таври ҳамзамон дар назар гирифта, мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор диҳанд. Ин равишҳо дар бонкҳои эронӣ (Бонки тавсеаи содироти Эрони - EBDI) иҷро гардида, натиҷаҳои он таъйидкунандаи судмандӣ ва асарбахшии бакоргирии равишҳои пешниҳодӣ бар системаи бонкӣ мебошад.

Равиши истифодашуда барои тайини беҳтарин муҳаррикҳои харҷ барои ба даст овардани иттилооти беҳтарин, комилан равиши математикӣ буда, ин мавзӯъ нишон медиҳад, ки дар солҳои охир иртиботи зиёде байни техникаҳои дақиқи математикӣ ва мафҳумҳои ҳисобдорӣ, хусусан системаи ABC дар ҳоли шаклигирӣ ва густариш аст.

Харҷёбӣ маҷмӯаи барномаҳо, фаъолиятҳо ва иқдомотест, ки ҷиҳати тайини харҷи сохт ё эҷоди як мавзӯи харҷ сурат мегирад. Мавзӯъ ҳамон чизест, ки ба дунболи таъини арзиши он ҳастем. Мавзӯи харҷ метавонад як фаъолият, хидмат, доира, фароянд ё як маҳсул бошад. Дар ин росто ва барои иҷрои харҷёбӣ бояд аз равиш ва системае истифода намуд, ки беҳтарин натиҷаҳоро пешкаш кунанд.

Системаи ABC ба унвони равише шинохта шудааст, ки диққати бештаре нисбат ба харҷёбии суннатӣ дар ихтисос додани харҷҳои сарбор ба аҳдофи харҷ, монанди маҳсулот, супоришҳои хос ва муштариёнро дорад. Дар ин равиш харҷҳои сарбор ибтидо ба фаъолиятҳо раъдёбӣ мешаванд. Сипас, харҷҳои ихтисосёфта ба фаъолиятҳо бар асоси муҳаррикҳои харҷи гуногун ба мавзӯъҳои гуногун ихтисос меёбанд.

Ба манзури такмил ва густариши системаи ABC, масъалаи муҳим интихоби саҳеҳи муҳаррикҳои харҷ барои муқобила бо печидагиҳо ҷиҳати афзоиши диққати ин система мебошад. Ба ибораи дигар, баъзан диққати зиёди ихтисоси харҷҳои сарбор ниёзманди теъдоди зиёде аз муҳаррикҳои харҷ мебошад. Харҷи андозагирии мушаххасот ва вижагиҳои мавриди ниёзи муҳаррик, дар системаҳои навин мумкин аст, қобили таваҷҷуҳ бошад ва ҳеҷ кафолат вуҷуд надорад, ки харҷҳо ба далели системаҳоии ҷадид ва манофеи ҳосил аз онро тавҷеҳ кунад. Дар натиҷа бояд дар интихоби дуруст ва беҳтарин муҳаррикҳои харҷ дар системаи ABC бештарин диққат анҷом ёбад, то илова бар расидан ба ҳадафҳои ин система, манфиатҳои истифода аз он камтар аз харҷҳои он нашавад. Бинобар ин, бояд аз равишҳои илмӣ барои шиносоии беҳтарин муҳаррикҳои харҷ истифода намуд.

**Фароянди интихоби муҳаррики харҷ.** Ҳангоми интихоби муҳаррикҳои харҷ теъдоде аз фарзҳо бояд ба таври ҳамзамон дар назар гирифта шаванд. Барои мисол, интихоби асос шомили таркибе аз амилҳоии сифатӣ ва миқдорӣ аст. Мутаассифона, истифода аз теъдодизиёди муҳаррики харҷ метавонад сабаб ба шароити сахт ва тоқатфарсо, маҳдудиятҳои зиёд ва беманфиатӣ дар системаи ABC шавад. Ин печидагиҳо ба теъдоде аз муҳаррикҳои мадди назар барои интихоб изофа шуда, тасмимгирандаро дар интихоби муҳаррики харҷ дучори мушкилоти зиёде мекунад. Барои пиёдасозии системаи ABC созмон бояд уҳдадори интихоби тахассусии муҳаррикҳои харҷӣ шавад. Фароянди интихоби муҳаррики харҷ шомили озмуни харҷҳо ва иллати онҳо барои ташхиси номзадҳои муҳаррики харҷ, сифати иртиботи муҳаррик бо харҷ ва ташреҳи равобиташон мебошад. Харҷҳо ба харҷҳои сатҳи воҳидӣ (ё эҳтимолан сатҳи даста) ва харҷҳои сатҳи фароянд ё харҷҳои сатҳи воҳиди тиҷорӣ (ё харҷи сатҳи тасҳилот ё созмон) табақабандӣ мешаванд. Ҳадди ақал як муҳаррики харҷ ва баъзан маҷмӯае аз муҳаррикҳои мутааддиди харҷ аз номзадҳои дар дастрас барои сатҳи хос интихоб мешаванд. Трени пешниҳод мекунад, ки маҳдудаи 10 то 20 муҳаррики харҷ барои беҳтарин ихтисоси харҷ кофӣ аст (барои баррасии фароянди асосии ABC руҷӯъ шавад ба 9, 14 ва 15).

Системаи ABC маъмулан ба унвони системаи ихтисоси ду марҳилагӣ шинохта мешавад. Дар марҳилаи аввал фаъолиятҳои созмонӣ (яъне назорати сифат, фароянди

харид, муҳандисии тавлид ва ғ.) таъриф мешаванд. Дар ин марҳила харҷҳои сарбори идорӣ ва умумии сабтшуда дар дафтари кул, бо истифода аз муҳаррикҳои харҷи марҳилаи аввал, ки инъикоскунандаи корбурди харҷҳои сарборӣ ҳастанд, ба махзанҳои харҷи маркази фаъолият ихтисос дода мешаванд. Сипас харҷҳои ҳар махзани харҷи маркази фаъолият бо истифода аз муҳаррикҳои харҷи ин марҳила (марҳилаи дуюм), ки мунъакискунандаи масрафи мол ё хадамоти масрафкунандаи харҷи фаъолият ҳастанд, аз тариқи ихтисоси марҳилаи дуюм ба аҳдофи харҷ (хидматҳо ё маҳсулоте, ки ширкат тавлид ё фароҳам мекунанд) ихтисос дода мешаванд.

Моҳияти системаи ABC ниёзманди интихоби муҳаррикҳои харҷи зиёде аст. Барои ҳар ихтисос дар марҳалаи аввал, ҳадди ақал як муҳаррики харҷ (ва шояд муҳаррикҳои харҷи мутааддид) аз байни муҳаррикҳои дар дастрас барои ҳар махзани харҷи маркази фаъолият ҷиҳати истифода дар системаи ABC бояд интихоб шаванд. Барои ҳар ихтисос дар марҳалаи дуюм, ҳадди ақал як муҳаррики харҷӣ (ва шояд муҳаррикҳои харҷи гуногун) аз байни муҳаррикҳои номзади дар дастрас барои ҳар махзани харҷи маркази фаъолият ҷиҳати ихтисоси аҳдофи харҷ интихоб шавад. Мушкили интихоби муҳаррики харҷ, ки дар системаи ABC мавриди истифода қарор мегирад, ба далели муҳаррикҳои гуногун аст. Бинобар ин, ба эҳтимоли зиёд такроран маҷбурем системаи ABC-ро танзим намуда, дубора системаи ABC-ро танзим ё аз нав таъриф намоем, то тағйироти созмонӣ ё муҳитии ширкатҳои хадамоти тавлидиро бо сарфи замон инъикос кунем.

Интихоби муҳаррики харҷ танҳо яке аз марҳилаҳои зиёди фароянди тарроҳии ҳамаҷонибаи системаи ABC аст. Дар тарроҳии системаи ABC барои ихтисоси харҷҳо аз як фаъолият (ё як махзани харҷи фаъолият) ба ҳадафи харҷ (маъмулан як ашё ё муштарӣ) аз як равиши муассир ва мантиқӣ истифода шудааст. Муҳаррикҳои мазкур муҳаррикҳои фаъолият ҳастанд, ҳамон муҳаррикҳои харҷи марҳилаи дуюм, ки қаблан тавзеҳ дода шудаанд. Амалан, истилоҳи "муҳаррики харҷ" ба анвои муҳаррикҳои фаъолият ишора карда, ағлаб ба маҷмӯаи умумии ҳамаи навъҳои муҳаррикҳо гуфта мешавад.

Фароянди равиши интихоби муҳаррики харҷ ба таври умда бар асоси қоидаҳое аст, ки дар идома шарҳ мешавад:

1.Интихоби муҳаррикҳои фаъолият бар асоси навъи фаъолият.

2.Интихоби муҳаррикҳое, ки ҳамбастагии хубе бо масрафи воқеии фаъолият доранд.

3.Коҳиши теъдоди муҳаррикҳои хос ба фард.

4.Интихоби муҳаррикҳое, ки ташвиққунандаи беҳбуди амалкард ҳастанд.

5.Интихоби муҳаррикҳое, ки харҷи андозагирии нисбатан кам доранд;

6.Ҳаддиақалсозии истифода аз муҳаррикҳое, ки ниёзманди андозагирии нав ҳастанд.

Интихоби муҳаррик харҷ ё маҷмӯае аз муҳаррикҳои харҷи муносиб, фароянди интихоби муҳаррик аз байни теъдоди бештар дар дастрас аст, ки бо корбурди қазоватҳои инсонӣ ва гоҳе бо таҳлили техникаҳои содаи ҳисобдорӣ ҳимоят ва интихоб шудаанд. Ин равишҳо бо надоштани тағйирпазирӣ дар арзёбии меъёрҳои тасмимгириҳои чандгона дорои маҳдудият ҳастанд. Онҳо ҳамчунин метавонанд монанди аксар қоидаҳои мубтанӣ бар қонунҳои давлатӣ, молиявӣ ва стандартҳои ҳисобдорӣ, ба таври носозгор дар фароянди арзёбӣ амалӣ шуда бошанд. Мутаассифона, агар маҳдудиятҳои манбаҳои дунёи воқеӣ дар фароянди интихоби муҳаррики харҷ дар назар гирифта нашаванд, интихоби беҳтарин муҳаррикҳои харҷ, мумкин аст дар системаи ABC беҳтарин натиҷа надиҳад. Салафатинос шарҳ додааст, ки чигунагии мулоҳизоти молӣ ва амалиёти гуногун ва баъзан зид низ бояд дар тарроҳии ҳар системаи ABC дар назар гирифта шудааст. Як равиши шиносии ягонаи тавони рӯ ба рӯ шудан бо манбаъҳои маҳдуд дошта, меъёри тасмимигирии гуногун дар барномарезии ҳадафро дорост. Бинобар ин, бояд дар тарроҳии система, то ҳадди имкон хатоҳои инсониро коҳиш дод, то натиҷаҳои боварибахш аз система ҳосил гардад. Аз ин рӯ, тайи солҳои охир аз равишҳои илмии гуногун ҷиҳати муайянсозии коромадтарин муҳаррикҳои харҷ истифода шудааст, ки бештари онҳо иборатанд аз:

-равиши дарсади хароҷот;

-равиши манофеи дарёфтшуда;

-равиши таҷзия ва таҳлили силсиламаротибӣ (AHP);

-равиши Делфӣ;

-равиши регрессиявӣ;

- равишҳои додаковӣ ва таҳлили омилӣ.

Имрӯз бо инкишофи фаъолиятҳои воҳидҳои тиҷорию хадамотӣ ва густаришу печидагии фаъолиятҳо дар шароити рақобатӣ, пиёдасозии системаи ABC ниёзманди бештарин диққат ва камтарин хато мебошад. Табиист, ки барои коҳиши хато бояд хатоҳои инсониро ба камтарин миқдор расонд. Яке аз муҳимтарин марҳилаҳои тарроҳӣ ва пиёдасозии система, ки қазоватҳои инсонӣ бар он таъсири зиёде дорад, муайянсозии муҳаррикҳои харҷ аст. Дар системаи ABC тайи ду марҳила бояд муҳаррикҳои хароҷро интихоб намуд. Дар марҳилаи аввал барои ихтисоси хароҷот ба фаъолиятҳо аз муҳаррикҳои харҷи марҳилаи аввал ва дар марҳилаи дуюм барои ихтисоси харҷи фаъолиятҳо ба маҳсулот ё хадамот. Тайи ин ду марҳила асоси ихтисос муҳаррикҳои харҷ ҳастанд. Бинобар ин, агар асоси ихтисос ба шакли дуруст интихоб шаванд, метавон то ҳадди зиёд ба ҳадафҳои система расид.

Ҳадафи ин мақола шарҳ додани муҳаррики харҷ дар системаи ABC бо истифода аз равишҳои илмӣ аст. Барои ҳамин 6 марҳилаи иҷроӣ ҷиҳати муайян кардани муҳаррики харҷ муаррифӣ гардид ва бо мутолиаи собиқаҳои таҳқиқ бештарин равишҳои илмӣ барои интихоби муҳаррики харҷ шиносоӣ шуд, ки умуман ҷиҳати коҳиши хатоҳои инсонӣ аз равишиҳои оморӣ ва риёзӣ ба намуди муассир истифода шуда буд.


### АДАБИЁТ

1. Анвори Рустамӣ Алиасғар. Тайини муҳаррики ҳазина дар системаи ҳазинаёбӣ бар мабнои фаъолият бо истифода аз равиши додаковӣ ва таҳлили омилӣ/ Анвори Рустамӣ Алиасғари // Баррасиҳои ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ. –Теҳрон, 1390. -№63. -С. 21-38.
2. Анвори Рустамӣ Алиасғар. Арзёбии муқоисаи судоварии эътибороти Бонки уқуди исломӣ ба равиши ҳазинаёбӣ бар мабнои фаъолият (ABC) ва равиши баҳоёбии суннатӣ / Анвари Рустамӣ Алиасғар. Ризоят Исмат // Мавриди мутолиаи Бонки тавсеаи содироти Эрон. Баррасиҳои ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ. –Теҳрон, 1386. -№ 48. -С. 23-42.
3. Азизӣ Аҳмад. Мударрис Аҳмад. Ҳазинаёбӣ бар мабнои фаъолият / Азизӣ Аҳмад. Мударрис Аҳмад // Созмони ҳисобрасӣ. –Теҳрон, 1386. -№140.
4. Cooper R. The rise of activity-based costing part one: what is an activity-based cost system? / R. Cooper // Journal of Cost Management, 1988. -2(3). –P.45–54.
5. Homburg C. "A note on optimal cost driver selection in ABC" / C. Homburg // Management Accounting Research, 2001. -12. –P.197–205, [Захираи электроний] Available online at http: //www.idealibrary.com
6. Kocakulah M.C. Implementing Activity-based Costing (ABC) to Measure Commercial Loan Profitability / M.C. Kocakulah, D. Diekmann // Journal of Bank Cost and Management Accounting, 2001. -14(2). –P.3–15.
7. Pryor Y. ABMJ br Continuous Improvement, ICMS, Inc., Arlington, TX / Y. Pryor, J. Sahm, 1995.
8. Roztocki N. Evaluating Information Technology Investments: A Fuzzy Activity-Based Costing Approach / N. Roztocki, H.R. Weistroffer //Journal of Information Science and Technology, 2005. -2(4). –P.31-43.
9. Rupp, A.W., "ABC: A pilot approach" / A.W. Rupp // Management Accounting, January, 1995. –P.50-55.
10. Salafatinos C. "Integrating the theory of constraints and activity-based costing" / C. Salafatinos // Journal of Cost Management, 1995. -9/3. –P.58-67.
11. Schniederjans M.J. Using the Analytic Hierarchy Process and multi-objective programming for the selection of cost drivers in activity-based costing, European / M.J. Schniederjans, T. Garvin // Journal of Operational Research, 1996-1997. -100. –P.72-80.
12. Tumey P.B.B. Common Cents: The ABC Performance Breakthrough / P.B.B. Tumey // Cost Technology, Hillsboro, OR, 1992.
13. Turney P.B.B. "What an activity-based cost model looks like" / P.B.B. Turney // Journal и of Cost Management, 1992. -6. –P.54-60.


### ВЫБОР МЕТОДА РАСПРЕДЕЛЕНИЯ РАСХОДОВ В СИСТЕМЕ ABC


Одним из принципов калькулирования себестоимости работ и услуг является выбор метода распределения расходов между объектами калькулирования. ABC-метод, эффективен для предприятий, характеризующихся высоким уровнем накладных расходов.



**Ключевые слова:** расходы, распределение расходов, уровень накладных расходов, объекты калькулирования, ABC-метод.


### HE CHOICE OF METHOD OF DISTRIBUTION COSTS IN THE SYSTEM ABC


One of the principles of calculation of cost of works and services is the choice of the method of distribution of expenses between the objects of calculation. ABC-the method is effective for companies with high level of overheads.



**Key words:** costs, distribution costs, overhead charges, interest calculation, ABC method.



**Сведения об авторах:** ***Хаджигасеми Мохаммадреза Хассан*** – аспирант Таджикского национального университета. Телефон: **933-39-04-27**

***С.Ф. Низомов –*** доктор экономических наук, доцент, проректор Института предпринимательства и сервиса. Телефон: **934-77-33-66**

# БАРРАСИИ ТАЪСИРИ СОХТОРИ МОЛИКИЯТ БАР АМАЛКАРДИ ШИРКАТҲОИ ПАЗИРУФТАШУДА ДАР БУРСИ АВРОҚИ БАҲОДОРИ ЭРОН

*Алиризои Фаршедпур, Раҳими Рафиӣ*
**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**

Ҳокимияти ширкат маҷмӯи қавонин ва равияҳои ҳоким бар равобити мудирон, саҳомдорон ва ҳисобрасони ширкат ҳаст, ки бо анҷоми як системаи назоратӣ аз ҳуқуқи саҳомдорон ҳимоят мекунад. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки созмонҳои имрӯзӣ ба манзури коҳиши ихтилофи манофеъ байни саҳомдорон ва мудирият бар ҷудо кардани моликият аз мудирият таъкид доранд. Бинобар ин, бо афзоиши теъдоди саҳомдорон, бахусус саҳомдорони умда, ихтилофи манофеъ афзоиш меёбад. То ҳадде ки мумкин аст, бар амри назорат бар амалкарди мудирияти ширкат зарар ворид намояд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки дар таркиби моликияти бештари ширкатҳои пазируфташуда дар бозори бурси Теҳрон саҳомдорони зиёде вуҷуд доранд, ки тибқи назарияи ҳокимияти ширкатӣ дорои тавоноии анҷоми назорати бештаре дар муқоиса бо саҳомдорони ҷузъ ҳастанд, ин таҳқиқ мехоҳад баррасӣ намояд, ки оё теъдоди саҳомдорони умда ва низ навъи моликияти онҳо бар амалкарди ширкат таъсиргузор аст, ё не. Аҳдофи аслии анҷоми ин таҳқиқ иборатанд аз:

1.Таъйини мизони аҳамият ва таъсиргузории навъи сохтори моликият бар амалкарди бозори саҳом (P/E) ва амалкарди ҳисобдории ширкат (ROE).

2.Таъйини мизони асаргузорӣ ва аҳамияти нақши саҳомдорони умда дар беҳбуди амалкарди молӣ ва бозори ширкатҳо.

**Намунаҳои саҳомдории мавриди баррасӣ** дар ин таҳқиқ низ шомили панҷ гурӯҳ-бахшҳои давлатӣ, ками давлатӣ, хусусӣ, нимахусусӣ ва ниҳодҳо ҳастанд. Ба таври куллӣ ағлаби масоил дар ҳокимияти ширкатӣ аз ду масъалаи асосӣ ҷудо кардани моликият аз назорат, ба манзури коҳиши ҳазинаҳо ва ҷудо кардани омилҳои мутазоб дар манофеъ байни мудирон ва моликон бо ҳадафи ҳадди аксарсозии арзиши сармоягузории саҳомдорон ношӣ мешавад. Бинобар ин, ҷудоии моликият аз мудирият шароитеро фароҳам намуд, то вогузории ихтиёрот ба унвони роҳи ҳалли аслии идораи ширкатҳо дар иҷтимооти пешрав матраҳ шавад.

Ҳар кишвар бо таваҷҷуҳ ба навъи фарҳанг ва заминаи таърихӣ ва ҳуқуқӣ дорои чорчӯбаи хосе барои ҳокимият мебошад. Дар кишвари мо тайи солҳои охир талошҳое барои муаррифии моҳияти низоми ҳокимияти ширкатӣ ва аҳамияти он аз ҷиҳати назорат бар бунгоҳҳои иқтисодӣ сурат гирифтааст. Дар созмони бурси Теҳрон низ ойинномае ба номи «Низоми роҳбарии ширкат» таҳия ва мунташир шудааст. Бар асоси ин ойиннома саҳомдорон ба ду бахш-умда ва ҷузъ тақсим шудаанд, ки мақсуд аз саҳомдорони калон, саҳомдоре, ки ба шакли мустақил битавонад ҳадди ақал як узви ҳайати мудирият ва ё беш аз онро ба таври мустақил таъйин кунад ва дорои бештарин назорат бар ҳайати мудирият аст. Саҳомдори ҷузъ касе ҳаст, ки ба таври мустақилона наметавонад, як узви ҳайати мудириятро таъйин намояд ва дорои камтарин қудрати нуфуз ва назорат бар ширкат ва ҳайати мудирият аст.

**Ҷадвали 1. Дар мавриди пажӯҳишҳои мушобеҳи пешин дар кишварҳои мухталиф**

| т/р | Кишвар | Солҳои баррасӣ | Мавзӯъҳои таҳқиқ | Номи пажӯҳишгар |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Миср | 2005 | Баррасии таъсири навъи моликият бар амалкарди ширкат | Shanira Abdel Shahid |
| 2. | Ҳиндустон | 2004-2010 | Баррасии таъсири навъи моликият бар арзиши ширкатҳои холдингӣ | Jayesn Kumar |
| 3. | Тайван | 2002-2009 | Баррасии тазод байни масоили намояндагӣ ва назорати ширкат аз тариқи сохтори моликияти мудирият дар ширкатҳои бурси Тайван | Anlin Cnher et al |
| 4. | Белгия | 2005-2010 | Баррасии улгуҳои маъмулии сохтори моликият дар кишвари Белгия | Ariane Chapelle |
| 5. | Корея | 2009 | Оё ҳокимияти ширкат метавонад меъёре барои пешбинии арзиши ширкат бошад | S/.Blask et al |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 6. | Чин | 2008-2010 | Таъйини робитаҳои ҳамзамон байни моликият ва ҳокимияти ширкат ва амалкарди моли ширкатҳо | Michael firth et al |
| 7. | Олмон – Британияи Кабир, США | 2007-2010 | Баррасии таъсири навъи моликияти саҳомдор бар амалкарди ширкат | Bruse Seifert et al |

Робитаи зайл нишон медиҳад, ки ҳар саҳомдор барои ин ки битавонад, як намоянда дар ҳайати мудирият дошта бошад, ҳадди ақал дорои чанд қисми даромад мебошад:

$$r = \frac{d * N}{b + 1} + 1$$

r - теъдоди саҳомдори лозим барои интихоби d намоянда дар ҳайати мудирият;
d - теъдоди мудироне, ки саҳомдорон ба унвони намоянда интихоб мекунанд;
N - теъдоди кулли саҳоми ширкаткунанда дар маҷмаа;
b - теъдоди аъзои лозим барои ҳайати мудирият.

**Фарзиёти таҳқиқ.** Фарзиёти аслии таҳқиқ шомили байни навъи моликияти умда ва амалкарди ширкат робитаи маънидоре вуҷуд дорад.

**Фарзиёти фаръии аввал.** Байни навъи моликияти умда ва боздеҳи ҳуқуқи соҳибони саҳом робитаи маънидоре вуҷуд дорад.

**Фарзи фаръии дуюм.** Байни навъи моликияти умда ва зариби қимат ба даромади саҳҳом робитаи маънидоре вуҷуд дорад.

**Фарзияи аслии дуюм.** Байни теъдоди саҳомдори умдаи ширкат ва амалкарди ширкат робитаи маънидоре вуҷуд дорад.

**Фарзи фаръии сеюм.** Байни теъдоди саҳомдорони калон ва боздеҳи ҳуқуқи ширкатҳо робитаи маънидоре вуҷуд дорад.

**Фарзи фаръии чаҳорум.** Байни теъдоди саҳомдорони умда ва зариби қимат ба даромади саҳоми ширкатҳои робитаи маънидор вуҷуд дорад.

Ҳамчунин, ҷомеаи омории истифодашуда шомили ҳамаи ширкатҳои пазируфташуда дар бурси Теҳрон дар фосилаи солҳои 2006-2010 аст. Намунаи омори ниҳоӣ шомили 56 ширкат мебошад, ки дар шаш санъати мухталиф табақабандӣ шудаанд.

Ба манзури ҷамъоварии додаҳои амалкарди ширкат аз нармафзорҳои раҳовард ва тадбирпардоз ва сахро истифода шудааст. Маънои таъйини сохтори моликият, таркиби саҳомдорон дар таърихи ташкили маҷмӯи ширкатҳо будааст. Ҳамчунин мутағайирҳо ва равиши муҳосиботии онҳо дар шакли зерин тавзеҳ дода мешавад:

- мутағайирҳои мустақил шомили мутағайирҳои таъйинкунанда, сохтори моликият, шомили теъдоди саҳомдорони умда (яъне афроди ҳақиқа ва ё ҳуқуқӣ, ки ҳадди ақал дарсади моликиятро доро мебошад).

-навъи моликияти умда бар ҳасби моҳияти моликият саҳомдори калоне, ки дорои бештарин фоизи моликият аст, таъриф мешавад. Зимнан бар ин асос, ширкатҳои мавриди мутолиа шомили мавориди зерин мебошанд:

Ниҳодҳо: манзур воҳидҳои даромади беҳтаре барои омма, ки бар асоси қонун ба сурати ғайридавлатӣ идора карда мешаванд.

Воҳидҳои хусусӣ: ширкатҳое, ки беш аз 50% моликияти онҳо ба ашхоси ғайридавлатӣ тааллуқ дорад.

Воҳидҳои ками давлатӣ: воҳидҳое, ки моликияти онҳо ба сурати таркибӣ аст, вале ниҳоятан дар ихтиёри давлат ҳастанд ва мебошанд, вале тибқи қонуни тиҷорат фаъолият мекунанд.

Воҳидҳои нимахусусӣ: воҳидҳое, ки камтар аз 50% моликияти онҳо таркибист, на давлатӣ ва на комилан хусусӣ ҳастанд.

Воҳидҳои давлатӣ: моликияти ин воҳидҳо комилан давлатӣ буда, фаъолиятҳои онҳо таҳти назари давлат мебошад.

Мутағайирҳои вабаста шомили мутағайирҳои таъйинкунанда амалкарди ширкат иборатанд аз:

- боздеҳи ҳуқуқи соҳибони саҳом, ки баёнгари боздеҳи саҳоми мутааллиқ ба саҳомдорони ширкат аст, ки ин нисбат бар пояи суди холиси солона ба ҷамъи ҳуқуқи соҳибони саҳоми одӣ муҳосиба мешавад;

- зариби қимат ба суди ҳар саҳм (нисбати зариби қимат ба суди ҳар саҳм (P/E) бар пояи қимати бозори саҳоми ширкат баъд аз таърихи маҷмӯъ муҳосиба мешавад)

суди ҳар саҳм (EPS) низ аз тақсими суди холис солеҳона бар теъдоди саҳоми ширкат дар поёни соли молӣ муҳосиба мешавад. Пас аз ҷамъоварии иттилоот, ки марбут ба суди солеҳона саҳоми ҳар яке аз ширкатҳо ва низ қиматҳои бозори саҳом баъд аз маҷмӯъ, нисбатҳои (P/E) солона ва сипас тақсимоти баробарии P/E ҳар яке аз ширкатҳо муҳосиба шудааст;

- мутағайири назоратӣ, омиле ба унвони мутағайири назоратӣ ва намунаҳои ниҳоӣ дар шаш саноати мутафовит (маводи нефтӣ ва маҳсулоти кимёӣ, воситагарии молӣ, маъданҳо, ва конҳои ғайри филиз, маҳсулоти ғизоӣ ва ошомиданӣ, васоити нақлиёт ва саноати мошинолот) табақабандӣ шудаанд.

**Равиши тавзеҳу таҳлили додаҳо.** Аз он ҷое, ки мутағайирҳои мустақил ба сурати тартибӣ, гусаста ва кайфӣ ҳастанд ва мутағайирҳои вобаста ба сурати кам ҳастанд, бинобар ин, беҳтарин равиш барои санҷиш мизони асаргузории мутағайирҳои мустақил бар рӯйи амалкарди ширкатҳо, истифода аз равиши таҳлили вориёнс аст. Дар сатҳи баррасии таъсири як мутағайири мустақил бар рӯйи амалкард аз таҳлили вориёнси яккарата ё як омилӣ ва дар сатҳи баррасии таъсири се мутағайир ба таври ҳамзамон бар рӯйи амалкард аз таҳлили вориёнси сеомила истифода шудааст. Дар ҳолати муқоисаи тақсимоти нобаробарии K гурӯҳ, фарзи 0 ва фарзи муқобил ба сурати омории зерин баён мешавад:

$$H_0 : \mu_1 = \mu_2 = .... = \mu_k$$

$$H_1 : \mu_i \neq \mu_j (i \neq j = 1...k)$$

$H_1$ - ҳадди ақал як ҷуфт тақсимотҳои нобаробарӣ бо ҳам баробар нестанд.

Бо истифода аз озмуни таҳлили вориёнс метавон натиҷа гирифт, ки оё тақсимотҳои нобаробари ROE ва зариби P/E дар гурӯҳҳои мухталиф бо ҳам тафовут доранд ё не, агар ин тафовут маънодор бошад, метавон натиҷа гирифт, ки гурӯҳи омил бар амалкарди ширкат таъсиргузор аст, вале наметавон ба ин суол посух дод, ки кадом гурӯҳ бештарин ё камтарин таъсирро бар амалкард доранд. Бо ҳамин далел, барои баррасии ин таъсир аз озмунҳои муқоисавии ду ба дуи Донкан истифода шудааст. Озмуни Донкан яке аз пуртавонтарин озмунҳои муқоисавии ду ба ду ба ҳисоб меравад, ки алоқа бар муқоисаи ду ба ду, гурӯҳҳои мухталифро аз назари тақсимоти баробарии онҳо рутбабандӣ мекунанд.

Дар ин озмун дар сурате ки ду ё чанд гурӯҳ аз назари оморӣ бо ҳам ихтилофе надошта бошанд, дар зери гурӯҳҳои ҳамгин қарор мегиранд. Дар баррасии таъсири омили назорати саноат, ибтидо таъсири омили саноат ба танҳоӣ ба амалкард баррасӣ шудааст, сипас таъсири ҳамзамони се мутағайири теъдоди саҳомдори калон, навъи моликият ва навъи санъат бар амалкард баррасӣ шудааст. Бо ин ҳадаф, ки оё натоиҷи мизон ва наҳваи таъсири сохтори моликият бар амалкарди ширкат дар саноеи мухталиф мушобеҳ аст, ё тағйир мекунанд. Баррасии моҳияти робитаи ҳамзамон байни се мутағайири мазкур бар амалкарди ширкат аз навъи мутолиоти ҳамбастагӣ аст. Модели бароварди мутағайирҳои амалкарди ширкат ба ин гуна аст:

$$f(p) = a + \beta_1 N.B + \beta_2 K,_0 + \beta_3 I + \Sigma_i$$

f (p):– амалкарди ширкат (ROE, P/E)

N.B: - теъдоди саҳомдорони бузург;

K.0: - навъи моликияти калон;

I: - омили санъат.

Лозим ба зикр аст, ки қабл аз озмуни фарзиёти таҳқиқ аз озмуни одӣ будани додаҳо барои тест истифода шудааст. Ва аз он ҷо ки додаҳои марбут ба мутағайири вобаста (амалкарди ширкат) пайваста ҳастанд, бинобар ин, фарзи одӣ буда, барои онҳо қобили озмун аст. Аз озмуни Келемо Гроф Исмаринов барои озмуни одӣ будани додаҳо истифода шудааст.

**Ҷадвали 2. Таҳлили вариант ва тақсимоти баробарии ROE дар гурӯҳҳои мухталифи навъи моликият**

| | Ниҳодҳо | Хусусӣ | Нима хусусӣ | Давлатӣ | Ками давлатӣ | Кул |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Теъдоди ширкатҳо | 7 | 14 | 13 | 17 | 5 | 56 |
| Тақсимоти нобаробарии ROE (%) | 54/29 | 54/4 | 73/01 | 43/02 | 96/8 | 59 |
| Ҳадди ақали боздеҳ | 23 | 8 | 15 | 10 | 20 | 8 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳадди аксари боздеҳ | 119 | 123 | 140 | 88 | 120 | 140 |
| Инҳирофи меъёр | 37% | 33% | 67% | 26% | 54% | 45% |
| 1/84 | Мизони F | | | | | |
| 136/0 | sig | | | | | |

**Ҷамъбандии озмуни фарзиёти таҳқиқ ба шарҳи зер аст:**

1. Навъи моликияти калон бо боздеҳи ҳуқуқи соҳибони саҳоми ширкат робитаи маънодоре дорад. Ҳамон тавре ки ҷадвали 2 нишон медиҳад, навъи моликияти калон бо боздеҳи ҳуқуқи соҳибони ширкат, робитаи маънодоре надорад.

2. Навъи моликияти калон бо зариби P/E ширкат робитаи маънодоре дорад. Ҳамон тавре ки ҷадвали шумораи 3 нишон медиҳад, бо итминони 95% метавон иддао намуд, ки навъи моликияти калон бо зариби P/E ширкат робитаи маънодоре надорад.

**Ҷадвали 3. Таҳлили вариант ва тақсимоти баробарии P/E дар гурӯҳҳои мухталифи навъи моликият**

| | Ниҳодҳо | Хусусӣ | Нима хусусӣ | Давлатӣ | Ками давлатӣ | Кул |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Тақсимоти нобаробарии P/E | 6/72 | 6/23 | 8/08 | 8/29 | 9/06 | 7/6 |
| Ҳадди ақали P/E | 3/13 | 3/12 | 2/7 | 1/02 | 3/51 | 1/02 |
| Ҳадди аксари P/E | 13 | 12/9 | 16/2 | 18/8 | 15/3 | 18/81 |
| Инҳирофи меъёр | 3/02 | 3/13 | 3/9 | 4/45 | 4/48 | 3/8 |
| 0/888 | Мизони F | | | | | |
| 0/478 | sig | | | | | |

3. Теъдоди саҳомдорони бузург бо боздеҳи ҳуқуқи соҳибони саҳоми ширкат, робитаи маънодор дорад. Албатта, бо далели ҳаҷми ками намунаи омории мавриди мутолиа робитаи байни боздеҳи ҳуқуқи соҳибони саҳом ва теъдоди саҳомдорони калон маънодор нест. Аммо метавон гуфт, ки бо афзоиши теъдоди саҳомдорони бузург тақсимоти баробарии боздеҳи ҳуқуқи соҳибони ширкатҳо афзоиш меёбад.

Ҷадвали 4 нишон медиҳад, ки теъдоди саҳомдорони бузург бо зариби қимат ба даромади саҳоми ширкатҳо робитаи маънодор дарад. Ҳамчунин натоиҷи озмуни таҳлили вариант нишон медиҳад, ки теъдоди саҳомдорони бузург бар амалкарди P/E ширкатҳо таъсиргузор нест.

**Ҷадвали 4. Таҳлили вариант ва тақсимоти баробари ROE дар гурӯҳҳои мухталифи теъдоди саҳомдорони бузург**

| Теъдоди саҳмдорони бузург | 1 нафар | 2 нафар | 3 нафар | Кул |
|---|---|---|---|---|
| Теъдоди ширкатҳо дар ҳар гурӯҳ | 38 | 15 | 3 | 56 |
| Тақсимоти баробарии ROE (%) | 54/8 | 67/7 | 68/3 | 59 |
| Ҳадди ақали боздеҳ (%) | 8 | 10 | 20 | 8 |
| Ҳадди аксари боздеҳ (%) | 140 | 120 | 105 | 140 |
| Инҳирофи меъёр | 0/472 | 0/436 | 0/440 | 0/457 |
| Мизони F | | | | 0/482 |
| sig | | | | 0/62. |

Намунаҳои мавриди мутолиа бештар аз шаш санъати мутафовит ҳастанд. Натиҷаҳои озмуни варианти якомили нишон медиҳад, ки байни навъи санъат ва амалкарди боздеҳи ҳуқуқи соҳибони саҳом робитаи маънодор, вуҷуд дорад. Дар муқобил робитаи байни навъи санъат ва зариби қимат ба даромад, маънодор нест.

**Натиҷагирӣ.** Замоне ки бахши бузурги моликияти ширкат мутааллиқ ба чандин саҳомдори бузург бошад, нисбати манфиати сармоягузорон дарёфт мекунанд, ки дар муқоиса бо вақте ки моликият дар ширкат бо як саҳомдори бузург бошад, бештар аст.

Ширкатҳое, ки бахши калони моликиятҳои онҳо дар дасти бахшҳои ками давлатӣ ва нимахусусӣ будааст, ба тартиб дорои бештарин тақсимоти баробарии ROE будаанд. Аммо ба таври куллӣ робитаҳои байни омилҳои таъйинкунандаи сохтори моликият (теъдоди саҳомдори бузург ва навъи моликияти бузург) бо зариби P/E-и ширкатҳо бо лиҳози оморӣ маънодор набуданд.

Натоиҷ нишон медиҳад, ки саноеи мавриди мутолиа аз лиҳози тақсимоти баробарии P/E тафовути маънидоре бо якдигар надоштанд, аммо тақсимоти баробарии ROE ширкатҳо таҳти таъсири омили саноатӣ мебошад.

Натоиҷ нишон медиҳад, ки танҳо омили саноатӣ аст, ки бар боздеҳи ҳуқуқи соҳибони саҳом таъсиргузор аст ва соири омилҳо бар таъйини мизони боздеҳ асаргузор нестанд. Ба таври куллӣ, ин таҳқиқ нишон медиҳад, ки амалкарди ширкатҳо бештар таҳти таъсири шароити иқтисодии кишвар ва навъи саноат аст. То иқдомот ва тасмимоти мудирияти саҳмдорон ва намояндагони онҳо дар шакли аъзои ҳайати мудирият, тағйирот ва таҳаввулоти чашмгир ва қобили арзёбӣ дар амалкарди шарикҳо ироа накарда буданд.


**АДАБИЁТ**

1. Созмони бурси Теҳрон. пешнависи ойинномаи усули роҳбарии ширкат // Маҷаллаи «Бурс», 1385.
2. Салиободии Алӣ. Низоми роҳбарии ширкатӣ, гоми ба сӯйи ҷалби эътимоди умумӣ / Салиободии Алӣ // Маҷаллаи «Бурс», 1385.
3. Қалибов Ҳасан. Мудирияти молӣ / Қалибов Ҳасан. –Теҳрон: Интишороти «Пурони пажӯҳиш», 1384.
4. Ariane Chapelle. Block investments and the race for corporate control in Belgium / Ariane Chapelle. -Belgium: Universite Libre de Bruxelles, 2009.
5. Dittman Ingolf March. Blosk trading, Ownership Structure and the Value of Corporate Votes / Dittman Ingolf March, 2009.
6. Jayesh Kumar. Does Ownership Structure influence firm value?: Evidance from India / Jayesh Kumar. –India: Indira Gandni institute of Development Research, 2009.
7. Shahira Abdel Shahid. Does Ownership Structure affect Firm value: Evidence form the Egyption Stock Market / Shahira Abdel Shahid // Cario Alexandria Stock Exchanges, januari 2008.


**ИССЛЕДОВАНИЕ ВЛИЯНИЯ СТРУКТУРЫ СОБСТВЕННОСТИ НА РЕЗУЛЬТАТЫ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ВЕДУЩИХ КОМПАНИЙ ТЕГЕРАНСКОЙ ФОНДОВОЙ БИРЖЫ**


Рынок ценных бумаг является основным механизмом перераспределения денежных накоплений. Фондовый рынок создает рыночный механизм свободного, хотя и регулируемого, перелива капиталов в наиболее эффективные отрасли хозяйствования Организационная структура биржи должна обеспечить доверие к ней со стороны ее членов. В данной статье автор изучает влияние структуры собственности на результаты деятельности ведущих компаний Тегеранской Фондовой биржи.



**Ключевые слова:**Тегеранская фондовая биржа, финансовые услуги, инвестирование, торговые продукты, эффективная организационная структура, торговля ценными бумагами, интересы, управление.


**THE STUDY OF THE IMPACT OF OWNERSHIP STRUCTURE ON THE RESULTS OF THE ACTIVITY OF THE LEADING COMPANIES OF THE TEHRAN STOCK EXCHANGE**


The securities market is the main mechanism of redistribution of cash savings. The stock market creates a market mechanism of free, though regulated, connected with movement of capital in the most effective branch of management Organizational structure of the stock exchange must ensure confidence on the part of its members. In this article the author examines the impact of ownership structure on results of activity of the leading companies of the Tehran Stock exchange.



**Key words:**Tehran stock exchange, financial services, investing, trading products, efficient organizational structure, trading in securities, interests, control.



**Сведения об авторах:** ***Алиризои Фаршедпур*** – соискатель Института экономики и демографии АН РТ
***Рахими Рафии*** - соискатель Института экономики и демографии АН РТ


# БАРТАРИҲОИ ПАЙВАСТ БА СОЗМОНИ ҶАҲОНИИ ТИҶОРАТ (WTO) ВА АСАРОТИ ОН

***(дар мисоли Ҷумҳурии Исломии Эрон)***


***Хизруллоҳи Маттоҷӣ***
Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ


Маълум аст, ки Созмони ҷаҳонии тиҷорат (WTO) дар воқеъ, ҷонишини мувофиқатномаи умумии тиҷорат (GATT) шуда, аҳдофи он аҳдофи созмони ҷаҳонӣ низ маҳсуб мешавад. Ошноӣ бо аҳдофи ҳар созмони ҷаҳонӣ ва ё байналмилалӣ, дақиқан бозгӯкунандаи сиёсати он созмон аст. Бар асоси таҳлил ва баррасии усули Созмони ҷаҳонии тиҷорат (WTO) метавон бар асароти пайвасти кишварҳо бар ин созмон даст пайдо кард. Аз ин рӯ, ошноӣ бо муҳимтарин аҳдоф ва усулҳои Созмони ҷаҳонии тиҷорат дар ин таҳқиқ муҳим ба назар мерасад.

Аҳдофе, ки дар таъсиси Созмони ҷаҳонии тиҷорат(WTO) мавриди таъкид қарор гирифтаанд, иборатанд аз:

- боло бурдани сатҳи зиндагии мардум;
- фароҳам намудани имконоти иштиғоли комил;
- рушди даромадҳои воқеӣ ва тақозои муассир;
- густариши тавлид ва тиҷорати кор ва хадамот;
- баҳрабардории муассир аз манобеи ҷаҳонӣ бо таъкид бар ҳифзи муҳити зист ва тавсеаи пойдор;
- ҳаллу фасли мусолиматомези ихтилофоти тиҷорӣ;
- бархӯрди вижа ва мураҷҷаҳ (бартарӣ дода шуда) бо кишварҳои дар ҳоли тавсеа ва бо камтарин дараҷаи тавсеаёфтагӣ.

**Усули Созмони ҷаҳонии тиҷорат (WTO).** Созмони ҷаҳонии тиҷорат ҳусул ва аҳдофи фавқро аз тариқи усули созмон ва тавофуқҳое, ки бар мабнои усул анҷом гирифта, табдил ба мувофиқатномаҳо ё тафоҳумномаҳое шудааст, дунбол мекунад[1]. Усули созмони ҷаҳонии тиҷорат иборатанд аз:

**Асли адами табъйиз (тиҷорат бидуни табъйиз)**, ки худ шомили ду асл ба шарҳи зер мебошад:

**Асли давлати комила (Most Fevered Nation - MFN)**. Тибқи мувофиқатномаҳои Созмони ҷаҳонии тиҷорат, кишварҳо маъмулан наметавонанд байни тарафҳои тиҷории хеш табъйиз қоил шаванд. Атои як имтиёз ба як кишвар (монанди кам кардани нархи ҳуқуқ ва аворизи гумрукӣ барои яке аз маҳсулот) боис мешавад, ки ба иҷбор ҳамин рафтор низ бо соири аъзои Созмони ҷаҳонии тиҷорат иттихоз гардад [2]. Беҳтарин рафторе, ки дар мавориди фавқ ба як шарики тиҷории аз узв ё ғайриузв ато шавад, фавран ва бидуни қайду шарт ба ҳама аъзои созмон паҳн мешавад, ба ибораи дигар, ин асл итминон медиҳад, ки ҳар кишвар бо соири аъзои дигар Созмони ҷаҳонии тиҷорат ба таври мусовӣ рафтор мекунад, агарчи истисноote ҳам вуҷуд дорад.

**Асли рафтори миллӣ (National Treatment - NT).** Кишварҳо бояд бо молҳои воридотӣ ва тавлидоти дохилӣ ҳадди ақал пас аз вуруди молҳои хориҷӣ ба бозори дохилӣ ба таври мусовӣ бархӯрд кунанд [2]. Ба ибораи дигар, як кишвар набояд ба ҳангоми вуруди молу маҳсулот ба қаламраваш бо онҳо рафторе бо матлубияти камтар дар муқоиса ба молҳои дохилӣ дошта бошад. Яъне набояд байни молҳое бо маншаи воридотӣ ва молҳои тибқи мувофиқатномаҳо марбутаи рафтори табъйизомез дошта бошад. Ин асл бояд дар мавриди хадамот ва моликиятҳои фикрӣ низ мушобеҳи молҳо риоят шавад [1].

**Асли озодсозии тиҷорӣ.** Коҳиши мавонеи тиҷорӣ яке аз возеҳтарин василаҳои ташвиқии тиҷорат аст. Мавонее, ки дар роҳи тиҷорат вуҷуд доранд шомили ҳуқуқи гумрукӣ (тарофаҳо) ва тадобире монанди монеаҳои воридотӣ ва саҳмияҳои воридотӣ, миқдори воридотро маҳдуд мекунад. Дар тӯли солҳо мавзӯоте монанди коғазбозӣ ва сиёсатҳои нархи арзӣ мавриди баҳс қарор гирифтаанд.

Мувофиқатномаҳои Созмони ҷаҳонии тиҷорат ба кишварҳо иҷоза медиҳад, ки тағйиротро батадриҷ аз тариқи «озодсозии мустамар» эъмол кунанд. Кишварҳои дар ҳоли тавсеа фурсати бештаре доранд, то таахҳудоташонро иҷро кунанд.

**Асли тиҷорати одилона (афзоиши рақобати мунсифона**). Бар асоси ин усул истифодаи ғайриқонунӣ ё хисоратовари роёнаҳо, қиматшиканӣ ба маънии содироти борҳо ба қимати камтар аз воқеъ (демпинг) ба тиҷорати мунсифона латма мезанад ва тадобире барои муқобила бо ин иқдомот иттихоз мешавад. Бисёре аз мувофиқатномаҳои Созмони ҷаҳонии тиҷорат қасд доранд рақобати мунсифонаро ҳимоят кунанд, системаро густариш диҳанд, то шароити тиҷории мунсифона ё ғайримунсифона ва наҳваи посухгӯйии давлатҳоро мушаххас созанд, бахусус дар заминаи демпинг (содироти зери қимат барои дастёбӣ ба саҳми бозор) ва роёнаҳо (компютерҳо) [2].

**Асли шаффофият (қобилияти пешбинӣ аз тариқи тасбият).** Кишварҳо бояд бо ҷойи интишори қавонин ва муқаррароти тиҷорӣ, иттилоъдиҳӣ аз тағйирот, аз қабили тағйир дар стандартҳо ва назири он эҷоди марокизи посухгӯйи ва иттилоъдиҳӣ нисбат ба ироаи посух ба фаъолини иқтисодӣ ва эҷоди шаффофият дар муқаррарот ва қавонини дохилӣ иқдом намоянд. Дар шароите ки субот вуҷуд дорад ва қобили пешбинӣ аст, сармоягузорӣ ташвиқ мегардад, фурсатҳои шуғлӣ эҷод мешаванд ва масрафкунандагон метавонанд аз манофеи рақобатӣ ҳадди аксар баҳра бибаранд [3].

**Асли рафтори вижа ва мутафовит бо кишварҳои дар ҳоли тавсеа.** Усулан, системаи Созмони ҷаҳонии тиҷорат ба тавсеа кӯмак мекунад ва аз тарафи дигар кишварҳои дар ҳоли тавсеа барои иҷрои мувофиқатномаҳои ин система ниёзманди инъитофи замонӣ ҳастанд. Ниёзҳо ва сатҳи мутафовити кишварҳои узв дар Созмони

ҷаҳонии тиҷорат ба расмият шинохта шуда, барои мабнои он рафторҳои беҳтаре нисбат ба кишварҳои дар ҳоли тавсеъа ва бо камтарин мизони тавсеаёфта пешбинӣ шудааст. Барои асоси ин усул, кишварҳои дар ҳоли тавсеа ва кишварҳое бо камтарин дараҷаи тавсеаёфтагӣ ғолибан таахҳудоти камтаре нисбат ба кишварҳои тавсеаёфта доранд. Таахҳудоти онҳо камтар ва муддати замони иҷрои он таахҳудот бештар аз муддати замонест, ки кишварҳои тавсеаёфта доранд.

Албатта, усули фавқ дороии истисноот ва машрут ба шароите мебошанд, ки зикри онҳо дар ин мухтасар намеғунҷад. Ба ҳар ҳол, Созмони ҷаҳонии тиҷорат муттакӣ ба ин усул ва мувофиқатномаҳои мутааддиде, ки бар асоси онҳо танзим шудаанд, аҳдофи худро пешгирӣ мекунанд.

**Бартариҳои пайваст ба Созмони ҷаҳонии тиҷорат (бавижа барои кишварҳои дар ҳоли тавсеа).** Узвияти як кишвар дар Созмони ҷаҳонии тиҷорат боис мешавад, ки ин кишвар дар тиҷорати худ бо соири аъзои ин созмон дар маърази табъйиз қарор нагирад. Ҳар як аз аъзои Созмони ҷаҳонии тиҷорат аз тариқи созу кори ҳалли ихтилофи ин созмон метавонанд хостори ҷуброни хисорот дар муқобили нақзи ҳуқуқи худ аз тарафи кишварҳои дигар шаванд. Созу кори ҳалли ихтилоф ба таври фазояндае аз сӯйи кишварҳои дар ҳоли тавсеа ва ҳамчунин кишварҳои тавсеаёфта мавриди истифода қарор гирифтааст.

Аз дигар фавоиди муҳимми узвият дар Созмони ҷаҳонии тиҷорат, бархурдорӣ аз ҳаққи мушорикат дар фаронди тасмимгирии ин созмон ва ҳидояти музокироти чандҷонибаи тиҷорӣ дар оянда аст, вале узвият дар ин созмон мусталзами пазириши ин таахҳуд ва иҷрои қавоиди мундариҷ дар мувофиқатномаҳои мухталифи ин созмон низ ҳаст. Илова бар ин, ҳар як аз аъзои созмони ҷаҳонии тиҷорат бояд таахҳудотеро барои кушоиши бозори молу маҳсулот ва хадамоти худ бипазиранд. Дараҷаи кушоиши бозорҳои кишварҳои дар ҳоли тавсеа ба сатҳи тавсеаи онҳо ва ҳамчунин ниёзҳои молӣ ва тиҷории онҳо вобастагӣ дорад. Ба таври хулоса мазиятҳои узвият дар Созмони ҷаҳонии тиҷорат ба шарҳи зер мебошад[4]:

А) Бакоргирии мувофиқатномаҳои Созмони ҷаҳонии тиҷорат, умуман, сабаби афзоиши фурсатҳои тиҷорӣ барои кишварҳои узв мегардад.

Б) Усули чандҷонибае, ки сахтгирии шадидтаре ба ҳамроҳ доранд, муҳити тиҷории амнтар ва қобили пешбинитареро ба тазмин менамоянд ва итминони бештаре дар равобити тиҷорӣ фароҳам меоваранд.

В) Танҳо аъзо метавонанд аз ҳуқуқи мундариҷ дар мувофиқатномаҳои созмон истифода намоянд.

Г) Мувофиқатномаҳои созмон, шаффофияти сиёсатҳо ва равишҳои тиҷорӣ шарикони тиҷориро қувват бахшида, ба ин васила муҷиби иртиқои суботи равобити тиҷорӣ мегардад.

Д) Аъзо барои дифоъ аз манофеъ ва ҳуқуқи тиҷории худ ба созу кори ҳалли ихтилоф дастрасӣ доранд.

Е) Узвият аз тариқи мушорикати муассир дар музокироти тиҷории чандҷонибаи созмон боиси пешрафти манофеи тиҷорӣ ва иқтисодии аъзо мегардад.

**Асароти пайвасти Эрон ба Созмони ҷаҳонии тиҷорат.** Пайвастан ба Созмони ҷаҳонии тиҷорат дар воқеъ ба пазириши таахҳудоте дар ду ҳавзаи зер мебошад:

1.Қавоид ва муқаррароти Созмони ҷаҳонии тиҷорат.

2.Эҷоди дастрасӣ ба бозор барои молу маҳсулот ва хадамоти кишварҳои узв.

Риояти қавоид ва муқаррароти Созмони ҷаҳонии тиҷорат боис хоҳад шуд, ки бисёре аз муқаррарот ва қавоиди дохилии феълӣ дучори тағйирот шаванд. Ин тағйирот мусталзами таҷдиди назар дар ҳавзаҳои мухталифе ҳамчун коҳиш ё ҳазфи роёнаҳои тавлидӣ, костӣ аз шикофи қимати ин қимати дохилӣ ва хориҷӣ фаровардаҳои сӯхти кишвар, таъдил ва тағйир дар қавонин ва муқаррароти ҳоким бар иқдомоти зидди қиматшиканӣ (демпинг) ва иқдомоти ҳифозатӣ, стандартҳо ва иқдомоти карантинӣ ва муқаррароти ҳоким бар тиҷорати хориҷӣ, аам ва рӯяҳои гумрукии мавҷуд дар хусуси сабти супориши рафъи маҳдудиятҳо ва мамнӯиятҳои тиҷорӣ ва мавориде аз ин қабил хоҳад буд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки миқдор ва сифати пайвасти худ вобаста ба авомили мухталиф ва мутааддиде аст, аз ин рӯ, коҳиши нархҳои тарофаи гумрукии молҳои воридотӣ мусаллам аст, аммо мизони он бастагӣ ба шароити ҳоким бар музокирот, қудрати дипломатияи Эрон ва дархостҳои аъзои гурӯҳи корӣ пайваст хоҳад дошт. Асосан, коҳиши нархҳо рақобат байни молҳои дохилӣ ва молҳои воридотиро ташдид хоҳад кард ва муҳтамил аст, ки воридоти афзоишёфта ва тавлиди дохилӣ дар нархе аз фаъолиятҳо ва тавлидот дучори мушкил шавад [1].

Ин ки дақиқан таъсирот дар арсаҳои мухталифи тавлидӣ, хадамоти фарогиранда аз бахшҳои кишоварзӣ ва саноатӣ чӣ гуна хоҳад буд, комилан бастагӣ ба вазъияти ин фаъолиятҳо ва каму кайфи тааҳҳудот дар иртибот бо онҳо хоҳад дошт. Вале бар асоси таҷрибаи кишварҳое, ки узви Созмони ҷаҳонии тиҷорат шудаанд, метавон интизор дошт, ки чунин натоиҷро барои кишвари мо ба армуғон оварад [5]. Тақрибан ва на таҳқиқан заъфи мудирият ва сӯйи мудирият аз иқтисоди мо ҳазф хоҳад шуд.

1. Вазъи иқтисоди мо тағйир хоҳад кард, яъне қимати молҳо тавассути бозор таъйин мешаванд ва давлат дар таъйини қимати молҳо дахолат нахоҳад дошт.

2. Иқтисод муайян хохад кард, ки кадом фаъолиятҳое дар кишвар бояд анҷом гирад, ки имтиёзи нисбӣ дошта бошад.

3. Бо узвият дар WTO робита метавонад раис интихоб кунад, аммо наметавонад ӯро нигаҳдорӣ кунад, чаро ки фард бояд имтиёзи нисбӣ дошта бошад.

4. Мунҷар ба таъдили нерӯи инсонӣ мешавад, зеро коркунони мозод (зиёда бар эҳтиёҷ) боиси афзоиши ҳазинаҳои созмон ё ширкат мешаванд ва бо афзоиши ҳазинаҳо мазияти нисбӣ ба хатар меафтад.

5. Узвият дар WTO ба манзалаи ҳокимияти иқтисод рақобате дар кишвари мо аст ва шарти узвияти интихоб назарияи узвияти рақобатӣ бо тамоми лавозими он аст. Иқтисоди Эрон бар ронт ва робита мубтанӣ (вобаста) шудааст ва узвият дар WTO ба манзалаи ҳифзи ронт ва робита аст.

6. Шохисҳои муҳимми иқтисодӣ (тавлиди нохолиси дохилӣ, сармоягузории нохолиси дохилӣ, нархи таваррум, нархи бекорӣ ва ғайра) тағйир хоҳанд ёфт.

Он гуна ки нишон дода шуд, усули WTO мавриди пазириш тавассути ҳамаи кишварҳои узв ва мувофиқатномаҳое, ки дар созмон ба тасвиб мерасад, бидуни шак, асароти мухталиферо дар бахшҳои мухталифи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии кишварҳои узв дар ин созмон бар ҷой мегузорад. Бо таваҷҷуҳ ба ин рӯйкард, пайвасти Эрон ба созмони ҷаҳонии тиҷорат (WTO), шинохти Созмон ва асароти манфӣ ва мусбати пайваст ба ин созмон барои ҳар кишвар бояд ҳамаҷониба мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор бигирад ва ҳамаи барномарезиҳо бар пояи ҷадидтарин иттилооти илмӣ ва пажӯҳишӣ сурат бигирад. Ва аз ин тариқ имконот барои ҳамкориҳои баъдӣ фароҳам оварда шавад, то ин ки ин тағйироти барномарезишуда кишварро ба самте равона намояд, ки бо ин ки увзи созмон аст, таъсироти манфии пайвасти он камтар ва асарот ва суботи мусбати он бештар бошад.

**АДАБИЁТ**


1. Сайидӣ Мирҳодӣ. Ошноӣ бо Созмони ҷаҳонии тиҷорат / Сайидӣ Мирҳодӣ. Маҷмӯаи пурсишҳо ва посухҳо // Ҷузваи чопнашудаи намояндагии томулихтиёрӣ тиҷории Ҷумҳурии Исломии Эрон, 2008. -С. 40, 6, 189.-193.
2. Ирвонӣ Муҳаммад Ҷавод. Шинохти Созмони ҷаҳонии тиҷорат / Ирвонӣ Муҳаммад Ҷавод. – Теҳрон: Интишороти муассисаи мутолиот ва пажӯҳишҳои бозаргонӣ, 2005. -С. 5, 8, 52.
3. Шаҳракӣ Муҳаммадризо. Созмони ҷаҳонии тиҷорат: таҳдидҳо ва фурсатҳо / Шаҳракӣ Муҳаммадризо // Моҳномаи «Таовун», 2004. -№142. -С. 43.
4. Дабирхонаи Онкитод. Чигунагии пайваст ба созмони ҷаҳонии тиҷорат / Дабирхонаи Онкитод. Тарҷумаи Абулқосим Бунёт ва дигарон. Интироти муассисаи мутолиот ва пажӯҳишҳои бозаргонӣ. 2003, Баманмоҳ, С. 54.
5. Фақеҳӣ Фараҳманди Носир. Мудирияти пӯёии созмон / Фақеҳӣ Фараҳманди Носир. -Теҳрон, 1381. -С. 189-193.


## ПРЕИМУЩЕСТВА ЧЛЕНСТВА ВО ВСЕМИРНОЙ ТОРГОВОЙ ОРГАНИЗАЦИИ

***(На примере Исламской Республики Иран)***


Всемирная торговая организация является главной международной организацией, в рамках которой обсуждаются и разрабатываются основные вопросы, связанные с режимом международной торговли товарами и услугами, осуществляется контроль за соблюдением правовых норм. Всемирная торговая организация все активнее превращается в универсальную международную организацию по регулированию всех процессов международного обмена товарами, капиталами, услугами, рабочей силой. Государство вступив в членство данной организации получает большие гарантии и преимущества на международной арене. В данной статье автор рассматривает преимущества вступления во Всемирную торговую организацию на примере Исламской Республики Иран.



**Ключевые слова:** Всемирная торговая организация, глобализация, Исламская Республика Иран, вступление в ВТО, преимущества, международный обмен товарами.


## THE ADVANTAGES OF MEMBERSHIP IN THE WORLD TRADE ORGANIZATION

***(On the example of the Islamic Republic of Iran)***


The world trade organization is the main international organization, which discussed and developed key issues associated with the regime of international trade in goods and services, is carried out the control over

observance of legal norms. The world trade organization is increasingly turning into a universal international organization for the regulation of all processes of the international exchange of goods, capital, services and labor force. The state admitted to the membership of this organization gets larger guarantees and advantages in the international arena. In this article the author considers the advantages of accession to the world trade organization on the example of the Islamic Republic of Iran.

**Key words:** world trade organization, globalization, the Islamic Republic of Iran, joining the WTO, the benefits of international exchange of goods.

**Сведения об авторе:** ***Хизруллохи Маттоджи*** – соискатель Института экономики и демографии АН РТ

# БАРРАСИИ БОЗДЕҲИ КӮТОҲМУДДАТ ВА БАЛАНДМУДДАТИ САҲОМЕ, КИ АВВАЛИН БОР ДАР БИРЖАИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ТЕҲРОН АРЗА МЕШАВАНД

***Маҳмуди Беҳҷат, Нодири Хидрӣ***
**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Ободон, Эрон**

Дар ҳамаи бозорҳои молии дунё баррасии боздеҳии кӯтоҳмуддат ва баландмуддати бунгоҳҳое, ки аввалин бор аз тариқи биржаи коғазҳои қиматнок ба умуми мардум арза мешаванд, аз аҳамияти болое бархурдор аст. Арзаи аввалияи саҳом ба ҳолате гуфта мешавад, ки дар он як бунгоҳи иқтисодӣ, ки то кунун дар бозори биржаи коғазҳои қиматнок фаъолият надоштааст, саҳоми худро аз ин тариқ ба умуми мардум ба фурӯш мерасонад. Иллати таваҷҷуҳи зиёд ба падидаи арзаи аввалияи саҳом далели анҷоми арза ва вуҷуди боздеҳҳои ғайриодӣ мебошад. Дар бештари бозорҳои молӣ боздеҳии кӯтоҳмуддати арзаҳои аввалияи мусбат ва амалкарди баландмуддати ин арзаҳо манфӣ аст. Арзаи аввалия дар Эрон тайи солҳои охир рушди чашмгир доштааст. Ба тавре ки дар солҳои 1382-1383 теъдоди арзаҳои аввалия ба тартиб 40 ва 48 буда, ин мизон тақрибан муодили тамоми арзаҳои анҷомшудаи тайи солҳои 1376 то 1382 аст. Аз тариқи дигар, баррасии боздеҳии баландмуддати арзаҳои аввалия метавонад шоҳидҳоеро фароҳам кунад, ки битавон аз тариқи онҳо дар мавриди короии бозори аввалияи саҳом тасмим гирифт. Боздеҳиҳои баландмуддати гузоришшуда дар бисёре аз кишварҳо дар хусуси арзаҳои аввалия короии иттилоотии ин бозорро ба чолиш кашонидааст. Дар бештари кишварҳо боздеҳии баландмуддати арзаҳои аввалия нисбат ба боздеҳии бозор бо ширкатҳои мушобеҳ манфӣ аст. Бо баррасии боздеҳҳои баландмуддат арзаҳои аввалияи Эрон метавон дар мавриди короии ин бозор ба натиҷаҳое расид. Илова бар қиматгузории арзаҳои аввалия замонбандии арзаҳои аввалия низ бисёр ҳоизи аҳамият аст. Дар бархе солҳо теъдоди арзаҳои аввалия кам ва дар бархе ин мизон зиёд аст. Агар дар тайи солҳои пурарза шоҳиди амалкарди баландмуддати манфӣ бошем, ба ин маънист, ки бунгоҳҳо замони муносиберо барои арзаи саҳоми худ дар биржаи коғазҳои қиматнок интихоб кардаанд.

**Мутағайирҳои таҳқиқ. Мутағайири вобастаи таҳқиқ**. Мутағайири вобастаи таҳқиқ боздеҳии баландмуддати саҳоми бунгоҳ арза шудааст. Барои муҳосибаи боздеҳии баландмуддат, саҳоми ширкатҳои мавриди баррасӣ, омилҳои афзоиши сармоя, манбаи афзоиши сармоя ва замони афзоиши сармоя бояд мадди назар қарор гирад. Барои таъйини ин ки оё боздеҳии баландмуддати арзаҳои аввалия дар тӯли баландмуддатӣ амалкарди хуб ё баде доранд, ба як меъёри муносиб ниёз аст. Фарз бар ин гузошта шудааст, ки агар саҳми боздеҳии бештаре аз боздеҳии бозор дошта бошад, дорои амалкарди мусбат ва агар боздеҳии он камтар аз боздеҳии бозор бошад, дорои амалкарди манфӣ аст. Бад-ин тартиб, ба эъзои тамоми боздеҳиҳои муҳосибашуда барои саҳоми боздеҳии мутанозири бозор низ муҳосиба шуд. Аз миёни шохисҳои бозор шохиси қимат ва боздеҳии нақдии бозор интихоб гардид. Бинобар ин, бо таваҷҷуҳ ба тавзеҳоти боло амалкарди саҳми арзашудаи i дар тӯли давраи t ба сурати зер таъриф мешавад:

$$ar_{it} = r_{it} - r_{mt}$$

Ки $r_{it}$ - боздеҳи саҳом ва $r_{mt}$ - боздеҳии бозор дар давраи мутанозир аст. Бо тафсирҳо, агар $ar_{it}$ t- мусбат бошад, ба ин маънист, ки саҳми i дар тӯли давраи t боздеҳии беҳтаре нисбат ба боздеҳии бозор доштааст ва агар манфӣ бошад, ба ин маънӣ аст, ки саҳми i дар тӯли давраи t боздеҳии бартаре нисбат ба боздеҳии бозор

доштааст. Барои ба даст овардани амалкарди кулли арзаҳои аввалия бояд миёнгини амалкарди моҳонаи арзаҳои аввалияро ба даст оварем. Бад-ин тартиб:

$$AR_t = \frac{1}{n}\sum_{i=1}^{n} ari,t$$

Сипас, боздеҳи таҷаммӯи кулли арзаҳои анҷомшуда тайи давраи q то s тибқи формулаи зер муҳосиба мегардад:

$$CAR_{a,s} = \sum_{t=q}^{s} AR_t$$

Ки ин боздеҳҳои таҷаммӯӣ дар сурати муҳосиба барои 36 моҳ нишондиҳандаи амалкарди баландмуддати арзаҳои аввалия мебошад. Равиши боздеҳҳои таҷаммӯӣ таъдилшуда бар асоси таҷдиди бурдтавафии саҳом дар поёни ҳар моҳ муҳосиба гардидаанд. Як роҳи ҷойгузин барои муҳосибаи амалкарди саҳоми арзашуда, фарзи харидорӣ ва нигаҳдории саҳом дар тӯлӣ давраи 36-моҳа аст. Боздеҳи харид ва нигаҳдории 36-моҳаи ҳар саҳомро метавон ба суртаи зер муҳосиба кард:

$$Ri = \underset{t+1}{\overset{36}{\pi}}(1 + r_{it})$$

Ки $R_i$ - боздеҳи харид ва нигаҳдории саҳом дар тӯли 36 моҳ аст. Метавон аз ҳамин тариқ боздеҳии баландмуддати саҳоми бозорро низ ба даст овард. Сипас барои муҳосибаи амалкарди арзаҳои аввалия аз нисбати сармояи зер истифода кард:

$$WR_i = \frac{1+3}{1+3}$$

Агар нисбати боло бузургтар аз 1 бошад, метавонад ин гуна тафсир шавад, ки саҳоми арзашуда боздеҳии беҳтаре нисбат ба боздеҳии бозор доштааст ва агар кӯчактар аз 1 бошад ба ин маънӣ аст, ки саҳми i дар тулӣ давраи t боздеҳии бартаре нисбат ба бозбеҳии бозор доштааст.

**Мутағайирҳои мустақил.** Мутағайирҳои мустақили мавриди истифода дар таҳқиқ иборатанд аз боздеҳии баландмуддати бозор, боздеҳии кӯтоҳмуддати арзаи аввалия ва синни бунгоҳ, ки ба унвони мутағайирҳои мустақил дар назар гирифта шудаанд. Аввалин мутағайири мустақил боздеҳии баландмуддати бозор мебошад. Барои муҳосибаи боздеҳии баландмуддати бозор ибтидо боздеҳиҳои моҳонаи шохиси қимат ва фоидаи нақдӣ бо истифода аз нисбати зер муҳосиба гардид:

$$R = \frac{(M_1 - M_0)}{M_0}$$

Ки дар нисбати боло R - боздеҳии бозор дар тӯли моҳи мавриди назар $M_1$ - баёнгари миқдори шохис дар поёни мавриди назар ва $M_0$ - баёнгари миқдори шохис дар ибтидои моҳи мавриди назар мебошад. Мутағайири мустақили баъдӣ боздеҳии кӯтоҳмуддат аст. Иллати интихоби ин мутағайир ба унвони мутағайири мустақил ин аст, ки тибқи назарияи гароишот ва алоқаҳои зудгузари афроди ҳозир дар бозори саҳом муддати баъд аз арзаи аввалия ва пас кардани таби (гармии) аввалия дар бозии баландмуддат иқдом ба ислоҳи баровардаҳои худ мекунанд. Ин ислоҳи баровардҳо дар боздеҳиҳои баландмуддат буруз мекунад. Пас ҳарчи гармии бозори аввавлия шадидтар бошад, ислоҳоти бештаре ҳам дар боздеҳиҳои баландмуддат мушоҳида мешавад.

Дар ниҳоят охирин мутағайире, ки дар модел ба унвони мутағайири мустақил ворид шуд, синни ширкат буд. Синни ширкат ба унвони меъёри ҷиҳати суботи ширкат ва шинохташуда будани ширкат дар бозор дар назар гирифта шудааст. Мутағайири син аз тафовути байни соли таъсиси бунгоҳ ва соли вуруди бунгоҳ ба биржаи коғазҳои қиматнок таъриф шудааст.

**Фарзияҳои таҳқиқ.** Фарзияҳое, ки дар таҳқиқ хоҳони озмоиши онҳо ҳастем бад-ин сурат баён мешавад:

1. Боздеҳии кӯтоҳмуддати саҳоми арзаҳои аввалия мусбат аст.
2. Амалкарди баландмуддати саҳоми арзаҳои аввалия манфӣ аст.
3. Байни боздеҳии баландмуддати арзаҳои аввалия ва боздеҳии бозор робита вуҷуд дорад.
4. Байни боздеҳии баландмуддат ва боздеҳии кӯтоҳмуддати арзаҳои аввалия робита вуҷуд дорад.

5. Байни боздеҳии баландмуддати арзаҳои аввалияи синни ширкат робита вуҷуд дорад.

**Ҷомеаи таҳқиқ.** Барои баррасии кӯтоҳмуддати арзаҳои аввалия кулли арзаҳои анҷомгирифта дар биржаи коғазҳои қиматнок тайи солҳои 1376-1385 мавриди баррасӣ қарор гирифт. Барои баррасии баландмуддати арзаҳои аввалия ва ба далели ин ки тӯли замони боздеҳии се сол дар назар гирифташуда, кулли арзаҳои аввалия тайи солҳои 1376-1383 мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**Ёфтаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои озмуни фарзияҳои аввал. Фарзияи аввал бад-ин сурат баён шуд, ки боздеҳии кӯтоҳмуддати саҳоми арзаҳои аввалия мусбат аст.

**Ҷадвали 1. Баёнгари боздеҳии кӯтоҳмуддати таҷаммуи арзаҳои аввалия то рӯзи 30-юм пас аз арзаи варианти марбут ва омории t марбут аст**

| Рӯзи баъд аз арза | 1376 | 1377 | 1378 | 1379 | 1380 | 1381 | 1382 | 1383 | 1384 | 1385 | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 0.00% | 0.00% | 1.12% | 0.94% | 2.37% | 1.40% | 1.17% | 2.69% | 2.00% | 3.47% | 1.45% |
| 2 | 0.00% | 0.00% | 1.12% | 2.23% | 3.37% | 2.45% | 2.40% | 4.56% | 3.05% | 5.44% | 2.48% |
| 3 | 0.00% | 0.00% | 1.21% | 3.45% | 3.56% | 3.00% | 3.67% | 6.09% | 5.09% | 5.48% | 3.37% |
| 4 | 0.00% | 0.03% | 1.30% | 4.76% | 3.36% | 3.70% | 4.65% | 7.72% | 5.52% | 5.48% | 4.15% |
| 5 | 0.00% | 0.08% | 2.01% | 5.45% | 3.66% | 4.01% | 5.86% | 8.63% | 7.62% | 5.48% | 4.89% |
| 6 | 0.00% | 0.09% | 3.08% | 6.17% | 4.12% | 3.66% | 6.76% | 8.98% | 10.89% | 5.61% | 5.45% |
| 7 | 0.01% | 0.11% | 3.17% | 7.43% | 4.54% | 4.43% | 7.68% | 10.09% | 13.49% | 5.61% | 6.21% |
| 8 | 0.01% | 0.47% | 4.03% | 7.32% | 5.33% | 4.66% | 8.46% | 10.84% | 12.00% | 5.33% | 6.69% |
| 9 | 0.01% | 0.54% | 4.13% | 7.11% | 5.44% | 4.19% | 9.00% | 11.64% | 11.61% | 5.57% | 6.97% |
| 10 | 0.01% | 0.89% | 4.47% | 7.32% | 5.27% | 4.79% | 9.73% | 12.28% | 13.57% | 5.73% | 7.50% |
| 11 | 0.01% | 1.27% | 5.50% | 6.87% | 5.83% | 4.96% | 10.43% | 12.75% | 14.90% | 5.73% | 7.97% |
| 12 | 0.01% | 1.27% | 5.67% | 7.47% | 5.80% | 4.71% | 11.72% | 13.19% | 16.65% | 5.73% | 8.49% |
| 13 | 0.01% | 1.27% | 5.77% | 8.29% | 5.19% | 3.83% | 12.83% | 13.65% | 19.89% | 5.83% | 8.95% |
| 14 | 0.02% | 1.27% | 6.08% | 9.09% | 4.90% | 4.13% | 13.07% | 14.53% | 21.84% | 7.00% | 9.39% |
| 15 | 0.02% | 1.27% | 6.28% | 9.53% | 5.49% | 5.06% | 13.23% | 14.29% | 18.02% | 8.10% | 9.39% |
| 16 | 0.02% | 1.27% | 6.38% | 9.92% | 5.47% | 5.20% | 13.10% | 14.39% | 18.26% | 8.83% | 9.45% |
| 17 | 0.02% | 1.30% | 6.48% | 9.85% | 5.36% | 5.16% | 13.78% | 14.93% | 18.71% | 8.72% | 9.76% |
| 18 | 0.02% | 1.30% | 6.58% | 9.76% | 5.75% | 4.81% | 14.42% | 15.04% | 20.54% | 8.72% | 10.00% |
| 19 | 0.09% | 1.78% | 6.59% | 9.42% | 5.53% | 4.73% | 15.33% | 14.90% | 23.05% | 8.72% | 10.31% |
| 20 | 0.09% | 2.05% | 7.11% | 8.93% | 5.57% | 4.53% | 15.77% | 15.43% | 26.29% | 8.57% | 10.69% |
| 21 | 0.09% | 2.05% | 7.16% | 9.13% | 5.59% | 4.02% | 16.48% | 17.01% | 24.99% | 8.57% | 11.17% |
| 22 | 0.09% | 2.01% | 7.68% | 9.61% | 5.32% | 4.57% | 17.50% | 17.20% | 25.25% | 8.57% | 11.57% |
| 23 | 0.09% | 2.04% | 8.09% | 9.79% | 5.32% | 4.96% | 18.12% | 17.53% | 24.34% | 8.22% | 11.84% |
| 24 | 0.09% | 10.69% | 8.04% | 9.79% | 6.36% | 5.16% | 18.77% | 17.86% | 23.96% | 7.11% | 13.05% |
| 25 | 0.09% | 2.86% | 8.18% | 9.78% | 5.74% | 5.61% | 18.93% | 19.18% | 23.93% | 7.11% | 12.56% |
| 26 | 0.09% | 2.84% | 8.21% | 9.87% | 5.89% | 5.67% | 19.41% | 19.36% | 23.78% | 7.11% | 12.74% |
| 27 | 0.09% | 2.81% | 9.47% | 9.13% | 5.99% | 5.72% | 20.22% | 20.63% | 22.76% | 6.86% | 13.26% |
| 28 | 0.09% | 2.79% | 9.88% | 8.95% | 5.24% | 5.58% | 20.87% | 21.77% | 20.69% | 6.95% | 13.58% |
| 29 | 0.02% | 2.79% | 9.89% | 9.02% | 5.59% | 5.55% | 20.99% | 21.85% | 18.77% | 7.23% | 13.58% |
| 30 | 0.02% | 2.79% | 10.00% | 9.20% | 5.53% | 5.55% | 21.61% | 22.01% | 18.77% | 7.23% | 13.78% |

Бо таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои боло мушаххас аст, ки дар бозори биржаи коғазҳои қиматнок мисли аксари бозорҳои саҳом боздеҳии аввалияи саҳоми арзашуда мусбат бошад. Ин бад-ин маънӣ аст, ки саҳоми арзашуда бо арзонфурӯшӣ ҳамроҳ мебошад.

Натиҷаҳои озмуни фарзияи дуюм. Фарзияи дуюм ба ин сурат баён шуд, ки амалкарди баландмуддати саҳоми арзаҳои аввалия манфӣ аст. Ҷадвали 2 нишондиҳандаи боздеҳи таҷаммуи баландмуддати арзаҳои аввалия аст.

**Ҷадвали 2. Боздеҳӣ ва амалкарди баландмуддати се солаи таҷаммуи саҳоми арзашуда**

| Моҳе баъд аз арза | Теъдоди арза | AR | CAR |
|---|---|---|---|
| 1 | 122 | 3.39% | 3.39% |
| 2 | 122 | 1.77% | 5.22% |
| 3 | 122 | -0.78% | 4.40% |
| 4 | 122 | 0.27% | 4.68% |
| 5 | 122 | -4.20% | 0.28% |
| 6 | 122 | -0.68% | -0.40% |
| 7 | 122 | -0.61% | -1.01% |
| 8 | 122 | 0.23% | -0.78% |
| 9 | 122 | -0.58% | -1.35% |
| 10 | 122 | -1.16% | -2.50% |
| 11 | 122 | -0.26% | -2.75% |
| 12 | 122 | 0.09% | -2.66% |
| 13 | 122 | -1.23% | -3.86% |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 14 | 122 | -0.90% | -4.72% |
| 15 | 121 | -2.22% | -6.84% |
| 16 | 121 | -1.25% | -8.01% |
| 17 | 121 | -1.30% | -9.21% |
| 18 | 121 | -0.10% | -9.30% |
| 19 | 121 | -1.47% | -10.63% |
| 20 | 121 | 0.39% | -10.29% |
| 21 | 121 | 0.35% | -9.97% |
| 22 | 121 | -2.79% | -12.48% |
| 23 | 121 | -0.93% | -13.29% |
| 24 | 118 | 1.52% | -11.97% |
| 25 | 116 | -2.38% | -14.07% |
| 26 | 114 | 0.14% | -13.94% |
| 27 | 111 | -0.63% | -14.49% |
| 28 | 109 | 0.03% | -14.46% |
| 29 | 107 | 0.13% | -14.35% |
| 30 | 103 | -0.51% | -14.79% |
| 31 | 101 | -0.69% | -15.38% |
| 32 | 99 | 2.70% | -13.10% |
| 33 | 98 | 1.51% | -11.78% |
| 34 | 96 | -1.17% | -12.81% |
| 35 | 92 | -0.02% | -12.83% |
| 36 | 88 | 0.82% | -12.12% |

Бо таваҷҷуҳ ба оморҳои t –муҳосибашуда мушаххас аст, ки дар Эрон низ монанди бисёре аз кишварҳо арзаҳои аввалияи саҳом дар баландмуддат боздеҳии камтаре нисбат ба боздеҳии бозор доранд. Ҷадвали 3 нисбатҳои сармояи арзаҳои аввалияро барои ҳар сол нишон медиҳад.

**Ҷадвали 3. Нисбатҳои сармоя**

| Соли арза | 1376 | 1377 | 1378 | 1379 | 1380 | 1381 | 1382 | 1383 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Нисбати сармоя | 0.47 | 0.60 | 0.55 | 0.24 | 0.52 | 0.71 | 1.03 | 0.94 |
| Теъдоди арза | 10 | 14 | 11 | 8 | 7 | 10 | 31 | 31 |

Натиҷаҳои озмуни фарзияи сеюм. Фарзияи сеюм ин гуна матраҳ шуд, ки байни боздеҳи 3-солаи арзаҳои аввалия ва боздеҳи 3-солаи бозор робита вуҷуд дорад. Дар озмуни фарзияи аввал хатти регрессияи байни боздеҳи 3-солаи арзаҳои аввалия ва боздеҳи 3-солаи бозор тахмин зада шуд. Муодилаи регрессияи хаттӣ бад-ин гуна тахмин зада шуд.

$$R_{IPO} = \alpha + \beta_{MARKET} \cdot MARKET + \varepsilon$$

**Ҷадвали 4. Натиҷаҳои озмуни фарзияи сеюм**

| Variable | Coefficient | Std. Error | t-Statistic | Prob. |
|---|---|---|---|---|
| C | 1.34 | 0.3714 | 3.6086 | 0.0005 |
| MARKET | 0.2979 | 0.1269 | 2.3602 | 0.0192 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| R-squared | 0.4125 | Mean dependent var | 2.085 |
| Adjusted R-squared | 0.3958 | S.D. dependent var | 2.205 |
| S.E. of regression | 2.1645 | Akaike info criterion | 4.398 |
| Sum squared resid | 562.2407 | Schwarz criterion | 4.444 |
| Log likelihood | -266.3129 | F-statistic | 5.571 |
| Durbin-Watson stat | 1.80 | Prob(F-statistic) | 0.01987 |

Натиҷаҳои озмуни фарзияи чорум. Фарзияи чорум ин гуна матраҳ шуд, ки байни боздеҳии 3-солаи арзаҳои аввалия ва боздеҳии кӯтоҳмуддати арзаҳои аввалия робита вуҷуд дорад. Дар озмуни фарзияи чорум регрессияи хатти байни боздеҳи 3-солаи арзаҳои аввалия ва боздеҳии кӯтоҳмуддати арзаҳои аввалия тахмин зада шуд. Муодилаи регрессияи хаттӣ бад-ин гуна тахмин зада шуд:

$$R_{IPOI} = \alpha + \beta_{IR}.IR_{IPO} + \varepsilon$$

### Ҷадвали 5. Натиҷаҳои озмуни фарзияи чорум

| Variable | Coefficient | Std. Error | t-Statistic | Prob. |
|---|---|---|---|---|
| C | 2.035 | 0.234 | 8.6895 | 0.000 |
| IR | 0.3626 | 0.8878 | 0.4084 | 0.6837 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| R-squared | 0.001 | Mean dependent var | 2.085 |
| Adjusted R-squared | -0.006 | S.D. dependent var | 2.205 |
| S.E. of regression | 2.2127 | Akaike info criterion | 4.442 |
| Sum squared resid | 587.5248 | Schwarz criterion | 4.488 |
| Log likelihood | -268.9962 | F-statistic | 0.166 |
| Durbin-Watson stat | 1.70337 | Prob(F-statistic) | .06836 |

Натиҷаҳои озмуни фарзияи панҷум. Фарзияи панҷум ин гуна матраҳ шуд, ки байни боздеҳи 3-солаи арзаҳои аввалия ва синни бунгоҳ дар замони арза вуҷуд дорад. Дар озмуни фарзияи сеюм регрессияи хаттӣ байни боздеҳи 3-солаи арзаҳои аввалия ва синни бунгоҳ дар замони арза тахмин зада шуд. Муодилаи регрессияи хаттӣ бад-ин гуна тахмин зада шуд.

$$R_{IPO} = \alpha + \beta_{AGE} AGE + \varepsilon$$

### Ҷадвали 6. Натиҷаҳои озмуни фарзияи панҷум

| Variable | Coefficient | Std. Error | t-Statistic | Prob. |
|---|---|---|---|---|
| C | ٢.١٤٠ | 0.223 | 9.599 | 0.000 |
| AGE | -0.000527 | 0.0016 | -0.3158 | 0.7527 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| R-squared | 0.000923 | Mean dependent var | 2.125199 |
| Adjusted R-squared | -0.008328 | S.D. dependent var | 2.270572 |
| S.E. of regression | 2.280007 | Akaike info criterion | 4.504249 |
| Sum squared resid | 561.4307 | Schwarz criterion | 4.553348 |
| Log likelihood | -245.7337 | F-statistic | 0.099743 |
| Durbin-Watson stat | 1.869934 | Prob(F-statistic) | 0.752748 |

**Хулоса**. Дар ин таҳқиқ боздеҳии кӯтоҳмуддат ва баландмуддати саҳоме, ки аввалин бор дар биржаи коғазҳои қиматноки Теҳрон арза мешаванд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ростои ин ҳадаф панҷ фарзия тадвин ва бо истифода аз додаҳои ҷамоваришуда дар фосилаи солҳои 1376-1385 мавриди озмун қарор гирифтанд. Натиҷаҳои таҳқиқ ҳокӣ аз он буд, ки дар биржаи коғазҳои қиматноки Теҳрон боздеҳии аввалияи саҳоми арзашуда мусбат аст. Арзаҳои аввалияи саҳом дар баландмуддат боздеҳии камтаре нисбат ба боздеҳии бозор доранд ва байни боздеҳии баландмуддати арзаҳои аввалия ва боздеҳи бозор робитаи маънодор вуҷуд дорад. Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки байни боздеҳии баландмуддат ва боздеҳии кӯтоҳмуддати арзаҳои аввалия ва байни синни ширкат ва боздеҳии баландмуддати он робита вуҷуд надорад.

## АДАБИЁТ


1. Aggarwal R. Stabilization Activities by Underwriters after New Offering / R. Aggarwal // Working Paper. Georgetown University, 1998**.**
2. Chen H. The seven percent solution / H. Chen, J. Ritter // Working Paper, University of Florida, Gainesville. FL, 1989.
3. Ellis K.R. When the underwriter is the market marker / K.R. Ellis Michaely, M. O’Hara, 1999.
4. An examination of trading in the IPO Aftermarket, working Paper. Comell University, Ithaca NY.
5. Ellis K.R. The market microstructure of IPOs / K.R. Ellis Michaely, M. O’Hara // Working Paper. Comell University, Ithaca NY, 1999.
6. Ellis K.R. A Guide to the Initial Public offering Process / K.R. Ellis Michaely, M. O’Hara // Working Paper. Comell University, Ithaca NY, 1999.


## ИССЛЕДОВАНИЕ КРАТКОСРОЧНЫХ И ДОЛГОСРОЧНЫХ ПЕРСПЕКТИВ ДОХОДНОСТИ ПЕРВИЧНОГО ПУБЛИЧНОГО РАЗМЕЩЕНИЯ АКЦИЙ (IPO) КОМПАНИЙ НА ТЕГЕРАНСКОЙ ФОНДОВОЙ БИРЖЕ


В данной статье автором рассмотрены краткосрочные и долгосрочные перспективы доходности первичного публичного размещения акций на Тегеранской фондовой бирже. Для этой цели, были разработаны и апробированы пять гипотез на данных, собранных в период с 1996 по 2005 годы.



**Ключевые слова:** первичное публичное размещение, возраст фирмы, долгосрочная доходность, краткосрочная доходность, длительность срока службы.

**INVESTIGATING THE SHORT AND LONG TERM RETURNS OF INITIAL PUBLIC OFFERING (IPO): CASE OF IRAN**

**Islamic Azad University, Abadan, Iran**

In this research, short and long term returns of initial public offerings have been investigated. For this purpose, five hypotheses have been developed and tested by collected data between 1996 to 2005.

**Key words:** initial public offering, age of firm, long term returns, short term returns, long term performance

**Сведения об авторе:** ***Махмуд Бехджат*** **–** член научного состава Свободного исламского университета города Ободон, ИРИ
***Нодир Хидри*** **- –** член научного состава Свободного исламского университета города Ободон, ИРИ

# АРЗЁБИИ ТАҒЙИРОТИ БАҲРАВАРИИ КУЛЛИ АВОМИЛИ ТАВЛИД ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРИИ КИШВАР

***Муҳсин Алиҳусайнӣ***
**Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ**

Имрӯз баҳравари корої ба унвони як фарҳанг ва чашмандоз дар тамоми ҳиттаҳои кор ва зиндагии башар матраҳ мебошад ва маншаи пешрафту тавсеаи иқтисодӣ аст. Ин фарҳанг ва дурнамо ба суратест, ки бо сомондиҳии фаъолиятҳо беҳтарин натиҷа ҳосил шавад. Яке аз мавзӯоте, ки дар ҷиҳати сомондиҳии он мебоист ҳаркат намуд, саноати бонкдорӣ аст, ки ба унвони яке аз фаъолиятҳои меҳварӣ дар тавсеаи иқтисодии ҳар кишвар талаққӣ мешавад. Ба наҳве, ки сомондиҳии ин саноат заминаи иртиқо ва амалкарди беҳинаи онро муҳаққиқ месозад. Бидуни шак, ҳар фаъолияте, ки ниёзманди сармоя ва манобеи молӣ аст, ниёзманди нақши бонкҳо ва муассисоти молӣ мебошад. Бинобар ин, ба далели нақши таъсиргузори онҳо дар фаъолиятҳои иқтисодӣ, баррасии амалкарди баҳраварӣ ва короии онҳо ҷоизи аҳамият хоҳад буд.

**Пешинаи таҳқиқ.** Дар заминаи мутолиоти марбут бо корої ва роҳбарии бонкҳои кишвар, то кунун чандин мутолиа анҷом шудааст, ба тавре ки Лутфалипур ва ҳамкорон (1385) барои арзёбии короии техникӣ ва раванди баҳравари саноее истифода намуданд. Фаллоҳӣ ва ҳамкорон (1384) низ бо истифода аз равиши Молем Кюст ва модели DEA ба арзёбии корої ва баҳравари ширкатҳои тавзеҳи барқ пардохтаанд. Донишиён (1384) бо истифода аз модели DEA ва шохиси Молем Кюст ба муқоисаи амалкарди донишгоҳҳо бо истифода аз моделҳои таҳлили пӯшиши додаҳо ва шохиси баҳравари Молем Кюст пардохт. Ҳамчунин, Алиризоӣ ва ҳамкорон (1384) бо истифода аз шохиси Молем Кюст ба арзёбии рушди баҳраварӣ дар саноати 17 кишвари Осиёӣ тайи солҳои 1990 то 1999 пардохтанд.

Муҷовириён (1382) низ ба бароварди шохиси баҳравари Молем Кюст барои 1369-1378 пардохт. Қулизода ва ҳамкорон (1384) бо истифода аз шохиси Молем Кюст ба баррасии баҳравари кулли авомили тавлид дар бахшҳои иқтисоди Эрон, дар давраи солҳои 1357-1381 (бо таъкид бар бахши кишоварзӣ ва нақши сармоя) пардохтанд. Ниҳоятан, Алиризоӣ ва ҳамкорон соли 1385 бо истифода аз шохиси Молем Кюст ба муҳосибаи рушди баҳрвараварии кулли авомил ва баррасии тағйироти короии фаннӣ ва технологӣ ба кӯмаки моделҳои таъмимёфта, таҳлили пӯшиши додаҳо (мутолиаи мавридӣ дар майдонҳои нафтӣ пардохтанд.

**Муҳосибаи ТҒР бо истифода аз моделҳои таҳлили пӯшиши додаҳо**. Фарз кунем, ки n воҳиди тасмимгиранда дошта бошем, ки ҳар як шомили m вуруди ва s хуруҷи бошанд. Мотерюс m*n вурудиҳоро бо **X** ва материюс s*n хуруҷиҳоро бо **y** нишон медиҳад. Ба илова X ба тартиббардории вурудӣ ва хуруҷи воҳид (умро нишон медиҳанд) Лизо модели муҳосибаи ТҒР бо вижагии хуруҷи меҳвар иборат аст аз:

Maxz
s.t:

$$zy_p \leq \sum_{j=1}^{n} y_j \lambda_j$$

$$x_p \geq \sum_{j=1}^{n} \lambda_j$$

n

$$\delta_1 \left(\sum_{j=1} \lambda_j + \delta_2 (-1)^{\delta 3} V\right) = \delta_1$$

$$\lambda_j \geq \varepsilon, V \geq \varepsilon, j=1,\ldots,n$$

Миқдори $V$ метавонад сифр ё 1 бошад, $\varepsilon$ низ як бениҳоят кӯчак миқдори ғайр $b$ ғайриаргументӣ аст, ки барои мулоҳизоти муҳосиботӣ вориди модел шудааст. Ҳамчунин, миқдори тобеъ ҳадафи баробар бо муакиси тобеъ фосила аст.

$$[d(x,y)]-1=Maxz$$

Модели мазкур барои ҳар $P=l,2,\ldots,n$ *-IS* DMUP ки P як бор иҷро мешавад ва дар он миқдори бадастомада аз тобеи ҳадафи баробар миқдори ТҒР воҳиди Р ам аст. Бинобар ин, воҳиди беҳтарини короии мумкинро дорост ва дорои баҳраварии матлуб аст, ки миқдори ТҒР он баробаи 1 бошад.

Ғайри ин сурат, воҳиди мазкур нокорост ва аз баҳраварии матлубӣ бархурдор нест ва мизони нокороии он баробари миқдори ТҒР бадастомада аз тобеи ҳадаф аст.

**Шохиси рушди баҳраварии Молем Кюст**. Фарз кунед $n$ воҳиди тасмимгиранда мавҷуд аст. Ҳадафи муҳосибаи рушди баҳраварии Молем Кюст аз давраи $t$ (давраи аввал) ба давраи $s$ (давраи дуюм) ва таҷрибаи он ба се омил зикр шудааст. Бинобар ин фарз кунед, ки воҳиди Р ҳам яке аз ин воҳидҳост, ки дар давраи $t$ дорои давраҳои $(X_1,X^t_2,X^t_n)=X^t$ ва хуруҷҳои дар давраи $(y^t_1, y^t_2 \ldots y^t_m)=y^t$ дорои вурудҳои $(X^s_1,X^s_2, X^s_n)=X^s$ ва хуруҷҳои $(y^s_1, y^s_2 \ldots y^s_m)=y^s$ аст.

Бо таваҷҷуҳ ба таърифи тобеи фосила ва бо фарзияҳои боло шохиси Молем Кюст бо моҳияти хуруҷӣ ба сурати зер таъриф мешавад:

$$M(X_{:}.X_t.y_z,y_,) = \frac{d'(X\hat{}y_{:})\ \dot{d}(X_{:},yj}{d'(X_t,y_t)} \times d^*\{X_{ti}y_t) 1/2$$

Пас аз муҳосиботи марбут ба шохиси Молем Кюст ва таҷрибаи он барои ҳар воҳиди тасмимгиранда, агар 1 <ЕС бошад, он гоҳ воҳиди мазкур дар байни ду давраи афзоиши коройӣ доштааст. Ва ҳар гоҳ ки 1 <ЕС бошад, коҳиши коройӣ хоҳем дошт. Ба ибораи дигар, миқдори ЕС нишондиҳандаи мизони саҳми короии як воҳид дар рушди баҳраварӣ кулли авомили он воҳид аст.

**Мутағайирҳои модел:**

А). Вурудиҳо. Вурудӣ дар моделҳои нопараметрӣ омилест, ки бо афзудани як воҳид ба он дар система ва бо фарзи собит будани соири шароити коройӣ ва баҳравариро коҳиш медиҳад.

1. Теъдоди кулли шуъба.
2. Теъдоди нерӯи кор.
3. Хаҷми имконоти фановарии иттилоот.
4. Мизони дороиҳои собит.

Б). Хуруҷиҳо:

1. Мизони тасҳилоти атоӣ.
2. Мизони матолиботи муаваққа.
3. Ҳаҷми супурдаҳо.

Бинобар ин, дар модели барномарезии хаттии мавриди назар 4 вурудӣ ва 3 хуруҷӣ мавриди истифода қарор гирифта шуд.

**Истихроҷи натоиҷи модел.** Бо дар назар гирифтани хуруҷиҳои модели таҳқиқ ва истифода аз моделҳои барномарезии риёзӣ ва ба таври мушаххас шохиси Молем Кюст рушди баҳраварии авомили тавлиди бонкҳои тиҷорӣ ба шарҳи зер муҳосиба шудааст: мушоҳидаи ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки тайи соли 1382 бештарин мизони короии фаннӣ, марбут ба бонкҳои Содирот, Тиҷорат ва Миллат мебошад. Дар солҳои 1383 ва 1384 ба тартиб бонкҳои Миллат ва Рифоҳ аз болотарин коройӣ бархурдор буда, дар соли 1385 Миллат, Тиҷорат ва Миллӣ ба унвони бонкҳои дорои кароии воҳид мебошанд.

Дар заминаи кароии миқёс низ тайи солҳои 1381 аз бонки Сипаҳ, соли 1382 бонкҳои Содирот, Тиҷорат, Миллат ва Сипар, соли 1383 бонкҳои Миллат ва сипар, соли 1384 бонкҳои Рифоҳ ва Содирот ва соли 1385 бонкҳои Миллат, Тиҷорат, Миллӣ ва Рифоҳ дорои бештарин кароии миқёс мебошанд. Натиҷаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки бонки Миллат дар миёни бонкҳои тиҷории баррасишуда ба лиҳози рутбабандии куллӣ аз болотарин мизони коройӣ, дар тӯли базаи замонии таҳқиқ бархурдор аст (ҷадвали 2) ва Бонки миллӣ камтарин мизони кароиро дар тӯли давраи 5-сола мавриди баррасӣ нишон медиҳад. Бо таваҷҷуҳ ба ҷадвали 1 мушоҳида

мешавад, ки танҳо Бонки миллӣ ба ҷуз соли охир (боздеҳӣ ба миқёси коҳанда дошта ва соири бонкҳо ё боздеҳ ба миқёси фазоянда ва ё боздеҳ ба миқёси собит доштаанд). Бонки Миллат ба ҷуз соли 1381 дар соири солҳо боздеҳ ва миқёси собит дошта, дар миқёси муносиб ё ба иборате дар ноҳияи дувуми тавлид фаъолият намудааст.

Бонки Содирот дар солҳои 1383 ва 1385 дорои боздеҳ дар миқёси фазоянда буда, барои соири солҳо аз боздеҳ ба миқёси собит бархурдор аст. Ҳамчунин, бонки Миллат ба ҷуз соли 1381 дар соири солҳо боздеҳи миқёси собит доштааст. Бонки Рифоҳ низ танҳо дар солҳои 1384 ва 1385 ва бонки Тиҷорат дар солҳои 1382 ва 1385 боздеҳ ба миқиёси собит доштаанд. Ин дар ҳолест, ки ин ду бонк дар соири солҳо дар вазъияти боздеҳ ба миқёси фазоянда қарор доранд. Баррасии шохисҳои корой ва баҳраварии бонкҳо (ҷадвали 3) нишон медиҳад, ки ба ҷуз шохиси тағйироти технологӣ, ки барои тамоми бонкҳо дар миқдори наздик ба ҳам мебошад, дар соири шохисҳо бонки Миллат болотарин тағйироти фаннӣ ва баҳраварӣ ва бонки Тиҷорат камтарин мизони тағйиротро доштааст. Ҳамчунин ба лиҳози муқоиса миёни тағйироти корoии мудирият ва кориои миқёс дар бонкҳо ба ҷуз бонкҳои Содирот ва Рифоҳ тағйироти корoии миқёс дар мавриди соири бонкҳо болотар аз тағйироти корoии мудирият будааст.

Баррасии тағйироти шохисҳои баҳраварӣ аз соли дуюм ба соли сеюм ҷадвали 4 низ баёнгари он аст, ки тамоми шохисҳо ба ҷуз шохиси тағйироти технологии бонки Содирот ва тағйироти миқёси бонки Миллат ва Тиҷорат миқдори мусбатеро ба худ ихтисос додаанд. Шоёни зикр аст, ки дар ин давра тағйироти баҳраварии куллӣ, тавлиди бонки Миллӣ ва бонки Рифоҳ вазъияти хубе доштааст. Дар муқобил бонки тиҷорат шароити номатлуберо доро мебошад. Тағйироти давраи савум ба чаҳорум ба гунаест, ки ба далели тағйироти номатлуби технологӣ барои тамоми бонкҳо мизони тағйироти баҳраварӣ авомили тавлиди ин давра камтар аз ду давраи қабл будааст. Бо ин ҳол дар ин давра ба ҷуз бонки Миллат ва Тиҷорат барои соири бонкҳо тағйироти баҳраварии мусбат арзёбӣ шудааст. Ҳамчунин бонки Миллӣ тағйироти муносибе дошта, бонки Миллат камтарин мизони тағйироти баҳравариро таҷриба намудааст.

Ҳамон тавре ки дар ҷадвали 4 мулоҳиза мешавад, вазъият дар ин давра ҳатто аз давраи қабл низ бадтар аст ва ба далели тағйироти номатлуби технологӣ тамоми бонкҳо дорои тағйироти баҳраварии номатлубе мебошанд ва тағйироти муносиби корой ва мудирият низ натавонистааст, таъсири зиёде дар беҳбуди баҳраварии кул дошта бошад. Миёнгини тағйироти шохисҳои баҳраварӣ барои куллӣ давраҳои таҳқиқ дар (ҷадвали 6) оварда шудааст. Тағйироти баҳраварии кулли авомили тавлид, ба далели номатлуб будани онҳо дар давраҳои сеюм ва чаҳорум ба панҷум боиси номатлуб шудани вазъияти баҳраварӣ, барои кулли давраҳо шуда, дар ҳақиқат тағйироти номуносиби технологӣ дар тӯли давра боиси адами тағйири муносиби баҳраварии авомили тавлид шудааст.

**Таҳлили ҳассосияти модели тасмимгирӣ дар шароити бакоргирии мутағайирҳои муҳитӣ**. Дар ҷадвали 2 мушоҳида мешавад, ки дар модели хуруҷи меҳвар Бонки миллӣ дорои камтарин корой дар миёни бонкҳои тиҷҷорӣ аст ва умдаи ин нокорой марбут ба солҳои 1383 мебошад. Агар хуруҷиҳо ва вурудиҳои воҳидҳои тасмимгириро дар давраи 1381 таҳқиқ мавриди баррасӣ қарор диҳем, мушоҳида мекунем, ки бархе аз вурудиҳо бояд коҳиш ёфта, бархе аз хуруҷиҳо афзоиш ёбанд, то бонк ба шароити беҳина ва марзи корой наздик шавад.

Ҳоло агар бархе аз вурудиҳо ва хуруҷиҳо муҳитӣ буда ва хориҷ аз назорати мо бошанд ва ё сиёсатҳои маҷмӯаи бунгоҳи тасмимгирӣ ҷиҳати беҳбуди корой ба сурате бошад, ки бархе аз мутағайирҳои вурудӣ ва ё хуруҷӣ собит боқӣ бимонанд. Дар ин сурат тағйироти мавриди назарбаста тағйирот дар соири парамаетрҳо хоҳад буд. Дар баррасии таҳлили мақола дар иртибот бо бонкҳои миллӣ бо таваҷҷуҳ ба камтарин миёнгини корой бо фарзи собит боқӣ мондани нерӯи инсонӣ ба ҷиҳати ҳасосияти масъалаи иштиғол ва низ адами таҳқиқи матолиботи муаваққа баррасӣ мегардад ва натоиҷи таҳлил дар ҷадвалҳои 10/2 ва 10/3 ироа шудааст.

Ҷиҳати анҷоми ин навъи таҳлилҳо аз равиши саъйӣ истифода мегардад. Зимни ин ки моҳияти модел ба сурате мебошад, ки бо ҳар навъ тағйир дар ҳар рӯйкард дар мақодири вурудӣ ё хуруҷӣ тағйири мутаносибро эъмол менамояд, то шароити беҳинаи ҷадид ҳосил гардад. Мушоҳидоти муайиди он аст, ки дар соли 1381 шароити адами коҳиши нерӯи кори бонк ҷиҳати расидан ба шароити корoии бояд, супурдаҳоро афзоиш ва муавақаи матолиботро коҳиш диҳем, зимни он ки теъдоди шуъбаро низ боястӣ коҳиш дод. Мизони тағйирот ва нисбати тағйироти супурдаҳо

дар соли 1382 нисбат ба соли баъд аз он бештар низ будааст. Мизони тасҳилоти атоӣ ва ҳаҷми фановарии иттилоот нисбат ба адами тағйири нерӯи кор ҳассосияте надоштаанд. Натиҷаи таҳлили ҳассосияти мутағайир матолиботи муавақа, ҷадвали 10/2 нишон медиҳад, ки дар соли 1381 адами тағйири матолиботи муавақа бар рӯйи хуруҷи мизони тасҳилот ва вурудиҳои теъдоди шуъба ва нерӯи зердиплом ва мизони бакоргирии фановарии иттилоот асаргузор будааст.

Дар соли 1382 танҳо мизони дороиҳо ҳассосияте аз худ нишон надодааст ва дар соли 1383 ҷиҳати расидан ба короии матлубтар тамоми мутағайирҳои вурудӣ ва хуруҷии модел тағйир намудаанд, то бонк ба шароити коро бирасад.

**Ҷамъбандӣ ва мулоҳизот**. Ба унвони як натиҷагирии куллӣ дар ростои ироаи роҳкории амалиётии асарбахш барои иртиқои короӣ ва баҳраварии низоми бонкӣ тавсеаҳои сиёсати зер пешниҳод мешавад:

1. Эҷоди заминаҳои рақобатпазири низоми бонкии кишвар, бавижа бонкҳои тиҷорӣ.
2. Тадовуми густариши низоми бонкдории электроникӣ бо рӯйкарди эҷоди зарфиятҳои ҷадид дар ин замина.
3. Таваҷҷуҳ ба сармояи инсонӣ ба унвони яке аз авомили калидӣ ва роҳбурдии иртиқои короӣ ва баҳраварии низоми бонкӣ.

**Ҷадвали 1. Мақодири короии фаннӣ, рутбаи бонкҳо дар солҳои мухталиф ва навъи боздеҳ ба миқёс**

| Боздеҳ ба миқёс | Короии миқёс | Рутбаи шумориши | | Рутбаи вазнӣ | | Короӣ | Сол - бонк |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Рутба | Шумориш | Рутба | Вазн | | |
| Собит | 1 | 1 | 9 | 1 | 4/933 | 1 | 83 Миллат |
| Собит | 1 | 2 | 5 | 2 | 1/242 | 1 | 82 Содирот |
| Собит | 1 | 5/4 | 3 | 3 | 0/932 | 1 | 85 Миллат |
| Собит | 1 | 2/4 | 4 | 4 | 0/847 | 1 | 84 Рифоҳ |
| Собит | 1 | 5/6 | 3 | 5 | 0/832 | 1 | 85 Тиҷорат |
| Собит | 1 | 3/4 | 4 | 6 | 0/673 | 1 | 85 Миллӣ |
| Собит | 1 | 7/8 | 2 | 7 | 0/482 | 1 | 84 Тиҷорат |
| Собит | 1 | 7/8 | 2 | 8 | 0/394 | 1 | 82 Миллат |
| Собит | 1 | 9 | 0 | 9 | 0 | 0/984 | 85 Рифоҳ |
| Собит | 1 | 10 | 0 | 10 | 0 | 0/964 | 84 Содирот |
| Собит | 1 | 11 | 0 | 11 | 0 | 0/931 | 81 Сипаҳ |
| Собит | 1 | 12 | 0 | 12 | 0 | 0/894 | 83 Сипаҳ |
| Собит | 1 | 13 | 0 | 13 | 0 | 0/876 | 82 Сипаҳ |
| Собит | 0/997 | 14 | 0 | 14 | 0 | 0/746 | 84 Миллат |
| Собит | 0/995 | 15 | 0 | 15 | 0 | 0/777 | 84 Миллат |
| Собит | 0/994 | 16 | 0 | 16 | 0 | 0/754 | 81 Содирот |
| Фазоянда | 0/981 | 17 | 0 | 17 | 0 | 0/737 | 83 Содирот |
| Фазоянда | 0/954 | 18 | 0 | 18 | 0 | 0/754 | 83 Рифоҳ |
| Фазоянда | 0/939 | 19 | 0 | 19 | 0 | 0/739 | 81 Миллат |
| Фазоянда | 0/938 | 20/21 | 0 | 20-21 | 0 | 0/738 | 84 Тиҷорат |
| Коҳанда | 0/938 | 20/21 | 0 | 20-21 | 0 | 0/738 | 84 Миллӣ |
| Фазоянда | 0/933 | 22 | 0 | 22 | 0 | 0/733 | 81 Тиҷорат |
| Фазоянда | 0/947 | 23 | 0 | 23 | 0 | 0/82 | 85 Сипаҳ |
| Фазоянда | 0/957 | 24 | 0 | 24 | 0 | 0/701 | 83 Тиҷорат |
| Фазоянда | 0/897 | 25 | 0 | 25 | 0 | 0/697 | 82 Рифоҳ |
| Фазоянда | 0/849 | 26 | 0 | 26 | 0 | 0/661 | 81 Рифоҳ |
| Коҳанда | 0/99 | 27 | 0 | 27 | 0 | 0/64 | 81 Миллӣ |
| Фазоянда | 0/997 | 28 | 0 | 27 | 0 | 0/408 | 85 Содирот |
| Коҳанда | 0/893 | 29 | 0 | 29 | 0 | 0/598 | 83 Миллӣ |
| Коҳанда | 0/973 | 30 | 0 | 30 | 0 | 0/552 | 82 Миллӣ |

**Ҷадвали 2. Миқдори короии фаннӣ, рутбаи ниҳоии амалкарди бонкҳо**

| Миёнгини короии миқёси давра | Миёнгини короии фаннии давра | Бонки тиҷорӣ |
|---|---|---|
| 0\987 | 0/91 | Миллат |
| 0/988 | 0/846 | Сипаҳ |
| 0/965 | 0/824 | Тиҷорат |
| 0/994 | 0/817 | Содирот |
| 0/937 | 0/804 | Рифоҳ |
| 0/958 | 0/689 | Миллӣ |

| | | |
|---|---|---|
| 0/972 | 0/815 | Миёнгини корой |

**Маъхаз муҳосиботи муҳаққиқин**

## Ҷадвали 3. Тағйироти шохисҳои баҳравари аз соли аввал ба соли дувуми воҳидҳо

| TFPCH | SECH | PECH | TECHCH | EFFCH | Бонки тиҷорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 0/746 | 0/326 | 0/68 | 0/233 | 0/416 | Миллӣ |
| 0/883 | 0/504 | 0/147 | 0/092 | 0/724 | Сипаҳ |
| 0/738 | 0/126 | 0/324 | 0/166 | 0/491 | Содирот |
| 0/451 | 0/221 | 0/018 | 0/21 | 0/199 | Тиҷорат |
| 0/274 | 0/401 | 0/251 | 0/333 | 0/753 | Миллат |
| 0/446 | 0/035 | 0/12 | 0/338 | 0/071 | Рифоҳ |

**Маъхаз муҳосиботи муҳаққиқин**

## Ҷадвали 4. Тағйироти шохисҳои баҳравари аз соли дувум ба соли сеюми воҳидҳо

| TFPCH | SECH | PECH | TECHCH | EFFCH | Бонки тиҷорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 0/887 | 0/058 | 0/502 | 0/334 | 0/415 | Миллӣ |
| 0/267 | 0/145 | 0/287 | 0/059 | 0/178 | Сипаҳ |
| 0/4 | 0/401 | 0/197 | 0/165 | 0/677 | Содирот |
| 0/031 | 0/047 | 0/042 | 0/129 | 0/087 | Тиҷорат |
| 0/0418 | 0/045 | 0/263 | 0/176 | 0/206 | Миллат |
| 0/6 | | 0/34 | 0/194 | 0/34 | Рифоҳ |

## Ҷадвали 5. Миёнгини тағйироти шохисҳои баҳравари

| TFPCH | SECH | PECH | TECHCH | EFFCH | Бонки тиҷорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| -0/319 | 0/111 | 0/318 | -0/535 | 0/465 | Миллӣ |
| -0/472 | 0/249 | 0/215 | -0/657 | 0/518 | Сипаҳ |
| -0/492 | 0/28 | 0/101 | -0/64 | 0/41 | Содирот |
| -0/422 | 0/44 | 0/087 | -0/491 | 0/136 | Тиҷорат |
| -0/390 | 0/068 | 0/031 | -0/454 | 0/101 | Миллат |
| -0/312 | 0/36 | 0/072 | -0/372 | 0/11 | Рифоҳ |

**Маъхаз муҳосиботи муҳаққиқин**

**Ҷадвали 10/2**

| Тағйироти муҳитӣ | Тағйироти матлуб | Беҳина | Миқдори увлия | Мутағайирҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| - | 0 | 4799 | 4799 | Мондаи муавақа | Хуруҷиҳо | Вазъияти соли 1382 |
| 6245/7 | 24710 | 113022 | 88312 | Тасҳилот | | |
| 8896/3 | 34938 | 159492 | 124554 | Супурда | | |
| -242/3 | 2930 | 2882 | 3175 | теъдоди шуъба | вурудиҳо | |
| 0 | 0 | 5126 | 5126 | дорой | | |
| -1198/1 | 77206 | 26997 | 34669 | нерӯи болодиплом | | |
| 4120 | 4120 | 6023 | 6425 | нерӯи зердиплом | | |
| -2/6 | 110 | 11 | 22 | фановарии иттилоот | | |

**Маъхаз муҳосиботи муҳаққиқин**

**Ҷадвали 10/3**

| Тағйироти муҳитӣ | Тағйироти матлуб | Беҳина | Миқдори увлия | Мутағайирҳо | | Вазъияти соли 1383 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| - | 0 | 4219 | 4219 | Мондаи муавақа | Хуруҷиҳо | |
| 740/8 | 6293 | 133029 | 126736 | Тасҳилот | | |
| 1236/1 | 7930 | 106729 | 152799 | Супурда | | |
| -70/2 | 395- | 2710 | 3205 | Теъдоди шуъба | Вурудиҳо | |
| 333- | 333- | 5333 | 5666 | Дорой | | |
| -301/6 | 6860- | 28015 | 34875 | Нерӯи болодиплом | | |
| 163- | 163- | 6930 | 7093 | Нерӯи зердиплом | | |
| -1/5 | -8 | 12 | 20 | Фановарии иттилоот | | |

**Маъхаз: муҳосиботи муҳаққиқин**

## ОЦЕНКА ЛИКВИДНОСТИ В КОММЕРЧЕСКИХ БАНКАХ И ФАКТОРЫ ВЛИЯЮЩИЕ НА ЛИКВИДНОСТЬ

Ликвидность - важнейшая качественная характеристика деятельности банка, свидетельствующая о его надежности и стабильности и тесно связана с ликвидностью баланса. В целях поддержания ликвидности

баланса банк обязан постоянно поддерживать необходимый и достаточный уровень средств. Оценка ликвидности банка является одной из наиболее сложных задач, позволяющих получить ответ на самый важный вопрос: способен ли банк отвечать по своим обязательствам. Статья посвящена изучению данной темы на примере коммерческих банкои Исламской Республики Иран.

**Ключевые слова:** коммерческие банки, ликвидность банков, состояние ресурсной базы банков, финансовый результат деятельности, капитала банка, управление банком.

**ASSESSMENT OF LIQUIDITY IN COMMERCIAL BANKS AND FACTORS AFFECTING THE BANK'S LIQUIDITY**

Liquidity is important qualitative characteristic of activity of the Bank, attesting to its reliability and stability, and is closely connected with the liquidity of the balance sheet. In order to maintain the liquidity of the balance sheet of the Bank is obliged to maintain the necessary and sufficient level of funds. Assessing the liquidity of the Bank is one of the most difficult tasks, allowing you to answer the most important question: can the Bank to meet its liabilities. The article is devoted to the study of this topic on the example of commercial banks of the Islamic Republic of Iran

**Key words:** commercial banks, the liquidity of banks, the state of the resource base of the banks, the financial result of activity of Bank capital, the Bank management.

**Сведения об авторе:** ***Мухсин Алихусайни*** – соискатель Института гуманитарных наук АН РТ

## НАҚШИ БОҒҲОИ ИСТИРОҲАТӢ ДАР РУШДИ ТУРИЗМ

***Ҳаво Ҳаққӯ***
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Аз гузаштаҳои бисёр дур мардум бо ибтидотарин воситаҳо ба сафарҳои гуногун мерафтанд ва дар меҳмонхонаҳои хурд истиқомат мекарданд. Мусофирони пешин, монанди мусофирони имрӯз ба танҳоӣ сафар намекарданд. Онҳо раҳнамоҳое доштанд ва нигаҳбонони корвон ҳамроҳи онҳо буданд ва онҳоро дар сафар ёрӣ мекарданд. Бо ихтирои пул ба дасти Сумериён (Бобулиён) ва оғози доду гирифти тиҷоратӣ дар 400-сол пеш аз милод, давраи наве дар таърихи сафар оғоз шуд. Сумериён на танҳо аввалин қавме буданд, ки пулро ихтироъ карда, дар муомилоти тиҷоратӣ аз он истифода карданд, балки аввалин қавми ихтирокунандаи хатти мехӣ низ буданд. Бинобар ин, бояд онҳоро асосгузорон ва пешқадамони сафарҳои тиҷоратӣ ба ҳисоб овард. 5000 сол пеш аз ин сафарҳои баҳрӣ ба вуҷуд омаданд. Эҳтимол меравад, ки аввалин сафари расмӣ ба хориҷ аз Миср, сафари маликаи Ҳатшап Сут дар соли 1480 пеш аз милод ба мақсади Понт, дар соҳили Шарқии Африқо буд.

Таърихнавис Кассун чунин мегӯяд: «Мо дар роҳҳои дуру дароз сафар кардем ва аз обҳо гузаштем, то ба ҷойе расидем, ки ҳаммонандаш дар маҳалли зиндагиамон вуҷуд дошт, аммо ҳаргиз мо барои сайёҳат ба он ҷой нарафта будем. Шояд табиати одамиро ин тавр офаридаанд, ки аз пайи чизҳое аст, ки аз онҳо дур аст ва он чизҳоеро, ки наздикаш аст, барояш аҳамият надоранд. Ба ҳар ҳол бисёри аз мо аз он чи ки дар атрофамон вуҷуд дорад, бехабарем, аммо аз биноҳои таърихӣ ва бостонии Миср, Юнон, Осиё ва ғайра огоҳии бисёртар дорем».

Экотуризм, мафҳуми нисбатан наве аст, ки ҳанӯз ҳам дуруст фаҳмида нашудааст ва ба шакли васеъ ба кор намеравад.

Вожаи экотуризм аввалин бор дар соли 1980 ба кор рафт ва ин таърифи комилро ҳама пазируфтанд ва аввалин маротиба дар ҳамин сол ба адабиёти туризм ворид шуд. Аввалин таърифи боэътибор аз тарафи анҷумани байналмилалии экотуризм дар соли 1990 пешниҳод шуд: «Сафари бомасъулона ба минтақаҳои табиӣ ба мақсади муҳофизати муҳити зист ва беҳбуди вазъяти иқтисодии ҷомеаҳои маҳаллӣ».

Ҳамзамон бо ба даст овардани огоҳӣ ва таҷрибаи бештар, ниёз ба як таърифи комил ҳам афзоиш ёфт. Навтарин, беҳтарин ва комилтарин таъриф аз тарафи Март Ҳоней пешниҳод шуд: «Экотуризм, сафар ба минтақаҳои солим ва ҳифозатшуда мебошад. Экотуризм барои гардишгар, як сафари омӯзанда мебошад, ки даромади он харҷи муҳофизати ҳамон макон мешавад ва мустақиман дар рушду пешрафти иқтисодӣ ва пурзӯр кардани сатҳи сиёсии ҷомеаҳои маҳаллӣ таъсиргузор буда ва сабаби эҳтироми фарҳангҳои гуногун ва ҳуқуқи башар мегардад».

Бар асоси мувофиқати созмонҳои вобаста бо экотуризм (созмонҳои фаъол дар мавриди нигоҳдории табиат). Ин таъриф дар соли 1996 аз тарафи иттиҳодияи

муҳофизаткунандагон аз замин қабул шудааст: «Экотуризм, сафаре бомасъулона ва дидан аз минтақаҳои табиӣ ба мақсади эҳтиром ба табиат бо ҳар намуди вижагии таърихӣ ва ё фарҳанги навини вобаста ба он, ки ба муҳофизати табиат кумак мекунад ва камтарин таъсири манфиро дошта ва аз назари иҷтимоӣ, иқтисодӣ барои мардуми минтақа фоидаовар бошад».

Шароити хос, боиси гароиши навине дар экотуризм шудааст. Ба мақсади муҳофизат аз муҳити зист, масъулони минтақаҳои ҳифозатшуда дар вақти кор ночор ба пешниҳоди равишҳои навине дар заминаи муҳофизати муҳит ҳастанд, ки аз назари амалӣ, фаъолиятҳои муҳофизатиро бо рушди иқтисодӣ ҳамроҳ кунанд, зеро ин масъала комилан равшан аст, ки равишҳои суннатӣ ва қадима дар бораи муҳофизати шадиди муҳит, дигар ҷавобгӯйи талабот набуда ва ниёз ба равандҳои навин барои даст ёфтан ба ҳадафҳо мебошад.

Таърихи боғҳои истироҳатӣ дар ҷаҳон дар ниҳоят ба Эрон бармегардад. Бо исботи ҳуҷҷатҳои таърихӣ, Эрони бостон бунёдгозорӣ таъсиси боғҳо дар дунё будааст. Дар даврони гузашта дар Эрон минтақаҳое ба унвони шикоргоҳҳо барои нигоҳдорӣ ва ҳимояти ҳайвоноти ваҳшӣ ва шикор кардан дар як фасли хос дар назар гирифта мешуд, ки инро метавон зерсохтор ва асоси идоракунӣ фарз кард, ки имрӯза ҳамон минтақаҳои ҳифозатшуда барои ҳайвонотҳои ваҳшӣ зери назорат ва мудирияти қарор гирифтааст.

Дар фарҳанги қадимаи Эрон калимаи «парадис» борҳо такрор шудааст. Парадис як аз забони санскрит ба маънои биҳишт ё фирдавс мебошад. Дар фарҳанги қадим, пардис ба боғҳҳое низ гуфта мешуд, ки барои истироҳати шоҳон ва ҳокимони ҳамон замон сохта мешуд.

Имрӯза боғҳо ин тавр тақсим шудаанд:

1.Боғҳои миллӣ.

2.Боғҳои табиӣ.

3.Боғҳои ҳайвоноти ваҳшӣ.

4.Боғҳои ҷангалӣ.

5.Захирагоҳҳои муҳофизатшуда, ки ҳифз ва нигоҳбонӣ аз ин боғҳо бисёр боаҳамият ва муҳим мебошад, ки вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд:

А) ҳифз ва нигоҳдорӣ аз навъҳои камёб ва нодире, ки дар ҳоли нобудӣ ҳастанд;

В) аз нав ба вуҷуд овардан ва ҳаёт бахшидани экосистемаҳое, ки дар ҳоли нобудӣ ҳастанд;

С) ҳифозат аз пояҳои решавӣ дар боғҳои табиӣ ва дар поён барои тадқиқоти генетикӣ ва намунабардорӣ аз онҳо.

Д) муҳофизати табиат ба мақсади истифода аз намунаҳои арзишманди он;

Е) нақши истироҳатии боғҳо ва муҳим будани он дар зиндагии мардум.

Ба шакли умум мафҳуми боғ дар зиндагии одамон ба ду сурат мебошад:

1. Маҷмӯи фаъолиятҳое, ки шахсро аз кори рӯзона дур карда, истироҳати фикрӣ ва тоза кардани онро сабаб мешавад, ки дар як муҳити баста анҷом мегирад.

2. Ба гардиш кардан ва фаъолиятҳое гуфта мешавад, ки дар як муҳити боз ва ҳавои озод сурат мегирад.

Боғҳои ҷангалӣ ба минтақаҳое гуфта мешавад, ки ҳам ҷангал ва ҳам кӯҳистон дар он мавҷуд аст ва дорои шароити маконӣ ва хусусиятҳои экологӣ барои ҷиҳатҳои гардишгарӣ зарур мебошад. Пешрафтҳои физикӣ ва имкониятҳои ҷаҳонгардӣ ҳама талош ва кӯшиши менеҷерони лоиҳакаш дар ин саноати пуррақобат ба шумор меравад.

Туризм бо ҳамаи арзишҳои омӯзишӣ ва иқтисодию фарҳангие, ки дорад дорои таъсироти манфӣ низ мебошад. Аз ин рӯ, бояд дар асоси сохторҳои дуруст барномарезӣ шавад, то ба омили вайронкунанда тағийр наёбад. Он чӣ туризм дар боғҳои истироҳатӣ ва минтақаҳо пешкаши туристон мекунад, ҷудо аз арзишҳои иқтисодӣ ва арзишҳои маънавист.

То замоне ки боғҳои саёҳатӣ ва ин минтақаҳои гардишгарӣ мавриди ҳимоят ва замонат қарор нагиранд ва туризм ҳам ба таври доимӣ барои худгардонии молиявии паркҳо ва боғҳо дар асоси фармоишоти амалӣ дар чорчӯби лоиҳаҳои стратегӣ пешниҳод нашаванд ва таҳқиқоти комил ва ҳаматарафа сурат нагирад, ҷойҳои ғунҷоиши онҳо муайян нашавад, хадамоти зарури мавриди истифода қарор нагирад, гардишгарӣ ва туризм ба шакли пароканда беаҳамият ва бефоида барои боғҳо ва паркҳои саёҳатӣ хоҳад буд. Мумкин аст ба омили вайронкунанда табдил шавад.

Инсон аз ду ҷиҳат метавонад омили вайронкунандаи паркҳо ва боғҳо шавад: ниёз ва зиёдахоҳӣ. Ниёзҳои монанди ниёз ба чӯб барои сӯзишворӣ ва тайёр кардани заруриятҳои зиндагӣ ва ғайра, ниёз ба хӯрок барои ҳайвонотҳои худ, ки ба ин ниёзҳо ба шакли қонунӣ метавон ҷавоб дод. Аммо дар мавриди зиёдахоҳии инсон, ки қонун ба танҳоӣ наметавонад ба он посух диҳад, балки ниёз ба назорат ва идоракунии зиёдро металабад. Агар миқдори гардишгарон беш аз ҳад бошад, имкониятҳои мавҷуд дар парк ё боғи ҷангалӣ маҳдуд ва кам бошад. Ҳам ба гиёҳону хок осеб мерасонанд ва ҳам сабаби вайронии зерсохтори дохилии парк ё боғ мешаванд.

Поймол шудани гиёҳҳо дар минтақаҳое, ки зебоиҳои табиӣ миқдори бисёре аз мардумро ба худ ҷалб мекунад, як масъалаи асосию вайронкунанда мебошад, ки гиёҳҳоро аз байн бурдаву хокро беҳосил месозад ва оҳиста-оҳиста сабаби нобуд шудани хок мегардад ва дар ниҳоят боиси аз байн рафтани зебоиҳои табиат мешавад:

- ҳашароти хурди газанда, ки ҳам касалиҳои гуногунро дар байни мардум паҳн мекунанд ва ҳам ба шакли дигар боиси нороҳатии туристон мешаванд. Баъзе вақтҳо ба сабаби аз ҳад зиёд шудани ҳашароти газанда маҳалли гардишгарӣ бояд баста шавад, то ки ба туристон ва гардишгарон зарари ҷонӣ нарасад;

- зиёдии гардишгар ба муҳити зист осеби бисёр мерасонад;

- зери хок кардани партовҳо дар минтақаҳои гуногуни паркҳо таъсироти номатлуберо ба муҳити зисти паркҳо дорад;

- дар баъзе аз роҳҳо ба сабаби ҷудо кардани ҳайвонотҳои маҳаллӣ дар парк аз якдигар, аз дохил шудан, таркибшавӣ ва ё аз хориҷ шудани онҳо пешгирӣ мекунад.

Фоидаовариҳои туризм дар боғҳои ҷангалӣ метавонад бисёр зиёд бошад, аммо таъсироти вайронкунандаи он бо таъсироти мусбати он омехта аст, ва наметавон таъсироти манфиро нодида гирифт. Ба ҳамин далел зарурат дорад, ки таъсироти манфии туризмро дар минтақаҳои гардишгарӣ аз роҳи барномарезии дақиқ ва идоракунии таъсирбахш аз миён бардошт.

Бояд захираҳои табиӣ ва инсонӣ ба шакле идора шаванд, ки туристон бештарин ризоятмандиро аз боғҳо ва паркҳо касб кунанд ва аз гардиши худ лаззат баранд ва аз тарафи дигар, таъсироти манфӣ ва вайронкунандаи гардишгарӣ ба камтарин ҳадди худ бирасад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо зарурият дорад, ки баҳодиҳии потенсиалии таъсироти манфӣ бо хирад ва дониш баррасӣ карда шавад ва мавриди назорати дақиқ қарор гирад:

1.Барои ҳифозат аз пӯшишии гиёҳҳои ҷангалӣ пеш аз ҳама ба фарҳангсозӣ ниёз аст. Муҳофизати муҳити зист ба мақсади фоида бурдани ҳамеша ва доимӣ аз табиат ва омӯзиш ба гардишгарон дар ин масъала як мавзӯи зарурист.

2.Яке аз омилҳои асосии вайронкунанда ва азбайнбарандаи паркҳои ҷангалӣ вуҷуд доштани ҳайвонот дар ҷангал аст.

3.Камбуди имкониятҳои асосӣ ва беҳдоштии (тозагӣ) парк сабаби талаф ва аз байн рафтани гиёҳ ва хоки ҷангал мешавад.

4.Дар баъзе вақтҳо миқдори истифодабарандагон аз баъзе қисмҳои парк ба шакле зиёд мебошад, ки ҳаёти экосистема ба тарафи нобудӣ меравад ва ин масъала боис мегардад, ки арзишҳои табиии парк ё боғ дар таъсирбахшӣ ва ҷалб намудани мардум коҳиш ёбад. Омилҳои вайронкунандаи паркҳо барои ҳама ошкор аст, аммо метавон муҳимтарин омилро идоракунии суст ва нақшагирии нодурусти масъулон донист.

Фаъолиятҳои туризм ва экотуризм дар паркҳои миллӣ ва ё ҳар минтақаи ҳифозатшудаи дигар, метавонад ба унвони механизми молиявӣ барои худгардонии ин минтақаҳо ва воситае барои муҳофизат аз онҳо бошад. Ин намуд фаъолиятҳо дар сурате имконпазир аст, ки навъ ва сатҳи идоракунии туризм матлубу мутобиқ бо «миқдори ғунҷоиш»-и ин минтақаҳо сурат гирад. Чунин андеша сабаби пайдо шудани фикрҳои умумӣ барои аҳамият додан ба муҳити зист ва муҳофизати он мегардад. Таҷрибаҳое, ки аз кишварҳои туристпазир ба даст омадааст, бо ба коргирии идоракунии илмӣ ва огоҳӣ дар бораи ин фаъолияти хос нишон медиҳад, ки даромади бадастомада бештари мавридҳо барои идоракунии паркҳои миллӣ ва муҳитҳои экотуристӣ басанда ва ҳатто бештар аз он зарур аст.

Пешниҳодҳо:

1.Фаъолиятҳои бахши хусусӣ барои баррасӣ ва назорат қарор гирад.

2.Барои азнавсозии минтақаҳои ҷангалӣ корҳои зарурӣ сурат гирад.

3.Қисмҳои гуногуни парк бояд ҷиҳати истиқомати гардишгарон дар назар гирифта ва истифода шавад, то ҳамаи минтақаҳои табиии парк зарар набинад.

4.Барои роҳнамоии гардишгарон брашура ва нақша тайёр шавад, то ба осонӣ аз манзараҳо ва чашмандозҳо ва низ имкониятҳои паркҳо истифода намоянд.

5.Шинос кардани мардум ба аҳамияту арзиши ҷангал ва омӯзиши равиши дуруст ва асосии истифода аз парк.

6.Нигаҳбонӣ ва ҳифозат аз ҳайвоноти ваҳшӣ ва эҷоди минтақаҳо барои нигоҳдории онҳо, ки сабаби ҷалб кардани гардишгарони бештар мегардад.

7.Чоп намудани маҷаллаҳо ва газетаҳо, баргузории семинарҳо, пахш аз ВАО барои бохабар шудани умуми мардум, кӯмак ва ёрӣ ба барномарезони маҳаллӣ низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад ва иҷрои қонунҳои байналмилалии муҳити зист бо ҳадафи пешрафти экотуризм дар сатҳи ҷаҳон мавриди эҳтиром қарор дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Фанел Девид. Муқаддимае бар табиатгардӣ / Фанел Девед. И. Авлодӣ Қодакуло Ҷаъфар. Донишгоҳи Мозандарон, 2006.
2. Маҷнуниён Ҳенрик. Раҳнамои омодасозии паркҳои миллӣ ва минтақаҳои ҳифозатшуда барои туризм / Маҷнуниён Ҳенрик. –Теҳрон: Созмони ҳифозати муҳити зист, 1998.
3. Новелгар Маҷнуниён Ҳенрик. Нақши паркҳои миллӣ дар тавсеаи иқтисодиву иҷтимоӣ / Новелгар Маҷнуниён Ҳенрик. –Теҳрон: Дафтари муҳити зисти табиии созмони муҳити зист, 1975.
4. Адингтон Каҳрум Исмоил. Экологияи фаъолиятҳои тафреҳӣ ва соҳаи ҷаҳонгардӣ / Адингтон Каҳрум Исмоил. –Теҳрон: Интишори муҳити зист, 1374.
5. Лахкашӣ Алӣ. Муқаддимае бар паркҳои миллӣ ва ҷангалии Эрон / Лахкашӣ Алӣ. –Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1952.
6. Маҳмудӣ Ҷалол. Шинохти манбаъҳои табиӣ / Маҳмудӣ Ҷалол. –Теҳрон: Донишгоҳи озоди Нур, 2003.
7. Ваҳоббзода Баҳром. Омилҳои вайроншавии парк ва иқдомотҳои зарурӣ ҷиҳати рӯ да рӯ шудан ба он / Ваҳоббзода Баҳром // Идоракунии манбаъҳои табиии Нур, 2005.
8. Алвони Маҳмудӣ. Фароянди мудирияти ҷаҳонгардӣ / Алвони Маҳмудӣ. -Теҳрон: Дафтари пажӯҳишҳои фарҳангӣ, 2006.
9. Дером Андӣ. Муқаддимае бар экотуризм / Дером Андӣ. Мур Олен Ранҷбар Муҳсин. –Теҳрон, 1998.
10. Брондон ва ҳамкорон. Ҷаҳонгардии зистмуҳитӣ / Брондон ва ҳамкорон. -Теҳрон, 1998.
11. Маҳмудӣ Ҷалол. Муқаддимае бар экотуризм ва нақши он дар тавсеаи пойдор / Маҳмудӣ Ҷалол. –Теҳрон: Донишгоҳи озоди Нур, 2005.


**РОЛЬ ПРИРОДНЫХ ПАРКОВ В РАЗВИТИИ ТУРИСТИЧЕСКОЙ ИНДУСТРИИ**


Экологическое состояние значительно отражается на состоянии объектов наследия. Одним из основных компонентов стратегии устойчивого развития является экологическая политика, при разработке которых возрастает роль и природного, и культурного наследия. Преимущество природных парков состоит также и в возможности развития туристической деятельности Объекты природного наследия обладают высокой степенью уникальности и экзотичности, что служит главным фактором для рекреационного использования, повышение их коммерческой ценности, о чем свидетельствует данная статья.



**Ключевые слова:** природные парки, охрана, привлекательность территорий, туристская индустрия, природные и историко-культурные достопримечательности.


**THE ROLE OF NATURAL PARKS IN THE DEVELOPMENT OF THE TOURIST INDUSTRY**


Ecological condition significantly affects the state of heritage objects. One of the main components of the sustainable development strategy is the environmental policy, the development of which increases the role of both natural and cultural heritage. The advantage of natural parks is also the possibility of development of tourist activities the Objects of natural heritage have a high degree of uniqueness and exotic things, which is the main factor for recreational use, increasing their commercial value., as evidenced by this article.



**Key words:** natural parks, security, attractiveness of the territories, tourism industry, natural, historical and cultural attractions.



**Сведения об авторе:** ***Хаво Хакджу*** – соискатель Таджикского государственного университета коммерции


# РОҲБУРДҲОИ ТАВСЕАИ МУДИРИЯТИ ИТТИЛООТИИ НИЗОМИ ОМӮЗИШИ ОЛИИ ЭРОН


***Ҳасани Пурраҳими Дарзинақибӣ***

**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Қоимшаҳр, Эрон**


Дар ҳоле ки саҳми фановарии иттилоот дар тавлиди ҷаҳонӣ дар соли 1999-и мелодӣ 6,5 будааст. Ин шохис дар Эрон баробар бо 1,07% аст. Шоёни зикр аст, ки ин шохис дар кишварҳои кураи ҷанубӣ, Малайзия, Чин, Туркия ва Миср ба тартиби баробар бо 7,4, 6,6, 5,7, 3,6, 3/5% аст. Тибқи омӯзиши расмии ITU Эрон аз назари нуфузи Интернет дар миёни кишварҳои гурӯҳи ҳашт дар рутбаи ҳафтум (фақат

болотар аз Бангладеш) қарор дорад, зимни ин ки танҳо саҳми муодили 1000%-и компютерҳои мизбон ҷаҳонро дар ихтиёр дорад.

Ба лиҳози мухобаротӣ дар ҳоли ҳозир ба изои ҳар 100 нафар дар кишвар 20 хати телефон вуҷуд дорад ва ин дар ҳолест, ки дар кишварҳои тавсеаёфта теъдоди хатҳои телефонӣ ба изои ҳар 100 нафар байни 40 то 50 хат аст. Эрон аз назари тавсеаи фановарии иттилоот дар соли 1999 рутбаи 163-ро дар миёни кишварҳои ҷаҳон ба худ ихтисос додааст, дар ҳоле ки малайзия ба унвони яки дигар аз кишварҳои гурӯҳи ҳашт дорои рутбаи 52 аст. Илова бар ин, дар рутбабандии 60 кишвари ҷаҳон ба лиҳози тиҷорати электронӣ Эрон дар рутбаи 58 қарор гирифтааст.

Аз диди умумият ёфтани фановарии иттилоот дар миёни умуми мардум ишора ба ин нукта зарурӣ аст, ки тибқи охирин омори вазорат бист телеграф ва телефон теъдоди корбарони Интернет дар кишвар ҳудуди 5 миллион нафар, яъне ҳудуди 7,5% ҷамъияти кишвар аст. Ин дар ҳолест, ки теъдоди ҷамъияти корбарони Интернет дар Амрико наздик ба 50% ва дар Аврупо наздик ба 30% аст. Илова бар ин дар ҳоли ҳозир теъдоди компютерҳои шахсӣ ба изои ҳар 100 нафар 1,75 дастгоҳ бароварда мешавад, дар ҳоле ки ин омор барои кишварҳои тавсеаёфтаи иттилоотӣ беш аз 80 дастгоҳ ба изои ҳар 100 нафар гузориш шудааст. Зимни ин ки дар ҳоли ҳозир ҳеҷ як аз хадамоти аслӣ мубтанӣ бар шабака (шомили хадамот: давлати электронӣ, тиҷорати электронӣ, нашри электронӣ, беҳдошти электронӣ) дар кишвар ироа намешавад ва ҳарчанд барномаи тавсеаи фановарии иттилоот ва иртиботот дар садад буда, ироаи чунин хадамотеро дар ҷомеа тавсеа диҳад. Бегумон вазъияти донишгоҳҳо ва муассисоти олии кишвар низ дар баҳси фановарии иттилоот мутаассир аз вазъи умумии кишвар аст. Лекин масъулияти ифои нақши пештозӣ ва роҳбарии ҷомеа дар ин арса аз сӯйи марокизи илмӣ зарурати таваҷҷуҳи ҷиддии низоми омӯзиши олиро ба ин фановарӣ намоён месозад, ин мавзӯъ то он дараҷа муҳим аст, ки дар баёнияи ҷаҳонии омӯзиши олӣ (ЮНЕСКО, 1998) дар мавриди он чунин омадааст: «Муассисоти омӯзиши олӣ бояд нахустин ниҳодҳое бошанд, ки аз мазоё ва имконот билқувва фановарии иттилоот ва иртиботот баҳраманд мешаванд ва дар ин русто ба эҷоди муҳитҳои навини омӯзишӣ барои ҳамоҳангӣ бо асри иттилоот бипардозанд».

**Иҷмоле бар модели тавсеаи иттилоотӣ.** Ҳамчунон ки пештар ишора шуд, фановарии иттилоот мабдаъ ва мубоди таҳаввули шигирфе аст, ки аз он ба инқилоби иттилоотӣ ва аз ҳосили он ба ҷомеаи иттилоотӣ ёд мешавад. Аҳамияти ин мавзӯъ то ба он ҷост, ки бисёре аз кишварҳо фановарии иттилоотро ба унвони меҳвари тавсеаи миллии худ баргузидаанд ва ҳузури муқтадиронаи худро дар садаи нав манут ба таҷҳизи иттилооти кишвари худ донистаанд. Аз сӯйи дигар, рушди мутавозини ҳар як аз зербахшҳои марбут бо фановарии иттилоот зомини тавсеаи пойдори миллӣ хоҳад буд. Ба ҳамин далел Созмони Милал модели вижаеро барои тавсеаи миллии фановарии иттилоот ироа кардааст (модели UNDP), ки дар шакли 1 нишон дода шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин шакл метавон ба нукоти зер ишора кард:

**а) Зерсохт** ҷузъи пояи модули тавсеаи фанноварии иттилоот аст, ки аз тариқи он имкони дастрасӣ ба корбурдҳои фанноварии иттилоот барои корбарон ва мутақозиён фароҳам мешавад. Нуктаи муҳим дар тавсеаи зерсохт, оянданигарӣ лиҳози корбарони билқувва ва зарфияти мутаносибу баландмуддат мавриди ниёзи бахшҳои баҳрабардор аст.

**б)** Ҳамчунон ки ишора шуд, фановарии иттилоот ба шиддат донишмадор ва ба табъи он моҳиятан инсонгаро аст. Ба ин лиҳоз тавсеаи манобеи инсонӣ, яке аз муҳимтарин шохаҳои тавсеаи иттилоотӣ аст. Ин тавсеа аз саводи пояи иттилоотӣ оғоз мешавад ва сипас, аз он ба зарфиятсозии андешамеҳвару афзоиши маҳоратҳои иттилоотӣ мерасад.

Дар амри пардохтан ба тавсеаи манобеи инсонӣ илова бар гароиш ба тартиби коркунони донишгаро ва омӯзиш ба онҳо бояд ангезаҳои лозимро барои ҷилвагирӣ аз табаоти нохоста, назири фирори мағзҳо фароҳам овард ва дар марҳилаи баъд тамаркузи аслии тавсеаи манобеъ ва зарфиятҳои нерӯи инсонӣ бахши фановарии иттилоотро ба самти афроди корофарин ва дорои ангезаи кофӣ савқ дод.

**в) Шаффофият ва ҷомеият дар сиёсатҳо ва ҳадафмандии сиёсатгузориҳои иҷроӣ** фазои рақобати муносиберо фароҳам меоварад. Илава бар ин, зимни чорчӯбаҳои қонунии мудавван ва мутаносиб бояд фазои равшане аз аҳамияти мавзӯъ ва қобилиятҳои мавҷудро ба қонунгузорон ва муҷриёни сиёсатҳо ироа дод. Зимни ин ки эҷоди заминаи муносиби қонунӣ ва ҳақиқӣ барои пиёдасозии хадамоти мунбаис аз

фановарии иттилоот дар тору пуди сохторҳо ва фарояндҳои иҷтимоӣ аз аҳамияти вижае бархурдор аст.

**г) Тавсеаи ниҳодҳо** пас аз фароҳам омадани заминаи муносиб ва тарсими фазои корбарии фановарии иттилоот зарур аст, ки муҳаррике тарроҳӣ шавад, то ба баст ва густариши корбурдҳои фановарии иттилоот ва эҷоди заминаҳои навини истифода бипардозад. Агар мавориде, аз ҷумла таъмини эътибороти молӣ, риояи ҳуқуқи моликияти маънавӣ, низомҳои молиёти муносиб, дастрасии осон ба бозорҳои дигар ва таваҷҷуҳ ба тақозо мавриди баррасӣ қарор гиранд, ин бахш метавонад ба равнақи иштиғолзоӣ мунҷар шавад.

**ғ)** Дар арсаи роҳбурдҳои тавсеаи фановарии иттилоот муҳтаво ҷузъи комилкунандаи модели тавсеи пӯё аст. Он чӣ ба корбарон арса мешавад, бояд дар ваҳлаи аввал посухгӯйи ниёзҳои онҳо бошад, аз он ба иртиқо ва ироаи корбурдҳои ҷадид бипардозад. Дар ин тариқ, истифодаи осон ва бидуни мушкил аз забон ва хат ба рӯйи заминаи ироаи иттилоот ва ҳазинаи муносиби ин муҳтаво ба ташвиқи корбарони онҳо мунҷар мешавад. Мавриди дигаре, ки дар заминаи корбурдҳо аҳамияти бозсозие дорад, истифода аз он даста корбариҳои фановарии иттилоот, монанди омӯзиши электронӣ, давлати электронӣ ва ё тиҷорати электронӣ аст, ки бо аҳдофи миллӣ ва тавсеаи калони кишвар ҳамсӯйӣ дошта бошад. Натиҷаи мустақими ин амр эҷоди ҳисси эътимоди мутақобил байни ироадиҳандагони хадамот ва корбарон хоҳад буд.

**Ҷустуҷӯйи ҷомеи** фановарии иттилоот дар низоми омӯзиши олии кишвар. Бо таваҷҷуҳ ба навзуҳур будани фановарии иттилоот ва оғози тадриҷӣ, он дар тору пуди ҳаёти иҷтимоӣ, низомҳои омӯзишӣ ва таҷрибӣ. Дар мавриди наҳваи таъсири ин мавзӯъ бар дастрасии бар омӯзиши олӣ вуҷуд дорад. Хосса он ки, вузӯҳи дастрасӣ ба омӯзишӣ олӣ дар Эрон бо ҷанбаҳои ин мавзӯъ дар соири кишварҳо ба шиддат фарқкунанда аст: Дар кишварҳои тавсеаёфта ҳадафи иттилоот аз кобурди фановари иттилоот дар низоми омӯзишӣ, мутанаввеъ кардан, шуоҳои омӯзиш ва эҷоди заминаи мутаносиб барои таҳқиқи омӯзишҳои роиҷ истифода мекунанд, то бар ғано ва кайфияти омӯзиш бипардозанд. Аз сӯйи дигар дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа иттилоот низ аз фановарии иттилоот ба унвони абзор барои таълими омӯзишҳои ҳамагонӣ ва наздик кардани фосилаҳои физикӣ (ва бавижа рустоҳо ва монотиқи дурдаст) истифода мешавад. Дар Эрон мавзӯи фановарӣ иттилоот аз ҳар ду дидигоҳ қобили таамммул аст: Омӯзишӣ (кайфияти дастрасӣ) ва афзоиши дастрасӣ ба муҳитҳои омӯзиш (камияти дастрасӣ).

1. Фиқдони сиёсати миллӣ барои истифода аз фановарии иттилоот дар омӯзиши олӣ. Яке аз мушкилоти аслӣ дар заминаи барномарезӣ барои корбурди фановарии иттилоот дар тавсеаи омӯзиши олӣ, фиқдони сиёсати миллӣ барои истифода аз фановарӣ дар низоми донишгоҳии кишвар аст, ки ин мавзӯи худ мутаассир аз фиқдони раҳбурди миллӣ  дар заминаи тавсеаи иттилотӣ аст. Мутаасифона, сафи матолиботи миллӣ аз фановарии иттилоот дар кишвари мо таъйин намудааст ва ҳамин далел мушаххас нест. Ҳаракати мо ба самти ҷомеаи иттилоотӣ дар чорчӯби кадом модели тавсеаи иттилоотӣ меғунҷад. Оё мо ба дунболи таъмими адолати иҷтимоӣ ва тавсеаи фарҳангӣ дар заминаи фановарии иттилоот ҳастем (модели Африқои ҷанубӣ) ё ба дунболи тавсеаи иқтисоди миллӣ (модели Ҳинд) Бадеҳӣ аст, ки ба далели номушаххас будани ин ибъод дар ҳиттаи омӯзиши олӣ низ сиёсат ва ба табъи он барномаи мушаххас ва маданӣ барои баҳрагирӣ аз маконоти фановарии иттилоот вуҷуд надорад.

2. Фиқдони сармоягузории муносиб дар заминаи тавсеаи шабакаҳои мухобиротӣ. Яке дигар аз нуқтаҳои муҳимми заъфи кишвар дар аризаи тавсеаи фановарии иттилоот дар омӯзиши олӣ, мушкилии зерсохти мухобиротӣ ва додаҳои кишвар аст.

3. Фиқдони таърифи мавриди фановари иттилоот, омӯзиши электронӣ ё ёдгирии электроникӣ. Яке аз мушкилоти дигар дар арсаи омӯзиши электроникӣ, ёдгирии электроникӣ, клоси маҷозӣ, китобхонаи электронӣ ва ғайра аст.

**д) Камбуди эътибороти молӣ:** Бар хилофи тасаввури бисёр роҳандозии давраҳои омӯзиши маҷозӣ бисёр гарон тамом мешавад, зеро сохти печидаи мухобаротӣ ва шабакаи тарроҳии низоми омӯзиши мубтанӣ бар шабака ва омӯзиши аввалияи донишҷӯён ва устодон дар истифода аз ин имконот ҳамагӣ аз ҷумлаи авомили пурҳазина будан ин равиши омӯзишӣ аст. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки ироаи муҳтаво ба сурати чанд расонае ниёз ба паҳнои бонди мутавассити муодил бо Kb/s 128 ба изои ҳар донишҷӯ дорад. Аз сӯйи дигар тарофаҳои мухобаротӣ барои дар ихтиёр

доштани чунин паҳнои бондӣ бар асоси нархҳои мусавваб соли 1382 (почта, телеграф ва телефон) муодил бо 7, 200 000 риёл дар ҳар моҳ аст. Илова бар ин ҳазинаи таҳия ва тадвини ҳар соати клоси омӯзишӣ чанд расонае (клоси комилан назарӣ) болиғ бар панҷ то ҳашт миллион риёл аст. Ба ин тартиб, ҳазинаи як клоси ду воҳидӣ (бо ҳудуди 120 воҳиди назарӣ) муодил бо дувоздаҳ то понздаҳ миллиард риёл хоҳад шуд ва ин ҳазина мустақил аз ҳазинаҳои сахтафзории сармояе аст, ки бояд дар ихтиёри низоми омӯзиш қарор гирад. Зимни ин ки лозим аст, имконоти дигаре монанди «Китобхонаи электронӣ» ва бо «Озмоишгоҳи маҷозӣ» низ дар ихтиёри корбарон қарор гирад, то битавонанд дар як муҳити маҷозии комил ба таҳсил бипардозанд. Ба ин тартиб, мулоҳиза мешавад, тарроҳӣ ва пиёдасозии чунин муҳитҳои омӯзишӣ башиддат ҳазинабар аст ва ба ҳамин сабаб лозим аст. Аввалан, манобеи муносиби молӣ (масалан, аз тариқи бахши хусусӣ) дар ихтиёри чунин тарҳе қарор гирад ва сониян теъдоди донишҷӯйи мутанобеҳ дар ин низом пазируфта шавад, то имкони саршикан шудани ҳазинаҳо падид ояд. Дар ташреҳи мавзӯи охир, ишора ба ин нукта зарур аст, ки ба унвони мисол донишгоҳе бо ҷамъияти 5000 нафар ва бо 25 риштаи коршиносӣ ва теъдоди пазируфташудагон солиёна 1200 нафар, чунончи бихоҳад зарфияти пазириши худро 50% (яъне 600 нафар) бар асоси имконоти омӯзиши маҷозӣ афзоиш диҳад, бояд қариб ба ҳафтоду панҷ миллиард риёл фақат дар соли аввал барои тадвини дуруст ва ҳудуди Mb/s 75 низ бар паҳноии бонди донишгоҳ биафзояд, ки бо иҳтисоби ҳазина иштироки солонаи он (ҳудуди ду миллиард риёл) бояд дасти ками шаҳрияе муодил бо ҳаштод миллион риёлро аз донишҷӯён дарёфт кунад! Муҳимтарин далели шикасти бисёре аз тарҳҳои «донишгоҳи интернетӣ» дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ва, ҳатто, кишварҳои тавсеаёфтаи иттилоотӣ, ҳамин нукта аст.

**Роҳбурдҳо ва роҳкорҳои тавсеаи иттилоотии низоми омӯзиши олии кишвар.** Бо таваҷҷуҳ ба мабоҳиси гузашта шинохти вазъияти феълии низоми омӯзиши олии кишвар дар арсаи фановарии иттилоот ва низ бо иноят ба таҳлили чолишҳои фарорӯйи омӯзиши мубтанӣ бар шабака ин ки метавон ба баррасии роҳбурдҳо ва роҳкориҳои тавсеаи омӯзиши олӣ аз тариқи фановарии иттилоот пардохт.

Барои ироаи роҳбурдҳои аслии тавсеаи омӯзиши олӣ бо истифода аз модели UNDP ба баррасии мавзӯъ мепардозем:

- тавсеаи зерсохт;
- тавсеаи манобеи инсонӣ;
- тавсеаи сиёсатҳо;
- тавсеаи муҳтаво ва корбурдҳо;
- тавсеаи ниҳодҳо.

**а) Тавсеаи зерсохти иртиботӣ.** Ин мавзӯъ худ шомили се рукни аслӣ аст: эҷоди шабакаи иртиботии муносиб барои бахшҳои аслӣ, таъмими дастраси ҳамагонӣ ва ҳимоят аз бахши хусусӣ барои пуштибонии дастрасӣ. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки дар тавсеаи иттилоотии омӯзиши олӣ низ ин се рукн мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад. Дар ҳоли ҳозир «Шабакаи илмии кишвар» аслитарин минбари иртиботдодаи миёни донишгоҳҳои кишвар аст. Ин шабака чиҳил донишгоҳро дар саросари кишвар ба ҳам муттасил кардааст ва барномаи отии он иттисоли ҳамаи донишгоҳҳои кишвар аст, ҳамчунон ки ишора шуд, лозим аст паҳнои бонд саронаи ҳар донишҷӯ муодил бо Kb/s 128 бошад. Ба ин лиҳоз ба назар мерасад, ки вазорати улум, таҳқиқот ва фановарӣ битавонад зарфи як барномаи яксола чунин паҳнои бондиро барои ҳар як аз донишгоҳҳо ва муассисоти зери назари худ фароҳам оварад. Нуктаи баъд фароҳам овардан имкони дастрасии умумӣ (масалан аз даруни манозил) аст, ки ин мавзӯъ илова бар тақвияти зерсохтҳои мухобаротии даруни шаҳрӣ ба лиҳози камӣ ва кайфӣ ба коҳиши ҳазинаи баҳрадорӣ аз шабакаҳои иттилоотӣ низ вобаста аст, то ба ин тартиб имкони баҳрабардории умумӣ муҳайё шавад.

**б) Тавсеаи манобеи инсонӣ.** Бетардид зербинотарин муаллифаи тавсеаи иттилоотӣ тавсеаи манобеи инсонӣ аст, ки дар баҳси тавсеаи омӯзиши олӣ муҳимтарин ҳадаф ва таъмину тартиби нерӯи инсони коршинос хибра ва нухбаи кишвар дар арсаҳои гуногун аст ва таҳаққуқи ин муҳим аз тариқи фановарии иттилоот ба шиддат вобаста ба нерӯи инсонии фарҳехтае аст, ки бо шинохти мусталзамоти асри ҷадид ва низ бо ашрофи ба вуҷуҳ корбурдии ин фановарӣ дар омӯзиш роҳро барои тавсеаи камӣ ва кайфии дастраси ба омӯзиши олӣ боз кушод.

**в) Тавсеаи сиёсатҳо.** Ҳамчунон ки дар баррасии донишгоҳҳои кишвар мулоҳиза шуд, мутаассифона роҳбурд ва сиёсати мустанаде дар низоми омӯзиши олӣ барои истифода аз фановарии иттилоот дар омӯзиш вуҷуд надорад, ҳол он ки баррасии

кишварҳои тавсеаёфтаи иттилоотӣ баёнгари мушаххас будани ҳадаф, сиёсат ва барномаи тавсеаи иттилоотии низоми омӯзиши олии онҳост. Ҳамин мавзӯъ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеаёфтаи иттилоотӣ низ ба шиддат ва диққати камтаре қобили радёбӣ аст. Аз ин рӯ, бисёр зарур аст, ки барномаи тавсеаи иттилоотии вазорати улум ва низ барномаи иттилоотии ҳар як аз донишгоҳҳои кишвар тадвин гардад, то бар асоси он аввалан сақфи мутолаботи низоми донишгоҳии кишвар аз фанноварии иттилоот ва сонияи барномаи усулӣ ба он аҳдоф мушаххас шавад. Табиист, ки баёни аҳдофи ин барнома роҳро баандозагирии пешрафти барнома боз хоҳад кард. Ба унвони мисол ба назар мерасад, ки мавзӯъҳои зайл бояд ҷузъи сарфаслҳои мухталифи ин барнома қарор гирад:

- Барномаи иртиқои саводи иттилоотии донишҷӯён;
- Барномаи иртиқои саводи иттилоотии аъзои ҳайати илмӣ;
- Барномаи таҷҳизи сахтафзорӣ ва шабакаҳои донишгоҳ (ба ҳасби саронаи донишҷӯ);
- Барномаи табдили манобеи дарсии мактуб ба электронӣ;
- Барномаи афзоиши манобеи иттилооти шабака (китоб, маҷаллоти электронӣ ва чанд расона);
- Барномаи афзоиши корбарони омӯзиши таҳти шабака;
- Барномаи афзоиши фаъолиятҳои илмӣ таҳти шабака (анҷуманҳои илмӣ, гурӯҳҳои мубоҳиса, чопи маҷаллоти шабака ва ғ.)

Дар ин мақола ба баррасии корбурди фановарии иттилоот дар донишгоҳҳои кишвар пардохтем. Он гоҳ бо баррасии чолишҳои низоми омӯзиши олии кишвар дар истифода аз фановарии иттилоот, муҳимтарин роҳбурдҳои тавсеаи омӯзиши олӣ аз тариқи ин фановарӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Ҳадафи аслӣ дар ин роҳбурдҳо табйин ва таъмиқи вижагии фановарии иттилоот дар низоми омӯзиши кишвар ба манзури афзоиши дастрасии кайфӣ ба омӯзиши олӣ (ва албатта, заминасозии корбурдҳои баъдии фановарии иттилоот) ва низ эҷоди муҳити миллӣ барои омӯзиши маҷозӣ ва бо тавони ҷазби 100 000 донишҷӯст, ки бо таҳқиқи он имкони посухгӯйии низоми омӯзиши олӣ ба хели рӯзафзуни мутақозиёни вуруд ба омӯзиши олӣ ва низ тазмини кайфияти омӯзиш падидор хоҳад шуд.

Дигаргуниҳои шигирфи омӯзиши олӣ ва ҳаракати он ба сӯйи ҳамагонӣ шудан ва таъвилҳои ношӣ аз ниёзи умумӣ ба омӯзиши олӣ дидгоҳи ҷадиде дар тавсеаи омӯзиши олӣ падид овардааст. Рухдоди инқилоби иттилоот ва породоими фановарии иттилоот ваҷҳи ҷадид ба маншури омӯзиши олӣ афзудааст ва ба ҳамин далел мавзӯи тавсеаи иттилоотии низоми омӯзиши олӣ аз ҷумлаи мабоҳиси нав вуруд ба арсаи омӯзиши олӣ аст. Дар ин мақола талош мешавад бо табйини мафҳуми тавсеаи иттилооти мубтанӣ бар мадали тавсеаи созмони милал шохисҳо ва нишонгариҳои муносибе барои арзёбии низоми омӯзиши олӣ шиносоӣ шавад ва сипас бо мутолиаи майдони вазъияти донишгоҳҳои кишвар дар арсаи фановарии иттилоот ва шиносоӣ нуқоти заъф, таҳдид қувват ва фурсати омӯзиши олӣ роҳбурдҳои аслии тавсеаи иттилоотии низоми олии кишвар баён хоҳад шуд.

### АДАБИЁТ


1. Ҳаррозӣ Камол. Ёдгирии электроникӣ дар низоми омӯзиши олии Эрон-заминае барои корофаринӣ / Ҳаррозӣ Камол, Мусавӣ Амин // Конфронси таҳаввулоти донишгоҳҳои Эрон ва чашмандозӣ ба сӯйи корофаринӣ. -Теҳрон, 2008. -С.26-31.
2. Грисун Де Андерсон. Ёдгирии электроникӣ дар қарни 21-ум / Грисун Де Андерсон; тарҷумаи Муҳаммади Атторон. -Теҳрон: Интишороти мадориси хушманд, 2008.
3. Андерсон Три. Ёдгирии электроникӣ аз назариявӣ то амал / Андерсон Три, Волуми, ФТИ. -Теҳрон: Муассисаи тавсеаи фановарии иттилооти омӯзиши мадрасаи хушманд, 2006.
4. Woudstra A. "Organizing for the new network and virtual forms of distance education" / A Woudstra, M. Adria // In M. Moore(ed), handbook of distance education. Mahwah, NJ: Erlbaum, 2001. –P.47-53.
5. Carlson S. "Dedatibating the demise of NYU on-line" / S. Carlson, S. Carnevale. The chronicle of Higher Education, 2001. –A.31.
6. Kilmurray J. "Its more than automation. The technology Source" / J. Kilmurray, Elearning. Retrieved September 20, 2009, from. [Захираи электроний]. http:// ts, mivu.org/default.asp? shw= article & id = 1014
7. Salmeron Jose L. " Augmented fuzzy cognitive maps for modelibg LMS critical success factors" / L. Salmeron Jose. Knowledge- Based Systems 22(2009) 275-278, 2009 Elsevier B.V. All rights reserved. Available online 7 February 2009.
8. Selim Hassan M. "Critical success factors for elearning Acceptance: Confirmatory factor models" / M. Selim Hassan. [Захираи электроний]. http://www. Sciencedirect, com/ science?-ob= AricleURL&-a,2005.

9. Tanrikulu Z. "E-University: Critical success factors" / Z. Tanrikulu, C. Tugcu, Yilmaz. Procedia Social and Behavioral Sciences 2(2010) 1253-1259, 2010, [Захираи электроний]. Avaiable online at www, sciencedirect.com.
10. Sela E. "Enterpise E-Learning Success Factors: An Analysis of Practitioners' Perspective" / E. Sela, Y. Sivan // Proceedings of the Chais conference on instructional technologies research 2009: Learning in the technological eraY, Eshet- Alkalai, A, Caspi, S, Eden, N, Geri, Y, Yair, (Eds). Raanana: The Open University of Israel, 2007.
11. Stacey E. " Success Factors for blended learning" / E. Stacey, P. Gerbic. http:// ascilite, org. au/ conferenes/ melbouren08/ procs/ Stacey, pdf.
12. Frazeen B. "Technology to enhance the learning experience" / B. Frazeen. [Захираи электроний]. Available at: www, Clomedia. Com/ content/ temptates/ clo- feature, asp? Articleid= 218, 2006.


**ПУТИ РАЗВИТИЯ ИНФОРМАЦИОННОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ СФЕРЫ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ ИРАНА**


Информатизация является важным фактором устойчивого развития личности, общества и государства в целом. В системе образования процесс информатизации должен рассматриваться в качестве неотъемлемой части процессов развития непрерывной системы образования. Информационно-коммуникативная технология оказывает серьезное влияние на формирование мировоззрения учащихся вузов с целью овладения новыми знаниями. В данной статье автор акцентирует свое внимание на необходимости информационного обеспечения образовательных процессов на примере вузов Исламской Республики Иран.



**Ключевые слова:** информатизация, информационное обеспечение, система высшего образования, организация информационной инфраструктуры вузов, развитие непрерывной системы образования.


**WAYS OF DEVELOPMENT OF INFORMATION SUPPORT IN THE FIELD OF HIGHER EDUCATION OF IRAN**


Informatization is an important factor of sustainable development of the individual, society and the state in General. In the education system, the process of Informatization should be considered as an integral part of the development process of continuous obrazovanie.naucno-communicative technology has a major impact on the formation of Outlook of the University students with the purpose of mastering new knowledge. In this article the author focuses on the need of information support of educational processes on the example of the universities of the Islamic Republic of Iran.



**Key words:** information technologies, information support, the system of higher education, organization of informational infrastructure of higher educational institutions, the development of continuous education.



**Сведения об авторе: *Хасан Пуррахими Дарзинакиби*** – Свободный исламский университет города Коимшахр, Иран


# БАРРАСИИ ТАТБИҚИИ НАҚШИ ЧИН ВА ИТТИҲОДИЯИ АВРУПО ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ


***Ризо Аббосипур Низомобод***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Нақш ва ҷойгоҳи сиёсӣ ва иқтисодии Осиёи Марказӣ дар низоми ҷадиди байналмилалии кишвари ин минтақаро аз аҳамияти рӯзафзун дар муодилоти байналмилалӣ бархурдор сохтааст ва бозигарони зиёдеро ба ин минтақа кашондааст, ки Иттиҳодияи Аврупо ва Чин ба нақши иқтисодӣ ва энергетикии ин минтақа таваҷҷуҳи хосе доштаанд. Ин минтақа бо доро будани бозори билқувва ва баҳрамандӣ аз манобеи зеризаминӣ, бахусус нефту газ аҳамияти геоэкономикии хосеро барои бозигарон доштааст. Дар ин пажӯҳиш саъй мешавад, то абзорҳо, ҳадафҳо ва чолишҳои пеши рӯйи Чин ва Иттиҳодияи Аврупо ба унвони ду бозингари муҳим дар низоми байналмилалӣ дар ин минтақа мавриди таҷзияву таҳлил қарор медиҳем.

Ин мақола саъй шудааст, то нақш, ҳадафҳо ва мулоҳизаҳои ба бозингари муҳим, яъне Чин ва Иттиҳодия Аврупоро дар Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад. Яке аз суолоти аслӣ дар ин навиштор иллати тамоюли ин бозингарон барои вуруд ба минтақа аст ва дар идомаи баҳс дар мавриди абзорҳо ва чолишҳои пеши рӯйи ин бозингарон хоҳем пардохт. Ин ду бозингар ба муҳимтарин дағдағаи онҳо дар мавзӯоти иқтисодӣ ҷой дорад ва ҳадди ақал дар муддати кӯтоҳ дар фикри дастёбӣ ба қудрати сиёсӣ ва ҳадафҳои стратегии низомӣ ва амниятӣ ба он сурати Амрико ва Русия дар пайи он мебошанд, нахоҳанд буд. Саъй доранд бо тақвияти иқтисодии худ, роҳро барои расидан ба соири ҷанбаҳои қудрат фароҳам оваранд ва дар ин росто талош мекунанд аз таниш пешгирӣ карда, роҳи тавсеаи сулҳомезро интихоб кунанд. Баҳси амнияти хатҳои энергетикӣ ва танаввӯъ дар манбаҳои фароҳамоварандаи он дар солҳои охир бештар аз гузашта барои ин бозингарон, хусусан Аврупо дағдағасоз будааст. Бетардид Чин низ дар роҳи дастёбӣ ба ҳадафҳои

дарозмуддати худ дар минтақа талфиқе аз мулоҳизот ва абзорҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳатто низомӣ – амниятиро мадди назар қарор хоҳад дод.

**Ҳадафҳо, абзорҳо ва чолишҳои Чин дар Осиёи Марказӣ.** Иттихози сиёсати тавсеаи сулҳомез аз тарафи Чин ба он маънӣ аст, ки бидуни эҷоди таниш ва ё ҳазина кардан барои назорат ва ё ҳалли он ба манобеи энергетикӣ ва маводи хом даст пайдо кунад. Ин амр дар ҳоле аст, ки рӯз ба рӯз бар аҳамияти энергетикӣ барои ин кишвар афзуда мешавад. Аз тарафи дигар, ба иллати фақри манобеи энергетикӣ дар Чин, батадриҷ бар ниёзи чиниҳо ба энергетика ва маводи хом афзуда мешавад.

Осиёи Марказӣ наздиктарин ва камҳазинатарин минтақа барои Чин дар ҷиҳати истифода аз манобеи энергетикӣ аст. Дар сурате ки мизони рушди иқтисодии Чин дар камтарин ҳолат 7% ба ҳисоб оварем, Чин дар солҳои оянда ниёз дорад, ки 45% аз воридоти худро ба энергетика ихтисос диҳад. Бинобар ин, Чин қадамҳои баландеро дар ин замина, бахусус ради муомила бо Қазоқистон сурат додааст. Қарордоди 5 биллион долларӣ байни ширкати миллии нефти Чин бо Қазоқистон, хариди саҳоми ширкати гази Британия дар Қазоқистон ба арзиши 615 миллион доллар тавассути ширкати нефти Чин ва сармоягузории 9 биллион долларии Чин дар интиқоли хатҳои энергетикӣ ба кишвари худ аз Қазоқистон, дар ин росто мебошад.

Пайвандҳои таърихӣ ва ҷуғрофиёии Чин бо Осиёи Марказӣ аз муҳимтарин нуқтаҳои қувват ва абзорҳои ин кишвар дар таомул бо минтақа маҳсуб мешавад. Робитаҳои тиҷории миёни Чин ва мардуми ин минтақа дар тӯли таърих, ки ниҳоди онро метавон дар роҳи абрешим мушоҳида кард, дар эҷоди робита дар соири заминаҳо монанди фарҳанг низ муассир будааст. Такяи Чин бар ин пайвандҳо то ҳадде аст, ки саъй дорад бо қарор додани роҳи абрешим ба унвони як рамз робитаҳои худ бо кишварҳои минтақаро афзоиш диҳад. Бо ин тафовут, ки роҳи абрешими ҷадид бар мабнои сиёсати нефт ва хатҳои лӯла қарор дорад. Густариши ҳамҷонибаи робитаҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ аз тариқи паймони ҳамкории Шанхай аз абзорҳои муҳимми дигари Чин барои расидан ба ҳадафҳои худ дар минтақа мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба ниёзи Чин ба ҳифзи субот ва амният дар дохил ва хориҷ аз марзҳои худ Созмони ҳамкории Шанхай метавонад Чинро дар ин роҳ, бахусус аз тариқи инъиқоди муоҳидоти амниятӣ, ёрӣ расонад. Ниёз ба ҳамоҳангӣ ва ҳамкорӣ дар ин созмон ба ҳадде аст, ки ба назари соҳибназарон, ин созмон дар ҷиҳати тағйири сохтори амнияти минтақавӣ ба нафъи Чин ва Русия қадам бармедорад.

Ҳамкорӣ дар заминаҳои иқтисодӣ ва талош дар ҷиҳати хунсосозии ҷараёнҳо ва гироишҳои мазҳабӣ дар минтақа ва ҳамоҳанг кардани сиёсатгузориҳо ҷиҳати коҳиши заминаҳои бесуботӣ аз дигар ҳадафҳои мавриди назари ин созмон аст. Чин ба унвони яке аз бунёнгузорони ин созмон ва ба унвони як қудрати бузурги иқтисодӣ аз нуфузи зиёде дар миёни аъзои ин паймон бархурдор аст ва саъй дорад бо робитаҳои худ ба кишварҳои минтақаро дар қолаби ин созмон созмондиҳӣ намояд. Аз дигар нигарониҳои Чин дар таомул бо бозигарони бузург дар ин минтақа, аксуламали муносиб ба талошҳои Русия барои ҷалби ҳимояти ин кишвар ҷиҳати муқобила бо Амрико дар минтақа мебошад. Русия барои дастёбӣ ба як муттаҳиди қудратманд дар минтақа аз хатари бухрони оянди энергетика барои Чин бахра мебарад. Ин амр ба ин кишвар кӯмак мекунад, то битавонад бо вуруди ин бозигар ба минтақа аз нуфузи Амрико дар минтақа бикоҳад. Чин низ аз хостаи Русия дарростои манфиатҳои миллии худ дар минтақа бахрабардорӣ мекунад. Илова бар ин, бо таваҷҷуҳ ба коҳиши тамоюли Иттиҳодияи Аврупо барои хариди энергияи барқ аз Русия, Чин метавонад ҷойгузини муносибе барои Русия қаламдод гардад.

Ниёзи муштараки кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Чин барои амният дар Афғонистон аз дигар меҳварҳои таъйинкунанда дар нақшофаринии Чин дар минтақа маҳсуб мешавад. Барқарории субот дар Афғонистон қадами мусбат ҷиҳати амнияти минтақа ва нобудии конунҳои ифротгароӣ ва террористӣ дар минтақа талаққӣ мегардад. Бо таваҷҷуҳ ба истиқболи ҳамаи бозигарони минтақавӣ ва ғайриминтақавӣ дар мушорикат ҷиҳати барқарории субот дар Афғонистон ва бо таваҷҷуҳ ба нигарониҳои Чин ҷиҳати ҳифзи амнияти хатҳои лӯла ва марзҳои худ ва пешгирӣ аз вуруди ноороми ба дохили марзҳои худ, метавонад ангезаи аслии бархе аз иқдомҳои чиниҳо аз ҷумла сармоягузориҳои Чин дар кишварҳои минатқаро беҳтар дарк намуд.

Истифода аз абзорҳои муносиби молӣ ва иқтисодӣ дар ростои посухгӯйӣ ба ниёзҳои мутанаввеъ ва мубрами кишварҳои минтақа аз дигар мавридҳои муҳим дар рӯйкарди чиниҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ аст. Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ

барои ҷазби сармоягузориҳои хориҷӣ ва кӯмакҳои молӣ ва ғайримолӣ «сиёсати дарҳои бозо»-ро мавриди пазириш қарор додаанд. Дар ин росто Чин бо суръати бештар аз соири рақибон дар талош барои истифода аз ин фурсат баромадааст. Зарфиятҳои болои Чин дар иқтисод, қимати маҳсулотҳои поини чинӣ дар муқоиса бо маҳсулотҳои мушобеҳ аз соири кишварҳо, набудани ҳамроҳии кӯмакҳои Чин бо тақозоҳои сиёсӣ ва низ адами тақозо барои беҳбуди демократӣ ва ҳуқуқи башар дар кишварҳои мақсад ба он сабаб шуда, ки давлатмардон ва миллатҳои минтақа гироиши бештаре ба сармоягузорӣ бо Чин дар муқоиса бо соири бозигарони ҳозир дар минтақа аз худ нишон медиҳанд. Ниёзи Осиёи Марказӣ бо дастрасӣ ба укёнуси Ором, Ховари Дур ва Ҷануби Шарқии Осиё аз омили геополитикии муҳим дар навъи робитаи кишварҳои минтақа бо Чин маҳсуб мешавад. Дар ин робита метавон ба фароҳам овардани имкони дастрасии 3 кишвар, ки бо Чин марзи муштарак доранд ва маҳсур дар хушкӣ мебошанд, ишора кард.

Манфиатҳои муштараки Чин, Русия ва кишварҳои минтақа дар таваққуф ва саркӯбии ҷунбишҳои қавмӣ, мазҳабӣ ва ҳифзи субот дар Осиёи Марказӣ аз зумраи муҳимтарин омилҳои таъсиргузор бар сиёсатҳои иттихозшуда аз тарафи ин давлатҳо аст. Дар ин росто Чин дар ҷиҳати таъмини амнияти хатҳои лӯла, марзҳо ва пешгирӣ аз нуфузи ноороми, бахусус бо таваҷҷуҳ ба истеъдоди ноҳияҳои ҳошияии худ дар бурузи ҳаракатҳои ифротгароёна ва ҷудоиталаб ҳамчун вилояти Син Синзян Киёнг, ниёз дорад, ки амният ва субот дар минтақа барқарор гардад. Аксарияти ҷамъияти ин вилоятро мусалмонони турктабор ташкил медиҳанд.

Мулоҳизоти амниятӣ, сарзаминӣ ва таваҷҷуҳ ба манобеи табиии мавҷуд дар ин минтақа аз нигарониҳои Чин барои ҳифзи субот ва оромиш дар ин иёлот аст. Ҳол он ки ба иллати вуҷуди иштирокоти динӣ ва фарҳангӣ миёни ин вилоят ва сарзаминҳои Осиёи Марказӣ эҳтимоли густариши ноороми қавмӣ ва мазҳабӣ аз Осиёи Марказӣ ба ин вилоят муҷиботи нигаронии Чинро фароҳам овардааст. Тавре ки ҳифзи ин вилоят вобастагӣ ба назорати ошӯбҳо дар Осиёи Марказӣ дорад.

Аз тарафи дигар, бидуни шак қудрати низомии Чин дар канори тавоноиҳои иқтисодии он аз аҳрамҳои муҳимми ин кишвар дар пешбурди ҳадафҳои худ дар минтақа мебошад. Ҳарчанд Чин сиёсати худро бар пояи тавсеаи сулҳомез қарор дод ва ҳаргиз сухан ё иқдоме мубтанӣ бар истифода ё таҳдид ба нерӯи низоми аз сӯйи ин кишвар бошад ба чашм намехӯрад, аммо тасаввури ин нерӯ дар фикри давлатмардони минтақа таъсири равонии зиёде дорад ва эҳтимол меравад таҳти фишори ин омили равонӣ ҳозир шаванд ва сиёсатҳои мавриди назари Чин тан дардиҳанд. Илова бар ин вуҷуди нооромиҳо дар ин кишварҳо дар ҳоле аст, ки ба ғайр аз Қазоқистон, соири кишварҳои ин минтақа аз нерӯи низомии муносиб бе бахраанд ва зарурати ёрии соири бозигарон аз ҷумла Чин ҷиҳати саркуби ин бухронҳо лозим аст. Дар ин миён бухрони иқтисодии ҷаҳон дар солҳои охир низ бетаъсир бар нуфузи Чин дар ин кишварҳо набудааст. Зеро рушди иқтисодии Чин дар ин солҳо чашмгир буда, дар ҳоле ки бештари кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ин бухрон садама дидаанд ва Чин майдони сармоягузориро аз соири рақибон рабудааст. Эътои воми 570 миллион доллар ба Қазоқистон воми 5 миллион доллар ба Тоҷикистон барои хариди маҳсулоти чинӣ, омодагии вилоятҳои Чин барои афзоиши 30-50% сармоягузорӣ дар Осиёи Марказӣ намунаҳое аз ин талошҳо аст. Дар ин росто метавон аз баҳрабардории чиниҳо аз фурсати бадастомада барои инъиқоди муомилоти энергетикӣ бо Қазоқистон низ ном бурд.

Яке дигар аз муҳимтарин чолишҳои пеши рӯйи Чин дар чигунагии истимрори сулҳомез дар минтақаи Осиёи Марказӣ, таниш дар робитаҳои худ бо соири рақибон мебошад. Дар ҳамин росто ба назари бисёре аз коршиносони минтақа Чин ҳадафҳои худро аз тариқи созмони Шанхай дунбол мекунад, сиёсате, ки ҳатто эҳтимоли рӯёрӯйи бо НАТО-ро низ метавонад дошта бошад. Теъдоди зиёде дар Ғарб бар ин ақидаанд, ки Созмони ҳамкории Шанхай дар муқобили НАТО таъсис шудааст.

**Ҳадафҳо, абзорҳо ва чолишҳои Иттиҳодияи Аврупо дар Осиёи Марказӣ.** Ниёзи Аврупо ба энергетика ва таъмини амнияти хатҳои энергия муҳимтарин ангеза ва далели ҷалби таваҷҷуҳи Иттиҳодияи Аврупо ба Осиёи Марказӣ ва Қафқоз аст. Амалкарди Русия дар истифода аз энергетика ба унвони як ҳадафи фишор дар робитаҳои худ бо Аврупо сабаб шудааст, то Аврупо ба самти мутанаввеъсозии маҷории таъмин ва интиқоли энергия дар минтақа рӯй оварад. Аврупо хоҳони он аст, ки рақобат дар минтақа аз ҳосили ҷамъи сифр ба ҳосили ҷамъи мусбат табдил шавад, то битавон бидуни таниш ба манфиатҳои худ даст ёбад.

Ниёз ба сармоягузорӣ дар сатҳҳои мухталиф ва зарфиятҳои болои Иттиҳодияи Аврупо барои посух ба ин ниёз фурсати тиллоиро дар ихтиёри Иттиҳодияи Аврупо барои таомул бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз қарор медиҳад. Ҳамон тавр ки дар бахши нахусти ин мақола гуфта шуд, сиёсати дарҳои боз мавриди пазириши кишварҳои ин минтақа аст. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки Иттиҳодияи Аврупо дар замони феълӣ авлавиятҳои иқтисодиро дар дастури кори худ қарор додааст. Тавсеаи нуфузи Иттиҳодия аз тариқи сармоягузорӣ роҳкори амалгароёна дар минтақа мебошад, ҳатто метавонад масири муносибро барои нуфузи сиёсӣ дар муддати дароз фароҳам оварад.

Ҳамчунин истифода аз созмонҳо ва ниҳодҳои ғайридавлатӣ ба унвони абзоре барои таъқиби сиёсатҳои Аврупо ва Ғарб дар минтақа, яке аз механизмҳои мавриди назари Иттиҳодияи Аврупо дар пешбурди ҳадафҳои худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ аст, ки ҳеҷ гоҳ дар ин сатҳ аз тарафи соири бозигарон, аз ҷумлаи Чин мадди назар қарор нагирифтааст. Ба унвони мисол ҳимояти Бонки сармоягузории Аврупо ва Бонки тавсеа ва тармими Аврупо аз ҷумлаи пружаҳои Иттиҳодияи Аврупо дар Осиёи Марказӣ мебошад. Илова бар ин тақозои кишварҳои минтақа барои ҳузур дар созмонҳои монанди Созмони тиҷорати ҷаҳонӣ ҳамвора машрут ба ислоҳоти сиёсӣ – иқтисодӣ, тавсеаи демократӣ ва ҳуқуқи башар дар ин кишварҳо будааст. Бинобар ин, беҳбуди иқтисоди кишварҳои ин минтақа ниёзманди посухи мусбати онҳо ба шартҳо ва дар натиҷа нуфузи бештари Ғарб аз роҳи ин созмонҳо аст.

Дар стратегияи ҷадид ҳамкории Аврупо бо Осиёи Марказӣ дар мақтаи замонӣ байни солҳои 2007-2013 ҳукмронии хуб, ҳокимияти қонун, пайгирии сиёсатҳои ҳуқуқи башар, демократӣ, омӯзиш ва парвариш аз мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳи Иттиҳодияи Аврупо дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз аст. Пайгирии чунин фаъолиятҳо бо мушорикати созмонҳои марбута сурат мегирад ва ҳаракат дар ин росто ба ҳадде муҳим аст, ки дар сурати адами пайгирии ин сиёсатҳо аз ҷониби як кишвар, ҳамгироии бисёре аз созмонҳои байналмилалӣ бо он кишвар ба ҳолати таълиқ (корношоям) дар хоҳад омад.

Истифода аз муҳаррик яке дигар аз абзорҳои муштараки Амрико ва Иттиҳодияи Аврупо барои густариши нуфуз дар Осиёи Марказӣ аст. Тақозои баъзе аз кишварҳои минтақа барои ҳамкорӣ ё барқарории тафоҳумномаҳои низомӣ ва амниятӣ ва баъзан узвият дар НАТО сабаб шудааст, ки Аврупо аз он ба унвони абзори чоназанӣ дар ростои қабулкардани назарияҳои худ ва расидан ба ҳадафҳои марвиди назар аз ин кишварҳо истифода мекунанд. Ин дар ҳоле аст, ки бархе аз бозигарони дигар минтақа, мисли Туркия низ аз ифои нақш тавассути НАТО ва Иттиҳодияи Аврупо ба тавлиҳӣ ҳимоят мекунанд. Бо ин ҳама густариши НАТО ба қимати рӯёрӯйӣ бо дигар бозигарони минтақавӣ ҳамчун Русия, Эрон ва Чин аз чолишҳои асосии Амрико ва Иттиҳодияи Аврупо дар ба хизмат гирифтани НАТО маҳсуб мешавад. Ҳамон тавр ки гуфта шуд, НАТО ва Иттиҳодияи Аврупо ҳомиёни якдигар дар ҷиҳати нуфуз дар минтақа мебошанд. Ёрӣ гирифтан ва баҳра бурдан аз соири созмонҳо ва паймонҳои минтақавӣ, монанди Созмони амният ва ҳамкории Аврупо ба манзури пешбурди ҳадафҳои дарозмуддати худ дар кишварҳои минтақа, аз ҷумлаи дигар абзорҳои муассир ва нисбатан муваффақи Аврупо дар минтақа будааст.

Мубориза бо моводи мухаддир, ифротигароии мазҳабӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, дар канори талошҳои мубориза бо терорризм дар Афғонистон ба унвони баҳонае барои тавсеаи нуфузи барқ дар минтақа табдил шудааст. Аз тарафи дигар, ба даст овардани бозорҳои масрафӣ барои маҳсулоти Аврупоӣ аз ҷумлаи нигарониҳои муштараки Аврупо ва Чин дар Осиёи Марказӣ, ки бозори бузург ва билқуввае маҳсуб мешавад, ба шумор меравад, ки рақобатҳои ошкор ва пинҳони ду тарафро дар заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷорӣ, энергетикӣ ва амниятиро муҷиб шудааст.

**Натиҷагирӣ**. Энергия ва чолишҳои пеши рӯйи Чин ва Иттиҳодияи Аврупо дар таъмини энергетика аз зумраи дағдағаҳои муштараки ин ду бозигар дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравнд. Агарчи Чин роҳи кори иқтисодиро барои тавсеаи нуфузи худ дар Осиёи Марказӣ интихоб кардааст, вале пешбинӣ мешавад, ки чолишҳои пеши рӯйи он сабаб хоҳад шуд барои идомаи тавсеаи иқтисодӣ дар муддати дароз ва тақвияти ҳузури низомӣ худ дар минтақа рӯй оварад, ҳарчанд бо тавассул ба Созмони ҳамкории Шанхай мебошад.

Дар хусуси Иттиҳодияи Аврупо ба назар мерасад, ки эҷоди танаввӯъ дар манобеъ ва гузаргоҳҳои убури хатҳои энергетикӣ дар дастури кор қарор дорад ва

Аврупо дар ростои манфиатҳои худ бо чолишҳое рӯ ба рӯ аст, ки бисёре аз онҳо ношӣ аз дунболаравӣ аз сиёсатҳои Амрико мебошад. Аз тарафи дигар, кам шудани қудрати Амрико аз ҷойгоҳи бартари ҷаҳон ва рӯйи кор омадани Обама бо ҳамроҳи шиори тағйир фурсатеро барои Аврупо фароҳам месозад, то дар ивази дунболаравӣ аз мавзеъҳои Амрико ба дунболи таъмини манфиатҳои худ ҳаракат кунад ва аз чолишҳои пеши рӯйи худ то ҳадди зиёде бикоҳад.

Дар ҳар сурат чунин ба назар мерасад, ки Чин ва Иттиҳодияи Аврупо ба унвони ду бозигари муҳим ва таъсиргузор дар минтақа беш аз соири бозигарон, ба рақобат дар заминаи ҳадафҳои иқтисодӣ машғул мебошанд. Ин амр то ҳадди зиёде ононро аз бозигарони назири Амрико ва Русия ҷудо месозад.

**АДАБИЁТ**


1. Асанпулу Бертол. Осиёи Миёна / Асанпулу Бертол, Бенигес Александр ва дигарон. Мақолот ва гуфтугӯҳо дар бораи Афғонистон ва Осиёи Марказӣ. Тарҷумаи Коваи Баёт. Чопи аввал. –Теҳрон: Дафтари пажӯҳишҳои фарҳангӣ, 1376.
2. Абулҳасани Шерозӣ Ҳабибулло. Такрори бозии бузург дар Осиёи Марказӣ: фаслномаи тахассусии улуми сиёсӣ / Абулҳасани Шерозӣ Ҳабибулло, 1386. -№2.
3. Кулои Илоҳа. Бозии бузурги ҷадид дар Осиёи Марказӣ, заминаҳо ва чашмандозҳо / Кулои Илоҳа – Теҳрон: Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ, 1384.
4. Муродӣ Манучеҳр. Чашмандози ҳамкории Эрон ва Иттиҳодияи Аврупо дар таъмини субот ва амнияти дар Қафқози Ҷанубӣ, ҳудуд ва имконот / Муродӣ Манучеҳр. –Теҳрон: Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ, 1385.
5. Абу Альхоссейн Ширази. Обновление большой игры в Центральной Азии. Ежеквартальное издание «Политические науки» / Абу Альхоссейн Ширази, Хабиб Але, 1386. -№2.
6. Набор статей и дискуссии относительно Афганистана и Центральной Азии «Каве Баят» / Иснаполов Бартолод, Баникес Александр [и др.] // Отдел культурных исследований. –Тегеран, 1376.
7. Кулаи Альха. Новая большая игра в Центральной Азии / Кулаи Альха. Отдел политических и международных исследований. –Тегеран, 1384.
8. Муради Манучехр. Перспективы сотрудничества между Ираном и Европейским Союзом в обеспечении стабильности и безопасности на Южном Кавказе / Муради Манучехр, 1385.
9. Ferguson R. James. China and the Emereging Eurasian / R. Ferguson James, 2001.
10. Jackson Alexander. China and Cenral Asia / Jackson Alexander // Caucasian Review of International Affairs, 2009. -No.33.
11. Liwis David. The dynamics of regime change: domestic and international Factors in th Tulip Revolution central Asia survey / Liwis David, September-December 2008. – vol 27. -N. 304.
12. Siegle Matt. Crisis … what crisis? China spends big in central Asia" / Siegle Matt 2009.
13. Tazhin Marat. The Geopolitical Role of the Main Golbal players in central Asia / Tazhin, Marat // American foreign policy Interest March April, 2008. -vol 30.


**РАССМОТРЕНИЕ РОЛИ КИТАЯ И ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ**


В данной статье рассмотрены роль и перспективы политики Европейского Союза и Китайской Народной Республики в Центральной Азии. На сегодняшний день Европейский Союз уделяет определенное внимание развитию отношений со странами Центральной Азии в политической сфере и по вопросам безопасности. Главной целью Европейского Союза в Центральной Азии является постепенное вовлечение региона в орбиту своего влияния. Китай же хочет наращивать свое присутствие в данном регионе с целью дальнейшего доминирования в экономике Центральной Азии.



**Ключевые слова:** Центральная Азия, Европейский Союз, Китай, политика в отношении ЦА, содействие, экономическое и государственное строительство, экономическое управление.


**THE ROLE OF CHINA AND THE EUROPEAN UNION IN CENTRAL ASIA**


This article discusses the role and prospects of European Union policies and the people's Republic of China in Central Asia. Today the European Union pays particular attention to developing relations with the countries of Central Asia in the political sphere and on security issues. The main goal of the European Union in Central Asia is the gradual inclusion of the region into its sphere of influence. China wants to increase its presence in this region to further domination in the economy of Central Asia.



**Key words:** Central Asia, European Union, China, the policy towards Central Asia, promotion, economic and state building, economic management.



**Сведения об авторе:** ***Ризо Аббосипур Низомобод*** – Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни

# ҲОКИМИЯТИ ШИРКАТӢ

*Ғуломризо Халилии Арҷмандӣ*
**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**

Ҳокимияти ширкатӣ равише аст, ки дар он ҳайати мудира ва мудирияти иҷроия ба равобит ва масоили корӣ, назорат ва таъкид меварзад, то аҳдофи зайл муҳаққиқ шаванд:

- аҳдофи созмонӣ шомили касби боздеҳи иқтисодӣ барои соҳибони саҳом муайян шавад;
- амалиёти рӯзмарраи созмон ба дурустӣ иҷро гарданд;
- манофеи манфиатдор манфиатдор шиносӣ шуда, мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд;
- фаъолиятҳо ва рафторҳои созмон ба гунае бошад, ки итминон ҳосил шавад, ки муассиса дар шароити мутмаин, саҳеҳ ва тибқи қонунҳо ва муқаррароти ҳоким амал мекунад;
- аз манофеии саҳомдорон ҳимоят гардад.

**Аҳдофи куллӣ ҳокимияти ширкатӣ**. Ба таври хулоса аҳдофи ҳокимияти ширкатиро метавон, дар чаҳор мавриди зер баён кард:

1. Посухгӯйӣ.
2. Шаффофият.
3. Риояти тамоми ҳуқуқи манфиатдорон.
4. Инсоф.

**Маханизмҳои ҳокимияти ширкатӣ**. Созу корҳои берунисозмонӣ (муҳитӣ):

1. Назорати қонунӣ (тадвини қонунҳои назорати муносиб).
2. Режими ҳуқуқӣ (барқарории низоми ҳуқуқии муносиб).
3. Короии бозори сармоя (густариши бозор ва тақвияти короии он).
4. Назорати саҳомдорони умда: эҷодангезӣ дар саҳомдорон ва фаъолиятҳои мисли хариди саҳоми ширкатӣ.
5. Нақши сармоягузорони ниҳодӣ: ташвиқ ва густариши сармоягузорони ниҳодӣ.
6. Назорати саҳомдорони ақаллият: эҳтиром ба ҳуқуқи саҳомдорони ҷузъӣ ва ақаллият.
7. Илзомӣ кардани ҳисобрасии мустақил.
8. Фаъолияти муассисоти рутбабандӣ: эҷоди тасҳилот барои фаъолиятҳои муассисоти мазкур, созу корҳои дарунисозмонӣ (муҳитӣ):

1. Ҳаёти мудира: интихоб ва истиқрори ҳаёти мудираи тавонманд, хушном ва бетараф.
2. Мудирони иҷроӣ: тақсими масъулият байни мудирони иҷроӣ ва истиқрори нармафзори муносиб.
3. Мудирони ғайрииҷроӣ: эҷоди кумитаҳои ҳисобрасӣ бо ҳузури аъзои ҳайати мудира ва мудирони иҷрои собиқ ва хушном дар кумитаҳои мухталифи ширкат.
4. Тарроҳӣ ва тадвини ойинномаҳои дохилии ширкат.
5. Ахлоқи созмонӣ: тадвин ва густариши ойинномаи рафторӣ ҳирфаӣ.

**Мабонӣ ва усули ҳокимияти ширкатӣ**. Ҳарчанд ташкили ширкатҳои бузург ва тафкики моликият аз мудирият, дар сатҳи ҷаҳонӣ дар охири садаи 19 ва аввалҳои садаи 20 сурат гирифта, қонунҳову муқаррарот барои наҳваи идораи ширкатҳо то даҳаи соли 1990 вуҷуд доштааст. Бо ин ҳама мавзӯъ ҳокимияти ширкатӣ ба шакли кунунӣ дар даҳаи соли 1990 дар Англия, Америка ва Канада дар посух дар мушкилоти марбут ва асарбахшии ҳайати мудираи ширкатҳои бузург матраҳ шудааст. Мабонӣ ва мафоҳими ҳокимияти ширкатӣ бо таҳияи гузориши Кадбери (Cadbury) дар Англия муқаррароти ҳайати мудирия дар ширкати «Ҷенерал Моторс»-и Амрико ва гузориши Дей (Dey) дар Канада шакл гирифт.

Баъдҳо бо густариши сармоягузориҳои байналмилалӣ, ниҳодҳои мухталифе ҳамчун, Бонки ҷаҳонӣ, Созмони ҳамкорӣ ва тавсеаи иқтисодӣ (OECD) ва ғайра дар ин замина фаъол шуда, ин усули мутааддидро мунташир карданд. Яке аз охирин усули мунташиршуда дар сатҳи ҷаҳонӣ усули Созмони ҳамкорӣ ва тавсеаи иқтисодӣ дар соли 2004 аст, ки ҳавзаи зерро дар бар мегирад:

- Таъмини мабонӣ барои чаҳорчӯби муассири ҳокимияти ширкатӣ.
- Ҳуқуқи саҳомдорон ва коркардҳои аслии моликиятӣ.

- Рафтори яксон бо саҳомдорон.
- Нақши манфиатдор дар ҳокимияти ширкатӣ.
- Ифшо ва шаффофият.
- Масъулиятҳои ҳайати мудира, шомили назоратҳои дохилӣ, ҳисобрасии дохилӣ ва ғайра.

Шавоҳиди мавҷуд ҳикоят аз он дорад, ки ҳокимияти ширкатӣ яке аз роиҷтарин ибораи дар тиҷорати ҷаҳонӣ дар шурӯи ҳазораи ҷадид шудааст. Фурӯпошии ширкатҳои бузурге монанди «Enron» ва «Worldcom» дар Америка ва ба тавri мисол ширкати «Parmalat» дар Италия, дар солҳои охир таваҷҷуҳи ҳамагонро ба нақши барҷастаи ҳокимияти ширкатӣ ва таваҷҷуҳи ҷадиде ба усули мазкур дар мавриди пешгирӣ аз ин фурӯпошиҳо ҷалб кардааст. Ба фикри муҳаққиқон, «Фурӯпошии ширкатҳо сукути ҳисобрасӣ аст».

Оид ба сукути ширкати «Enron» чунин ақидаҳо роиҷанд:

- Суқути «Енрон» яке аз бузургтарин фурӯпошиҳои садаи гузашта ва садаи охир аст, ки маншаи ислоҳоти бузурге дар мавзӯи ҳокимияти ширкатӣ дар саросари ҷаҳон ва таъсири амиқе ба ҳирфаи ҳисобрасӣ доштааст. Бинобар ин, пажӯҳиш дар бораи он, судманд ва омӯзанда хоҳад буд. Баррасии фурӯпошии ин ширкат ҳовии нукоти ҳоизи аҳамияте аст, ки яке аз асоситарини онҳо заъфҳои назорати дохилӣ ва гузоришгарии молӣ аст, ки ҳосили суқути ахлоқии даруни созмон ва ҳисобрасони ширкат аст.
- Дар соли 2001 фурӯпошии «Enron», саросари дунёро бо нигаронӣ мувозеҳ сохт ва масобаи вирусии маргбор, дар саросари ҷаҳон пахш шуд ва ҳар ширкат ва ниҳоди саҳомдориро олуда сохт, саҳомдорони ҷузъиро нигарон кард ва бозорҳои молиро такон дод.
- Енрон як ширкати фаъол дар бахши энергетикӣ буд, Кинтли дар ҳувистони Америка онро таъсис кард. Ин ширкат дар соли 1985 бо идғоми ду ширкати лӯлагузории газ ба вуҷуд омад ва дар як давра, 16 сол аз воҳиди нисбатан кӯчак ба як ширкати бузурги энергетикӣ дар сатҳи байналмилалӣ табдил шуд.
- Муваффақияти «Enron» падидаи шигифтангезе буд. Дар соли 1998 8 шохаи ин ширкат, аз ҷумла дар хадамоти энергетикӣ ва сармоягузорӣ фаъол буд. Дар соли 2000 дар имдодҳои ширкат беш аз сад млрд. доллар буд ва арзиши бозории он дар бурси авроқи баҳодор ба беш аз 60 млрд. доллар расида буд. Қабл аз фурӯпошии «Enron» аз ширкати фаъол дар бахши энергетикӣ ва ба ширкати фаъол дар тиҷорати энергетикӣ ва абзорҳои молӣ бисёр барҷаста табдил шуд, ки муштақоти молии ва ҳамчунин қарордодҳои энергетикиро муомила мекард ва дар канори он лӯлагузории газро идора менамуд. Дар «Enron» муваффақият то ҳадде буд, ки ибораи тавсифӣ рӯйи дари вурудии дафтари марказӣ дар аввалҳои соли 2001 аз «Ширкати барҷастаи энкергетикии дунё» ба «Ширкати барҷастаи дунё» тағйир пайдо кард.
- Дар ширкати «Enron» арзишёбии амалкард бар асоси арзишҳои муқарраршуда, эҳтиром, садоқат, барқарории иртиботот бо дигарон ва бартарӣ буд. Лекин коркунон хеле зуд дарёфтанд, ки танҳо ду меъёри воқеӣ барои амалкарди онҳо вуҷуд дорад. Миқдори суде, ки метавонанд эҷод кунанд ва тамаллуку чоплусии мудирон ва сарпарастон.
- Яке аз заъфҳои асосӣ дар ширкати «Enron» мушкилоти ахлоқӣ ва фарҳангӣ буд, ки аз садр то зайли масъулони ширкатро фаро гирифта буд. Ҳайати мудира ва мудиромилони «Enron» мутакаббир, худхоҳ, баландпарвоз ва пуштиҳамдоз буданд. Ҳатто, бархе ақида доштанд, ки Кантли (муассиси ширкат) бештар шабеҳи роҳбари як фирқа аст ва коркунон барои ҳар ҳарфи ӯ, чоплусӣ ва тамаллуқ мекарданд ва ҳамчун барда аз ӯ тобеият менамуданд. Ҳайати мудира мутташаккил аз афроде буд, ки дорои шахсияти ахлоқи заифе буданд ва ба анҷоми корҳои тақаллубомез тамоил доштанд ва ин мавзӯъ иллати аслии шикасти ширкат буд.
- Қудрати номаҳдуди мудиромил аз алоими заъфи ҳокимияти ширкат аст. Дар ширкати «Enron» самту вазоифи раиси ҳайати мудира ва мудиромил бар уҳдаи як фард буд. Мудиромил аз ихтиёроти номаҳдуде бархурдор буд.
- Вуҷуди кумитаи ҳисобрасӣ дар ширкатҳо аз аҷзои зарури назорати дохилӣ аст. Ин кумита, ки муташаккил аз аъзои ғайримавсуфи ҳайати мудира аст, дар ширкат «Enron» вуҷуд дошт.
- Шаффофият ҷузъи зарурии як системаи саҳеҳи ҳокимияти ширкатӣ аст. Заъфи ахлоқӣ ва фарҳанги мудирият ва сохтори номуносиби он, амалкарди мудирони

ғайримавсуф, назорати дохилӣ ва кумитаи ҳисобрасӣ, бетаваҷҷуҳӣ ба манфиатдорон ва соири заъфҳои ҳокимияти ширкатӣ дар шаффофият ва гузоришгарии молии «Enron» таҷаллии вижае ёфта буд. Дар «Enron» ҳам амалкарди ҳисобрасон ва ҳисобдорон мубҳаму фиребомез буд. Ҳисобдории «Enron» шаффофу возеҳ набуд. Дар соли 2001 пас аз он ки мушаххас шуд, ки гузоришгарии молии «Enron» на танҳо беэътибор аст, балки фиребомез ва сохта аст, эътимод ва итминон ба ширкат аз байн рафт.

Ба таври хулоса нуқоти заъфи «Enron» иборатанд аз:

1. Мушкилоти ахлоқи созмонӣ ва фарҳангӣ.
2. Мушкилоти сохтории ҳайати мудира.
3. Мушкилоти назорати дохилӣ ва гузоришгарӣ.
4. Ҳисобрасии мустақил.

**Ширкати World com.** Рушди сареи бисёре аз ширкатҳои фаъол дар ҳавзаи фановарии иттилоот ва иртиботот дар даҳаи 90 ва сукути якбораи онҳо дар замони кӯтоҳе, пас аз соли 2000 намунаи дигаре аз сӯистифодаҳои молӣ дар ғоиби ҳокимияти ширкатӣ будааст. Бруни бо ташкили ширкати кӯчаки LDDS дар соли 1983 аз тариқи харид ва идғом бо ширкатҳои кӯчактар дар замони шукуфоии худ ба дуюмин ширкати мухобирати роҳи дури Амрико бо 80 ҳазор корманд ва беш аз 20 млн. муштарак дар саросари дунё табдил шуд, ки дар соли 1995 ба **World com** тағйири ном дод.

Муваффақияти хайркунандаи **World com** бо сиёсати «Рушд ба ҳар васила» ва шиори «Фарз кун ва рушд кун» шурӯъ гардид. Ба таври мисол, хариди ширкати MCI тавассути **World com**, ки нодурустии он хеле зуд ошкор гардид.

Пас аз рушди сареи ширкат маълум шуд, ки рушди тақозо ба ҳеҷ ваҷҳ дар ҳадди интизор набуда, амалан зарфиятҳое, ки ба баҳои болоӣ эҷод шуда буд, бидуни муштарӣ монд. Ҳатто ҳамин имрӯз ҳудуди 90% аз маҷмӯи 39 млн. километри фибернурӣ насабшуда дар саросари ИМА тавассути ширкат бидуни истифода ба сурати фибертори (DARK FIBER) боқӣ монадааст.

Ширкат дар соли 2001-2002 саъй кард, ки бо пинҳон кардани зиёни ҳосил аз сармоягузории нодуруст аз сукути қимати саҳом ҷилавгирӣ кунад, аммо саранҷом дар охирҳои 2002 эъломи варшикастагӣ кард.

**Ширкати «Parmalat». «Parmalat»** як ширкати кӯчаки хусусии тавзеи шири тозашуда буд, ки дар солҳои 1960 дар Пармаи Италия фаъолияти худро оғоз кард. Дар соли 1974 ҷаҳонӣ шуда, дар Бразилия Зеландияи нав ва Эквадор мустақар шуд. Ширкат аз соли 1990 вориди бурс ва ба унвони 7-умин гурӯҳи хусусии Италия матраҳ шуд ва мартабаи нахусти ҷаҳониро дар бозори шир қобили нигаҳдорӣ дар дарозмуддат касб кард. Ширкат 37 ҳазор корманд дошт ва дар 30 кишвари ҷаҳон истихдоми худро дошт.

Сармоягузории 500 млн. евро **«Parmalat»** дар ширкат EPICURUM ибтидо маъмурони молиёти Италияро барангехт ва комиссияи назорат бар муомилоти бурз аз ширкат хост, то чигунагии бозпардохти қарзе, ки муҳлаташ поёни 2003 буд, тавзеҳ диҳад. Ҳайати раисаи **«Parmalat»** барои итминони саҳомдорон бо ироаи санаде аз яке аз шуъбаҳои бонки Амрико эълом дошт, ки сармояи болиғ бар 4 млрд. евра дар ихтиёр дорад, аммо ин санади ҷаълӣ буд ва расвоӣ оғоз шуд.

Ба зуди ифшо мешавад, ки қарзҳои **«Parmalat»** болиғ бар 11 млрд. евра буда, аз раванди ихтилофи ҳисобсозӣ ва дасткории асноди суддиҳии дурӯғ, ки радёбии сармояҳоро ғайримумкин месозанд, пинҳон нигоҳ дошта шудааст.

**Қонуни sarbese oxely.** Пас аз ифшои тақаллуботи густурда дар бозори сармояи ҷаҳонӣ ба вижа мавзӯи ширкатҳои «Enron», **«Parmalat»**, **«Parmalat»**, ва ғайра кунгураи Амрико, кумитаи хосеро маъмури ин қазия ва ёфтани роҳкориҳои муқобила бо фасод ва тақаллуб намуд. Роҳбарии ин кумита бар уҳдаи сенатори америкоӣ ба номи Пол сарбейнз ва як нафар намояндаи конгресси Амрико ба номи Мишел Оксли талфиз шуда буд. Онон бо ҳамкории созмони ҳисобрасии давлатӣ, анҷумани ҳисобдорони Амрико ва созмони бурси Амрико лоиҳаеро танзим карданд, ки баъдҳо ба номи ҳамин ду нафар ба номи «Қонуни Сарбейнз –Оксли» ё Sarbense-Oxely Act (SOA) машҳур шуд. Дар воқеъ муҳтавои ин қонун ифшои иттилооти дурусту бамавқеъ ва шаффофияти молии, ҳисобрасон ва ширкат буд. Қонуни мазкур дар ҷаласаи 170-и конгресс дар таърихи 23.06.2002 ба тасвиби намояндагон расид ва дар таърихи 30.07. 2002 пас аз ризоии Ҷорҷ Буш ҷиҳати иҷро ба SEC иблоғ шуд.

Ин лоиҳа кори мушовараро, ки муассисоти ҳисобрасӣ маҷозан барои соҳибкорон анҷом медоданд, маҳдуд месозад. Афзун бар он, лоиҳаи мазкур ҳавзаҳои

масъулияти ҷадиде бар масъулиятҳои ҳисобрасон афзуд. Бар асоси бахши 404-и, қонуни мазкур ширкатҳои феҳрастшуда дар бурси авроқи баҳодори Ню-Йорк мулзам шуданд, дар гузоришҳои солона, гузориши ҷудогонае дар бораи арзёбии асарбахшии назоратҳои дохилии ширкат ироа кунанд.

Ба муҷиби қонуни Сарбейнз барои тахаллуфоти мутақаллибона, то 20 сол зиндонӣ пешбинӣ шуда, ки аввалин натиҷаи он муҳокимаи мудирони ширкати «Enron» буд, ки натиҷаи райи додгоҳ ончунон барои мудирони мутақаллиби «Enron» сахт омад, ки Контли раиси ҳайати мудираи ширкати «Enron» рӯзи чаҳоршанбе 14.04.1384 пас аз ду моҳи ҳабс дучори сактаи қалб шуд. Сахтгириҳои бозори сармоя чунон шуд, ки барои мудирони мутақаллиб ду роҳи бештаре вуҷуд надорад: ё ҳабсҳои тӯлонӣ беш аз сад сол ва ё худкушӣ ва сактаи қалбӣ.

Қоидатан аксар бозингарони иқтисодӣ бояд хирадманд бошанд. Ин қонун бояд ҳилоли бисёре аз мушкилоти ношӣ аз тақаллубҳои молӣ, дар ширкатҳо бошанд. Қонуни Сарбейнз –Оксли таркиб ва созмони тақрибан тамоми фаъолони муҳим дар як ширкатро мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳад. Коршиносон ин таркибро «занҷири тадоруки гузориши ширкат» мехонанд. Ин таркиб шомили раисҳо, мудирон, ҳисобрасон, вакилон ва коршиносони авроқи баҳодор мебошад.

**Мазоёи ҳокимияти ширкатӣ**. Дар ҳоли ҳозир, саҳмдорони ҷузъӣ ҳеҷ гуна абзоре ҷиҳати назорат ва ҳатто иттилоъ аз мансуботи ҳайати мудира ва дастрасӣ ба суратҳои молии комил надоранд. Дар ҳоле ки дар ойинномаи ширкатӣ пешбинӣ шуда, ки ширкатҳои бурсӣ (ки машмули ойинномаи ҳокимияти ширкатҳо мешаванд) бояд дорои пойгоҳи иттилоърасонии электроникӣ бошанд ва куллия ахбор, омор ва иттилооти молиро бамавқеъ ба ихтиёри ҳама саҳомдорон бигзоранд ва дар ҳайати раисаи маҷмӯъ ва ҳамчун, дар ҳайати мудираи ширкат низ аз байни саҳомдорони ҷузъӣ намояндае вуҷуд дошта бошад, то эҳтимоли тахаллуф касир гардад.

Ҳокимияти ширкатӣ дарвоқеъ навъи маҳдудият барои саҳомдорони умда ва дастрасии саҳомдорони ҷузъӣ ба иттилоот ва аъмоли назорати мудирият, мазоёи ойинномаи ҳокимиятӣ, шаффофсозии иттилоот, риояи яксони ҳуқуқӣ, барқарори системаҳои назорати дохилӣ ва иртиқои робитаи ҳисобрасони мустақил бо ширкат мебошад.

Мавзӯи ҳокимияти ширкатӣ аз даҳаи 1990 дар кишварҳои саноатии пешрафтаи ҷаҳон назири Англия, Австалия ва бархе аз кишварҳои аврупоӣ матраҳ шуд. Собиқаи ин амр ба гузориши муаррифӣ ба номи Cadburry report бармегардад, ки соли 1992 мунташир шуд ва дар ин гузориш ба барқарории системаи назорати дохилӣ ва ҳисобрасии дохилӣ таъкиди зиёде шуда буд. Баъдҳо дар ифшои моҷарои интихобот ва ҳамчунин тақаллуб дар бозори сармояи Амрико, дар соли 2001 сабаби тасвиби қонуне ба номи «Сарбейнз -Оксли» ё ҳамон ҳокимияти ширкатӣ шуд. Дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, Англия, Австралия, Канада ва Америка қонуни ҳокимияти ширкатӣ ва ё Сарбейнз-Оксли аз соли 2004 иҷро мешавад.

**Натиҷагирӣ**. Ҳадафи аслии қонуни ҳокимияти ширкатӣ шаффофсозӣ ва посӯхгӯйӣ дар бозори сармоя мебошад. Бинобар ин, дар кишваре, ки ба мавзӯи посӯхгӯйӣ ва шаффофият таваҷҷӯҳе нашавад ва ё мавзӯи ҳукумронӣ хуб матраҳ набошад, ойинномаи ҳокимияти ширкатҳо корсоз нахоҳад буд. Чун созу кори ҳокимияти ширкатӣ бархӯрди ҷиддӣ бо тақаллуфоти ширкатҳо ва мудирони онҳо мебошад, дар ин маврид дар Эрон собиқаи хосе вуҷуд надорад.

**КОРПОРАТИВНОЕ УПРАВЛЕНИЕ**

В данной работе рассмотрена сущность корпоративного управления, эффективное корпоративное управление, а также основные мотивационные механизмы, применяемые в корпоративном управлении.

Механизм управления представляет собой совокупность экономических, мотивационных, организационных и правовых способов целенаправленного взаимодействия субъектов и воздействия на их деятельность, обеспечивающих согласование интересов взаимодействующих сторон, объектов и субъектов управления. Так как факторы управления могут иметь экономическую, социальную, организационную, правовую и политическую природу, комплексный механизм управления должен представлять собой систему экономических, мотивационных и организационных механизмов.

**Ключевые слова:** корпоративное управление, компания, управление компанией, факторы управления, экономические механизмы, организационне механизмы, объекты и субъекты управления, интересов взаимодействующих сторон.

**CORPORATE GOVERNANCE**

In the given work the essence of corporate governance efficient corporate management, and also the basic motivational mechanisms used in corporate governance.

The mechanism of management is a set of economic, motivation, organizational and legal methods of purposeful interaction of the subjects and the impact on their activities to ensure harmonization of the interests of the

communicating parties, objects and subjects of management. As management factors may have economic, social, institutional, legal and political nature, the complex mechanism of control should be a system of economic, motivational and organizational mechanisms.

**Key words:** corporate governance, the company, company management, management factors, economic mechanisms, institutional arrangements, objects and subjects of management, interests of the communicating parties.

**Сведения об авторе:** ***Гуломризо Халил Арджманди*** - соискатель Института экономики и демографии АН РТ

# БАРРАСИИ МОДЕЛҲОИ КАЙФИЯТИ ХАДАМОТ ВА АСАРГУЗОРИИ ОНОН БАР СОЗМОНҲОИ ХАДАМОТӢ

***Нодири Ҷаннатӣ***
**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**

Дар «Фарҳанги Муин» вожаи кайфият ба маънии камият ба маънии ҳад, андоза оварда шудааст. Дар «Луғатномаи Деҳхудо» кайфият ба маънии чигунагӣ ва вазъияте аст, ки дар чизе ҳосил ояд. Дар адабиёти Юнон вожаи кайфият ба маънои имтиёз аст ки тавассути фалсафа интихоб шуда, сифати тамоюзи чизе нисбат ба чизи дигарро нишон медиҳад, сифати як шай, хусусияте аст ки онро аз соири ашё мутамоиз месозад. Ҳамчунин ин вожа барои сифатҳо ва вижагиҳои фикрӣ ва ахлоқӣ, аз қабили истиқлол ва дурустӣ, ки маъмулан дорои мафҳуми хубие ҳастанд, ба кор бурда мешавад. Дар «Фарҳанги Оксфорд» вожаи кайфият дар заминаи касбу корба ду мафҳум ишора менамояд:

1.Хусусиёти маҳсул ё хидмат, ки тавоноии бароварда кардани хостаҳо ва ниёзҳои муштариёнро дошта бошад.

2.Тавлиди маҳсул ва хадамот бидуни ҳеҷ каму косте дар мудирият, кайфият ба маънои «мутобиқат бар илзомоти бамуштариёншуда ва хусусиёти маҳсул ва хидмат» унвон шудааст.

Оғози кори кайфият, хадамот ба соли 1920, замоне ки тавлидкунандагон шурӯъ ба тамаркуз бар рӯйи тавлидоти физикии молҳо ва санҷиши дохилии фарояндӣ тавлид намуданд, бармегардонад. Кайфияти фарогир ба оҳистагӣ роҳро барои тамаркуз бар рӯйи бахшҳои хадамотӣ ва иртибот бо муштариён ҳамвор карда ва муҳимтарин омили тамоюз дар байни ширкатҳо шуда ва ба қавитарин аслиҳаи фароянди хадамот дар созмонҳо табдил гардидааст. Кайфияти хадамот бо ризоияти муштариён робитаи зич дошта, иртиботи он бо вафодории муштарӣ, ва арзиш ва тасмим ба хариди дубора мавриди мутолиа ва таид қарор гирифтааст.

Бинобар ин, дар аввалин қадам аз беҳбуди кайфиятии хадамот бояд дарки равшане аз мафҳуми кайфият дошта бошем. Ба илова таърифи кайфият на танҳо аз ҷиҳати маъноӣ ҳаст, балки муҳимтар аз он ин аст, ки ҳидояткунандаи куллияи талошҳои коркунон дар тамоми сатҳҳои созмон ҷиҳати расидан ба хадамот бокайфияттар хоҳад буд.

Сораш Чондор ва ҳамкоронаш (2001) ишора мекунанд, ки агарчи бештари созмонҳои хадамоти, тасвире аз таомули инсонии байнӣ ва ироадиҳандаи хидмат расм кардаанд, вале созмонҳое ҳам ҳастанд ки ба авомили муассири дигаре монанди муҳити физикӣ, ки бар рафтор ва тасвири муштариён аз созмон ва коркунони он, бавижа дар маконҳое монанди меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо дафтарҳои хадамотӣ, бонкҳо, бемористонҳо, супермаркетҳо асар доранд, ба унвони шоҳидҳои кайфияти хидмат таваҷҷуҳ доранд. Кайфият дар созмонҳои хадамотӣ ба маънии ҳудуде аз хадамот ироа шудааст, ки интизороти муштариёнро бароварда мекунад. Кайфияти хадамот ба таври густурдае ба унвони як омили калидӣ дар ҷиҳати эҷоди бартарии рақобатӣ дар бештари кишварҳои саноатӣ мавриди таъйид қарор гирифтааст.

Бештари таҳқиқот дар ин маврид мутамарказ буда, ин мавзӯъро аз диди муштариён мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳанд.

Таъриф ва мутадовиле, ки дар мавриди кайфияти хадамот дорад, ин аст, ки хидмат бояд бартарафкунандаи ниёзҳо ва хостаҳои муштариён бошад, интизороти онопро бароварда намояд ва муҷиби ризояти хотири онон шавад.

Поро Сурмон ва Зито Мал дар миёнаи даҳаи 1980 модели дар робита бо кайфияти хадамот пешниҳод карданд ва дар ин модел фаъолиятҳои умдаи созмонҳои хадамотиро, ки бар идроки кайфият таъсиргузор буд, мавриди мутолиа ва таҳқиқ қарор доданд. Зимни ин ки дар ин модел иттисоли фаъолиятҳои созмон ва байни

онҳо ва иртиботи он бо сатҳи ризоятбахши кайфияти хадамот ироа шуда, ба намоиш гузошта шудааст. Ин иттисолот ба унвони фосила ва ё ихтилофоти мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин фосилаҳо монеаҳои хизматрасонӣ ва иллатҳои ба вуҷуд омадани онҳо хоҳад шуд.

1) Фосила, байни интизорот -идроки мудирият: Фосилаи аввал замоне эҷод мешавад, ки мудирияти созмонҳои ироадиҳанда, хадамоти дарки нодурусти аз интизорот ва хостаҳои (воқеӣ) муштариён доранд. Иллати эҷоди чунин фосила ба далели адами таваҷҷуҳи кофӣ ба бозор мебошад.

2) Фосила дар шиносоии кайфияти хадамот: Иллати ба вуҷуд омадани ин фосила, адами тавоноии ин мудирияти созмон дар табдили интизороти муштариён ба намудҳои кайфӣ буда, нотавониҳои созмон дар тарроҳии хадамотро дар пай доштааст.

Дар воқеъ, метавон ин гуна ба муштариён рафтор кард, ки гоҳе афроде, ки ба таҳия ва тадвини стандартҳои амалиётӣ машғуланд, эътиқоде ба интизороти муштариён надоранд ва онҳоро номаъқул ва ғайривоқеӣ мепиндоранд. Гоҳе вақт созмонҳо боварӣ доранд, ки хадамот зотан тағйирпазиранд (ки албатта, ин амр комилан дуруст аст) ва ба ин далел стандартҳо наметавонанд барои дастёбӣ ба аҳдоф муфид бошад. Баъзе аз созмонҳои хадамотӣ низ бовари доранд, тақозое барои хидмат қобили пешбинӣ нест, лизо таҳияи стандартҳои мадори корҳои муҳимтарини мудириятро ба коркунон нишон медиҳад.

3) Фосила дар ироаи хадамот: Дастуруламалҳои ироаи хадамоти тазмимкунанда болои кайфияти хадамот ва ё амалкард нест. Ин амр далоили мутаадиде дорад. Монанди, адами ҳимояти кофӣ аз сӯйи коркуноне, ки бо муштариён иртиботи мустақим доранд, масоил ва мушкилоти фароянде дар ироаи хадамот, мутағайир будани амалкарди коркунони синфии ироадиҳандаи хадамот.

Лозим ба ёдоварист, ки агар муштариёни созмон низ аз уҳдаи ифои муносиби нақши худ барнаоянд ва иттилооти муносиб ва мавриди ниёзи коркунонро ба он ироа накунанд ва ё раҳномои коркунонро беаҳамият унвон кунанд, кайфияти хадамот дучори садама мешавад.

4) Фосила дар робитаҳои хориҷи: Интизороти муштариён ба василаи иртиботи хориҷӣ созмони ироадиҳанда шакл мегирад. Созмонҳои хадамотӣ бояд итминон ҳосил кунанд, ки бозорёбии онон ва тағйир дар наҳваи ироаи хадамот ба таври воқеӣ дар ҷиҳати болоравии сатҳи кайфӣ ироаи хадамот аст.

5) Фосила байни кайфияти хадамоти мавриди интизор ва кайфияти хадамоти дарёфтшуда: Кайфияти воқеии хадамоти дарёфтшуда бастагӣ ба андоза ва ҷиҳати ин фосила дорад. Ҳарчи андозаи ин шикоф майдатар бошад, мизони ризоияти муштариён аз кайфияти дарёфтшуда бештар аст.

Модели кайфияти хадамоти сайт дар соли 2004 тавассути Лонг ва Микмлун дар хусуси тавсеаи модели аввалияи муқоисаи кайфияти сайт, ки дар соли 2001 тавассути Ю ва Дансу ҷиҳати андозагирии мизони кайфият дарк шудаанд ва аз хариди интернетӣ тавассути муштариён муаррифӣ шуда буд, ироа гардид. Ин модел барои андозагирии харҷи коротари кайфият дарк шуда, хадамот дар иртибот бо сайт ва фановарии иттилооти созмонҳо мавриди истифода қарор гирифт ва тавассути ин модел метавон илова бар дарки ҳарчи беҳтари интизороти муштариёни созмон, кайфияти хадамоти даркшуда тавассути ононро дар иртибот бо фановарии иттилоот андозагирӣ намуд, ки дар ниҳоят сабаб бар ироаи як методи бисёр қавӣ дар шиносоӣ ва аввалинии авомили муассир ба ниёзҳои муштариён дар иртибот бо фановарӣ истифода шуда, натанҳо ниёзҳои онон аз ин тариқ шиносоӣ ва овлиятбанди мегардад, балки халлоқият ва унвонкарде, ки ин модел шомили ҳафт омили асосӣ таҳти унвони модели миқёси кайфиятии дорад, сайт бинобар ниёзҳои муштариён тарроҳӣ мешавад. Ин ишонгари он аст, ки омили дастрас будан бо 13 гузина, омили итминон бо 6 гузина, омили ҳамдилӣ бо 3 гузина, омили қобили эътимод бо 5 гузина, омили иртибот бо 12 гузина, омили супориш 3 гузина ва омили посухгӯйи бо 7 гузина метавонанд дар ризояти муштариён дар бакоргирӣ аз Интернет ва боздиди як сайти хос таъсиргузор бошанд.

Поро Суромон ризоияти муштариро дар кайфияти хадамоти ироашуда медонад ва барои андозагирии он мудири миқёс кайфияти хадамотро шомил бар панҷ буъд муаррифӣ менамояд. Ин модел натиҷаи миқёса интизороти муштариён аз кайфият бо идрокоти ӯ аз кайфият дарёфт шудааст. Поро Суромон ақида дорад, ки кайфияти

хадамот шомили, интизороти қабл аз харид, кайфияти идрокшуда, фароянди харид ва кайфияти идрокшуда дар натиҷаи масраф аст. Вай кайфияти хадамотро ба унвони фосила байни интизороти муштарӣ аз хидмат ва идрокоти ӯ, аз хидмати дарёфтшуда муаррифӣ мекунад.

Миқёси кайфияти хидмат дар бозорёбии хадамот аввалан, иброз барои арзёбии кайфият мебошад. Ин иброз ба таври густурда тавассути мудирон ва муҳаққиқон барои арзёбии идрокот аз кайфияти хадамот истифода мешавад. Миқёси кайфияти хадамот дорои 22 муалифа (дар панҷ буд) стандарт шудааст, ки барои андозагирии интизорот ва идрокоти муштариён дар бораи абъоди муҳимми кайфият ба кор меравад. Ин миқёс шомили панҷ буъди асосӣ ба шарҳи зер аст:

1) Авомили махсус. Ин авомил шомили таҷҳизоти модерн, имконоти физикии қобили таваҷҷуҳ, коркунони бо зоҳири тамиз ва ороста, мадракоти мураттаб ва муназзам мебошад.

2) Қобили эътимод будан. Шомили анҷоми кор ё хидмат дар муддатзамони таъиншуда нишон додани алоқаи холисона барои ҳалли мушкилоти, анҷоми ислоҳот ва хадамот дар аввалин замон ва ироаи гузориши сахи ва бидуни нуқс.

3) Посухгӯ будан. Шомил ба муштариёни дақиқи хадамотӣ, ки коркунон ба ироа хоҳанд дод, ироаи хадамот дар камтарин замони мумкин, тамоили доимии коркунон барои кӯмак ба муштариён ва посухи коркунон ба муштариён таҳти ҳар шароит.

4) Итминон. Эҷоди эътимод дар муштариёнро бо рафторҳои матлуб, эҳмоми амнияти муштариён дар таомулоти худ бо созмон, рафтори муадабона бо муштариён ва кофӣ будани дониши коркунон барои посух ба саволҳои муштариён.

5) Ҳамдилӣ. Мавриде чун таваҷҷуҳи фардӣ ба муштариён, соатҳои кории муносиб барои куллияи муштариён, нишон додани таваҷҷуҳи шахсӣ ба муштариён тавассути коркунон, хостори беҳтарин манофеъ барои муштариён ва дарки ниёзҳои хоси муштариён.

Дар модели Кону вижагиҳои хидмат ё маҳсулро бо таваҷҷуҳ ба чигунаги тавоноӣ дар ирзои ниёзҳои муштариён ба се даста - асосӣ, амалкардӣ ва ангезишӣ тақсим мешаванд.

- Ниёзҳои асоси: вижагиҳое дар маҳсул ё хидмат ҳастанд, ки дар сурати набудани ин вижагиҳо муштариён норозӣ мешаванд. Вале вуҷуди онҳо боиси ризоят намешаванд (монанди эмин будани парвозҳои ҳавоӣ).
- Ниёзҳои амалкардӣ ё корбурди: дастаи хусусияти кайфӣ, илзомоти амалкарди маҳсул аст, ки адами бароварда сохтани онҳо муҷиби норизоиятии муштариён мегардад ва дар муқобили бароварда шудани комил ва муносиби онҳо ризоят ва хушнудиро ба дунбол хоҳад дошт.
- Ниёзҳои ангезишӣ ё фаротар аз интизор: Дастаи сеюми хусусиёти кайфи дар моделҳои қонун ниёзҳои кайфие хастанд, ки дар замони корбурди маҳсул ба унвони як ниёз ва илзом аз диди унвон кардан намегардад ва дар натиҷа адами бароварда сохтани ин гурӯҳ аз илзомоти кайфӣ муҷиби адами ризоиятӣ намешавад, вале ироаи онҳо дар маҳсул, ҳаяҷон ва ризоятӣ болоиро падид меоварад. Хусусиёти бозории ин илзомот ин аст, ки аз тарафи муштарӣ унвон намешавад, вале дар сурати шиносоӣ ва боис шудани онҳо муваффақияти бисёр муносиберо барои созмон ба армуғон хоҳад овард.

«Брунурз» дар соли 1984 модели себуди дар мавриди кайфияти хадамотро ба шарҳи зер ироа намуд:

1. Кайфияти фанни ситодаҳо. Манзур аз кайфияти фанни хадамот ситодаҳои воқеии хадамот мебошад. Ситодаи хадамот ба василаи масрафкунанда ба сурати айнӣ андозагирӣ мешавад;
2. Кайфияти коркарди хадамот. Ин ҷанба аз кайфият бо таомул байни ироадиҳандаи хадамот ва масрафкунандаи хадамот ва дар шароити зеҳнӣ таъриф мешавад;
3. Тасвири муштарак. Ин омил ба идроки муштариён аз созмони хадамотӣ таваҷҷуҳ дошта, ба тасвири муштарак, ба кайфияти фаннӣ ва коркардӣ, қимат, иртиботи хориҷӣ, мавқеияти физикии созмон, вазъияти зоҳирии муҳит ва коркунон, шоистагӣ ва рафтори коркунон, созмонҳои хадамотӣ бастагӣ дорад.

Мур моделҳои 6 марҳиларо барои арзёбии кайфияти хадамот пешниҳод карда, дар ин модел масири расидан ба кайфиятро бар асос, тарҳи мароҳил нишон медиҳад. Дар ин модел ҳар омили кайфияти хадамот дар ҳар марҳила муаррифӣ мешавад. Ин

модел бар асоси бозорёбии беруни тарроҳӣ шуда, ба масобаи тарҳ аст, ки дар ҷиҳати афзоиши кайфияти хадамот тарсим шудааст. Дар ин модел навҳаи пешбинии эҷоди манобеъ, аҳли масоил ва мушкилоти марбут ба кайфияти хадамот, шиносоӣ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Марҳилаи 2,3 ва 4 ҷузъҳои аслӣ ва калидии модел маҳсуб мешаванд. Натиҷаи марҳилаи чаҳорум тарсими як тарҳ барои эҷоди кайфият мавриди назар мебошад.

Имрӯзҳо бисёре аз созмонҳои тавлидӣ ва хадамотӣ талош мекунанд, ки маҳсулот ва хадамоти худро бо кайфияти матлуб ба муштариён арза кунанд. Дар дунёи рақобатии имрӯз кайфият ба унвони як имтиёз дар саҳнаи рақобат ва як омили муҳим ва муассир дар муваффақияти муассиса шинохта шудааст. Бидуни шак, мафҳуми кайфият қобили рабтӣ ва тамомии созмонҳо иборат аз тавлидӣ ва хадамотӣ аст.

Ба ҳамин далел имрӯзҳо стандартҳои кайфияти ҷаҳонӣ ба муштариён шудааст ва маъруфтарини онҳо системи кайфияти стандартҳои махфии ISO 9000 ҳастанд, ки маҷмӯае аз стандартҳои ҷаҳонии кайфият барои саноатҳои гуногун ба ҳисоб меоянд.

Ба таври хулоса метавон гуфт, ки стандартҳои ISO 9000 ба унвони стандартҳои системаи кайфият аз як сӯ муҷиби эҷоди таҳаввул барои беҳбуди кайфияти пай дар пай мешаванд ва аз сӯйи дигар барои тамоми соҳибони суд ин эътимодро фароҳам меоваранд. Ширкатҳо ҳар он чиро ки иддао мекунанд, шоҳидии кофӣ барои исботи он дар ихтиёр доранд. Чунончи ширкатҳо натавонанд бо истифода аз стандартҳои ҷаҳонии кайфияти ниёзҳои муштариёни худро бароварда созанд.

Ба таври катъӣ ва бо вуҷуди рақибони хусусӣ, саҳми бозори худро аз даст медиҳанд ва мумкин аст бархе аз онҳо аз саҳнаи рақобат берун шаванд.

### АДАБИЁТ


1. Resource: Ghobadian: et al: Service Quality, 1994. -P. 58.
2. Ќонуни молиётњои мустаќими Эрон. Вазорати иќтисод ва дорої, 1982.
3. Гафори Махноз. Баррасии асари молиёт бар тавзеи даромад / Гафори Махноз // Фаслномаи молиёт ва тавсеа, 2007. -№4.
4. Қавонини бучаи санавоти, созмони мудирият ва барномарези, намугарњои иктисодии бонки маркази, 2007.
5. Morishita T. Roshia no Hobunka (Russian Legal Culture) / T. Morishita, 1997.
6. Catalyst for the elite the fletcher forum of world affairs, 1998. -Vol.22:2.


### ИССЛЕДОВАНИЕ УСПЕШНОЙ МОДЕЛИ МЕНЕДЖМЕНТА КАЧЕСТВА И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА СИСТЕМУ КАЧЕСТВА ОРГАНИЗАЦИЙ


Тема экономики качества в современный период является одной из популярных тем при обсуждении вопросов менеджмента качества. В данной статье автор рассматривает модель менеджмента качества и ее влияние на систему качества организаций.



**Ключевые слова:** качество, модель качества организации, менеджмент качества, систему качества организаций.


### A STUDY OF SUCCESSFUL MODELS OF QUALITY MANAGEMENT AND ITS IMPACT ON THE QUALITY SYSTEM ORGANIZATIONS


The Economics of quality in the modern period, is one of the popular topics of discussion of questions of quality management. In this article the author considers the model of quality management and its impact on the quality system organizations.



**Key words:** quality, quality model of organization, quality management, quality system organizations.



**Сведения об авторе:** ***Нодири Джаннати*** – соискатель Института экономики и демографии АН РТ


## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ИҚТИСОДИ КИШВАРҲО


***Ҳомидризо Амирҳасанхонӣ***

**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**


Интернет зиндагии мо ва шеваҳои барқарори иртибот бо дигаронро дигаргун кардааст. Ба таври асосӣ Интернет ҳама ҷанбаъҳои ҷомеаи инсониро каму беш тағйир додааст. Дар солҳои охир аҳамияти Интернет ва фановарии иттилоот ҳам дар фазои тиҷорӣ ва ҳам дар фазои хусусӣ ба таври қобили мулоҳизае афзоиш ёфтааст (бавижа бо афзоиши корбарони Интернет ва афзоиши хадамоти Интернет). Бидуни шак, коркунони созмон ва муҳити кори эшон аз назари тарроҳии шуғл, шароит кор ва бисёр чизҳои дигар тахти таъсири Интернет ва фановарии иттилоот қарор

гирифтааст. Ба гуфти Борлай «муваффақият дар оянда ба эҳтимоли зиёд вобаста ба истифода аз дониши фаннӣ ва илмӣ, мудирияти иттилоот ва фароҳам кардани хадамоти беҳтар аст. Аз он чи ки дар муҳити тиҷорати имрӯза афрод ва дониши онҳо ба унвони ҳаётитарин дороии созмон маҳсуб мешаванд, табиист, ки ҳар ширкате бояд нисбат ба он бо иттилоъ омодаи пазириши тағйироти ҷадид бошад.

Муқоисаи таҳаввулоти се даҳаи охир ҳокӣ аз он аст, ки ин таҳаввулот нисбат ба гузашта тафовути асосӣ дорад ва иллати аслии ин ихтилофҳо марбут ба инқилобе аст, ки дар ин даҳаҳо рух додааст. Вуқӯи инқилоби иттилоот ва иртибот дар ин даҳаҳо боис шудааст, ки асри ҳозир низ ба номи асри иттилоот ва иртибот номида шавад. Омиле, ки боиси ба вуҷуд омадани чунин асаре шудааст, фановарии иттилоот ва иртибот аст. Ин фановарӣ бо фановариҳои асри инқилоби саноатӣ тафовути асосӣ дорад. Роҳи оҳан ҷадидтарин фановарӣ дар авосити қарни XIX буд. Роҳи оҳан бо иттисоли тӯлонитарин вагонҳо ва сареътарин локомативҳо боиси тағйири бозорҳо шуд ва аз ин тариқ муҷиби тағйири равиши касбу кор дар он замон гардид. Мазиятҳои рақобатии фаровоне барои ширкатҳое, ки дар канори роҳи оҳан қарор доштанд, ба вуҷуд овард. Бо ин ҳол фановариҳое ҷадид бо фановариҳое мисли роҳи оҳан тафовути умда дорад ва омили тафовут ин аст, ки фановарии иттилоот ва иртибот тамоми ҳавзаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, давлатӣ, амниятӣ, беҳдоштӣ ва ғайраро тахти таъсир қарор додааст. Баррасиҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 1965 фановарии иттилоот ва иртибот ҳудуди 5% аз ҳазинаҳои сармоягузории ширкатҳоро ба худ ихтисос додааст. Ин рақам дар даҳаи 1980 ба 15% афзоиш ёфт ва дар ибтидои даҳаи 1990 хазинаҳои сармоягузории фановарии иттилооти ширкатҳо ба 20% ва дар интиҳои даҳаи 1990 ба 50% кулли ҳазинаҳои сармоягузории ширкатҳо афзоиш меёбад. Касбу корро тағйир додааст ва метавонад ба мазиятҳои стратегӣ барои ширкатҳо табдил шавад. Густариши фановарии иттилоот ва иртибот дар кишварҳои тавсеаёфта боиси афзоиши иқтисодии ин кишварҳо шудааст. Беҳбуди амалкарди созмонҳо зуҳури бозорҳои ҷадид, беҳбуди мутағайирҳои хурду калони иқтисоди кишварҳои тавсеаёфта аз даҳаи 1990 ҳосили сиёсатҳои вусъатдиҳии фановарии иттилоот ва иртибот дар ин кишварҳост. Бешак, ҳама кишварҳо ба аҳамияти ишоаи фановарии иттилоот ва иртибот дар тамоми ҳавзаҳо пай бурдаанд ва дар бархе маворид онро ба унвони абзори тавсеа ва роҳмиёнбари кишварҳои дар ҳоли тавсеа матраҳ мекунанд. Саволи муҳиме, ки дар ин миён барои кишварҳои дар ҳоли тавсеа матраҳ мешавад ин аст ки, чӣ гуна метавон фановарии иттилоот ва иртиботро дар кишвар бо тавҷеҳ бо сохтор ва вижагиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва фаннӣ густариш дод, то манофеи онро ҳадди аксар ва мазияти эҳтимолии ононро дар ҳадди ақал нигаҳ дошт. Барои истифода аз ин фановарӣ ба унвони абзори тавсеа бояд сиёсатҳои матлуб ва беҳинаи густариши фановарии иттилоот ва иртибот бо таваҷҷуҳ бо имконот ва сохтори мавҷуди кишвар интихоб шавад, то муҷиби афзоиши корои иқтисодӣ шавад. Тибқи назари бисёре аз иқтисоддонон мутахассисон ва ояндanигарҳо дар солҳои охири инқилобӣ мушобеҳи инқилоби саноатӣ ба вуқӯъ пайваста, ки ҷаҳонро вориди «асри иттилоот» сохта, бисёре аз ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳаёти башарро дастхуши таҳлили амиқ намудааст. Яке аз абъоди ин таҳаввул тағйироти амиқе аст, ки дар фановарии иттилоот ба вуҷуд омадааст. Чашмандози ҷаҳон бо баҳрагирии фановарии иттилоот тафовути арзандагии имрӯзи мост. Фарзандоне, ки дар қарни оянда мутаваллид хоҳанд шуд, шаҳрвандони ҷомеаи иттилоотӣ номида мешаванд. Ҷомеае, ки дар он зиндагии иқтисодӣ ва иҷтимоии афроди ҷомеа шадидан тахти таъсири фановарии иттилоот ва иртибот аст, дар муҳити кор, манзил ва ҳангоми тафреҳ бо зиндагии мардум одат шудааст. Кайфияти зиндагии инсонҳо тахти таъсири зерсохтҳои иртиботӣ бо зарфияти боло ва пурсуръат дар тамоми ҷаҳон барои интиқоли навиштаҳо садо, аснод, тасовир ва ғайра доиман иртиқо меёбад ва иттилоот афродро дар тамоми абъод тахти таъсири худ қарор медиҳад. Истилоҳоте ҳамчун тиҷорати электронӣ, давлати электронӣ, ҷомеаи электронӣ ва ғайра ба мардум ошно ҳастанд ва чунин ба назар мерасад, ки фановарии иттилоот яке аз абзорҳое ҳаст, ки бо ҷазб ва бакоргирии саҳеҳ, дақиқ ва босуръати он метавон дар арсаи пуррақобати имрӯз шуд. Дар асри фановарии иттилоот созмонҳои электронӣ тағйир шудаанд ва коркунони хориҷ аз фазоҳои физикӣ ба фаъолият машғуланд. Илова бар ин, тағйироти фановарӣ, нерӯи беҳад ва марзи Интернет боис шудааст, ки муштариён беш аз гузашта ба созмон наздик шаванд. Ба гуфтаи яке аз мудирони Майкрософт: «Ҳар замон эҳсоси шикаст гардидан аз муштариёни худ, суол кунед ва

аз ҳамкорӣ ва аз мусоидати онҳо дар пешбурди аҳдофи созмон кӯмак бигиред». Ин авсофи муҳити ҷадид ва фурсати тоза барои амалӣ кардани маҳоратҳои мудириятӣ аст. Аммо суол ин аст, ки калиди муваффақият чист? Мафоҳими аввалия.

**Таърифи тиҷорати электронӣ.** Тиҷорати электроникӣ иборат аст аз харид (buy), ва фурӯш (sell) ва мубодилаи (exchange) маҳсулот (product), хадамот (servic) ва иттилоот (Information) аз тариқи шабакаҳои роёна, аз ҷумла Интернет. Ин навъ аз тиҷорат ба пардозиш ва интиқоли электронии додаҳо шомили матн, садо ва тасвир мубтанӣ аст. Тиҷорати электронӣ фаъолиятҳои мухталифе, аз ҷумла мубодила ва таҳвили фаврии матолиби диҷитол, интиқоли электронии вуҷӯҳ, мубодилаи электронии саҳом, барномаи электронӣ тарҳҳои тиҷорӣ, муҳандисӣ ва хадамот пас аз фурӯшро низ дар бар мегирад. Вижагии аслии ин навъ аз тиҷорат осонии фароиндҳои тиҷорӣ, ҳазфи фароиндҳои зарурӣ ва зоид дар анҷоми умури бозоргонӣ ва коҳиши ҳазинаҳо аз тариқи беҳбуд ва афзоиши ҳамоҳангӣ, коҳиши ҳазинаҳои идорӣ хусусан ҳазинаи макотибот ва низ беҳбуди дастрасӣ ба бозор ва афзоиши навъ барои муштариён аст. Дар ин миён фановариҳои навини иртиботӣ, монанди Интернет, почтаи электронӣ ва телефонҳои ҳамроҳ дар густариш ва тавсеаи тиҷорати электронӣ нақши босазое доранд.

Майкл Дел муассиси ширкат Dell, ки равиши фурӯши мустақимро барои фурӯши роёнаҳои худ интихоб кардааст, дар мавриди тиҷорати электронӣ мегӯяд: «Бисёре аз фурӯшгоҳҳо табдил ба намоишгоҳ хоҳанд шуд. Фурӯшгоҳҳои ахир Sonu ва Appell барои ин манзур тарроҳӣ шудаанд, ки маҳсулоти ин ширкатҳоро ба намоиш бигзоранд, то бисёре аз мардуми ҷаҳон ин маҳсулотро ба сурати Online бихаранд».

Интернети кунунӣ дар авохири даҳаи 1960 дар Вазорати дифои Америко падид омад. Дар он замон Вазорати дифои Америко оҷонсии пажӯҳиши лоиҳаҳои пешрафтаро поягузорӣ кард, ки ниҳоде барои густариши фановариҳои иттилоотӣ буд ва шабакаҳое, ки ба ин тартиб поягузорӣ шуданд, Арпонет (Arpanet) ном гирифт. Орпонети аввалия танҳо шомили марокизи пажӯҳишӣ ва низомӣ буд, ки роёнаҳои онҳо ба ҳам муттасил буданд ва ин иттисол аз тариқи хатҳои телефон анҷом мегирифт. Ҳадафи аслӣ аз роҳандозии ин марказ эҷоди системаи ғайримутамарказ барои иртиботи пажӯҳиш миёни марокиз буд.

Чорчӯбаҳои тиҷорати электронӣ аз се сатҳ ташкил ёфтааст, ки барои доштани тиҷорати электронӣ муваффақи вуҷуди ин чорчӯбаҳо лозим аст:

Зерсохтор: бахши аввал аз чорчӯбаҳои мавриди ниёзи тиҷорати электронӣ шомили сахтафзор, нармафзор пойгоҳҳои додаӣ ва иртиботӣ аст, ки барои анҷоми вазифа дар қолаби хадамот worldwide wed дар Интернет ва ё соири равишҳои паёмгузорӣ ва паёмгирӣ ба рӯйи Интернет ва ё соири шабакаҳо ба кор меравад.

Хадамот: Бахши дувум аз чорчӯбаҳо шомили доманаи густурдае аз хадамот мебошанд, ки тавоноӣ пайдо кардан ва ироаи иттилоотро фароҳам меоваранд ва шомили ҷустуҷӯ барои ширкатҳои тиҷорӣ ва ҳамчунин мазокира ва тавофуқ дар мавриди мубодилоти тиҷорӣ ҳастанд.

Маҳсулот ва сохторҳои тиҷорати электронӣ: Ин бахш аз чорчӯбаҳое (E-kommerce) муштамил дар пешбайнӣ ва тадоруки мустақими маҳсулот ва хадамоти тиҷорӣ вобаста ба иттилоот барои муштариёну ширкатҳои тиҷорӣ, ҳамкорӣ ва саҳим шудан дар иттилоот, дохил ва хориҷи созмон ва созмондиҳии муҳити бозори электронӣ ва занҷираи таҳия ва пуштибонӣ аст.

**Марҳилаҳои тиҷорати электронӣ.** Мароҳили рушд ва густариши тиҷорати электрониро метавон ба панҷ бахш тақсим кард, ки ҳар қадар ба гомҳои поёнитар наздик мешавем, дар ҳақиқат тиҷорати электронии воқеӣ наздиктар шудаем ва ширкатҳо ва созмонҳое, ки дар ҷустуҷӯйи бозори электронӣ барои маҳсулот ва хадамоти худ ҳастанд, саъй дар расидан ба мароҳили поёнии чарха доранд.

Дар марҳалаи аввал аз маҷмӯаи мароҳили панҷгона ширкат ё созмони мутақозии тиҷорати электронӣ саъйе дар эҷоди як сайти сода, шомили иттилооти маҳсулот ва хадамоти тавлидии худро дорад, то ин иттилоот аз тариқи Интернет дар ихтиёри муштариён қарор бигирад. Дар ҳақиқат, марҳалаи аввал ба маъноии ба вуҷуд омадани чунин унсур ба рӯйи шабакаи ҷаҳонии WEB барои боздидкунандагон аст, то иттилооти мавриди назари худро аз тариқи ин сафаҳот дарёфт кунанд.

Марҳилаи охир, ки охирин марҳала аз мароҳили панҷгона аст ба марҳалаи якпорчагӣ маъруф аст. Дар ин марҳала системаҳо воситае миёни фурӯшанда ва харидор бо системаҳои мавҷуд дар созмон ва ё ширкат ба ҳолати якпорчагии комил

хоҳанд даромад. Ба ин маъно ки, агар маҳсулот ба фурӯш равад, мавҷуди моли ба фурӯшрафта ба мизони харидоришуда, аз мавҷуди анбор каср шуда, ҳамзамон дастури хариди ҷадиде барои ҷойгузин кардани маҳсулоти фурӯшрафта ба анбор ирсол хоҳад шуд.

**Тиҷорати электронӣ.** Истифода аз Интернет ба унвони аслитарин заминаи иртиботӣ дар тиҷорати элетронӣ боиси ба вуҷуд омадани моделҳои гуногуне дар ин сабк аз тиҷорат шудааст. Ин моделҳо, ки ҳосили таомули се гурӯҳи аслӣ- тиҷорати электронӣ, яъне давлат, муштарӣ ва бунгоҳҳои иқтисодӣ аст, боиси тавсеа ва густариши моделҳои мухталифи тиҷорати электронӣ шудааст.

**Модели B2B ё Business.** Ин модел аз тиҷорати электронӣ муҳимтарин навъи тиҷорати электронӣ аст, ки дар ҳудуди нисфи даромадҳои тиҷорати электрониро ба худ ихтисос хоҳад дод. Ин модел сабаби пайдоиши иртиботи густурда миёни таъминкунандагон, тавлидкунандагон, тавзеъкунандагон ва фурӯшандагон хоҳанд буд. Дар ин модел иртибот миёни ду ё чанд созмон, тавсеаи иқтисодии тавлидкунандагон, маводи аввалия ва ироакунандагон ва анвои гуногуни хадамот мавриди назар аст. Дар ҳақиқат, ин модел ба навъе метавон тавсеа ёфта, модели қадимӣ Elektroik EDI (Data Interchange) донист. Аммо дар ин модел воситаҳо коҳиш ёфта, ҳамин худ сабаби коҳиши қиматҳо хоҳад шуд.

**Модели C2B ё Consumer to Busines ва B2C ё Busines to Consumer.** Моделҳои C2B ва B2C баёнкунандаи иртиботи мутақобили тавлидкунанда ва харидорони ниҳоии маҳсулот ва хадамот аст. Моделҳои дугонаи C2B ва B2C дорои мазоёе, монанди хариди арзонтари маҳсулот нисбат ба дунёи воқеӣ, имкони ирсол, харидорӣ шуда, ба макони дархости муштарӣ расондан ва ғайра аст.

**Модели C2C ё Consumer to Consumer**. Ин модел аз тиҷорати электронӣ бештар ба хариду фурӯшҳои маҳсулоти дастаи дуюми хонагӣ ихтисос дорад. Ҷое, ки харидорон ва фурӯшандагон ҳарду аз гурӯҳи ниҳоӣ ҳастанд ва дар ин миён радпои тавликунанда ва ё воситае дида намешавад. Намунаи роиҷи ин шеваи тиҷоратро метавон дар ҷамъи бозорҳо ва ё ҳароҷҳои маҳаллӣ ва минтақае дид, ки ҳар кас моли тавлиди худро ба сурати танҳофурӯшӣ дар маърази фурӯши харидорон қарор медиҳад.

**Мушкилоти технологияи иттилоотӣ.** Шояд мушкили аслии ману шумо сахтафзор набошад, вале агар бихоҳем дар бораи вазъияти кишвар ҳарф бизанем, сахтафзор далели бисёр муҳим аст. Зариби нуфузи компютер дар кишвари худ 50 аст, тақрибан нисфи хонаводаҳои кишвар ба компютер дастрасӣ доранд, вале аз ин теъдод фақат 10% ба Интернет муттасил ҳастанд.

Дар айни ҳол ба як русто биравед ва бубинед, ки чанд хонавода чанд компютер дорад? Дар як шаҳраки муҳоҷирнишин чӣ? Инҳо мушкилотҳои технологияи иттилоотии кишвар аст. Айни мушкилот, ки ману шумо роҳат намебинем ва фикр мекунем, ки муҳимтарин мушкил набудани ADSL аст, системаи омили мо чист? Танҳо лэптоп дорем, аммо шояд агар тамоми Эронро бигардед, 100-то Microsoft Office ҳам пайдо нагардад. Кишваре, ки пуштувонааш рӯйи дуздии нармафзор бино мешавад, имкони рушд дар заминаи технологияи иттилоотиро нахоҳад дошт. Шояд талх бошад, вале воқеият аст. То вақти қавонини Куперойт ба мо таъмин нашудаанд, имкони рушд ё содироти нармафзор надорем. Вақте ҳам ин қавонин ба мо таҳмил шуданд, то чандин сол бояд буҷаи кишварро ба Microsoft Office бидиҳем, то барои ҳамаи идораҳо ва мадрасаҳо ва одамҳо лисонси истифода бихарем. Хеле дер шудааст ва зиёд тӯл мекашад, то муҳоҷират комил шавад. Ба ибораи дигар, солҳои зиёде сарфи тавсеаи нармафзор ва технологияи иттилоотӣ дар кишвар мешавад.

Аз тарафи дигар, забони мо форсист ва ин кор боис мешавад, ки тамоми нармафзорҳои воридотӣ ниёзманди бумисозии шадид бошанд (тақвим ва забон ва рост аз чап). Ин масъала дар дунё бо стандартҳои мухталиф ҳал шудааст ва барои беҳтар шудани ниёзмандӣ ин масъала аз ҳимояти давлат аст. Давлат бояд аз лоиҳаҳои форсисозии баландмуддати изофа кардани имконоти рост ба чап ва 8-utf ва i-18n ҳимоят кунад, то итминон касб кунем, ки дар оянда ҳам мисли имрӯз кори мо фақат пушти лоиҳаҳои ҷаҳонӣ ҳаракат кардан ва форсӣ кардани онҳо нест.

Имрӯзҳо доштани компютер бидуни Интернет амалан бемаъност. Интернет ҳам бар хилофи дурӯғҳое, ки нав ба нав иддао мешаванд, бештар аз 10/15 % мебошад, яъне амалан 85% касоне, ки компютер доранд аз он истифода намекунанд (ин рӯзҳо компютер бояд як расонаи дутарафа бошад, на як истгоҳи бозӣ ё мошини чоп) аввал бояд зариби истифодаи Интернет дар шаҳристонҳо боло равад.

Интернете, ки мо дорем амалан филтрант аст. Филтринг бояд кам шавад. Аз назари ман бояд маҳв шавад, вале ба роҳатӣ метавон истидлол кард, ки филтр будани кулли сайт тахассусӣ ва муфид будани тавсеаи технологияи иттилоотиро кунд мекунад. Аз як тараф иттилооти мавриди ниёз дар дастрас нест ва аз тарафи дигар фаъолияти рӯзмарраи эрониён дар Интернет табдил ба пайдо кардани роҳҳои убур аз филтринг шудааст. Ин вақт метавонист дар ҷойҳои бисёр муфидтаре сармоягузорӣ шавад.

Интернет аслан расонаи озод аст ва мисли нармафзорҳои озод далели пешрафти он ҳамин имкони озоди ҳаракат аст. Изофа кардани муқаррароти маҳдудкунанда ба Интернет короии онро кам мекунад ва дар айни ҳол ҳазина ва энергияи кишварро сарфи мубориза бо технология мекунад. Маҷлис ба ҷойи он ки даргири густариши шабакаи Интернет шавад, машғули вазнинии ин қонун мешавад, ки маъсулини вебсайтҳо ва, ҳатто, WEB блокҳоро ҳам мисли рӯзноманигорон ба зиндон бифиристад ва ҳазинаҳои миллиарди барои масдуд кардани интернет тавсиб мекунад. Дар ин вазъият Интернет пешрафт намекунад.

Ҳазинаи Интернет дар Эрон бисёр боло аст. Суръати донишгоҳҳо бисёр поин аст ва дар як каломи онҳое ҳам ки ба Интернет дастрасӣ доранд, ҳангоми кор мушкилиҳои хеле зиёд доранд. Мунтазир мондан дар сафи утоқи компютери хобгоҳ ва донишгоҳ таҷрибаи аҷибе нест.

Мушкилоти шабакавӣ бисёр зиёд аст, вале охирин чизе, ки ин ҷо ишора мекунам суръат аст. Суръати Эрон андозаи суръати кишварҳои пешрафта ҳам нест. Дуруст аст, ки имрӯзҳо дигар ҳеҷ чизи Эрон шабеҳи кишварҳои пешрафта нест, вале давлат, агар бихоҳад, бо ҳазинаи бисёр кам метавонад ин суръатро ба ҳадди қобили қабуле бирасонад, аммо изҳори назарҳое мисли ин ки суръати 128 килобайт барои корбарони хонагӣ кофӣ аст фақат нишондиҳанда ин аст, ки давлат нигарони ҷараёни озоди иттилоот аст.

Вақте шумо нигарони ҷараёни озоди иттилоот бошед, тавсеае иттифоқ намеафтад (нигоҳе биандозед ба номаи саркушода ба вазири фановарии иттилоот дар бораи суръати 128 килобайт барои корбарони хонагӣ кофӣ аст).

**Аҳамияти технологияи иттилоотӣ дар дунё. Фановарии иттилоот ва иртиботот дар кишварҳои дар ҳоли рушд.** Нақши ин фановарӣ дар рушд ва тавсеаи иқтисодии ҳамаи кишварҳои рушдкарда ба касе пӯшида нест, вале он чи ки кишварҳоро аз ҳамдигар мутамоиз месозад, навъи стратегӣ аст, ки дар бораи фановарии иттилоот ва иртиботот иттихоз мекунанд. Ба тавре ки сиёсати мутафовити кишварҳо барои истифода аз фановарии иттилоот ва иртиботҳо метавонад рушд ва тавсеаи иқтисодии онҳоро мутафовит созанд. Бархе аз кишварҳои дар ҳоли тавсеа ба нақши ин фановарӣ дар густариши содирот тамаркуз доранд. Гарчи ин сиёсат метавонад арзоварии ин кишварҳоро афзоиш диҳад, вале бисёре аз муҳаққиқон эътиқод доранд, ки нақши содиротгароии фановарии иттилоот ва иртиботот барои кишварҳои дар ҳоли рушд зиёд матлуб нест ва наметавонад барои ин кишварҳо омиле бошад, ки боиси интиқоли иқтисоди онҳо аз марҳалаи маишатӣ ба туҷорӣ бошад, зеро дар ин сиёсат пояи фаъолиятҳои иқтисодии кишвар густариш пайдо намекунад ва танҳо боиси густариши як бахши хос (бахши хориҷӣ) мешавад ва наметавонад имкони тавсеаи ҳамаҷонибаи иқтисоди дохилӣ истифода шавад. Асаргузории он ба кулли иқтисод бештар аз ҳолати қабл буда, метавонад ба унвони муҳаррики рушд ва тавсеаи иқтисодӣ нақши асосӣ ифо кунад ва дар муқобили ҳолати қабл, фурсатҳои бештареро барои тавлид фароҳам созад ва шитоби рушди тавлиди нохолиси дохилии кишварро афзоиш диҳад.

**Стратегияи рушди содирот.** Ҳоло ин савол матраҳ мешавад, ки чаро дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа стратегияи рушди содироту тавлидот ва хадамоти фановарии иттилоот ва иртиботот нисбат ба стратегияи истифодаи дохилии он аз аҳамияти камтаре бархурдор аст? Дар стратегияи рушди содироти фановарии иттилоот ва иртиботот умуман, тавлидот ва хадамоти ин фановарӣ барои бозорҳои ҳадаф анҷом мешавад ва чун ин фановариҳо дар инҳисори чанд кишвари хос қарор доранд ва теъдоди бисёр маҳдуде аз кишварҳои рушдкарда соҳиби ин фановариҳо ҳастанд, бинобар ин, барои кишварҳои дар ҳоли тавсеа дигар вуруд ба ин бозорҳо ба роҳатӣ имконпазир нахоҳад буд ва ин даста аз кишварҳо метавонанд аз маҳсулоти фановарии иттилоот ва иртибот бо ҳазинаи андак баҳраманд шуда ва бо истифода аз онҳо дар иқтисоди дохилӣ рушди иқтисодии худро бо тавҷеҳ ва масоили зайл таҳти таъсир қарор диҳанд:

1.**Густариши бахши диҷитол.** Замоне ки бахши содироти фановарии иттилоот ва иртиботот густариш меёбад, гарчи манобеи арзоварии кишвар афзоиш меёбад, вале ин амр кулли иқтисодро таҳти таъсир қарор намедиҳад, балки як бахши хоси диҷитол ва сармояи инсонии кишвар шуда, боиси рушд ва тавсеаи кулли иқтисод хоҳад шуд.

2.**Рушди иқтисодии пойдор.** Тавсеаи иқтисодии пойдор замоне эҷод мешавад, ки пояи фаъолиятҳои иқтисодии кишвар густардагии қобили мулоҳизае дошта бошад. Рушди тавлидот ва хадамоти фановарии иттилоот ва иртиботот танҳо метавонад «молҳои донишбар» дар як бахши хосро тавлид кунад, ки умуман ин тавлидот барои бозорҳои дохилӣ ҳадафгузорӣ нашудааст, балки ҳадафи онҳо бозорҳои хориҷӣ аст. Вале дар адабиёти рушди тавсеаи иқтисодӣ танҳо ба рушди бозорҳо таъкид намешавад, балки ба аҳамияти сармоя (сармояи инсонӣ, вазъияти технологӣ) низ таъкиди фаровоне мешавад. Равшан аст ки, агар тавлидот ва хадамоти фановарии иттилоот ва иртибот, иқтисод ва ҷамъияти дохили кишварро таҳти таъсир қарор диҳад, ин амр худ метавонад рушди иқтисодии бахши хориҷиро низ тақвият кунад ва ба асаргузории бештари иқтисодӣ мунҷар шавад, зеро истифодаи дохилии фановарии иттилоот ва иртибот сармояи инсонеро башиддат таҳти таъсир қарор хоҳад дод. Аз тарафи дигар, моделҳои рушди созгор бо фановарӣ нишон доданд, ки густариши фановарии иттилоот ва иртибот мунҷар ба рушди иқтисодии болотар хоҳад шуд.

Сониян, густариши дохилии фановарии иттилоот ва иртиботот боиси тағйири тарафи тақозои иқтисод хоҳад шуд, зеро афзоиши тақозои дохилии тавлидот ва хадамоти ин фановарӣ ба густариши тавлидоти дохилии фановарии иттилоот, иртиботот ва молҳои илмталаб мунҷар хоҳад шуд, ки ин амр боиси густариши иртибототи пасин ва пешин байни бахши тавлидот ва хадамоти фановарии иттилоот ва иртиботот хоҳад шуд, ки ҳамаи инҳо ишора ба аҳамияти тавлидот ва хадамоти дохилии ин фановарӣ дорад, ки нисбат ба стратегияи рушди содироту тавлидот ва хадамоти фановарии иттилооту иртибот иқтисодитар аст.

**Омӯзишҳо барои тавсеаи иқтисодӣ.** Баъд аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ва аз даҳаи 50 дағдағаи аксари кишварҳои дар ҳоли рушд ин буд, ки марoҳили тавсеаи иқтисодиро ба масобаи кишварҳои саноатӣ тай кунанд. Барои ин амр стратегияҳои мухталифе чун стратегияи густариши содирот, стратегияи ҷойгузини воридот ва соири стратегияҳо матраҳ гардид. Яке аз ин стратегияҳо истилоҳан «саноатӣ шудан дар асари густариши тақозои кишоварзӣ» ном гирифт, ки аз пешгомони ин стратегия метавон ба Ирма Аделман 1984 ишора кард. Вай истидлол мекунад, ки коҳиш додани хазинаи тағйири фановарӣ боиси афзоиш ва баҳраварӣ дар бахши кишоварзӣ мешавад. Ин амр боиси афзоиши даромади рустоиён хоҳад шуд. Афзоиши даромади рустоиён боиси афзоиши тақозои молҳои саноатӣ мешавад, ки ин амр низ бар афзоиши дастмуздҳо дар бахши саноат кӯмак мекунанд.


## АДАБИЁТ

1. Бор Ли. Нақши технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт / Бор Ли. – Амрико: Пенсилвания, 2006.
2. Питер Дракия. Аҳамияти технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти кишварҳои мухталиф / Питер Дракия. –Олмон: Оксфорд, 2008.
3. Майкл Портер. Мазоё ва мушкилоти технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти кишварҳо / Майкл Портер. –Амрико: Масочусети, 2009.
4. Молтус. Нақши технологияи иттилоотӣ дар тиҷорат / Молтус. –Амрико: Кембриҷ, 2009.


## РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ЭКОНОМИКЕ СТРАН


В статье речь идет о роли информационных технологий в экономике Исламской Республики Иран и развитых стран. Проводится анализ и интерпретация вопросов интернет-бизнеса покупки, продажи и обмена продуктами посредством интернет-услуг. Рассматриваются существующие проблемы в области интернет-бизнеса, выявляются определенные сложности и наряду с этим представлены пути решения указанных проблем.



**Ключевые слова**: информационная технология, интернет-бизнес, интернет-услуг, покупка, продажа, обмен.


## THE ROLE OF INFORMATION TECHNOLOGY IN THE ECONOMY OF THE COUNTRIES


The article focuses on the role of information technology in the economy of the Islamic Republic of Iran and developed countries. The analysis and interpretation of the issues of Internet business purchase, sale and exchange of products through online services. Discusses the existing problems in the field of electronic-business, identifies some problems and along with that are solutions to these problems.



**Key words**: information technology, internet business, internet-srvice, buy, sale, change.

**Сведения об авторе:** ***Хомидризо Амирхасанхони*** – соискатель Института экономики и демографии АН РТ

# ТАЪСИРИ БУҲРОНИ ИҚТИСОДИИ СОЛИ 2008 БАР ИҚТИСОД ВА ТИҶОРАТИ ЭРОН ВА РОҲҲОИ КОҲИШИ ОСЕБ

***Маҳдиёри Шеърдӯст***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз нуҳуми августи 2007 занҷирае аз рӯйдодҳои нохушоянди иқтисодӣ дар ҷаҳон ба вуқӯъ пайваст, ки бадтарин буҳрони иқтисодии ҷаҳон тайи ҳаштод соли ахирро рақам зад. Решаҳои буҳронро метавон дар се ҳавза, таркидани ҳубоби бозори маскан дар Америка, наовариҳои молӣ дар эътои вомҳои замонат пурхатар ва фиқдони назорати кофӣ бар амалкарди бурс ва фаъолони бозори сармоя ҷустуҷӯ намуд. Бо ин ки ҳеҷ кишваре аз осори манфии буҳрони молӣ ва иқтисодии ҷаҳон дар канор намонд, вале бо таваҷҷуҳ ба омори Сандуқи байналмилалии пул ва бонки ҷаҳонӣ кишварҳои Ховари Миёна ва шимоли Африқо, аз ҷумла Ҷумҳурии Исломии Эрон аз маҷмӯи кишварҳое буданд, ки камтарин осебро дар муқобили ин буҳрон дар солҳои 2008 ва 2009 мутаҳаммил шуданд. Ин амр ба далоиле чун адами сармоягузории бозори молии Эрон дар бонкҳои байналмилалӣ, адами сармоягузории ҷиддии бонкҳо ва муассисоти молии варшикасташуда дар иқтисоди Эрон буд. Аммо аслитарин осебе, ки Эрон аз ин буҳрон мутаҳаммил шуд, аз тариқи коҳиши даромадҳои арзии худ дар бозори нафт буд ва роҳҳое чун коҳиши вобастагӣ ба даромадҳои арзии ҳосил аз нафт, афзоиши қудрати гуфтугӯ дар ниҳодҳои байналмилалӣ ва афзоиши ширкатҳои тиҷорӣ муҷиб мешаванд, ки Эрон аз буҳронҳои байналмилалии иқтисоди ҷаҳонӣ дар оянда камтар осеб бубинад.

Нишонаҳои буҳрони иқтисодии соли 2008-и Америка дар охирҳои давлати Клинтон зоҳир шуд, дар даврони Ҷорҷ Буш ба авҷи худ расид ва Барак Обама дар даври аввали раёсати ҷумҳури худ меросдори бузургтарин буҳрони иқтисодӣ ва молии ИМА пас аз буҳрони 1927 Америка шуд. Буҳроне, ки аз таркидани ҳубоби маскан дар Америка ва варшикастагии бузургтарин муассисоти молии ин кишвар оғоз ва доманаи он кулли Иттиҳодияи Аврупо ва иқтисодҳои кишварҳоро баста ба мизони вобастагӣ ба иқтисоди Америка олудаи худ кард. Ҳарчанд бар сари замони дақиқи шурӯи буҳрони молии ахир ихтилофи назар ҳаст, вале умдаи коршиносони иқтисодӣ ҳамназаранд, ки аз нуҳуми августи 2007 занҷирае аз рӯйдодҳои нохушоянд ба вуқӯъ пайваст, ки бадтарин буҳрони иқтисодии ҷаҳон тайи ҳаштод соли ахирро рақам зад. Бисёре аз бонкҳо ба воситаи таркидани ҳубоби маскан эҷод шуда, дар бозори маскан варшикаста шуданд. Доманаи ин варшикастагӣ ба ҳадде буд, ки бузургтарин дахолати молии давлати Америка дар ҳимоят аз бонкҳоро дар пай дошт*, иқтисоди Эрон низ ҳамчун бисёре аз иқтисодҳои дунё аз ин осебҳо дар амон набуд. Албатта, бояд таваҷҷуҳ дошт, ки иқтисоди кишварҳое, ки иртиботи камтаре бо бозорҳои ҷаҳонӣ доштаанд, камтарин мизони осебро аз ин буҳрон мутаҳаммил шуданд. Иқтисоди Ҷумҳурии Исломии Эрон аз тариқи коҳиши даромадҳои арзии худ дар фурӯши нафт ва мионоти газӣ тайӣ моҳҳои фурӯпошии иқтисодии бисёре аз бонкҳои байналмилалӣ то ҳудуде зарар дид. Дар ин мақола ба дидгоҳҳои коршиносон дар мавриди иллати камтаъсир будани буҳрони иқтисодии соли 2008-и Америка бар иқтисоди Эрон мепардозем ва дар интиҳо ба пешниҳодоте, ки муҷиб мешавад иқтисоди кишварҳои Ховари Миёна беш аз пеш аз буҳронҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар амон бимонанд, хоҳем пардохт.

**Решаҳои буҳрони соли 2008-и Америка**. Решаҳои буҳронро метавон дар се ҳавза, таркидани ҳубоби бозори маскан дар Америка, навовариҳои молӣ дар эътои вомҳои замонати пурхатар† ва камбуди назорати кофӣ бар амалкарди бурс ва фаъолони бозори сармоя‡ ҷустуҷӯ намуд.

* Дар 7 марти соли 2008 бонки марказии Америка дар бузургтарини иқдомаш 200 млрд доллар дар ихтиёри бонкҳо ва муассисоти молӣ гузошт.

† Рушди моликияти воҳидҳои маскунӣ аз сиёсатҳои аслии давлатҳои Клинтон ва Буш буд. Дар миёнаҳои даҳаи 1990 давлати Клинтон тавонист бисёре аз маҳдудиятҳои мавҷуд дар эътои вомҳои раҳниро лағв кунад ва ҳамчунин коҳиши нархи баҳра тавассути федерал резерв шарти лозими равнақи бозори маскан буд, ки муҷиб шуд аввалан тақозои маскан афзоиш ёбад ва сониян, сармояҳои хориҷӣ барои сифтабозӣ ва судҷӯйӣ ба бозори маскани Америка сарозер шавад. Дар соли 2005 ҳудуди 28% воҳидҳои маскунии харидоришуда сирфан барои аҳдофи сармоягузорӣ буд ва 12% дигар низ ҳеҷ гоҳ

Ҳеҷ кишваре аз осори манфии бухрони молӣ ва иқтисодии ҷаҳон дар амон намондааст. Аргентина сандуқҳои бознишастагиро миллӣ эълом кард. Исландия шоҳиди варшикастагии се бонки бузург ва коҳиши шадиди арзиши пули миллии худ буданд. Япония ва бахши умдае аз Аврупо ба рукуди иқтисодӣ фурӯ рафтанд. Содироти Чин ба шиддат коҳиш ёфт ва ба поинтарин ҳадди худ тайи 7 сол пеш аз бухрон расид. Бо таваҷҷуҳ ба омори Сандуқи байналмилалии пул ва Бонки ҷаҳонӣ кишварҳои Ховари Миёна ва шимоли Африқо аз маҷмӯаи кишварҳое буданд, ки камтарин осебро дар муқобили ин бӯҳрон дар солҳои 2008 ва 2009 мутаҳаммил шуданд.

Тавре ки маълум гашт, Америка адади ваҳшатнок -135% ва минтақаи евро адади 154%-ро нишон медиҳад. Ин ададҳо дар воқеъ бухрон ва фурӯпошии иқтисодиро тайи ин солҳо дар раҳбарони дунёи иқтисоди либерал намоиш додааст.

**Таъсири бухрони соли 2008 бар иқтисоди Эрон**. Дар замони бухрон бархе аз иқтисоддонони эронӣ нисбат ба мизони таъсири манфии бухрони иқтисодии соли 2008 бар иқтисоди Ховари Миёна бисёр хушбин буда, асосан иқтисоди Эронро дар канор аз осебҳои ин бухрон медонистанд. Аз сӯйи дигар, бархе аз иқтисоддонони эронӣ муътақид буданд, ки хоҳ-нохоҳ ин бухрон бар тавлиди нохолиси дохилӣ, мизони содирот, нархи бекорӣ ва бисёре аз шохисҳои иқтисодии Ҷумҳурии Исломии Эрон муассир хоҳад буд.

Далелҳое, ки муҷиб шуд иқтисоди Эрон нисбат ба соири иқтисодҳо аз бухрони соли 2008-и Америка осеби камтаре бубинад инҳоянд:




- асосан ҳеҷ як аз ниҳодҳои молии эронӣ шомили бонкҳои давлатӣ ва хусусӣ, сандуқҳои бознишастагӣ, ширкатҳои сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ ва муассисоти бима дар Эрон, дар муассисоти байналмилалии фаромиллии саҳомдорӣ ҷиддӣ ва умда набуданд. Пас варшикастагии бонкҳои амрикоӣ ва муассисоти молии ҳавзаи Иттиҳодияи Аврупо, ки саҳомдорон аз ҳамаи дунё доранд, муҷиби аз байн рафтани сармояи муассисоти молии эронӣ намешавад;

- ҳеҷ як аз ширкатҳои сармоягузори фаромиллӣ ва ҷаҳонӣ, ки дар ҷараёни суқути молӣ ва бухрони иқтисодии 2008 дучори варшикастагӣ шуданд, дар саноати бузурги эронӣ сармоягузории ҷиддӣ накарда буданд. Ин адами сармоягузории мустақими хориҷӣ, ки аз солҳои пас аз инқилоби исломии Эрон дар соли 1979 ба далели таҳримҳои ғарб алайҳи иқтисоди Эрон, бавижа нафт пуррангтар шуда буд, бо вуҷуди мушкилоти фаровон, ки дар рақобати минтақавӣ байни Эрон, Туркия ва Аморати Муттаҳидаи Араб эҷод карда буд ва ё байни Эрон ва Қатар дар бардошт аз

---

тавассути харидорон мавриди истифода қарор нагирифт ва бинобар ин, ҳудуди 40% аз воҳидҳои маскунӣ бо аҳдофи сифтабозӣ харидорӣ шуда буд.

‡Саҳми вомҳои раҳни пурхатар ба кулли вомҳои раҳни аз 5% дар соли 1994 ба 20% дар соли 2006 дар Америка расид. Дар ниҳоят эътои вомҳои пурхатар ба вомгирандагони пурхатар öнчунон рушд кард, ки истилоҳи вомҳои нинҷа марсум шуд. Ninja аломати ихтисори вомҳое ба касоне аст, ки на даромад доранд, на шуғл ва на дороӣ!

майдонҳои муштараки нафтӣ дар Халиҷи Форс Эронро дучори мушкили камбуди сармоя карда буд, бо вуҷуди ин муҷиб шуда буд, ки иқтисоди Эрон ба ду минуи фурӯпошии иқтисодии ҷаҳони сармоядорӣ васл набошад ва то ҳадде аз осеб дар эмин бимонад;

- ба далели набудани иртибототи бонкии канори ҳам байни Эрон ва Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва ҳамчунин набудани шуъбаи бонкҳои бузурги ҷаҳонӣ дар Эрон табиатан иртиботи густурдаи молӣ байни Эрон ва марказҳои буҳрон, бахусус Америка ва Англия аз назари тарокуниши молӣ вуҷуд надошт. Ҳамин амр муҷиб шуд, ки мизони ҷобаҷойии доллар ва гардиши озоди сармоя бисёр кам буда дар натиҷаи буҳрон ва пас аз он рукуди ҷаҳонӣ камтар ба иқтисоди Эрон осеб бирасонад;

- қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Эрон мизони моликияти хориҷӣ бар ширкатҳои стратегӣ ва миллиро ба нисбати соири кишварҳои дунё бисёр маҳдуд кардааст. Масалан, ширкатҳои нафти петрахимиявӣ охимиявӣ, нерӯгоҳҳои тавлиди барқ, садҳо, полоишгоҳҳои тавлиди бензин ва муштақоти нафтӣ ва ширкатҳои истихроҷу фароварии газ дар Эрон ба далели масоили ҳуқуқӣ, шаръӣ ва иҷтимоӣ, комилан давлатӣ ҳастанд. Аз сӯйи дигар, аслитарин муштарии маҳсулоти ғизоӣ ва кишоварзии стратегӣ ҳамчун гандуму биринҷ, давлат (Вазорати кишоварзӣ) аст.

**Осебҳое, ки иқтисоди Эрон аз буҳрони соли 2008-и Америка хӯрд.** Дар муқобили гурӯҳи аввал, ки мизони офатҳои буҳрони иқтисодии соли 2008-и Америкаро бар иқтисоди Эрон ба далелҳои фавқуззикр ҷузъӣ медонанд, гурӯҳи дигар ба осебшиносии буҳрони иқтисодии соли 2008 бар иқтисоди Эрон пардохтаанд ва бахшҳое аз иқтисоди Эронро, ки аз ин талотуми ҷаҳонӣ зарар дидаанд, баррасӣ кардаанд:

- Бо эҷоди буҳрон сатҳи тақозо барои маҳсулоти содиротии Эрон, бавижа нафт коҳиш ёфт. Аз сӯйи дигар, илова бар коҳиши мизони тақозои ҷаҳонӣ барои тиллои сиёҳ қимати ин маҳсулот низ ба шиддат суқут кард. Ҳамин амр муҷиби коҳиши даромадҳои арзии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар солҳои 2008 ва 2009 шуд. Коҳиши даромадҳои арзӣ, ки ба воситаи фурӯши нафт ба даст меомад, муҷиби коҳиши миқдори арз дар бозори Эрон шуд ва бисёре аз сармоядорони хусусӣ дар Эрон сармояҳои худро аз бахшҳои иқтисод (мисли саноат, кишоварзӣ, сохтмон ва ғ.) хориҷ карда, вориди бозорҳои молӣ ва суфтабозиҳои ғайримавлуд дар Эрон шуданд.
- Буҳрони 2008 муҷиби коҳиши тақозо барои содироти ғайринафтӣ ва дар натиҷа, коҳиш дар омадҳои арзии ғайринафтӣ ва ҳамин тавр, афтодани шохиси саҳоми ширкатҳои муртабит бо молҳои ғайринафтии монанди саноати петрохимиявӣ дар бурси авроқи баҳодори Теҳрон шуд. Бо рукуди густурда ва коҳиши тақозои ҷаҳонӣ содироти ғайринафтии Эрон низ коҳиш ёфт ва дар натиҷа бисёре аз маҳсулоти пурфурӯши эронӣ дар заминаи маводи хӯрокӣ (мисли писта ва ховиёр) дар заминаи саноати дастӣ (мисли фарш ва матои нахӣ) ва низ маҳсулоти петрохимиявӣ бо коҳиши шадиди тақозо ва низ қимат ҳамроҳ шуданд. Дар натиҷа бисёре аз шуғлҳои вобаста ба ин тавлидот, бавижа дар бахши хусусӣ аз байн рафт ва мизони бекорӣ афзоиш ёфт.
- Буҳрони иқтисодии соли 2008-и Америка аз назари равонӣ бар сармоягузорони хурд дар бурси авроқи баҳодори Теҳрон таъсири номатлубе гузошт ва боиси коҳиши шадиди шохиси бурси Теҳрон барои ҳафтаҳо шуд.[1] Бисёре аз саҳомдорон барои фурӯши саҳоми ширкатҳои нафтӣ ва петрохимиявии худ саф ташкил доданд ва бисёре аз сармояҳо аз бурс хориҷ ва дар бозорҳои молии дигар, бавижа хариду фурӯши сиккаву тилло, маскан ва арз тазриқ шуд. Таъсири равонии буҳрони соли 2008-и Америка бар бурси авроқи баҳодори Теҳрон гарчи ҳамчун бурси Москва муҷиби таътил нашуд ва ё ҳамчун бурсҳои Уолстрит суқути таърихиро таҷриба накард ва муҷиби эҷоди буҳрони иҷтимоӣ нашуд, валекин ба ҳар ҳол муҷиби хуруҷи сармоя аз бахши мавлиди иқтисод ба бозорҳои молӣ ва коғазбозиҳои козиб ва бозори коғазӣ шуд.

Пешниҳодот барои коҳиши мизони осеби буҳронҳои иқтисодии ҷаҳонӣ бар иқтисоди Эрон.

**Коҳиши вобастагӣ ба даромадҳои арзии ҳосил аз нафт**. Буҷаи солонаи Эрон бар пояи даромадҳои ҳосил аз нафт баста мешавад ва беш аз 70% аз даромади арзии кишвар аз ин роҳ таъмин мешавад. Густариши танаввӯи содирот муҷиб мешавад, ки Эрон дар муқобили болову пойини бозорҳои ҷаҳонӣ, бавижа дар заминаи энергия масун бимонад. Нафт маҳсулоте аст, ки дар тайи даҳаҳо бо бештарин навасоноти қимат ҳамроҳ буда, саноати иктишоф, тавлиду бозорёбӣ ва фурӯши он комилан

ҷаҳонӣ ва бо буҳронҳои иқтисодӣ иртиботи мустақим дорад. Гарчи ҳангоми эҷоди буҳрон тақрибан тамоми молҳо дучори коҳиши тақозо ва коҳиши қимат мешаванд, валекин молҳое, ки дорои бозорҳои густурдаи коғазӣ ҳастанд ва фаъолиятҳои коғазбозии фаровонеро муҷиб мешаванд, бештар бо бозори сармоя ва осебҳои ношӣ аз буҳрон дар ин бозорҳо мувоҷеҳ мешаванд ва бо коҳиши вобастагии иқтисод ва даромадҳои давлат ба нафт Ҷумҳурии Исломии Эрон беш аз пеш аз буҳронҳои иқтисодии ҷаҳонӣ масун мемонад. Ҷадвали зер коҳиши шадиди қимати нафт ва даромади арзии Эронро дар миёнаи буҳрони иқтисодии Америка ва рукуди ҷаҳонӣ нишон медиҳад.

| Замон | Миқдори содироти рӯзонаи нафти хом(ҳазор бочка дар рӯз) | Қимати миёнаи ҳар бочкаи нафт (доллари Амрико) | Арзиши содироти нафтӣ (млрд доллар) |
|---|---|---|---|
| Семоҳаи аввали соли 1387 | 2372 | 118.95 | 25.3 |
| Чаҳормоҳаи дуюми соли 1387 | 2372 | 94 | 26.7 |
| Панҷмоҳаи охири соли 1387 | 2172 | 55 | 17.9 |




**Афзоиши қудрати гуфтугӯ дар ниҳодҳои байналмилалӣ**. Эрон дар бисёре аз ниҳодҳои байналмилалӣ узв аст. Афзоиши қудрати гуфтугӯ, вуҷуди мудирони эронӣ дар бахшҳои тасмимгирии созмонҳои ҷаҳонӣ метавонад ба иқтисоди Эрон кӯмак кунад, то дар замони буҳронҳои иқтисодӣ, сиёсатҳои мунтабиқ бо иқтисоди Эрон ва роҳкориҳои коҳиши осебрасонии буҳрони иқтисодӣ ба иқтисоди Ҷумҳурии Исломии Эрон ва кишварҳои минтақа иттихоз шавад. Масалан, Эрон яке аз аъзои фаъол дар созмони ОПЕК[§] аст. Дар замони буҳрони иқтисодии соли 2008[**] Ҷумҳурии Исломии Эрон ба манзури ҳифзи суботи нисбӣ дар қимати нафт пешниҳоди ҳифзи субот дар мизони тавлидро дод, валекин кишварҳои Арабистони Саудӣ ва Кувайту Аморати Муттаҳидаи Араб онро чандон хуб напазируфтанд. Дар соли 2007 ОПЕК эълом кард, ки аз рӯзи 1.11.2007 тавлиди худро ба мизони 500 ҳазор бочка дар рӯз афзоиш хоҳад дод. Афзоиши тавлиди нафт ба далели муқобила бо асароти манфии қимати 77 доллариии нафт бар иқтисоди ҷаҳонӣ ва коҳиши захираҳои ҷаҳонии нафт иттихоз шуд ва ин 500 ҳазор бочка бар тавлиди воқеии кишварҳои узв изофа шуд. Ба ин тартиб, тавлиди воқеии даҳ кишвар, ғайр аз Ироқ ва Ангола аз рӯзи 1.11.2007 ба 2/27 миллион бочка дар рӯз расид. Вале алорағми эъломи афзоиши тавлид ОПЕК баҳои як бочка нафти хом аввалин бор аз марзи 81 доллар убур кард. Ҳамеша афзоиши

[§] Созмони кишварҳои содиркунандаи нафт бо номи ихтисори OPEC як кортели байналмилалии нафтӣ аст, ки муташаккил аз кишварҳои Алҷазоир, Эрон, Ироқ, Кувайт, Либия, Нигерия, Қатар, Арабистони Саудӣ, Аморoти Муттаҳидаи Арабӣ, Эквадор, Ангола ва Венесуэла аст. Ҳадафи аслии ин созмон ҳамоҳангӣ ва якпорчасозии сиёсатҳои нафти кишварҳои узв ва таъйини беҳтарини роҳ барои таъмини манофеи ҷамъӣ ё фардии онҳо ва тарроҳии шеваҳое барои тазмини суботи қимати нафт дар бозори нафти байналмилалӣ ба манзури аз байн бурдани навасоноти музир ва ғайризарурӣ аст.

[**] Грин Аспин - раиси собиқи федерали резерв, Роберт Робин вазири хазонадори Америка ва Артур Луит раиси комиссияи бурсҳои ошкоро бо ҳар пешниҳоди барои танзими SEC авроқи баҳодори назорати бозор муштаққот мухолифат мекарданд. Бозори муштаққот ва отиҳо маъмулан барои пӯшиш додан ба риск тағйироти номатлуби қиматҳо ва ё асосан барои сифтабозӣ мавриди истифода қарор мегирад.

қимати нафт ба нафъи кишварҳои тавлидкунандаи он нест, зеро муҷиби тарғиби тақозокунандагон аз истифода аз энергияҳои табиӣ, коҳиши мизони масраф ва низ афзоиши қимати сармоягузорӣ дар бахши иктишоф ва тавлид дар худи кишварҳои узви ОПЕК мешавад. Афзоиши қудрати тасмимгирӣ ва асаргузории Эрон дар замонҳои дабирии кулли давраӣ дар созмони ОПЕК бар соири кишварҳои узв муҷиби муқобила бо навасоноти шадиди нафт ва аз байн рафтани чолишҳои барномарезӣ дар буҷаи калони миллӣ мешавад. Ҷадвали зер мизони фаровардҳои шадиди даромадҳои арзии ҳосил аз фурӯши нафт дар Ҷумҳурии Исломии Эрон байни солҳои 2005 то сол 2009-ро нишон медиҳад.[2]




**Афзоиши шарикони тиҷорӣ.** Афзоиш дар танаввӯи кишварҳое, ки Эрон ба онҳо маҳсулоти содиротии худро ирсол мекунад, дар сурате, ки ҳар яке аз ин кишварҳо даргири буҳрони молии ҷаҳонӣ, минтақавӣ ё миллӣ мешаванд, Эрон бо тағйир дар ирсоли бастаҳои содиротии арзовари худ бо соир кишварҳои тарафи тиҷории худ камтар аз буҳроне, ки шарики тиҷориаш даргири он шудааст, осеб бубинад. Ба унвони мисол ҳамсояи ғарбии Эрон-Ироқ дар соли 1391 бузургтарин арзовари содиротиро барои Эрон доштааст. Эрон бо ирсоли 14642004043 килограмм маҳсул ба кишвари Ироқ, 6337144094 доллар даромади арзӣ дар соли 1391 доштааст. Ин дар ҳолест, ки ба далели бесуботии нисбии сиёсии Ироқ, ба воситаи ҳузурии нерӯҳои америкоӣ дар солҳои қабл ва афзоиши даргириҳои мазҳабӣ ба воситаи таҳрики кишварҳои ғарбӣ ва дахолати онҳо, ин кишвар метавонад ба роҳатӣ буҳрони иқтисодии миллиро таҷриба кунад, ва Эрон натавонад ба роҳатӣ маҳсулоти содиротии худро ба ин кишвар ирсол кунад. Тибқи омори расмии гумруки Ҷумҳурии Исломии Эрон 5 кишваре, ки бештарин арзовариро дар соли 1391 барои Эрон доштаанд, дар ҷадвали зер омадааст:

| Радиф | Арзиш (млрд доллар) | Вазн(кг) | Кишварҳои тарафи муомила | Фоиз аз кул |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 6526674980 | 10.63 | Аморати Муттаҳидаи Араб | 10.626 |
| 2 | 3547762882 | 8.18 | Чин | 8.181 |
| 3 | 2177295085 | 4.83 | Корея | 4.827 |
| 4 | 2746318080 | 4.55 | Туркия | 4.551 |
| 5 | 5907501969 | 3.43 | Шветсия | 3.432 |
| 6 | 1281499893 | 2.84 | Олмон | 2.845 |
| 7 | 1594607450 | 2.05 | Ҳиндустон | 2.048 |
| 8 | 3093081554 | 2.05 | Голландия | 2.046 |
| 9 | 3085885156 | 1.77 | Россия | 1.769 |
| 10 | 9520446277 | 14.89 | Дигар кишварҳо | 59.675 |
| Ҷамъ | 39481073325 | 55.22 | | 100 |

Ҳамон тавр, ки мебинед, маҷмӯаи содироти Эрон ба 5 кишвар – Ироқ, Чин, Аморати Муттаҳидаи Араб, Афғонистон ва Ҳиндустон беш аз 65% ҳаҷми доллари содироти Эрон дар соли 1391-ро ташкил медиҳад. Ин ба он маъност, ки тағйир дар равобити сиёсии Ҷумҳурии Исломии Эрон бо ҳар як аз ин кишварҳо ва ё эҷоди буҳрон дар иқтисоди ҳар як аз онҳо бар иқтисоди Эрон таъсири зиёде дорад.

(Ҳамчунин мизони воридоти Эрон дар соли 1391 аз кишварҳои мухталиф иборат аст аз:)

Қимати нафт ва коҳиши даромадҳои арзӣ бо мушкилоти ҷиддӣ, аз ҷумла касри буҷа, адами тавоноӣ дар таъмини молии лоиҳаҳои сохтмонӣ, адами назорати нархи арз ва коҳиши арзиши пули миллӣ ва ривоҷи падидаи таваррум даст ба гиребон хоҳанд шуд.

## АДАБИЁТ


1. Нигаронӣ аз таъсири даври ҷадиди буҳрони молӣ бар бурси Теҳрон. Пойгоҳи тахассусии тозаҳои ҳисобдорӣ. [Захираи электроний]. www.accpress.com, 1390.
2. Амиршеърдӯст Маҳдиёр. Ҷунбиши тасхири Уолстрит / Амиршеърдӯст Маҳдиёр // Маҷаллаи American scientific research, 2012.
3. Бахтиёрзода Муҳаммадҷавод. Баррасии илал ва решаҳои буҳрони иқтисодии соли 2008-и Америка ва ироаи роҳкорҳо / Бахтиёрзода Муҳаммадҷавод // Баррасиҳои бозаргонӣ, 1388. -№ 48.
4. Муваҳҳидин Муҳсин. Буҳрони молӣ ва иқтисоди Эрон / Муваҳҳидин Муҳсин // Нусхаи онлайни рӯзномаи «ҳамшаҳрӣ», 26 обони 1388. [Захираи электроний]. http://hamshahrionline.ir
5. Гузориши расмии Бонки ҷаҳонӣ, декабри 2008. [Захираи электроний]. www.worldbank.org
6. Нигаронӣ аз таъсири даври ҷадиди буҳрони молӣ бар бурси Теҳрон. Пойгоҳи тахассусии тозаҳои ҳисобдорӣ [Захираи электроний]. www.accpress.com, 1390.
7. Амиршеърдӯст Маҳдиёр. Ҷунбиши тасхири Уолстрит / Амиршеърдӯст Маҳдиёр // Маҷаллаи American scientific research, 2012.
8. Шафеӣ Саида. Баррасии мизони асарпазирии мутағайирҳои калони иқтисоди Эрон аз буҳрони молии ҷаҳонӣ / Шафеӣ Саида. Нашрияи баррасиҳои бозаргонӣ, дай ва исфанди 1389.
9. Гузориши маркази иттилоърасонӣ ва китобхонаи марказии Вазорати Ҷумҳурии Исломии Эрон [Захираи электроний]. http://www.nioclibrary.ir, 1387.
10. Иброҳим Умарфаррух. Гузориши солонаи кишварҳои содиркунандаи нафт дар соли 2007 / Иброҳим Умарфаррух. Бахши иттилоот ва равобити умумии ОПЕК, 2008.
11. Иброҳим Умарфаррух. Гузориши солонаи кишварҳои содиркунандаи нафт дар соли 2008 / Иброҳим Умарфаррух. Бахши иттилоот ва равобити умумии ОПЕК, 2009.
12. Гузориши расмии омори воридот ва содироти гумрукии Ҷумҳурии Исломии Эрон. [Захираи электроний]. www.irica.gov.ir, 1391.
13. Bank for International Settlements," 74th AnnualReport," Basel, June 2004.
14. Blanchard Olivier. Cracks in the System, Repairing the Damaged global Economy / Blanchard Olivier. IMF, December 2008.
15. Goldberg L. Why a Dollar Depreciation May Not Close the U.S.trade / L. Goldberg, W.E. Dillon.
16. Deficit", Federal Reserve Bank of New York, 2007. –Vol.13. №5.
17. International Monetary Fund. "Global Financial Stability Report: Financial Stress and Deleveraging Macrofinancial Implications and Policy", October 2008.


## ВЛИЯНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОГО КРИЗИСА 2008 ГОДА НА ЭКОНОМИКУ И ТОРГОВЛЮ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН И ПУТИ ЕГО СНИЖЕНИЯ


В августе 2007 г. произошли цепные ситуации, связанные с глобальной экономикой, сформировавшие серьёзный экономический кризис, которого не было уже 80 лет. Корни данного кризиса - это ипотечный кризис в США, банкротство банков и падение цен на акции. Ни одна страна не застрахована от негативных эффектов глобального финансово-экономического кризиса и Исламская Республика Иран не исключнеие. Из-за данного кризиса наибольший ущерб в Иране сформировался за счет снижения валютных поступлений на нефтяном рынке, а такие решения, как снижение зависимости валютного дохода от нефти, повышение мощности сделок в международных институтах и максимизация коммерческих учреждений, могут сформировать положение в Иране, при котором эта страна, в будущем, будет иметь наименьший ущерб от глобального кризиса.



**Ключевые слова:** Иран, экономический кризис, экономика, торговля, максимизация коммерческих учреждений, глобальный кризис.


## THE IMPACT OF THE ECONOMIC CRISIS OF 2008 ON ECONOMY AND TRADE OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN AND WAYS OF ITS REDUCTION


In August 2007 was the chain of the situation connected with the global economy that generated a serious economic crisis, which was not already 80 years. The roots of this crisis is the mortgage crisis in the USA, the bankruptcy of banks and the fall in stock prices. No country is immune from the negative effects of the global financial and economic crisis and the Islamic Republic of Iran is not iskluchenie. Because of the crisis the most damage in Iran was formed due to the reduction of foreign exchange earnings in the oil market, and solutions such as reducing dependence of foreign-exchange earnings from oil, increasing capacity of transactions in international institutions and maximizing commercial institutions, can create a situation in Iran, under whom the country, in the future, will have less damage from the global crisis.



**Key words:** Iran, the economic crisis, the economy, trade, maximizing commercial institutions, the global crisis.



**Сведения об авторе:** ***Мехдияр Амир Шердуст*** –соискатель Таджикского национального университета

# БАРРАСИИ РОБИТАИ ДАРК АЗ ФАНОВАРИИ ИТТИЛООТ ВА ПОТЕНСИАЛИ ДУРКОРӢ ДАР СОЗМОНИ КОРҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ДОРОИИ ВИЛОЯТИ ХУЗИСТОН БАР АСОСИ МОДЕЛИ ПАЗИРИШИ ФАНОВАРӢ (АЗ НАЗАРИ КОРМАНДОН)

***Маҳдии Наддоф, Қанбар Амирнажод, Қанбар Амирнажод, Курӯш Абдувалӣ***
**Донишкадаи мудирият, донишгоҳи Шаҳид Чамрони Аҳвоз, Эрон**
**Донишкадаи мудирияти Донишгоҳи озоди исломии Шуштар, Эрон**

Барои кор таърифҳои зиёде аз ҷониби иқтисоддонон ва мактабҳои фикрии гуногун ироа шудааст. Корро метавон кӯшиши ҷисмӣ ва фикрии инсон барои расидан ба ҳадафҳое ғайр аз лаззат бурдан аз нафс таъриф кард. Кор яке аз шароити аввалия ва аслии зиндагии инсонӣ ба ҳисоб меравад. Кор аз ҷанбаҳои замонӣ ба ду сурат анҷом мегирад: тамомвақт ва поравақт. Кори тамомвақт ба коре гуфта мешавад, ки соатҳои муқаррар ва маъмулии корро ба сурати пайваста шомил гардад, масалан 8 соат дар рӯз ё 44 соат дар ҳафта. Кори поравақт ба коре гуфта мешавад, ки ба таври ихтиёрӣ ва муназзам ва нисбатан кӯтоҳтар аз соатҳои кори маъмулӣ ва қонунии рӯзона ё ҳафтагӣ аст. Аз замоне ки роҳу расми зиндагӣ аз шикору чӯпонӣ ва кишоварзӣ тағйир ёфт, кор дорои нақши меҳварӣ ва аслӣ дар зиндагии башар будааст. Ба ибораи дигар, тамаддун аз ҳамон оғоз маъмулан перомуни мафҳуми кор созмон ёфтааст. Аз ин замон инсони шикорчӣ ва гирдоварандаи маҳсул дар даврони полеолит ва инсони кишоварзи даврони неолит гирифта, то санъаткори асрҳои миёна ва коргари истеҳсолкунандаи асри ҳозир, бахши зиёде аз зиндагии рӯзмарраи башарро «кор» ташкил медодааст ва акнун кор ба шакли муназзами он, дар ҳоли ҳазф шудан аз фароянди тавлиди инсонӣ аст. Насли ҷадиде аз фановариҳои печидаи иттилоотӣ ва иртиботӣ, бо шитоби ҳарчи тамомтар дар мавқеиятҳои бисёр мутанаввеи корӣ ҷо боз кардаанд.

Имрӯз асри иттилоот фаро расидааст. Дар солҳои оянда, фановариҳои нармафзории печидатар ва ҷадидтар, тамаддунро ҳарчи бештар ба дунёи тақрибан бидуни коргар наздик хоҳанд кард. Таърифи нави фурсатҳо ва масъулияти миллионҳо инсон дар ҷомеае, ки бидуни кори расмӣ дар миқёси васеъ мебошанд, эҳтимолан, танҳо мавзӯи иҷтимоии бисёр муҳим дар асри оянда хоҳад буд. Бахши наве, ки падидор гаштааст, бахши донишбунёд аст, ки аз нухбагони андаки сармоягузор, донишмандон, соҳибони фан, барноманависони компютер, мураббиён ва мушовирони хубра ташкил мешавад. Тақрибан 50 сол пеш Герберт Маркиза файласуф ва равоншинос, дар ҳангоми зуҳури инқилоби компютерӣ изҳори назари пешгӯёна кард: «Худкорсозӣ ин имконро ба вуҷуд меоварад, ки робита миёни замони озод ва замони кор, маъкус (баръакс) шавад». Ҳангоме ки ба гузаштан ба асри санъатӣ меандешем, дармеёбем, ки ҷомеаи кунунии мо дасхуши чунин вазъияте аст. Афзоиши хароҷотҳо, трафикҳои ҳаҷим, олудагии ҳаво, афзоиши стрессҳои умумӣ ва хеле аз омилҳои дигар, афродро маҷбур ба қабули равишҳои нав дар сабки зиндагӣ кардааст. Яке аз ҷанбаҳои зиндагӣ, ки бештар вақт афродро ба худ ихтисос медиҳад, кор ва шуғл аст. Вале бояд дар равиши анҷоми кор даст ба тағйирот зад.




Расми 1. Модели фановарии иттилоот (Девис 1989)

**Равиши таҳлили додаҳо.** Ба манзури таҷзия ва таҳлили додаҳо дар ин таҳқиқ равишҳои омории зерин истифода шудааст:

1. Равиши омории тавсифӣ (муҳосибаи фановарӣ, фоиз (%), миёнгин ва инҳирофи меъёр).

2. Равишҳои омори истинботӣ (озмуни t- яктағйирёбанда, озмуни Фридман, озмуни t- гурӯҳҳои мустақил ва низ равишҳои Алфаи Курнбах ва тасниф барои муҳосибаи зариби пӯӣ).

Ҷиҳати таҷзия ва таҳлили додаҳои ҷамъоваришуда аз нармафзори компютерии SPSS нусхаи 20 истифода шудааст. Зимнан, барои кулли фарзияҳо сатҳи маънидорӣ α 05/0= дар назар гирифта шудааст.




Расми 2. Модели мафҳумии фановарии иттилооти потенсиали дуркории Девис (Перз ва ҳамкорон-2004»))

**Зариби Алфаи Курнбах ҷиҳати фарзияҳо.** Баррасии робитаи фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ баробар аст бо 0,917.

Баррасии дарк аз суҳулати истифода аз фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ баробар аст бо 0, 77.

Баррасии дарки муфид будани фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ баробар аст бо 0, 78 ва фарзияи баррасии мудирият ва тағйири нигариши кормандон ба фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ бо 0,82 баробар мебошад.

**Ҷадвали 2. Натиҷаҳои таҳлили зариби ҳамбастагии Пирсон**

| Фарзия | Зариби ҳамбастагӣ | Теъдод | Сатҳи маънидорӣ |
|---|---|---|---|
| Баррасии дарк аз робитаи фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ (аслӣ) | 0,705 | 97 | 0,000 |
| Баррасии дарк аз суҳулати истифода аз фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ | 0,568 | 97 | 0,000 |
| Баррасии дарки муфид будани фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ | 0,627 | 97 | 0,000 |
| Баррасии мудирият ва тағйири нигариши коркунон ба фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ | 0,638 | 97 | 0,000 |

Натиҷаҳои таҳлили t тести як гурӯҳӣ, барои муқоисаи миёнгини баҳои ҳар тағйирёбанда бо баҳои миёнгин мелоки 3 нишон дод, ки миёнгини арзёбии кормандон ба саволҳои марбут ба фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ аз миқдори миёнгини назарӣ «ҳадди миёнаи посухи 3» болотар ва аз назари оморӣ ин ихтилофи маънидор мебошад p=0,000. Ба ибораи дигар, аз назари кормандон байни фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ робитаи маънидор вуҷуд дорад.

**Ҷадвали 3. Зариби модели регрессияи ниҳоӣ байни фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ**

| Фарзия | Ҷиҳати робита | Миқдори стандартшуда (β) | Миқдор t | Сатҳи маънидорӣ P | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|
| Фарзияи аввал (аслӣ) | Мустақим ва мусбат | 1,082 | 9,678 | 0,000 | Тасдиқ |
| Фарзияи дуюм | Мустақим ва мусбат | 0,387 | 3,094 | 0,003 | Тасдиқ |
| Фарзияи сеюм | Мустақим ва мусбат | 0,325 | 2,397 | 0,019 | Тасдиқ |
| Фарзияи чаҳорум | Мустақим ва мусбат | 0,312 | 3,503 | 1,001 | Тасдиқ |

Фарзияи аввал (аслӣ): байни омилҳои фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ робитаи маънидоре вуҷуд дорад. Дар робита бо фарзияи ёдшуда, зариби стандартшуда барои ин масир β=1,082 t=9,678 p=0,000, маънодор мебошад, ки

баёнгари робитаи мусбати истифода аз фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ мебошад. Натиҷа ин ки: фарзияи аввал тасдиқ мегардад.

Фарзияи дуюм: байни омилҳои дарк аз суҳулати истифода аз фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ робитаи маънидор вуҷуд дорад. Дар робита бо фарзияи ёдшуда, зариби стандартшуда барои ин масир β=0,387 t=3,094 p=0,003, маънодор мебошад, ки баёнгари робитаи мусбати дарк аз суҳулати истифода аз фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ мебошад. Дар натиҷа фарзияи дуюм тасдиқ мегардад.

Фарзияи сеюм: байни омилҳои дарки муфид будани фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ робитаи маънодор вуҷуд дорад. Дар робита бо фарзияи ёдшуда, зариби стандартшуда барои ин масир β=0,325 t=2,397 p=0,0190, маънодор мебошад, ки баёнгари робитаи мусбати дарки муфид будани фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ мебошад. Дар натиҷа фарзияи сеюм тасдиқ мегардад.

Фарзияи чаҳорум: байни мудирият ва тағйири нигариши кормандон ба фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ робитаи маънодор вуҷуд дорад. Дар робита бо фарзияи ёдшуда, зариби стандартшуда барои ин масир β=0,312 t=3,503 p=0,001, маънодор мебошад, ки баёнгари робитаи мусбати мудирият ва тағйири нигариши кормандон ба фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ мебошад. Натиҷа ин ки фарзияи чаҳорум тасдиқ мегардад.

Дар озмуни Фридман мушоҳида гардид, ки миқдори $\chi 2$ ба даст омада, дар сатҳи камтар аз p=0,05 фарқият маънодор мебошад. Ин ба он маъно аст, ки дараҷабандии омилҳои мухталифи фановарии иттилоот ва потенсиали дуркорӣ аз дидгоҳи кормандон яксон нест. Ба ибораи дигар, баъзе омилҳо аҳамияти бештар ва баъзе низ аҳамияти камтар доранд. Дарк аз суҳулати истифода бо миёнгини рутбаи 2,87 дар рутбаи аввал ва потенсиали дуркорӣ бо миёнгини рутбаи 1,95 дар рутбаи охир мебошад. Бақияи омилҳо байни ин ду омил қарор мегиранд.

Натиҷаҳои озмуни t гурӯҳҳои мустақил нишон дода, ки кормандони оиладор ва муҷаррад аз лиҳози арзёбӣ аз тағйирёбандаҳои фановарии иттилоот ва потесиали дуркорӣ фарқияти маънодор мушоҳида намешавад. Ба ибораи дигар, кормандони оиладор ва муҷаррад арзёбии тақрибан яксоне аз тағйирёбандаҳои ёдшуда доштаанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои озмуни Anova нишон дод, ки байни кормандон дар дараҷаҳои гуногун аз лиҳози баррасии тағйирёбандаҳои дарк аз фановарии иттилooот ва потенсиали дуркорӣ фарқияти маънодор мушоҳида намешавад.

## АДАБИЁТ


1. Набави Чошмӣ А. Корбурди ҳуши тиҷорӣ ба унвони як фановарии навини иттилоот дар санъати бонкдорӣ / А. Набави Чошмӣ, Ҷ. Маҳмудӣ // Аввалин ҳамоиши миллии ҳуши созмонии касбу кор, 2010.
2. Миробӣ В. Корбурди ҳуши тиҷорӣ дар санъати бонкдорӣ ба манзури касби мазияти рақобатӣ / В. Миробӣ, Ҳ. Курд Луи, А. Ҳошимӣ // Аввалин ҳамоиши миллии ҳуши созмонии касбу кор, 2010.
3. Муҳаққир А. Корбурди ҳуши тиҷорӣ ба унвони як технологияи иттилоотии стратегӣ дар бонкдорӣ, бозрасӣ, кашф ва тақаллуб / А. Муҳаққир, Ф. Ҳусейнӣ, Алии Маниш. –Теҳрон: Нашрияи мудирияти фановарии иттилоот, 2008. -№1.


## ИЗУЧЕНИЕ СВЯЗИ МЕЖДУ ИНФОРМАЦИОННО-ТЕХНОЛОГИЧЕСКИМ ПОТЕНЦИАЛОМ И ПЕРСПЕКТИВАМИ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ НА ПРИМЕРЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ОРГАНИЗАЦИИ ПО ЭКОНОМИЧЕСКОМУ РАЗВИТИЮ ОБЛАСТИ ХУЗЕСТАН


В данной статье авторами представлены изучению и рассмотрению связи между информационно-технологическим потенциалом и перспективами экономического развития на примере деятельности организации по экономическому развитию области Хузестан Исламской Республики Иран. Развитие информационной экономики играет очень важную роль в развитии производственного потенциала в современном обществе. Поэтому становится актуальным изучение проблем места и значения информации в системе современного хозяйства, и тенденций экономического развития в условиях информационно-технологической революции и формирования новой модели экономики.



**Ключевые слова:** информационные технологии, информационно-технологический потенциал, провинция Хузестан, новые модели экономики.


## EXAMINATION OF THE RELATIONSHIP BETWEEN INFORMATION TECHNOLOGY POTENTIAL AND PROSPECTS OF ECONOMIC DEVELOPMENT BY THE EXAMPLE OF ACTIVITY OF THE ORGANIZATION FOR ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REGION OF KHUZESTAN


In this article the authors to study and discuss the relationship between information technology potential and prospects of economic development by the example of activity of the organization for economic development of the region of Khuzestan the Islamic Republic of Iran. The development of the information economy plays a very important role in the development of productive capacities in contemporary society. Therefore, it becomes urgent to study the problems of the place and significance of information in the system of modern economy, and the trends of

economic development in conditions of informational-technological revolution and the formation of a new economic model.
**Key words:** information technology, information-technological potential, Khuzestan province, the new economic model.

**Сведения об авторах:** ***Махди Наддоф*** – Университет Шахид Чамрон города Ахвоз, Иран
***Канбар Амирнажод*** – Университет Шахид Чамрон города Ахвоз, Иран
***Канбар Амирнажод*** - Университет Шахид Чамрон города Ахвоз, Иран
***Куруш Абдували*** - Университет Шахид Чамрон города Шуштар, Иран

# РАВАНДИ МУДИРИЯТИ СТРАТЕГӢ

***Ҳамид Бовард***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз лиҳози мафҳумӣ мудирияти стратегӣ бо таҳаввул дар назарияҳои мудирият ҳамгомӣ дорад. Макотиби классики рафторӣ ва камии мудирият бар ҷанбаҳои аз созмон ва амалкарди он ва масоиле аз қабили барномарезии тавлид, рафтори зердастон, беҳбуди муҳити муҳити кор, нақши гурӯҳҳои ғайрирасмӣ дар боздеҳии кор, моделҳои камии тасмимгирӣ ва ғайра таъкид мекарданд, ки тавассути мудирият қобили назорат буд. Лекин ҳаргиз фазои сиёсии ҷомеа, эҳсоси афрод ва ниҳодҳои хориҷ аз созмон масъалаи аслии онҳо набуд, зеро ки муҳит аз суботи нисбӣ бархурдор буд ва чунин ниёзе ҳам эҳсос намешуд. Батадриҷ бо рушди мустамари иқтисодӣ, авзои қобили итимнони муҳитӣ аз миён рафт ва тағйирот ва ҳаводиси шитобандае дар ҷаҳон иттифоқ афтод. Бинобар ин, тағйирот ва дигаргуниҳои сареъ ва печидаи ҷомеа ва таъсири он бар рушд ва тавсеаи ширкатҳо муҷиб шуд, ки мудирон таваҷҷуҳи худро ба муҳити созмон маътуф гардонанд ва мафоҳиме монанди система, иқтисод, барномарезии баландмуддат, стратегия ва фароянди мудирияти стратегӣ мавриди таваҷҷуҳи соҳибназарони мудирият қарор гирад. Ин мафоҳим ва назарияҳо посухи илми мудирият ба дигаргунӣ ва тағйироти васеи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буд.

Таваҷҷуҳ ба муҳит, огоҳӣ аз таъсири мутағайирҳои муҳитӣ ва ироаи чашмандозе аз фаъолияти оянда барои созмонҳо, лузуми омодагӣ барои бархӯрд бо тағйири мудовимро тавҷеҳ мекунад.

**Таърифи мудирият.** Дар бораи таърифи мудирият иттифоқи назаре хосе дар даст нест ва соҳибназарону назарияпардозони илми мудирият бо аҳдоф ва сӯйгириҳои гуногун таърифҳои мутафовите ироа кардаанд.

- фарогарди ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои фардӣ ва гурӯҳӣ дар ҷиҳати ҳадафҳои гурӯҳӣ;
- фарогарди барномарезӣ, созмондиҳӣ, роҳбарӣ ва назорати кори аъзои созмон ва истифода аз ҳамаи манобеи мавҷуди созмонӣ барои таҳаққуқи ҳадафҳои мавриди назари созмон.

Таърифи амалиётӣ (**Operational definition**) мафҳуми мудириятро бо риояти мелокҳои айнӣ манут (вобаста) месозад. Аз ин рӯ, агар дар мавқеияти мелокҳое шомили фаъолияти муназзам ва созмонёфта, ҳадафҳо, равобити миёни манобеъ, анҷоми кор бо василаи дигарон ва тасмимгирӣ барқарор бошад, метавон гуфт дар он мавқеият мудирияти эъмол мешавад.

**Стратегия.** Бад нест ибтидо ба решаи луғавии стратегия ишора шавад. Вожаи стратегия (**Sterategy**) аз решаи юнонии **Strategema**, ба маънои фармондеҳи артиш, мураккаб аз **Steratos** ба маънои артиш ва **ago** ба маънои роҳбар гирифта шудааст. Мафҳуми стратегия ибтидо ба маънои фан, ҳидоят, татбиқ ва ҳамоҳангсозии нерӯҳо ҷиҳати ноил шудан ба аҳдофи ҷанг дар улуми низомӣ ба кор гирифта шуд. Дар ҷойи дигар стратегия ба ин шакл таъриф мешавад: «Стратегия (**Sterategy**)маҷмӯае аз аҳдофи аслӣ ва сиёсатҳо ва барномаҳои куллӣ ба манзури ноил ба ин аҳдоф аст, ба гунае ки қодир ба табйини ин мавзӯот бошад, ки дар чи касбу коре (**Business**) ва чи навъ созмоне фаъолият мекунем ва ё мехоҳем фаъолият намоем».

Ансоф (**Ansoff**) ба унвони аввалин донишманде, ки стратегияро ба шакли ҷомеъ ва маънодор тавзеҳ дод. Ӯ муътақид аст, ки ҳар қадар байни аҳдоф ва фаъолиятҳои феълии созмон созгории бештаре вуҷуд дошта бошад, нархи рушд ва тавсеа бузургтар ва муназзамтар хоҳад буд. Шандлер (**Chandler,**1962) стратегияро ба ин сурат таъриф мекунад: «Стратегия иборат аст аз як тарҳи воҳид, ҳамаҷониба ва

талфиқе, ки нуқоти қувват ва заъфи созмонро бо фурсатҳо ва таҳдидҳои муҳитӣ марбут сохта, дастёбӣ ба аҳдофи аслии созмонро муяссар месозад».

Андревз (**Andrews,**1971) мегӯяд: «Стратегия иборат аст аз намунаи манзурҳо, мақосид, аҳдоф, хати машҳои аслӣ ва тарҳҳо ҷиҳати дастёбӣ ба аҳдоф».

Митзберг (**Mintzberg**) таърифи кутоҳе роҷеъ ба стратегия ироа додааст. Аз назари вай стратегия иборат аст аз улгуи ба ҷараён андохтани тасмимот. Дар ҳоли ҳозир низ дар забони форсӣ вожаи стратегияро аз назари луғавӣ роҳбурд маънӣ мекунанд.

**Мудирияти стратегия.** Мудирият иборат аст аз фароянди тазмини дастёбии созмон ба фавоиди ношӣ аз бакоргирии стратегияҳои муносиб. Тибқи ин баён, як стратегияи муносиб мутобиқ бо ниёзмандиҳои як созмон дар замони мушаххас таъриф мешавад. Фароянди мудирияти стратегӣ шомили шаш гоми мутаволӣ ва мустамар аст:

1. Таҷзия ва таҳлили муҳитӣ.
2. Поягузории ҷиҳатгирии созмонӣ.
3. Ҳадафгузорӣ.
4. Таъйин ва тадвини стратегияҳо.
5. Заминасозӣ ва иҷрои стратегияҳо.
6. Назорати стратегияҳо.




Расми 1. Мароҳили фароянди стратегӣ

Ҳамон гуна ки аз намудор бармеояд як мудирияти стратегӣ бояд ҳам ба барномарезӣ ва ҳам ба назорат бипардозад. Лизо фароянди мудирияти стратегӣ ба сурати зер таъриф мешавад: «Мудирияти стратегӣ иборат аст аз ҳунар ва илми формулабандӣ, иҷро ва арзёбии тасмимоти чандбӯъдӣ бо таъкид бар якпорчасозии авомили мудирият, бозорёбӣ, умури молӣ, тавлид ё хадамот, таҳқиқ ва тавсеаи системаҳои иттилоотӣ ва ғайра ҷиҳати расидан ба аҳдофи созмонӣ».

**Таҷзия ва таҳлили муҳитӣ и**борат аст аз мутолиаи муҳити созмон дар ростои шиносоии авомили муҳитӣ, ки бар амалкарди созмон таъсири босазое доранд. Мудирон ба манзури дарки беҳтари рӯйдодҳои даруни созмонӣ аз як сӯ ва афзоиши таносуби стратегияҳои иттихозшуда бо муҳити созмонӣ аз сӯйи дигар, иқдом ба таҷзия ва таҳлили муҳитӣ менамоянд. Як мудир барои таҷзия ва таҳлили коромадӣ ва муассирии муҳити созмонӣ бояд аз сохтори муҳити созмон огоҳӣ дошта бошад. Муҳити созмонӣ маъмулан дар се сатҳ умумӣ, амалиётӣ ва дарунӣ дастабандӣ мешавад.

**Ҳадафгузорӣ.** Барои калимаи «ҳадаф» (**Objective**) дар матни мудириятӣ таобири бисёре вуҷуд дорад, ва албатта, дар хориҷ аз китоби мудириятӣ низ ба маънои мухталифе истифода мешавад. Ҳатто шояд битавон иддао кард, ки дар мавриди он беш аз ҳар мафҳуми барномарезӣ баҳсу назар вуҷуд дошта аст. Таърифи Скот (**Scott**) аз ҳадаф ба шарҳи зер аст: «Аҳдоф баёнкунандаи манзури (**purpuse**) барномарезӣ дар

тарҳҳо ва барномаҳо ҳастанд. Онҳо дар чорчӯбаи фароянди барномарезӣ тадвин шуда, идеяҳои мубҳам ва таҷрубиро ба манзурҳо ва натоиҷи мушаххас табдил мекунанд. Ҳадафгузорӣ ҷузъи лоянфаки як барномарезӣ аст, агарчи мумкин аст аҳдоф ба сурати ноогоҳона таъриф шуда бошанд». Ансоф» ба аҳдоф ба манзалаи абзорҳои тасмимгирии хосе нигоҳ мекунад, ки мудиронро ба самти арзёбии амалкарди созмон дар расидан ба манзурҳо савқ медиҳад. Тибқи назари Дрокар ҳар созмон метавонад аҳдофи мутааддиде дошта бошад. Дар ин росто аз дидгоҳи Ҳумбал (**Humble**) мудирият бар як созмон муяссар нест, магар бо мудирият бар аҳдофи созмон, шомили барномарезӣ барои расидан ба аҳдофи мавриди назар, иҷрои фаъолиятҳое дар ростои расидан ба аҳдофи мавриди назар, баррасии наҳваи амалкард дар расидан ба аҳдоф ва дар ниҳоят иқдомиислоҳӣ барои дастёбии коромад ва асарбахштар ба аҳдофи созмонии ин назарияи имрӯза ба унвони «мудирият аз тариқи аҳдоф» ё «**Management by objective-MBO**» матраҳ аст.

**Таъйин ва тадвини стратегияҳо.** Мудирон пас аз таҷзия ва таҳлили муҳит, таъйини ҷиҳатгирии созмонӣ ва таърифи маъмурият, арзишҳо, чашмандоз ва аҳдофи созмонӣ омодаи таъйини стратегияҳои созмонӣ мебошанд. Таъйини стратегӣ иборат аст, аз фароянди таъйини заминаҳои амалкарди муносиб ҷиҳати дастёбӣ ба аҳдофи созмонӣ дар ростои маъмурият ва фалсафаи вуҷудии созмон. Ба ибораи дигар, стратегияҳо мебоист таҳлилҳои муҳитиро мунъакис карда, мунтаҷ ба расидан ба маъмурият ва аҳдофи созмонӣ шаванд. Метавон иддао кард, ки дар ҳар ширкате, ки мудирияти стратегия пиёда шудааст, як модели барномарезии стратегияи мухтасар ба фард ба кор рафтааст, ки дар он амалан аз як ё чанд модели барномарезии стратегии классикӣ истифода шудааст.

**Заминасозӣ ва иҷрои стратегияҳо.** Заминасозӣ ва иҷрои стратегияҳо панҷумин марҳила аз фароянди мудирияти стратегӣ аст, ки стратегияҳои тадвиншударо ба марҳилаи иҷро мегузорад. Аммо заминаҳои коромаде, ки мудирон бино ниҳодаанд, бидуни як иҷрои муназзам ва барномарезишуда амалан бефоида аст. Ҷиҳати муваффақиятомези стратегияҳо, ба чаҳор маҳорати бунёдин ниёз аст:

а) маҳорати таомул (**Intracting skill**), ки иборат аст, аз тавоноии идора кардани афрод тайи иҷрои стратегӣ. Мудироне, ки тарсҳо ва ноумедиҳои соирин дар робита бо иҷрои як стратегияи ҷадидро дарк мекунанд, омодагии инро доранд, ки беҳтарин иҷрокунанда бошанд. Ин мудирон таъкидашон бар аъзои созмон ва гуфтугӯ барои ёфтани беҳтарин равиш ба иҷро даровардани стратегия аст;

б) маҳорати тахсис (**Allocating skill**): ки иборат аст аз тавоноии таҳия ва тадоруки манобеи созмони зарурӣ барои иҷрои як стратегия. Муҷриёни муваффақи стратегияҳо дороии стеъдоди зиёде дар барномарезии умур, будҷабандии молӣ ва замонӣ ва тахсиси соири манобеи буҳронӣ мебошанд;

в) маҳорати назорат (**Monitoring skill**), ки иборат аст аз тавоноии истифода аз иттилоот барои мушаххас кардани ин амр, ки оё монее бар сари иҷрои стратегия ба вуҷуд омадааст ё не.

Муҷриёни стратегияҳо дар сурате муваффақ мешаванд, ки системаҳои бозхӯрди иттилоотӣ ба вуҷуд оваранд ва пайваста аз вазъияти иҷрои стратегияҳо гузориш бигиранд;

г) маҳорати созмондиҳӣ (**Organising skill**), ки иборат аст аз тавоноии эҷоди як шабака аз афрод дар сар то сари созмон, ки метавонанд ба ҳангоми бурузи мушкил дар иҷрои стратегия ба ҳалли он мушкил кӯмак кунанд. Муҷриёни муваффақ ин шабакаро ба тавре тарроҳӣ мекунанд, то афродеро, ки дар бар мегиранд, битавонанд аз уҳдаи анвои хосе аз мушкилоти қобили пешбинӣ бароянд.

Ба таври куллӣ, иҷрои муваффақиятомези як стратегияи ниёзманди афроди коромад, тахсиси манобеи мавриди ниёз, назорат бар раванди иҷро ва ҳал ба мавқеи мушкилоти бархоста тайи иҷро мебошанд ва шояд битавон гуфт, ки таҷзия собит кардааст, ки донистани ин ки чӣ афроде метавонанд мушкилотро ҳал кунанд ва қодиранд ба маҳзи бурузи мушкилот ба рафъи онҳо бипардозанд, аз муҳимтарин заруриёт мебошад.

**Назорати стратегияҳо.** Назорати стратегияҳо ба унвони охирин гоми мудирияти стратегӣ шомили назорат ва арзёбии фароянди мудирияти стратегӣ буда, нақши тазмини амалкарди муносиби ин фаряндро доро мебошад. Назорати тамоми абъоди таҷзия ва таҳлили муҳитӣ, поягузории ҷиҳатгириҳои созмонӣ, таъйин ва тадвини стратегияҳо, иҷрои стратегияҳо, ҳатто наҳваи Назорати стратегияҳоро дар бар дорад. Шоёни зикр аст, ки ҷиҳати иҷрои стратегияҳо мебоист онҳоро ба тактика ва

барномаҳои амалии марбута тақсим намуд. Возеҳ аст ки стратегияҳо қобили назорат намебошанд, магар ин ки барномаҳои амалии марбута иҷро ва назорат шаванд.

Аҳдофе, ки ба мудирияти аршад дар мудирияти страгетӣ кумак мекунанд, иборатанд аз:

- дидгоҳи стратегия дар мавриди тиҷорат дошта бошем;
- дарки беҳтаре аз муҳити рақобатӣ биофаринем;
- равишҳои гуногуни мудириятро дарк кунем;
- ахлоқи мудириятиро густариш диҳем;
- вуҷуҳи калидии фарҳанг ва чигунагии таъсири он бар тазмимгириро дарк кунем.

**Мазоёи мудирияти стратегӣ.** Пажӯҳишҳои анҷомгирифта, мазоёеро барои тафаккури стратегӣ ва тааҳҳуди амиқ ба фароянди мудирияти стратегӣ қоил аст, аз ҷумла тафаккур ва тааҳҳуди стратегия:

1. Сутӯҳи мухталифи мудирияти созмонро дар таъйини аҳдоф ҳидоят ва роҳнамоӣ мекунад.
2. Шиносоӣ ва посухгӯйӣ ба мавҷи тағйирот, фурсатҳои ҷадид ва таҳдидоти дар ҳоли зуҳурро тасҳил мекунад.
3. Мантиқи мудириятро дар арзёбии ниёз ба сармоя ва нерӯи кор тақвият мекунад.
4. Куллияи тасмимгириҳои мудирон дар заминаи стратегияро дар кулли созмон ҳамоҳанг менамояд.
5. Созмонро қодир месозад, ки мавқеияти вокунишии (**Reactive**) худро ба вазъияти кунишӣ ва ояндасоз (**Proactive**) табдил кунад. Мазоёи фавқ ба созмонҳо тавоноии онро мебахшад, ки ба ҷойи он ки сирфан посухгӯйи нерӯҳои рақобатӣ бошанд, дар муқобили шароити мутағайири ҳоким бар худ вокуниш нишон диҳанд ва худ бар онҳо таъсиргузоранд.

**АДАБИЁТ**


1. Довудӣ Дурдона. Мудирияти стратегӣ / Довудӣ Дурдона, Шона Созода Муҳаммадҳасан, 1380. -С. 31-89.
2. [Захираи электронӣ] http://www.Cranfield.org school of Management.
3. [Захираи электронӣ] http://www.Experian.com Strategy Management Decisioning Solution.
4. [Захираи электронӣ] http://www.QuickMBA.com Strategy Planning Process.
5. [Захираи электронӣ] http://www.Womens Business Center / forcasting the future/ Strategic Management Thinking.
6. [Захираи электронӣ] http://www.SAP.com / Strategy Management.
7. [Захираи электронӣ] http://www.Tadbir.com/125 Стратегияи асарбахш.



**ПРОЦЕСС СТРАТЕГИЧЕСКОГО МЕНЕДЖМЕНТА**

В данной статье рассматриваются проблемы формирования стратегического менеджмента в нефтяной промышленности Исламской Респуплики Иран. В настоящее время достаточно важен процесс стратегического менеджмента. Предлагается выявить основные элементы формирования стратегического менеджмента мышления и совершенствования его роли в управлении организациями.



**Ключевые слова:** стратегический менеджмент, формирование стратегического менеджмента, процесс стратегического менеджмента.



**THE PROCESS OF STRATEGIC MANAGEMENT**

This article discusses the problems of formation of strategic management in the oil industry of Islamic Republic Iran. At present fairly important process of strategic management. It is proposed to identify the main elements of the formation of strategic management thinking and improvement of its role in the management of organizations.



**Key words:** strategic management, strategic management, the process of strategic management.



**Сведения об авторе:** ***Хамид Бовард*** – соискатель Таджикского национального университета


# МОДЕЛИ ВНЕДРЕНИЯ НОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ЭКОНОМИКЕ


***Яхё Гуломи***

**Таджикский национальный университет**


Одним из лучших путей достижения экономического развития является распространение и внедрение передовой технологии. Распространение передовой технологии в управлении промышленного производства происходит в форме динамического процесса, целенаправленных деятельностей и мероприятий, посредством

которых элементы и компоненты новой передовой технологии используются за гранью места воспроизведения или изобретения данных технологий. Экономический механизм процесса распространения технологий и его различных элементов имеет такие разновидности, как: а) прямое распространение из научно-исследовательских институтов и лабораторий в промышленность; б) распространение среди совместных (международных) компаний и предприятий на международном уровне; в) цикличное или стадиальное распространение, например, из части обработки промышленного сырья к части производства промышленного товара; г) распространение из одного филиала совместного или международного промышленного предприятия на другой его филиал и т. д. (4).

Распространение технологии может происходить стихийно и не сознательно, и даже – без прямого участия его первоисточника (изобретателя, автора, владетеля и т. д.).

Из числа каналов распространения технологии, не требующих участие первоисточников, можно отметить копирование или подражательную инженерию. В данном случае группа специалистов могут разгадать секреты передовой технологии экономики и управленческого механизма и воспроизводить её копию.

В промышленных фирмах Гулистанской области ИРИ процесс распространения новой технологии осуществляется планомерно, в согласии и соответствии с её первоисточником или изобретателем.

Планомерное и программное распространение новой технологии на основе подобного двустороннего соглашения осуществляется по следующим каналам:

- продажа и покупка акций;
- франчайз;
- совместное капиталовложение;
- приобретение технического проекта технологии;
- консорциум и совместная разработка технического проекта технологии;
- прямое иностранное капиталовложение (инвестирование).

Важнейшим преимуществом распространения новой технологии является его эффективное и мощное воздействие на темпы промышленного производства. Но вместе с тем, оно имеет и массу негативных воздействий. А именно:

- часто приобретенная технология оказывается устаревшей или дефектной, не пригодной для эксплуатации. Такие случаи имеют место не только в промышленной практике Гулистанской области, но также во всех других промышленных областях ИРИ;
- приводит к увеличению внешних долгов;
- создаёт сословию городской элиты и усложняет социальные и культурные проблемы;
- притесняет местную традиционную технологию;
- большая часть импортной технологии, приобретается по очень высокой цене и требует колоссальных материальных и трудовых затрат, в то время, как имеет массу дефектов и погрешностей.

Для распространения технологий в промышленности существуют различные модели (4). Рассматриваемая ниже модель, несмотря на её общий характер, поможет нам усвоить азбуку и основные этапы процесса распространения технологий. Способы связи этапов процесса распространения технологий друг с другом, а также и с этапом приобретения рассматриваются вместе с общей характеристикой данного процесса. Данная модель имеет пять основных этапов:

а) предложение или запрос к технологии;
б) создание технологии;
в) приобретение технологии;
г) последствия технологии
е) итоги.

В процессе развития новых технологий важное место отводится прогнозированию развития промышленности Ирана.

Прогнозирование (предвидение), согласно классической точки зрения, заключается в систематическом стремлении к анализу многолетнего будущего науки, технологии, экономики, общества и среды, в целях определения формирующихся технологий, но и оснований стратегических исследований, которые, вероятно, обеспечивают наибольшие социальные и экономические выгоды (1).

В этом определении существуют несколько характеристик понятия прогнозирование новых технологий:

а) стремление к прогнозированию и изучению будущего, должно быть систематичным и называться «прогнозом будущего»;

б) эти стремления должны быть длительными (обычно от 10 до 30 лет);

в) прогнозирование экономического механизма внедрения новых технологий не состоит из совокупности теорий, а отражает процесс взаимоотношения между научными сообществами, потребителями научных достижений и политическими институтами;

г) глубокое изучение общих формирующихся технологий, особенно тех технологий, использование которых способствует развитию различных отраслей экономики и общества в целом;

д) особенное значение имеют стратегические исследования, то есть фундаментальные исследования, которые осуществляются в целях преображения и создания научных основ, создания предполагаемых предпосылок для решения актуальных и последующих научных проблем.

В различных программах по научному прогнозированию преследуются различные цели. Эти цели можно группировать в трех тематических рамках:

1) создание информаций, которые содействуют процессу прогнозирования и принятия мер;

2) оформление предпосылок и произведение интеллектуальных моделей прогнозирования;

3) формированию коллективного взгляда на будущее и достижению общего согласия.

Важным аспектом процесса внедрения новых технологий является изучение методов прогнозирования технологий. Существует ряд методов, использующихся в процессе прогнозирования, которые применяются для разработки соответствующих стратегических программ (3).

К таким методам относятся:

а) дельфийский метод прогнозирования технологий;

б) разработка сценария развития промышленности Гулистана и Ирана;

в) метод «измерения среды» экономического механизма;

г) метод изучения интеллектуального фактора экономического механизма;

д) метод аналитического изучения и фиксации изобретения экономического механизма;

е) метод взаимовлияния экономического и управленческого механизма развития промышленности;

ж) метод цикличности экономики и управления.

Следует отметить, что в центре внимания государственных ведомств Ирана по внешним научно-техническим связям, находится развитие нанотехнологий. В целях прогнозирования будущего этой технологии, была учреждена штаб-квартира нанотехнологии, где группа специалистов, на основе исследования различных методов прогнозирования разрабатывают проект внедрения нанотехнологий в промышленность Ирана.

Эта группа ученых основное свое внимание сосредоточила на такие методы прогнозирования, как аналитическое изучение фиксации изобретения, методы под названием «дерево зависимости», а также методы взаимовлияний. Интересно то, что эти ученые по каким-то причинам, в своем проекте не использовали такие коллективные методы прогнозирования, как дельфийский метод, метод «мозговая атака» и др.

Следует отметить, что древо использования нанотехнологий, проектированное этой группой специалистов, является важным достижением в деле использования методов прогнозирования.

В рамках этой программы по развитию нанотехнологий разработана десятилетняя программа развития нанотехнологий в Иране. Эта программа охватывает краткосрочные, среднесрочные и долгосрочные мероприятия, касающиеся этапов исследования, освоения, производства и сбыта нанотехнологий. В вышеупомянутом документе прогнозируется процесс развития нанотехнологии в стране, наряду с этим в нем характеризуются и определяются способы внедрения нанотехнологий и цели их развития.

Исследование показало, что на современном этапе развития следующие виды технологий являются приоритетными:

1. информационные технологии;
2. нанотехнологии;
3. технологии в области электроники.

На наш взгляд, для дальнейшего развития новых технологий и их внедрения в производство, необходима реализация следующих мероприятий:

1. Разработка программ развития новых технологий по отраслям промышленности на государственном уровне и отдельных фирм;
2. Создание специальных государственных фондов для исследования, разработки и внедрения новых технологий;
3. Координация деятельности министерств, университетов, научно-исследовательских институтов, фирм и других организаций по развитию и внедрению новых технологий;
4. Считать приоритетными развитие информационных и коммуникационных технологий, нанотехнологий и др.
5. Увеличение объема инвестиций для развития СП и прямых иностранных инвестиций для развития и внедрения новых технологий.

**ЛИТЕРАТУРА**


